"*As a child she had been told by her mother there was nothing to* ***fear*** *in the dark, and she had believed it to be true*" (King, Stephen , Lisey's story, 89) – "*В детстве мать сказала ей, что темноты нечего бояться, и она верила, что это правда*";

"*Evan already understood why Azure held such* ***fear*** *of the night*" (Foster, Alan Dean, Sentenced to Prism) – "*Эван уже понял, почему Эже так боялся ночи*";

"*First, he had to bear the combined weight of the knowledge of what he had done, of that haunting reproach that he might have done it so much better, and of the* ***dread*** *of discovery*" (Dickens, Charles, Our Mutual Friend, 78) – "*Его давила тройная тяжесть: сознание того, что он сделал, неотступная мысль, что это можно было сделать лучше, и ужас перед разоблачением*";

"*The lad rose in great* ***dread*** *of a beating, at least, when it should be found how luxuriously he had been accommodated at the expense of a principal person of the party*" (Scott, Walter, Rob Roy) – "*Мальчик вскочил в страхе, что его по меньшей мере изобьют, когда обнаружится, как он со всеми удобствами устроился за счет главного лица в отряде*":

"Until the **terror** began, I hope it was good and fine and wonderful and magic ... " (King, Stephen, Carrie, 90) – "*Надеюсь, что бал - пока не начался весь этот ужас - стал для нее самым замечательным, чудесным, волшебным событием в жизни...*":

"*Then Ce'Nedra screamed, her face deathly pale and her eyes wide with* ***horror"*** **(**Eddings, David, Magician's Gambit,78**)** – "*И тут Се'Недра вскрикнула и побелела. Глаза ее расширились от ужаса*";

"*Robinson Crusoe was seized with* ***alarm*** *when he saw the footprint on the sand* (D. Defoe, Robinson Crusoe, 67)" – "*Ужас охватил Робинзон Крузо, когда он увидел след на песке*";

"*He died! Exclaimed the Italian, a flash of fear and* ***dismay*** *going over his face*" (D. Lawrence, The Lost Girl, 78) – "*Он умер*"*! Воскликнул итальянец, с выражением страха и ужаса на лице*;

"*He felt the midwife watching him* ***in stark consternation***" (A. Cronin, The Citadel, 67) – "*Он почувствовал, что медсестра смотрит с ужасом на него*".

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Блумфилд Л. Язык / Л.Блумфилд. – М., 1968. – 606 с.
2. Бондарко А.В. Теория функциональной грамматики / А.В. Бондарко. - Л.: Наука, Ленинградское отделение, 1987. - 347 с.
3. Гумбольдт В. фон. Язык и философия культуры / В.Гумбольдт. – М.: Прогресс, 2000. – 451 с.
4. Залевская А.А. Национально-культурная специфика картины мира и различные подходы к ее исследованию / А.А. Залевская // Языковое сознание и образ мира. – М., 1996. – С. 39-55.
5. Караулов Ю.Н. Типы коммуникативного поведения носителя языка в ситуации лингвистического эксперимента / Ю.Н. Караулов // Этнокультурная специфика языкового сознания. – М., 2010. – С.67- 97.
6. Малюга Е.Н. Основные характеристики профессионального языка / Е.Н.Малюга // Вестник Самарского государственного университета. Гуманитарная серия. – 2011. - № 1/2 (82) – С. 133-138.
7. Павиленис Р.И. Проблема смысла. Современный логико- философский анализ языка / Р.И. Павиленис. - М.: Мысль, 1983. – 286 с.
8. Уорф Б. Отношение норм мышления к языку / Б. Уорф // Зарубежная лингвистика. Вып. 1. – М., 1999. – С. 67.
9. Уфимцева Н.В. Языковое сознание и образы славян / Н.В. Уфимцева // Языковое сознание и образ мира. – М., 2000. – С. 207-220.
10. Филлмор Ч.Дж. Основные проблемы лексической семантики / Ч.Дж. Филлмор // Новое в зарубежной лингвистике. Вып. 12. – М., 1993. – С. 74-123.
11. Trier J. Deutsche Bedeutungsforschung / J. Trier // Germanische Philologie, Ergebnisse und Methoden. – Behaghel – Heidelberg, 1934. – P. 173–200.

ТАҲЛИЛИ СЕМАНТИКӢ-КОГНИТИВИИ МАЙДОНИ ЛУҒАВӢ – СЕМАНТИКИИ «ЭҲСОСОТИ МАНФӢ» ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Муаллиф дар мақолаи худ иброз менамояд, ки нутқ дорои нақши калон дар барқароршавии ҳуши инсон мебошад. Маҳз дар ҳошияи таҳқиқот аввалин бор муқарраротҳо дар бораи табиати фаъоли забон, алоқаи он бо фаъолияти маънавии фард ва рӯҳияи мардум еташаккул ёфтаанд. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки семантика

занҷираи пайвасткунанда байни назарияи забон ва назарияи шуур маҳсуб меёбад, аз ин рӯ, бо омӯзиши семантикаи забони табиӣ мо аз рӯи зарурият сохтори тафаккурро низ меомӯзем. Ҳамагуна майдон, қайд менамояд муаллиф,- аз воҳидҳои оддӣ – мафҳум ва калимаҳо таркиб ёфтааст. Дар баробари ин, қисматҳои таркибии майдон пурра соҳаи ин ва ё он майдони мафҳумӣ ва параллелизми пурраро байни майдонҳои мафҳуми ва луғавӣ рӯпӯш менамоянд. Яке аз усулҳои оддӣ ва таъсирбахши бадастории мавод барои таҳлили майдонҳои луғавӣ - семантикӣ озмоиши ассотсиативӣ маҳсуб меёбад. Таҳқиқи ташкили луғати фардии инсон ошкор намуд, ки байни мафҳумҳое, ки ба ин майдони семантикӣ шомиланд, одатан якеаш махсус қайд мегардад, равандҳои азхудкунӣ, ҳаммонандӣ ва дар хотир нигоҳ доштани он назар ба дигар калимот тезтар ва самаранок ба амал меояд. Мафҳумҳои дорои чунин хусусият, базавӣ ва ибтидоӣ номгӯӣ мешаванд.

Калидвожаҳо: нутқ, ҳуш,майдон,забон, озмоиш, мафҳум, луғат, ҳаммонандӣ, муқоиса, калимаҳо.

СЕМАНТИКО-КОГНИТИВНЫЙ АНАЛИЗ ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКОГО ПОЛЯ «ОТРИЦАТЕЛЬНЫЕ ЭМОЦИИ» В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Автор в своей статье говорит, что речи принадлежит главная роль в становлении сознания человека. Именно в контексте исследований впервые были сформулированы положения об активной деятельностной природе языка, его связи с духовной деятельностью индивида и духом народа. А также автор подчеркивает, что семантика является связующим звеном между теорией языка и теориями познания, потому что, изучая семантику естественного языка, мы по необходимости изучаем структуру мышления. Любое поле, отмечает автор,- состоит из элементарных единиц – понятий и слов. Вместе с тем составные элементы поля полностью покрывают сферу того или иного понятийного поля, и полный параллелизм между понятийными и словесными полями. Одним из наиболее простых и действенных приемов получения материала для анализа лексико - семантических полей является ассоциативной эксперимент. Исследования организации индивидуального лексикона человека обнаружили, что среди понятий, входящих в данное семантическое поле, обычно выделяется какое-то одно, процессы усвоения, идентификации и запоминания которого совершаются быстрее, успешнее по сравнению с другими. Понятия, обладающие указанными особенностями, называют базовыми, исходными.

Ключевые слова: речь, сознание, поле, язык, эксперимент, понятие, лексика, идентификация, сравнения, слова.

SEMANTIC-COGNITIVE ANALYSIS OF THE LEXIC-SEMANTIC FIELD "NEGATIVE EMOTIONS" IN THE ENGLISH LANGUAGE

The author says in his article that speech plays the main role in the development of human consciousness. It was in the context of research that the provisions on the vigorous activity of the nature of a language, its connection with the spiritual activity of the individual and the spirit of the people were first formulated. The author also emphasizes that semantics is a link between the theory of language and theories of knowledge, because by “studying” the semantics of natural language, we of necessity study the structure of thinking. Any field, the author notes, - consists of elementary units - concepts and words. At the same time, the constituent elements of the field completely cover the sphere of one or another conceptual field, and complete parallelism between conceptual and verbal fields. One of the most simple and effective methods of obtaining material for the analysis of vocabulary - semantic fields is an associative experiment. Studies of the organization of the individual human lexicon have found that among the concepts included in this semantic field, one is usually distinguished, the processes of assimilation, identification and memorization of which are carried out faster and more successfully in comparison with others. The concepts possessing the specified features are called basic, initial.

Key words: speech, consciousness, field, language, experiment, concept, vocabulary, identification, comparisons, words.

Сведения об авторе: ***Чоршанбиева З. А.*** - Институт технологий и инновационного менеджмента в городе Кулябе, соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджиикистан, г.Куляб, ул. Борбад. **E-mail: Chorshanbieva80@bk.ru.**
Тел.: **(+992) 917-44-32-37**

Information about the author: ***Chorshanbieva Z.A.*** - Institute of Technology and Innovation Management in the city of Kulyab, applicant. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. Borbad. E-mail: **Chorshanbieva80@bk.ru.**
Tel.: **(+992) 917-44-32-37**

УДК: 491.550-3 (03)

ИСТИЛОҲОТИ МУРАККАБСОХТИ СОҲАИ ВАРЗИШ

Шафоатов А.Н.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

Бояд ёдовар шавем, ки вазифаи роҳи морфологии калимасозӣ танҳо бо усули ба асосҳо ҳамроҳ кардани пешванду пасвандҳо маҳдуд намешавад. Ин қолабҳо дар сохтори калимаҳои сохта татбиқ мешаванд, вале усули савуми калимасозӣ ба воситаи миёнвандҳо (интерфиксҳо) сохтани истилоҳот аст, ки он хосси калимасозии типи мураккаб мебошад. Инчунин калима-истилоҳоти мураккаб бе ягон воситаи калимасоз, бо роҳи васл гардидани решаҳои гуногун низ ба амал меояд. «Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимасозии исмҳои мураккаб хеле сермаҳсул буда, давоми мантиқӣ ва инкишофи мантиқии минбаъдаи забони адабиёти классикӣ ва дурдонаҳои халқӣ мебошад. Калимаҳои мураккаб барои кӯтоҳ ва рехта ифода кардани фикр имконият медиҳанд» [3, с.144].

Аз рӯйи сохтор ва роҳҳои сохташавӣ ҳамаи истилоҳоти мураккаби соҳаи варзиш дар шакли пайваст ва тобеъ зуҳур меёбанд. Аммо ҳар ду намуди истилоҳсозии вожаҳои мураккаб дар соҳаи варзиш чандон сермаҳсул нестанд.

1. Истилоҳоти мураккаби навъи пайваст. Дар қолаби мураккаби пайваст зуҳур ёфтани истилоҳот боз ду хел аст: аз такрори вожаҳо пайдо мешаванд, бо миёнвандҳо сохта мешаванд.

А. Ба воситаи миёнвандҳо (интерфикс) сохта шудани истилоҳоти соҳаи варзиш. Дар сохта шудани истилоҳоти мураккабсохт нақши миёнвандҳо зиёдтар ба назар мерасад. Дар адабиёти илмӣ баъзан миёнвандро садоноки пайвасткунанда ҳам номидаанд. Дар ташаккули истилоҳоти соҳаи варзиш мо бо миёнвандҳои -у- ва -о- сохта шудани вожаҳои навро мушоҳида мекунем:

а) Бо миёнванди **-у-**: **равуой, рафтуомад, доругир, гирумон, давутоз, гирудор, шинухез, сайругашт, ҷастухез, афтухез, бардорузан, шиштухез, тохтутоз.**

б) Бо миёнванди **–о-: даводав**, **росторост, думодум, пасопеш**. Истилоҳоти мазкур тавассути **-у-** ва **-о-** дар чунин қолабҳои истилоҳсозӣ сурат гирифтаанд:

а) исм **-у-** феъл**: сайругашт**.

б) феъл **-у-** феъл: **шинухез, ҷастухез, афтухез, гирумон, давутоз**.

в) сифат**-о-** сифат: **росторост, гармогарм**.

г) исм **-о-** исм: **думодум**.

ғ) феъл **-о-** феъл: **даводав, гирогир, часпочасп**.

д) зарф **-о-** зарф: **пасопеш.**

Б. Ба воситаи такрори калимаҳо сохта шудани истилоҳот: **як-як, ду-ду, гирд-гирд** ва ғайра.

Ногуфта намонад, ки истилоҳоти мураккаби пайваст дар ҳамаи шаклҳои худ барои ифодаи як мафҳум мустаъмаланд. Истилоҳоти мазкур аз ҳисоби васлшавии асосҳои феъли замони гузашта ва ҳозира рӯйидаанд, инчунин дар натиҷаи пайванди исм бо асосҳои феъл низ пайдо шудаанд. Ба назар чунин менамояд, ки вожаҳои зикршуда хусусияти истилоҳияшон суст буда, онҳо чун калимаи муқаррарӣ хусусияти умумиистеъмолӣ доранд. Дар ҳақиқат ҳам чунин аст, вале зимни гузаронидани бозиҳо ва мусобиқаҳо бе истифодаи шаклҳои мазкур нутқи касбӣ муваффақият пайдо намекунад. Аз ин рӯ, хусусияти истилоҳии онҳо дар ҳамин маврид равшан шуда мемонад.

Истилоҳоти мазкур, чунонки гуфтем, ба ду гурӯҳ тасниф мешаванд: истилоҳоти мураккаби навъи пайваст ва истилоҳоти муракаби навъи тобеъ.

Ин ду навъи вожаномаҳои мураккабсохт бо роҳҳои гуногуни вожасозӣ ба зуҳур меоянд. Чунончи, истилоҳоти мураккаби навъи пайваст бо роҳи морфологии калимасозӣ ва ё пайвастшавии копулятивии вожаҳое, ки аз асосҳои баробарҳуқуқ ва мустақил ташкил ёфта, дар байни ҷузъҳои таркиби онҳо муносибати детерминативӣ дида намешавад, ба амал меоянд.

Истилоҳоти мураккаби навъи пайвастро, дар навбати худ, ба ду гурӯҳ ҷудо менамоем: а) пайвастшавии копулятивӣ, б) пайвастшавии редупликативӣ.

Аммо дар миёни ҷузъҳои ба ҳам омадаи истилоҳоти мураккабсохти навъи детерминативӣ ва атрибутивӣ чунин муносибат ҷой надорад ва ҷузъҳо аз нигоҳи қоидаҳои семантикӣ ва грамматикӣ вобастаи якдигаранд ва ё яке ба дигаре тобеъ шуда меоянд. Яъне асосҳоро муносибатҳои синтаксисӣ ба ҳамдигар муттаҳид месозад. “Сабаби асосии дар байни ҷузъҳои калимаи мураккаб дарёфтан ва қайд кардани муносибатҳои синтаксисӣ дар он аст, ки баъзе калимаҳои мураккаб аз ибораҳои гуногун ба амал омадаанд ва онҳо баробари пайдоиши худ дар шуури соҳибзабонон материали худро ҳам, ки аз он баромадаанду онро прототипи исмҳои мураккаб меноманд, таҷассум мекунанд ва дар ибора бо ҳамаи муносибатҳояшон аз нав пайдо мешаванд ва акс меёбанд” [5, с.143]. Воқеан, бояд гуфт, ки на ҳамаи истилоҳоти мураккаб аз ибора ба вуқӯъ меоянд, балки бештарини истилоҳоти мураккаби пайваст аз ҳисоби таркибҳои ҷуфт сохта мешаванд: 1) истилоҳоте, ки дар натиҷаи бо ҳам омадани асосҳои гуногун тавассути миёнвандҳо ва интонатсия пайдо мешаванд: 2) истилоҳоте, ки аз такрори вожаҳо пайдо мешаванд.

Бо миёнванди **-о-**: **гирдогирд, давродавр, кашокаш, росторост, гармогарм, думодум, пасопеш.**

Ҷузъҳои таркиби ин истилоҳот дар қолабҳои зерин сохта шудаанд:

1) исм +о+ исм: **думодум.**

2) сифат+о+сифат: **росторост, гармогарм, гирдогирд, давродавр.**

3) феъл+о+феъл: **кашокаш.**

4) зарф +о+ зарф: **пасопеш**.

Истилоҳоти мураккаби навъи пайваст, ки аз такрори бевоситаи як вожа сохта шудаанд (пайвастшавии редупликативӣ), монанди таркибҳои навъи копулиятивӣ

(пайвастшавии тавассути миёнвандҳо), яъне истилоҳоте, ки тавассути такрори бевосита як ҷузъ сар задаанд, низ дар забони тоҷикӣ зуҳуроти каммаҳсул мебошад:

1) аз такрори сифат: **гирд–гирд, калон- калон.**

2) аз такрори шумора: **як-як, ду-ду.**

3) аз такрори ҷонишин: **ягон-ягон, баъзан-баъзан.**

4) аз такрори зарф: **зуд-зуд, тез-тез, оҳиста-оҳиста**, **кам-кам.**

5) аз такрори калимаҳои тақлидӣ бо усули калимасозии омехта: **фирфирак** (фир-фирак**), ҷағ-ҷаға**–номи асбобҳои бозӣ.

Ба ҳамин минвол, маълум шуд, ки усули калимасозии мураккаби пайваст дар соҳаи варзиш чандон доманадор нест.

2. Истилоҳоти мураккабсохти навъи тобеъ. Масоили рушду нумуи вожасозӣ, бахусус истилоҳофарӣ бо таърихи забони адабӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар марҳалаҳои аввали инкишофи забони адабии тоҷик истилоҳсозӣ бо таъсири анъаноти грамматикаи забони арабӣ сурат мегирифт, ки ин ҷиҳат дар сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш низ ҷой дошт: **каъбатайн** (ду тос, ки дар бозии нард ба кор меравад), **байнаррухон** (байни ду рухро дар бозии шоҳмот гӯянд) ва ғайра. Вале аз маводи луғату фарҳангномаҳои тоҷикӣ (форсӣ) бармеояд, ки сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш зимни русумоти вожаофарии тоҷикӣ бештар аст. Устод С. Айнӣ ба кори истилоҳгузинии нимаи аввали қарни гузашта (XX) эрод гирифта, барҳақ нигоштааст; «Истилоҳҳои фаннӣ ва илмӣ он қадар чизи ғайри муҳимме нест, ки як муҳаррир ба ихтиёри худ вазъу қабул намояд» [1, с.347].

Бо роҳи синтаксисӣ–морфологӣ сохта шудани истилоҳоти соҳаи варзиш дар забони тоҷикӣ роиҷ мебошад. Роҳи синтаксисӣ-морфологӣ аз қолаби ибораҳои изофӣ сохта шудани калимаҳои мураккаби навъи тобеъро мегӯянд, ки ин тарзи вожасозию истилоҳофарӣ дар забони тоҷикӣ хеле маъмул аст.

Ҳодисаи аз ибора сохта шудани калимаҳои мураккаб дар таърихи забоншиносии тоҷик бо истилоҳи «факки изофат» маълум аст: «Аҳаммияти таркиби луғати забон ҳангоми калимасозии исмҳои мураккаб боз ҳам равшантар намоён мешавад, чунки дар ин тарзи калимасозӣ худи асосҳо бевосита иштирок менамоянд» [2, с.109]. Қолиби калимаҳои мураккаби тобеъ аз сермаҳсултарин навъи истилоҳсозӣ ба шумор меравад, ки ин ҷиҳат ба истилоҳоти соҳаи варзиш низ хос аст. Дар забоншиносии муосир пайвастшавии асосҳоеро, ки яке аз ҷузъҳо хусусияти муайянкунандагӣ зоҳир мекунад, қолаби детерминативӣ (калимасозии мураккаби тобеъ)-и калимасозӣ меноманд.

Ҷузъҳои таркиби калимаҳои навъи мураккаби тобеъ баробарҳуқуқ нестанд, балки яке ба дигаре тобеъ шуда меоянд. Дар ин маврид ҷузъи асосӣ муайяншаванда буда, ҷузъи дуюми он хусусияти муайянкунандагӣ пайдо мекунад.

Истилоҳоти мураккаби тобеъ аз ҷиҳати муносибати ҷузъҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: а) истилоҳоте, ки ҷузъи якумашон асосӣ буда, ҷузъи дуюм ба он тобеъ мебошад; б) истилоҳоте, ки ҷузъи дуюмаш асосӣ буда, ҷузъи якум ба он тобеъ аст: “Усули калимасозии исмҳои мураккаби гурӯҳи якум факки изофат ном дорад. Ин усули калимасозӣ дар натиҷаи афтидани бандаки изофӣ ва ба як калимаи мураккаб табдил ёфтани ибораи изофӣ ба амал омадааст» [2, с.122]. Масалан: **сари доварон– сардовар, сари панҷа–сарпанҷа, сари ҳавз–сарҳавз, сари машқ-сармашқ** (оғозкунандаи машқ, мураббӣ, тренер), **сари чангол–сарчангол** (дар мусобиқаи гӯштин) ва ғайра.

Таркиб ва сохтори грамматикии истилоҳоти гурӯҳи аввал ба ин зайл аст:

а) пайванди исму исм: **сардовар, сарпанҷа, саркор, саршох, сарчанг, сарҳавз, тухмҷанг, хурӯсҷанг, шохҷанг, заминдевор.**

Аҷиб он аст, ки бисёре аз истилоҳоти мураккаби соҳаи варзиш, ки аз исму исм рӯйидаанд, аз асоси **ҷанг** сохта мешаванд. Дар ин маврид вожаи **ҷанг** маънои “ҳарб, муҳориба, қувваозмоӣ”- ро ифода мекунад ва зимни истилоҳсозӣ бо исмҳои гуногун алоқа баста, номи бозиҳои мухталифро низ ба вуҷуд меорад ва муродифи бевосита вожаи **бозӣ** мегардад: **сарҷанг, муштҷанг, сагҷанг** ва ғайра, ки аз анвои варзишанд.

б) пайванди исму сифат: **дасти боло–дастболо, зиҳи сахт–зиҳисахт-сахтзеҳ**, **вусъати обод–вусъатобод** (арсаи васеъ).

в) пайванди исм бо асоси феъл. Ин қолаби истилоҳсозӣ хеле сермаҳсул аст, ки зимни он феълҳои **бозидан, рондан, бардоштан**, **гирифтан, андохтан, задан, кӯфтан, кашидан**, **баромадан**, **рафтан, печидан**, **ситондан, тохтан** ва ғайра ҳамчун ҷузъи тобеъ барои ташаккули истилоҳоти муракаб ба кор мераванд: **буҷулбоз, тӯббоз, оташбоз, оббоз, чавгонбоз, муштбоз, говбоз, харбоз, аспбоз, сагбоз, шаъбадабоз, бандбоз, дорбоз, аспрон, қайиқрон, заврақрон, киштирон, хаткаш**, **сангбардор**, **хонагир, чӯбгир, чархандоз, ҳукмандоз, турктоз, асптоз, хартоз, роҳгард, роҳрав, муштзан, роҳпаймо, байрақситон**, **бодпеч**.

Таркиби истилоҳоти мураккабсохти гурӯҳи дуюм, ки дар онҳо ҷузъи дуюм асосӣ буда, ҷузъи аввал ба он тобеъ шуда омадааст, ин тавр мебошад:

а) қолаби исм+исм: **хоктепа, саисхона, тоскулоҳ, камарбанд**, **ходачӯб**, оҳупой (маҷозан тезрав), **посавор**. Бо ин усул истилоҳоте сохта шудааст, ки онҳо барои ифодаи номи навъҳои варзиш, ҷойи гузаронидани бозиҳо, анвои амал дар варзиш ба кор мераванд:

б) қолиби сифат+исм **сиёҳмушкин** (навъи аспи човандозӣ), **чобуксавор, борикназар, харкамон** (камони калон), **ғӯллачӯб**.

в) қолиби сифат+асоси замони ҳозираи феъл. Ин қолиб барои ифодаи анвои амали варзишгар, номи мафҳумҳои марбут ба варзиш, таҷҳизот, амал ё усуле дар кори варзиш истифода бурда мешавад: **борикбин, кӯтоҳбин, дурбин.**

г) қолиби зарф+исм: **зудамал, серкор, тезҳуш, зудхашм, пешқабз** ва ғайра.

ғ) қолиби зарф+асоси замони ҳозираи феъл: **тезбин, зудбин.**

д) қолиби шумора+исм. Қолаби мазкур барои ифодаи навъи ҳаракати варзишгар ва асп истифода мешавад: **чорпо, дупо, якпо, якпаҳлу, яктарафа**.

е) қолиби шумора+феъл. Дар ифодаи ҳаракати асп дар бузкашӣ ба кор меравад: **чорхез, яккаш, чордав, духез.**

ё) қолаби исм+асоси замони ҳозираи феъл: **нишонзан, шастгир.**

Аз маводи дар фавқ баррасишуда аён мегардад, ки ҳар ду усули истилоҳсозии мураккаб дар ташаккули истилоҳоти соҳаи варзиш мавқеи зиёде доранд. Ҷузъҳои таркиби ин қабил истилоҳот, асосан тоҷикианд, Ҷузъҳои иқтибосӣ бо асосҳои тоҷикӣ то замони шӯравӣ аҳёнан дучор меоянд: **шаъбадабоз**, вале бо ин гуна қолиб сохтани истилоҳот дар асри ХХ ба ҳукми анъана даромадааст: **теннисбоз**, **футболбоз**, **баскетболбоз**, **волейболбоз** [7].

ж) усули омехтаи истилоҳсозӣ. Роҳи омехтаи сохта шудани истилоҳот чунин аст, ки дар он ду роҳи гуногуни калимасозӣ: синтаксисию морфологӣ якҷоя бо усули морфологӣ истифода мешавад. Истифодаи ин роҳи истилоҳофарӣ на танҳо барои соҳаи варзиш, балки барои кулли соҳоти дигар низ қобили татбиқ аст. Мувофиқи тақозои қолиби мазкур калимаҳои муракабсохт воситаҳои морфологӣ қабул карда, маънои истилоҳии вожаҳоро боз ҳам равшану мушаххастар мегардонанд. Аз васоити морфологӣ дар ин маврид асосан пасванди -ӣ ба кор меравад: **астарбозӣ** (шабеҳ ба бозии шашка), **аспакбозӣ, ангуштарбозӣ, буҷулбозӣ, бандкашӣ, бандбозӣ, гургакбозӣ, тухмбозӣ, шатранҷбозӣ, шоҳмотбозӣ, нардбозӣ, говтозӣ, асптозӣ, хартозӣ, донакбозӣ, давибозӣ, давранишинӣ, кандакабозӣ, качабозӣ, косабозӣ, муштзанӣ, оббозӣ, оташбозӣ, парракбозӣ, пардабозӣ, рубоҳбозӣ, ресмонбозӣ, сангчабозӣ, тирандозӣ**, **ҷарбузбозӣ, тӯббозӣ, чавгонбозӣ**, **табулофбозӣ, чанбарбозӣ**, **шамшербозӣ** ва ғайра.

Дар таркиби истилоҳоти мураккаби тазаккурёфта асоси замони ҳозираи феъли **боз** (бозидан) ҷойи муҳимро ишғол мекунад, ки он аввалан пасванди **-ӣ** қабул карда, исми амали **бозӣ**-ро ба вуҷуд овардааст, сониян мафҳуми умумӣ, ё номи умумии ҳама гуна амали варзиширо низ ифода карда метавонад. Маҳз ҳамин вожа барои мушаххас ифода гаштани шакли истилоҳ сабаб шудааст. Аз номи умумии бозиҳо баъдан исми шахс пайдо шудааст: **шамшербозӣ–шамшербоз, оташбозӣ–оташбоз, шоҳмотбозӣ–шоҳмотбоз, оббозӣ–оббоз.**

Ин зуҳурот дар ҳолати бо пасванди **-ак** сохта шудани истилоҳоти мураккабсохти омехта дар ягонагии семантикии ҷузъҳо, асосҳо ва вандҳо ба назар мерасад: **чӯтгирак, чашмбандак, дастхобкунак, хатбарак**, **тухмҷангак, тезхӯрак, сармонак, рустшавак, нардбонбарояк, пойбандак, баландпарак**, **аловпарак, қалъагирак, аспгирак**.

Маънои истилоҳӣ пайдо кардани ин гуна вожаҳо зимни пайи ҳам омадани ду ванд боз ҳам равшантару барҷастатар ифода ёфтааст: **рустшавакон, баҷошавакон, чӯтгиракон, дастхобкунакон, аловпаракон** ва ғайра.

Дар ин гуна ҳолатҳо пасванди ҷамбандии **–он** исми чамъ насохта, балки барои ҷаъмбаст гардидани маъно ва шакли умумии истилоҳ боис шудааст.

Умуман, дар забони адабии тоҷик низ имкониятҳои истилоҳсозии пасвандҳои **–ӣ** ва **–ак** нисбатан зиёдтар мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ. 11. Китоби 2. - Душанбе: Ирфон, 1964. – 436 с.
2. Головин Б.Н. Введение в языкознание / Б.Н. Головин. - М.: Высшая школа, 1983. - 231 с.
3. Ниёзмуҳаммадов Б. О терминологической работе в Таджикистане / Б. Ниёзмуҳаммадов, А.Л. Бухоризода, Я.И. Калонтаров // Сб.: Вопросы терминологии. - М., 1961.
4. Сафаров С. Чавгонбозӣ. Фарҳанги истилоҳоти тоҷикрусӣ ва англисӣ / С.Сафаров, А.Нарзуллоев. - Душанбе, 2015. - 24 с.
5. Рустамов Ш. Исм / Ш.Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. - 256 с.
6. Сабзаев С.М. Лингвинистическое исследование суфийской терминологии таджикско-персидской прозы XI-XII вв.: автореф… док. дисс. / С.М.Сабзаев. - Душанбе, 1996. - 42 с.
7. Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти варзиш; мураттиб Н. Турсунов. - Душанбе, 1985. - 185 с.

ИСТИЛОҲОТИ МУРАККАБСОХТИ СОҲАИ ВАРЗИШ

Дар мақолаи мазкур муаллиф истилоҳоти мураккабсохти соҳаи варзишро мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз рӯйи сохтор ва роҳҳои сохташавӣ ҳамаи истилоҳоти мураккаби соҳаи варзиш дар шакли пайваст ва тобеъ зуҳур меёбанд. Аммо ҳар ду намуди истилоҳсозии вожаҳои мураккаб дар соҳаи варзиш чандон сермаҳсул нестанд. Бояд ёдовар шавем, ки вазифаи роҳи морфологии калимасозӣ танҳо бо усули ба асосҳо ҳамроҳ кардани пешванду пасвандҳо маҳдуд намешавад. Ин қолабҳо дар сохтори калимаҳои сохта татбиқ мешаванд, вале усули савуми калимасозӣ ба воситаи миёнвандҳо (интерфиксҳо) сохтани истилоҳот аст, ки он хосси калимасозии типи мураккаб мебошад. Инчунин калима-истилоҳоти мураккаб бе ягон воситаи калимасоз, бо роҳи васл гардидани решаҳои гуногун низ ба амал меояд. Бо роҳи синтаксисӣ–морфологӣ сохта шудани истилоҳоти соҳаи варзиш дар забони тоҷикӣ роиҷ мебошад. Роҳи синтаксисӣ-морфологӣ аз қолаби ибораҳои изофӣ сохта шудани калимаҳои мураккаби навъи тобеъро мегӯянд, ки ин тарзи вожасозию истилоҳофарӣ дар забони тоҷикӣ хеле маъмул аст.

Калидвожаҳо: истилоҳоти мураккабсохти соҳаи варзиш дар забони тоҷикӣ, калимасозӣ, роҳи морфологии калимасозӣ, калимасозии типи мураккаб, роҳи синтаксисӣ–морфологӣ сохта шудани истилоҳоти соҳаи варзиш.

СЛОЖНАЯ СПОРТИВНАЯ ТЕРМИНОЛОГИЯ

В данной статье автором рассмотрена сложная спортивная терминология. Спортивная терминология составляет особый, богатый и своеобразный пласт лексики таджикского языка. Возникновение, развитие и совершенствование этой терминологии тесно связано с внутренними правилами и закономерностью исторического развития собственно таджикского языка, которое продолжается и по сей день. Возникновение спортивной терминологии связано с древним и средним периодами развития таджикского языка, так как наречение понятий, связанных с трудовой деятельностью, охотой и военными действиями, непосредственно отражаются в жизни, быту и ежедневном общении людей, что способствует формированию слов-терминов этой отрасли. Спортивная терминология по структуре и грамматической форме образованы, в основном, по традиционным словообразовательным моделям таджикского языка. Из существующих способов словообразования, которые действуют в таджикском языке, в образовании спортивной терминологии наболее употребительный морфологический. Из словообразовательных аффиксов особое место занимают различные приставки. В образовании спортивной терминологии используется также морфолого-синтаксический способ словообразования, однако он не стол продуктивен.

Ключевые слова: сложносоставная лексика спортивной терминологии, в таджикском языке, словообразование, морфологический способ словообразования, сложный тип словообразования, синтаксическо-морфологический способ образования спортивной терминологии.

COMPLEX SPORTS TERMINOLOGY

In this article, the author considered a complex sports terminology. Sports terminology is a special, rich and original layer of vocabulary of the Tajik language. The emergence, development and improvement of this terminology is closely related to the internal rules and patterns of the historical development of the Tajik language itself, which continues to this day. The emergence of sports terminology is associated with the ancient and middle periods of the development of the Tajik language, since the notion of concepts related to labor, hunting and military operations is directly reflected in the life, life and daily communication of people, which contributes to the formation of word terms in this industry. Sports terminology in terms of structure and grammatical form is formed mainly by traditional word-formation models of the Tajik language. Of the existing word-formation methods that operate in the Tajik language, morphological is the most commonly used in the formation of sports terminology. Of the word-forming affixes, various prefixes occupy a special place. In the formation of sports terminology, the morphological-syntactic method of word formation is also used, but it is not a productive table.

Keywords: complex vocabulary of sports terminology, in the Tajik language, word formation, morphological method of word formation, complex type of word formation, syntactic-morphological method of formation of sports terminology.

Сведения об авторе: ***Шафоатов А.*** - Таджикский физкультурный институт им. С.Рахимова, кандидат филологических наук, заведующий кафедры языков. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Лучоб, 53

Information about the author: ***Shafoatov A.*** - Tajik Institute of Physical Education. S. Rakhimova, Candidate of Philological Sciences, Head of the Department of Languages. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Luchob, 53

УДК: 491.550:891.550-82

ГУНАНОКИИ (ВАРИАНТНОКӢ) ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДӢ

Ёраҳмадзода Ш.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таркиби луғавии забони тоҷикӣ бою рангин буда, дар ҳама соҳаҳои он тадқиқотҳои илмӣ сурат гирифтааст. Дар забоншиносии тоҷик тамоми қабатҳои маъноӣ, бахусус сермаъноӣ, муродифот, мутазод, омонимҳо мавриди пажӯҳиши муҳаққиқони забоншинос қарор гирифтаанд. Дар қатори ин қабатҳо истилоҳи “гуна”/ “вариант” низ бисёр диққати пажӯҳишгарони забоншиносро ба худ ҷалб намудааст. Калимаи “вариант” аз забони

лотинии variantis гирифта шуда, маънои тағйирёбиро медиҳад. Ба маънои васеаш дар мафҳуми “гуна” тағйири шаклӣ, сохторӣ ва маъноии воҳидҳои забонӣ /фонема, морфема, калима, қолабҳои калимасозӣ ва воҳидҳои наҳвӣ/ фаҳмида мешавад [1, с. 147].

Забоншиноси тоҷик Ҳ. Маҷидов дар китоби худ “Забони адабии муосири тоҷик” гунаи калимаро чунин шарҳ додааст: “Гунаҳои калимаҳо, ки қиёфаи овозии калимаро ҳар яке бо тағйироти аз ҳам фарқкунанда акс кардаанд, ба маъноҳои якхела далолат кунанд ҳам, оҳангу тобишҳои маъноии нотакрор доранд. Чунончи, инро дар ҷуфтҳои айбҷӯ-айбҷӯй, ангубин-ангабин, пундона-пунбадона, гӯсфанд-гӯспанд ва бисёр дигарҳо ба тариқи назаррас мушоҳида кардан мумкин аст” [5, с.43].

Омӯзиши гунанокӣ барои ташаккули меъёри забони адабӣ нақши муҳим мебозад. Он барои ҳаллу фасли масъалаҳои мустақилияту айнияти калима, калимасозӣ ва калиматағйирёбӣ таҳкурсии хубе фароҳам меоварад.

Ба таҳқиқу омӯзиши гунанокӣ ва проблемаҳои он муҳаққиқони рус Ф.П. Филин, Н.Ш. Данский, Е.И. Иванникова, Р.Т. Рогожников, О.И. Ахманова, В.А. Капранов, Г.Е. Малковский, К.С. Горбачевич корҳои илмиро ба сомон расонидаанд.

Дар забоншиносии тоҷик то ҳол тасвири муназзаму мураттаби категорияи гунаҳои луғавӣ вуҷуд надорад. Аммо дар иртибот ба омӯзиши падидаҳои ҷудогонаи забонӣ ба масъалаҳои гунанокӣ пажӯҳишгарон дахл кардаанд. Проблемаи гунанокӣ дар забоншиносии тоҷик ҳамчун ҷузъи таркибии мубориза барои баланд бардоштани маданияти нутқ баррасӣ шудааст [1, с.107].

Дар омӯзиши масъалаҳои гунанокии забони тоҷикӣ забоншиносони тоҷик як қатор корҳои илмиву тадқиқотиро ба анҷом расонидаанд. Ба монанди забоншиносон Бобомуродов Ш. “Оид ба гунаҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ”, “Омил ва сабабҳои асосии пайдоиши гунаҳои калима”, “Муродифоти луғавӣ ва гунанокии калима”, “Ҳудуди гунанокии калимаҳои тоҷикӣ”, “Вариантҳои аксентологӣ дар забони ҳозираи тоҷик” ва Ҳ. Маҷидов “Гунаи калимаҳо”. Ҳарчанд дар ин самт дар забоншиносии тоҷик маводи кам ба табъ расида бошад ҳам, ин қисмат захираи бойи забонамонро ташкил медиҳад ва барои омӯзиши хубтару саҳеҳтари дигар қабатҳои маъноӣ кумак мерасонад.

Забоншиносон дар таҳқиқҳои худ гунаҳои воҳидҳои забонро аз қабили гунаи калима, варианти калимасозӣ, воҳидҳои наҳвӣ ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар қатори ин воҳидҳо воҳидҳои фразеологӣ низ гунаи худро дороанд, ки дар соҳаи забоншиносӣ ҷою мақоми хосса доранд.

Воҳидҳои фразеологӣ ба монанди дигар қисматҳои забоншиносӣ яке аз бобҳои муҳимтарини илми забонро ташкил мекунанд ва ба омӯзиши ифодаву ибораҳои рехтаву устувор машғуланд.

Воҳидҳои фразеологиро Ҳ. Маҷидов дар китоби худ “Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик” шарҳ дода, зикр мекунад, ки “Воҳидҳои фразеологӣ дар шакли ифодаҳои ниҳоят мухтасар таҷрибаи ҳаётии бисёрсолаи одамон, табъу кайфият ва урфу одати онҳоро инъикос кардаанд. Онҳоро дар мавридҳои офаридани образҳои дилчаспи бадеӣ, портрет ва лавҳаҳои ҷудогонаи зиндагӣ, баҳодиҳӣ ба ҳодисаю воқеаҳои ҳаёт ҳамчун воситаҳои муҳимму тайёри забон ба кор мебаранд” [6, с.4].

Ба ин қисмати муҳимми забоншиносӣ, яъне воҳидҳои фразеологӣ пажӯҳишгарони илми забон дахл карда, фикру мулоҳизаҳои худро ҳам дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва ҳам қисматҳои он баён намудаанд.

Забоншинос Б. Камолиддинов дар бобати ибораҳои фразеологӣ чунин ибрози ақида намудааст: “Ибораҳои фразеологӣ мафҳуми ашё, аломат хусусият, амал ва ҳолатро ба тарзи ошкор, лучу урён ифода накарда, бо рамзу киноя, дар либоси гуворои бадеиёт, бо ёрии санъатҳои лафзию маънавӣ: маҷоз, ташбеҳ, истиора, ташхис, муболиға ва ғайра образнок ифода мекунанд ва бо ин хусусият аз воҳидҳои дигари ҳаммаъноашон фарқ карда меистанд” [4, с.90].

Муҳаққиқи дигар М. Саломов доир ба ин масъала андешаашро иброз намуда, бунёди воҳидҳои фразеологиро чунин маънидод мекунад: “ Дар воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, калима (лексема) нақши калидӣ дорад, зеро ҳадафи асосии воҳиди фразеологӣ низ чун калима барои ифодаи маъно нигаронида шудааст, вале дар ин маврид ду ё зиёда калимаҳо ба ҳам марбуту махлут мегарданд, ки дар ин маврид яке аз калимаҳои таркиби воҳиди ташаккулёфта аз доираи истеъмоли маъмулии худ берун мебарояд ва дорои тобиши ҳиссию муассирӣ мегардад. Воҳиди мазкур аз лексема ба фразема табдил меёбад ва боиси бунёди воҳиди фразеологӣ мегардад” [9, с.206-207].

Муҳаққиқони ҷавон низ дар баробари дигар забоншиносони барҷаста доир ба мавзӯи воҳидҳои фразеологӣ корҳои илмиву таҳқиқотиро ба анҷом расонидаанд. Ҳ. Дӯстов дар монографияи хеш воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро дар забони адабии

муосири тоҷик мавриди баррасӣ қарор додааст ва хусусиятҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологиро аз дигар навъҳои воҳидҳои забон шарҳ дода, зикр мекунад, ки “Воҳидҳои фразеологӣ дорои як қатор хосиятҳои муҳим буда, аз дигар навъҳои воҳидҳои забон ба куллӣ фарқ мекунанд. Яклухтмаъной, ифодаи образ, сохти устувори ба ҳиссаҳо ҷудонашаванда, истифодабарӣ дар қабатҳои гуногуни услубӣ аз хусусиятҳои муҳимми воҳидҳои фразеологӣ ба ҳисоб мераванд” [2, с.6-7].

Таснифи воҳидҳои фразеологӣ ба хусусиятҳо ва ҳаҷму ҳудуди аниқи фразеология алоқамандӣ дорад. Дар риштаи забоншиносӣ таснифоти семантикии академик В.В. Виноградов, профессорон Б.А. Ларин, С.И. Ожегов, Н.А. Амосова, И.И. Чернышева ва дигаронро номбар кардан мумкин аст [6, с.28].

Муҳаққиқони илми забон баъд аз таҳқиқотҳои зиёд воҳидҳои фразеологиро аз ҷиҳати маъно ба гурӯҳҳои зиёд тасниф намудаанд.

Қисмати аз ҳама ҷолиби гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ, ки диққати хонандагон ва муҳаққиқони илми забонро бештар дар осори шоирону нависандагон ба худ ҷалб намудааст, гунанокии (вариантнокӣ) воҳидҳои фразеологӣ мебошад.

Забоншинос Ҳ. Маҷидов дар хусуси вариантҳои воҳидҳои фразеологӣ чунин фикри худро баён кардааст: “Вариантҳои воҳиди фразеологӣ қолабҳои таркибан тағйирёфтаи ҳамон як фразеологизм мебошанд”. Масалан, ибораи фразеологии “бо як тир ду нишон задан”-ро гирем ба вариантҳои зерин соҳиб аст: “бо як тир ду сайд задан”, “бо як тир ду шикор задан”, “бо як тир ду фохта задан” [6, с.58].

Омилҳои ба вуҷуд омадани гунанокии воҳидҳои фразеологӣ гуногун буда, зиёдтар ба мақсадҳои услубӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Гунанокии воҳидҳои фразеологӣ дар натиҷаи ивазшавӣ, иловашавӣ ва афтидани унсурҳои лексикиву грамматикии фразеологизм ба вуҷуд меоянд.

Таҳқиқу омӯзиши муҳаққиқони забоншинос дар масоили гунанокии воҳидҳои фразеологӣ дар осори нависандагону шоирон барои вижагиҳои забони осори онҳо ва услуби нигориши адибон кумак мерасонад. Аз ин ҷост, ки забоншиносон корҳои илмии худро ҳам дар эҷодиёти шоирони классик ва ҳам адибони муосир дар осори манзуму мансур мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар баробари омӯзиши забон ва услуби шоирону нависандагон забоншиносон ба гунанокии воҳидҳои фразеологӣ низ дар осори М. Турсунзода, С. Айнӣ, Ҳ. Карим даст задаанд.

Забоншинос М. Мирзоева вариантнокии воҳидҳои фразеологиро дар асарҳои С. Айнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст: “Вариантҳои фразеологӣ аз лиҳози тобиши маъно тафовути казоӣ зоҳир намекунанд, вале аз ҷиҳати обуранги услубӣ, мавқеи истифода ва дараҷаи истеъмол аз ҳамдигар фарқ мекунанд” [8, с.26].

Омӯзишҳое, ки дар самти гунанокии воҳидҳои фразеологӣ дар осори шоирону нависандагон ба сомон расидаанд, метавонанд далеле барои собит кардани маҳорати баланди эҷодӣ доштани шоир ё нависанда бошад.

Ба мисли осори дигар шоирону нависандагони машҳур ғазалиёти Саъдии Шерозӣ низ диққати пажӯҳишгарони забонро ба худ ҷалб намудааст.

Саъдии Шерозӣ яке аз чеҳраҳои адабии садаи XIII тоҷику форс буда, бо ғазалсароии хеш дар таърихи забон ва адабиёти халқи ориёинажод мақому мартабаи хоссаро касб намудааст.

Шайх Саъдии Шерозӣ дар ғазалҳои хеш гунанокии воҳидҳои фразеологиро хеле хуб ба қалам додааст, ки вобаста ба тарз ва мақсади омӯзиши гунанокии воҳидҳои фразеологӣ ғазалиёти шоирро гурӯҳбандӣ мекунем.

Вариантҳои воҳидҳои фразеологиро забоншинос Ҳ. Маҷидов ба се гурӯҳ ҷудо кардааст: 1. Вариантҳои фонетикӣ, 2. Вариантҳои морфологӣ, 3. Вариантҳои лексикӣ.

Дар ғазалиёти Саъдӣ ду навъи вариантнокии воҳидҳои фразеологиро дучор шудем.

1. Вариантҳои фонетикии воҳидҳои фразеологӣ дар натиҷаи ба таркиби воҳидҳои фразеологӣ дохил шудани калимаҳои вариантдор ба вуҷуд меоянд: “ба роҳ андохтан” – “ба раҳ андохтан”, “нигоҳ доштан” – “нигаҳ доштан”, “даҳон задан” – “даҳан задан”, “обрӯй гирифтан” – “обрӯ гирифтан” ва монанди инҳо [6, с.60].

Вариантҳои фонетикии воҳидҳои фразеологӣ дар ғазалиёти Саъдӣ баръало тасвир ёфтаанд. Чунончи:

“**Роҳи ишқ” – “раҳи ишқ”.** Ин ибораҳои фразеологӣ бо бадалшавии овозҳои “о” ба “а” дар байтҳо гунанокии фонетикии воҳидҳои фразеологиро ташкил дода, ба маънои пайроҳае, ки бар ишқ бурда мерасонад [11, с.53], мавриди истифодаанд:

Саъдӣ зи худ бурун шав, гар марди роҳи ишқӣ,
К-он кас расид рӯзе, к-аз худ қадам бурун зад [10, с.95].

Остинкуштаи ғайрат шавад андар раҳи ишқ,
К-аз пайи ҳар шакаре чун магасе бархезад [10, с.96].

Дар ғазалиёти шайх Саъдии Шерозӣ матлаб нозук ва пардапӯшона баён ёфтааст. Ибораҳои фразеологии “сар бозидан” ва “ сар бохтан” ҳамчун гунаи фонетикӣ дар байтҳои зер далели ин гуфтаҳост:

“Сар бозидан” – “сар бохтан”. Ба маънои ҷон додан ва худро қурбон намудан, фидокорӣ намудан барои чизе ё шахсияте [16, с.655].

Чун дилором мезанад шамшер,
Сар бибозему рух нагардонем [10, с.218].

Дар байти дигар:

Саъдӣ, сар бохт ба қади сарви равонат,
Ту бад-ин ҳусн магар фитнаи дармонӣ [10, с.178].

“Дил нигоҳ доштан” – “дил нигаҳ доштан”. Воҳидҳои фразеологии “дил нигоҳ доштан” ва “дил нигаҳ доштан” бо иваз гаштани овозҳо гунаи воҳидҳои фразеологии фонетикиро дар байтҳо фароҳам оварда, ба маънои меҳру муҳаббати касеро дар ниҳоди хеш маҳфуз доштан, ҳифз кардан [15, с.432] мавриди истеъмол қарор гирифтаанд:

Ба яке латифа гуфтӣ, бибарам ҳазор дилро,
На чунон латиф бошад, ки диле нигоҳ дорӣ [10, с.35].

Чу касе даромад аз пову ту дастгоҳ дорӣ,
Гарат одамияте ҳаст, дилаш нигаҳ дорӣ [10, с.36].

“Рӯ напечидан” – “рӯй напечидан” ба маънии рӯй натофтан, аз баҳри чизе ё касе нагузаштан [16, с.231]:

Ман аз ту рӯ напечам, гарам биёзорӣ,
Ки хуш бувад зи азизон таҳаммули хорӣ [10, с.37].

Сар аз каманди ту Саъдӣ ба ҳеҷ рӯй напечад,
Асири хеш гирифтӣ, бикуш, чунон ки ту донӣ [10, с.20].

2. Вариантҳои лексикии воҳидҳои фразеологӣ аз тағйири яке аз ҷузъҳои дохили он ба вуҷуд меоянд. Чунончи, “фикру хаёл” – “фикру андеша”, “тобу тоқат” – “тобу тавон”, “булбулаки касе мехонад” – “кабкаки касе мехонад”, “ду поро ба як мӯза ҷо кардан” – “ду поро ба як маҳсӣ ҷо кардан” ва монанди инҳо [6, с.61].

Дар забони шевои ғазалиёти Саъдии Шерозӣ вариантҳои луғавии воҳидҳои фразеологӣ низ ҷой доранд, ки барои боз ҳам ҷаззобтару хушоҳанг гардидани ғазалҳо кумакрасон мебошанд. Далели ин гуфтаҳоро метавон дар байтҳои зерин мушоҳида кард.

“**Сар тофтан” – “сар кашидан”.** Ба маънои даст кашидан аз якдигар [11, с.63]:

Чу иқболаш аз дӯстӣ сар битофт,
Ба ноком душман бар ӯ даст ёфт [10, с.201].

Мабодо, ки аз якдигар сар кашанд,
Ба пайкор шамшери кин баркашанд [10, с.211].

“Сар дар пой афкандан” – “сар дар қадам ниҳодан”. Воҳидҳои фразеологии “сар дар пой афкандан” – “сар дар қадам ниҳодан” ҳамчун гунаи фразеологӣ ба маънои худро дар қадами касе фидо кардан, ҷон додан [12, с.655] дар байтҳо истифода шудаанд:

Мақдури ман сарест, ки дар поят афканам,
Гар з-он ки илтифот бад-ин мухтасар кунӣ [10, с.45].

Агар қабул кунӣ, сар ниҳем бар қадамат,
Чу бутпараст, ки дар пеши бут намоз орад [10, с.243].

“Ҷон ба лаб омадан” – “ҷон ба даҳан омадан”. Воҳидҳои фразеологии “ҷон ба лаб омадан” ва “ҷон ба даҳан омадан” ба маънои безор шудан, ба танг омадан, ба сутӯҳ омадан [12, с.654] дар ғазалҳои Шайх Саъдӣ истифода шудааст ва онҳоро ҳамчун гунанокии луғавӣ меҳисобем:

Бас гурсина хуфту кас надонист, ки кист,
Бас ҷон ба лаб омад, ки бар ӯ кас нагирист [10, с.138].

Байти дигар:

З-он айн, ки дидӣ асаре беш намондаст,
Ҷоне ба даҳон омада дар ҳасрати коме [10, с.83].

“**Ҷон додан”** ҳамчун воҳиди фразеологӣ ба маънои ҷони худро дар роҳи касе ё чизе қурбон кардан, мурдан, фидокорӣ кардан дар байти зер мавриди истифода қарор дорад [12, с.655]. Чунончи:

Дар ҳалқаи корзор ҷон додан
Беҳтар, ки гурехтан ба номардӣ [10, с.7].

Воҳиди фразеологии “ҷон додан” гунаҳои зиёдро доро мебошад. Аз қабили “ҷон бохтан”, “ҷон андохтан” ва монанди инҳо. Ин воҳидҳои фразеологӣ ба мафҳуми мурдан, ҷони худро барои касе фидо карданро ифода кардаанд:

“**Ҷон бохтан”.**
Ҷон бохтан ба кӯят дар орзуи рӯят,
Донистаам, валекин хунхори ногузирӣ [10, с.33].

“Ҷон андохтан”.
Хуррам тане, ки ҷон андозад дар вафои ёр,
Иқбол дар саре, ки шавад поймоли дӯст [10, с.192].

Зиёд будани гунанокии воҳидҳои фразеологӣ дар ғазалҳои Саъдӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асри XIII ниҳоят ғаниву рангин будааст ва бомавқеву моҳирона истифода кардани онҳо аз ҷониби шоир маҳорати баланди сухандонии ӯро нишон медиҳад. Далели ин гуфтаҳо дар байтҳои зерин ба назар мерасанд:

“**Сер омадан” – “сер шудан”.** Ба маънои аз касе ё чизе безор шудан, дилгир шудан [11, с.74]:
Табъи ту сер омад аз ман ҷойи дигар дил ниҳад,
Ман киро ҷӯям, ки чун ту табъи ҳарҷоим нест [10, с.241].

Чу нармӣ кунӣ, хасм гардад далер,
В-агар хашм гирӣ, шаванд аз ту сер [10, с.233].

Дар таркиби ғазалиёти Саъдии Шерозӣ ду навъи гунанокии воҳидҳои фразеологӣ бо завқи баланди шоирона ба кор рафтаанд.

Гунанокии воҳидҳои фразеологиро дар ҷадвали зер нишон медиҳем:



Ҳангоми баррасии вижагиҳои гунанокии воҳидҳои фразеологӣ дар ғазалиёти Саъдӣ муайян гашт, ки шоир бо маҳорату истеъдоди волои шоиронаи хеш аз воҳидҳои тайёру рехтаи забон моҳирона истифода бурдааст. Забони ғазал хусусияти ба ғазал мувофикро дорост, зеро “Забони шеър ё шоиронаро одатан забони образнок меноманд. Вожаҳои бадеӣ танҳо он вожаҳое нестанд, ки тавассути маҷоз ифода ёфтаанд, балки вожаҳоеанд, ки дар осори бадеӣ мавқеи махсус дошта, дар ифода ва тасвири ашёву ҳодисаҳои гуногун нақши муассир доранд” [9, с.37].

Дар ғазалиёти Саъдӣ гунанокии фонетикии воҳидҳои фразеологӣ дар доираи як калима сурат гирифтааст ва гунанокии луғавии воҳидҳои фразеологӣ дар ивазшавии ҷузъҳои алоҳидаи воҳиди фразеологӣ ба вуҷуд омадааст.

Бояд гуфт, ки иваз шудани ҷузъи воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба таносуб ва мувофиқати ҷузъҳои ивазшаванда аст. Дар ин маврид бояд маъно ва хусусияти воҳидҳои фразеологӣ коҳиш наёбад ва вижагии гунанокии воҳидҳои фразеологӣ низ дар ҳамин аст. Дар услуби бадеӣ вобаста ба тақозои жанр ва услуби муаллиф гунанокии воҳидҳои забон бештар ба вуҷуд меоянд. Воҳидҳои фразеологӣ низ бо тобишу ҷилоҳои маъноии худ дар гунанокӣ вижагӣ доранд, яъне онҳо бо вуҷуди дар гунаҳои гуногун омаданашон, хусусияти яклухтмаъноии худро бояд нигоҳ доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобомуродов М. Ҷамоли мард дар фасоҳати гуфтори ӯст / М. Бобомуродов // Маҷмӯи мақолаҳо. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – С. 107-147.
2. Дӯстов Ҳ.Ҷ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик. Монография / Ҳ.Ҷ. Дӯстов. – Душанбе: Ҷонибек, 2014. – 186 с.
3. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. Монография / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
4. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. Китоби дарсӣ / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Маориф, 1989. – 120 с.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 243 с.
6. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони адабии ҳозираи тоҷик. Монография / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 103 с.
7. Маҷидов Ҳ. Воҳидҳои фразеологӣ ва калима / Ҳ. Маҷидов // Мактаби Советӣ. – 1984. – № 4. – С. 19-21.
8. Мирзоева М.М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ. Монография / М.М. Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 160 с.
9. Саломов М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозии фразеологии забони шеъри тоҷикӣ (дар асоси ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV). Монография / М. Саломов. - Душанбе, 2017. – 266 с.
10. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷ.2. – Душанбе: Адиб, 1989. – 416 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1.- М: С, Э. – 1969. – 951 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - М: С, Э. – 1969. – 949 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе, 2008. – 950 с.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – Душанбе, 2008. – 945 с.
15. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. / М.Фозилов. – Душанбе: Нашр. давл. Тоҷикистон, 1963. – 952 с.
16. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ.2. / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 807 с.

ГУНАНОКИИ (ВАРИАНТНОКӢ) ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДӢ

Дар ин мақола муаллиф гунанокии воҳидҳои фразеологиро дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Муҳаққиқ дар раванди омӯзиши гунанокии воҳидҳои фразеологӣ дар ғазалҳои шоир гунанокии фонетикӣ ва луғавиро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, шарҳу тавзеҳ додааст. Ҳангоми баррасии вижагиҳои гунанокии воҳидҳои фразеологӣ дар ғазалиёти Саъдӣ муайян гашт, ки шоир бо маҳорату истеъдоди волои шоиронаи хеш аз воҳидҳои тайёру рехтаи забон моҳирона истифода бурдааст. Забони ғазал хусусияти ба ғазал мувофиқро дорост. Дар ғазалиёти Саъдӣ гунанокии фонетикии воҳидҳои фразеологӣ дар доираи як калима сурат гирифтааст ва гунанокии луғавии воҳидҳои фразеологӣ дар ивазшавии ҷузъҳои алоҳидаи воҳиди фразеологӣ ба вуҷуд омадааст. Бояд гуфт, ки иваз шудани ҷузъи воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба таносуб ва мувофиқати ҷузъҳои ивазшаванда аст. Дар ин маврид бояд маъно ва хусусияти воҳидҳои фразеологӣ коҳиш наёбад ва вижагии гунанокии воҳидҳои фразеологӣ низ дар ҳамин аст. Дар услуби бадеӣ вобаста ба тақозои жанр ва услуби муаллиф гунанокии воҳидҳои забон бештар ба вуҷуд меоянд. Воҳидҳои фразеологӣ низ бо тобишу ҷилоҳои маъноии худ дар гунанокӣ вижагӣ доранд, яъне онҳо бо вуҷуди дар гунаҳои гуногун омаданашон, хусусияти яклухтмаъноии худро бояд нигоҳ доранд.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ, гуна, калима, гунанокӣ, фонетикӣ, лексикӣ, забоншиносӣ, қабатҳои маъноӣ, вариантҳои фразеологӣ, гурӯҳ, ғазалиёти Саъдӣ.

ВАРИАНТНОСТЬ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ГАЗЕЛЯХ САДИ

В данной статье автором был рассмотрена и прогнозирована вариантность фразеологических единиц в газелях Саади Ширази. В результате изучения вариантности фразеологических единиц в газели поэта исследователь разделил фонетическую и лексическую разновидности и пояснил их. Во время исследования оссобенностей вариантности фразеологических единиц газели было обнаружено что Саади Ширази высоким мастерством и поэтическим талантом использовании собладает готовые фразеологические единицы языка. Язык газели имеет свои характерные черты. В газелях Саади фонетические особенности фразеологических единиц отмечены в рамках одного слова, а лексические особенности фразеологических единиц обнаруживались в изменчивости отдельных частей фразеологических единиц. Следует отметить, что замена частей фразеологических единиц зависит от соотношения и соответствия изменчивых частей. В таком случае значение и специфика фразеологических единиц не должны истощаться , т.к. сами особенности фразеологических единиц состоят именно в этом. В художественном стиле в зависимости от надобности жанра и стиля самого автора часто возникают новые варианты единиц языка. Фразеологические единицы с вариант разными смысловых и значений, вне зависимости от того что они происходят от различных видов, не должны терять своего общего значения.

Ключевые слова: фразеологических единицы, вид, слова, вариантность, фонетический, лексический, языкознание, фразеологические варианты, группа, газели Саади.

VARIANTS OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN GAZELS OF SA’DI

In this article the author were examined and analyzed variants of phraseological units in Sa’di gazels. During learning the variants of phraseological units in gazels poet, researcher devided phonetic and lexical sorts and explained them. During the investigation peculiarities variants of phraseological units of Sa’di Shirozy’s gazelles, it was determined that poet by his high skills and poetical talent skillful used prepared phraseological units of language. Gazelle’s language has peculiar quality of gazelle. Phonetical peculiarities of phraseological units formed around just one word and lexical peculiarities of phraseological units formed by variabilities of separate parts of phraseological units in Sa’dy’s gazelles. Must be noted, that quivalent of phraseological units parts demanded from correlation and compliance changeable parts. By this way, the meaning and the peculiarities of phraseological units mustn’t be weaken and peculiarities of phraseological units conclude in it. There are often appear new language singles varieties from dependence of genre’s necessity and author’s style. Phraseological units in varieties with notional coloring and meaning also has it’s peculiarities. In other words, out of dependence that they occur from different sorts, must not be lost their uniform quality.

Key words: phraseological units, kind, word, variants, phonetic, lexical, linguistics, notional layers, phraseological variants, groups, Sa'di gazelles.

Сведения об авторе: ***Ёрахмадзода Ш.Х.*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 987-36-93-94**

Information about the author: ***Yorahmadzoda Sh. Kh.*** - Tajik National University, graduate student of the Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 987-36-93-94**

УДК:491.550.3

ОСНОВНЫЕ СРЕДСТВА ВЫРАЖЕНИЯ ОБОБЩЕННО-ЛИЧНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Саидов Д.И.
Филиал Московского государственного университета им. М.В. Ломоносова в г.Душанбе

В большинстве учебников и учебных пособий по грамматике таджикского языка обобщенно-личные предложения определяются как самостоятельный тип предложений, которые имеют свою форму и средства выражения. Вопрос о выражении обобщенно-личного значения рассматривался большинством исследователей (Арзуманов С. Сангинов А., Норматов М., Рашидов Ш. и т.д.) в рамках односоставных предложений. Здесь приведем некоторые определения обобщенно-личного предложения, которые встречаются в учебниках по таджикскому языку.

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ КАЛИМАСОЗИИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ОБӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур роҳҳои сохтани терминҳои нақлиёти обӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ карда мешаванд. Терминологияи нақлиёти обӣ қисми муҳимми ҳиссаи умумии терминҳои техникии забони англисӣ маҳсуб мешавад. Ҳамзамон бисёре аз ин калимаҳо дар дигар системаҳои истилоҳшиносӣ истифода мешаванд. Дар вақти таҳлили қонунятҳои калимасозии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳар як истилоҳ дақиқии худро дар байни дигар истилоҳҳо дорад. Ҳамин тавр, мо ба хулосае омадем, ки истилоҳ аъзои муайяни системаи забон буда, ба як соҳаи муайяни илмӣ, техникӣ, истеҳсолотӣ тааллуқдор буда, мазмуни концепцияи вай мавқеи дар забондоштаи вайро муайян месозад. Ҳар як истилоҳ мавқеи махсуси худро дар байни дигар истилоҳҳои ин ё он соҳа дорад. Муайян карда шуд, ки бо он нигоҳ накарда, калимасозӣ ҳамчун қисми мустақил дар забоншиносӣ эътироф шуда бошад ҳам, он ҳамчун қисми луғавии забон ва сохтори грамматикии калима дар забони тоҷикӣ идома дода мешавад. Дар забони тоҷикӣ бошад, дар созмонёбии истилоҳоти нақлиёти обӣ аз ҳама соҳаи сермаҳсултарин ин сохти калимасозии морфологӣ мебошад ва калимасозӣ хосси забони тоҷикист. Он ба воситаи суффиксҳо (пасвандҳо), роҳи калимасозӣ аз сода ба мураккаб ва ё аз калимаҳои умумиистеъмолӣ иборат аст, сохта мешавад. Дар забони англисӣ бошад, аз ҳама роҳи сермаҳсултарин калимасозӣ ба воситаи аффиксҳо мебошад. Бештари калимаҳо ба ҳамин роҳ сохта шудаанд.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, истилоҳот, нақлиёт, обӣ, система, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, сермаҳсул, илм, киштӣ.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ ТЕРМИНОЛОГИИ ТРАНСПОРТА НА ВОДЕ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматриваются способы образования терминов в таджикском и английском языках. Транспортная терминология на воде является важной частью общей технической терминологии английского языка. Многие из его слов используются в других терминологических системах одновременно. При анализе закономерностей словообразования транспортной терминологии на воде в таджикском и английском языках было установлено, что, несмотря на тенденцию к признанию словообразования как самостоятельного раздела науки о языке, присутствие его неоспоримов таких разделах, как лексикология, грамматический строй таджикского языка. Таким образом, мы пришли к выводу, что термин является членом определенной системы языка, относящейся к конкретной области науки, техники, производства, и его концептуальное содержание определяется его местом в системе. Каждый термин имеет свою дефиницию (точное научное определение) среди остальных терминов в той же области. В таджикском языке самым продуктивным способом образования терминологии транспорта на воде

является морфологический способ, словосложение продуктивно в таджикском языке, а также способ образования слов с помощью суффиксов, способ образования терминов от одного простого или производного слова или общеупотребительного слова. В английском языке наибольшей продуктивностью обладают аффиксальные образования. Большинство терминов образовано посредством этого метода.

Ключевые слова: словообразование, транспорт, терминология, на воде, таджикский язык, английский язык, система, продуктивный, наука, корабль.

SOME FEATURES OF THE WORD-FORMATION OF WATER TRANSPORT TERMINOLOGY IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article deals with the ways of terms formation in the Tajik and English languages. Transport terminology on water is an important part of the general technical terminology of the English language. Many of its words are used in other terminological systems at the same time. In the analysis of the regularities of word formation of transport terminology on the water in the Tajik and English languages in the English and Tajik languages, it was found that, despite the tendency to recognize word formation as an independent branch of the science of the language, and its presence is undeniable such as lexicology, the development of the problem of word formation with the grammatical system of the Tajik language continues. Thus, we came to the conclusion that the term is a member of a certain system of language relating to a particular field of science, technology, production, and its conceptual content is determined by its place in the system. Each term has its own definition (exact scientific definition) among other terms in the same field. In Tajik language in the most productive way of formation of terminology of transport on the water is the morphological method, compounding is productive in the Tajik language, the way the formation of words by means of suffixes, the method of formation of the terms with one simple or derived words. Word formations are the most productive in the English language. Most terms are formed by this method.

Key words: Tajik language, productive, terminology, formation, English language, transport, on the water ship, scines.

Сведение об авторе: ***Рахимбекова М.С.*** - Дангаринский государственный университет, преподаватель кафедры теории и практики английского языка. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Маркази 25.
Тел.: **(+992) 918-50-41-89**

Information about the author: ***Rakhimbekova M.S.*** - Dangara State University, lecturer at the Department of Theory and Practice of the English Language. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Markazi Str. 25.
Tel.: **(+992) 918-50-41-89**

УДК:94(47)+327

АЗ ТАЪРИХИ РОБИТАИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Сангинова С.Ҳ., Ҷаборова Қ.И.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Робитаи халқҳову забонҳо аз муҳимтарин масъалаҳои ҷомеаи инсонӣ маҳсуб ёфта, давраҳои тӯлонӣ таваҷҷуҳи олимони зиёди соҳаҳои гуногуни илму фарҳанг – фалсафа, рӯҳшиносӣ, мардумшиносӣ, таърих, маданиятшиносӣ ва амсоли инҳоро ба худ кашидааст. Аз ин рӯ, табиист, ки масъалаи мазкур дар маркази диққати намояндагони мактабу равияҳои гуногуни илм қарор дорад.

Таҳқиқи ин муаммо ба номи олимон – забоншиносони маъруфи дунё, монанди Г. Шухардт (1917), И.А. Бодуэн де Куртене (1963), Э.Хауген (1957), У. Вайнрайх (1979), Р. Якобсон (1930), Л.В. Щерба (1958), С.Н. Трубетской (1959), Е.Д. Поливанов (1931), Ч.Е. Осгуд (1972), А. Мартине (1972), Б. Гавранек (1972), В.Ю. Розенсвейг (1963; 1967; 1972), Ю.О. Жлуктенко (1968), Е.С. Кубрякова (1970), Е. М. Верешагин (1967) ва дигарон марбут аст, зеро онҳо паҳлуҳои мухталифи назарияи робитаи забонҳоро омӯхта, нуктаҳои асосии онро тадқиқ намудаанд.

Таърихи ба вуҷуд омадани равобити забонҳои русӣ ва тоҷикӣ вобаста ба он муносибатҳое, ки миёни ин ду халқ вуҷуд доштанд, ба давраҳои хеле қадим рост меояд. Ҳамон навъе, ки бостоншиносон собит намуданд, робитаи каму беш зичи ин ду халқ аз қарнҳои IX-X ибтидо гирифта, ба давраи аввали давлати тоҷикон – Сомониён рост меояд. Академик Н. Неъматов менависад: “Дар асрҳои IX-X тиҷорати корвонӣ бо Аврупои Ҷанубӣ, Шарқӣ, Муғулистон, Хитой, Ҳиндустон, Эрон ва Кавказ аҳаммияти муҳим пайдо кард. Сиккаҳои гуногуни давлати Сомониён, ки дар ноҳияҳои мухталифи Русия, то ҳудудҳои Москва, Новгород ва баҳри Балтика ёфта шудаанд, дар бораи сермаҳсул будани алоқаи тиҷоратии Осиёи Миёна бо Руси қадим шаҳодат медиҳанд” [9, с.79-81].

Ин яке аз маъхазҳои таърихӣ мебошад, ки аз равобити халқҳои тоҷику славянҳои шарқӣ шаҳодат медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки дар тамоми давраҳои таърихӣ ин ду халқро маҳз муносибатҳои тиҷоратӣ новобаста ба хусусияти давлатдориашон (хоҳ дар доираи давлати соҳибихтиёр, хоҳ дар давлати мутеи давлати дигар) ба ҳамдигар мепайваст. Вале равобити наздики халқҳои русу тоҷик, ки робитаҳои забонии онҳо низ маҳз ба ҳамин давра мутааллиқанд, ба

асри XIX рост меояд, агарчи, тибқи санадҳои бостоншиносон, онҳо ҳанӯз дар асрҳои миёна ва алалхусус дар давраи Темуриён, ки он вақт муносибатҳои тиҷоратии халқҳои Осиёи Миёна ва давлати Рус хеле равнақ ёфта буд, ибтидо гирифта буданд [4, с.666-667]. Аз тарафи дигар, таваҷҷуҳи олимону сайёҳони рус ба омӯзиши табиат, иқтисодиёт, таърих, маданият ва забони мардуми Осиёи Миёна низ муносибати байни ин халқҳоро қарину устувор месохт. Дар садаи XIX байни онҳо муносибатҳои зичи сиёсӣ ва иқтисодӣ ба амал омаданд, ки боиси ба ҳам пайвастани ин ду давлат гардиданд ва дар натиҷаи ҳамзистиву ҳамкорӣ иртиботи забонҳои русиву тоҷикӣ низ суръат ва сифати дигар гирифт. Ниҳоят, воқеаи муҳимтарини асри XX– Инқилоби Октябр хусусиятҳои асосии ҷараёни равобити забонҳои русиву тоҷикиро дар марҳилаи нав муқаррар сохта, онро ба пояи баланди такомул расонид. Ҳамбастагии забонҳои русиву тоҷикӣ рушду нумуи ҷадид ёфта, хусусиятҳои тоза касб намуд. Ҳамон навъе ки падидор гашт, заминаву шароитҳои ҷараёни иртиботи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар таърих ҳамсон набуданд. Аз ин рӯ, табиист, ки дар давраҳои гуногун робитаи мазкур шаклу хусусиятҳои хос дошт.

Олими шинохтаи сотсиолингвист ва эроншинос профессор М.И. Исаев ба тадқиқи диахронии ин масъала аз рӯйи иқтибосҳои ғайрирусӣ дар забони русӣ даст зада, панҷ давраи ба забони русӣ ворид шудани вожаҳои иқтибосиро муайян намудааст, ки аз онҳо чор давраш ба воқеаҳои муҳимтарини таърихи Русияи тоинқилобӣ рост меоянд [7, с.7-8, 52].

Профессор Р. Ҳошимов заминаву шароитҳои ба вуҷуд омадани дузабонии тоҷикӣ-русиро равшан сохта, ду марҳилаи ташаккул ва арзи вуҷуди онро муқаррар менамояд. Дар таснифоти Р. Ҳошимов давраи шӯравӣ ба ду зина ҷудо карда шудааст: то солҳои 40-ум ва баъд аз он [13, с.13]. Муҳаққиқ то давраи ба Русия ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна вуҷуд доштани равобити байни забонҳои русӣ ва тоҷикиро қайд намояд ҳам, онро давраи алоҳида нишон намедиҳад. Тибқи маводи мо, дузабонии русӣ ва тоҷикӣ асоси иқтибосгардии калимаҳо ва натиҷаи робитаи ин забонҳо буда, дар ин маврид давраи то забт намудани Осиёи Миёна бояд чун давраи алоҳида ҷудо карда шавад, зеро он асоси воқеӣ дорад.

Бо назардошти шароитҳои таърихӣ ва хусусиятҳои ҷудогонаи раванди тараққиёти робитаи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, мо зарур донистем онро ба чор марҳила ҷудо кунем: давраи якум – иртиботе, ки аз ибтидо то миёнаи асри XIX, то ба Русия ҳамроҳ намудани Осиёи Миёна, ба вуҷуд омадааст; давраи дуюм – аз миёнаи асри XIX то солҳои 18-20 уми асри XX; давраи сеюм- аз солҳои 19-20-уми асри XX то истиқлолияти Тоҷикистон; давраи чорум - аз солҳои 90-ум то замони мо.

Ҳар як давраи мазкур, албатта, хусусиятҳои хосси худро доро мебошад, ки онҳо вобаста ба дараҷаи зуҳуроти робита - дараҷаи таъсири байниҳамдигарии забонҳо, сабабу шароитҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, сиёсати забонии давлат ва ғайра арзи вуҷуд намудаанд. Тибқи омилҳои мазкур давраи якумро дар алоҳидагӣ аз назари таҳқиқ мегузаронем.

Давраи якуми иртиботи забонҳо ва халқҳои русу тоҷикро давраи ибтидоӣ номидан мумкин аст, зеро дар ин марҳила он халқҳо, ки аз чиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ аз якдигар тафовут доранд, ҳамбастагӣ оғоз менамоянд. Ин робитаест, ки дар натиҷаи муносибатҳои тиҷоратӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании байни давлатҳои гуногун ба амал омадааст. Чи хеле ки тазаккур ёфт, дар байни халқҳои Осиёи Миёна ва Русия ҳанӯз аз давраҳои қадим муносибатҳои тиҷоратӣ пайдо шуда буданд, ки вобаста ба шароитҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ гоҳ равнақ меёфтанд ва гоҳ рӯ ба таназзул мениҳоданд.

Дар он айём молҳои истеҳсолии Осиёи Миёна ба Русия бурда мешуд, дар бозорҳои сарзамини тоҷикон бошад, ашёи тиҷоратии русҳо ва дигар хориҷиёнро харидан мумкин буд. Чунонки дар тадқиқотҳои таърихшиносон омадааст, муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии байни Русия ва Осиёи Миёна дар замони Шайбониҳо (асрҳои XV-XVI) хеле равнақ ёфта буд. Алалхусус, дар асрҳои XVIII ва ибтидои асри XIX ин робитаҳо ба авҷи тараққиёти худ расида буданд. Дар ин давра байни давлатҳои Осиёи Миёна ва Русия муносибатҳои сиёсӣ низ хеле ривоҷ ёфта, давлатҳои Осиёи Миёна бо Русия муносибатҳои дипломатӣ доштанд. Агар ба таърихи дуртар назар афканем, мебинем, ки ибтидои асри XIX давраи устувор гардии алоқаҳои тиҷоратии Русия бо Осиёи Миёна ва, қабл аз ҳама, бо Бухоро буд. Дипломатҳои Русия Н. Григорев, Б. Лазухин (асри XVII), Ф. Беневени, И. Хохлов (XVIII) ба ҷуз муқаррар намудани алоқаҳои тиҷоратӣ, сиёсӣ ва ғайра ҳамчунин бо гирд овардани мавод доир ба вазъияти иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат, маданияти моддӣ ва маънавии тоҷикон ва дигар халқҳои хонигарии Бухоро, Қӯқанд ва ғайра шуғл меварзиданд. Дар ин маврид маълумотҳое, ки дар асарҳои Филипп Ефремов “Десятилетние странствования” (асри XVIII) ва Т. С. Бурнашев “Путешествие от сибирской линии до города Бухары в 1774г. и обратно в 1778 г.” оварда шудаанд, бидуни

шубҳа, ҷолиби диққатанд. Дар ин давра дар донишгоҳҳои калонтарини Русия - Маскав, Санкт-Петербург ва Қазон омӯзиши забонҳои шарқӣ, алалхусус, форсӣ-тоҷикӣ ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси ин забонҳо ба роҳ монда шуда буд, ки онҳо минбаъд дар омӯзиш ва тадқиқи забонҳои тоҷикиву форсӣ хизматҳои шоистаро анҷом доданд. Ниҳоят, дар Русия нахустин тарҷумаҳои осори тоҷикӣ ба миён омаданд.

Маҳз дар ин айём шоири романтикии асрҳои XVIII– XIX В.А. Жуковский яке аз достонҳои “Шоҳнома” –“Рустам ва Сӯҳроб”- ро ба тариқи тафсири озодона тарҷума мекунад.

Ҳамон навъе ки А.Р. Гейзер қайд менамояд, дар ҳамин давра адабиётшиноси рус Батянов роҷеъ ба Фирдавсӣ мақолае ба қалам меоварад, ки он “Фирдоуси – персидский Гомер” ном дорад [5, с.14]. Дар соли 1779 асари В. Левшин “Визири или очарованний лабиринт”интишор меёбад, ки сюжети онро мазмуни ба таври озод нақлкардашудаи достонҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ташкил дода, бунёди он ба тачумаҳои франсавӣ пайвастагӣ дорад (5, с.14-15). Дар ин асар ба ҷуз топонимҳо ва антропонимҳои зиёд (Лукмон, Паризаде, Логоразб, Лухрасп, Кей, Зардушт, Гистасп, Зарир, Рустам, Афрасиб, Кабад, Кайкавус, Сиявуш, Сухраб, Ситара, Фируз, Иран, Туран, Дагестан, Ирем) як идда калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ низ истифода бурда шудаанд: нурутс (наврӯз), див, пери, визир ва монанди инҳо. Бояд таъкид намуд, ки қисми зиёди калимаҳои фавқуззикр дар он асар тавзеҳ ёфтаанд: Ситора - звезда; фируз–счастливый; Зохара - персидская Венера; Нурутс – персидский Новый год ва ғайраҳо. Ин асар ва дигар асарҳое, ки дар Русия дар садаҳои XVII-XVIII таълиф ёфтаанд, аз қабили “Восточная повесть”, “Азиатский песенник”, “Тысяча и одна ночь”, “Перчия”, “Восточная библиотека” (ба забони франсавӣ ва дертар русӣ) ва “Ежемесячные сочинения и польза увеселения служащих” (Рассохин) дар байни халқ хеле маъруфият доштанд.

Дар солҳои 20-уми асри XIX асарҳои Фирдавсӣ ба русӣ тарҷума карда шуда, образҳо ва ғояҳои асарҳои ин шоири тоҷику форс дар асарҳои намояндагони адабиёти рус ба таври васеъ мавриди истифода қарор мегиранд. Чунончи, А.С. Пушкин яке аз шоҳбайтҳои Саъдӣ: “Многие также, как я, посещали сей фонтан; но иных уж нет, другие странствуют далече” –ро чун эпиграфи достони “Бахчисарайский фонтан” истифода мебарад. Ин сатрҳоро ӯ дар романи худ “Евгений Онегин” низ корбаст намудааст:

Но те, которым в дружной встрече
Я строфы первые читал…
Иных уж нет, а те далече,
Как Сади некогда сказал…

Зиёда аз ин, А.С. Пушкин шеърҳояшро ба Саъдӣ ва Ҳофиз бахшида (“В прохладе сладостной фонтанов”) роҷеъ ба шӯҳрати адибони Шарқ чунин менависад:

Благословен твой подвиг новый
Твой путь на север наш суровый
Но где Гафиза и Саади,
Знакомы …имена.

Ба дараҷаи хуб донистани забони форсӣ - тоҷикӣ ба Н.Г. Чернишевский имкон дод, ки ғояву мазмуни достонҳои Фирдавсӣ ва ғазалҳои Ҳофизро дар асарҳояш “Чӣ бояд кард?” “Повестҳо андар повест” образҳои Гурдофарид (Гурдаферид), Зораб (Сӯҳроб) ва Ходжиро аз достонҳои “Шоҳнома” истифода барад. Қаҳрамонони ин асари ӯ ба ғазалҳои Ҳофиз муроҷиат карда, онҳоро барои тасдиқи андешаҳои фалсафӣ ва мавқеи маънавии худ ба таври васеъ корбаст менамоянд.

Чи тавре ки пайдост, яке аз тарҷумонҳои бомаҳорати асарҳои Саъдӣ ва Ҳофиз дар ибтидои асри XIX А. Фет буда, суханварони қарни XIX бо эҷодиёти рангини Ҳофиз ва Саъдӣ бештар ба тавассути тарҷумаҳои ӯ шинос мегардиданд.

Хусусияти асосии иртиботи забонҳо дар ин давра чун давраи ибтидоӣ дар он зуҳур меёбад, ки бунёди ин робитаро вожаҳои ифодакунандаи номи предметҳо-молҳои тиҷоратӣ, ки ба забонҳои ҳамдигар иқтибос мешуданд, ташкил менамуданд. Ҳамчунин калимаҳои аз забони тоҷикӣ ба русӣ воридгашта низ кам набуданд: амбар, баклажан, бакшиш (бахшиш), аббас (тангаи куҳнаи нуқрагин), баран, парча, чемодан (ҷомадон), динор, караван, инжир, сарай, хозяин (аз хӯҷаин-иқтибоси хеле қадима, эҳтимол аз забони эронии шарқӣ бошад), эмир, шах, везир (визирь), султан, хан ва ғайраҳо. Дар ин давра ба забони русӣ калимаҳои антропонимӣ ва топонимӣ (Бухара, Коканд, Иран, Самарканд, Фергана, Ходжент, Памир ва ғайраҳо) низ дохил шуда буданд. Дузабонии онвақта хусусияти фардӣ-индивидуалӣ дошта, донандагони ин ду забон: тоҷикӣ ва русӣ шахсоне буданд, ки фаъолияташон дар ҳамбастагии Осиёи Миёна ва Русия ҷараён дошта, ҳам дар ин ҷо ва ҳам дар он ҷо кору зиндагӣ мекарданд. Аз ҳамин ҷост, ки унсурҳои иқтибосшуда дар забон ба пуррагӣ илҳом

нашуда буданд. Чунончи, ба таври гуногун навиштани як калима, яъне ба кор рафтани қаринаҳои гуногуннавъи он аз ин далолат медиҳад. Масалан, вазир, везир, визир; Наврутс (аз забони олмонӣ), навроз, навруз; тенга, танга, тенгэ, теньге ва амсоли инҳо.

Қобили қайд аст, ки шиносоӣ барои кулли ҳар ду халқ ғоибона, пеш аз ҳама, ба воситаи ашёҳое, ки номи онҳо дар забони халқҳои мазкур инъикос меёфт, ба вуҷуд меомад. Дар воридшавии иқтибосҳо мақоми тарҷумаҳо, сафарномаҳо (Афанасий Никитин, Стремоухов ва дигарон) ахбороти сафирон ва олимон, бешубҳа, хеле назаррас аст.

Ҳамин тавр, иртиботи забонҳои русӣ ва тоҷикӣ дар ин марҳила қабл аз ҳама, дар заминаи иқтибоси номи ашёву предметҳое арзи вуҷуд намудааст, ки худи онҳо ба ҳаёти русзабонҳо ворид гаштаанд ва ё тавассути тарҷумаҳо (тарҷумонҳо) дар забони русӣ маълум шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Боброва, Т.А.Об изучении заимствований из языков народов СССР в русском языке / Т.А. Боброва // РЯШ. – 1981. - №3. - С.79-82.
2. Боровков, А.К. Таджикско-узбекское двуязычие и вопросы взаимовлияния таджикского и узбекского языков / А.К. Боровков // Учён.записки Института востоковедения АН СССР-1952.-т.4: Лингвистический сборник. – Стр. 165-200.
3. Вайнрайх, У. О совместимости генеалогического родства и конвергентного развития / У. Вайнрайх // НЛ, вып.VI. - М., 1972. – 154 с.
4. Гафуров, Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г. Гафуров. - М., 1972. – 1020 с.
5. Гейзер, А.Р. Поэт Фирдоуси и Султан Махмуд (Ёдкарди Фирдавсӣ ва “Шохномаи”-и ӯ) / А.Р. Гейзер. - Худжанд, 1993. - С.10-17.
6. Журавлёва, Т.А. Экология языка и культуры / Т.А. Журавлёва, В.К. Журавлёва // РЯ СССР. – 1991. - №3. - С.3-7.
7. Исаев, М.И. Взаимодействие и взаимообогащение национальных языков / М.И. Исаев // РЯШ. – 1972. - №6. - С.7-11.
8. Миртов, А.В. К истории проникновения в русский литературный язык восточных лексических элементов / А.В. Миртов // Вопросы лексикологии и стилистики. Уч.зап. Горьковского ун-та, серия филол.- Вып.59. – 1960. - С.15-22.
9. Неъматов, Н. Формирование таджикского народа. Государство Саманидов / Н.Неъматов // Таджикская Сов.Социалистическая республика, ЭСТ. – Душанбе, 1984. - С.79-81.
10. Неъматов, Н. Давлати Сомониён / Н. Неъматов. - Душанбе, Ирфон, 1989.
11. Розенсвейг, В.Ю. Основные вопросы теории языковых контактов / В.Ю. Розенсвейг // НЛ. - Вып.6. - М., 1972. - С.5-22.
12. Хауген, Э. Языковой контакт / Э.Хауген // Проблемы двуязычного описания. НЛ. Вып.6. - М., 1972. - С.61-80.
13. Хашимов, Р.И. Таджикско-русское двуязычие (социолингвистический аспект) / Р.И. Хашимов. - Душанбе, 1986. – 213 с.

АЗ ТАЪРИХИ РОБИТАИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Дар мақола робитаи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, ки ба масъалаҳои гуногуни сотсиолингвистӣ-экстралингвистӣ марбут мебошанд, сабабҳо ва шароитҳои гуногуни пайдоиш ва инкишофи он мавриди баррасӣ қарор дода шуда, баъзе хусусиятҳои хосси таъсири забони тоҷикӣ ба русӣ вобаста ба таърихи тавлиди иртиботи ин забонҳо оварда шудааст. Робитаи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таърихи дуру дароз дошта дар даврaҳои мухталифи таърихӣ ба назар мерасад. Инчунин, муаллифон сабабҳо ва аломатҳои асосии робитаҳои забонҳои тоҷикӣ ва русиро дар даврaҳои мухталифи таърихӣ нишон додаанд. Қабл аз талабот ва ашёҳои моддие, ки дар натиҷаи тарҷумаи онҳо робитаҳои байнизабонӣ махсусан муҳим арзёбӣ мегардад, муаллифон аломатҳо ва сифатҳои асосии ба ҳам таъсиррасонии ин ду забонро ба таҳлил гирифта, ба ақидае меоянд, ки иртиботи забонҳои русӣ ва тоҷикӣ дар ин марҳила, қабл аз ҳама, дар заминаи иқтибоси номи ашёҳое арзи вуҷуд намудааст, ки худи онҳо ба ҳаёти русзабонҳо ворид гаштаанд ва ё тавассути тарҷумаҳо (тарҷумонҳо) дар забони русӣ маълум шудаанд.

Калидвожаҳо: давраи таърихӣ, равобити халқҳо, робитаи забонҳо, иртиботи забонҳои русию тоҷикӣ, сотсиолингвистика, вожаҳои иқтибосӣ, дузабонии русӣ ва тоҷикӣ.

ИЗ ИСТОРИИ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ТАДЖИКСКОГО И РУССКОГО ЯЗЫКОВ

В статье рассматриваются таджикско-русские языковые контакты, причины и условия их возникновения и развития с социолингвистической и экстралингвистической точек зрения. Авторы уделяют особое внимание основным историческим этапам взаимодействия таджикского и русского языка. Анализируются основные причины взаимодействия таджикского и русского языков на различных исторических этапах многостороннее взаимодействие таджикского и русского языков, а также динамика исторического взаимодействия в данном контексте. Анализируя основные признаки взаимовлияния этих двух языков, авторы приходят к мнению, что таджикско-русские языковые контакты выражаются в рассматриваемый период, прежде всего, в заимствованиях из таджикского языка в русский названий различного рода предметов или вследствие перевода произведений с таджикского языка на русский. В статье также приводятся некоторые особенности влияния таджикского языка на русский в связи с историей возникновения контактов между этими языками.

Ключевые слова: исторический период, взаимоотношения народов, языковые контакты, русско-таджикские языковые контакты, социолингвистика, заимствованные слова, русско-таджикское двуязычие.

FROM THE HISTORY OF THE INTERACTION OF THE TAJIK AND RUSSIAN LANGUAGES

The article discusses Tajik-Russian language contacts, the causes and conditions for their emergence and development from a sociolinguistic and extralinguistic point of view. The authors pay special attention to the main historical stages of the interaction of the Tajik and Russian languages. The main reasons for the interaction of Tajik and

Russian languages at various historical stages are analyzed. In the multilateral interaction of the Taiik and Russian language, as well as the dynamics of historical interaction in this context. Analyzing the main signs of the mutual influence of these two languages, the authors come to the conclusion that Tajik-Russian language contacts are expressed in the period under consideration, primarily in borrowings from the Tajik language into Russian names of various kinds of subjects or as a result of the translation of works from the Tajik language into Russian. The article also provides some features of the influence of the Tajik language on Russian in connection with the history of the contacts between these languages.

Key words: historical period, relations between peoples, language contacts, Russian-Tajik language contacts, sociolinguistics, loan words, Russian-Tajik bilingualism.

Сведения об авторах: ***Сангинова С.Х.*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент общеуниверситетской кафедры русского языка. **Адрес:** 735700, Республики Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **sanginovas_1962@mail.ru**
Джаборова К.И. **–** Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент общеуниверситетской кафедры русского языка. **Адрес:** 735700, Республики Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **sanginovas_1962@mail.ru**

Information about the authors: ***Sanginova S.Kh.*** - Khujand State University named after B. Gafurov, candidate of philological sciences, associate professor of the university-wide department of the Russian language. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova Ave.1. E-mail: **sanginovas_1962@mail.ru**
Dzhaborova K.I. - Khujand State University named after B. Gafurov, candidate of philological sciences, associate professor of the university-wide department of the Russian language. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova Ave.1. E-mail: **sanginovas_1962@mail.ru**

УДК: 491.71 (575.3)

ВЫРАЖЕНИЕ ЗНАЧЕНИЯ УСТУПКИ В ПРОСТОМ ПРЕДЛОЖЕНИИ

Шосафарова Г.Г.
Таджикский национальный университет

Вопрос о выражении значения уступки в простом предложении требует к себе особого внимания, так как конструкции с этим значением встречаются в речи постоянно. При употреблении этих предлогов студенты-таджики сталкиваются с большими трудностями.

В современном русском языке существуют различные виды синтаксических средств для обозначения уступительных отношений. Однако следует отметить, что по поводу классификации уступительных конструкций нет единого мнения. Одни исследователи (В.А. Богородицкий, Н.А. Жданов, А.М. Пешковский, Н.С. Поспелов и др.) относят уступительные конструкции к промежуточному классу между сочинением и подчинением, потому что в них возможно одновременное употребление подчинительных и сочинительных союзов. Другие ученые (В.А. Белошапкова, Л.И. Каменева, С.А. Шувалова и др.) отмечают, что одни типы уступительных конструкций ближе к сочинению, другие – к подчинению, а в целом, уступительные конструкции представляют собой «переходный тип» от сочинения к подчинению.

Исследования показывают, что уступительные отношения обозначаются разными структурными типами конструкций: сложноподчиненными (СПП), сложносочиненными (ССП), простыми (ПП), бессоюзными сложными (БСП) и фразеологизированными предложениями (ФП). Кроме того, каждый тип семантико-синтаксической организации имеет свои смысловые оттенки. Средствами выражения уступительных отношений являются союзы, предлоги, вводные слова, частицы, наречия, структура предложения и комбинации разных элементов.

ПП, имеющие уступительное значение, обладают меньшей когнитивной выделенностью и, вследствие этого, меньшей употребительностью. В них уступительные отношения выражаются в конструкциях с уступительными оборотами и в конструкциях с приложениями, причастными и деепричастными оборотами, с предложно-падежными формами существительных отвлеченного значения, свидетельствующих о компрессии предикативного ядра и наличии в предложении скрытой предикации. Используя подобные конструкции, говорящий делает смысловой акцент на фактическом следствии. ПП с предложно-именными словосочетаниями особенно характерны для современных публицистических текстов. ПП имеют реально-уступительное значение, нейтрально-уступительное допущение, обобщенно-уступительное допущение и максимально-уступительное допущение.

Семантика ПП часто бывает осложнена дополнительными смысловыми компонентами, имеет синкретичный характер, что не позволяет отнести их к специализированному способу выражения уступительности.

Уступительное значение присуще и ПП с оборотами, которые осложняют ПП предложно-именными словосочетаниями, содержащими скрытую предикацию. Одни обороты характерны для аналитических и информационно-аналитических жанров публицистики; другие

используются в коротких заметках и статьях, в которых встречаются элементы разговорного стиля: автор употребляет данные конструкции для создания атмосферы непринужденного общения с читателем. При восприятии текста обучающийся больше внимания обращает на то, что сказано не в уступительном обороте, а в базовой части предложения, то есть внимание акцентируется на фактическом следствии. В данном структурном типе предложений уступительные отношения выражаются имплицитно. В глагольных конструкциях, содержащих предложно-именные словосочетания, глагольная часть представляет собой фактическое следствие, совершившееся вопреки имеющемуся основанию, предложно-именное словосочетание – препятствующее, но недейственное основание. В этих оборотах встречаются как специализированные для выражения уступительных отношений предлоги ***несмотря на, невзирая на, вопреки, наперекор***, с помощью которых автор подчеркивает уступительное значение, так и неспециализированные предлоги ***против, сверх, безотносительно, независимо от, вне зависимости от, при, без***, при употреблении которых автор намеренно редуцирует уступительное значение: ***Несмотря на*** *кризис, между нашими странами успешно налаживается экономическое и культурное сотрудничество.****Вопреки*** *его ожиданиям, переговоры о поставке продукции шли быстрыми темпами.*

В простых предложениях также встречаются обособленные члены предложения, имеющие уступительное значение: причастные и деепричастные обороты, определения, приложения: *Не чувствовал себя защищенным даже отец режиссера,* ***прославленный писатель, чуждый всяких влияний со стороны***; Солдаты *Красной армии,* ***даже попав*** *в окружение, сохраняли дух стойкости и мужества.* В этих примерах уступительное значение редуцируется.

Говорящий часто использует ПП именно тогда, когда он хочет преподнести читателю противоречие как безусловное, не подвергающееся сомнению, независимо от его верифицируемости; например: ***Несмотря на*** *сложность предстоящей работы, ребята с большим энтузиазмом взялись за нее.* В данном предложении из-за недостаточной информации обучающийся не может проверить, большая ли загруженность и сложные ли задачи, и принимает на веру авторскую интерпретацию реального положения дел.

ПП также имеют условно-предположительный оттенок допущения. Гипотетическое значение актуализируется конструкциями с союзом ***пусть***. Фрагменты предложений с этим союзом выступают в роли определения или обстоятельства; при этом глаголы употребляются в форме будущего времени, а уступительность редуцирована: *Рано или поздно Россия все-таки позволит иностранным пилотам летать в Россию,* ***пусть*** *и с некоторыми ограничениями.*

В ПП союзу ***пусть*** в сочетании с союзами ***но, зато*** присуще и значение «возражение под видом согласия». Словосочетания с данными лексемами выступают в роли определения или обстоятельства, при этом субъект речи нивелирует уступительные отношения. Глаголы употребляются в форме прошедшего и настоящего времени: П***усть*** *давно отгремела война,* ***но*** *память о ней жила в сердцах*. В следующих примерах вводные слова ***конечно, правда*** акцентируют достоверность сообщаемого в последующей части предложений, компонент, вводимый с помощью союзов ***но, зато***, носит характер простого уточнения. Уступительное значение редуцировано: ***Конечно****, это быстро,* ***но*** *дорого*; ***Правда****, путники продолжили свою трудную экспедицию,* ***зато*** *какую важную!*

Структурой ПП также обозначаются ирреально-уступительные отношения с гиперболическим характером. Часто встречаются конструкции, организованные по схеме **«даже + превосходная степень прилагательного + существительное»**, которые указывают на высокую степень проявления меры количества действия. Автор подчеркивает уступительное значение и стремится создать у читателя мнение, что в основе описываемых событий (явлений) имеют место именно уступительные отношения: ***Даже*** *при инфляции денег мы не получим убытков.* Истинность таких высказываний неверифицируема, поскольку они выражают авторское предположение, независимо от его верифицируемости; например: ***Несмотря на*** *большую загруженность и сложность решаемых задач на работе, ребята успели своевременно доставить все стройматериалы на стройплощадку.* В данном предложении из-за недостаточной информации адресат не может проверить, большая ли загруженность и сложные ли задачи, и принимает на веру авторскую интерпретацию реального положения дел.

Сложноподчиненные предложения, обозначающие уступительные отношения, неоднократно становились предметом исследований отечественных ученых. А.В. Богомолова и Н.С. Поспелов обратили внимание на значение обратной обусловленности в сложноподчиненных уступительных предложениях. Генетическая близость условных и уступительных конструкций была описана А.Н. Гвоздевым, Н.Е. Кухаревич, Б.В. Лавровым и др. Дальнейшее свое развитие синтаксическая теория получила в трудах М.В. Ляпон, Т.М. Николаевой, Р.М. Теремовой и др. Исследователи отмечали тесную связь конструкций,

обозначающих уступительные и противительные отношения, подчеркивали, что уступительность является проявлением противительности, потому что уступка, для которой опорной является сема «вопреки», указывает на противоречие и даже несовместимость фактов.

В простом предложении при выражении значения уступки в основном употребляются предлоги *несмотря на, независимо от, при всем, вопреки*, которые не употребляются с существительными, обозначающими конкретный предмет или лицо. С этими предлогами обычно сочетаются существительные, выражающие действия, процессы и состояния (кроме явлений природы).

Наиболее употребительным предлогом является предлог *несмотря на.* Предлог *несмотря на* наиболее часто встречается в сочетании с существительными в винительном падеже, обозначающими какие-либо отрицательные понятия, неблагоприятные для данного действия условия или модальные значения требования, запрещения и т.п.: плохая погода, дождь, зной; болезнь, усталость, бессонница; нехватка, недостатки; трудности, неудачи, запрещение, требование и др.

Реже этот предлог встречается в сочетании с существительными, обозначающими положительные понятия: Несмотря на способности, он плохо учился из-за своей несобранности.

Необходимо отметить, что этот предлог может употребляться в сочетании с существительными, обозначающими отрицательные понятия. Поэтому необходимо учитывать разряды слов, часто встречающихся с данным предлогом.

Простые предложения с предлогом *несмотря на* трансформируются в сложноподчиненные предложения с союзом *несмотря на то что*. Студенты должны знать ряд особенностей замены, связанных с количеством субъектов действия и способом их выражения в простом предложении с предлогом *несмотря на.* Например: **Несмотря на дождь,** матч состоялся. – **Несмотря на то что** шел **дождь**, матч состоялся. Особенностью данных предложений является наличие двух субъектов действия: дождь, матч. При замене первый субъект действия становится подлежащим придаточной части, второй субъект – подлежащим главной части сложноподчиненного предложения. Сказуемое придаточной части вводится в соответствии с контекстом.

Вторая группа простых предложений отличается от первой способом выражения одного из двух субъектов действия и при трансформации имеет свои закономерности: **Несмотря на** запрет **врача, он** поехал на юг. – **Несмотря на то что врач** запретил ему ехать на юг, **он** поехал. Особенностью данных предложений является то, что первый субъект выражается существительным в род.п. При замене он становится подлежащим придаточной части, второй субъект – подлежащим главной части сложноподчиненного предложения. Сказуемое придаточной части выражается глаголом, образованным от существительных в вин.п. (запрещение).

В предложениях **Несмотря на** усталость, **студенты** снова принялись за работу. – **Несмотря на то что студенты** устали, **они** снова принялись за работу один субъект действия.

Особенностью употребления предлога **независимо от** по сравнению с предлогом **несмотря на** является то, что он сочетается с существительными, имеющими более общее значение.

Конструкции с союзом **независимо от** выражают уступительно-разделительное значение. Оно отчетливо выступает при замене простых предложений сложными с соотносительным словом **независимо от того** и разделительным союзом **или** при однородных членах предложения. Например: Действительность существует **независимо от** воли человека. (прост. предл.) – Действительность существует **независимо от того,** желает этого человек **или** не желает (СПП).

Предлог *при* в случае выражения уступки обычно употребляется в сочетаниях **при всем своем** (моем, твоем, его, нашем, вашем, их), **при всей своей** (моей и т.д.), при всех своих (моих и т.д.): **При всем моем** старании дела не шли на фирме.

Необходимо обратить внимание на то, что притяжательное местоимение **свой** может заменяться притяжательными местоимениями **мой, твой, его, наш, ваш**, их только в том случае, если субъектом действия в предложении является человек. Если в качестве субъекта действия выступает предмет, то в конструкциях рассматриваемого типа употребляется только местоимение **свой:** *При всех своих* недостатках картина производит хорошее впечатление.

Приведенные примеры показывают, что замена предлога *несмотря на* предложным сочетанием при всем своем в конструкциях с существительными возможна при следующих условиях:

а) если в предложении один субъект действия;

б) если действие носит обобщенный характер;

Замена невозможна:

1) если в предложении два субъекта действия;

2) если действие конкретно, особенно, если оно выражено глаголом прошедшего времени совершенного вида;

3) если понятие, обозначаемое существительным в сочетании с предлогом **несмотря на**, берется не в полном объеме, а лишь частично. Например: **Несмотря на** любую погоду, мы будем отмечать «Навруз».

Анализ материала приводит к выводу, что предлог **несмотря на** покрывает все случаи употребления сочетания **при всем своем**, т.е. может заменить его в любой конструкции. Основываясь на этом выводе, преподавателям, работающим со студентами таджикских групп, рекомендуется давать конструкции с сочетанием **при всем своем** для пассивного изучения.

Предлог *вопреки* является принадлежностью книжного языка. Круг существительных, в сочетании с которыми употребляется этот предлог, можно определить довольно четко.

Прежде всего, это существительные с общим значением предсказания явления, мнения о нем: предсказание, прогноз, прорицания; мнение, представления, ожидания (обычно во мн. ч.). Например: Вопреки предсказаниям синоптиков погода испортилась.

Вторая группа слов, употребляющихся с предлогом вопреки, объединяет существительные с общим значением реального факта, правил, норм, т.е. чего-то произошедшего или установленного: факты, правила, понятия, нормы, здравый смысл, рассудок. Например: Вопреки очевидным фактам, он отстаивал свою точку зрения. Работу решили вести зимой, вопреки установившимся правилам.

Третья группа существительных, употребляющихся с предлогом вопреки, выражает модальное или близкое к модальному значение: желание, воля, интересы, совет, обещание, заверение, опасения. Например: «Выслушав Прокофьева, я предложил написать ему обо всем, что он рассказал. Вопреки моим опасениям, Прокофьев охотно согласился» (Паустовский).

В последнюю группу, самую малочисленную, входят существительные - *трудности, опасности, противодействие*: Вопреки трудностям, альпинисты достигли своей цели.

Названные существительные употребляются также с предлогом *несмотря на*; в этом случае высказывание носит менее книжный характер и противоречие, заключенное в содержании высказывания, выражается слабее, чем в конструкции с предлогом *вопреки*: Несмотря на большие трудности, колхозники выполнили план. Вопреки большим трудностям, колхозники выполнили план.

При изучении этой темы студенты получают представление о семантических группах существительных, сочетающихся с данными предлогами, о правилах трансформации простого предложения в сложноподчиненное, о сфере употребления каждого из предлогов и т.д.

Такой подход не только позволяет усвоить данное явление, но и подготавливает студентов к восприятию более сложных вопросов грамматики современного русского языка.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Лекант П.А. Синтаксис простого предложения в современном русском языке / П.А. Лекант. – М.: Высшая школа, 1974. – 160 с.
2. Норматов М. Љумлањои содда дар забони адабии њозираи тољик / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 184 с.
3. Русская грамматика. Т.2 / Под ред. Н.Ю. Шведовой. - М.: Наука, 1982. – 709 с.
4. Шосафарова Г.Г. Модели построения минимальных предложений в русском и таджикском языках / Г.Г. Шосафарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. - Душанбе, 2017. - №4/7. – С. 73-76.
5. Юрченко В.С. Простое предложение в современном русском языке / В.С. Юрченко. – Саратов, 1972. – 275.
6. Ярцева В.Н. О сопоставительном методе изучения языков // В.Н. Ярцева // Филологические науки, 1960. - №1. – С. 5-11.

ИФОДАИ МАЪНОИ ХИЛОФӢ ДАР ҶУМЛАИ СОДА

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи хусусиятҳои истифодаи пешояндҳои хилофӣ барои ифодаи маънои хилофӣ дар ҷумлаи сода меравад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки маънои хилофӣ бо намудҳои сохтории гуногун ифода меёбанд. Ҳар як намуди сохти маъноӣ ва синтаксисӣ дорои тобишҳои маъноии худ аст. Ифодаи маънои хилофӣ дар ҷумлаи сода диққати махсусро талаб мекунад, чунки чунин ҷумлаҳо дар нутқ бештар вомехӯранд. Пайвандакҳо, пешояндҳо, калимаҳои туфайлӣ, ҳисачаҳо, зарф, сохти ҷумла ва омехтаи ҷузъҳои гуногун воситаҳои ифодаи муносибатҳои хилофӣ мебошанд. Ҳангоми истифодаи онҳо донишҷӯёни тоҷик ба хатогиҳои зиёд роҳ медиҳанд.

Калидвожаҳо: пешояндҳои хилофӣ, қисми ҷумлаи пайрав, маънои модалӣ, таҳвил, забони китобӣ, забони муосири русӣ, пешояндҳо, калимаҳои туфайлӣ, ҳисачаҳо, зарф, сохти ҷумла.

ВЫРАЖЕНИЕ ЗНАЧЕНИЯ УСТУПКИ В ПРОСТОМ ПРЕДЛОЖЕНИИ

В данной статье речь идет об особенностях употребления предлогов для выражения значения уступки в простом предложении. Исследования показывают, что уступительные отношения обозначаются разными структурными типами. Каждый тип семантико-синтаксической организации имеет свои смысловые оттенки. Вопрос о выражении значения уступки в простом предложении требует к себе особого внимания, так как

конструкции с этим значением встречаются в речи постоянно. Средствами выражения уступительных отношений являются союзы, предлоги, вводные слова, частицы, наречия, структура предложения и комбинации разных элементов. При употреблении этих предлогов студенты-таджики сталкиваются с большими трудностями.

Ключевые слова: предлоги уступки, субъект, придаточная часть, модальное значение, трансформация, книжный язык, современный русский язык, предлоги, вводные слова, частицы, наречия, структура предложения.

THE EXPRESSION OF MEANING OF CONCESSION IN A SIMPLE SENTENCE

This article deals with the usage of prepositions for expressing the meaning of a concession in a simple sentence. Studies show that concessive relationships are denoted by different structural types. Each type of semantic-syntactic organization has its own shades of meaning. The expression of meaning of concession in a simple sentence requires special attention, since sentences with this meaning are constantly encountered in speech. The means of expressing a concessive relationship are postpositions, prepositions, introductory words, particles, adverbs, sentence structure, and combinations of different elements. When using these words, Tajik students get to make a lot of mistakes.

Key words: prepositions of concession, subordinate sentence, modal meaning, transformation, book language, modern Russian, prepositions, introductory words, particles, adverbs, sentence structure.

Сведения об авторе: ***Шосафарова Г.Г.*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры русского языка для нефилологических факультетов. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 919-23-97-77**

Information about the author: ***Shosafarova G.G.*** - Tajik National University, assistant professor of Russian language for non-philological faculties. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
Tel.: **(+992) 919-23-97-77**

УДК: 4Т

РОБИТАИ ЗАБОНИ «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ» БО ЛАҲҶАҲОИ МУОСИРИ ҶАНУБИИ ТОҶИКӢ

Азимова У.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Таҳлили таркиби луғавии забони осори ниёгони тоҷикон ва қиёси онҳо бо забони адабии ҳозира ва шеваю лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ нишон медиҳад, ки дар радифи боқимонии як силсила вожаҳои асили тоҷикӣ дар забони адабии имрӯза ҳиссае аз чунин унсурҳои луғавӣ аз доираи он хориҷ гардидаанд, аммо онҳо дар шеваю лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ бо ҳамон шаклу маънои куҳанашон ё бо таҳаввулоти муайян боқӣ мондаанд. Вобаста ба масъалаи зикршуда ин нуктаро бояд таъкид намуд, ки шеваю лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ аз ҷиҳати нигаҳдории унсурҳои қадими луғавӣ дар як поя қарор надошта, яке назар ба дигаре бартарӣ доранд. Инро дар мисоли маҳфузмонии воҳидҳои луғавии «Таърихи Байҳақӣ» дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ дарк намудан мумкин аст. Муқоисаи вожаҳои таърихномаи мазкур бо лаҳҷаҳои номбурда баёнгари он аст, ки аксари чунин воҳидҳои луғавӣ дар байни мардуми ин минтақаи Тоҷикистон бо ҳамон гунаи куҳан ва маънои аслияшон истифода мешаванд. Ба сифати мисол ин ҷо зикр намудани вожаи *хусур* бамаврид аст. Абулфазли Байҳақӣ калимаи тазаккурёфтаро, ки онро бархе фарҳангнигорони гузашта «падари зан» маънидод кардаанд [8, ҷ.1, с.304], дар чанд маврид истифода намудааст: Ва амири Гузгонон-*хусури* Султон Маҳмуд, Абулҳориси Фариғун ва амири одил Сабуктагин сӯйи Нишопур рафтанд салхи (охири моҳ-А.У.) шавволи ин сол ва Бӯалии Симҷӯр сӯйи Гургон рафт [1, с.256]. Ва аз он ҷо ба хонаи вазир омад *хусураш*, вазир бо вай бисёр некуӣ кард ва бозгардонид [1, с.693].

Бояд гуфт, ки *хусур* яке аз вожаҳои басо куҳани эрониасл ба шумор рафта, шакли бостонии он **hvasura* аст ва решааш ба забон-асоси ҳиндуаврупоӣ расида, дар осори ниёгони тоҷикон дар шаш шакл: *хусур* (бидуни вов), *хусуру*, *хусур* (бо вови дуюм), *хусура*, *хусур* (бо вови аввал), *хусу* мавриди истифода қарор дошт [10, ҷ. 2, с.1145-1146].

Имрӯз дар лаҳҷаҳои ҷанубии тоҷикӣ доираи маъноии вожаи мазкур дар муқоиса ба гузашта вусъат ёфта, он илова ба маънои куҳанаш боз дорои маънои дигар низ шудааст, яъне мардуми минтақаи ҷанубӣ Тоҷикистон унсури луғавии номбурдаро ҳоло дар шаклҳои *хъсър / хъсур* барои ифодаи ду маъно:1 падарарӯс, падаршӯй; 2 бародари завҷа [5, с.778] ба кор мебаранд: Хъсър-м-а имруз хуна-да металбем; ҷонун хъсур-м-ай.

Дар адабиёти классикӣ вожаи *бора* маънои «девори қалъача», «ҳисор», «девори шаҳр», «хоктӯдаи баланд дар гирдогирди шаҳр ва ё қалъа»-ро дошт. Дар ҷумлаи зерини таърихномаи Байҳақӣ ин воҳиди луғавӣ дар ифодаи мафҳуми девори шаҳр ба кор рафтааст:…ва Ғуриён ҷанге пайвастанд бар бурҷҳову бораҳо, ки аз он сахттар набошад ва ҳар бурҷ, ки фуруд оварданд, он ҷо мардон гирд омаданд ва ҷанги ришориш (ҷанги тан ба тан-А. У.) карданд…[1, с.164].

Имрӯз ин калимаро мардуми ҷануби Тоҷикистон ба чандин тобиши маъноӣ истифода менамоянд. Дар ин хусус муаллифони «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» овардаанд, ки «бора»-и шевагиро такрори бевоситаи «бора»-и классикӣ пиндоштан мумкин нест. Калимаи мазкур ба ҳар тобише бошад, дар бештари лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ дучор меояд, зеро мафҳуми асосии имрӯзаи он, назар ба мушоҳидаҳои мо, ба ҷойи ноҳамвор вобаста гардидааст. Таҳти мафҳуми «бора» на фақат баландиву теппаҳои табиӣ, балки хоктӯдаҳое ҳам, ки болояш андаке ҳамвор аст, дар назар дошта мешавад. Ин аст, ки дар лаҳҷаҳои Кӯлоб ин воҳиди луғавиро ҳатто дар нисбати баландии канорҳои суфа ва лаби нон (*бораи нон*) низ истифода мебаранд» [6, с.256]. Ба ин гуфтаҳо ҳамин нуктаро илова кардан лозим аст, ки бо вуҷуди пайдо кардани чунин тобишҳои маъноӣ ҳамаи онҳо ба як нуқтаи таърихӣ равона карда шудааст.

Каш дар осори ниёгон ба маъноҳои «ҳар гӯша ва байғула, гӯша ва байғулаи рон, бағал, тиҳигоҳ» ба кор рафтааст. Вожаи мазкур низ дар радифи унсурҳои басо куҳани тоҷикӣ қарор дошта, дар эронии бостон ба гунаи **kaša*- ба назар мерасад [10, ҷ. 4, с.2188]: Ва хайлтош даррасида аз асб фуруд омад ва шамшер баркашиду дабус (гурзи оҳанӣ-А.У.) дар *каш* гирифту асб бигзошт [1, с.169].

Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» чаҳор вожаи ҳамшакли *каш* зикр шудааст, ки яке аз онҳо дар ифодаи мафҳуми “бағал, оғӯш” аст: Ай каши палвун мегиравъ сахт вағас мекъна [5, с.328].

Дар «Таърихи Байҳақӣ» мафҳуми «як ҳисса», «як қисм» бо ибораи *як нима* ифода ёфтааст: Ва асиронро *як нима* ба Булҳасани Халаф супурд ва *як нима* ба Шервон, то ба вилоятҳои хеш бурданд [1, с.165].

Бояд гуфт, ки имрӯз дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ифодаи мазкур яке аз унсурҳои фаъоли луғавӣ ба шумор рафта, онро аз забони мардуми ин минтақа зуд-зуд шунидан мумкин аст.

Дигар аз вожаҳои серистеъмоли «Таърихи Байҳақӣ» ва лаҳҷаҳои ҳозираи ҷанубӣ *аз они* / *они* аст. Муҳаммад Ғиёсуддин дар эзоҳи ин калима овардааст, ки «…дар форсӣ ба маънии мулкият, чунончи гӯянд фалон чиз аз *они ман* (таъкиди мо-А.У.) аст, яъне аз молу мулкияти ман аст. Ва ҳарфи ишора ба чизи дур ва ба маънии тавр ва андоз ва адову кайфияте, ки дар ҳусни маъшуқ мебошад» [8, ҷ.1, с.28].

Воқеан, калимаи зикргардидаро Байҳақӣ басо фаровон мавриди истифода қарор додааст:…агар дар он вақт сукунро (барои ҳифзи оромиш-А.У.) коре пайвастанду ихтиёр карданд, андар он фармоне *аз они* худованди мозӣ, разияллоҳу анҳу, нигоҳ доштанд [1, с.48]. Ва намози дигари он рӯз силате (ато, бахшиш-А.У.) *аз они* вай расулдор бибурд… [1, с.93]. Ва ғуломе турк аз они писараш ба саройи амир оварда буданд, то харида ояд, фармуд, ки он ғуломро низ бояд дод… [1, с.173-174]. Ва духтаре *аз они* Қадархон ба номи амир Муҳаммад акди никоҳ карданд… [1, с.252]. Ва фармуд, то расулони Гургонро ба рӯз дароваранд (яъне ҳамон рӯз ба ҳузури амир даромаданд-А.У.) ва пас аз маҳдҳо, ки рост карда буданд, бо занони муҳташамони Нишобур аз они раису қузоту фуқаҳо ва акобиру уммол ба шаб пеши маҳд (тахти равоне, ки бар болои пил ва шутур ё асб бошад ва занонро бар вай савор кунанд-А.У.) -и духтари Бокалиҷор бурданд [1, с.435]. Чун ҳоли муқаддами қавм бар ин ҷумла бошад, тавон донист, ки аз они дигарон чӣ бувад [1, с.642].

Ин унсури луғавиро дар мавридҳои зиёди дигар низ муаллифи таърихномаи мазкур ба кор бурдааст [1, с.63, 69, 84, 91,107, 112, 119, 122, 126, 144, 176, 181, 185, 213, 231, 257, 257, 263, 339, 439, 524, 524].

Бархе муҳаққиқони тоҷик дар хусуси таърихи ин воҳиди луғавӣ андеша ронда навиштаанд, ки *они* «…эҷоди давраи миёнаи инкишофи забони тоҷикӣ буда, аз ҷумлаи воситаҳои алоқаи байни калимаҳоест, ки ба ҷойи чунин унсурҳои иртиботдиҳандаи давраи қадим пайдо гардид... Тавассути унсури *они* ҳанӯз дар забони порсии миёна… муносибати поссесивӣ ифода мешуд, ки он дар порсии қадим ҳангоми дар падежи генитив омадани калима сурат мегирифт: *tan ud gyān ud ruvān I man ān I tō būd* - «тан ва ҷон ва равони ман они ту буд» [12, с.60-61].

Таҳлили истифодаи унсури луғавии мазкур нишон медиҳад, ки калимаи *они* дар давраҳои гуногуни инкишофи забони тоҷикӣ серистеъмол будааст [11, с.69].

Дар давраи ҳозираи инкишофи лаҳҷаҳои ҷанубӣ воҳиди луғавии мавриди таҳлил дар шакли *ини* басо серистеъмол аст. Аз забони мардуми ҷануби Тоҷикистон ибораҳои навъи *ини ман*, *ини ту*, *ини вай* ва м. инҳоро метавон фаровон шунид.

Жакидан низ аз ҷумлаи калимаҳое аст, ки аз замони Абулфазли Байҳақӣ то имрӯз дар забони мардуми минтақаҳои гуногуни тоҷикнишин бо дигаргунии ҷузъии шаклӣ ба кор меравад. Аз шарҳи муаллифони баъзе фарҳангномаҳои асримиёнагӣ маълум мешавад, ки ин вожа маънои «оҳиста сухан гуфтан…зери лаб аз рӯйи хашму қаҳру ғазаб»-ро доштааст [7, ҷ.1, с.669].

Дар «Таърихи Байҳақӣ» калимаи мазкур дар се шакл: ж*акидан, чахидан* ва *ҷакидан* дучор меояд: Ва падариёнро нек аз он дард меомад ва *межакиданд* ва охир бияфканданаш,

чунонки биёрам пас аз ин [1, с.107]. Ва Хоҷа оғозид ҳам аз аввал ба интиқом машғул шудану *жакидан* ва аз сар берун медод ҳадиси хоҷагон…[1, с.209]. Бар ҳар вақте ва бештар дар шароб *межакид* [1, с.303]. Бӯсаҳли Завзанӣ бар хашми худ тоқат надошт, бархост на тамом ва бар хештан *меҷакид* [1, с.236].

Лозим ба ёдоварист, ки гунаи *чахидан*, ба эҳтимоли қавӣ, шакли суғдии ин унсури луғавӣ аст [10, ҷ. 2, с.1003]: Ва чокарону бандагонро забон нигоҳ бояд дошт бо худовандон, ки муҳол аст рӯбоҳонро бо шерон *чахидан* [1, с.231].

Аз ҷумлаҳои боло аён аст, ки шакли *жакидан* маънои «зери лаб аз қаҳр ғурғур кардан» ва варианти *чахидан* «ситеза кардан»-ро ифода намудааст.

Таҳлилу муқоисаи шаклҳои дар «Таърихи Байҳақӣ» мавҷуда ва гунаҳои дар лаҳҷаҳои муосири ҷанубӣ бакорраванда нишон медиҳанд, ки бар ивази вариантҳои қадими ин калима ҳоло шаклҳои нав бо тобишҳои нави маъноӣ ба истеъмол ворид шудаанд. Чунончи, имрӯз вожаи мавриди таҳлил дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ, ҷанубӣ-шарқӣ, марказӣ ба гунаҳои *ҷақидан*, *ҷаққидан*,*ҷакидан*, *жағиян* дар ифодаи маъноҳои: 1] ав-ав кардан; 2] беҳудагӯӣ кардан, пургӯӣ кардан истифода мегардад [5, с.872].

Соҳибони лаҳҷаҳои ҷанубӣ воҳидҳои луғавии *ҷакиш* [«ак-ак, аккос»], *ҷаккок*, *ҷақоқ* («сергап, лаққӣ, пургӯй»)-ро низ ба кор мебаранд, ки онҳо бо *жакидан* решаи умумӣ дошта [5, с.872], бо гирифтани пасвандҳои *–иш*, *-ок* ё *–оқ* исму сифат сохтаанд.

Яке аз вожаҳои минбаъд аз доираи забони адабии тоҷикӣ хориҷгардида, вале дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, бахусус гӯйиши ҷанубӣ пойдормонда феъли *тосидан* аст, ки дар осори ниёгон, бино ба ахбори бархе аз фарҳангнигорон, маъноҳои зеринро дошт: 1) музтариб ва андӯҳнок шудан; 2) ғамнок ва дилгир шудан; 3) хастагӣ ва кӯфтагӣ; 4) пай дарпай нафас задани мардум ва аспу ҷонвари дигар аз касрати гармо; 5) ба маънии тоса, ки фишурдани гулӯ бошад [4, ҷ. 4, с.5484].

Дар ин ҷумлаи «Таърихи Байҳақӣ» *тосидан* маънои «нафас задани паёпайи инсону ҳайвон аз касрати гармо»-ро пайдо кардааст: Ва Хоҷа Ҳусайн бар пил буд ва ҷанге ба пой шуд, ки аз он сахттар набошад, ки хасмон кор дар мутовалат (бо касе ҷанги тӯлонӣ кардан-А.У.) афканданд ва нек бикӯшиданд ва на чунон омад ва бар он ҷумла, ки андешида буданд, ки ба нахуст ҳамла хасмон бигурезанд ва рӯз сахт гарм шуд ва рег битафт (сӯзон шуд-А.У.) ва лашкару сутурон аз ташнагӣ *битосиданд* [1, с.518].

Бархе муҳаққиқон асли унсури луғавии мазкурро дарӣ ҳисоб намудаанд, баъзеи дигар бо назардошти мавҷуд будани ҳамсадои *с* дар байни ду садонок, ки хосси забонҳои шимолӣ-ғарбии миёнаи эронӣ (портӣ) аст, онро мансуб ба забони портӣ донистаанд [3, с.135]. Бояд гуфт, ки ин калима низ аз ҷумлаи унсурҳои басо қадими эрониасл ба шумор рафта, асоси замони ҳозираи он дар эронии бостон сурати * *tāsa*-ро дошт [10, ҷ. 2, с.815].

Калимаи номбурда дар забони форсии муосир истифода намешавад. Ҳанӯз хеле барвақт П. Н. Хонларӣ унсури луғавии мазкурро дар қатори чанд калимаи ғайримаъмул зикр намуда навишта, буд, ки «... бисёре аз феълҳои соддаи дигар ... матрук шуда ва ҷойи онҳоро феъли мураккаб ё иборати феълӣ гирифтааст, монанди туфидан... тосидан...» [9, с.96].

Лозим ба ёдоварист, ки доираи маъноии баъзе воҳидҳои луғавӣ ҳам дар таърихномаи Байҳақӣ, ҳам дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ васеъ буда, онҳо маҳз бо ҳамин хусусияташон аз гурӯҳи вожаҳои дигар фарқ мекунанд. Феъли таркибии номии *яла кардан* аз ҷумлаи ҳамин гуна унсурҳои луғавӣ аст. А. Деҳхудо дар осори гузаштагон ба маъноҳои зерин истифода гардидани *яла кардан*ро ишора намудааст: 1) раҳо кардан, гузоштан, сар додан; 2) тарк гуфтани ҷое, чизе ё касе; 3) сарфи назар кардан; 4) ба уҳдаи касе қарор додан; 5) бар ҷой гузоштан; 6) иҷоза додан, озодӣ додан; 7) озод кардан; 8) ба озодӣ дар чарогоҳ гузоштан; 9) фиристодан, ирсол намудан [2, ҷ. 14, 21096].

Абулфазли Байҳақӣ феъли *яла кардан*ро илова ба маъноҳои фавқуззикр боз барои ифодаи мафҳумҳои зерин мавриди истифода қарор додааст:

1. *Ба кор гумоштан*: Амир Масъуд ба Сипоҳон буд ва қасд дошт, ки сипоҳсолор Тошфаррошро он ҷо *яла кунад* (яъне мехост он ҷо Тошфаррошро ба кор гуморад-А.У.) ва бар ҷониби Ҳамадону Ҷибол равад…[1, с.57].

2. *Раҳо кардан*: Акнун масъала дигар шуду мо қасд кардан ба он сӯро *яла кардем* (раҳо кардем-А.У.) [1, с.61]. Ва агар вайро имрӯз бар ин ниҳод *яла кунем*, он чӣ хоста омадааст аз ғулому пилу асбу уштур ва силоҳ фиристода ояд [1, с.126].

3. *Вогузоштан*:…он диёр то Рум ва аз дигар ҷониб то Миср тӯлан ва арзан (ба дарозо ва паҳно-А.У.) ҳама ба забти мо ороста гардад, то Ғазнину Ҳиндустон ва он чӣ гушода омадааст, ба бародар *яла кунем*, ки на бегонаро бувад, то халифати мо бошад ва ба эъзоз бузургтар дорем [1, с.125].

4. *Қатъ намудан*, *бас кардан*: Ва агар ҳоҷат наёяд ба арза кардани ин мушофаҳа, ки ҳадиси бародари мо ва ақд дар он аст ва нигоҳ бо вай накунанд, *яла бояд кард* ин мушофаҳаро [1, с.274].

Бояд гуфт, ки ин феъл яке аз унсурҳои серистеъмоли луғавии таърихномаи Байҳақӣ аст [1, с.132, 136, 174, 259, 260, 311,495, 504, 555, 586, 603, 676, 686, 692].

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ унсури луғавии мазкур дар шакли *йала будан* барои ифодаи маънои «яла, кушода, во, боз; мавзеи кушоду хушҳаво будан» ба кор меравад: Хона-м-а дар-ъш йала-йай.

Инчунин, дар лаҳҷаҳои ин минтақаи Тоҷикистон феъли *йала кардан* дучор меояд, ки гӯйишшиносон ба се маъно истифода гардидани онро ишора намудаанд: 1. оғоз кардан: Митинг йала каан; 2.озод кардан, сабукдӯш намудан: Ҳолӣ гаштаесоаст, йала-ш каан бургадир-а; 3. во, боз кардан, кушодан: Ҳуб гуфта даро-ра ела кардъм [5, с.291].

Дар таърихномаи Байҳақӣ дар қатори гурӯҳи калони калимаҳои ёридиҳанда, бахусус пешояндҳо ҳамин гуна таркибҳои *ба думи / дар думи* ба маънои «аз дунболи, ба дунболи» зиёд ба мушоҳида мерасанд. Таҳлилу муқоиса нишон медиҳад, ки шакли *ба думи* дар қиёс ба гунаи *дар думи* бештар мавриди истифода қарор дорад: Охир, пиёдагони гузидатар аз они мо пеш рафтанд бо сипару найза ва камону силоҳи тамом *ба думи эшон* [1, с.494]. Ва саворони осуда (тозанафас-А.У.) *ба думи* ҳазиматиён рафтанд ва бисёр пиёда аз ҳар дасте бигрифтанд [1, с.495]. Охир қарор доданд, ки ҳоҷибе бо саворе чанд хайлтош ва дигар асноф бирафтанд ва сипоҳсолор мутанаккир бе кӯсу алам *ба думи* эшон рафт ва намози дигар дастовез карданд ва ҷанге сахт буд ва аз ҳар ду рӯй чанд тан куштаву мачрӯҳ шуд [1, с.601]. Ва агар султон ба Фарова равад, на ҳамоно эшон сабот хоҳанд кард, ки ба алаф сахт дармондаанд ва мегуфтанд: «Ҳарчанд *ба думи* мо меоянд, мо пештар меравем, то зимистон фароз ояд ва зачир шаванду бозгарданд ва вақти баҳор мо бебуна ба ҷанг бозоем» [1, с.641, 686, 721]. ...ва лашкаре қавӣ *дар думи* эшон рафт бо Пирии охурсолор ва чанд ҳоҷибу муқаддами бономтар…[1, с.478]. Амир гуфт: «Ин чӣ Хоҷа мегӯяд, чизе нест, Хуросон ва гузарҳо пурлашкар аст ва туркмонони ирокӣ бигрехтанду эшонро то Балхонкӯҳ битохтанд ва лашкар *дар думи* эшон аст» [1, с.484]. Ва аз он ҷо Пирии Охурсолорро бо муқаддаме чанд бифиристоданд *ба думи* ҳазиматиён [1, с.609].

Баробари шаклҳои зикршуда дар асар гунаҳои *ба дум*, *думи* низ истифода гардидаанд: Ва Туркчаи ҳоҷиб *ба дум* меомад ва асбони мондаро, ки қиматӣ буданд, бар мекард (пов. ба ҳаракат меовард ва мехезонд) [1, с.660]. Бактагини ҳоҷибсохта бо мардуми тамом *думи* эшон гирифт [1, с.476]. Аз бими он, то талабе (пов. Ҷӯяндае) *думи* эшон наравад, он хабар афканда буданд [1,с.539].

Пешояндҳои *дар думи* / *ба думи* дар таърихномаи ёдшуда як унсури дигари ҳамвазифа доранд, ки он *бар асари* ё *бар асар* аст:…пеши масофи ин подшоҳ мумкин нест, ки кас биистад ва агар *бар асари* мо, ки ба ҳазимат бирафта будем, кас омадӣ, кори мо зор будӣ [1, с.602]. Ва агар фуруд наёмадӣ ва *бар асари* мухолифон рафтӣ, ҳамагон мин таҳтил-қурт (аз таҳти дил ва бидуни чуну чаро-а.У.) бирафтандӣ… [1, с.609]. Ва туркмонон *бар асар* меомаданд ва фавҷе намоише мекарданд ва дигарон дар ғорати бунаҳо машғул [1, с. 660].

Имрӯз дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ вожаи *дум* / *думи* дар шаклҳои *дъм* / *дъмб* / *думб* истифода гардида, ба ҷуз маъноҳои: 1. дум; 2. як навъи растанӣ, ки хӯшааш ба шакли думи гов аст, боз ҳамчун пешоянди номии изофӣ ба кор рафта, маънои «ақиби, паси, пушти, пайи, дунболи»-ро ифода менамояд: Ҳоли дъмби Толибуф-а бъги, мусъфедо-ра йофта мета-т. Ма дъмби ҳами кас-а ас ҳуй надодъм [6, с.250].

Вожаи мазкур дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба ҷуз суратҳои зикргардида инчунин дар шакли *дъмби дар дъмб* низ ба ҳамон вазифаи тазаккурёфта ба кор меравад: Шаш бача-ш дъмби дар дъмб мехунан [6, с.250].

Дар асари мавриди таҳлил дар қатори калимаҳои аслии тоҷикӣ боз баъзе вожаҳои иқтибосии арабие истифода шудаанд, ки онҳо низ ҳоло агарчи аз доираи таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ берун рафтаанд, аммо дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, бахусус ҷанубӣ бо дигаргунии муайяни овозӣ маҳфуз мондаанд. *Ҳоит* аз ҷумлаи ҳамин гуна калимаҳост: …амир Разӣ вайро бинавохту маншур дод ба мавзеи харочи *ҳоите*, ки ӯ дошт (амири сомонӣ харочи боғро бахшид-А.У.) [1, с. 257].

Вожаи мазкур ҳоло дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар шакли *ћота* / *ҳота* боқӣ монда, тавассути он мафҳуми қитъаи обчакории назди ҳавлӣ ифода мешавад: Порина хук ћотайи Садаф-да омъхта бъд, ҳама пийоз-а ҷазир карда бъд. Къшқоро-ра ай ћота бадар-шун кънан [6, с.120].

Хулоса, дар таърихномаи Байҳақӣ дар радифи бисёр воҳидҳои луғавие, ки имрӯз ба ҳукми архаизм ворид гардидаанд, боз як силсила воҳидҳои луғавие мавҷуданд, ки онҳо бо вуҷуди ҳоло дар забони адабӣ ба кор нарафтанашон дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, аз ҷумла ҷанубӣ, бо ҳамон гунаи куҳан ё шакли тағйирёфта маҳфуз мондаанд.

АДАБИЁТ

1. Байҳақӣ, Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ: таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо Сайфуллоҳи Муллоҷон. – Душанбе: Бухоро, 2014. - 774 с.

2. Деҳхудо А. Луғатнома. Ҷилдҳои 4, 14. - Теҳрон, 1375 - 568 с.
3. Ефимов В.И. Персидский, таджикский, дари / В.И. Ефимов, В.С.Расторгуева, Е.Н. Шарова // Основы иранского языкознания. Новоиранские языки. - М.: Наука, 1982. - С. 5-230, 571.
4. Қосимӣ М. Фарҳанги масодири забонҳо ва гӯйишҳои забонҳои эронии Тоҷикистон. Ҷилдҳои 1-2. - Душанбе, 1376. - 8520 с.
5. Маҳмудов М. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М.Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. - Душанбе, 2012. - 874 с.
6. Неменова Р.Л. Шеваи æанубии забони тоҷикӣ / Р.Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев. - Душанбе: Дониш, 1980. – Ҷ.1. – 371 с.
7. Рашидӣ А. Фарҳанги Рашидӣ. Ҷилдҳои 1-2. - Теҳрон, 1364. - 734 с.
8. Ромпурӣ Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 1. - Душанбе: Адиб, 1987. - 457с.
9. Хонларӣ П.Н. Таърихи забони форсӣ. Бахш аз ҷилди 2. - Теҳрон, 1349. - 254 с.
10. Ҳасандӯст М. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. - Теҳрон: Нашри осор, 1393. - Ҷ. 2. – С. 587-1410; - Ҷ.4. - С.2082-2955.
11. Ҳасанов А.Лаҳҷашиносии таърихӣ / А.Ҳасанов. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. - 174 с.
12. Ҳасанов А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯйиши шимолӣ [бахши Фарғонаи ғарбӣ] / А.Ҳасанов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 254 с.

РОБИТАИ ЗАБОНИ «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ» БО ЛАҲҶАҲОИ МУОСИРИ ҶАНУБИИ ТОҶИКӢ

Мақола ба масъалаи робитаи забони яке аз осори гаронбаҳои садаи XI-и форсу тоҷик - «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубии тоҷикӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар заминаи маводи гирдовардааш нишон додааст, ки як гурӯҳ калимаву таркиб ва ибораҳои таърихномаи мазкур имрӯз агарчи аз доираи таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои дигар хориҷ шудаанд, аммо дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ побарҷо мондаанд. Чунин калимаҳо дар ҳар ду даврон: ҳам замони Байҳақӣ, ҳам имрӯз гоҳ ба як маъно ва гоҳ ба чанд маъно мавриди истифода қарор доранд, ки дар мақолаи мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар асоси таҳлил ва муқоисаи ин гуна воҳидҳои луғавӣ нишон додааст, ки бархе аз вожаҳо аз садаи XI то имрӯз таҳаввулоти муайяни шаклиро паси сар кардаанд. Муаллифи мақола ҳамчунин муайян кардааст, ки дар таърихномаи Байҳақӣ дар радифи бисёр воҳидҳои луғавие, ки имрӯз ба ҳукми архаизм ворид гардидаанд, боз як силсила воҳидҳои луғавие мавҷуданд, ки онҳо бо вуҷуди ҳоло дар забони адабӣ ба кор нарафтанашон дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, аз ҷумла ҷанубӣ, бо ҳамон гунаи куҳан ё шакли тағйирёфта маҳфуз мондаанд.

Калидвожаҳо: таркиби луғавии забон, робита, таҳаввулот, осори ниёгон, шева, лаҳҷаҳои ҷанубӣ, реша, пешояндҳо, маъно, тобишҳои маъноӣ, забон-асос.

РЕЧЕВАЯ СВЯЗЬ «ИСТОРИЯ БАЙХАКИ» С СОВРЕМЕННЫМИ ЮЖНЫМИ ТАДЖИКСКИМИ ДИАЛЕКТАМИ

Статья посвящена вопросам речевой связи одного из ценных произведений таджикско-персидской литературы XI века «Истории Байхаки» Абулфазла Байхака с современными таджикскими южными диалектами. Автор на основании собранных материалов показывает, что определённая группа слов и словосочетаний, а также конструкций вышеуказанной исторической летописи, хотя ныне вышла из круга обращения и словарного состава литературного таджикского языка и других диалектов, но сохранилась в южных диалектах таджикского языка. Такие сохранившиеся слова и в прошлые времена – во времена Байхака - и в наше время являются предметом употребления то в одном значении, то в нескольких значениях, которые исследованы в данной статье. Автор на основании разбора и сопоставления данных словарных единиц излагает, что некоторые из этих слов, начиная с XI века до наших дней, перенесли определённую эволюцию видоизменений, и до сих пор не используются в литературном языке. Автор статьи также заявляет, что в истории Байхаки, наряду со множеством словарных единиц, которые сегодня относятся к архаизмам, есть ещё группа таких словарных единиц, которые пока не используются в литературного языка, в том числе в диалекте, и в южных говорах, сохраняются в таких старинных и измененных видах.

Ключевые слова: словарный состав языка, связь, эволюция, произведения предков-литераторов, диалект, южные диалекты, корень, предлог, смысл и содержание, смысловые оттенки, язык-основа.

VOICE CONNECTION «HISTORY OF BAIHAK» WITH MODERN SOUTHERN TAJIK DIALECTS

The article is devoted to the speech communication of one of the most valuable works of Tajik-Persian literature of the XI century «The history of Baihak» by Abdulfazl Baihak with modern Tajik southern dialects. The author on the basis of collected materials shows that a certain group words and phrases, as well as structures the above-mentioned historical chronicles, though now came out of range of treatment vocabulary of literary Tajik language and other dialects, but remained in the Southern dialects Tajik language. Such preserved words and in the past time – at the time Baihak and nowadays are the subject of use it in the sane value, then a few values, which are investigated in this article. The author, on the basis of the analysis and comparison of these vocabulary units, states that some of these words, from the XI century to the present day, have endured a certain evolution of modifications. The author, also states that in the history of the Baihaqi, along with multiple vocabulary units, which today are in the framework of archaism, there is another group of such vocabulary units that are not yet used in the literary language, including dialects and southern dialects are preserved with such ancient and modified types.

Key words: vocabulary of the language, connection, evolution, works of ancestors-writers, dialect, southern dialec ts, root, preposition, meaning and content, semantic shades, language basis.

Сведения об авторе: ***Азимова У.А.*** **–** Худжандский государственный университет им. Бободжона Гафурова, соискатель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1

Information about the author: ***Azimova U.A.*** **–** Khujand State University named after Bobojon Gafurov, applicant of the Tajik language department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova 1

УДК:491.550.56:82

ҲАМБАСТАГИИ АШЪОРИ НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ БО ГӮЙИШҲОИ ТОҶИКӢ

Ҷӯраева С.Б.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Мусаллам аст, ки аносири луғавии дар гӯйишҳои мухталифи тоҷикӣ пойдормондаи осори куҳани асримиёнагӣ барои возеҳ гардидани нуктаҳои нокушуда ва мавҳуми таърихи забони тоҷикӣ мадади калон хоҳанд расонид. Аз ин ҷиҳат, унсурҳои тасодуфӣ ва аҳаммияти дуюмдараҷа доштаи забон ҳисобидани чунин калимаву ибораҳо мувофиқи мақсад нахоҳад буд. Ба ин нукта ҳанӯз хеле барвақт муҳаққиқи машҳури Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ ишора карда навишта буд, ки пасту беарзиш шуморидани ин гуна дороиҳои луғавии забон ва ба онҳо бо чашми беэътиноӣ нигаристан дуруст нест, зеро онҳо низ «… суратҳои дигаре аз ҳамон забони аслии куҳан ё муншаиб аз асли бостонии куҳане ҳастанд» [17, с.82] Ба чунин гуфтаҳо ҳаминро афзудан лозим меояд, ки бисёре аз вожаву ифодаҳои фавқ, бахусус воҳидҳои фразеологӣ дар даврaҳои хеле қадим ба вуҷуд омадаанд. Даврони тахминии ташаккули онҳоро аз рӯйи вожаҳои дохилиашон муайян намудан мумкин аст: аксари он таъбирҳое, ки дар таркиби худ фақат калимаҳои аслии тоҷикӣ доранд, дар асрҳои пеш аз ҳуҷуми арабҳо ба вуҷуд омадаанд, аммо онҳое, ки дар таркибашон як-ду ё беш аз он вожаҳои иқтибосӣ, бахусус арабиро доранд, дар садаҳои баъдтар ташаккул ёфтаанд. Ҳамин ҷиҳати масъаларо дар назар дошта, забоншиноси маъруфи тоҷик, профессор Маҷидов Ҳ. навиштааст, ки «инъикоси захираи фразеологии умумиэрониро дар забонҳои чудогонаи имрӯза, албатта, бисёр вақт дар шакли як андоза тағйирёфта ва дигаргуншуда мушоҳида намудан мумкин аст. Чунончи, ибораҳои тоҷикии «қасам хӯрдан», «гӯш додан» ва монанди инҳо, ки аз қабили воҳидҳои фразеологии хеле қадимаи тоҷикӣ ба шумор мераванд, бо тағйироти андаке дар забонҳои дигари имрӯзаи эронӣ ба кор бурда мешаванд. Ибораи «қасам хӯрдан», ки дар таркиби худ калимаи арабии «қасам»-ро дорад, варианти лексикии нисбатан баъдтари ифодаҳои қадимаи тоҷикии «савганд хӯрдан» ё «савганд ёд кардан» мебошад» [7, с.67].

Таҳлили ибораҳои рехтаи осори Низомӣ ва муқоисаи истифодаи онҳо бо гӯйишҳои ҳозираи тоҷикӣ нишон медиҳанд, ки қисме аз онҳо дар тӯли мавҷудияти дуру дарози худ ба таҳаввулоти шаклӣ, ҳиссаи дигар ба дигаргунии шакливу маъноӣ ва гурӯҳи сеюмашон аз баъзе маъноҳои куҳанашон маҳрум шудаанд ё дорои маъноҳои нав гардидаанд, ки ба риштаи таҳлил кашидани ҳар кадоме аз онҳо барои инъикос гардидани дараҷаи таҳаввули онҳо мадади калон хоҳад расонд.

Дар осори мансуру манзуми асри XII ибораҳои рехтаи феълӣ ҳамчун захираи муҳимми луғавӣ мақому мавқеи махсус дошта, дар ифодаи маъноҳои мухталиф мавриди истифода қарор гирифтаанд. Маҳз ба ҳамин нукта ишора карда, забоншиноси шинохта, шодравон Ҳалимов С. қайд карда буд, ки «ибораҳои рехта ҳамчун яке аз қисматҳои муҳимми таркиби луғавии забон таърихан ташаккул ва таркиб ёфта, дар осори манзуми ин асрҳо (садаҳои XI-XII - С.Ҷ.) то андозае инъикос ёфтааст» [18, с.34].

Таҳлили таркиби луғавии ашъори Низомии Ганҷавӣ баёнгари он аст, ки ӯ дар радифи истифода аз аносири луғавии адабӣ, умумиистеъмолӣ боз баъзан таркибу ибораҳоеро истифода намудааст, ки онҳо ҳам дар забони осори гузаштагон, ҳам дар даврони ҳозира доираи маҳдуди корбурд доранд, вале ҳамин унсурҳои луғавии дар забони адабӣ маҳдудистеъмол дар гӯйишҳои ҳозираи тоҷикӣ фаровон ба назар мерасанд. Чунин ибораҳоро аз рӯйи дараҷаи мутобиқат доштанашон бо меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба гурӯҳҳои зайл тақсим намудан мумкин аст:

1. Як қисми ин гуна таъбирҳоро онҳое ташкил медиҳанд, ки аз ҷиҳати шаклу маъно аз забони ҳозира тафовуте надоранд. Ба силсилаи чунин ибораҳо таъбирҳои **аз раҳ задан** (ҳавои дил раҳаш мезад, ки бархез, гули худро бар ин шаккар баромез-8, 1, с. 100), **ба дасти касе афтодан** (ҳам охир дар канори пастам афтӣ, ба даст оиву ҳам дар дастам афтӣ-8, 1, с. 295), **гӯш кар кардан** (набиди талх бо ӯ мекунам нӯш, зи талхиҳои Ширин кар кунам гӯш-8, 1, с. 295), **бозори касе тез шудан** (аз он пазруфтаҳои рағбатангез, дигарбора шавад бозори ман тез-8, 1, с.408), **бозор тез кардан** (гавҳари гӯши гавҳаровезаш, карда бозори ошиқон тезаш-8, 3, с.123), **чашми бад дур** (дурроҷаи Муштарӣ ба он нур, аз чашми ту гуфта чашми бад дур-8, 2, с. 38), **ба ҳуш омадан** (омад чу ба ҳуши хештан боз, дод аз дили худ шикебро соз-8, 2, с.204), **дида бастан** (чунки Баҳром шуд нишотпараст, дида дар нақши ҳафт пайкар баст-8, 3, с.148), **дам задан** (то дами субҳ ҳеҷ дам назананд, ҷуз пайи якдигар қадам назананд-8, 3, с. 232), **аз ғам сӯхтан** (шамъвор имшабе барафрӯзам, к-аз ғамат чун чароғ месӯзам-8, 3, с.176), **ба гӯш расидан** (ба гӯши халифа расид ин сухан, ки нақли нав омад зи кони куҳан-8, 5, с.75), **дилро шикастан** (диламро ғами бенавоӣ шикаст, гирифтам раҳи нонвоӣ ба даст-8, 5, с.80), **ангушт ба дандон газидан** (з-ин ситам ангушт ба дандон газид,

гуфт: «Ситам бин, ки ба мурғон расид»-8, 5, с.316), **корд ба устухон расидан** (нагзорам нохуне зи дастат, чун корд ба устухон расидаст-8, 5, с.403), **дида дӯхтан** (ба зонуи адаб пешат нишинам, бидӯзам дида в-он гаҳ дар ту бинам-8, 1, с.301) ва монанди инҳо дохил мешаванд.

2. Гурӯҳи дигари ибораҳоро онҳое ташкил медиҳанд, ки дар тӯли мавҷудияти тӯлонияшон вожаҳои алоҳидаи таркибашон ё унсурҳои алоҳидаи калимасозу шаклсозашон ё ки калимаҳои ёвари дар муносибати грамматикии байни вожаҳо истифодашаванда ба таҳаввулот дучор гардидаанд. Масалан, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва гӯйишҳои он ибораи фразеологии **аз даҳон бӯйи шир омадан** ба кор меравад. Дар осори Низомӣ бошад, ин ибора дар натиҷаи ивази яке аз вожаҳои таркиби он- **даҳон** ба **дандон** ба гунаи **аз дандон бӯи шир омадан** (ҳанӯзам бӯи шир ояд зи **дандон**, машав дар хуни ман чун шер хандон-8, 1, с. 65) мавриди истифода қарор гирифтааст. Бо ибораи **намак хӯрда намакдонро шикастан** низ ҳодисаи ба ин монанд рӯй додааст, яъне шоир бо роҳи ивази калимаи **шикастан**и таркиби ибора ба вожаи **рехтан** таъбири мазкурро ба шакли **намак хӯрдан, намакдон рехтан** (намак хӯрдан, намакдон рехтан чанд, бас он, к-аз баҳри ту бечора гаштам-8, 1, с.299) табдил додааст. Ба силсилаи чунин ибораҳои рехта боз **даст бар пой задан** (ба сони гӯсфанди кушта бар ҷой, фурӯ афтода мезад даст бар пой-8, 1, с. 167), **пойи хешро баркашидан** (аз ин ҷо агар баркашам пои хеш, нигаҳ дорам андозаи рои хеш-8, 4, с.248), **орзу даршикастан** (хандаи ғафлат ба даҳон даршикаст, орзуи умр ба ҷон даршикаст-8, 5, с.391) ва ғайраҳо метавонанд мансуб бошанд, ки дар онҳо имрӯз мутаносибан пешоянди **бар** ба пайвандаки **–у** иваз шуда (дасту пой задан), ба ҷойи ҷонишини **хеш** калимаи **худ** истифода гашта, пешвандҳои феълсози **бар-** (пойи худро кашидан) ва **дар-** (орзу шикастан) фурӯгузор шудаанд.

3. Дастаи дигари фразеологизмҳои осори шоирро онҳое ташкил медиҳанд, ки ҳоло асосан дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ истифода гардида, дар забони адабӣ бештар дар нутги персонажҳои асари бадеӣ ба назар мерасанд. Ибораҳои **чапро аз рост надонистан** (хирад дар ҷустанаш ҳушёр бархост, чу донисташ, намедонад чап аз рост-8, 1, с. 26), **аз даст ҳеҷ кор наомадан** (ба сахтӣ мегузашташ рӯзгоре, намеомад зи дасташ ҳеҷ коре-8, 1, с.208), **бехуд шудан** (овози нашид баркашидӣ, бехуд шуда сӯ ба сӯ давидӣ-8, 2, с.86), **ҷони касеро баровардан** (кас нест, ки оташе дарорад, дуд аз ману ҷони ман барорад-8, 2, с.95), **бо касе (чизе) бозӣ кардан** (к-осмон бин, чӣ турктозӣ кард, бо чу ман хусраве чӣ бозӣ кард-8, 3, с.151), **кор аз даст рафтан** (гарм гаштам чунонки гардад маст, ёр дар дасту рафта кор аз даст-8, 3, с.165), **душманро ба шакар куштан** (симкушон, к-оташи зар куштаанд, душмани худро ба шакар куштаанд-8, 5, с.358) аз ҳамин ҷумла мебошанд.

4. Баъзеи ин гуна ибораҳо ҳоло танҳо дар як ё ду лаҳҷаи тоҷикӣ мавриди истифода қарор доранд. Масалан, дар байтҳои зерини Низомӣ таъбирҳои **заҳра бидаридан** (зи бас бонги шайпури заҳрашикоф, бидаррид заҳра, бупечид ноф- 8, 4, с.177) ва **сахт гирифтан** (рутаб, к-ӯ расида бувад бар дарахт, ба сустӣ расад, гар нагириш сахт-8, 4, с.421) дучор меоянд. Агар имрӯз ибораи **заҳра бидаридан**, ки маънои «тарсидан»-ро дорад, танҳо хосси лаҳҷаи Исфара бошад [19, с.26], пас таъбири дуюм дар ифодаи маънои «ҷиддӣ муносибат кардан» бештар аз забони мардуми ҷануби Тоҷикистон шунида мешавад.

5. Дар байни чунин захираҳои луғавӣ ибораҳое низ дучор меоянд, ки соҳибони осори гузашта онҳоро дар қаринаҳои гуногун ба кор бурда, якеро бештар, дигареро камтар мавриди истифода қарор додаанд. Чунончи, дар ашъори Низомӣ ибораи **дер ояду шер ояд** (ба арзи зиндагӣ дер омадам, дер, в-агар дер омадам, шер омадам, шер-8,1, с.44) боз ба гунаи **дер ояду дуруст ояд** (чӣ хуш гуфт ин сухан пири ҷаҳонгард, ки «дер ою дуруст ой, эй ҷавонмард» -8, 1, с.44) низ ба кор бурда шудааст.

Имрӯз ҳам дар забони адабии тоҷикӣ, ҳам гӯйишҳои он танҳо шакли аввал дучор меояд.

Ифодаҳои **ба дил гуфтан** [8, 5, с.209], **дар дил омадан** [8, 5, с.123] низ аз қабили ҳамин гуна воҳидҳои фразеологӣ ҳастанд, ки Низомии Ганҷавӣ онҳоро дар баёни маънои «ба худ гуфтан» ба кор бурдааст. Имрӯз дар қатори дигар гӯйишҳои тоҷикӣ ҳар ду таъбирро сокинони шимоли Тоҷикистон ба маънои «тахмин кардан» мавриди истифода қарор медиҳанд [2, с. 108].

6. Дар ашъори Низомии Ганҷавӣ як силсила ибораҳои фразеологӣ ба назар мерасанд, ки онҳо низ дар айни ҳол дар забони адабии тоҷикӣ мустаъмал нестанд, аммо дар гӯйишҳои тоҷикӣ ба ҳамон гунаи қадим ё бо таҳаввулоти ҷузъии шакливу маънӣ маҳфуз мондаанд. Яке аз чунин ибораҳо воҳиди фразеологии **бӯ шунидан** (мурғ зи гул бӯи Сулаймон шунид, нолаи довудӣ аз он баркашид-8, 5, с.298) ҳисоб мешавад.

Барои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ бегона будан ва фақат хосси лаҳҷаҳои алоҳида будани ин ибора ба маънои «эҳсос намудан ба воситаи узви шомма» олимонро ба хулосае овардааст, ки истифодаи феъли таркиби он: **шунидан** ба маънои «дарк кардан ба воситаи ҳисси бӯёӣ» мувофиқи тақозои ҳусни баён нест [3, с.39; 11, с. 256]. Вале аҷиб аст, ки ҳамин

калимаи «мувофиқи тақозои ҳусни баён» набударо ҳанӯз Абулқосим Фирдавсӣ, Саноии Ғазнавӣ ва дигар адибони асримиёнагӣ ба кор бурдаанд:

Наванд аспи ӯ бӯи аспон шунид,
Хурӯше бароварду андар дамид [15, ҷ.5, с.192].
Бӯи пироҳани гумкардаи худ мешунавам,
Гар бигӯям, ҳама гӯянд, залолест қадим [14, ҷ.2. с.142].

Фозилов М. дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» ибораи «бӯи чизеро фаҳмидан (шунидан)»-ро зикр намуда, онро «чизеро донистан, ба чизе пай бурдан» шарҳ додааст ва аз Ҳ. Ирфон, инчунин баъзе маҷаллаву рӯзномаҳо шоҳид овардааст [16, ҷ.1, с. 149].

7. Афзунии таъбирҳои феълиро дар осори Низомӣ аз ҳамин ҳам фаҳмидан мумкин аст, ки шоир барои ифодаи мафҳуми «мурдан, фавтидан» силсилаи зиёди чунин ибораҳоро мавриди истифода қарор додааст. Азбаски роҷеъ ба ифодаи мафҳуми «мурдан, фавтидан» сухан рафт, бояд ишора намуд, ки чанде аз муҳаққиқон дар ҷараёни тадқиқи асари ин ё он шоир ё нависанда дар баёни мафҳуми номбурда ба кор рафтани **чил** [21, с.92] ё **сад** [5, с.18] ё ки **ҳазору ҳаштсаду ҳаштоду нуҳ** [4, с.89-139] калимаву ибораҳоро ишора намудаанд. Аз осори Низомии Ганҷавӣ маълум мегардад, ки корбурди ин гуна таъбирҳо дар забони тоҷикӣ собиқаи тӯлонӣ доштааст: **ҷон баровардан** (в-он кас, ки на ҷон ба ту супорад, он беҳ, ки зи ғусса ҷон барорад-8, 2, с.87), **ҷон додан** (ёре, ки зи ҷон мутеам ӯро, дар додани ҷон шафеам ӯро-8, 2, с.95), **ҷон супордан** (чун ҷони худ инчунин супорам, бар ҷони шумо чӣ раҳмат орам?-8, 2, с.134), **аз ҷаҳон бурун рафтан** (аҳвол чӣ пурсиям, ки чун рафт, бо ишқи ту аз ҷаҳон бурун рафт-8, 2, с.253), **зи ҷаҳон рафтан** (к-эй тозагули хазонрасида, рафта зи ҷаҳон ҷаҳон надида-8, 2, с.257), **зи ҷаҳон рахт барбастан** (Маҷнун зи ҷаҳон чу рахт барбаст, аз сарзаниши ҷаҳониён раст-8, 2, с.266), **дида бастан** (бар маҳди арӯс хобанида, хобаш бирабуду баст дида-8, 2, с.266), **зи олам рафтан** (ё Раб, чу ба эҳтирозу покӣ, рафтанд зи олам он ду хокӣ-8, 2, с.268), **рахт аз ин ҷаҳон бурдан** (Лайлӣ шуду рахт аз ин ҷаҳон бурд, бо доғи ту зист, ҳам дар он мурд-8, 2, с.304).

Ҳоло дар гӯйишҳои тоҷикӣ аз байни чунин ибораҳо асосан таъбири **ҷон додан** ба кор рафта, ифодаҳои дигар дар лаҳҷаҳои алоҳидаи тоҷикӣ бо таҳаввулоти ҷиддӣ ё ҷузъии шаклӣ дучор меоянд.

Ба ин тариқ, маълум мегардад, ки Низомии Ганҷавӣ дар ҷараёни ифодаи матлаб баробари истифода аз дороиҳои забони адабии тоҷикӣ боз аз бархе ибораҳои устуворе низ истифода намудааст, ки онҳо ба шоир барои ифодаи андешаҳояш ёрии калон расонидаанд. Аксари чунин ибораҳо имрӯз дар гӯйишҳои тоҷикӣ ба ҳамон гунаи қадим ё бо гирифтани хусусиятҳои алоҳида мавриди истифода қарор доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Деҳхудо А. Луғатнома. Ҷилди 3. - Теҳрон, 1373.
2. Зоҳидов А. Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд / А.Зоҳидов, Б.Осимова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2013.
3. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б.Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967.
4. Қосимӣ М. Тасвири марг дар адаби форсӣ // Номаи пажӯҳишгоҳ. Фаслномаи пажӯҳишгоҳи эроншиносӣ. – Душанбе, 2007. - № 15-16. - С.89-139.
5. Маҳкамова Б. Воҳидҳои фразеологии ашъори Лоиқ Шералӣ / Б. Маҳкамова. – Хуҷанд: Ношир, 2009.
6. Лоиқ Шералӣ. Фарёди бефарёдрас. – Душанбе: Адиб, 1997.
7. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 1982.
8. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. Иборат аз панҷ ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 1982-1984.
9. Ромпурӣ М.Ғ. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 1. – Душанбе: Адиб, 1987.
10. Саймиддинов Д. Дар мавриди иқтибосҳои суғдӣ бо як нишонаи овоӣ дар осори форсии дарӣ ва гӯйишҳои тоҷикӣ / Д. Саймиддинов // Пажӯҳишнома (маҷмӯаи мақолот). – Душанбе: Деваштич, 2002. - № 2. - С.5-24.
11. Сайфуллоев А. Аркони сухан / А.Сайфуллоев. – Душанбе: Маориф, 1985. – С. 213-271.
12. Саноӣ. Осори мунтахаб. – Душанбе: Адиб, 1993.
13. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ // Таджикско-русский словарь (Нашри дувум бо илова, такмил ва ислоҳ. Зери таҳрири Д. Саймиддинов, С.Д. Холматова, С. Каримов). - Душанбе, 2006.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилдҳои 1-2. - М.: Советская энсиклопедия, 1969.
15. Фирдавсӣ А. Шоҳнома. Ҷилдҳои 1-9. – Душанбе: Адиб, 1987-1991.
16. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта. Ҷилдҳои 1-2 / М.Фозилов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963-1964.
17. Хонларӣ П.Н. Дастури таърихии забони форсӣ. Чопи аввал. - Теҳрон, 1372.
18. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои XI-XII) / С.Ҳалимов. – Душанбе, 2002.
19. Ҳасанов А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ) / А. Ҳасанов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003.
20. Ҳасанов А. Сесаду панҷоҳ муродифи гуногунрешаи як вожаи эрониасл / А. Ҳасанов // Армуғони «Ганҷи сухан». Ҷилди севум. – Хуҷанд: Ношир, 2009. – С.106-116.
21. Ҳикматуллоев Н. Хусусиятҳои маъноию услубии муродифоти луғавӣ / Н.Ҳикматуллоев. – Хуҷанд: Ношир, 2013.
22. Ҷӯраева С. Муродифот дар ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ / С. Ҷӯраева. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2011.
23. Ҷӯраева С. Чил муродифи як вожаи эрониасл дар тарҷумаи «ТаърихиТабарӣ»- и Табарӣ / С. Ҷӯраева // Гулистони маърифат. - Хуҷанд, 2012. – С. 122-125.

24. Ҷӯраева С. Эвфемизмҳои ҳаммаънои як вожаи вулгарӣ дар тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» / С.Ҷӯраева // Забон-рукни тоат (маҷмӯаи мақолаҳо). Китоби шашум. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – С. 101-106.

ҲАМБАСТАГИИ АШЪОРИ НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ БО ГӮЙИШҲОИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур ҳамбастагии ашъори низоми Ганҷавӣ бо гӯйишҳои тоҷикӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳлили ибораҳои рехтаи осори Низомӣ ва муқоисаи истифодаи онҳо бо гӯйишҳои ҳозираи тоҷикӣ нишон медиҳанд, ки қисме аз онҳо дар тӯли мавҷудияти дуру дарози худ ба таҳаввулоти шаклӣ, ҳиссаи дигар ба дигаргунии шакливу маъноӣ ва гурӯҳи сеюмашон аз баъзе маъноҳои куҳанашон маҳрум шудаанд ё дорои маъноҳои нав гардидаанд, ки ба риштаи таҳлил кашидани ҳар кадоме аз онҳо барои инъикос гардидани дараҷаи таҳаввули онҳо мадади калон хоҳад расонд. Дар осори мансуру манзуми асри XII ибораҳои рехтаи феълӣ ҳамчун захираи муҳимми луғавӣ мақому мавқеи махсус дошта, дар ифодаи маъноҳои мухталиф мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, гӯишҳои тоҷикӣ, таҳаввулоти шаклӣ, ибораҳои рехтаи осори Низомӣ, гӯйишҳои ҳозираи тоҷикӣ.

ВЗАИМОСВЯЗЬ НАСЛЕДИЯ НИЗАМИ ГЕНДЖЕВИ С ТАДЖИКСКИМИ ГОВОРАМИ

В данной статье автор анализирует и рассматривает взаимосвязь наследия низами с таджикскими говорами. Анализ фразеологических словосочетаний наследия Низами и сравнение их использования с современными таджикскими говорами показывает, что часть из них в в процессе своего существования претерпели различные изменения, также некоторые из них потеряли свое первоначальное значение или приобрели новые значения и анализ каждого из них может помочь в отражении степени их эволюции. В поэтическом наследии XII века фразеологические словосочетания как важный словарный запас имеют особое значение и используются при выражении различных значений.

Ключевые слова: таджикский язык, таджикские говоры, форменные преобразования, фразеологические словосочетания в наследии Низами, современные таджикские говоры.

RELATIONSHIP OF THE HERITAGE OF GENJAI'S NIZHI WITH TAJIK SPEAKERS

In this article, the author analyzes and considers the relationship of the lower classes with Tajik dialects. An analysis of the phraseological phrases of the Nizami heritage and a comparison of their use with modern Tajik dialects shows that some of them have undergone various changes in the course of their existence, some of them have lost their original meaning or acquired new meanings, and analysis of each of them can help to reflect the degree of their evolution. In the 12th century poetic heritage, phraseological phrases as an important vocabulary have special meaning and are used in expressing various meanings.

Keywords: Tajik language, Tajik dialects, uniform transformations, phraseological phrases in the heritage of Nizami, modern Tajik dialects.

Сведения об авторе: ***Джураева Сарвиноз Бобокуловна*** – Худжандский государственный университет им. Бободжона Гафурова, доцент кафедры таджикского языка и литературы факультета восточных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1

Information about the author: ***Juraeva Sarvinoz Bobokulovna*** - Khujand State University named after Bobojona Gafurova, Associate Professor, Department of Tajik Language and Literature, Faculty of Oriental Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova 1

УДК: 492.7.09:491.550.3

ИҚТИБОСОТИ АРАБИИ ИФОДАКУНАНДАИ МАФҲУМҲОИ УМУМИИ ТАСАВВУФ ДАР НАСРИ БАДЕИИ ҶОМӢ

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Лексикаи ирфонӣ ё тасаввуфӣ дар илми забоншиносӣ аз ҷониби баъзе муҳаққиқон мавриди тадқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар тадқиқотҳои Х.К. Удам [13], С. Сабзаев [11; 12], Н.И. Пригарина [10], З. Мухторов [8; 9] ва Ф. Шарифова [19] ба паҳлуҳои гуногуни лексикаи сӯфиёна рӯшанӣ андохта шудааст. Дар тадқиқотҳои қаблан анҷомдодаи мо низ дар ин бора фасли ҷудогона мавҷуд аст [4; 22; 23]. Омӯзиши ин масъала аз нигоҳи адабиётшиносӣ низ хеле барвақт оғоз ёфта, натиҷаҳои хеле муфассали илмӣ ба даст оварда шудаанд. Бо вуҷуди ин, С. Сабзаев истилоҳоти сӯфиёнаро таҳлилу баррасӣ намуда, *«ҳамчун қисми муҳимми лексикаи умумихалқӣ дар гуфтори мардуми тоҷик ҷойи намоён»* доштани онро зикр менамояд ва онро ҷузъи асосии таркиби луғавии осори адабии сӯфиёни асрҳои XI-XII арзёбӣ мекунад. Сарфи назар аз ин ба андешаи муҳаққиқ С. Сабзаев *«истилоҳоти сӯфиёна яке аз қисматҳои кам омӯхташуда дар забоншиносии муосир ба ҳисоб меравад»* [12, с.3].

Дар мероси адабии аҳли тасаввуф истилоҳоти махсусе, ки маҳз дар байни ин тоифа ба кор бурда мешуданд, мақоми махсус дорад. Бештари ин гуна вожаҳо арабӣ буда, бар замми маънои луғавие, ки дар забони арабӣ доранд, боз маънои истилоҳӣ касб кардаанд. Донистани истилоҳоти сӯфиёна барои дуруст дарк кардани он мақсаду мароме, ки адибони пайрави ин ҷараён дар асарҳояшон дарҷ намудаанд, муҳим аст. Аз ин рӯ,

ҳангоми таҳқиқу баррасии матни асарҳои сӯфиёна на ба маънои аслии калимаву ибораҳо, балки ба маънои истилоҳии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир бояд кард [24, с.208].

Ҳадафи асосӣ аз омӯзишу баррасии истилоҳоти ирфонӣ возеҳ нишон дода тавонистани моҳияту мақом, тобишҳои маъноӣ, доираи истеъмоли онҳо дар асари бадеӣ (чи назм ва чи наср) мебошад. Ба андешаи Н.И. Пригарина, *«дар асл таҳлили луғоту истилоҳоти сӯфиёна танҳо мақсади аз пеши худ гузошта нест, балки воситаест, ки бо кумаки он ба қабатҳои амиқтари матнҳои бадеӣ чун осори мадании як даврони муайян ворид мегардем»* [10, с.108].

Барои ин ки тадқиқ ва баррасии ҳаматарафаи илмии лексикаи сӯфиёна ба даст ояд, омӯзиши ҷанбаҳои фалсафӣ, диниву адабӣ, ахлоқии он зарур аст. Ба ин паҳлуҳои лексикаи сӯфиёна ошно нагардида, доир ба калимаҳои ирфонӣ сухан гуфтан ғайриимкон аст. Хусусиятҳои серсоҳаи калимаҳои сӯфиёна алоқаи ногусастании илмҳои гуногуни ҷамъиятиву дақиқро бо забоншиносӣ бори дигар собит менамояд. Дар ин миён бахусус алоқаи адабиётшиносӣ ва забошиносӣ, ки ҳамдигарро пайваста пурра месозанд, бештар ба чашм мерасад.

Ба ин тариқ, истилоҳоти сӯфиёна таркиби луғавии забони моро бой гардонида, як қабати махсуси лексикаи онро ташкил медиҳанд. Мақсади асосии Абдурраҳмони Ҷомӣ бо забони фаҳмо ба доираи васеи хонандагон расонидани шарҳи ҳол, каромати сӯфиён буд, аммо ӯ фаҳмиши маънии калимаву ибораҳои ирфониро барои ому хос ҷудо кардааст. Аз ин рӯ, истилоҳоти ирфонии асарҳои Ҷомӣ барои доираи васеи хонандагон мафҳум буда наметавонад.

Воридшавии лексикаи ирфонӣ ба таркиби луғавии забон асосан бо ду роҳ сурат мегирад: назм ва насри илмиву бадеӣ. Муҳаққиқ З. Мухторов хидмати Ҳаким Саноии Ғазнавиро, ки аз пешвоёни шоирони сӯфия ба ҳисоб меравад, дар ташаккули лексикаи назми сӯфиёна шоиста арзёбӣ карда [9, с.16], мақоми шоирони дигари давраи аввали инкишофи лексикаи ирфониро низ қайд мекунад: *«Барои ташаккулу таҳаввули осори ирфонӣ аз ҷиҳати забонӣ, тавсиаёбии доираи луғавии он, сайқалёбии забони мармузи орифона мавқеъ ва мақоми шахсиятҳои алоҳида чун Ҳаким Саноӣ, Аттор, Румӣ басо ҷолибу назаррас аст»* [9, с. 16].

Албатта, дар давраҳои минбаъда ин ҷараён чӣ гуна идома меёбад, низ ҷолибу баҳсталаб аст. Е. Э. Бертелс дар мақолаи худ ***«Заметки по поэтической терминологии персидских суфиев»*** қайд мекунад, ки бардоштани пардаи истилоҳоти сӯфиёнаи шеър ба хонанда имкон медиҳад, ки аз умқи маънии фалсафии сӯфия огоҳ шавад… [3, с.110]. Муҳаққиқ Шамсиддин Каримов зимни баррасии семантикаи ғазалиёти Ҳофиз вусъати ин гурӯҳи калимаҳоро дар доираи ғазалиёти шоир таҳлил карда, таъкид медорад, ки: *«Хислати пардапӯшонаи асрорангези тасаввуф ҷараёни маърифати идроки зеҳниро хеле мушкил мегардонад ва ногузир ба шарҳи «истилоҳоти тасаввуфӣ» муроҷиат намуданро тақозо мекунад»* [7, с.25].

Бояд қайд намуд, ки раванди вусъати лексикаи ирфонӣ дар назм ва насри бадеӣ, насри илмӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар назм маъниҳои тоза ба тоза гирифтани истилоҳоти сӯфиёна баръало ба назар мерасад ва шоирон бештар ба онҳо маъниҳои киноямез мебахшанд [25; 3; 7; 9]. Аммо, баръакс, насри илмӣ ва бадеӣ аз ин хусусият орӣ буд. Дар онҳо вобаста ба илмӣ ва бадеӣ буданашон истилоҳоти ирфонӣ бо истифода аз унсурҳои забони халқӣ истеъмол мегарданд. Чунончи, агар истилоҳоти ашъори Саноӣ [9] ва «Кашф-ул-маҳҷуб» [11]-ро ба тариқи муқоиса бигирем, ду қутби ҷудогона ба вуҷуд меояд.

«Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ низ, ки «Табақоти сӯфия», «Рисолаи қушайрия», «Кашф-ул-маҳҷуб», «Тазкират-ул-авлиё» ва чанде дигар барин асарҳои насрии сӯфиёна сарчашмаҳояш буданд [28, с. بست], баръакси ашъори орифона истилоҳоти сӯфиёнаро бе рамзу киноятҳои адабӣ инъикос мекунад.

Чунончи, Мухторов З. дубайтии зерини Бобо Тоҳири Урён:

Хушо онон, ки аз по сар назунан,
Миёни ***шуъла*** *хушку тар назунан.*
Куништу каъба*ву* ***табхона****ву* ***дайр,***
Сарои холӣ аз ***дилбар*** *назунан* [14, с.16]-ро таҳлил намуда калимаҳои ***куништ, шуъла, каъба, табхона, дайр, дилбар***ро истилоҳоти динӣ-ирфонӣ мегӯяд [9, с.22-23] ва калимаҳои ***дилбар, булбул, гулзор, ишқ, савдо*** ва монанди инҳоро низ муҳаққиқон мансуби лексикаи ирфонӣ донистаанд ва Сайидҷаъфари Саҷҷодӣ ҳар яке аз онҳоро ба маънии ирфониашон тафсир мекунад [26].

Дар насри илмиву бадеии ирфонӣ, чунонки дар мисоли «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон» низ мушоҳида мегардад, чунин ҳодиса назаррас набудааст.

Дар ин ҷо зикри ин нуктаро лозим медонем, ки Ҷомӣ дар аввали асари худ – «Нафаҳот-ул-унс» як қатор истилоҳоти ирфонии марказиро чун ***вилоят, валӣ, маърифат,***

ориф, мутаарриф, ҷоҳил, сӯфӣ, мутасаввиф, маломатӣ, фақир, тавҳид бо тафсилоти тӯлониашон меорад [28.] ва ҳар яки онҳоро зери сарлавҳаи махсус тафсир мекунад. Чунончи, ***«Тамҳид фи-л-қавл фи-л-вилоят ва-л-валӣ»*** [28, с.3], ё ***«Алқавл фи-маърифати ва-л-орифӣ ва-л-мутаарриф ва-л-ҷоҳил»*** [28, с.4] ва шайх калимаҳои ***вилоят, валӣ, маърифат***ро чунин шарҳ медиҳад:

*«**Вилоят** муштақ аст аз **валӣ** – وَلِي, ки қурб аст ва он бар ду қисмат аст: **вилояти омма** ва **вилояти хосса**. **Вилояти омма** муштарак аст миёни ҳамаи муъминон: Қола Аллоҳу таъолло: Аллоҳу ва лияддин амну яхриҷуҳум мин-а-зулмоти ал-н-нур (Бақара, 257) ва **вилояти хосса** махсус аст ба восилон аз арбоби сулук…»* [28, с.3].

*«**Маърифат** иборат аст аз бозшинохтани маълуми муҷмал дар сувари тафосил, чунонки дар илми наҳв, масалан, бидонанд, ки ҳар як аз авомил, лафзе ва маъние чӣ амал кунад… Пас **маърифат**и рубубият иборат бувад аз бозшинохтани зот ва сифоти илоҳӣ дар сувари тафосили аҳвол ва ҳаводис ва навозил, баъд аз он ки бар сабили иҷмоли маълумшуда бошад, ки мавҷуди ҳақиқӣ ва фоили мутлақ ӯст, Субҳона»* [28, с.4].

Дар асарҳои тасаввуфӣ овардани истилоҳот то давраи Ҷомӣ, аллакай, ба ҳукми анъана даромада буд. Ба гуфти Сайидҷаъфари Саҷҷодӣ – муҳаққиқи муосири Эрон шарҳҳои аввалин ҳанӯз дар асрҳои X – XI навишта шуда буданд, ки дар ин бора мегӯяд:

«Алламаъ – осори Алӣ бинни Сироҷи Тӯсӣ мулаққаб ба Товусалфуқаро ((мутаваффӣ 378 ҳ. қ.) – 1000 м.) аз ҷумлаи муҳимтарин осори шомили истилоҳоти сӯфия ва шарҳи онҳост» [27, с.نه]. Ин муаллиф дар қатори ин асар чандин асари дигарро низ ном мебарад, ки ба замми асари тасаввуфӣ буданашон истилоҳоти сӯфиёна дар онҳо шарҳ ёфтааст. Аз ҷумла «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ (асри X1), «Манозил-ус-соирин»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, ки 100 истилоҳро дар бар мегирад ва чанде дигар [27].

Бармегардем ба асли мақсад, истилоҳи ***вилоят***ро Сайидҷаъфари Саҷҷодӣ аввал аз рӯйи «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ шарҳ медиҳад ва ба он ишора мекунад:

«***Вилоят*** – ولايت қиёми абд аст ба Ҳақ, дар мақоми фано аз нафси худ. ***Вилоят*** *бар ду қисм аст:* ***вилояти*** *омма, ки муштарак аст миёни тамоми муъминон; ва* ***вилояти*** *хосса, ки махсус аст ба соликони восил, ки дар Ҳақ фано ёфта ва дар ӯ бақо ёфтаанд»* [27, с. 791].

Як нуктаро бояд зикр кард, ки дар тасаввуф равияҳо хеле зиёд буданд [28; 27; 5] ва аз ин рӯ, дар шарҳи маънии истилоҳот тафриқаҳо ҷой доранд. Ҳамин аст, ки муфассирон истилоҳотро ба маъноҳои гуногун меоранд. Дар маънои **вилоят** аз ҷумла:

*«Қайсарӣ гӯяд: Ботини нубувват, **вилоят** аст ва шумулаш аз нубувват беш аст. Зеро шомили нубувват ва вилоят ҳар ду мешавад ва анбиё».*

*«Ҳаҷвирӣ гӯяд: Асоси тариқати тасаввуф ва маърифат ҷумла бар **вилоят** бувад…»* [27, с. 791].

Агар аз ин нуқтаи назар нигарем, ба қавли доктор Маҳмуд Обидӣ, агарчи *«бахши аъзами Нафаҳот баргирифта аз «Табақоти сӯфия» ва «Кашф-ул-маҳҷуб», «Асрор-ут-тавҳид»…, яъне фароҳамомадаи забон, замон ва мақомҳои гуногун аст»* [28, с. پنج و سی], дар маркази асар шарҳи ҳолу аҳволи сӯфиёни нақшбандия мавқеи марказӣ дорад [28, с. و سی شش]. Дар равзаи нахустини «Баҳористон» низ, ки ***«Дар нашри раёҳини чида аз басотини дурбинони роҳи ҳидоят ва садрнишинони боргоҳи вилоят»*** унвон дорад, Ҷомӣ дар бораи ҳаёту каромоти аҳли ин равияи тасаввуф қиссаву ривоёти ҷолиб меорад. Аз ин нуқтаи назар, дар истилоҳоти ирфонии асарҳои насрии Ҷомӣ таъсири ин ҷараён шояд бештар бошад.

Маъноҳои гуногуни калимаи ***вилоят***ро худи Абдурраҳмони Ҷомӣ аз забони шайх Хоҷа Юсуфи Самъон чунин меорад: *«Пас бифармуд, ки агар мурод аз **вилоят** ин деҳ аст, ин мулки мардумон аст, на аз они ӯст ва на аз они ман ва агар мурод аз **вилоят** ин мардумонанд, инон раоёи Санҷаранд. Пас Шайхушшуюх Санҷар бошад ва агар мурод аз **вилоят** он аст, ки ман медонаму авлиёи Худованди азза ва ҷалла медонанд, фардо бо эшон намоям, ки кори **вилоят** чист ва чун аст!»* [28, с.332].

Лексикаи ирфонро вобаста ба маъно ва мафҳумҳои ифодакунандаашон муҳаққиқон ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо намудаанд [11; 9]. Ин вожаҳоро дар асарҳои мавриди таҳқиқи мо низ низ ба чанд гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст, вале мо дар ин мақола танҳо роҷеъ ба истилоҳоти ирфоние сухан меронем, ки мафҳумҳои умумиро дар тасаввуф ифода менамоянд.

Ба ин қабил вожаҳо, пеш аз ҳама, худи калимаи ***тасаввуф***ро шомил кардан мумкин аст. Дар шарҳу тафсири ин истилоҳ муҳаққиқон ақидаҳои гуногун баён кардаанд. Он аз ҷумла дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода шудааст: *«1. пашминапӯшӣ, пӯшидани либоси пашмин; 2. **фалс.** ҷараёне, ки пайравони он ба покшавӣ аз хоҳишҳои нафсонӣ кӯшида, ашёи олам ва табиатро мазҳар (маҳалли зуҳур)-и Ҳақ (Худо) медонистанд, либоси пашмина пӯшида ба зуҳду тақво*

машғул мешуданд, сӯфигарӣ» [16, с.335; 18, с.319]. Дар луғати арабӣ - русӣ он танҳо *«сӯфигарӣ»* маънидод гардидааст [2, с.450].

Донишмандони дигар тасаввуфро таълимоти маънавию амалӣ дар Ислом медонанд. Тасаввуф мантиқан ба анҷом расидани ҷустуҷӯҳои маънавии мусалмон тавассути донишҳои ғайриақлонӣ ва бо роҳи зуҳду тақво мебошад. Баромади дақиқи калимаи **«тасаввуф»** маълум нест. Баъзе муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки ин калимаи ғайриарабӣ мебошад. Аз ҷумла, тахмин карда мешавад, ки он аз вожаи ***«софия»***-и юнонӣ, ки маънои *«ҳикмат»*-ро дорад, пайдо гардидааст. Бархеи дигар бар он назаранд, ки он калимаи арабӣ мебошад, вале дар мавриди баромади он ҳамоно нуқтаи назари яксон вуҷуд надорад. Ҳамчунин гуфта мешавад, ки аз калимаи ***«суф»*** (صوف)-и арабӣ гирифта шудааст, ки маънои *«матои пашмин»*-ро дорад, зеро аҳли тасаввуф ё сӯфиён либоси беостини пашмини дурушт бар тан мекарданд. Ҳамчунин тахмин карда мешавад, ки ***«тасаввуф»*** аз калимаи ***«суффа» («аҳли суффа»)*** пайдо шудааст. Аҳли суффа ё асҳоби суффа ҳамсафони бенавою мискини паёмбарро меномиданд, ки дар Масҷиди набавии Мадина умр ба сар бурда, бо зуҳду тақво ва порсоии хеш афзалият доштанд. Дар баробари ин эҳтимол меравад, ки тасаввуф аз калимаҳои арабии ***«сафо»*** *(тозагӣ)* ва ***«сифат»*** пайдо шудааст.

Дар ҳар сурат ба шарофати тасаввуф кам гардидани ҳавову ҳавас ба олами моддӣ ва проблемаҳои он имконпазир гардида, инсон барои ҳамеша комил гардонидани рӯҳу маънавиёти худ ва беғаразонаву содиқона дода шудан ба парастиши Худованд саъй мекунад. Ин таълимот олами рӯҳӣ (маънавиёт)-и инсонро комил гардонда, барои ба вуҷуд омадани сифатҳои олии ахлоқиву маънавии инсон мусоидат менамояд. Роҳи маънавӣ ҳамчунин имкон намедиҳад, то дин дар як ҷо шах шуда монда аз рӯҳу маънавиёт маҳрум гардад ва танҳо ба олоти механикии ба ҷо овардани маросимҳову аҳкоми шаръӣ табдил ёбад. Ба воситаи тасаввуф инсон чунин сифатҳои ниҳони рӯҳи худ, ба монанди эътиқод, тавозӯъ, сабру таҳаммул, қаноат ва умедро амалӣ мекунад. Ба шарофати ин амали маънавӣ барои инсон мубориза бо чунин нуқсону иллатҳои рӯҳӣ, ба монанди батаҳаммулӣ, кибру ғурур, хасисӣ осон мегардад. Тарбияи маънавии шахсиятро танҳо ба воситаи дастуру қавонини шариат амалӣ намудан имконнопазир аст. Аз ин рӯ, бар хилофи илми фиқҳ, ки танҳо ҷанбаи зоҳирӣ ё ба назар намоёни масъалаҳоро ҳал менамояд, тасаввуф қобилияти ба олами маънавии инсон таъсир расондан ва тавассути парастиши самимиву содиқонаи Худованд комил гардонидани онро дорад. Тасаввуф яке аз илмҳои исломӣ ҳисобида мешавад, вале ҳамеша таъкид карда мешавад, ки ин илми махсуси ғайриақлонӣ мебошад, онро ба воситаи кӯшишҳои таҷрибавӣ ё далелҳои мантиқӣ сарфаҳм рафтан ғайриимкон аст. Вобаста ба ин, ҳолати тасаввуф бояд бо эътиқод қабул гардида, ба воситаи рӯҳу қалби инсон дарк карда шавад. Аз ин сабаб, тариқати камолоти рӯҳии инсон танҳо бо роҳи пурра мутеъ будани ӯ ба муршид ва иҷрои дастуру нишондодҳои муршид ба амал меояд. Бо вуҷуди ин муқаррароти умумии тарбияи маънавӣ (рӯҳӣ)-и шахсият бояд аз амалкарди паёмбар Муҳаммад (с) ва ҳамсафони аввалини ӯ ибтидо гирад. Аз ин рӯ, ба монанди дигар илмҳои исломӣ сарчашмаи тасаввуф низ Қуръону Суннат (Ҳадис) мебошад, вале усули камолоти рӯҳӣ (маънавӣ) тавассути тоату ибодат ба Аллоҳ ба воситаи роҳ (мактаб)-ҳои мухталиф сурат мегирад, ки онҳоро тариқат меноманд. Тариқатҳои тасаввуф ниҳоят зиёданд ва ҳар як муршиди рӯҳонӣ пайрави яке аз ин тариқатҳо мебошад.

Вожаи тасаввуф дар Қуръон ва Суннат зикр нашудааст. Он баъдтар пайдо гардидааст. Вале ин маънои онро надорад, ки мафҳуми фаъолияти маънавӣ (рӯҳонӣ) дар Ислом набуд. Заминаҳои тасаввуф аз тарафи паёмбар Муҳаммад (с) тавассути ваҳйи Қуръон баён карда шудаанд, ё дар ҳадисҳо ифода ёфтаанд. Дар даврaҳои аввали пайдоиши Ислом миқдори зиёди мусалмонон ба такомули рӯҳонӣ (маънавиёт)-и худ машғул буданд, вале онҳо бо номҳои дигар – саҳобагон, тобеин (насли пас аз саҳобагон) ва таба-ат-тобеин (насли пас аз тобеин) ёд мешаванд. Баъзе аз ҳамсафони паёмбар тарзи ҳаёти зоҳидона пеша намуда, нисбат ба дигарон аз такомули сифатҳои маънавию рӯҳонии худ афзалияти бештар доштанд. Масалан, Абӯзар Алғифорӣ ё Салмони форс аз ин ҷумла мебошанд. Аз асри II ҳичрӣ чунин шахсонро сӯфӣ ном гирифтанд. Аввалин шахсе, ки сӯфӣ номида шудааст, зоҳиди мусалмон Ҷобир ибни Ҳайён (ваф. 150 ҳ./767 м.), ё шахсе бо номи Абӯ Ҳошим будааст. Асли ӯ аз Кӯфа мебошад.

Ҳадафи тасаввуф тарбияти «инсони комил»-и фориғ аз ташвишҳои дунё мебошад, ки қодир аст, бар сифатҳои манфии тинати хеш пирӯз гардад. Тасаввуф ҳамчун таълимоти маънавӣ дар Ислом ба пайравони худ рӯҳу илҳоми нав бахшида, сифатҳои амиқи рӯҳиву маънавии эшонро ошкор менамуд. Аз ин боис тасаввуф дар пешрафти ахлоқу маънавиёт, рӯҳияи зебопарастӣ, пешрафти шеъру адабиёт, меъморӣ ва санъати тасвирӣ ва илми мусиқӣ дар олами Ислом нақши калон бозидааст.

Тақрибан аз асри XI ҳ. / XVII м. тадриҷан рӯ ба завол овардани тасаввуф фаро мерасад. Сабаби чунин таназзул дар он аст, ки ҷараёни тасаввуф ягон ғояи нав ва афкори

пешқадам ба ҷамъият пешниҳод карда натавонист. Аҳли тасаввуф ба ҳаёти ҷамъиятии Империяи Усмонӣ ва дигар манотиқи мусалмоннишин таъсир доштанд, вале таълимоти эшон бештар ба баҳсу мунозираҳои схоластикӣ ва тағйиротҳои ҷузъӣ, ки ба таълимоти аз ҷониби эшон пайдогардида дар бораи ваҳдати вуҷуд, бехудӣ ва муҳаббати мутақобила ба Ҳақ, таҷаллии Илоҳӣ вобаста буд, маҳдуд мегардид. Дар баробари ин, дар байни тариқатҳои мухталифи тасаввуф, ки миқдори онҳо ниҳоят бисёр буд, ихтилофи зиёд ба вуҷуд омад. Ба ақидаи баъзе аз таърихнигорони мусалмон миқдори тариқатҳои тасаввуф қариб ба 400 мерасад. Буҳрон дар тасаввуф якҷоя бо буҳрони умумии сиёсиву иқтисодӣ дар Империяи Усмонӣ ва дигар давлатҳои мусалмонӣ ба вуҷуд омад. Ғояву ақидаҳои тасаввуф дигар пешрафти ҷамъият ва давлатро муайян карда натавонистанд. Онҳо ба ҷанбаъҳои сарбастаи динӣ маҳдуд шуда, дар шароити тағйир ёфтани ҷаҳон аз ҳақиқати воқеӣ ниҳоят дур буданд. Таъсири зиёди онҳо ба ҷомеа ва ба пешрафти ҷамъият қодир набудани ғояву афкори аҳли тасаввуф сабаби он гардид, ки бисёр маорифпарварони мусалмон сабаби аз Аврупои босуръат тараққикунанда қафо мондани дунёи мусалмониро дар таълимоти аҳли тасаввуф диданд. Бисёр пайравони тасаввуф низ инро дарк намуда, кӯшиш карданд, ки ба таълимоти тасаввуф ислоҳот ворид намуда, онро дар шакли нав эҳё созанд, вале пас аз таназзули Империяи Усмонӣ бо сабаби авҷ гирифтани ҷараёнҳои секурялизатсия (ҷудо гардидани идораҳои шаҳрвандӣ аз дин), даъватҳо барои бозгашт ба покизагии Исломи ибтидоӣ ва инкишофи доктринаҳои миллатгароӣ мавқеи тасаввуф дар ҷаҳони Ислом ниҳоят заиф гардид. Бо вуҷуди ин, афкору ақидаҳои тасаввуфӣ то ба имрӯз дар ҳаёти ҷамъиятии баъзе минтақаҳои ҷаҳони мусалмонӣ нақши муҳим бозида истодаанд [1, с.693-704]:

Шайхи аҳли ишорат ва ҳақоиқ ва лисони ***тасаввуф*** *буд дар замони худ* [21, с.307]; *Шайх Абӯсаид Абулхайрро, қуддиса сирруҳу, пурсиданд, ки* ***тасаввуф*** *чист? Гуфт: «Он чӣ дар сар дорӣ, биниҳӣ ва он чӣ дар каф дорӣ, бидиҳӣ ва аз он чӣ бар ту ояд, наҷаҳӣ»* [20, с.341].

Вилоят – қиёми банда ба Ҳақ дар мақоми фано аз нафси худро гӯянд [27, с.791]:

Он ***вилоят*** *на аз фиқҳ ёфта буд, аз он пир ва суҳбати вай ёфта буд* [21, с.290].

Нубувват – хабар додан аз Ҳақ таоло ва аҳкоми ӯ ба халқ. Дар тасаввуф авлиёи Аллоҳ ва ақтобро пайравон ва нуввоби анбиё медонанд [27, с.759]:

Ту ба он розӣ нестӣ, ки ҷузве аз аҳли хонадони ***нубувват****… дар ту* ***фуруд*** *ояд?* [20, с.389].

Ибодат – парастиши Худо. Дар назди орифон ибодатро се марҳила аст: оммаи муъминон Худоро ба умеди савоби охират ва хавф аз иқоб ибодат мекунанд. Ва баъзе Худоро аз он ҷиҳат, ки шарафи убудият ёбанд ва Худо онҳоро бандаи худ хонад, ибодат мекунанд. Баъзе дигар Худоро ибодат кунанд аз ҷиҳати ҳайбат ва ҷалоли ӯ ва муҳаббат бад-ӯ, ки мартабаи аълои убудият аст [27, с.567].

Ва ҳам вай гуфта, ки нест аз ***ибодат*** *чизе боманфиаттар аз ислоҳи хавотири дилҳо* [21, с. 81].

Маъшуқ – он чӣ ошиқ бад-он ишқ варзад ва хоҳони висоли он шавад. Дар фалсафаи илоҳӣ иллати ғоии маъшуқ ва ҳадафи ҳамаи ҳаракоту мутаҳаррикоти ҷаҳони вуҷуд аст. Маъшуқи ҳақиқӣ зоти Ҳақ аст, ки муваҷҷиди ҳама ҳаракоти олам аст. Дар ирфон ҳам мурод аз маъшуқ Ҳақ таоло аст аз он рӯ, ки тамоми мавҷудот ба ҷилваҳои анвори вуҷуди Ӯ ҳайронанд ва фақт Ӯст, ки аз тамоми ҷиҳатҳо сазовори дӯстӣ аст [27, с.733].

Ошиқ – дар забони орифон ҷӯяндаи Ҳақ таолоро бо вуҷуди талаб ва ҷадди тамом ошиқ гӯянд, ки ғайри маҳбуби ҳақиқӣ касеро нахоҳад ва наҷӯяд [27, с. 566-567]. Худи Абдурраҳмони Ҷомӣ дар хусуси Шайх Аҳмади Ғаззолӣ ва рисолаи фалсафии ӯ «Савонеҳ» сухан ронда, аз он рисола маънии калимаҳои ***«маъшуқ», «ошиқ»*** ва муносибати байни онҳоро хеле хуб зикр менамояд:

Маъшуқ *ба ҳама ҳоли худ* ***маъшуқ*** *аст, пас истиғно сифати ӯст ва* ***ошиқ*** *ба ҳар ҳол худ* ***ошиқ*** *аст пас ифтиқор сифати ӯст.* ***Ошиқ****ро ҳамеша* ***маъшуқ*** *дарбояд, пас ифтиқор ҳамеша сифати ӯст ва* ***маъшуқ****ро ҳеҷ чиз дарнамебояд, ки худро дорад. Лоҷарам сифати ӯ истиғно бошад* [21, с.468].

Ваҳдат – якоякӣ, яктоӣ. Сифати воҳид аст. Дар назди орифон мурод аз ваҳдати ҳақиқӣ вуҷуди Ҳақ аст. «Ваҳдати вуҷуд», яъне он ки вуҷуди воҳиди ҳақиқӣ аст, вуҷуди ашё таҷаллии Ҳақ ба сурати ашё аст ва касароти маротиб, умури эътибореанд ва аз ғояти таҷаддуди файзи раҳмонӣ, таъйиноти ақвонӣ намуде доранд [27, с.782].

Илм – дониш, донистан. Кошонӣ гӯяд: мурод аз илм нуре аст муқтабис аз машкути нубуват дар дили бандаи муъмин, ки бад-он роҳ ёбад ба Худой ё ба кори Худой ё ба ҳукми Худой [27, с. 586]:

Агар пурсанд: ***Ваҳдат*** *чист? Бигӯ! Халосии дил аз* ***илм****у шуур ба вуҷуди ғайри Ҳаққ, субҳонаҳу* [21, с. 509].

Маърифат – маънои луғавиаш *«шинохт»* мебошад. Аз назари орифон асли маърифат шинохти Худованд аст. Дар тасаввуф маърифатро шаш вақҳ аст: маърифати ваҳдоният, маърифати таъзим, маърифати миннат, маърифати қудрат, маърифати азал ва маърифати асрор. Ҳамчунин маърифатро ду ба ду навъ ҷудо менамоянд: маърифати ом ва маърифати хос. Маърифати ом самъӣ аст ва маърифати хос аёнӣ ва маърифати ом аз айни вуҷуд аст ва маърифати хос маҳзи мавҷуд аст [27, с. 730]:

Аз ҳеч кас ва ҳеч чизам ҳасад наёмад, магар аз ***маърифати*** *орифона, на* ***маърифати*** *тасдиқӣ* [21, с. 134].

Ирфон – дар истилоҳи ирфонӣ роҳу равише аст, ки толибони Ҳақ барои найл ба матлуб ва шиносоии Ҳақ ихтиёр мекунанд [27, с. 577]:

Вай аз куммали арбоби ***ирфон*** *ва акобири асҳоби завқу виҷдон будааст* [21, с. 689].

Тариқат – сайри хосси соликони роҳи Ҳақ, монанди тарки дунё ва давоми зикр ва таваҷҷуҳ ба мабдаъ ва инзиво ва давоми таҳорат ва зӯъ ва сидқ ва ихлос ва ғайри он [27, с.577]:

Ва ***тариқати*** *вай дар тасаввуф* ***тариқати*** *Суфёни Саврӣ буд…* [21, с.101].

Аз баррасии иқтибосоти арабии ифодакунандаи мафҳумҳои умумии тасаввуф дар насри бадеии Ҷомӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки чунин вожаҳо дар ин асар мавқеи назаррас доранд ва донистани маънои ирфонии ин гуна вожаҳо барои дуруст сарфаҳм рафтан ба мазмуну мундариҷаи асарҳои нависанда мусоидат менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Али-заде, А. Исламский энциклопедический словарь / А. Али-заде – М.: Ансор, 2007. – 922 с.
2. Баранов, Х.К. Арабско-русский словарь / Х.К. Баранов. – М.: Русский язык, 1985. – 944 с.
3. Бертельс, Е.Э. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература / Е.Э. Бертельс. – Москва: Наука, 1965. – Т. 3. – 524 с.
4. Джумаев, М.О. Лексико-семантические особенности «Нафахот-ул-унса» Абдурахмана Джами: авт. дис. на соиск. уч. степ. канд. фил. наук / М.О. Джумаев. – Душанбе, 2007. – 22 с.
5. Зарринкӯб, А. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон / А. Зарринкӯб. – Душанбе, 1992. – 397 с.
6. Каримов, Ш. Семантика лексических единиц газелей Хафиза: авт. дис. канд. фил. наук / Ш. Каримов. – Душанбе, 1993. – 20 с.
7. Каримов, Ш. Семантикаи воҳидҳои луғавии ғазалиёти Ҳофиз / Ш. Каримов. – Душанбе, 1993. – 147 с.
8. Мухторов, З. Суфийская лексика газелей Санаи: авт. дис. канд. фил. наук / З. Мухторов. – Душанбе, 1999. – 22 с.
9. Мухторов, З. Лексикаи ирфонии ғазалиёти Саноӣ / З. Мухторов. – Душанбе: Ҳумо, 2001. – 128 с.
10. Пригарина, Н.И. Хафиз и влияние суфизма на формирование языка персидской поэзии / Н.И. Пригарина // Суфизм в контексте мусульманской культуры. – М.: Наука, 1989. – С. 94-120
11. Сабзаев, С. Лексика таджикско-персидского памятника XI века «Кашф-ул-махджуб»: авт. дис. канд. филол. наук / С. Сабзаев. – Душанбе, 1982. – 23 с.
12. Сабзаев, С. Лингвистическое исследование суфийской терминологии таджикско-персидской прозы XI-XII вв.: автореф. дис. докт. филол. наук / С. Сабзаев. – Душанбе, 1996. – 42 с.
13. Удам, Х.К. Семантические особенности суфийской поэтической лексики персидского языка: авт. дис. канд. филол. наук / Х.К. Удам. – М., 1971. – 20 с.
14. Урён, Бобо Тоҳир. Таронаҳо; таҳияи Наима Қаххорова / Бобо Тоҳири Урён. – Душанбе: Адиб, 1992. – 80 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ; дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 962 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ; дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 2. – 948 с.
17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода; зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.
18. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода; зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 2. – 946 с.
19. Шарипофа, Ф.Х. Лексико-вемантические особенности «Кашф-ул-махджуба» Алии Хаджвирии Газнави: авт. дис. на соиск. уч. степ. канд. фил. наук / Ф.Х. Шарипова. – Душанбе, 2002. – 22 с.
20. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон. Осор. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ. 7. – 544 с.
21. Ҷомӣ, Абдурраҳмон Мавлоно Нуриддин. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс: таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо М. Оқилова, Б. Мирсаидов. – Душанбе, 2013. – 866 с.
22. Ҷумъаев, М.О. Доир ба истилоҳоти ирфонӣ дар «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ / М.О. Ҷумъаев // Паёми донишгоҳи миллӣ (маҷаллаи илмӣ). Бахши ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Сино, 2002. – № 3 (12). – С. 68-72.
23. Ҷумъаев, М.О. Хусусиятҳои лексикию семантикии «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ / М.О. Ҷумъаев. – Душанбе: Эҷод, 2010. – 160 с.
24. Юсупов, А.Ф. О суфийской терминологии в языке татарской поэзии XIX века / А.Ф. Юсупов // Филологические науки. Вопросы теории и практики. – Тамбов: Грамота, 2014. – № 4 (34): в 3-х ч. – Ч. II. – С. 208-211.
25. علوی، پرتو. بانگ جرس \ پرتو علوی. – تهران، 1349. – 177 ص
26. فرهنگ مصطلحات عرفا. تألیف سید جعفر سجادی. – تهران، 1339. – 440 ص.
27. فرهنگ اصتلاحات و تعبیرات عرفانی. تألیف دکتر سید جعفر سجادی. – تهران: طهوری، 1370. – 814 ص. – ص. نه

نفحات الانس من حضرات القدس. تألیف نور الدین عبد الرحمان جامی. مقدمه تصحیح و تعلیقات دکتر محمد عبادی. – تهران، 1370. – 1214 ص. – 28. ص. بست.

ИҚТИБОСОТИ АРАБИИ ИФОДАКУНАНДАИ МАФҲУМҲОИ УМУМИИ ТАСАВВУФ ДАР НАСРИ БАДЕИИ ҶОМӢ

Дар мақолаи илмӣ роҷеъ ба калимаҳои иқтибосии арабии ифодакунандаи мафҳумҳои умумии тасаввуф дар насри бадеии Ҷомӣ сухан меравад. Муаллиф дар истинод ба тадқиқотҳои Х.К. Удам, С. Сабзаев, Н.И. Пригарина, З. Мухторов ва дигар муҳаққиқон, ки ба паҳлуҳои гуногуни лексикаи сӯфиёна рӯшанӣ андохтаанд, чунин вожаҳоро таҳлилу баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки донистани истилоҳоти сӯфиёна барои дуруст дарк кардани он мақсаду мароме, ки адибони пайрави ин ҷараён дар асарҳояшон дарҷ намудаанд, муҳим аст. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳқиқу баррасии матни асарҳои сӯфиёна на ба маънои аслии калимаву ибораҳо, балки ба маънои истилоҳии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир бояд кард. Дар байни истилоҳоти ирфонии асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ – “Нафаҳот-ул-унс” ва “Баҳористон” вожаҳое, ки мафҳумҳои умумии тасаввуфро ифода менамоянд, мақоми махсус доранд. Бо истифода аз фарҳангҳои мухталиф маънои истилоҳии вожаҳои ***тасаввуф, вилоят, нубувват, ибодат, маъшуқ, ошиқ, ваҳдат, илм, маърифат, ирфон, тариқат***, ки дар асарҳои Ҷомӣ зиёд истеъмол мегардад, оварда мешавад. Аз баррасии ин гуна вожаҳо муаллиф ба чунин натиҷа мерасад, ки донистани маънои ирфонии ин гуна вожаҳо барои дуруст сарфаҳм рафтан ба мазмуну мундариҷаи асарҳои нависанда мусоидат менамоянд.

Калидвожаҳо: лексика, тасаввуф, ирфон, тадқиқот, омӯзиш, истилоҳ, маъно, мафҳум, тафсир, таълимот, муҳаққиқ, таҳқиқ, омӯзиш, мероси адабӣ, асар, таркиби луғавӣ.

АРАБСКИЕ ЗАИМСТВОВАНИЯ, ВЫРАЖАЮЩИЕ ОБЩИЕ СУФИЙСКИЕ (МИСТИЧЕСКИЕ) ПОНЯТИЯ В ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПРОЗЕ ДЖАМИ

В настоящей научной статье речь идёт об арабских заимствованиях, выражающих общие суфийские понятия в художественной прозе Джами. Автор, руководствуясь исследованиями Х.К. Удама, С. Сабзаева, Н.И. Пригариной, З. Мухторова и других исследователей, которые рассмотрели различные аспекты мистической лексики, подвергает анализу подобные слова и подчеркивает, что знание мистической терминологии очень важно для правильного восприятия целей поэтов и писателей этого направления, которые отражены в их творчестве. Поэтому, исследуя тексты мистических произведений, необходимо уделить внимание терминологическому значению слов и словосочетаний, нежели их прямому значению. Среди мистической терминологии прозы Абдурахмана Джами - “Нафахот-ул-унс” и “Бахористон” слова, выражающие общесуфийские понятия, занимают особое место. Используя различные словари, подвергаются анализу терминологические значения лексем ***тасаввуф, вилоят, нубувват, ибодат, маъшук, ошик, вахдат, илм, маърифат, ирфон, тарикат***, которые часто употребляются в творчестве Джами. Автор приходит к выводу, что знание мистических значений этих слов способствует правильному восприятию содержания прозы писателя.

Ключевые слова: лексика, суфизм, мистицизм, исследование, изучение, термин, семантика, понятие, интерпретация, учение, исследователь, литературное наследие, произведение, словарный состав.

ARAB BORROWINGS EXPRESSING GENERAL SUFI (MYSTICAL) CONCEPTS IN ARTISTIC PROSE JAMI

This scientific article deals with Arab borrowings expressing common Sufi concepts in Jami fiction. The author, guided by the studies of H. K. Udama, S. Sabzayev, N. I. Prigarina, Z. Mukhtorov and other researchers who examined various aspects of mystical vocabulary, analyzes such words and emphasizes that knowledge of mystical terminology is very important for proper perception goals of poets and writers of this trend, which are reflected in their work. Therefore, exploring the texts of mystical works, it is necessary to pay attention to the terminological meaning of words and phrases, rather than to their direct meaning. Among the mystical terminology of the prose of Abdurahman Jami - “Nafakhot-ul-uns” and “Bahoriston”, the words expressing general Sufi concepts have a special place. Using various dictionaries, the terminological meanings of the lexemes ***tasawvuf, viloyat, nubuvvat, ibodat, mashushu, oshik, vaadat, ilm, marifat, irfon, tariqat***, which are abundantly used in the works of Jami, are analyzed. The author concludes that knowledge of the mystical meanings of these words contributes to the correct perception of the content of the writer's prose.

Key words: vocabulary, Sufism, mysticism, research, study, term, semantics, concept, interpretation, teaching, researcher, literary heritage, work, vocabulary.

Сведения об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры история языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-589-64-08**

Information about the author: ***Jumaev Mehrob Odinaevich*** – Tajik National University, doctoral student of the history of language and typology. **Adress**: 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **mehriob@mail.ru**. Tel.: **(+992) 93-589-64-08**

УДК: 808.2+809.155.0

МЕСТО ПРИДАТОЧНЫХ АТРИБУТИВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Нурматова З.Ш.
Кулябский государственный университет им. А.Рудаки

Сопоставление отдельных форм (наличие или отсутствие в различных модификациях, например, форм рода, особенности употребленияпредлогов, соответствие между их значениями; особенности управления предлогов, соответствие между их значениями; особенности управления, порядка слов в предложении, конструкций сложноподчиненных предложений и т.п.) слов и их значений, переводы с одного языка на другой -все это действенные средства для повышения результативности преподавания языков [9, с.14].

Выделяется точка зрения, согласно которой атрибутивные придаточные предложения, основываясь на классификации, предложенной А.В.Васильевым, подразделяются на три типа: - индивидуализирующие, - классифицирующие, - описательные [7, с.37]. Особенностью индивидуализирующих придаточных предложений является то, что они передают индивидуальный признак, приписываемый только данному лицу или предмету (лицам или предметам) и отличающий его от всех других лиц или предметов того же класса.

Сравнение сложноподчинённых предложений русского и таджикского языков даёт возможность увидеть такие особенности языка, подойти к которым изнутри трудно или даже невозможно. В отличие от таджикского языка, в русском языке пределы данной семантической группы более объёмны. Для того, чтобы образовалось сложноподчинённое предложение, необходима синтаксическая связь, выраженная специальным показателем или совокупностью формальных показателей.

Рассмотрим отличие места придаточных частей в этих атрибутивных предложениях. Например: *Обыкновенно это было в те вечера, когда они читали в газетах о рабочем народе за границей* [5, с.31]; *Ин ҳолат одатан шабҳое рӯй медод, ки дар газетаҳо дар бораи аҳволи коргарони мамлакатҳои хориҷӣ чизе мехонданд* [6, с.40]. В русском предложении придаточная часть находится в конце (после главной части) предложения. Следовательно, в русской синтаксической науке при изучении придаточных атрибутивных предложений приводятся такие же примеры, как этот. Данное предложение близо с таджикским конструкциям, так как передача его сходится по структуре и семантике.

Соответствие также можем заметить по структурно-семантическому отношению в данных примерах, однако в целом семантические возможности каждого из этих типов предложений далеко не одинаковы [3, с.10]: *Мо ба як ҳавлии хурдтарак даромадем,* ***ки*** *болои онро як чинори паҳни сершоху барг пӯшонда буд* [11, с.143]; *Мы вошли в маленький дворик, посреди* ***которого*** *росла старая чинара* [10, с.130]. В таджикском примере придаточная часть тоже находится после главной части, однако при изучении придаточных атрибутивных предложений часто встречаемся с примерами, в которых придаточная часть находится в середине главного предложения. Исследования показывают случаи проявления смыслового принципа пунктуации в обоих языках; во - первых, о том, что изменения смысла выражаются в изменении грамматической структуры; во - вторых, о том, что смысловой принцип действует в ограниченном, хотя и широком круге синтаксических конструкций. Оптимальные условия для проявления смыслового принципа представляют обособленные определения различного типа (адъективные, субстантивные), уточнительно - пояснительные обороты, однородные группы [1, с.147]. Широкое употребление таких предложений является характерной особенностью таджикского синтаксиса: *Поезде,* ***ки*** *бояд рафиқ Калининро оварад, ҳанӯз наомадааст* [11, с.274]. *Скоро должен прибыть поезд,* ***который*** *привезет к нам Калинина* [10, с.237]. В таджикском примере *Поезд ҳануз наомадааст* является главным предложением, *бояд рафиқ Калининро оварад* придаточным. Прежде всего, в придаточной части привлекает глагол *бояд оварад*, будто притягивает к себе главное предложение и раскрывает его признак. Отличие этих придаточных частей в обоих языках только в их местоположении. В русском придаточном атрибутивном предложении придаточная часть находится в постпозиции к главному предложению, а в таджикском языке - в интерпозиции.

В русском и таджикском языках наблюдаются такие предложения, которые одинаковы по местоположению главных и придаточных частей: *От людей, которые говорили новое, слобожане молча сторонились* [5, с.7]; *Сокинони шаҳрча аз касоне, ки гапҳои нав мегуфтанд, хомӯшона дур мешуданд* [6, с.9]. В русском примере главным предложением является *От людей слобожане молча сторонились,* а придаточной *которые говорили новое.* Главной частью таджикского примера является *Сокинони шаҳрча аз касоне хомӯшона дур*

мешуданд, придаточной *гапҳои нав мегуфтанд.* При отдельном анализе придаточных частей можно заметить проявление неполноценности, они равны простым неполным предложениям. Как мы отмечали в предыдущих примерах, здесь тоже семантические возможности каждого из компонентов придаточных атрибутивных предложений далеко не одинаковы. Во – первых, в придаточной части *которые говорили новое* пропущено слово *гапҳои,* что в русском переводится *как слова.* Во – вторых, слово *которые* является союзным словом, что говорит о его грамматической форме, выполняющего обязанности члена предложения (дополнение). В придаточной части атрибутивного придаточного предложения таджикского языка не проанализирован союз **ки**. Этот союз, хотя в таджикском языке и не считается союзным словом, однако выполняет основную роль как синтаксическое средство связи.

Довольно ясное объяснение даёт **присубстантивно - определительным предложениям** Шанский Н.М.Он излагает, что придаточная часть идентифицирует (делает более определенным) или распространяет существительное -опорное слово главной части. В таких предложениях связь между частями устанавливается с помощью союзных слов ***который, какой, что***-(в неизменяемой форме), ***каков, чей, где, куда, откуда, когда,*** а также союзов ***как, будто, словно, точно.*** В зависимости от той функции, которую выполняет придаточная часть по отношению к опорному слову главной части, различают две разновидности присубстантивно-определительных предложений:

1) определительно-идентифицирующие; 2) определительно-распространительные[13, с.620].

В предложениях с определительно-идентифицирующим значением существительное - опорное слово главной части -называет предмет неконкретно, поэтому нуждается в уточнении. Напр.: 1) *Я сам мог бы убить человека, который стал зверем для людей* [5, с.114]; *Ман ҳам одамонеро, ки барои инсонҳо чун ҳайвони дарранда шудааст, кушта метавонистам* [6, с.146].2) -*Есть любовь, которая мешает человеку жить* [5, с.107];-*Дар дуньё муҳаббате ҳам ҳаст, ки ба зиндагӣ кардани кас монеъ мешавад* [6, с.138].3) *Завязался один из тех споров, когда люди начинали говорить словами, непонятными для матери* [5, с.103]; *Боз яке аз баҳсҳое сар шуд, ки мазмунаш ба модар номафҳум буд* [6, с.179]. В первом и во втором русских придаточных атрибутивных предложениях придаточные предложения относятся ко всей главной части. Придаточная часть в таких предложениях называет различительный признак, который выделяет предмет среди других предметов данного класса, делает его определенным, узнаваемым, т. е. идентифицирует его.

Профессор Ходжаев Д. назвал подобные определительные придаточные предложениями подобия-сравнения, кактаджикский перевод второго предложения [12, с.6].

Придаточная часть, определяя качество и признак, характер свойство определенного члена главного предложения поясняет его путем сравнения: *барои инсонҳо* ***чун*** *ҳайвони дарранда шудааст.* Для этого в составе придаточного предложения употребляется средства **чун, монанди, барин, мисли**. Однако он не имел в виду такие типы предложений, как перевод второго придаточного атрибутивного предложения: *Дар дуньё муҳаббате ҳам ҳаст, ки ба зиндагӣ кардани кас монеъ мешавад.* Если опираться на мнение Шанского Н.М., то такие предложения он назвал определительно-распространительными. Подробное изъяснение приведено в нижеследующем придаточном атрибутивном предложении.

В главной части опорное слово часто сочетается с указательными местоимениями ***тот, такой,*** которые подчеркивают, что опорное слово-существительное - нуждается в уточнении, идентификации названного им предмета посредством указания на его отличительный признак, о чем свидетельствует третье предложение.

Среди союзных слов придаточных атрибутивных предложениях в русском языке частоупотребляемым местоимением является ***который.*** Оно согласуется в роде и числе с опорным словом главного предложения, но падежную форму приобретает в зависимости от синтаксической функции, которую выполняет в придаточной части, напр.: *Комнаты домика, в котором жили наши старички, были маленькие, низенькие, какие обыкновенно встречаются у старосветских людей* (слово *который* имеет форму мужского рода единственного числа, как и слово *домик,* но стоит в предложном падеже, так как обозначает обстоятельство места при глаголе *жить).* Союзное слово ***который*** можно использоватьвместо других союзных слов, так как оно имеет наибольшее значение определительности [14, с.696].

В сложноподчиненных предложениях с определительно-распространительной придаточной частью опорное слово — существительное — называет объект вполне определенно и не нуждается в уточнении, конкретизации. Например: *Господин скинул с себя картуз и размотал с шеи шерстяную, радужных цветов косынку,* ***какую*** *женатым приготовляет своими руками супруга, снабжая приличными наставлениями* [3, с.40]; *Мусофир телпакашро аз сар гирифту аз гарданаш шарфи сегӯшаи пашмини рангорангеро кушод,* ***ки***

ин гуна шарфҳоро барои мардони зандор занҳояшон бо дасти худашон тайёр карда медиҳанд[4, с.8].*На другой день Чичиков отправился на обед и вечер к полицеймейстеру,* ***где*** *с трех часов после обеда засели в вист и играли до двух часов ночи* [3, с.48]; *Рӯзи дигар Чичиковба наҳорӣва шабнишинӣ ба хонаи полицеймейстер рафт,* ***ки****дар он ҷо баъд аз наҳорӣазсоатисеирӯз дар сари вистбозӣ нишастанд ватосоати дуи шаб бозӣкарданд* [4, с.18]. В таких предложениях придаточная часть сообщает об этом объекте дополнительные сведения, которые автор считает необходимым передать читателю. Средствами связи в таких предложениях служат только союзные слова ***который, какой, чей, где, куда, откуда.*** В таджикских придаточных атрибутивных, как видим на примерах, все эти средства связи передаются только союзом **ки**.

Наблюдения показывают, что в русском языке в определительно-распространительных предложениях связь между частями факультативна. Мы можем представить каждую из них как отдельное самостоятельное простое предложение. Это объясняется тем, что атрибутивная придаточная часть содержит в себе дополнительное присоединительное значение, что можно встретить и в таджикском языке.

В русском языке в присубстантивно-определительных предложениях придаточная часть может находиться в интерпозиции или постпозиции по отношению к главной части, т. е. в середине или после нее, но она всегда располагается после опорного слова, к которому непосредственно прикрепляется. Эту версию можно наблюдать и в таджикских примерах.

Союз ***ки*** может занять позицию и в конце придаточного предложения: место союза ***ки*** в придаточном предложении обуславливает место придаточного в составе сложноподчиненного предложения.

При нашем исследовании встречаются придаточные атрибутивные предложения, которые при переводе не схожи с конструкцией: *Молилась без слов, одной большой думой о людях, которых ввел Павел в ее жизнь* [5, с.65]; *Лабонашро начунбонда, бесадо ибодат мекард* [6, с.83]. Предложение с русского передаётся на таджикский язык простым односоставным предложением. Здесь в таджикском примере опущена придаточная часть и представлена только главная часть русского придаточного атрибутивного предложения. Несоответствие заметно по причине того, что придаточная часть может подробно передать происходящее событие, признак главной части, и не всегда о ней узнаём при передаче простым предложением. Более высокая частотность атрибутивных предложений в таджикском языке зависит, на наш взгляд, от наличия в таджикском литературном языке большего количества союзов и союзных слов, имеющих нередко разговорную стилистическую окраску и дающих возможность разнообразить структуры в целом.

При изучении русского языка знание родного языка, сопоставление двух языков весьмаполезныиценны:присравнениисопоставительномосмыслениилюбые языковые факты лучше воспринимаются и прочно запоминаются. На этой основе происходит сближение учения о лексической семантике и семантического синтаксиса. В лексикологии это проявляется в том, что при изучении значения слова привлекаются лексико-синтаксические преобразования предложений, включающих это слово [2, с.39]. В семантическом синтаксисе это проявляется в том, что при изучении значения предложения привлекается лексическая семантика входящих в предложение слов, прежде всего тех, которые составляют его предикативный центр. Таким образом, изучение смысловой организации придаточного атрибутивного предложения в современной науке ведется и со стороны лексикологии (лексической семантики), и с позиций собственно семантического синтаксиса.

Учитывая семантико-синтаксические отношения между предикативными частями в структуре сложноподчиненных предложений с придаточной атрибутивной частью,следует указать, что атрибутивные придаточные относятся к именам существительным, или указательным местоимениямв главной части.

Проанализировав придаточные атрибутивные предложения в сопоставляемых языках, мы обнаружили, что часто придаточная часть в русском языке находится в постпозиции, в отличие от таджикского языка. В таджикском языке они чаще встречаются в интерпозиции. Препозиционное положение придаточных частей характерно другим сложноподчиненным предложениям, кроме придаточных атрибутивных предложениях. При семантико-структурном анализе способов соотнесенности придаточной атрибутивной части к определенному слову устанавливается существенная особенностьсложноподчиненных предложений – по семантике придаточная часть не является строго закрепленной за каким-либо определенным структурным типом.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Акимова Г.Н. Новое в синтаксисе современного русского языка / Г.Н. Акимова. - М.: Высш. шк., 1990. - 168 с.
2. Березин Ф.М. История советского языкознания / Ф.М. Березин. - М.: Высш. шк., 1988. - 2-е изд. - 527 с.

3. Гоголь Н.В. Мёртвые души. Поэма / Н.В. Гоголь. - М.: Художественная литература, 1983. – 415 с.
4. Гоголь Н.В. Ҷонҳои мурда. Асарҳои мунтахаб / Н.В. Гоголь. - Душанбе: Нашриёти Ирфон, 1986. - 456 с.
5. Горький А.М. Мать / А.М.Горький. - М.: Современник, 1977. - 319 с.
6. Горький М. Модар. Роман / М. Горький. - Душанбе: Адиб, 1989. - 400с.
7. Рахмонова Н.Ш. Семантическая структура СПП в системе синтаксиса: лингвокогнитивный подход: автореферат дис… докт. филол. наук: 10.02.19 / Н.Ш. Рахмонова. – Душанбе, 2017. - 50 с.
8. Салимов Р.Д. Русские инфинитивные предложения и способы их передачи в таджикском языке / Р.Д. Салимов. - Душанбе: РТСУ, 2017. - 66 с.
9. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. 3-е изд. / А.В. Текучев. - М.: Просвещение, 1980. - 414 с.
10. Улугзаде С. Утро нашей жизни / С.Улугзаде. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1954. - 310 с.
11. Улуғзода С. Субҳи ҷавонии мо / С.Улуғзода. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1956. - 362 с.
12. Ходжаев Д. Сложноподчиненные предложения с придаточными определительными в современном таджикском литературном языке: автореферат дис. канд. филол. наук: 10.02.22 / Д.Ходжаев. - Душанбе: ТГУ, 1980. - 19 с.
13. Шанский Н.М. Современный русский литературный язык / Н.М. Шанский, А.Н. Тихонов, А.В. Филиппов, С.И. Небыкова, Д.И. Изаренков. 2-е изд. - Л.: Просвещение, 1988. - 671 с.
14. Шведова Н.Ю. Грамматика современного русского литературного языка / Н.Ю. Шведова.- М.: Наука, 1970. - 768 с.

ҶОЙИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВ ДАР ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ МУАЙЯНКУНАНДА ДАР ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур муқоисаи байни забонҳо дар ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда мувофиқ ба танзими талаботҳои замони ҳозира баррасӣ мегардад. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ мувофиқатӣ ва тафовутии ҷойи ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла дар ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда зоҳир мегарданд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар мисолҳои нависандагони рус ва тоҷик дорои баъзе хусусиятҳои ҷойгиршавии ҷузъҳо мебошанд, махсусан гурӯҳбандии ҷумлаҳои соддаи дохили ҷумлаҳои мураккаб. Таҳлили алоҳидаи ҷумлаҳои пайрав зоҳиршавии ноқисиро, ки ба ҷумлаҳои соддаи нопурра баробаранд нишон медиҳад. Дар забони тоҷикӣ дар мисолҳо ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла омада метавонад, аммо дар натиҷаи шиносоӣ бо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар синтаксиси забоншиносӣ мисолҳое вомехӯранд, ки ҷумлаҳои пайрав аз рӯйи анъана дар байни сарҷумла ҷойгир ҳастанд. Истифодаи васеи ин ҷумлаҳо хосси махсуси синтаксиси тоҷик мебошад. Муаллиф кӯшиш менамояд, ки махсус ин хусусиятҳоро дар ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда нишон диҳад. Дар забони русӣ ҷумлаҳои пайрав дар ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда метавонанд дар байн, ё ин ки баъд аз сарҷумла ҷойгир шаванд. Ин тариқ мушоҳидаро дар мисолҳои тоҷикӣ низ вохӯрда метавонем.

Калидвожаҳо: хусусиятҳои фардӣ, хусусиятҳои назаррас, синтаксис, ҷойгиршавӣ, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ҷумлаи пайрав, мувофиқатӣ, тафовут.

МЕСТО ПРИДАТОЧНЫХ ЧАСТЕЙ В ПРИДАТОЧНЫХ АТРИБУТИВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматривается внутриязыковое сравнение сложноподчиненных предложений с придаточными атрибутивными предложениями, оформленными в соответствии с требованиями последнего времени. На основе сопоставительного анализа выявляются сходство и различие места придаточных частей в придаточных атрибутивных предложениях в русском и таджикском языках. Исследования показывают, что сложноподчиненные предложения с придаточными атрибутивными частями имеют некоторые особенности расположения их частей, в особенности группировки простых предложений внутри сложного. При отдельном анализе придаточных частей можно заметить проявление неполноценности, они равны простым неполным предложениям. В таджикских примерах придаточная часть может находиться после главного предложения, однако при изучении придаточных атрибутивных предложений в таджикской синтаксической науке часто встречаются примеры, когда придаточная часть находится в середине главного предложения. Широкое употребление таких предложений является характерной особенностью таджикского синтаксиса. Автор статьи стремится показать именно эту особенность придаточных атрибутивных предложений. В русском языке в присубстантивно-определительных предложениях придаточная часть может находиться в интерпозиции или постпозиции по отношению к главной части, т. е. в середине или после нее, но она всегда располагается после опорного слова, к которому непосредственно прикрепляется. Такое расположение можно встретить и в таджикских примерах.

Ключевые слова: индивидуальный признак; существенная особенность; синтаксис; местоположение; сложноподчиненные предложения; придаточная часть; сходство; различие.

PLACE OF APPENDAGES IN SUBORDINATE ATTRIBUTE CLAUSES IN RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES

The article discusses the intra-language comparison of complex sentences with subordinate attributive sentences designed in accordance with the recent requirements. On the basis of a comparative analysis, the similarities and differences in place of accessory parts are revealed in accessory attributive sentences in Russian and Tajik languages. Studies show that complex sentences with attributive attribute parts in the examples of Tajik and Russian writers consist of some features of the arrangement of their parts, in particular the grouping of simple sentences within a complex one. With a separate analysis of the accessory parts, you can notice the manifestation of inferiority, they are equal to simple incomplete sentences. In the Tajik examples, the subordinate may be after the main sentence, however, when reading the subordinate attribute sentences in the Tajik syntactic science, there are often examples that the subordinate part is in the middle of the main sentence. The widespread use of such sentences is a characteristic feature of the Tajik syntax. The author of the article seeks to show this particular feature in subordinate attribute sentences. In Russian, in subordinate clauses, the subordinate part may be in the interposition or postposition in relation to the main part, that is, in the middle or after it, but it is always located after the reference word to which it is directly attached. Such an observation can be found in the Tajik examples.

Key words: individual trait; significant feature; syntax; location; complex sentences; clause; similarity; difference.

Сведения об авторе: ***Нурматова З.Ш.*** - Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, аспирант факультета русской филологии, ассистент общеуниверситетской кафедры русского языка **Адрес:** 735360, Республики Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. E-mail: **ddknzs@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-911-41-11**

Information about the author: ***Nurmatova Z. Sh.*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Post-graduate student of the Faculty of Russian Philology, Assistant of the All-University Department of the Russian Language. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarova Str. 16. E-mail: **ddknzs@mail.ru**. Tel.: **(+992) 93-911-41-11**

УДК: 491.550-5:82-1

ИСТИФОДАИ СИФАТҲОИ МУРАККАБУ СИФАТҲОИ ФЕЪЛӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Муҳаммадиева С.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Чуноне аз маъхазҳо бармеояд, Миробид Сайидои Насафӣ дар асри XVII бо сабки ҳиндӣ эҷод кардааст. Аз сабаби он ки намояндагони машҳури ин услуб дар Ҳиндустон зиндагӣ ва эҷод менамуданд, ба сабки ҳиндӣ (услуби ҳиндӣ) маъруф гардид. Латофати лафз, нозуктасвирӣ, борикандешӣ, мазмунофаринӣ, ташбеҳҳои мураккаб ва нафис, хаёлӣ, истиораҳои рангину печ дар печ хосси услуби ҳиндӣ буданд.

Аз ин рӯ, аз ашъори Сайидо бармеояд, ки ӯ бо санъати баланд, бо истифода аз воситаҳои услубӣ калимаҳои мураккабро ба риштаи назм кашидааст. Дар ин мақола аз ғазалҳои Сайидо намуна меорем ва хонандаи ҳушманд дарк менамояд, ки сифатҳои мураккаб чӣ тавр устодона сохта шудаанд:

Кабобам карда **бепарвохироме, чашммайнӯше,**
Қаландармашрабе, якшаҳрошиқхонабардӯше,
Мурассаъостин, гул дар гиребон, **нозукандоме,**
Мунаққашҷомае, зарринкамарбанде, кӯлаҳпӯше.
Сияҳбесурмамижгоне, лаби **бебодарангине,**
Нигоххомӯш гӯёе, **забонгӯёи** хомӯше.
Мусофирпарваре, ороми ҷоне, **соҳибидроке,**
Сафарнокардамардумдидае, савдогари ҳуше.
Нигоҳе **васлпайғоме,** ба лаб имои дашноме,
Гаҳе **гармошночашме,** гаҳе **ошиқфаромӯше,**
Чаманмашшотаи банди қабо, **сунбулҳаводоре,**
Гули раъно, кафи пое, қади **кокулрабодӯше.**
Ба худ **мағрурҷаллоде, назарбедом** сайёде,
Ба ноҳақ **теғзандасте, насиҳатношунавгӯше.**
Чу фикри Сайидо шӯхе, чу тӯтӣ **нармгуфторе,**
Забон фаввораи шаҳде, даҳон сарчашмаи нӯше [5, с.138].

Ин гуна санъатро, ки сифатҳо паси ҳам чида шуда омадаанд, дар осори балоғати классикӣ тансиқи сифот меноманд, ки маънояш сифатчинӣ гуфтан аст. Сифатчинӣ бештар дар як байт ва гоҳо дар ду–се байти алоқадор, ҳатто баъзан дар тамоми як ғазал воқеъ мешавад [2, с.77]. Ҳамин тавр, тарзи диққатҷалбкунандаи сохти сифатҳои мураккаб дар эҷодиёти Сайидо он аст, ки калима аз ҳарфҳои зиёд иборат бошад ҳам, маънои худро нигоҳ доштааст. Вожаи **«якшаҳрошиқхонабардӯше» аз** 21 ҳарф, як-шумора, шаҳр-исм, ошиқ-исм, хона-исм, бар-миёнванд, дӯш-исм, «**сафарнокардамардумдидае»** аз 23 ҳарф ва аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ: сафар-исм, нокарда-феъл, мардум-исм, дида-феъл, «**сияҳбесурмамижгоне»** аз 18 ҳарф, сияҳ-сифат, бесурма-сифат, мижгон-исм, **«насиҳатношунавгӯше»** низ аз 18 ҳарф иборат буда, насиҳат-исм, ношунав-сифат, гӯш-исм сохта шудаанд [4, с.116]. Сифатҳои сеҷузъа натиҷаи ду пояи калмасозӣ мебошад: ду ҷузъи аввал ва гоҳо ду ҷузъи сонӣ дар пояи нахустин сурат мегиранд, илова шудани ҳиссаи сеюм пояи дигар ба шумор меравад [1, с.146], Корбурди сифатҳои сеҷузъа дар эҷодиёти Сайидои Насафӣ хело ҷолибу устодона ба назар мерасанд: **Қомат+ҷома+зеб** [4, с.90], **теғ+зан+даст** [4, с.90], **бӯстон+гум+карда** [4, с.90], **ошён+гум+карда** [4, с.90], **устухон+гум+карда** [4, с.90], **касон+гум+карда** [4, с.90], **даҳон+гум+карда** [4, с.90], **ҷавон+гум+карда** [4, с.91], **корвон+гум+карда** [4, с.91], **кокул+рабо+дӯш** [4, с.116], **заррин+камар+банд** [4, с.138], **сияҳ+бесурма+мижгон** [4, с.138], **гарм+ошно+чашм** [4, с.138], **сунбул+ҳаво+дор** [4, с.138], **насиҳат+ношунав+гӯш** [4, с.138].

Дар ашъори Сайидои Насафӣ корбасти сифатҳои мураккаби аз сеҷузъа зиёдтар ҳам дида мешаванд: **сафар+нокарда+мардум+дида** [5, с.138], **як+шаҳр+ошиқ+хона+бар+дӯш** [5, с.138].

Ба гуфти академик Абдулғанӣ Мирзоев «Аз ин ҷо мумкин аст ба чунин фикр омад, ки дар асри XVII пай дар пай дар назм кор фармуда шудани ин тариқа калимаҳои мураккаб як ҳодисаи умумӣ шуда будааст» [5, с.139].

Дар ғазали зерин низ чунин пайдарпаии сифатҳои мураккаб дида мешавад:

Зи ман дил бурда **рангинҷилвае, шамшодболое,**
Хироми **домтовусе, фиребоғӯш** аъзое.
Паямбарзодае, як шаҳри Канъон **чашмдарроҳе,**
Азизи Мисри тамкин, Юсуфи ошиқ, Зулайхое.
Санавбарқомате, бодомчашме, гулбадан шӯхе,
Нигоринпанҷае, по дар ҳино **соидмусаффое.**
Чу сарви боғ **қоматҷомазебе, чидадомоне,**
Зиҳӣ чоки гиребоне, гулистони таманное! [5, с.138].

Мисолҳои аз ашъори Сайидо гирдовардаамон далели онанд, ки дар забони осори ӯ сифатҳои мураккаб хеле фаровон истифода шудаанд.

Сифатҳои мураккаб дар осори Сайидои Насафӣ бо тарзу роҳҳои гуногун сохта шудаанд:

а). аз исму исм: шаҳписанд [6, с.16], мушкбор [6, с.21], оташзабон [6, с.31], гулпераҳан [6, с.59], оташнафас [6, с.62], оҳандилон [6, с.81], шуъларанг [6, с.91], коҳранг [6, с.91], сарвқад [6, с.102-221-350], анбарбӯй [6, с.138], ашкбор [6, с.160], шамшодқомат [6, с.184], мижгонфаранг [6, с.228], ҷаҳонтоб [6, с.229], шуълахӯ [6, с.251], парирӯ [6, с.297], симбар [6, с.300], сунбулпаноҳ [6, с.309], чаманпарвоз [6,334], пероҳангулистон [6,334], моҳҷабин [6,335], одамирӯё [6, с.348], шамшодболо [6, с.349], ҳилолабрӯ [6, с.349], шафақрухсора [6, с.349], фалакрафтор [6, с.349], оташмизоҷ [6, с.349], домтовус [6, с.349], фиребоғӯш [6, с.349], ғунчадаҳон [6, с.363], хунбор [6, с.371], зарнигор [6, с.132], самандартинат [5, с.160], гулдаст [4, с.108], қаландармашраб [4, с.116], соҳибидрок [4, с.116], васлпайғом [4, с.116], ошиқфаромӯш [4, с.116], чаманмашшота [4, с.116]. Ин сифатҳо аломати зоҳирӣ ва ботинии мавсуфро ифода менамоянд. Агар дар чунин калимаҳо исм чун ҷузъи дуюм воқеъ гашта, предметеро фаҳмонад, сифати он ба аломате (аломати мусбат ё манфӣ) соҳиб будани вайро таъйин мекунад [1, с.146].

б) аз исму сифат: сарсабз [6, с.281], нигоҳҳомӯш [4, с.116], забонгӯё [4, с.116], сунбулҳаводор [4, с.116], назарбедом [4, с.116], гиребончок [6, с.372], худонотарс [6, с.349].

в) аз исму исм ва миёнвандҳо: ҳалқабаргӯш [6, с.45], хонабардӯш [6, с.107], шуълабардӯш [6, с.241], чашмдаррох [6, с.349],ҷомабардӯш [6, с.372].

г) аз сифатҳои содаву сохта ва исм: хушилҳон [6, с.19], сурхрӯй [6, с.21], хурдсол [6, с.21], пурхун [6, с.31], сероб [6, с.55], симинбадан [6, с.59], ширинсухан [6, с.59], кӯтаҳнафас [6, с.61], олиҷаноб [6, с.66], пуроб [6, с.66], комилҳунар [6, с.66], содалаҳв [6, с.70, 5, с.160], ширидаҳан [6, с.74], мушкинрақам [6, с.75], шӯхчашм [6, с.89], бадмизоҷ [6, с.92], хушнаво [6, с.103], [4, с.116], мурассаъостин [4, с.116], мунаққашҷома [4, с.116], зарринкамарбанд [4, с.116], гармошночашм [4, с.116], мағрурҷаллод [4, с.116], нармгуфтор [4, с.116], симинбар [6, с.124], пурзаҳр [6, с.125], олимашраб [6, с.127], хушклаб [4, с.127], куҳнакор [4, с.128], равшангуҳар [6, с.138], пурхатар [6, с.147], покдоман [6, с.151], лайличабин [6, с.151], занҷирмӯ [6, с.151], гулгунқабо [5, с.155], пурмуддао [5, с.162], хушнигор [5, с.162], қавибозу [6, с.166], тангдаст [5, с.167], гурусначашм [6, с.192], пуршиква [6, с.209], пуршӯр [6, с.215], бараҳнапой [6, с.265], куҳнатақвим [6, с.279], олигуҳар [6, с.300], хушдимоғ [6, с.321], тундхӯ [6, с.331], раъноҷилва [6, с.334], ошуфтадимоғ [6, с.335], рангинҷилва [6, с.349], бепарвохиром [6, с.349], камҳарф [6, с.349], нозукандом [6, с.350; 4, с.116].

ғ) аз сифату сифат: бебодарангин [4, с.116]. Ин гурӯҳи сифатҳо ба хусусияте ё аломате соҳиб будани предметро мефаҳмонанд. Ин қолиб нисбатан каммаҳсул аст [1, с.146].

д) аз сифати феълӣ ва сифат: рамхӯрдаваҳшӣ [6, с.354].

е) аз исму исм ва феъл: чашммайнӯш [4, с.116].

ё) исму феълу исм: кокулрабодӯш [4, с.116], теғзандаст [4, с.116].

ж) аз сифати содаву сохта ва феъл: парешонгӯ [6, с.36], борикбин [6, с.104], гулгунпӯш [6, с.128].

з) аз ҷонишин ва феъл: худбин [6, с.20], касмаёб [5, с.140], касмахар [5, с.140].

Ба дӯкон дорам матои **касмаёбу касмахар,**
Рӯзгоре шуд, хиҷолат дорам аз колои хеш [5, с.140].

и) аз исму феъл: ҷонбахш [6, с.15], хазондида [6, с.20, 3, с.121], балокаш [6, с.27], суханпарвар [6, с.37], оламтоб [6, с.44], бозоргир [6, с.48], абирафшон [6, с.48], мевадор [6, с.50], дунболадор [6, с.51], номдор [6, с.64], доманафшон [6, с.80], ошиқнавоз [6, с.86], анбарфишон [6, с.86], фитнаҷӯй [6, с.87], майпараст [6, с.89], бӯстонгумкарда [6, с.90], ошёнгумкарда [6, с.90], устухонгумкарда [6, с.90], касонгумкарда [6, с.90], даҳонгумкарда [6, с.90], ҷавонгумкарда [6, с.91], корвонгумкарда [6, с.91], оташзада [6, с.93], саркаш [6, с.93], шараршфишон [6, с.97], сеҳрофарин [6, с.104], дилкушо [6, с.67-109, 5, с.110], паршикаста [6,

с.117], боровар [6, с.160], дилнишин [4, с.97; 6, с.161-223], сунбулчарида [6, с.181], дилҷӯй [6, с.183], хунфишон [6, с.200], мушкфишон [6, с.241], оташдида [6, с.242], чапғалатандоз [6, с.244], ғуболулуд [6, с.251], шабгард [6, с.251], саҳрогард [6, с.258], бодапараст [6, с.274], дарбаста [6, с.278], шуълаафшон [6, с.300], мискиннавоз [6, с.325], баҳорафшон [6, с.334], думдор [5, с.151], тобоварда [5, с.161], майнӯш [4, с.128], кӯлаҳпӯш [4, с.116], мусофирпарвар [4, с.116], гарданкаш [6, с.349], хонумонсӯз [6, с.349].

к) аз шумораву исм: нимбисмил [6, с.23].

Дар ашъори Сайидо корбурди вожаҳои мураккаб дар шакли **сифатҳои феълӣ** низ ба назар мерасанд:

Ғоратзада:

Моли **ғоратзада** аз ҳокими деҳ бояд ҷуст,
Гургро нест гунаҳ, ҷурми шубон хоҳад буд [3, с.1944; 6, с.43].

Хамгашта:

Ҳар сари маҳ бо қади **хамгашта** мегӯяд ҳилол,
Гардиши айём моро дар ҷавонӣ пир кард [3, с.44; 6, с.189].

Паршикаста:

Ай Сайидо, зи нолаи худ ёфтам асар,
Ин тири **паршикаста** ба сӯйи нишона рафт [6, с.117].

Оташдида:

Пайкарам чун мӯйи **оташдида** печутоб дошт,
Зулфи бетобе ҷудо мекард даст аз шонаам [6, с.242].

Хунгашта:

Дили **хунгаштаамро** аз лаби худ шодмон гардон,
Сабӯи бодаамро пур зи оби зиндагонӣ кун! [6, с.294].

Суханнашнида:

Бути гарданкаше, оташмизоҷе, хонумонсӯзе,
Худонотарс, камҳарфе, **суханнашнида,** худрое [6, с.349].

Хамида, торочдида:

Фалак ба қомати пири **хамида** мемонад,
Ҷаҳон ба деҳаи **торочдида** мемонад [7, с.214].

Бирешимтанида:

Даруни ҷомаи рангини хеш дунёдор,
Ба кирмхои **бирешимтанида** мемонад [7, с.214].

Бағалкушода:

Бағалкушодаву пӯшида ҷомаи гулранг,
Ба ин либос ба тороҷи хуш меояд [5, с.139].

Ошуфта:

Туро имрӯз чун мӯйи **оташдида** мебинам,
Кадом **ошуфта** бар тасхири зулфу шона месӯзад [5, с.158].

Дурафтода, паррехта, тобоварда:

Тифли **дурафтода** аз модар, шавад **паррехта,**
Тири **тобоварда** оғӯши камон гум кардааст [5, с.161].

Шохношикаста:

Эй ғунча, аз кадом чаман об хӯрдаӣ?
Эй **шохношикаста**, зи бӯстони кистӣ? [5, с.163].

Қобили тазаккур аст, ки мо дар дарсҳои худ ҳангоми баррасии мавзӯи «Имлои сифатҳои мураккаб ва сифати феълӣ» чунин вожаҳоро аз қабили: **макроиқтисодӣ, ғайрибонкӣ, сармоягузоришаванда, камарзиш, ғайримолиявӣ, умумииқтисодӣ, пардохтшуда, ҷуброншаванда, муфлисшуда, рушдёфта** ва ғайраҳоро истифода мебарем, ки онҳо сифатҳои мураккаб ва сифатҳои феълии соҳаи иқтисодӣ мебошанд. Вале, барои он ки дарс ҷолиб, пурмазмуну муассир гузарад, донишҷӯ дар оянда байни миллатҳои дигар аз боигарии забони тоҷикӣ, адабиёт ва фарҳанги миллати тоҷик сухан ронда тавонад, мо аз осори адибони классику муосир мисолҳо меорем ва ин маротиба аз эҷодиёти Сайидои Насафӣ истифода намудем.

Хулоса, дар осори Сайидо назар ба сифати феълӣ сифатҳои мураккаб фаровон истифода шудаанд, ки мо корбурди мухталифи онҳоро пешниҳоди ҳаводорони назми шоири фавқуззикр намуда, умедворем, ки дар пажӯҳиш ё тадриси онон ба кор ояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985. - Ҷ.1. - 356 с.
2. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. - Душанбе: Ирфон, 1967. - 302 с.
3. Мирзоев А. Девони мунтахаб / А.Мирзоев. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1944. - 212 с.
4. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик / А.Мирзоев. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947. - 199 с.

5. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик / А.Мирзоев. – Душанбе, 2018. - 262 с.
6. Сайидои Насафӣ. Девон. - Душанбе: Адиб, 2017. - 479 с.
7. Саъдиев С. Сайидои Насафӣ ва муҳити адабии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XVII. - Душанбе, 2018. - 296 с.

КОРБУРДИ СИФАТҲОИ МУРАККАБУ СИФАТҲОИ ФЕЪЛӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Дар ин мақола мавқеъ ва истифодаи ҷолибу ҷаззоби сифатҳои мураккаб ва сифатҳои феълӣ дар ашъори шоири асри XVII Сайидои Насафӣ, ки бо сабки ҳиндӣ эҷод менамуд, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар мақола муаллиф тарзи бо роҳҳои гуногун сохта шудани сифатҳои мураккаб ва сифатҳои феълии дар ашъори Сайидо бударо ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, дар бобати хусусиятҳои сохтории ҳар кадоми ин гурӯҳ маълумоти мухтасар додааст. Аз ҷумла, **а). аз исму исм:** гул+пераҳан…; **б). аз исму сифат:** сар+сабз…; **в). аз исму миёнванд ва исм:** ҳалқа+бар+гӯш…; **г). аз сифатҳои содаву сохта ва исм:** бепарво+хиром…; **ғ). аз сифату сифат:** бебода+рангин; **д). аз сифати феълӣ ва сифат:** рам+хӯрда+ваҳшӣ…; **е).аз исму исм ва феъл:** чашм+май+нӯш**…; ё). исму феълу исм:** кокул+рабо+дӯш…; **ж). аз сифати содаву сохта ва феъл:** гулгун+пӯш; **з). аз ҷонишин ва феъл:** худ+бин. Инчунин, сифатҳои феълие, ки Сайидои Насафӣ дар ғазалиёташ мавриди истифода қарор додааст, аз диди муаллиф берун намондааст: **ғоратзада**, **хамгашта**, **паршикаста**, **оташдида**, **хунгашта**, **суханнашнида**, **хамида**, **тороҷдида**, **бирешимтанида**, **бағалкушода**, **оташдида**, **ошуфта**, **дурафтода**, **паррехта, тобоварда**, **шохношикаста** ва ғайра. Ҳадафи муаллифи мақола дар инъикоси сифатҳои мураккаб ва сифатҳои феълии ашъори Сайидои Насафӣ дар он аст, ки устодони макотиби олӣ ва миёна метавонанд, ҳангоми машғулиятҳояшон аз ин нигоштаҳо фаровон истифода намоянд.

Калидвожаҳо: сифатҳои мураккаб, сифати феълӣ, исм, феъл, сабки ҳиндӣ, ғазалҳо, назм.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СЛОЖНЫХ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ И ПРИЧАСТИЙ В ГАЗЕЛЯХ САЙИДО НАСАФИ

В этой статье исследуются роль, место и привлекательность сложных прилагательных и причастий в творчестве Сайидо Насафи с использованием индийского стиля. В статье автор даёт краткую информацию о способах и разных путях образования сложных прилагательных и причастий в поэзии Сайидо, разделённых по группам по соответствующим особенностям и структуре. В частности: а) из существительных - существительного: ***гул+перањан (одетая в изящную красную одежду);*** б) из существительного и прилагательного: ***сар+сабз (цветущий);*** в) из существительного, связки и существительного: ***њалќа+бар+гўш (покорный);*** г) из простых и составных прилагательных и существительного: ***ширин+сухан (сладко+речивый), бепарво+хиром (равнодушная+грациозная походка);*** д) из прилагательного и прилагательного: ***бебода+рангин (*без вина + цветной);** е) из причастия и прилагательного: ***рамхўрда+ваҳшї; (испуганный+дикий);*** ё) из существительного и существительного и глагола: ***чашм+май+нўш (глаза с поволокой);*** ж) из существительного, глагола и существительного: ***кокул+рабо+дўш (плечо, отнимающее косички);*** з) из простых и сложных прилагательных и глагола: ***парешон+гў* (говорящий рассеянном), гулгун+пўш** *(одета в красном, красиво);* и) из местоимения и глагола: ***худ+бин (эгоист*);** к) из числительного и существительного: **ним+бисмил (измученный).** Таким образом, автор уделяет внимание **причастиям**, которые использовал Сайидои Насафи в своих газелях: **ѓоратзада** *(разорённый),* **хамгашта** (*согнутый*), **паршикаста** *(обессиленная)*, **оташдида** *(обожжённый),* **хунгашта** *(кровоточивый)*, **суханнашнида** *(непослушный,),* **хамида** *(волнистая,),* **торољдида** (*ограбленный)*, **бирешимтанида** *(изящно как шелковая нить),* **баѓалкушода** *(радушно, приветливо),* **ошуфта** *(взволнованный),* **дурафтода** *(отдалённый),* **паррехта** *(несчастный, беспомощный),* **тобоварда** *(выносливый),* **шохношикаста** *(упрямая, самовольная)* и другие. Цель автора статьи состоит в томчтобы показать сложные прилагательные и причастия, которые использовал Сайидо Насафи в своей поэзии, их также преподаватели высших и средних учебных заведений могут широко применять на своих занятиях.

Ключевые слова: сложные прилагательные, причастие, существительное, глагол, индийский стиль, газели, поэзия.

THE USE OF COMPLEX ADJECTIVES AND PARTICIPLE IN SAIDOI NASAFI'S POEMS (GASELS)

This article analyses the role, place and attractiveness of complex adjectives and participles in the works of Sayidoi Nasafi using Indian style. In the article, the author gives short information about the ways and different ways of formation of complex adjectives and participles in Sayido's poetry which is divided into groups according to the relevant features and structure. In particular **a). from nouns:** gul + perahan (dressed in elegant red clothes); **b). from the noun and adjective:** sar + sabz (blooming); **c). from the noun, conjunction and noun:** halqa + bar + gush (submissive); **d). from simple and compound adjectives and noun:** shirin + sukhan (sweet + flowing), beparvo + chirom (indifferent + graceful gait); **e). from adjective and adjective:** beboda + rangin (without wine + color); **f). from the participle and adjective:** ramhurda + vahshi; (scared + wild); **g). from the noun and noun and verb:** chashm + may + nush (eyes languishing); **h). from a noun, verb and noun:** kokul + rabo + dush (a shoulder takes braids); **i). from simple and complex adjectives and the verb:** pareshon + gu (speaking absent-minded), gulgun + push (dressed in red, beautifully); **j). from a pronoun and a verb:** hood + bin (egoist); **k).from numeral and noun:** ним+бисмил (exhausted). Thus, the author pays attention to the participles that Sayidoi Nasafi used in his ghazals (poems): ghoratzada (devastated), hamgashta (bent), parshikasta (exhausted), otashdida (burned), hungashta (bleeding), sukhannashnida, torojdida (robbed), bireshimtanida (delicately like silk thread), baghalkkushoda (cordially, affably), oshufta (agitated), duraftoda (distant), parrechta (unhappy, helpless), tobovarda (resilient), shokhnoshikasta, unauthorized) and others. The main purpose of the author of the article is to analyze the poetry of Sayidoi Nasafi with complex adjectives and participles so that the teachers of higher and secondary educational institutions could widely apply them in their classes.

Key words: complex adjectives, participle, noun, verb, Indian style, ghazals, poetry, flourishing, devastated, bent, robbed, unhappy, hardy, stubborn, occupations.

Сведения об авторе: ***Мухаммадиева Савринисо*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, преподаватель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаева 64/14. Тел.: **(+992) 93-333-48-69**

Information about the author: ***Mukhammadieva Savriniso*** - Tajik State Financial and Economic University, teacher of the Tajik language department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. N. Karabaeva 64/14.

УДК:491.550-54:491.71:42

ПРЕДЛОЖНЫЕ КОНСТРУКЦИИ ГЛАГОЛЬНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

(с привлечением материалов русского и английского языков**)**

Рахимов М.С.
Таджикский национальный университет

Сопоставляемые русский, английский и таджикский языки, хотя и имеют генетическое родство, на современном этапе своего развития достигли такого состояния языкового становления, когда признаки различий между ними во многом преобладают над сходством. Сопоставительное исследование этих языков на современном этапе развития представляет наибольший интерес с точки зрения раскрытия для всех изучаемых языков процессов и закономерностей в систематизации специфических для каждого из них явлений [9, с.4].

Достигнуты определенные успехи в области сопоставительного анализа фрезеологии таджикского языка с другими родственными и неродственными языками. В этом плане фразеология таджикского языка изучается в сопоставлении с другими иранскими языками. Интересны в этой области сопоставительные работы по таджикской фразеологии и отдельных индоевропейских языков, в частности английского и русского. Исследователи, сопоставляя таджикскую фразеологию с фразеологическим материалом английского языка, особое внимание уделяют вопросам семантики, оценочным оттенкам и лексическому составу в сфере ФЕ сопоставляемых языков. Выявляются взаимодействие, взаимовлияние, эквивалентный характер в сфере ФЕ таджикского и русского языков [6, с.16].

Современное состояние исследования фразеологии таджикского языка безусловно свидетельствует о больших достижениях в этой области. Вместе с тем, приходится признать, что даже такое обширное изучение различных аспектов богатого по своему составу фразеологического пласта таджикского языка еще не дает полной картины действительного бытования этого феномена, не раскрывает в должной мере внутренние механизмы и закономерности его функционирования [6, с.17].

К грамматике иногда относят такие стороны звуковой организации языка, которыми непосредственно (материально) образуются его значимые единицы, а именно: звуковой строй языка, его акцентную систему и его интонационные конструкции, включая синтагмы как ритмические единицы речи. Основания для такого расширенного понимания грамматики имеются, т.к. единицы звукового уровня, не являясь двусторонними знаками (т.е. знаками, обладающими как материальной оболочкой, так и значением), служат материальной основой этих знаков и таким образом участвуют в формировании морфем, слов, их форм, предложений и их членов. Однако незнаковый характер перечисленных звуковых средств не позволяет рассматривать звуковой строй языка наряду со словообразованием, морфологией и синтаксисом как подсистему грамматики.

Данные, полученные в результате нашего исследования, позволяют значительно расширить и углубить теоретические разыскания в области современнего таджикского языка. Настоящее исследование может также послужить теоретической основой при составлении толкового фразеологического словаря современнего таджикского языка, таджикско-русского двуязычного фразеологического словаря, таджикского фразеологических словарей синонимов, антонимов, вариантов, а также различных учебников, учебных пособий по таджикскому языку, в целом, по фразеологии, стилистике, теории перевода, фрезеографии в часности. Данное исследование в целом будет способствовать дальнейшему изучению системно-структурных особенностей современнего таджикского языка [6, с.21-22].

В словосочетании особенно живо и наглядно проявляется динамика языка, его постоянное обновление. С течением времени модели словосочетаний подвергаются значительным изменениям, отвечая потребностям языка в более точной, совершенной передаче мысли. Английские словосочетания, во многом опирающиеся на живые тенденции современного английского языка, представляют собой очень важный и актуальный объект исследования, ставившего своей целью изучение специфики языка. Выделение словосочетания в число основных грамматических единиц открывает возможность наиболее адекватно устанавливать закономерности непрерывного движения современного таджикского языка, зафиксировать сдвиги в его структуре.

Таким образом, та часть синтаксиса современного английского языка, которую можно назвать учением о словосочетании, не только имеет право на существование, но и должна стать наряду с предложением предметом особого внимания языковедов и преподавателей.

Изучение словосочетаний английского языка может быть успешно решено только при наличии работ, освещающих отдельные частные вопросы, входящие составными частями в эту большую проблему.

Глагольные словосочетания с временными значениями занимают весьма значительное место в строе словосочетаний современного английского литературного языка.

Кроме того, специальное изучение глагольных словосочетаний с временными значениями с современном таджикском литературном языке является необходимым ввиду той исключительной важности, которую имеет категория времени в любом языке. Так как «основные формы бытия есть пространство и время, бытие вне времени такая же величайшая бессмыслица, как бытие вне пространства».

Временные отношения действительности отражаются и выражаются в языке лексическими, морфологическими, синтаксическими и стилистическими средствами.

Почти каждый глагол может образовать с существительным сочетание. Однако принадлежность глаголов к определенной семантико-грамматической группе в некоторых случаях играет ограничивающую роль в образовании словосочетаний.

В подобных случаях, следовательно, мы имеем свободное употребление предлогов - употребление, обусловленное лексической семантикой предлога [10, с.89].

Зависимый компонент предложных глагольных словосочетаний с временным значением всегда ограничен и лексико - семантически и грамматически. Словосочетания с существительными, обозначающими различные единицы времени, временные отрезки или связанные с представлением о времени, по значению делятся на следующие группы:

обозначают действие и временной отрезок, в котором это действие совершается, например: дар асри XIII зиндаги кардан - to live in XIII century - жить в XIII веке, дар соли 1890 омадан - to come in 1890 year - приехать в 1890 году, дар рузи бе бозор (пахта) овардан - to bring the cotton not in market's day - принести (хлопок) в небазарный день, дар январи соли I960 рӯй додан - to happen in January 1960 year - происходить в январе I960 года, пагоҳии барвақт - early in the morning - рано утром, дар шаҳр зиндаги кардан to live in the town - жить в городе, дар рӯз омадан - to come in a day - прийти на днях, и др.

Предложные формы имени в роли определителей - это продукт очень сложных языковых изменений и преобразований. Такие словосочетания в большинстве своем возникли из более сложных синтаксических объединений и возникли, безусловно, в предложении. Основной путь таких преобразований - пропуск внутреннего звена построения, например: *письмо, присланное из Волгограда-письмо из Волгограда,* мактубро аз Волгоград фиристодан – мактуб аз Волгаград, the letter sent from Volgograd – the letter from Volgograd; *волосы, спускающиеся до плеч - волосы до плеч,* фуромадани мӯйҳо то китфҳо - мӯйҳо то китфҳо, the hair pull-down to the shoulders – hair to the shoulders; *беседка, расположенная под горой - беседка под горой,* айвонча, дар таги кӯҳ ҷойгир аст – айвонча, дар таги кӯҳ, arbour located under a mountain – arbour under a mountain.

Многие словосочетания под воздействием предложения начинают перестраиваться или даже распадаться. Конечно, это свойственно тем словосочетаниям, которые построены при помощи несильной синтаксической связи [2, с.24].

Такими можно считать, например, многие глагольные словосочетания. Включение их в предложение - процесс многосторонний. Так, в предложении *Сейчас прибегал Юсуф из кишлака*, Юсуф ҳозир аз қишлоқ давида омад, Now Yusuf came running from qishlaq(village). Пространственное глагольное словосочетание *прибегать (прибегал) из кишлака*, аз қишлоқ давида омад (давида омадан), to come (came running) running from qishlaq(village) почти распалось, так как словоформа *из кишлака* (аз қишлоқ - from qishlaq(village)), контактируя с существительным *Юсуф,* как бы высвобождается из-под влияния глагола и начинает тяготеть к существительному. В результате обнаруживается двусторонняя связь: *прибегал из кишлака* **и** *Юсуф из кишлака,* аз қишлоқ давида омад **ва** Юсуф аз қишлоқ, came running from qishlaq (village) **and** Yusuf from qishlaq (village). Во втором случае словоформа *из кишлака* дает особый тип связи, подчинительный характер которой обнаруживается только в логическом плане.

Новая синтаксическая зависимость выдвигает на первый план и новую функцию - определительную, хотя сочетание *Юсуф из кишлака,* Юсуф аз қишлоқ, Yusuf from qishlaq (village), безусловно, сохраняет и пространственное значение, но лишь в виде оттенка. Словоформа *из кишлака,* аз қишлоқ, from qishlaq (village),может совсем оторваться от глагола. Например, при таком словорасположении: *Юсуф из кишлака прибегал сейчас,* Юсуф аз қишлоқ давида омад ҳозир, Yusuf from qishlaq (village) came running now (с паузой перед глаголом).

Полный отрыв зависимой словоформы от стержневого слова и выдвижение ее в начало предложения приводит к появлению словоформы, грамматически связанной со всей последующей предикативной единицей и являющейся ее распространителем. Естественно, что в такой позиции исходное функциональное значение словоформы (обстоятельственное)

фиксируется наиболее четко, так как определительная функция всегда непосредственно связана с обозначением предмета, а в данном случае эта связь утрачена.

Распад глагольного словосочетания может произойти и в случае отрыва обстоятельственной словоформы от предложения и приобретения ею функции присоединительного члена: *Сейчас прибегал Юсуф, из кишлака,* Юсуф ҳозир аз ќишлоќ давида омад, Yusuf came running now, from qishlaq (village).*;* и, наконец, при максимальной самостоятельности употребления: *Сейчас прибегал Юсуф. Из кишлака,* Юсуф ҳозир давида омад. Аз қишлоқ омад, Yusuf came running now. From qishlaq (village).

Ср. еще примеры: глагольная зависимость - *Пассажиры стали выходить из вагонов с рюкзаками и чемоданами (выходить с рюкзаками)*, Мусофирон бо борхалтаҳо ва ҷомадонҳояшон аз вагон баромаданро шуруъ кардан (баромадан бо борхалтаҳо), Passengers began to go out carriages with backpacks and suitcases (to go out with backpacks)*;* двусторонняя зависимость - *Пассажиры с рюкзаками и чемоданами стали выходить (пассажиры с рюкзаками* **и** *с рюкзаками стали выходить)*, Мусофирон бо борхалтаҳо ва ҷомадонҳо баромаданро шуруъ кардан (мусофирон бо борхалтаҳо **ва** бо ҷомадонҳо баромаданро шуруъ кардан*)*, Passengers with backpacks and suitcases began to go (passengers with backpacks **and** with backpacks began to go out)*;*именная зависимость - *Пассажиры с рюкзаками и чемоданами стали выходить из вагонов,* Мусофирон бо борхалтаҳо ва ҷомадонҳояшон аз вагон баромаданро шуруъ кардан, Passengers with backpacks and suitcases began to go out carriages (с паузой перед глаголом).

Таким образом, словорасположение, интонация, диктуемые коммуникативным заданием конкретного предложения, определяют синтаксические связи словоформ и влияют на их отнесенность к тому или иному словосочетанию, а в некоторых случаях вырывают словоформу из состава какого бы то ни было словосочетания и последняя становится самостоятельным структурным элементом предложения.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд. - М., 1973. - 304 с.
2. Валгина, Н.С.Современный русский язык / Н.С.Валгина. - М., 2003. - 416 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ. 1. Фонетика ва морфология. - Душанбе: Дониш, 1985. - 355 с.
4. Грамматика русского языка. Т. 2. Синтаксис. Ч 1. - М. Изд-во АН СССР, 1960. - 1864 с.
5. Джамшедов. П.Дж. Очерки по сопоставительной типологии английского и таджикского языков / П. Дж. Джамшедов. - Душанбе, 1988. - 126 с.
6. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 406 с.
7. Мирзоев, А. Глагольные словосочетания с временными отношениями в современном таджикском литературном языке: автореф. дис…. канд. филол. наук / А.Мирзоев. - Душанбе, 1967. - 30 с.
8. Нагзибекова, М.Б. Проблемы исследования глагольных конструкцый с зависимым объектом в русском и таджикском языке. дис… д-ра. филол. наук / М.Б. Нагзибекова. - Душанбе, 2000. - 427 с.
9. Саидов, Х.А. Система дипломатических терминов в таджикском и английском языках / Х.А. Саидов. – Душанбе, 2013. - С.164-165.
10. Смирницкий, А.И. Синтаксис английского языка / А.И. Смирницкий. - М., 1957. - 285с.

СОХТОРИ ПЕШОЯНДИИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (бо ҷалби маводҳои забонҳои русӣ ва англисӣ)

Дар ин мақола, муаллиф сохтори пешояндии ибораҳои феълиро дар забони тоҷикӣ (бо ҷалби маводҳои забонҳои русӣ ва англисӣ) баррасӣ мекунад. Бо таҳқиқи муқоисавии забонҳои русӣ, англисӣ ва тоҷикӣ, бармеояд, ки ин забонҳо бо якдигар алоқаи генетикӣ доранд. Дар марҳилаи нав рушд онҳо ба чунин вазъияти рушди забон ноил гардиданд, эътирофи фарқиятҳои байни онҳо асосан аз якдигар вобаста аст. Таҳқиқоти муқоисавии ин забонҳо дар марҳилаи муосири рушд аз таваҷҷуҳи бештар аз нуқтаи назари ошкор кардан барои ҳамаи забонҳо, равандҳо ва намунаҳо дар систематикунонии падидаҳои махсуси ҳар яки инҳо ба шумор мераванд. Корҳои муқоисавӣ бо фразеологияи тоҷик бо забонҳои ҳинду, аврупоӣ, аз ҷумла бо забони англисӣ ва русӣ, дар ин соҳа шавқоваранд. Тадқиқотчиёни илмии муқоисаи фразеологияи тоҷик сохтори гуногуни соҳаи воҳидҳои фразеологии забонҳоро муқоиса мекунанд. Соҳаи муштарак ба ҳамгироӣ, хусусияти баробар дар соҳаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мебошанд.

Калидвожаҳо: пешояндӣ, сохторӣ, феълӣ, ибораи феълӣ, муқоисавӣ, муосир, фрезалогия.

ПРЕДЛОЖНЫЕ КОНСТРУКЦИИ ГЛАГОЛЬНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА (с привлечением материалов русского и английского языков)

В настоящей статье автор рассматривает предложные конструкции глагольных словосочетаний таджикского языка (с привлечением материалов русского и английского языков). Сопоставляемые русский, английский и таджикский языки, хотя и имеют генетическое родство, на современном этапе своего развития достигли такого состояния языкового становления, когда признаки различий между ними во многом преобладают над сходством. Сопоставительное исследование этих языков на современном этапе развития представляет наибольший интерес с точки зрения раскрытия для всех изучаемых языков процессов и закономерностей в систематизации специфических для каждого из них явлений. Интересны в этой области сопоставительные работы по таджикской фразеологии и отдельных индоевропейских языков, в частности английского и русского. Исследователи, сопоставляя таджикскую фразеологию с фразеологическим материалом английского языка, особое внимание

уделяют вопросам семантики, оценочным оттенкам и лексическому составу в сфере ФЕ сопоставляемых языков. Выявляются взаимодействие, взаимовлияние, эквивалентный характер в сфере ФЕ таджикского и русского языков.

Ключевые слова: предложная, конструкция, глагол, глагольные словосочетания, сопоставляемые, современный, фразеология.

PREPOSITIONAL CONSTRUCTION OF THE VERB PHRASES OF THE TAJIK LANGUAGE (using materials from the russian and english languages)

In this article, the author considers the prepositional construction of the verb phrases of the Tajik language (with the involvement of Russian and English materials). Comparable Russian, English and Tajik languages, although they have genetic affinity, at the present stage of their development have reached such a state of language development, when the recognition of the differences between them is largely dominated by similarity. A comparative study of these languages at the modern stage of development is of the greatest interest from the point of view of the discovery for all the languages studied processes and patterns in systematization of the phenomena specific to each of them. Comparative works on Tajik phraseology with some Indo-European languages, in particular with English and Russian, are interesting in this area. Researchers, comparing Tajik phraseology with phraseological material of the English language, pay special attention to the issues of semantics to estimated shades and lexical composition in the field of phraseological units of the compared languages. The interaction reveals the interaction, the equivalent character in the field of phraseological units Tajik and Russian languages.

Key words: preposition; construction; verb; verb phrases; comparable; modern; phraseology.

Сведения об авторе: ***Рахимов М.С.*** – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 918-92-99-19**

Information about the author: ***Rahimov M.S.*** - Tajik National University, assistant of the Department of English language. **Adress**: 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-92-99-19**

УДК:491.550-3 (03):82

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВИИ РОМАНИ «СЕ РӮЗИ ЯК БАҲОР»-И САТТОР ТУРСУН

Хоҷаева З.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун аз ҷумлаи он нависандагонест, ки аввали солҳои 70-уми асри гузашта ба арсаи адабиёт ворид шуданд. Дар ин солҳо ин адиби боистеъдоду хушзавқ як даста асарҳои ҷолибу мондагор эҷод намудааст, ки ба дили ҳазорҳо хонанда роҳ ёфтанд. Мувофиқи шинохти аҳли қаламу таҳқиқ романи «Се рӯзи як баҳор» қуллаи баланди эҷодиёти нависандаи шинохта Саттор Турсун маҳсуб меёбад. Воқеан, ин роман дар адабиёти муосири тоҷик як дастоварди тозае буд, ки сабаби гуфтугӯй ва баҳсу андешаҳои зиёде ҳам гардид.

Аз нашри ин роман ва дастраси хонандагони сершумор гардидани он зиёда аз сӣ сол сипарӣ шуд. Ба муносибати сисолагии нашри ин роман Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон солҷашни ин асари мондагори адабиёти муосири тоҷикро бо иштироки адибону пажӯҳишгарон ва донишҷӯёну алоқамандони адабиёт гузаронид.

Романи «Се рӯзи як баҳор» ба тасвири ҳодисаю воқеаҳои ибтидои садаи бист дар Тоҷикистон ва саргузашти мардуми тоҷик бахшида шудааст.

Забон ва услуби ин асари мондагори адабиёти муосири тоҷик аз нигоҳи лексика, вижагиҳои сарфию наҳвӣ намунаи беҳтарини забони адабии муосири тоҷикӣ мебошад.

Дар ин мақола мо кӯшиш намудем, ки оид ба вижагиҳои луғавии романи «Се рӯзи як баҳор» баъзе андешаҳои хешро иброз намоем.

Таркиби луғавии ҳар асари бадеӣ ба бойигарии таркиби луғавии забони нависанда, ҳунару маҳорати эҷодии ӯ сахт иртибот дорад. Калима дар ихтиёри нависанда воситаи муҳимми тасвиру образофарӣ буда, ӯ барои ин ки калимаро бамавқеъ, дар ҷойи муносиб ва ҳадафманд ба кор барад, заҳмати зиёде мекашад. Ҳар як вожа дар эҷоди бадеӣ тобишҳои гуногуни маъноӣ пайдо менамояд ва ҳунари нависандаи асил дар шинохтани ҷилоҳои нозуки маънӣ зоҳир мегардад. Агар нависанда бо назари борикбинона ва диди амиқи суханшиносӣ аз ҷилоҳои нозуки маънии вожа маънои матлубро саҳеҳ шинохтаю истифода барад, тасвир таъсирбахшу дилкаш ва пурҷозиба мегардад. Маънии баланд аз бисёр ҷиҳат ба интихоби дурусти калима, ба таъбири донишмандони классикиамон, лафз вобаста мебошад. Ҳар калима бори маъние дорад ва он маънӣ вобаста ба мафҳуме, ки ифода мекунад, дар ҷараёни нутқ равшан мегардад. Ҳанӯз ба ин нуқта донишманди асри XIII Насируддини Тӯсӣ ишора карда гуфтааст: «Возеъони луғат лафз барои маънӣ вазъ кардаанд, то уқалоъ ба тавассути он бар маънӣ далолат созанд» [7, с.18].

Дарвоқеъ, агар калима дар ҷойи муносиб, ба маънии қаринавии худ истифода шавад, аз нигоштаи нависанда маънию мазмуни матлуб сар мезанад. Хушбахтона, нависандаи

хушсалиқа Саттор Турсун ин асолати калимаро хуб дарк карда, дар истифодаи ҳар як вожа басо эҳтиёткоронаю саррофкорона муносибат мекунад. Шиносоии комили нависанда ба захираи луғавии адабиёти классикӣ ва муосир, мутолиаи пайгиронаи адабиёти классикию муосири ватанию хориҷӣ, донистани лаҳҷаю гӯйишҳои мардумӣ ба адиб имкон додааст, ки мувофиқи нияту мароми эҷодӣ барои барҷаставу табиӣ баромадани симои ҳар як персонаж, нишон додани ҳолату вазъияти ашхосу шайъи тасвиршаванда аз воҳидҳои луғавӣ бо камоли ҳунармандӣ истифода барад. Аз ин ҷост, ки ҳар вожа дар роман бори маънии мувофиқро кашидааст.

Лексикаи асарро, асосан, калимаҳои умумихалқӣ ва адабии китобӣ ташкил медиҳанд. Нависанда барои салосату нафосати забони роман ва баланд бардоштани ҳусни гуфтораш аз луғати адабиёти классикӣ, ки дар он солҳои таълифи роман он қадар роиҷ набуд, нисбат ба дигар асарҳояш бештар истифода кардааст.

Вожаҳои забони адабии классикӣ тарзе интихоб ва корбаст шудаанд, ки ба забону тарзи баёни нависанда дар роман гаронӣ наоварда, балки забони асарро ширину гуворо ва салосату нафосати онро таъмин кардаанд.

Мутолиаи роман нишон медиҳад, ки вожаҳои **меғ, касиф, хаданг, равзан, муттако, фарҷом, халалгор, баҳасрат, анвор, синамол, резачин** ба нутқи тасвирии нависанда шукуҳу шаҳомат бахшида, завқи сухансанҷию маънирасии хонадаро боло мебардорад. Мисол: Осмон ба сараш бедареғ нур мерезад, сафед, мулоим ва шири навдӯшида барин гарм аст анвори маҳтоб [8, с.7].

Дар мисоли фавқ вожаи «анвор» дар қолаби калимасозии арабӣ сохта шудааст, ки ҷамъи «нур» аст. Шакли танҳои он «нур» буда, умумиистеъмол аст, аммо шакли ҷамъбастаи арабии он «анвор» на ба ҳама фаҳмо буд дар он солҳое, ки роман ба нашр расида буд. Нависанда шакли ҷамъи арабии «нур»-ро, ба назари мо, бо ду ният истифода кардааст: аввалан, барои такрор нашудани вожаи «нур», ки қаблан дар ҷумла омадааст, сониян, барои шукуҳмандии калом. Воқеан, калимаи «анвор» дар қолаби ибораи изофии «анвори маҳтоб» аз нигоҳи оҳанг ва таносуби сухан хеле мувофиқ омадааст.

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» як даста ибораҳои шоирона истифода шудаанд, ки барои барҷаста ифода ёфтани фикр хеле муносиб афтодаанд: сари субҳ, пошнаи қуллаи кӯҳ, баёзи гардан, дами офтоббаро, тӯшаи роҳ, ғарқи хун, макони фалокат, саҳфаи нилгун, субҳи содиқ, ҷавшани ҷон, пиччаҳои сунбул, чашмони камбин, анвори офтоб, роҳи азалӣ, доғи синасӯз, синаҳои нор, борони ҳамал, субҳи баҳор.

Аксари ин ибораҳои изофӣ дар забони гуфтугӯйии мардуми ҷанубӣ тоҷик мустаъмаланд, ки ин аз қаробати гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ ба забони адабии классикӣ шаҳодат медиҳад.

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» нависанда ба мавқеи истеъмол, бори маънӣ, обуранги эҳсосотӣ, хусусияти услубии ҳар кадоме аз ин калимаю ибораҳо диққати махсус додааст, чунончи, дар ҷумлаи «Ба димоғ бӯйи барф, бӯйи арча ва накҳати гулу гиёҳ мерасид», истифодаи калимаи адабӣ-китобии «накҳат», аз як тараф, барои шукуҳмандии ифода бошад, аз тарафи дигар, таносуби сухан ва мантиқи калом онро тақозо намудааст, зеро «накҳат» бӯйи хоссаи гулу гиёҳ аст. Мутаассифона, дар ҷумлаи мавриди назар, мантиқи умумии гуфтор халал дидааст. Харобии мантиқи баён дар ин аст, ки агар бӯйи барф ба машом расад, пас фасли зимистон аст. Агар зимистон бошад, дар кӯҳу саҳро гулу гиёҳ пажмурда аст, на сабзу хуррам, пас накҳати гулу гиёҳ аз куҷо ба димоғ мерасад ва бӯйи барф ба накҳати гулу гиёҳ чӣ таносуби мантиқӣ дорад.

Як нуқтаро бояд таъкид кард, ки ин қолаби ибораороӣ дар осори адабиёти классикии тоҷик хеле серистеъмол буда, аз нигоҳи асосҳои дастури забони тоҷикӣ низ меъёр аст. Масалан, донишманди асри XVI Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар иртибот ба вазифаҳои изофат ибораҳои изофии зеринро овардааст: хандаи маъшуқ, гиряи ошиқ, хони яғмо, ҷомаи заррин, хомаи рангин, номаи ризо, хомаи қазо, ойнаи дил, санои беҳад, вафои ошиқ, ҷафои маъшуқ, кӯйи ёр, мӯйи гиреҳдор, бӯйи атр…

Тавре мебинем, ибораҳои шоиронае, ки нависанда истифода кардааст, аз рӯйи меъёри забони адабӣ буда, сохтаи нависанда нестанд, аммо ӯ ин қолабҳоро аз нав эҳё намудааст.

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» нақши категорияҳои лексикӣ ба мисли муродифот, ҳамшаклҳо, мутазод низ хеле муҳим аст. Муродифоти вожаҳо дар забони тоҷикӣ таърихи қадим дошта, яке аз ҳодисаҳои муҳим ба шумор меравад. Дар таърихи илми забоншиносии тоҷик дар шинохти ин ҳодисаи луғавӣ андешаҳо гуногун буданд.

Иддае аз донишмандони классикӣ муродифоти калимаҳоро ҳодисаи манфӣ дар забон дониста, онро нишонаи заифии забон медонистанд, гурӯҳи дигар, баръакс, муродифоти вожаҳоро ҳодисаи мусбат шуморида, барои ифодаи мафҳумҳо ва фасоҳати баён муҳим меҳисобиданд. Масалан, донишманди асри XIII Насириддини Тӯсӣ дар «Асос-ул-иқтибос» ном асараш дар иртибот ба ин мавзӯъ гуфтааст: «Гоҳо бувад, ки алфози бисёр бар як

маънӣ ё зиёда аз як маънии мутақориб (ба ҳам наздик) ё ғайри мутақориб далолат кунад. Аммо қисми аввал, ки алфози бисёр бар як маънӣ далолат кунад, онро асмои мутародифа хонанд, монанди далолати «инсон» ва «башар» бар «мардум» » [7, с.14].

Аз ин қавли Насируддини Тӯсӣ маълум аст, ки ӯ муродифоти вожаҳоро дар забони тоҷикӣ ҳодисаи муқаррарӣ ва зарурӣ медонад ва чун намуна калимаҳои муродифии **инсон, башар, мурдум**-ро овардааст.

Мусаллам аст, ки калимаҳои муродифӣ ба ҳам айнан баробару як нестанд, онҳо ба тобишҳои нозуки маъно, обуранги эҳсосотӣ, дараҷа ва доираи истеъмол, хусусиятҳои услубӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Аз ин ҷост, ки ҳар як нависанда вобаста ба мавзӯъ, лаҳзаи тасвир, мақсади нигориш, ниятҳои услубӣ аз силсилаи вожаҳои муродифӣ вожаҳои муносибро интихоб менамояд. Хушбахтона, нависандаи шинохта Саттор Турсун дар романи «Се рӯзи як баҳор» аз ин ҳодисаи муҳимми лексикӣ, муродифот, бо камоли маҳорат истифода кардааст. Ӯ кӯшиш кардааст, ки ҳар як калимаи ҳаммаъноро ҳамаҷониба санҷида, дар ҷойи муносиб аз силсилаи муродифии вожаҳо муносибтарашро ба кор барад. Ҳамон вожаи муродифиро рӯйи кор биёрад, ки нисбат ба дигар муродифоташ мафҳумро пурраю саҳеҳ, равшану возеҳ ифода намуда, дар занҷираи вожагони ҳайати ибораю ҷумла аз нигоҳи дастури забон ва мантиқи баён созгор бошад.

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» бо ниятҳои муайяни услубӣ чунин муродифоти луғавӣ ба кор бурда шудааст: рӯй-чеҳра, сурат, симо; сард-хунук; пистон-чоч; хар-маркаб;абр-меғ, оташ-гулхан, алав; раъд-тандур. Барои намуна ду вожаи муродифро аз роман меорем: яке калимаи «хунук», дигаре «сард» аст. Ин ду вожаи муродиф бо нозуктарин тобиши маъно, дараҷаи истеъмол, доираи истеъмол, обуранги эҳсосотӣ ва вижагии услубӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Ана ҳамин ҷиҳатҳои ин ду вожаи муродифиро нависанда хуб ҳис карда, дар як ҷумла, аз як тараф, барои риояи дурусти ҳамнишинии вожаҳо онҳоро дар ҷойи муносиб ба кор бурдааст: Об хунук буд, ҳаво ҳам сард ва серрутубат [8, с.65].

Нависанда имкон дошт, ки ин вожаҳои муродифиро ба ин тарз ба кор барад:

1.Об сард буд, ҳаво хунук ва серрутубат.

2.Об хунук буд, ҳаво хунук ва серрутубат.

3.Об сард буд, ҳаво сард ва серрутубат.

Аз се тарзи ифодаи фавқ, ба назари мо, ҳамон тарзи ифодае, ки нависанда интихоб кардааст, саҳеҳтару дурусттар аст, чаро ки калимаи «сард» бо тобиши нозуки маъноӣ бо вожаи «ҳаво» таносуби маъноӣ дошта, хуб ҳамнишин шудааст ва калимаи «хунук» бо вожаи «об» дар таносуби маъноӣ аст.

Нависанда вожаи «меғ»-ро чун муродифи калимаи «туман» ба кор бурдааст. Калимаи «меғ» дар забони адабии муосир ва забони шифоии гуфтугӯӣ то солҳои 80-уми асри XX мустаъмал ва ба доираи васеи хонандагон маълум набуд, шояд дар назм кор фармуда мешуд. Дар забони адабии классикӣ низ доираи истеъмолаш маҳдуд буд. Саттор Турсун дар романи «Се рӯзи як баҳор» калимаи «меғ»-ро бо калимаи «туман» (сиёҳӣ) чун муродиф ба кор бурдааст, чунончи: «Чунон ки дар байни **меғ** бошад, хира-хира ҷавонии худро мебинад, чун дар тасарруфи туман хокистарранг метофт» [8, с.7].

Лексикаи халқӣ-гуфтугӯӣ низ дар роман мавқеи муҳим дошта, ба сухану тасвири нависанда обуранги халқӣ бахшидааст. Дар интихоби калимаю ибораҳои халқӣ-гуфтугӯӣ Саттор Турсун хеле эҳтиёткору бомулоҳиза аст. Ӯ аз анбуҳи вожаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ ҳамонеро интихоб мекунад, ки дар ифодаи маънӣ бо яке аз ҷилоҳои маъно нисбат ба муродифи адабӣ-китобиаш фарқ мекунад. Масалан, дар романи «Се рӯзи як баҳор» нависанда чунин калимаю ифодаҳои халқӣ-гуфтугӯйиро ба кор бурдааст: пакар, чоч, лаган, лоқу пар, лашу луш, пича, фук, ҷелак, ҳота, қарс, қантар, аранг, алав, оча, даррав, ҷогаҳ, гушна, шахшӯл, хурма, офтоба, қабза, гиз, маътал, ҷиян, даҳоняла, ҷулу пустак, ҳамин зайл, ҳай кардан, гардан задан, чиғот андохтан, кашола кардан…. Аз ин силсила калимаю ифодаҳои халқӣ дар бораи ифодаи «кашола кардан» профессор Д. Хоҷаев дар романи «Се рӯзи як баҳор» чунин мегӯяд: «Дар мисоли зерин: «Худоё, яккаву ягона писаракамро дар паноҳат нигаҳ дор- гӯён тани лоғарашро **кашола карда** ба хона даромад» нависанда тавассути ифодаи «кашола карда», аз як тараф, заифию нотавонии Соро-холаро пеши назари хонанда ҷилва диҳад, аз ҷониби дигар, ними шаб таъҷилӣ аз хона рафтани Анвар кампирро дар банди чандин андешаҳо гузошт, ки дар натиҷа ӯ пас аз гусели фарзандаш худро ба зӯр ҷунбонда вориди хона мешавад» [9, с.214].

Дарвоқеъ, ҳамин ифодаи «кашола кардан» вазъи феълии персонажи асар – Соро холаро, хеле табиӣ нишон додааст.

Дигар аз хусусиятҳое, ки асарро диққатҷалбкунанда ва хотирмон гардондааст, ин устокорона истифода намудани зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехта (фразеологӣ) мебошад. Нависанда ба воситаи зарбулмасалу мақолҳо, аз як сӯ, забони романро малеҳу сода гардонда бошад, аз ҷониби дигар, хулосаҳои худро ба сурати муъҷаз баён кардааст.

Дар истифодаи зарбулмасалу мақолҳо низ Саттор Турсун бисёр эҳтиёткор мебошад. Ӯ кӯшиш менамояд, ки поэтикаи онҳоро нигоҳ дорад. Масалан, зарбулмасали «Забон дар даҳон посбони сар аст», ки барои таъкиди эҳтиёткорӣ, донистани мавриди сухан мустаъмал аст, дар роман бетағйир чунин оварда шудааст: «Забон дар даҳон посбони сар аст, гуфтаанд, ошно! Ба эҳтиёт гап зан,- сахт таъкид намуд Қурбон…» [8, с.56].

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» аз ибораҳои фразеологӣ (рехта) ҳам нависанда мавридшиносона истифода кардааст, ки тарзи баёни ӯро таъсирбахшу образнок гардонидааст. Масалан, ибораи фразеологии «дандон ба дандон мондан»-ро дар мавриди як лаҳзаи ҳолати пуртаҳлукаю ваҳмангези Усмон Азиз чунин ба кор бурдааст: «Ҳоло фақат сабр мебояд, боз каме сабр …. Бо чунин хаёлҳо худро тасаллӣ медод Усмон Азиз ва дандон ба дандон монда сабр мекард». Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки нависанда ҳолати пуристиробу ҳавлангези персонажи дигари асар – Ҷалолро, бо овардани ибораи фразеологии «мурғи посӯхта» образнок нишон додааст. Азбаски ин ҳолати Ҷалол бештар маънии безобитагӣ дорад, нависанда ин ибораи фразеологиро корбаст намудааст ва маънии маҷозии ибораи фразеологиро дар таркиби худи ибора бо калимаи «ҷонсарак», ки маъниаш безобитагӣ аст, таъкид кардааст ва моҳияти ибораи фразеологӣ дуҷониба таъкид шудааст, чунончи: «Дер кард ин бои шабушгин! – овоз бароварда Ҷалол, ки дар як дасташ пиёлаву дар дасти дигараш чойхалта, мурғи посӯхта барин ҷонсарак аз хайма берун мешуд» [8, с.132].

Хулоса, адиби маҳбуби тоҷик Саттор Турсун ба забон ва тарзи баёни асарҳояш диққати ҷиддӣ медиҳад. Вай аз ду манбаи муҳимми забон адабиёти классикии тоҷик ва шеваю гӯйишҳои мардумӣ, хеле саррофона истифода мебарад. Дар сохтани воҳидҳои забон ба асосҳои қавонини дастури забон такя намуда, онҳоро мутобиқ ба меъёрҳои забони адабӣ месозад. Як ҷиҳате, ки асарҳои ин адиби шинохтаро ҷолибу маҳбуби доираи васеи хонандагон гардонидааст, забони асарҳои ӯст. Хусусан, романи «Се рӯзи як баҳор» аз нигоҳи забон ва тарзи баён намунаи беҳтарини насри муосири адабиёти тоҷик маҳсуб меёбад.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. - Душанбе, 1985. - 350 с.
2. Ғаффоров Р. Нависанда ва забон / Р. Ғаффоров. - Душанбе, 1977. - 270 с.
3. Кабиров Ш. Сухан аз арши барин омадааст / Ш. Кабиров. - Душанбе, 2014. - 263 с.
4. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. - Душанбе, 1967. - 157 с.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. - 244 с.
6. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. - Сталинобод, 1959. - 244 с.
7. Насруддини Тӯсӣ. Асос-ул-иқтибос. - Теҳрон, 1323ҳ. - 456 с.
8. Саттор Турсун. Се рӯзи як баҳор. - Душанбе, 1988. - 250 с.
9. Хоҷаев Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад / Д.Хоҷаев. - Душанбе, 2011. - 229 с.

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВИИ РОМАНИ «СЕ РӮЗИ ЯК БАҲОР»-И САТТОР ТУРСУН

Муаллифи мақола оид ба вижагиҳои луғавии романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун изҳори назар кардааст. Ба андешаи муаллифи мақола Саттор Турсун аз адибонест, ки суханро аз чанд паҳлу санҷидаю муоина намуда, сипас дар каломаш ба кор мебарад. Ӯ тобишҳои нозуки маъно, рангу ҷилои калимаҳоро хуб эҳсос мекунад. Ҳар вожаро ба тобишу маънои нозуку барҷастааш ба кор мебарад. Вай дар истифодаи вожаҳо аз ду манбаи муҳим: забони адабиёти классикӣ ва шеваю гӯйишҳои мардумӣ саррофкорона истифода мебарад, ки дар натиҷа каломаш дилкашу баёнаш ба фаҳм наздик аст. Дигар ин ки нависанда аз калимаҳои ноби классикӣ бо камоли суханшиносӣ баҳра мегирад. Алалхусус ин истеъдоду маҳорат ва ҳунари сухангустарии ӯ дар романи «Се рӯзи як баҳор» хеле хуб ҳис мешавад. Дар романи мазкур адиб кӯшиш кардааст, ки калимаю ифодаҳои арабиро кам ба кор барад, бештар аз имкониятҳои дохилии худи забони тоҷикӣ истифода кунад. Ӯ аз категорияҳои луғавии муродифот, мутаззод, ҳамшаклҳо ва ҳодисаи луғавии сермаъноии вожаҳо низ устокорона кор гирифтааст.

Нависанда ба назари борикбинона ва диди амиқи суханшиносию маънирасӣ аз ҷилоҳо ва тобишҳои нозуки ҳар як вожа маънои матлуби ба ҳамон лаҳзаи тасвир ё шайъи тавсифшаванда муносибу мувофиқро шинохта истифода мебарад. Дар натиҷа, дар романи «Се рӯзи як баҳор» тасвираш дилкаш ва пурҷозиба гаштааст. Инро мо аз бисёр лаҳзаҳои роман ба хубӣ эҳсос менамоем.

Калидвожаҳо: вижа, луғат, калима, дастур, забон, адиб, таркиб, ибора, адабиёт, ҳунар, сухан, эҷод, классик, гӯйиш, калом, ҳунар.

НЕКОТОРЫЕ СЛОВАРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ РОМАНА «ТРИ ДНЯ ОДНОЙ ВЕСНЫ» САТТОРА ТУРСУНА

Автор статьи высказывает свое мнение относительно словарных особенностей романа «Три дня одной весны» Саттора Турсуна. По мнению автора статьи Саттор Турсун является одним из тех литераторов, которые изучают и анализируют слово с нескольких сторон, а потом используют в своих сочинениях. Он очень отчетливо чувствует тонкие оттенки значения, цвет и блеск слов. Каждое слово использует в соответствии с его тонким оттенком значения. Он при использовании слов использует два важных источника: язык классической литературы и стиль народных говоров, в результате чего его произведения становится привлекательным и понятным. Также писатель в своих произведениях использует исконно классические слова. Это очень тонко чувствуется в романе «Три дня одной весны». В данном романе писатель постарался очень мало использовать арабские слова и выражения и в основном использовал возможности таджикского языка. Он мастерски использовал словарные

категории синонимов, антонимов, словарную многозначность слов. Он также мастерски использовал тонкие оттенки значения, цвет и блеск слов. В результате, роман «Три дня одной весны» получился очень привлекательным и притягающим.

Ключевые слова: особенность, словарь, слово, предписание, язык, литератор, состав, словосочетание, литература, слово, произведение, классик, говор, искусство.

SOME DICTIONARY FEATURES OF THE THREE DAYS OF ONE SPRING SATTOR TURSUN

The author of the article expresses his opinion on the vocabulary features of the novel "Three Days of One Spring" by Sattor Tursun. According to the author of the article, Sattor Tursun is one of those writers who study and analyze the word from several sides, and then use it in their writings. He very distinctly feels subtle shades of meaning, color and brilliance of words. Each word uses in accordance with its subtle connotation of meaning. When using words, he uses two important sources: the language of classical literature and the style of folk dialects, as a result of which his works become attractive and understandable. The writer also uses original classical words in his works. This is very subtly felt in the novel Three Days of One Spring. In this novel, the writer tried very little to use Arabic words and phrases and mainly used the possibilities of the Tajik language. He skillfully used the dictionary categories of synonyms, antonyms, vocabulary polysemy of words. He also masterfully used subtle shades of meaning, color and brilliance of words. As a result, the novel “Three days of one spring” turned out to be very attractive and attractive.

Keywords: feature, dictionary, word, prescription, language, writer, composition, phrase, literature, word, work, classic, dialect, art.

Сведения об авторе: ***Ходжаева З.*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 918-83-56-98**

Information about the author: Khodzhaeva Z. - Tajik National University, Assistant at the Department of Contemporary Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 918-83-56-98**

УДК:491.550-54:82

ЗАБОН ВА УСЛУБИ БАДЕӢ ДАР АСАРҲОИ ФРАНСУА РЕНЕ ОГЮСТ ШАТОБРИАН

Одилова З.О.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Забон дар асари бадеӣ воситаи асосии тасвири воқеият ба шумор меравад. Забони ҳар як нависанда, забони ҳар асар қисми ҷудонашавандаи забони умумихалқӣ ва адабии миллат мебошад. Забони адабии ҳар миллат боигарии луғатҳои соҳаҳои гуногуни илму маданият ва ҳаёти сиёсиву иқтисодии халқро дар бар мегирад. Истилоҳоту терминҳои сиёсиву давлатӣ, таъбир ва мафҳумҳои маданию иқтисодӣ ҳамагӣ фонди луғавии забони умумихалқӣ ва адабии ҳар миллат аст. Аммо нависанда дар асари худ ҳамаи ин калимаву ибораҳоро кор намефармояд. Чунонки рассом барои офаридани расму сурат рангҳои ба худ заруриро интихоб мекунад, нависанда ҳам барои тасвири бадеӣ ва инъикос намудани воқеаҳои зиндагӣ ва хислатҳои инсонӣ аз забони умумии адабӣ калимаву ибораҳои ба худ даркориро интихоб карда мегирад [6, с.92].

Пас, яке аз хусусиятҳои аввалини забони нависанда ва асари бадеӣ дар он аст, ки нависанда аз фонди умумии забони адабӣ калимаву таъбирҳои ба худ заруриро интихоб мекунад. Чунончи, шоир барои таъсирбахш ва хушоҳанг баромадани шеър калимаҳои ҳамқофия, ҳамвазн, хушсадо ва форамро интихоб мекунад. Нависанда барои бархоставу муҷассам нишон додани каҳрамонони асараш барои равшантар намудани хислату характери онҳо забони онҳоро аз ҳам фарқ мекунонад, яъне хислату характери шахсҳо на танҳо дар тасвири сурати зоҳирии онҳо, балки дар забони гуфтугуиашон низ намудор мегардад. Дар байни нависандагони франсавӣ Франсуа Рене Огюст Шатобриан бо забон ва услуби хосси худ аз дигар адибон фарқ мекунад. Мавқеи ин адиб дар ташаккули романтизм дар адабиёти Фаронса хело назаррас аст. Франсуа Рене давоми умри бобаракати худ мероси гаронбаҳоеро барои дӯстдорони адабиёт боқӣ гузошт. Асарҳои вай “Омӯзиши инқилобҳо”, “Рӯҳи дини исавӣ”, “Атала”, “Рене” ҳанӯз ҳангоми зиндагиаш шуҳрати ин адиби нуктасанҷро ба авҷи аъло бурданд. Дар асарҳои Франсуа Рене моҳирона кор фармудани боигариҳои забони зинда барои пурра ва образнок баён намудани идеяи асосӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ нақши муҳим бозидааст. Таҳлили забон ва услуби нависандагону шоиронро вобаста ба мазмуну мундариҷаи идеявии асарҳои онҳо гузаронидан мумкин аст, зеро ҳар як калима, таркиб, ибора ва ҷумла дақиқназарона бо ифодаи хос бо тобишҳои маъноии худ предмети ҳаёт, мароми зиндагӣ ва ғояю идеали шахс, халқу миллатро нишон медиҳанд. Забони асари бадеӣ на танҳо воситаи тасвир, балки яке аз воситаҳои ба вуҷуд овардани тип ва характерҳои адабӣ низ мебошад. Забони асари бадеӣ дар муайян намудани услуби нависанда низ аҳаммияти калоне дорад. Ба услуб

ҳам ғояҳои асосии эҷодиёти нависанда, ҳам тарзи нигоришу таълиф, ҳам воситаҳои тасвири бадеӣ, хусусиятҳои забони асарҳои бадеӣ, инчунин, ҷаҳонбинии худи нависанда дохил мешавад [6, с.92].

Аз ин ҷиҳат услуб бо методи эҷодӣ равияи умумии адабиётро муайян мекунад. Услуб дар таҷрибаи эҷодии ҳар як нависанда ё мактабу ҷараёни адабӣ зоҳир шудани ҳамаи методи эҷодӣ мебошад. Услубро ба маънои маҳдуд ва тангтар низ кор мефармоянд. Ва дар ин маънӣ услуб бештар ба забон ва воситаҳои бадеии тасвир вобаста мешавад. Дар ин маънӣ услубро гоҳ сабк ҳам мегӯянд. Чунончи, «Сабки Бедил», сабки асарҳои насрии С.Айнӣ ва ғайра. Дар асарҳои бадеӣ калимае нест, ки вай бе ягон мақсад истеъмол карда шавад. Ба ифодаи адабиётшиносон гӯем, «Дар асари бадеӣ ҳар як калима воситаи муҳимми тасвирӣ» дорад. Онҳо дар як ҷо қимати муайяни эстетикӣ дошта бошанд, дар ҷойи дигар ҳамчун воситаи муҳимми ифодаи фикр хизмат мекунанд: калимаҳо баъзан бо ҳамдигар алоқаманд гардида, ҳарчанд ба таври бадеӣ ҳақиқатро тасвир накунанд ҳам, дар дили хонандагон таассуроте бедор намуда, як навъ мафҳуми муайянеро ифода мекунанд, ки ин бо вазифаи услубиашон алоқаманд аст.

Предметҳои ҷудогона ва ҳодисаю воқеаҳо, ки дар асарҳои бадеӣ тасвир меёбанд, на дар вақти ба таври умумӣ, балки дар вақти айнан, ба таври конкретӣ ифода намудани онҳо тасаввур карда мешаванд. Аз ин ҷост, ки Франсуа Рене Огюст Шатобриан дар тасвири ҳодисаю воқеаҳо ҳамавақт калимаю ибораҳои мувофиқро моҳирона ҷо ба ҷо гузоштааст ва он завқи бадеии хонандаро нисбат ба асар дучанд менамояд. Завқи бадеии хонандагон нисбат ба асар дар он вақт зиёд мешавад, ки «нависанда бо тамоми нозукиҳо имкониятҳои бепоёни забони адабии ҳозира, ҳар он чӣ хубӣ ва зебоиро, ки дар табиат ва ҳаёти инсонӣ ҳаст, барҷаста нишон диҳад» [6, с.92].

Дар асарҳои Франсуа Рене Огюст Шатобриан калимаҳо дар алоҳидагӣ ифоданок ва бадеӣ баромадаанд, ки онҳо ҳиссаҳои гуногуни морфологӣ буда, бо ифодаи махсус баён карда шудаанд.

Нависанда дар асарҳояш тарзи гуфтугӯи гурӯҳҳои ҷудогонаи ҷамъият ва ҷиҳатҳои махсуси онҳоро, ки хосси ин ё он гурӯҳ мебошад нозукбинона истифода бурдааст. Франсуа Рене ҳангоми нишон додани хислатҳои ин ё он гурӯҳи сотсиалии ҷамъият бештар ба забон ва тарзи гуфтори онҳо аҳаммият медиҳад. Нависанда бо забон ва услуби ҳар як персонажи асари бадеӣ хусусиятҳои барҷастаи ба аҳли ин ё он миллат умумигардидаи як табақа, гурӯҳ ё сифатҳои ҷамъиятро тавсир мекунад, ки он персонаж то охири асар бо хислатҳои хосси худ намунаи он гурӯҳи ҷамъиятӣ шуда мебарояд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳатҳо, типӣ кунонидани образҳо, фардӣ амал намудани персонажҳо ва мувофиқати хусусияти образҳо сар мезанад. Ба воситаи забон ва услуби ҳар як персонаж, ки вай намояндаи ягон гурӯҳ, табақа ва ё синф ҳисоб меёбад, хислатҳои манфӣ ё мусбати гурӯҳҳои алоҳидаи як ҷамъият ифода карда мешавад. Нависанда ба воситаи онҳо дар бораи предмети тасвир тасаввуроти муайян пайдо мекунонад: вазъиятҳои амалу ҳолатро конкрет мегардонад, тезу тунд мекунад... Франсуа Рене кӯшиш ба харҷ додааст, ки ҳар як воқеа ва хусусиятҳои он маҳз аз он ҷиҳат нишон дода шавад, ки ба худ як хислати хосси ибратбахш дошта бошад.

Барои исботи гуфтаҳои боло ба забон ва услуби бадеии асарҳои ин адиби неруманди фаронсавӣ рӯ меорем: Sans parents, sans amis, pour ainsi dire, sur la terre n'ayant point encore aimé, j'étais accablé d'une surabondance devie. Quelue fois je rougissais subitement, et je sentais couler dans mon coeur comme des ruisseaux d'une lave ardente, quelque fois je poussais des cris involentaires, et la nuit était également troublée de mes songes et de mes veilles…[6, с.92].

Аз ҷумлаҳои боло маълум мегардад, ки Франсуа Рене барои барҷаста баромадани забони асарҳояш аз фонди луғавии забони фаронсавӣ калима ва ибораҳоеро интихоб кардааст, ки дар алоҳидагӣ ифоданок ва бадеӣ баромадаанд. Ибораҳои «sans parents – бе падар», «sans amis – бе дӯст», «une surabondance de vie- фаровонии зиндагӣ», «des ruisseaux d'une lave ardent - ҷӯйи сели сӯзон», «des cris involentaires - фарёдҳои тасодуфӣ», «des songes et des veilles – хобҳо ва шабҳои бехобӣ» барои нишон додани мақсади асосии нависанда истифода шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Шокир Мухтор. Савтҳои Ховар // Маҷмӯа. - Душанбе, Ирфон: 1986. - 240 с.
2. Шокир Мухтор. Замон ва тарҷумон. - Душанбе, Адиб: 1989. - 206 с.
3. Шокир Мухтор. Шамсиддин Ҳакназар. Баргузидаи насри Фаронса. – Душанбе: Истеъдод, 2011. - 560 с.
4. Штейн М.Н. Чернович. История французской литературы / М.Н. Штейн. – Москва: Просвещение, 1988. - 228 с.
5. Anthologie de la littérature francaise. - Л.: Просвещение: 1974. – 221 с.
6. Histoire illustrée de la littérature française. Didier. - Paris, 1942. – 871 p.

ЗАБОН ВА УСЛУБИ БАДЕӢ ДАР АСАРҲОИ ФРАНСУА РЕНЕ ОГЮСТ ШАТОБРИАН

Дар мақолаи мазкур оид ба забон ва услуби бадеӣ дар асарҳои Франсуа Рене Огюст Шатобриан сухан меравад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Шатобриан ба шарофати тафовут доштани симояш байни дигар шоирони фаронсавӣ машҳур мегардад. Предметҳои ҷудогона ва ҳодисаю воқеаҳо, ки дар асарҳои бадеӣ тасвир меёбанд, конкретӣ мебошанд. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки Франсуа Рене Огюст Шатобриан дар тасвири ҳодисаю воқеаҳо ҳамавақт калимаю ибораҳои мувофиқро истифода мебарад ва ин асарҳои ӯро ҷаззоб мегардонад. Франсуа Рене кӯшиш ба харҷ додааст, ки ҳар як воқеа ва хусусиятҳои он маҳз аз он ҷиҳат нишон дода шавад, ки ба худ як хислати хосси ибратбахш дошта бошад. Дар асарҳои Франсуа Рене Огюст Шатобриан калимаҳо дар алоҳидагӣ ифоданок ва бадеӣ баромадаанд, ки аз ҳиссаҳои гуногуни морфологӣ буда, бо ифодаи махсус баён карда шудаанд. Ӯ дар асарҳояш тарзи гуфтугӯи гурӯҳҳои ҷудогонаи ҷамъият ва ҷиҳатҳои махсуси онҳоро, ки хосси ин ё он гурӯҳ мебошад, нозукбинона истифода бурдааст. Франсуа Рене ҳангоми нишон додани хислатҳои ин ё он гурӯҳи сотсиалии ҷамъият бештар ба забон ва тарзи гуфтори онҳо аҳаммият додааст.

Калидвожаҳо: забон, услуб, Франсуа Рене, сабк, адабиёт, осори бадеӣ, тасвири бадеӣ, забони адабӣ.

ЯЗЫК И ЛИТЕРАТУРНЫЙ СТИЛЬ ПРОИЗВЕДЕНИЙ ФРАНСУА РЕНЕ ОГЮСТ ШАТОБРИАНА

В данной статье рассматриваются язык и художественный стиль произведений Шатобриана. Произведения Шатобриана отличаются от произведений других французских писателей особыми образами. Основными чертами его стиля являются яркость, конкретность и реальность. Автор старался показать указанные черты стиля Шатобриана на примере его произведений. Отделные предметы и события и явления, которые опысываются в художественных произведениях, являются конкретными. Исходя из этого можно сказать, что Шатобриан при опысании событий и явлений всегда использует подхожящие слова и выражения и это делает его творчество пленительным. В произведениях Шатобриана отдельные слова занимают особое место и являются метафоричными. В своих работах Шатобриан виртуозно использует разговорный стиль отдельных социальных групп и их специальные черты, которые относятся к той или инной группе. Шатобриан при выражении манеру и характера людей той или иной социальной группы уделял больше внимания их языку и разговорному стилю.

Ключевые слова: язык, метод, стиль, образ, Франсуа Рене, мотив, литература, художественное произведение, изобразительное произведение, литература.

LANGUAGE AND LITERARY STYLE OF THE WORK OF FRANCOIS RENE AUGUSTE CHATEAUBRIAND

This article considers the language and literary style of Chateaubriand's works. Chateaubriand's works differ from the works of other French writers with the discriminating images. The special characteristics of his style are lucidity, concreteness and actuality. The author made an effort to show mentioned characteristics of Chateaubriand's style on material of his works. Described separate things, events and phenomena in literary works are specific. In agreement with this we can mention, that Chateaubriand by describing of events and phenomena allways uses the proper words and expressions, which do his works fascinating. In Chateaubriand's works, separate words have special position and are figurativeness. In his works, Chateaubriand masterly used conversation style of individual social groups and their special characteristic, which are proper to one or another group. Chateaubriand by showing the manner and the character of the people of one or another social group paid more attention to their language and conversation style.

Key words: literature, work, language, style, image, method, style, Françoіs Rene, the motive, at work, fine art, literary language.

Сведения об авторе: ***Одилова Зайнура Обидовна*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, ассистент отделения французского языка и его методика преподавания. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 121. E-mail: **fransugenka89@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-93-80-04**

Information about the author: ***Odilova Zaynura Obidovna*** - Tajik State pedagogical University after named S.Ayni, assistant of French language department. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Str. 121.
E-mail: **fransugenka89@mail.ru.** Tel.: **(+992) 938-93-80-04**

УДК: 491. 55+93

ВОЖАҲОИ ХУДИРО ПОС ДОРЕМ

(Перомуни чанд вожаи форсии дарии тоҷикӣ дар «Таърихи Байҳақӣ»)

Абдулҳадов Ҷ.З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Агар бипазирем, забони як кишвар шохае аз фарҳанг ва гузаштаи он мебошад, ҳамон гуна ки аз даст додани гӯшае аз хоки кишварамон ё аз байн рафтани як кохи бостонӣ дар меҳани мо нигаронкунанда аст, нобуд шудани забон ва вожаҳои он ҳам метавонад ба ҳамон андоза дилгиркунанда ва андуҳнок бошад.

Бегумон, забон боэътимодтарин ва ҷовидонатарин шоҳидест, ки аз бурду бохти гузаштаҳо ҳикоят мекунад ва паёми ҳолро барои ояндагон ба армуғон мебарад. Вале бо ин ҳама масъулият забон низ дар гузашти таърих гоҳе захмдор мегардад ва гоҳе «пас аз дармон» ба дигаргунии ҷузъӣ дучор мешавад. З-ин рӯ, синаи китобҳо боргоҳи асосии забон аст, ки чигунагии дирӯзи худро барои имрӯзиён тасвир менамояд.

Забони форсии дарии тоҷик чунонки огоҳ дорем, дигаргуниҳои зиёде дошта ва сарнавишти он монанди рӯзгори ин сарзамин нишебу фарози бешуморе дид, дар ҳар тундбоди таърих бархе ганҷинаҳои гаронбаҳои фарҳангу забони мо нобуд ё сӯзонда

шудаанд ва вожагони забони мардумони пирӯз дар забони мо ворид шуда, вале буданд касоне, ки бо ҳамаи вуҷуд дар зинда нигоҳ доштани ин забон ва суннатҳои ин сарзамин кӯшидаанд, то бад-ин ҷо, ки устувор мондааст, номашон гиром бод.

Вожаҳои форсии дарии тоҷик, ин меросҳои фарҳангии арзандаи мо низ аз ин сарнавишт дар паноҳ набудаанд ва бисёре аз онҳо фаромӯш шуда ва ҷойи худро ба вожаҳои гуногуни ғайрифорс додаанд.

Ормони мо дар ин мақола шиносондани чанд вожаи тоҷикист, ки дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» ёд шудаанд, вале дар забони адаб ва навиштори имрӯза камтар ва ё ҳаргиз навиштаву шунида намешаванд ва ҷойи онҳоро вожаҳои бегона гирифтаанд.

«Таърихи Байҳақӣ» ҳарчанд дар дарозои таърих бештарин қисмати худро аз даст додаву танҳо дар сафҳаҳои башуморе, то ба мо расидааст, дар баробари ҳикоят намудан аз сиёсату фарҳанги замони Ғазнавиён, боз таҷассумгари забони форсии дарии тоҷикӣ дар асри XI мебошад. Ба бовари донишмандони гузаштаву забоншиносони имрӯз «Таърихи Байҳақӣ» аз нигоришҳои нахустини насри форсу тоҷик ба шумор меравад, ки бо содабаёнию канораҷӯӣ аз ҳар гуна печидагӣ дар байни дигар таърихномаҳо ҷойгоҳи вижаеро касб намудааст.

Хушбахтона, яке вижагиҳои забони форсии дарии тоҷик тавоноии дарунии он барои сохтани вожаҳои тоза аст. Ба гунае ки бо пайванд додани ду ё чанд вожа, метавон ба содаг вожаҳои тоза сохт, ки ҳамагон онро бифаҳманд. Монанди: «донишомӯз», «донишҷӯ», «донишёр», «донишманд», «донишгоҳ», «донишкада», «донишдӯст», «донишвар», «донишпажӯҳ», «донишпараст», «донишандӯз», «донишнома», «дониш», «донишсаро», «бедониш», «бодониш» ва дигар вожаҳое ҳастанд, ки аз пайвастани «дониш» ё вожаҳои дигар дуруст шудаанд ва намунаҳои он дар забони мо бешуморанд.

Барои бисёре аз донистаҳо ва андешаҳо аз вожаҳои бегона, ки ба сохти забони мо ҳамоҳанг нест, истифода мекунем, ба гунае ки дар забони худ барои онҳо вожаҳои шоиста дорем.

Бар ин поя, метавонем вожагони ношинохтаи худро бозшинос кунем. Барои ин ки гуфтаҳо бепоя набошанд, чанд вожаи худиро гувоҳ меоварем:

Беруниён – بیرونیان

Султон Масъуд раҳмату-л-лоҳи алайҳ (бахшоиши Худованд бар ӯ бод- А. Ҷ.) *дар ниҳон хидматҳои писандида кард, ки ҳамаи Ҳиндувони Катвар* (номи ҷойе дар Турону Ҳиндустон- А. Ҷ.) *ва баъзеро аз <u>беруниён</u> дар аҳди вай оварда* [9, с.400].

Калимаи «хориҷиён» имрӯз дар забон зиёд корбурд дорад, аммо вожаи «беруниён»-ро аз гуфтору навиштори хеш дур афкандаем.

Чи душвор аст, ки дар паҳлуи калимаи «хориҷиён» аз вожаи «беруниён» ҳам истифода кунем ва бо он ибораҳои зебои тоҷикиро бисозем? Монанди: шиносномаи берун, беруниён ё шаҳрвандони берун, донишҷӯёни берун ва ғ.

Бисёрдон – بسیاردان

Ва низ агар Манучеҳр ин ҷавонмард бикунад амир Маҳмуд хушёру бедору гурбуз ва <u>бисёрдон</u> аст [9, с.126].

Дар ин ҷо ниёзе ба шарҳу тафсири ин вожа нест. Чун барои ҳар як хонандаи зак маънои ин вожа донистанист. Муродифи вожаи «бисёрдон» калимаи арабии «аллома» аст ва дар гуфтору навиштори аҳли адаб зиёд ба кор меравад.

Дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавс низ вожаи «бисёрдон» истифода шудааст:

Бад-ӯ гуфт, к-эй марди <u>бисёрдон</u>,
Ту Баҳромро назди ман хор дон. [12, 217].

Ва ё Саъдии Шероз чунин гуфтааст:

Ҳақоиқшиносе, ҷаҳондидае, ҳунарманде, офоқгардидае,
Бузурге, забоноваре кордон, ҳакиме, сухангӯи <u>бисёрдон</u> [3, с.105].

Чи неку мебуд, агар дар баробари вожаи «аллома» аз вожаҳои худии: некдоно, бисёрдон ва ҳамадон (ҳамадон- ин вожа хушбахтона гоҳ-гоҳ корбурд дорад)-ро дар гуфтору навиштори худ ба кор мебурдем.

Намозгоҳ –نمازگاه

Ва амир разия-л-лоҳу анҳ (Худованд аз ӯ хушнуд бод- А. Ҷ.) *аз <u>намозгоҳи</u> шаҳр роҳ битофт бо фавҷе* (гурӯҳ, лашкар- А. Ҷ.) *ғуломони хос ва ба каронаи шаҳр бигзашт* [9, с.456].

Вожаи шевои тоҷик <u>намозгоҳ</u> муродифи калимаҳои арабии *<u>масҷид</u>* ва *<u>мусалло</u>* буда, нисбат ба муродифҳояш, ба андешаи мо равону беҳтар мебошад ва месазад, ки чун Абулфазли Байҳақ онро имрӯз ҳам ба кор бурд. Пайваст ба ин бояд гуфт, ки вожаҳои «намозхона» ва «ниёйишгоҳ» бо калимаи «намозгоҳ» ҳаммаъно ҳастанд.

Шуморгир - شمارگیر

Ва ин сели бузург мардумонро чандон зиён кард, ки дар ҳисоби ҳеч <u>шуморгир</u> наёяд [9, с.260].

Вожаи шевои тоҷикии «шуморгир» бо вожаҳои дигари тоҷик: «оморгар», «оморгир», «шуморанда» ва калимаи араб: «муҳосиб» ҳаммаъност. Дареғо, ки имрӯз мо аз вожаҳои хеш парҳез кардаем ва дар гуфтору навиштори худ «муҳосиб» (пештар калимаи русии «бухгалтерро ба кор мебурдем»)-ро истифода мекунем, ки ҳангоми талаффуз ё вогӯии он кӯшиш мекунем, онро мабодо бо вожаи «мусоҳиб» омехта накунем.

Чи душвор аст, ки ба «муҳосиб» бигӯём «шуморгир» ё «шуморгар» ва ба «муҳосибот» гӯем «шуморгир» ё «шуморгирхона». Ба пиндори мо на ҳама ба маънои калимаи «муҳосиб» сарфаҳм мераванд ва аз даст додани ҳар вожае оҳиста-оҳиста забонро ба нотавонию нобуд мебарад. Сад ҳайф, ки вожаи зебову ноби тоҷикии «шуморгир» имрӯз аз забони адаб ба як сӯ фиканда шудааст.

Унсур мегӯяд:

Шуморгир биёбад каронаи гардун,
Каронаи ҳунари ту наёбад ӯ ба шумор [11, с.4570].

Раҳ – ره

Агар фа-л-иёзу би-л-лоҳ (Худо накунад- А.Ҷ.) *моро як раҳ бишкаст, кор дигар шавад* [9, с.722].

«Вожаи *раҳ* бо калимаҳои арабии *дафъа*, *маротиба* ва тоҷикии *бор* ҳаммаъност, вале нисбат ба муродифҳои худ дар забони адаб корбурд надорад. Ин вожа ба маънои *маротиба* ё *дафъа* дар забони мардум равон аст.

Ин вожа натанҳо дар забони мардуми русто, балки дар ашъори шоирони пешин низ ба кор рафтааст. Фирдавсии бузург дар «Шоҳнома» ин вожаро ин гуна ба кор бурдааст:

Ҳаме гуфт сад раҳ зи Яздон сипос,
Ниёйиш кунам рӯзу шаб бар се пос. [12, с.258].

Саъдии Шероз низ аз ин вожа истифода кардааст:

Гар ба оташ бариям сад раҳу берун ор,
Зари нобам, ки ҳамон бошам агар бигдозам [5, ғазали шумораи 398].

Ин вожаро Ҷалолуддини Балх ҳам ба кор гирифтааст:

Он ки чун Ҷирҷис андар имтиҳони ишқи мо,
Гашт ӯ сад бор зинда, кушта шуд сад раҳ шаҳид [4, ғазали шумораи 746].

Шоирону адибон ва донишмандони пешин аз забони мардум ба ҳангоми эҷодиёти худ парҳез ва гурез намекарданд ва арзишҳои забони мардумро кӯчаг ва ғайриадаб намешумориданд.

Парра / пара/ - پره

Солор гуфт: «Ҳушёр бошед ва таъбия (оростан ё омода кардани сипоҳ ба ҷанг- А. Ҷ.) *нигоҳ доред, ки хасмон дар параи биёбонанд ва каминҳо сохта… »* [9, с.481].

Ё дар ин ҷумла:

Ва аъёну муқаддамон бо лашкари анбуҳ ва сохта дар параи биёбонанд аз роҳи дур бар даҳ фарсанг ва маро асб ланг шуд ва бимондам» [9, с.625].

«Вожаи парра беш аз ҳазор сол аст, ки ба маънои *тараф*- и араб ва калимаҳои *канор*, *карона*, *паҳлу*, *бағал*, *бар*-и тоҷик ҳам дар адабиёти классик ва ҳам дар забони мардум ба кор гирифта мешавад ва то имрӯз дар ҳама лаҳҷаҳои забони тоҷик зиндааст, вале дар забони адабии имрӯз батамом ғайриадаб ва кӯчаг дониста мешавад» [8, с.89].

Шоир ва пажӯҳишгари тоҷик Назри Яздон бар ин бовар аст, ки «Забони кӯчаву бозор ҳаргиз далели ориён будан, ворисони тамаддуни Рӯдакиву Саъд, Ибни Синову Имом Ғаззол буданро ироа намекунад» [7, с.289].

Манзури шоир аз ин сухан, агар нохушгӯиҳову зиштгӯиҳои мардуми кӯчаву бозор аст, дар ин ҳолат, ин нукта ба тамом дуруст аст ва мо низ бо устод ҳампиндорем. Вале аз сӯйи дигар, мо равониву шево ва деринатарин вожаҳоро аз забони мардуми нохонда, агарчи дар пиндори бархе бедониш менамоянд, мешунавем.

Бармегардем ба асли мавзӯъ. «Таърихи Байҳақӣ» ганҷинаи гаронбаҳои забони форсии дарии тоҷикӣ ба шумор меравад, ки дар он вожаҳои ноб гунҷонда шудааст, ки ин аз ҳунари нависандагии Абулфазли Байҳақӣ гувоҳ медиҳад.

Ба инҳо монанд вожаҳои: ***гурбуз*** – ҳилагар, маккор; ***пойкӯб*** - раққоса; **хуниён** – қотилон; ***шабгир*** – субҳ, саҳар; ***канда*** –хандақ; ***кушк***- қаср; ***гоз*** – қайч; ***кашхон*** –даюс, марди беғайрат; ***рӯйшинос*** -маъруф, машҳур, ***пангон*** – финҷон (пиёла); ***пурманиш*** – мағрур, ***кобин*** - маҳр ва дигар вожаҳоро метавон дар асар хонд.

«Дар адабиёти зиёда аз ҳазорсолаи мо, хусусан дар осори Рӯдак, Фирдавс, Мавлав, шоирони сабки хуросон, асолат дар ихтиёри вожаҳо қарор гирифта буд. Ҳар чи ки аз калимаҳо ин шоирон дар тарҳрезии ҷумлаҳои хеш коргир мешуданд, онҳо кӯшо бар он буданд, ки ин вожаҳо бештар тоҷик бошад, моли падарони онон бошад, тарашшуҳ аз пистони поки модароншон бикунанд. Ин буда, ки мо дар абёти Рӯдак даҳҳову садҳо ва дар осори Фирдавсиву Мавлои Балх ҳазорҳо вожагони буниву асили тоҷикиро метавонем, ки ба ҳангуфту бебаркаш дарёбем, ки аксарияте аз ин вожагону луғатҳои бун чи басо ва чи

хушо, ки дар забони мардум- дар лаҳҷаҳои гуногуни ҳама минтақаҳои Тоҷикистон, то бад-ин рӯзон дар истифода қарор доранд, бо ин ки дар забони адабии имрӯзи мо ҷойи онҳоро баски калимаҳои нобуниву бегона ихтиёр кардаанд» [8, с.7].

Ҳамон гуна ки медонем, бештарин дигаргуние, ки забони форсии дарии тоҷикии имрӯз бо дарии дирӯз дорад, дар ҳавзаи вожагон аст ва аслан ин гуна гуногуниҳо худмоя ва нишонаи ҳаракат ва ҳастии як забон аст.

Андешаи Муҳаммадтақии Баҳор, донишманди эронӣ, дар ин хусус чунин аст: «Дар олам ҳеҷ забоне нест, ки битавонад аз омехтагӣ бо забони дигар худро дар канор дорад, магар забони мардуме, ки ҳаргиз бо мардуми дигар омезиш накунад ва ин низ муҳол аст [6, с.251].

Ҳаройина ормони мо аз поку беолоиш кардани забон маънои аз забон берун кардани ҳар калимаи бегона нест, балки бархӯрди хирадмандона бо вожаҳои иқтибос ва гиромидошти забони форсии дарии тоҷик аст. Бикӯшем ба забони гузаштаи худ, то андозаи тавон бозгардем ва вожаҳои зебоеро, ки дархӯри фаҳми гурӯҳи бештаре аз мардум аст ва имрӯз шӯрбахтона аз ёд рафтаанд аз матнҳои боарзиши таърих пайдо кунем ва забони форсии дарии тоҷикиро пурбортару густурдатар созем. Ҳар чи вожаҳои бештаре дошта бошем, забон тавонотар, навиштан зеботар ва бозгӯ кардани донистаҳо осонтар хоҳад шуд. Пас арзиш ва арҷмандии ин забони бостониро бидонем ва ба боландагию сарфарозии он биафзоем.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳадов Ҷ.З. Баъзе аз вожаҳои куҳнашудаи форсӣ дар «Таърихи Байҳақӣ» / Ҷ.З. Абдулҳадов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Қисми I. – Душанбе, 2010. - № 7 (63). – С. 141-144.
2. Аҳмади Гев, Ҳасан Анвар. Дастури забони форс. – Теҳрон, Фотим, 1385. - 393 с.
3. Бӯстони Саъдӣ: бо пажӯҳиш ва кӯшиши Мансур Меҳранг. – Теҳрон: Достон, 1384. - 381 с.
4. Куллиёти «Девони Шамс». Мутобиқи нусхаи тасҳеҳшудаи Бадеъуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон: Нигоҳ, 1377. – 1481 с.
5. Куллиёти Саъдӣ: ба эҳтимоми Муҳаммадалӣ Фурӯғӣ. – Теҳрон: Заввор, 1385. – 1138 с.
6. Муҳаммадтақии Баҳор «Малик-уш-шуаро». Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1382. – 467 с.
7. Назри Яздон. Ҳикмати озодагон. – Хуҷанд: Хуросон, 2017. - 528 с.
8. Саидҷаъфаров Озод. Асолат дар забони мардум / Озод Саидҷаъфаров; таҳқиқ дар асоси луғатномаҳои қадиму муосир ва осори илмиву бадеии мутақаддимону муосирон. – Душанбе, 2012. – 160 с.
9. Таърихи Байҳақӣ: таълифи Абулфазл Муҳаммад бини Ҳусайн Байҳақӣ; муқаддима, тасҳеҳ, таълиқот, тавзеҳот ва феҳристҳо: Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ, Маҳдӣ Сайидӣ. – Теҳрон: Сухан, 1388. – 1866 с.
10. Фарида Роз. Фарҳанги вожаҳои форсии сара барои вожаҳои араб дар форсии муосир. - Теҳрон: Нашри марказ, 1366. – 256 с.
11. Ҳасан Анвар. Фарҳанги бузурги сухан. - Теҳрон: Сухан, 1381.
12. Шоҳномаи Фирдавсӣ: ба эҳтимоми Муҷтабо Минуӣ. - Теҳрон: Нигоҳ, 1391. – 728 с.

ВОЖАҲОИ ХУДИРО ПОС ДОРЕМ

(Перомуни чанд вожаи форсии дарии тоҷик дар «Таърихи Байҳақӣ»)

Забони форсии дарии тоҷик чунонки огоҳ дорем, дигаргуниҳои зиёде дошта ва сарнавишти он монанди рӯзгори ин сарзамин нишебу фарози бешуморе дид, дар ҳар тундбоди таърих бархе ганҷинаҳои гаронбаҳои фарҳангу забони мо нобуд ё сӯзонда шудаанд ва вожагони забони мардумони пирӯз дар забони мо ворид шуда, вале буданд касоне, ки бо ҳамаи вуҷуд дар зинда нигоҳ доштани ин забон ва суннатҳои ин сарзамин кӯшидаанд, то бад-ин ҷо, ки устувор мондааст, номашон гиром бод. Вожаҳои форсии дарии тоҷик, ин меросҳои фарҳангии арзандаи мо низ аз ин сарнавишт дар паноҳ набудаанд ва бисёре аз онҳо фаромӯш шуда ва ҷойи худро ба вожаҳои гуногуни ғайритоҷик додаанд. Ормони мо дар ин мақола шиносондани чанд вожаи тоҷикист, ки дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» ёд шудааст, вале дар забони адаб ва навиштори имрӯза камтар ва ё ҳаргиз навиштаву шунида намешаванд ва ҷойи онҳоро вожаҳои бегона гирифтаанд. «Таърихи Байҳақӣ» ҳарчанд дар дарозои таърих бештарин қисмати худро аз даст додаву танҳо дар сафҳаҳои башуморе то ба мо расидааст, дар баробари ҳикоят намудан аз сиёсату фарҳанги замони Ғазнавиён, боз таҷассумгари забони форсии дарии тоҷикӣ дар асри XI мебошад. Ба эътирофи донишмандони гузаштаву забоншиносони муосир «Таърихи Байҳақӣ» аз нигоришҳои нахустини насри форсу тоҷик ба шумор меравад, ки бо содабаёнию канорачӯӣ аз ҳар гуна печидагӯ дар байни дигар таърихномаҳо ҷойгоҳи вижаеро касб намудааст. Барои бисёре аз донистаҳо ва андешаҳо аз вожаҳои бегона, ки ба сохти забони мо ҳамоҳанг нест, истифода мекунем, ба гунае ки дар забони худ барои онҳо вожаҳои шоиста дорем. Бар ин асос, метавонем вожагони ношинохтаи худро бозшинос кунем.

Калидвожаҳо: «Таърихи Байҳақӣ», вожаҳои ноб, забони тоҷик, ғайритоҷик, матнҳои таърих, фарҳанг, иқтибос, забони адаб, забони омиёна.

ПОЧТЕНИЕ ИСКОННЫМ СЛОВАМ

(О нескольких таджикско-персидских словах в «Истории Байхаки»)

Как известно, таджикско-персидский язык потерпел много изменений, его судьба, как жизнь этой земли, подвергалась падению и взлетам, каждый исторический поворот уничтожал или жег часть из наших драгоценных культурных и языковых сокровищ, а слова языка победителей внедрялись в наш языке, но были те, которые пытались сохранить этот языка во всей красе и со всеми обычаями этой земли. Таджикско-персидские слова, ценное культурное наследие также не скрылись от этой судьбы, и многие из них утратились и уступили свое место другим нетаджикским словам. Цель нашей статьи заключена в ознокомлении с несколькими таджикскими словами, которые упомянуты в книге «Истории Байхаки», но в современном литературном языке их мало употребляют или вообще не употребляют. «История Байхаки», несмотря надлительную историю, потеряла большую часть, сохранившись малую часть своих страниц. В ней ее автор Абульфазли Байхаки, отражая политику и культуру

своего времени, также отразил таджикско-персидский язык XI века. «История Байхаки» является первым таджиско-персидским трактатом, в котором отражалась простота выражения, и он свободен от путаницы, среди других исторических писаний занимает особое место. Мы используем много нетаджикских слов и высказываний, которые не сочетаются со структурой нашего языка, так как у нас имеется исконный аналог нашего языка. На этом основании мы можем использовать наши неузнанные исконные слова.

Ключевые слова: «История Байхаки», исконные слова, таджикский язык, нетаджикский язык, исторические тексты, культура, заимствованные слова, литературный язык, язык народа.

RESPECT TO VERNACULAR WORDS

(About several Tajik-Persian words in "History Baykhaki")

It is known that Tajik-Persian has many changes, its fate has faced to the falls and rises as a life of this earth, each historical turn destroyed or burnt some part from our precious cultural and language treasures, and words of the winners' languages took root in our language, but there were those, who tried to keep this language in all its charm and customs of this earth. The Tajik-Persian words, valuable cultural heritages also did not hide from this fate and many words were forgotten and their place took other non-Tajik words. The purpose of our article is to show some several Tajik words which are mentioned in the book "History Baykhaki", but in the literary modern language they are a little used or not used at all. "History Baykhaki", in spite of history time, having lost the big part kept small a chat of the pages. Its author Abulfazli Baykhaki reflecting policy and the culture of his time in it, also reflected Tajik-Persian language of the 11th century. "History Baykhaki" is the first Tajik-Persian writing in which were reflected simplicity expression and is free from complexity among others historical writings takes a special place. We use many non Tajik words and expressions which are not the words of our language as we have a vernacular word of our language. On this basis, we can use our vernacular words.

Key words: "History Baykhaki", vernacular words, Tajik language, non Tajik language, historical texts, culture, borrowing words, literary language, a language of people.

Сведения об авторе: ***Абдулхадов Дж.З.*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр.Рудаки 17.
E-mail: **mehrbakhsh@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 93-920-77-77**

Information about the author: ***Abdulhadov J.Z.*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, docent Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **mehrbakhsh@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 93-920-77-77**

УДК:491.550-3(03)

ЛУҒАТИ АНЪАНАВИИ СОҲАИ ЗИРОАТКОРӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Абдуллоева Г.З.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Маишати мардум, асосан зимни истеҳсоли анвои гуногуни зироат таъмин мегардад. Бинобар он, аҳолии водии Ҳисор ба бахши *зироаткорӣ* таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.Аз сабаби он кизироаткорӣ шуғли асосии мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад, луғати ин соҳа ҳам дар забони тоҷикӣ мавқеи муайян дорад. Лекин то айни замон луғати соҳаи зираткорӣ ҳамчун як мавзӯи алоҳида ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Дар лаҳҷашиносии тоҷик, албатта, ба ин мавзӯъ даст задаанд [4, с.86-88; 2, с.62-68, 7, с.123-129], лекин барои тадқиқилуғати соҳаи зироаткорӣ ин нокифоя аст. Дар рисолаҳои илмии лаҳҷашиносон ҷанбаҳои гуногуни лексикаи мазкур дар доираи лаҳҷаю шеваи тадқиқнамудаашон таҳлил шудааст. Ниёгонамон низ ин шуғли мардумро хеле меписандиданд ва дар ашъорашон ин амалро хеле моҳирона тасвир намудаанд. Оид ба ин забоншинос Ҳалимиён С. чунин ибрози ақида намудааст: "Мардуми эронитабор, ки аз қадимулайём ба кишоварзиву боғдорӣ машғуланд, ин соҳа дар ин сарзамин хеле ривоҷ ёфтааст. Лексикаю истилоҳоти ин соҳа дар ашъори Сайидо ба таври возеҳ ифода гардидааст" [12, с.57].

Аслан шахсе, ки ба зироаткорӣ машғул аст дар забони тоҷикӣ *"деҳқон"* мениманд. Аммо вожаҳои зироаткор, *киштукорчӣ, обчакор* ва амсоли инҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисормуродифи вожаи"*деҳқон*" ба ҳисобмераванд. Аз сабаби он ки вожаи " *деҳқон* " дар забони тоҷикӣ хеле зиёд корбаст мешавад, дар луғатҳо низ тафсири ин вожа хеле зиёд ба назар мерасад. Истилоҳи «*деҳқон*»-ро Муҳаммад Ғиёсуддин чунин шарҳ додааст:

"*Деҳқон* муарраби деҳгон аст, ки мураккаб аз деҳ, ки ба маънии қария бошад ва лафзи гон, ки калимаи лаёқат ва нисбат аст" [3, с.350].

Мутафаккири барҷаста С. Айнӣ ба маъною маҳфуми ин калима диққати махсус дода, дар луғат шарҳи ин калимаро васеътар нишон додааст: "*Деҳқон* - заминдори калон ва соҳиби деҳ, арабишудаи "деҳгон" аст, ки дар забони тоҷикии қадимӣ "с*оҳибдеҳ*" ва "с*оҳибдеҳа*" гуфтан аст. Аммо дар замонҳои охир ин калима умуман ба маънои касони ба киштукор машғулшаванда ва аз ҳосили замин фоидабаранда кор фармуда шуд" [1, с.100]. Дар китоби" Фарҳанги забони тоҷикӣ" вожаи " *деҳқон"* чунин тафсир шудааст:

1. Кишоварз, зореъ.

Деҳқон ба саҳаргоҳон, к аз хона биёяд,
Ин ҳеҷ биромаду на ҳеҷ бинояд (Манучеҳрӣ).

Дар замони гузашта*деҳқоне,*
Гов меронд гирди вайроне (А. Ҷомӣ).

2. Моликизамин, заминдор, арбоби деҳ, деҳхудо.

3. Аҷам, форсу тоҷик.

На *деҳқон.* на турку тозӣ бувад,
Суханҳо ба кирдори бозӣ бувад (А.Фирдавсӣ).

Саворони тозандаро нек бингар,
Дар ин танг майдон зи тозиву *деҳқон* (Н. Хусрав).

4. маҷ. Қиссагӯй, таърихдон [8, с.365].

Зи гуфтори *деҳқон* кунун достон,
Бипайвандам аз гуфтаи бостон (А.Фирдавсӣ).

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки образи деҳқон дар тафаккури одамон ҳамчун шахси меҳнатдӯст, пок, ғамхор, таҷассум ёфтааст ва аз ин лиҳоз ба “ деҳқон” назари мардум дигар аст, ки ин дар фолклори мардуми ин мавзеъ ба чашм мерасад:

Деҳонбачая бин, замина шудгор дорад,
Ба ин ҷигараки рехтагии ман чӣ кор дорад.
Кочи пазаму равам шинам дар бараш,
Катагӣ кунад, ки ба мисли ман, чунин ёр дорад.

Ин ёраки хушкардаи ман *деҳқонай.*
Аз ғамаки туймона саргардонай,
Ҷомаҳаки духтагима ҳадяш барум.
Аз фикру хайёл хотиракуш парешонай.

Забоншинос Ҳалимиён С. қайд менамояд, ки дар замони Сайидо низ маънии ғолиби ин калима кишоварз, зореъ будааст [12, с.59].

Дӯш рафтам хирмани он шӯхи ***деҳқон*** рӯфтам,
Ҷамъ кардам хотири худрову он гаҳ кӯфтам (С.Насафӣ).

Бо вожаи мазкур дар забони тоҷикӣ таркибёбии якчанд калимаи мураккаб ба чашм мерасад, ки намунаи онҳо дар китоби “ Луғати имлои забони адабии тоҷик” дарҷ гардидааст: Деҳқондухтар, деҳқонзан, деҳқонмонанд, деҳқоннажод, деҳқонтабиат, деҳқончорӯб [5, с.84].

Дар забони имрӯза низ ин калима маънии “кишоварз”, “зореъ” –ро ба худ касб намуда, маънии аввалаи он куҳна гардидааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин лаҳҷа вобаста ба соҳаи зироаткориаш ба ашхос номи шуғлаш пайваст карда мешавад: Ҳайити *шоликор*, Халели *гандумкор*, Исмоили *пахтакор*, Ашӯри *арзанкор*, Маҳмуди *ҷӯворикор*, Аҳмади *мошкор,* Ҳасани *нахӯдкор.* Ин истилоҳотро мо дар “Шаҳрошӯб” и Сайидои Нафасӣ низ вомехӯрем: “Бештари калимаҳое, ки ба лексикаи кишоварзӣ хоссанд, ба асоси замони ҳозираи феъли коштан - кор сохта шудаанд: гандумкор, шоликор, арзанкор, ҷуворикор, мошкор [12, с.59].

Шӯхи ***арзанкор*** ҳар дам қадди худ таҳ мекунад,
Бар замин гар арзанеро ёфт бармаҳ мекунад (С.Насафӣ).

Воқеан, зироаткорӣ аз бахшҳои қадимаи шуғли мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Калимаву истилоҳоти соҳаи зироаткорӣ дар забони тоҷикӣ бо мурури замон ташаккул ёфта, вобаста ба даврaҳои рушди ҷомеа муродифот ва муодилу мувозаҳои гуногун пайдо кардаанд. Имрӯз вожаҳои марбут ба бахшҳои зироаткорӣ як ҳиссаи калон ва аз ҳама сермаводи лексикаи забонамонро ташкил медиҳанд.

Машғулияти асосии кишоварзони водии Ҳисор дар бахши зироат бештар ғаллакорӣ, обчакорӣ ва кишти пахта мебошад ва тамоми калимаву истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар иртибот ба ҳамин бахшҳо ба зуҳур меоянд. Чорводориву боғдорӣ паҳлуи дигари фаъолияти сокинони ин минтақаи кӯҳистони Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, ки дар ин соҳаҳо низ истилоҳоти ба маишати мардум алоқаманд хеле зиёданд:

1. **Калимаву истилоҳоти *соҳаи ғаллакорӣ.*** *Ғаллакорӣ* як бахши махсуси фаъолияти мардумиводии Ҳисор ба шумор меравад. Калимаву истилоҳоти марбут ба ин соҳа, пеш аз ҳама, номи анвои ғалла, қисмҳои ҷудогонаи ғалладона, рафти кишту кор ва коркарди замин, амалиёти марди деҳқон дар мавриди ҷамъ овардани ҳосили зироат ва монанди инҳоро дар бар мегиранд.

Дар лексикаи лаҳҷаҳоиводии Ҳисор номи аксарияти навъҳои ғалладона бо калимаҳои умумиторикӣ ифода меёбанд, аз қабили *ҷуворимакка, ғандум, лӯбиё, ҷав, авёс, нахӯд, мош, мушунг, наск, биринҷ* ва ғайра.

Лаҳҷашинос Гадоев Н. иброз намудааст, ки дар лаҳҷаи Тагнов истилоҳи *ғомък* мавриди истифода қарор дорад. Ин зироате мебошад, ки монанди наск буда, андак калонтар аст [2, с.84]. Профессор Исмоилов Ш.қайд намудааст, ки барои аҳолии ҳамаи маҳалҳоиводии Рашт истилоҳи *ғала* ва *дуна* умумӣ мебошад, вале доираи интишори хър- ъ дун маҳдуд буда, танҳо дар ҳудуди деҳшӯрои Иззатулло Ҳалимови ноҳияи Нуробод истеъмол меёбад [2, с.86]. Дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор хелҳои ғалладона, аксаран бо истилоҳоти маҳаллӣ номгузорӣ шудаанд. Масалан, вожаи *ғандум* дар гӯйиши ин мардум аз лиҳози шаклу маънӣ бо забони умумихалқии тоҷикӣ як аст, аммо хелҳои гандум дар бисёр маврид бо унсурҳое ифода мешаванд, ки хосси муҳоварои кишоварзони худи ин водист. Аз қабили *қайроқӣ, сурхак, сафедак, қароқилдир, басирбой, ватан, зафар, москвич, шарора, жагра.* Вожаи *ҷуворимакка* шакли талаффузи лаҳҷавӣ дорад ва ҳам истилоҳоти марбут ба он низ характери лаҳҷавӣ зоҳир мекунанд: *ҷӯворӣ* (ҷуворимакка), *ҷӯвори сафедак, ҷӯвори сурхак, пақ-пақак* (хелҳои ҷуворимакка), *ғуша, шувак, сари ҷӯворӣ, пӯпаки ҷӯврӣ, сӯтта* (номи қисмҳои поя ва танаи ҷуворимакка).

1.1. Номи навъҳои биринҷ: *оқпар, авангард, йубилей, девзира, августт, awғонӣ, нолнӯҳ, нол сездаҳ, марҷон, дандони уштур, лазер.* Вожаҳои *йубилей (*юбилей), *авангард* (авангард), *августт* (август) аз забони русӣ ба забони мо иқтибос шудаанд. Дар луғати этимологӣ дарҷ гардидааст, ки вожаи “avant - garde” баромади фаронсавӣ дошта, маҳфуми “отрядро супоридан” – ро ифода менамояд [10, с.58].

Вожаи “юбилей” низ ба забони русӣ дар ҳамин шакл мавриди истифода қарор дорад, дар забони юнонӣ шакли “jbiaum” - ро доштааст, ки решааш ба забони яҳудии қадим jobel рафта мерасад, ки ифодакунанди маҳфуми “шохи гӯсфанд будааст” [11, с.525]. Бояд ҳаминро қайд намоем, ки ин номгузории навъҳои гандум ва биринҷ бо амалиёти одамон сахт вобастагӣ доранд. Масалан, гандуми навъи зафарро Зафар ном шахс аввалин маротиба ба ин мавзеъ овардааст. Биринҷи навъи юбилейро дар ҷашнгирии шаҳри қадимаи Москва аз кишвари Россия овардаанд.

1.2. Амалиёте, ки дар вақти кишти шолӣ гузаронида мешаванд: *лойшан, хишмола, палгирӣ, шолитаркунӣ, сепӣ, шолиниҳол, шолиӯтоw, ҷоми қурwоқа, ғундорӣ, шолидарав, шоликӯwӣ, бодкунӣ, owҷувозбарӣ, шолисафедкунӣ.*

1.3. Навъҳои *нахӯд: нахӯти сафедак, нахӯти сурхак, нахӯти зотӣ, нахӯти эронӣ.*

1.4. Навъҳои лӯбиё: *лӯби сафедак, лӯби дарозак, лӯби сурхак.*

2.**Калимаву истилоҳоти *соҳаи обчакорӣ*.** Калимаву истилоҳоти ин соҳа асосан дар ифодаи номи сабзавот ва хелҳои он, баргу поя ва ҳосили сабзавот ба кор мераванд. Инчунин як қатор калимаву таркибҳои феълӣ дучор меоянд, ки онҳо ба амалу ҳаракат ва табодули сабзавот аз як ҳолат ба ҳолати дигар нигаронида шудаанд:

2.1. Номи умумии сабзавот: *лawлawон* (лаблабу), *картишка* (картошка), *памадур* (помидор), *сawзӣ* (кашнич), *каду, пийоз* (пиёз), *ҷамбул* (як хел сабзавот), *тарбуск* (тарбуз), *харбуза, ҳандалақ, капуст* (карам), *шалғам, гулкарам* (як навъи карам), *турб, бодаринг, чиснок* (сирпиёз), *йарҳон* (райҳон), *укроп* (шибит). Бояд ҳаминро қайд намоем, ки бо истилоҳи лаблабу миёни мардуми тоҷик ибораҳои рехтаи зиёд мавриди истифода қарор доранд: лаблабу барин шудан (хиҷолатманд шудан, аз камоли таъсири чизе суп сурх шудан), лаблабуи касе баромадан (асрори касе фош шудан) [9, с.208].

2.2. Номи хелҳои сабзавот. Ҳар кадоме аз ин навъҳои сабзавот боз хелҳои худро доранд, ки бо чунин истилоҳот номгузорӣ шудаанд: *шакарлawлawон, лawлawони сурх* (хелҳои лаблабу), *картишки сурх, картишки зарт, картишки сафет, картишки урусӣ, картишки зотӣ* (хелҳои картошка), *садафйарҳон, зирайарҳон, сийайарҳон, сафетйарҳон* (хелҳои райҳон), *каду хамирӣ, каду ошӣ, каду нигон, носкаду, тамошокаду, рубобкаду, салакаду, лифкаду, шармандакаду* (хелҳои каду), *нӯшпийоз, пийози сафет, тухмипийоз, нокпийоз, пийози сурх, пиёзи сафед* (хелҳои пиёз), *олучапамадур, памадури гӯштӣ, памадури дарозак, памадури файзобод* (навъҳои помидор), *обинawот, қароқӯлӣ, унбурwоқӣ, оққовун, парсилдоқ, махкамбойӣ, шоқовун, кӯкча, токӣ, токи зарт, токи кawут, токи бурма, индамас, амирӣ, гургак, алоча, мирбоқӣ, ҷурақант,* матолипбойӣ, шакарпӯчоқ, гургаки сафет, гургаки сийо, сари пӯчоқ, *ичиқизил* (хелҳои харбуза), *тарбузки сиёҳ, тарбузки ала, тарбузки owӣ, тарбузки лалмӣ* (навъҳои тарбуз). Таҳлилҳо собит намуданд, ки дар Водии Ҳисор навъҳои гуногуни *пиёз* кишт карда мешавад: *тухмипийоз, нокпийоз, пийози сурх, пийози сафед ва ғ.* Вожаи “*пиёз”* дар луғати “Бурҳони Қотеъ” дар ин шакл омадааст: *пиёзак* тасғири пиёз аст; ва гиёҳеро низ гӯянд, ки аз он бурё бофанд; ва навъе аз гурз бошад, ки сари онро бо занҷир ё даволӣ бар дастаи оннасб

кунанд ва онро ба туркӣ чавкан хонанд; ва исми қарияест дар домони кӯҳи маъдани лаъл [6, с.255].

3.Калимаву истилоҳоти *соҳаи пахтакорӣ.* Соҳаи пахтакорӣ шуғли хеле тараққикардаи мардуми водии Ҳисор ба ҳисоб меравад. Аз сабаби он ки бофтани матоъ дар ин мавзеъ, хусусан дар Қаратоғ хеле тараққӣ карда буд, истеҳсоли риштаи пахтагӣ ва абрешимӣ дар ин ҷо ба тариқи васеъ ба роҳ монда шуда буд.

Маводи ҷамъкардаи мо оид ба соҳаи пахтакорӣ хеле зиёд аст, ки онро аз ҷиҳати маъно ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ мебошад:

3.1. Номи навъҳои пахта: *пахти сафет, пахти мисрӣ, пахти майинах (маҳиннах), пахти андиҷон, пахти элита 65-24, пахти намангон, пахти эрон.*

3.2. Калимаву истилоҳоте, ки ба коркарди замин ва кишти пахта дахл доранд: *порубийорӣ, охлоткашонӣ, йахowмонӣ, қумхонаканӣ, хокандозӣ, марзазанӣ, марзагирӣ, заминҳайкунӣ, полигирӣ, хатгирӣ, заҳбурканӣ, заканканӣ, текискунӣ, сихмолакунӣ, молакунӣ, мола бастан, чигитрезӣ, обшудгор, сарполиг, мошхат, шохоб, шохобча, ӯқариққашӣ, пал, киштӣ, дами киштӣ, киштшудгор, дуборашудгор, пайкол* (қитъаи замин).

3.3. Калимаву истилоҳоте, ки касби шахс ва номи нуқтаҳои қабули пахтаро ифода мекунанд: *owчӣ, тарозучӣ, биргат, табилчӣ, калан(д)чӣ, калхозчӣ, агирном, apowакаш, пахтаборкун, чизилчӣ, чигитрез, тарактирчӣ, пахтахона, шипанг, пахтазовут, учас*(т)ка.

3.4. Вожаҳое, ки ба рафти сабзиши пахта далолат мекунанд: *гул каран, неш задан, реша рондан, дубарга, чорбарга, қасмоқак бастан, шона каран, кӯра каран, шукуфтан.*

3.5. Вожаҳое, ки ба коркарди байни қаторҳо ва ғунчини пахта нигаронида шудаанд: *йагона каран, чиконка каран, чиндан, якумчинак, дуюмчинак, сеюмчинак, қашқа кандан, кӯка кандан, кӯкакафонӣ, пахтақоққунӣ, owмонӣ, чопуқ каран, чӯйаккашӣ, дорузанӣ, силетирзанӣ, падборчинӣ, карчофка, пайачинӣ, пайабандӣ, пайаборкунӣ.*

3.6. Номи васоити меҳнат, асбобу анҷом ва техникаи коркарди пахта: *тарактир, инвинсар, барана, мола, сихмола, чигил, булдозир, мошини пахтаборкунак, кӯкуканак, афтакашка, биришка, сейалка, мошини пахтачинӣ, мошини дорузанак, мошини дорурезак, ҷувол, қанор, этак/пешдоман, пешгирак, дастак.*

3.7. Вожаҳое, ки номи маросимҳои гуногуни пахтакориро ифода мекунанд: *чигитшинонӣ, сари пахта, нуват, пахтачинон, иди пахта.*

3.8. Калимаҳои маъноан гуногуни бахши пахтакорӣ: пайа (ниҳоли пахта), неши пайа (аввали аз замин баромадани ниҳол), *тана, шохча, чигит* (тухм), *кӯка* (кӯрак), қашқа, пӯчоқ, сӯртавой, йакумсорт, *дуйӯмсорт, фарғи пахта, той, кеп, бунт* (ғарами пахта).

Дар бахшҳои *ғаллакорӣ, обчакорӣ ва пахтапарварӣ* дар гӯйиши ин мардум се гурӯҳи истилоҳот фаъолият мекунанд:

1. Истилоҳоте, ки хусусияти умумитоҷикӣ доранд. Аз қабили *ғандум, ҷав, шолӣ, сарак, майса, ғандуми баҳорӣ, ғандуми тирамоҳӣ, дунбул, пиёз, каду, харбуза, ҳандала, бодиринг, турб, чеснок, лаблабу, пахта, ғӯза, фартук, қанор, пахтаи сафед, мошини пахтачинӣ, пахтаи маҳиннах, тирчӯ, сеялка, мола, сихмола, чеканка кардан, гул кардан, шона бастан, шукуфтан, хирман, той, обмон, чиндан, пахтачӣ*.

2. Истилоҳоте, ки даргӯйиши ин мардум ва дигар лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳи он ба кор мераванд: *сурхак, сафедак, қайроқӣ, дуфарға, шашфарға, пӯпаки ҷуворӣ, сӯзанак задан, мехча шудан, ҷамбул, шакарлawлawон, пулак, найча, дастак, мошхат, ӯқарик, owчӣ, пахтахона, қашқачинак, ачӯт* .

3. Истилоҳоте, ки хосси лаҳҷаҳои мазкуранд: *палкашӣ, сепӣ, лойшан, хишмола, андовапал, шолиӯтow, нуват, биринҷи марҷон, биринҷи дадони уштур, памадури гӯштӣ, қутурбодаринг, рубобкаду, лифкаду* ва монанди инҳо. Аз таҳлилу тадқиқи мавод бармеояд, ки лексикаи соҳаи кишоварзӣ қисми асосии лексикаи лаҳҷаҳои водии Ҳисорро ташкил медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик // Куллиёт. Ҷ.12. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 560 с.
2. Гадоев Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н.Гадоев. - Душанбе, 2012. - 208с.
3. Ғиёсуллуғот. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ҷ.2. - Душанбе: Адиб, 1987. - 416 с.
4. Исмоилов Ш. Лексикаи лаҳҷаи Рашт / Ш.Исмоилов. - Душанбе, 2018. - 306 с.
5. Калонтаров Н. Луғати имлои забони тоҷикӣ / Н.Калонтаров. - Душанбе, 1974. - 331с.
6. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. - Душанбе, 1993. – 416 с.
7. СангиноваР. Лексика лаҳҷаи Конибодом / Р. Сангинова. - Душанбе, 2017. – 198 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М., 1969. - 951 с.
9. Фарҳанги ибораҳои халқӣ. - Душанбе, 1988. - 400 с.
10. Фасмер М. Этимологический словарьрусского языка / М.Фасмер. Том 1. – Москва: Прогресс, 1986. – 573 с.
11. Фасмер М. Этимологический словарьрусского языка / М.Фасмер. Том 4. – Москва: Прогресс, 1987. – 860 с.

12. Ҳалимиён С.Лексикаи касбу ҳунар дар осори Сайидои Насафӣ. - Душанбе, 2014. – 152 с.

ЛУҒАТИ АНЪАНАВИИ СОҲАИ ЗИРОАТКОРӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Дармақола оид ба лексикаи зироаткорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисормаълумот дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки лексикаи мазкур дар ин мавзеъ хеле ғановатманд буда, қисми асосии лексикаи лаҳҷаҳои мазкурро ташкил медиҳанд. Намунае аз ин истилоҳот дар ашъори ниёгонамон низ ба назар мерасад. Инчунин, муаллиф қайд менамояд, ки ҷанбаҳои гуногуни лексикаи мазкур дар корҳои лаҳҷашиносони тоҷик таҳлилу тақиқ шудаанд.

Калидвожаҳо: кишоварзӣ, зироаткорӣ, деҳқон, ғала, дона, сабзавот, замин. шуғл, лексика, истилоҳ.

ТРАДИЦИОННЫЙ СЛОВАРЬ СФЕРЫ ЗЕРНОВОДСТВА В ГОВОРАХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ

В данной статье автор рассматривает лексику сферы зерноводства в диалектах Гиссарской долины. В статье отмечено, что данная лексика в диалектах данного региона очень богата и разнообразна. Некоторые из этих терминов восходят к древнему развитию таджикского языка и встречаются в произведениях таджиксих писталей и поэтов - классиков. Также в статье рассмотрены различные аспекты данной лексики.

Клчевые слова:зерноводство, земледелие, дехкан, зерно, овощи, злаки , занятие, лексика, термин.

TRADITIONAL DICTIONARY OF THE GRAIN SPHERE IN THE TALKS OF HISSAR VALLEY

In this article, the author considers the vocabulary of the field of grain production in the dialects of the Hissar Valley. The article notes that this vocabulary in the dialects of this region is very rich and diverse. Some of these terms go back to the ancient development of the Tajik language and are found in the works of Tajik pistols and classical poets. The article also discusses various aspects of this vocabulary.

Key words: grain growing, agriculture, dekhkan, grain, vegetables, cereals, occupation, vocabulary, term.

Сведения об авторе: ***Абдуллоева Г.З.*** - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухамадиева 17/6

Information about the author: ***Abdulloeva G.Z.*** - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzoda, candidate of philological sciences. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhamadieva Str.17/6

УДК: 801.316.3

ТАҲЛИЛИ ЭТИМОЛОГИИ НОМИ МЕТАЛИ НУҚРА ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУН

Тухтасунов О.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Металли нуқра яке аз ҳафтгонаи металлҳои дунёи қадим мебошад, ки ба он инсон барвақт шинос гашта, дар истеҳсоли маводҳои ороишӣ ва ашёҳои ниёзи худ истифода намудааст. Ин металл дар табиат асосан дар намуди пайваст ва аҳён-аҳён дар шакли худрӯй вомехӯрад. Дар табиат, хусусан пайвасти сулфурии нуқра хеле паҳншуда буда, аз он бо осонӣ ин металлро барқарор кардан мумкин аст. Дар Тоҷикистон кони калонтарини нуқра кони мавзеи Кони Мансур ба ҳисоб меравад ва он аз рӯйи захираи ин металл дар ҷаҳон ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Баъзе аз муҳаққиқон арз доранд, ки гузаштагон аз замонҳои қадим аз ин мавзеъ нуқраро дастрас менамуданд.

Қадимтарин маснуотҳои ороишии аз нуқра сохташуда, дар рафти ковишҳои археологӣ дар Миср ёфт шудаанд ва тахмин мекунанд, ки онҳо ба даврaҳои пеш аз 3400 сол то милод рост меоянд. Маълум аст, ки дар сарзамини Миср кони нуқра мавҷуд нест, аз ин рӯ олимон эҳтимол доранд, ки нуқраҳои аз Мисри қадим дарёфтгашта аз дигар манотиқҳо, шояд аз Суриё оварда шуда бошанд. Ороишотҳои нуқрагии дар манотиқи Байнаннаҳрайн бозёфтгаштаро басолҳои 2500 пеш аз милод мутааллиқ медонанд [13, с.116]. Шарқиён ба истеҳсоли металлҳо барвақт шинос буданд, истеҳсоли тилло, мис, сурб, нуқра ва хусусан оҳан ба онҳо даст додааст, ки аз ҷиҳати иқтидори техникӣ, истеҳсоли асбобҳои ҷангии фулузӣ, корд, шамшер, табарзин, сеқира, аробаҳои фулузчарх ва либосҳои муҳофизатӣ - ҷавшан бартарӣ дошта бошанд ва фатҳи дигар кишварҳо кунанд. Афзалияти асбобҳои ҷангӣ боис гашта, ки форсҳо дар асри V то милод ҷуз аз сарзаминҳои Осиё, мамлакатҳои абарқудрати он даврон, Миср ва Юнони қадимро низ зери тасарруфи худ даровардаанд.

Меоваранд, ки аҳли Аврупо ба нуқра дар ҳазорсолаи I пеш аз милод шинос шудаанд. Миқдори зиёди нуқра ҷуз ба истеҳсоли маводҳои ороишӣ, ба истеҳсоли пул низ сарф мегашт. Таҳлили кимёвии таркиби пулҳои замонҳои қадим нишон медиҳад, ки онҳо аз 90% нуқра ва 10% мисс иборат буданд. Дар маъхазҳо аз пулҳои нуқрагии дар муомилот будаи Юнон низ ёд кардаанд. Дар китоби Библия нисбати пулҳои нуқрагии ин давлат оварда шуда, ки воҳиди пулии юнониён дирҳам ва як дирҳам ба як динори сарзамини Рум барорбар аст. Вобаста ба мавзеи сикказанӣ вазни тангаҳои нуқрагӣ гуногун 4.37 ва 6.3 грамм будааст. Оиди воҳиди пулии Римиҳо динор (denarius), ки онҳо низ тангаҳои нуқрагӣ будаанд, дар Евангелия ёдрас гаштааст [1, с.1372].

Дар таҳқиқи хосияти металлҳои аз замонҳои қадим маълум буда, даврaҳои баъдина алхимикони Шарқ, хусусан Ҷобир ибн Хайён, Закариёи Розӣ ва Абӯрайҳони Берунӣ хизмати шоён кардаанд. Берунӣ зичии 7 металли дунёи қадим аз ҷумла, нуқраро 10.30 муайян кардааст, ки аз нишондоди илми муосир, ки 10.50 мебошад, хеле кам фарқ дорад. Дар китоби «История химии» - и Соловьев Ю.И. маълумот оиди зичии металлҳои Берунӣ муайян карда, ки онро Абдурраҳмони Хазинӣ дар рисолааш бо номи «Тарозуҳои хирад» (1121) ёдовар гаштааст, оварда шудааст, инчунин қайд гаштааст, ки дар Аврупо нахустин ҷадвали нишондоди зичии металлҳо, охирҳои асри XVIII дар китоби «Курси химия»-и А.Лавуазе вомехӯрад [8, с.19]. Умуман, дар таҳқиқи хусусиятҳои ашёҳо ва вобаста ба он номгузорӣ ёфтани онҳо, аз ҷумла металлҳо ва моддаҳои дигари кимиёвии дар аҳди қадим маълум буда, хизмати аҳли улуми даврони пеш ва ҳам баъд аз милодии Шарқи Қадим калон аст. Он номҳое, ки аҳли Шарқи Қадим гузоштаанд, ба забони аксар халқиятҳои манотиқҳои дигар иқтибос гашта, вобаста ба фонетикаи забони онҳо шакли худро тағйир додаанд ва аз ин рӯ, дар таҳқиқи этимологияи он вожаҳои иқтибосӣ истифода аз забонҳои аҳли қадими шарқ гиреҳкушоӣ ба ошкоргардии ҳақиқати ҳол меоварад.

Маълумаст, ки дар гузашта барои ба ҷисм ва ё маводе ном ниҳодан ягон хусусияти хосси онро ба инобат мегирифтанд. Номи металли нуқра дар забонҳои гуногун низ, албатта, таҷассумкунандаи ягон хосияти хосси он бояд бошад. Хусусияти хосси зоҳирии нуқра, дорои ранги сафеди равшан ва пурҷило будани он аст ва аз ин ҷиҳат дар байни тамоми металлҳо мавқеи аввалро ишғол мекунад. Ин хосияти баланди нуракскунии нуқра боис гашта, ки онро барои тайёр кардани оина васеъ истифода мебаранд.

Дар китобҳо қадимтарин номи металли нуқра, номи Мисри қадимии он -«had, hat»-ро оварда, ба маънои «сафед» зикр кардаанд [13, с.116]. Аз қиёси бунёди вожаҳои забонҳои қадим, ки ифодагари металли нуқра ва ранги сафед мебошанд, муҳаққиқони забонҳои қадим, номи ҳиндуаврупоии нуқраро «Hark» муайян намуда, онро низ ба ранги металл - «сафеди равшан» пайвастаанд. Шаклҳои дигаре, ки нуқраро дар забони хеттӣ «harki», тохарӣ – «arki», ҳиндуи қадим –«rajata» (дар ин забон маводи сафед ва дурахшандаро «arjuna» овардаанд), авастоӣ–«ərəzata», форсии қадим «ardata», ирландии қадим «argat», арманӣ «arcat» мегӯянд, зодаи шакли ҳиндуаврупоии нуқра «Hark» медонанд [3, с.713]. Дар китобу фарҳангномаҳои забонҳои қадим, аз ҷумла дар китоби «Форси бостон» низ вожаи «ardata» аз забони форсии қадим ба маънои «нуқра» оварда шудааст [7, с.40]. Дар луғатҳои забони санскрит вожаи «rajata» бо думаъно, нуқра ва ҳам ранги нуқрагун тавзеҳ ёфтааст [9, с.153].

Дар матнҳои юнонии даврaҳои гуногун, номи нуқра «ἀργυρος (аргурос)» сабт ёфтааст ва онро аз калимаи «ἀργής (аргос)», ки дар ин забон маънои «сафед, рахшон»-ро доштааст, бунёдёфта арз доранд [13, с.116]. Номи лотинии нуқра «argentum», ки ҳоло номи илмӣ ва байналмилалӣ қабул гаштааст, бо номи юнонии нуқра ҳамреша аст. Баъзе аз муҳаққиқиқон гумон доранд, ки номи нуқра дар забонҳои романӣ низ аз вожаи юнонии «аргурос» маншаъ гирифтааст ва решаи онро вожаи «арг»-и забони санскритӣ медонанд [13, с.117]. Шояд онҳо вожаҳои «arka» ва «arcis»-и забони санскритро мадди назар дошта ба ин андеша омадаанд, зеро ин вожаҳо дар забони санскрит ифодакунандаи «нур», «шуъла» ва «офтоб» мебошанд.

Гунаҳои дигаре, ки ифодагари металли нуқра буда, ба шакли ҳиндуаврупоии нуқра равобит надоранд, вожаҳои готӣ- «Silubr», голландӣ- «zilver», шведӣ– «silfer», даниёгӣ– «solf», олмонӣ «Silber», англисии қадим «seolfor» ва англисии муосир «silver» мебошанд. Ба ин вожаҳо шаклҳои дар забонҳои славянӣ буда, славянии қадим–«сребро», русӣ – «серебро», чехӣ– «стрибро» мувофиқат доранд. Бархе арз мекунанд, ки этимологияи шакли англисии нуқра «Silver» –ро фаҳмонидан душвор ва таъкид доранд, ки он ба номи нуқраи дар баъзе забонҳои аврупоӣ буда,чун готӣ- «Silubr», голландӣ- «zilver», шведӣ– «silfer», даниёгӣ–«solf» ва олмонии «Silber»ҳампайдоиш аст [11, с.606; 13, с.117].

Яке аз муҳаққиқони намоёни забонҳои ҳиндуаврупоӣ А. Майе дар китоби худ навиштааст, ки «дар забонҳои олмонӣ, назди балтика ва славянӣ барои ифодаи металли нуқра, тамоман дигар калима, дур аз шакли ҳиндуаврупоиро истифода мебаранд, онҳо бо ҳам хешӣ доранд, вале аз афташ, аз ким-кадом забони номаълуме ба ин забонҳо, дар гузаштаи дур иқтибос гаштааст [5, с.404].

Дар «Луғати этимологии забони русӣ»-и М.Фасмер номи металли нуқра дар забони славянии қадим ва ҷамъи забонҳои муосири гурӯҳи славяниро, ки бо вожаи русии «серебро» шабеҳсохт ҳастанд, гирд карда, вале аз онҳо маънибардорӣ нагаштааст. Инчунин, дар ин китоб номи олмонии қадими нуқра «silabar», олмонии даврaи миёна ва муосир «Silber» оварда шуда, тахмин меравад, ки нахустшакли аврупоии он аз ягон забонҳои шарқ иқтибос ёфтааст [11, с.606].

Иддае аз лингвистон гунаҳои дар забонҳои славянӣ бударо ба шакли олмонии «Silber» ва ассурии «Сарпу» дар иртибот медонанд. Тахмин менамоянд, ки ҷамъи онҳо аз калимаи «Sarpu (Сарпу)»-и забони ассурӣ, ки маънои «металли сафед, нуқра»-ро доштааст, пайдо шудаанд. Ва андешае низ ҳаст, ки калимаи «серп»-и забонҳои славянӣ вобаста ба шакли Моҳ (моҳи нопурра), баъд аз пайдоиши алхимияи ғарб, аз ассурии «Сарпу» шакл гирифта бошад [13, с.117].Мусаллам аст, ки номи баъзе аз металлҳо дар забонҳо ҳамрадиф ба номи ситораву сайёраҳо мебошанд. Ҳамномӣ ва дар китобҳои қадим ишораи якхелаи доштани металлҳои замони қадим бо сайёраҳо, зодаи тасаввуру фаҳмиш ва фалсафаи аҳли қадим аст. Дар гузаштаи дур инсон барои ҳар як маводу мавҷудоти рӯйи замин дар кайҳон ситораеро ҳамзот ва нигоҳбон дониста, ситораи нуқраро Моҳ пиндоштаст.

Дар забонҳои гуногуни қадим дучор гаштани номи нуқра аз барвақт шинос будани инсоният ба ин металл шаҳодат медиҳад. Маълум, ки нуқра нисбати тилло дар ҳолати озод кам дучор мегардад, гарчанд миқдори он дар қишри замин аз тилло зиёд аст. Яқин, инсон ҳангоми коркарди маъданҳои нуқрадор металли сурбро, ки яке аз металлҳои паҳншудаи табиат ва зудгудоз ба шумор меравад ва якҷоя бо нуқраву рӯҳ вомехӯрад, ба даст овардааст. Металли сурб низ дорои ранги сафед, вале камҷило буда, ҳарорати гудозиши он 327°C аст, ки аз ҳарорати гудозиши нуқра, 960°C, қариб се маротиб кам мебошад. Дар ҳолати якҷоя гудохтани омехтаи онҳо, сурб тез гудохта шуда аз нуқра ҷудо мегардад. Аз ин рӯ, шояд номи нуқра ва сурб дар баъзе забонҳо ҳампайвасти ҳам бошанд.

Таҳлили лингвистӣ ва мантиқии аксар вожаҳои аз забонҳои мухталифи даврони қадим ҳифзмонда нишон медиҳанд, ки он забонҳо сода ва ҳиҷогӣ буда, бисёрмаъногии ҳиҷоҳо (полисемия) боиси душвории маънибардорӣ гаштааст. Аз ҷумла, дар вожаҳои забонҳои даврони қадим бахши «ар» бо маъноҳои гуногун: металл, сахт, мустаҳкам, қавӣ, ва дар баъзе забонҳо бо маънои тилло ва оҳан низ истифода ёфтааст. Ифодагари ҷило, нур, дурахш ва равшан дар аксар вожаҳои забонҳои қадими ҳиндуаврупоӣ бахши «ра, ро, ру» мебошанд. Бояд тазаккур дод, ки дар фонетикаи на ҳама забонҳо овози «ҳ» мавҷуд буда, он дар баъзе забонҳое, ки ин овозро доштанд, дар калимаҳо асосан чун нафис ва маҳинкунандаи овоз корбаст гашта, ба маъно таъсири назаррас намерасонид. Ин хусусият ба забони ҳиндуи қадим низ хос буд. Дар даврaҳои гуногуни таърихи инкишофи забон ҳар гуна таҳаввули вожаҳо дар доираи қонуниятҳои фонетикӣ роҳандозӣ гаштааст. Дар ин асос, муқоисаи сохтор ва мазмуни вожаҳои ифодагари нуқра дар забонҳои гуногун ба чанд андешае овардааст, то нисбати этимологияи он вожаҳо чизе гуфта бошем. Дар шакли ҳиндуаврупоии «Hark», хеттии «harki», тохарии – «arki», «ərəzata (аразата)»-и авастоӣ, «ardata»-и форсии қадим, «argat»-и ирландии қадим, армании «arcat», юнонии «ἀργυρος (аргурос)» ва лотинии «argentum» на бахши «арг, арк», ки баъзе муҳаққиқон таъкид кардаанд, балки бахши «ар» ишора ба металл дорад. Вожаи забони санскритӣ «arjuna», ки онро бо маънои «сафед» ва «равшан» тавзеҳ додаанд, дар шакли «rajuna» будан маънои луғавии «нурафшон, равшанидиҳанда»-ро дорад ва дар ин ҳолат бо калимаи «rajata»-нуқра ҳамрадиф аст (Вожаи «arjuna» шояд натиҷаи таҳаввулоти вожаи «rajuna» бошад, ки ин тарзи тағйири шакли вожаҳо дар баъзе забонҳо дучор мегардад, хусусан дар забонҳои гурӯҳи семитӣ дар бунёди шакли ҷамъ, ҳамивазшавии ҳамсадои аввали калима бо садоноки пасоянда хеле маъмул аст). Вожаҳои авастоии «ərəzata, форсии қадим «ardata» ва лотинии «argentum» бо маънои «зояндаи тилло, металл» ва «сахтибахшанда» меоянд. Бахши «zata»-и вожаи авастоии – «ərəzata» («zata» ҳоло дар забони муосири тоҷикӣ-форсӣ шакли «зода, зоянда»-ро гирифтааст) ва «data»-и «ardata» аз ҳамивазшавии овоҳои «з» ва «д» шакли гуногун гирифтаанд, ки дар доираи қонунҳои фонетикӣ мебошад. Дар вожаи лотинии «argentum» бахши «gen» маънои «зоянда», «тавлидкунанда»- ро дорад (Вожаҳои «gen»-и забони лотинӣ, «жен»-и таркиби калимаҳои «жена, женщина»-и забонҳои славянӣ ва «зан»-и форсӣ-тоҷикӣ пайдоиши ягона дошта, дар ибтидо танҳо бо маънии зоянда, тавлидкунанда корбаст мешуд). Дар вожаҳои забони ирландии қадим «argat» ва армянии «arcat» шикаст (редуксия) ва дар юнонии «ἀργυρος (аргурос)» бадалшавии фонемаҳои сонории «н» ба «р» мушоҳида мегардад, ки дар асл бо вожаи лотинии «argentum» ҳамреша ва ҳамаъно мебошанд.

Аз таърихи кимиё маълум аст, ки ҳам дар байни мутафаккирони Юнони Қадим ва ҳам даврони алхимияи Шарқ ақидаи фалсафии аз симоб пайдогардии дигар металлҳо арзи вуҷуд дошт. Ҷобир ибн Хайён, А.Берунӣ низ симобро нахустмодар, тавлидкунандаи ҳамагуна металлҳо ва нуқраро зояндаи тилло меҳисобиданд [8, с.18]. Ин ақида дар Шарқ то дер роҳандозӣ гаштааст ва табдилро дар зери замин аз гузашти вақти тӯлонӣ медонистанд ва дар ин асос дар китоби «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул мавҷудод» чунин овардаанд: «Ва гӯянд ҳазор сол ба зиъбақ (зайбақ, симоб) бигзарад, расос (сурб) гардад ва ҳазор сол ба расос бигзарад, сим (нуқра) гардад ва ҳазор сол ба сим бигзарад, зар гардад» [6]. Овардаҳои боло ба андеша меоранд, то ҳадс занем, ки вожаҳои ифодаи нуқра дар як қатор забонҳо: «rajata»-и санскритӣ, «ərəzata-и авастоӣ, «argentum»- и лотинӣ

ва «ἀργυρος (аргурос)»-и юнонӣ ҳамрадиф буда, дар ибтидо ду маънии луғавӣ, «зояндаи металл, сахтибахшанда» ва «зояндаи тилло»-ро доштаанд (Бояд гуфт, ки тиллои холис металли нарм буда барои сахт гардонидани он, гузаштагон бо миқдоре нуқра онро мегудохтанд).

Вожаи худи «нуқра», ки он асосан дар гурӯҳи забонҳои форсӣ маъмул аст, низ аз ду бахш «нуқ» ва «ра» иборат аст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи «онук» аз арабӣ ба маънои «сурб, қурғошим» зикр ёфтааст [12, с. 920], шояд ин вожа ба забонҳои форсӣ на аз арабӣ, балки аз забони модҳо мерос монда бошад, ки баъдтар шакли «нуқ»-ро гирифтааст. Чи хеле дар боло ёдовар гаштем, бахши «ра» ифодагари «нур», «ҷило» ва «равшанӣ» мебошад. Ин нишон медиҳад, то бешубҳа гӯем, ки маънои луғавии вожаи «нуқра» сурби рахшон аст ва гузаштагон қабл аз металли нуқра ба сурб шиносо будаанд. Худи вожаи «сурб» ва ассурии «Sarpu (Сарпу)», ки бо маънои «металли сафед» тахмин кардаанд, эҳтимоли зиёд дорад аз гунаи «сарап»-и забони модҳо, ки дар форсӣ «сароб» аст, шакл гирифта бошад. Зеро дар амалияи истеҳсоли нуқра (аксар минералҳои нуқрадошта дар таркиби худ сурбро низ доранд), ҳангоми тасфонидан сараввал қисме гудохта гашта мешорид, ки онро «сароб» гуфтанд ва бо гузашти вақт ва ё сабти хаттӣ бошад, ки (дар аксар забонҳои қадим, аз ҷумла мисри қадим, форсии қадим ва суғдӣ садонокҳо навишта намегаштанд) ин вожа баъдтар шакли «сурб»-ро гирифтааст. Номи нуқра дар забонҳои славянӣ «серебро» пайваст ба вожаи «сароб», яъне сурб, мебошад. Вожаи «нуқра» ва «серебро»-и славянӣ, ҳар ду як маъно «сурб»-и пурҷилоро доранд. Ва дуруст аст, ки баъзе муҳаққиқон пайдоиши шарқӣ доштани вожаи «серебро»-ро тахмин кардаанд.

Гунаҳои дигаре, ки дар забонҳои аҳли ғарб дучор мегарданд, натиҷаи шикаст (редуксия) ва ё бадалгардии фонемаҳои шабеҳово мебошад, ки дар доираи қонуниятҳои фонетикии тағйири сохт, амалӣ гаштаанд [10]. Масалан, дар вожаҳои готӣ- «Silubr», голландӣ- «zilver», шведӣ – «silfer», даниёгӣ – «solf», олмонӣ «Silber», англисии қадим «seolfor» ва англисии муосир «silver» бадалгардии фонемаҳои «р» ба «л», «с» ба «з» ва «п» ба «б», «в» ва «ф», дар баъзе ҳолатҳо шикасти фонемаи «а» аз охири калима мушоҳида мегардад. Чун баъзе аз муҳаққиқони ғарб арз карданд, ки этимологияи шакли англисии нуқра «Silver»-ро фаҳмонидан душвор ва аз шаклҳои шабеҳи он дар забонҳои аҳли ғарб маънибардорӣ накарданд, ин аз шинос набудан ба забонҳои аҳли шарқ, хусусан ба даврахои гуногуни инкишофи забони форсӣ ва қонуниятҳои фонетикии шаклтағйирдиҳии калимаҳо ба амал омадааст.

Вожаи дигари синонимии нуқра дар забони тоҷикӣ-форсӣ, вожаи даврони форсии миёна «сим» мебошад. Ин вожа, ҳоло дар таркиби калимаҳои симбар, симгун, симтан ва амсоли онҳо ишора ба ранги сафеди ҷилонок дорад. Дар «Бурҳони қотеъ» чунин оварда шудааст: «Сими сӯхта -нуқраи сӯхтаро гӯянд; ва киноя аз нуқраи пок ва холис ва нарм бошад» [2, с.191]. Дар «Ғиёс-ул-луғот» низ вожаи «нуқра» бо маънои «сими гудохта» ва вожаи «нуқо» покизагӣ тавзеҳ ёфтааст [4, с.350, 351]. Номи металли нуқрагуни моеъ - «симоб» аз шабеҳияти ранги он ба нуқраи гудохта пайдо шудааст ва он муродифи номи лотинӣ ва юнонии симоб «Hydrargirum» ва «υδράργυρος» мебошад, ки онҳо низ маънои «оби нуқра», яъне нуқраи моеъро доранд. Ин нишон медиҳад, ки гузаштагон қабл аз симоб ба металли нуқра шинос шуда, симобро яке аз шаклҳои дигари нуқра – оби нуқра, яъне нуқраи моеъ донистаанд.

АДАБИЁТ

1. Библия. (Книга священного писания ветхого и нового завета). - М.: изд. Московской патриархии, 1968.- 1372 с.
2. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ.Ҷ.2. /М.Бурҳон,-Душанбе, Адиб, 2004.- 424 сах.
3. Гамкрелидзе Т.В., Иванов Вяч.Вс. Индоевропейский язык и индоевропейцы (реконст. и историко-типологический анализ праязыка и протокультуры) /С предисловием Р.О. Якобсона. Кн. 2.–Тбилиси, изд. Тбилисского Университета, 1984. -1328с.
4. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.2. / М.Ғиёс. - Душанбе:
Адиб,1988.-416с.
5. Мейне А. Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков /Перевод Д.Кудрявского, под ред. Р.Шор. -М.-Л., 1938. -510с.
6. МуҳаммадибниМаҳмудибниАҳмадиТӯсӣ. Аҷоибнома (Аҷоиб-ул-махлуқотвағароиб-ул-мавҷудот) / ЗериназариС.Назарзода. –Душанбе: «Эр-граф», 2016. - 604 сах.
7. Саймиддинов Д. Форси бостон /Д.Саймиддиннов. –Душанбе, Пайванд, 2007. – 190сах.
8. Соловьев Ю.И. История химии. Развитие химии с древнейших времен до конца XIX века. -2 изд. / Ю.И.Соловьев - М.: Просвещение, 1983. -368с.
9. Санскритско-русский учебный словарь/Составитель Лихушина Н.П. / 2018, -215с. http: //galenel. info /Sanskrit/ Three-manual-vocabulary. Версия 9.0 от 20.12. 2017.
10. Тухтасунов О. Основные принципы формоизменения слов. //International scientific journal «Science and world», № 7, Vol. 2, 2016. p.88-91. Russia, Volgograd.
11. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка. В 4т. Т.3 (Муза-Сят) / Пер. с нем. и доп. О.Н. Трубачева. -2-е изд. М.: Прогресс, 1987. -832с.
12. Фарҳангизабониҷоикӣ. (иборат аз 2ҷилд).Ҷилди 1.А-О/Зеритаҳрири М. А. Шукуров, В. А. Капрановвадиг. – М.: Советская энциклопедия, 1969. -951с.

13. Фигуровский Н.А. Открытие элементов и происхождение их названий. /Н.А. Фигуровский. -М.; Наука, 1970. -207с.

ТАҲЛИЛИ ЭТИМОЛОГИИ НОМИ МЕТАЛЛИ НУҚРА ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУН

Дар асоси ҳиҷогӣ будани забонҳои қадим ва ба ягон хусусияти хосси ҷисму моддаҳо равобит доштани номи онҳо ва истифода аз қонуниятҳои фонетикии шаклдигаркунии калимаҳо муаллиф номи металли нуқраро дар баъзе забонҳои гуногуни қадим ва муосир мавриди таҳқиқ қарор дода, маънибардорӣ намудааст. Дар мақола нишон дода шудааст, ки дар аксари вожаҳои пайдоиши қадимадошта бахши «ар» ифодагари маънои «сахт, сахтӣ, мустаҳкам», «металл» ва «тилло», бахши «ро, ра, ру» – ҷило, нур, дурахш мебошад. Решаи калимаи забони лотинӣ «аргентум»-ро вожаи «аргента» дониста, маънои луғавии онро «сахтибахшанда, сахткунанда» ва «зояндаи тилло» тавзеҳ додааст, зеро дар гузашта барои сахтӣ бахшидан ба металли тилло, ки худи он металли нарм аст, онро якҷоя бо як миқдориками нуқрамегудохтанд. Муаллиф калимаи «серебро»-и забони русӣ ва дигар шаклҳои шабеҳсохти дар забонҳои гуногуни славянӣ ва романӣ доштаи онро бо маънои «сурби рахшон» маънибардорӣ кардааст ва меоварад, ки баъзе аз муҳаққиқони Ғарб аз пайдоиши шарқӣ доштани ин вожаҳо маълумот додаанд. Худи вожаи «нуқра»– ро бунёдшуда аз бахшҳои «нуқ» - сурб ва «ра» - рахшон, ҳаммаънои шаклҳои дар забонҳои славянӣ буда донистааст.

Калидвожаҳо: Этимология, этимологияи номи металлҳо, ардата, аргентум, серебро, нуқра, сурб.

ЭТИМОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ НАЗВАНИЯ СЕРЕБРА В РАЗНЫХ ЯЗЫКАХ

На основе того что древние языки были слоговыми и имели связь с теми или иными особенностями предметов и вещей, автор статьи, опираясь на фонетические законы изменения слов, исследует название серебра в ряде древних и современных языков, высказывая свои соображения по данному поводу. В статье показано, что в целом ряде слов, имеющих древнее происхождение, компонент «ар» является выразителем значения «твёрдый, твёрдость, крепкий», «металл» и «золото», компонент «ро, ра, ру» - «блеск, луч, сверкание». Признав корень латинского слова «аргентум» слово «аргента», его словарное значение истолковывают как «придающий твердость, укрепляющий», ибо в прошлом для придания твердости золоту, металлу мягкому, его плавили вместе с незначительным количеством серебра. Русское слово «серебро» и другие схожие его формы, имеющие место в разных славянских и романских языках, семантизируя как «сверкающий свинец», автор утверждает, что некоторые из западных исследователей указали на восточное происхождение этого слова. Само таджикско-персидское слово «нуќра (серебро)» образованно из компонентов «нук (онук)» - свинец и «ра» - сверкающий, он считает синонимичной формой, имеющимся в славянских языках формам.

Ключевые слова: этимология, этимология названий металлов, ардата, аргентум, серебро, свинец.

ETYMOLOGICAL ANALYSIS OF THE NAME OF «NUQRA» (SILVER) METAL IN DIFFERENT LANGUAGES

The paper studies the name of «nuqra» (silver) metal in some old and modern languages based on syllabic property of old languages and the relation of their names with some specifics of matters and substances, and the use of phonetic rules on words form change. The paper reveals that «ar» element in many ancient origin words means «firm, firmness, hard, solid», and «ro, ra, ru» elements in words like «metal» and «gold» means glitter, gleam, and shine. The root of the Latin word «argentum» is considered «argenta» and its lexical meaning is «solidifier, solidify, harden». In old times people used to solve gold with a little silver in order to harden it as gold is a soft metal. The Russian word «serebro» (silver) and its other similar words in different Slavic and Romanic languages is defined as «a shining lead». The paper states that some western scholars point out the eastern origin of the mentioned word. And the word «nuqra» itself is composed of «nuq», silver, and «ra», shining, is proved to have the same meaning with its equivalents in Slavic languages.

Key words: etymology, etymology of metal names, ardata, argentums, serebro, nuqra, lead (plumbum).

Сведения об авторе: ***Тухтасунов Обиддин*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, доцент кафедры органической и прикладной химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Information about the author: ***Tukhtasunov Obiddin*** - Khujand State University named after B. Gafurov, associate Professor of organic and applied chemistry. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pas. Mavlonbekova 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-64-33-32**

УДК:491.550-56:891.550-1

ГУНАНОКИИ КОМПОЗИТҲО ДАР НАЗМИ МИРЗО БЕДИЛ

(дар заминаи композитҳои қолаби “исм+асоси замони ҳозираи феъл”)

Олимҷонов М.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Дар забоншиносӣ дар баробари ҳаммаъноиву мутазодии вожаҳо ҳамчунин гунанокӣ (вариантнокӣ)-и калимаҳоро низ фарқ мекунанд. Гунанокии калимаҳо дар заминаи омилҳои гуногуни забонӣ ба вуҷуд меоянд ва “фарқи байни онҳо ба дараҷае ночиз аст, ки, дар маҷмӯъ, умумияти воҳиди луғавиро халалдор намесозанд” [13, с.62]. Дар асару дастурҳои забоншиносони тоҷик [6; 7; 8] “доир ба масъалаи вариантнокӣ муҳаққиқон ба таври пароканда ишораҳои ҷолиб карда бошанд ҳам” [12, с.19], таҳқиқи мавзӯъ дар заминаи як асари мушаххас солҳои охир оғоз гардид [ниг. 5; 12]. Асари мазкур низ, умуман, ба гунанокии калимаҳо ихтисос дошта, гунанокии композитҳо аз масъалаҳои муҳим боқӣ

хоҳад монд. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур мехоҳем бархе аз андешаамонро дар заминаи маводи композитҳои қолаби “исм+асоси замони ҳозираи феъл”-и назми Абулмаонӣ, ки аз компонентҳои “калимаи тоҷикӣ+калимаи тоҷикӣ” ташаккул ёфтаанд, иброз намоем.

Ошноӣ бо маводи калимаҳои мураккаби назми Мирзо Бедил собит месозад, ки шоир бархе аз композитҳоро бо гунаҳои мухталиф мавриди корбурд қарор додааст, чун ***гавҳарфишон / гуҳарфишон; гавҳарфурӯш / гуҳарфурӯш; гавҳархез / гуҳархез; гулафшон / гулфишон; доманафшон / доманфишон; оташафрӯз / оташфурӯз; парафшон / парфишон; партавафкан / партавфикан; поймол / помол; раҳбар / роҳбар; раҳгузар / роҳгузар / раҳгузор; раҳзан / роҳзан; сарафроз / сарфароз; сояафкан / сояфикан; афсонасоз / фасонасоз; шабпар / шабпара / шабпарак*** ва ғ. Вобаста ба он ки дар кадом асос композитҳо гунаи якдигар гардидаанд, маводи гирдомадаро ба ду даста ҷудо намудан мумкин аст:

1.Композитҳое, ки ивази компоненти аввал боиси гунанокии калимаҳо шудааст, мисли ***афсонасоз / фасонасоз.*** Дар фарҳангҳо мастур аст, ки “фасона” шакли дигари “афсона” мебошад [11, ҷ.2, с.425], ки дар натиҷаи ҷойивазкунии овозҳои ҳиҷои аввали калима ба вуҷуд омадааст. Аз ин ҷост, ки “афсонасоз” ва “фасонасоз” як маънӣ дошта, гунаи ҳамдигар ба шумор мераванд. Дар назми Мирзо Бедил композити якум ду басомад (дар ғазал ва маснавии “Тилисми ҳайрат”) ва композити дувум як басомад (дар рубоӣ) дорад:

Нест, Бедил, вазъи ман ***афсонасоз***и дарди сар,
Ҳамчу хомӯшӣ шароби бехуморам кардаанд [2, ҷ.1 (б.а.), с.427].
То чашм фурӯшам такутози ҳасрат?
То кай бошам ***фасонасоз***и ҳасрат? [2, ҷ.2, с.295].

2. Дар гурӯҳи дигари композитҳо компоненти аввал дар ду намуд: комил ва тахфифшуда ба кор бурда шудааст, ки, дар натиҷа, гунанокии композитҳо ба вуҷуд омадааст, мисли, ***гавҳарфишон / гуҳарфишон; гавҳарфурӯш / гуҳарфурӯш; гавҳархез / гуҳархез; поймол / помол; раҳбар / роҳбар; раҳгузар / роҳгузар / раҳгузор; раҳзан / роҳзан; раҳнамо/ роҳнамо*** ва ғ.

Асли калимаи “гуҳар” “гавҳар” аст, ки минбаъд ба тахфиф дучор шуда, гунаи “гуҳар”-ро соҳиб шудааст [11, ҷ.1, с.301]. Аз ин ҷо ҷуфти композитҳои ***гавҳарфишон / гуҳарфишон; гавҳарфурӯш / гуҳарфурӯш; гавҳархез / гуҳархез,*** ки дар онҳо компоненти дувум бе тағйир такрор шуда, компонети аввал дар ду шакл - ***гавҳар / гуҳар*** омадааст, гунаи якдигар ба шумор мераванд. Калимаи “***гавҳарфишон***” ду маротиба дар маснавиҳои “Тилисми ҳайрат”-у “Муҳити аъзам” ва композити “***гуҳарфишон***” як карат дар маснавии “Ирфон” ба маънои “афшонандаи гуҳар, гавҳарпош” [11, ҷ.1, с.248] ба кор рафтааст:

Ҳамон абри карам ***гавҳарфишон*** аст,
Ҳамон мавҷи вафо мутлақинон аст [2, ҷ.3, с.479].
Барги ороиши забон гардид,
Ба саломам ***гуҳарфишон*** гардид [2, ҷ.3, с.140].

Композити ***“гавҳарфурӯш / гуҳарфурӯш”*** дар фарҳангҳо ба ду маънӣ тафсир шудааст: “1.касе, ки бо харидуфурӯши ҷавоҳирот машғул аст, ҷавҳарӣ; 2.киноя аз шоири нуктасанҷ” [11, ҷ.1, с.149; 4, ҷ.2, с.2469]. Дар назми Мирзо Бедил композит ба маънои якум ба кор рафта, гунаи аввал бештар аз гунаи дувум басомад дорад:

Бедил, зи ҷӯши обилаам дар раҳи талаб
Гавҳарфурӯш шуд чу садаф гӯши нақши по [2, ҷ.1 (б.а.), с.73].
Дарё ***гуҳарфурӯш*** аст аз орамидани мавҷ,
Гар орзу бимирад, фарзонаро арӯсист [2, ҷ.1 (б.а.), с.73].

Калимаи мураккаби “***гавҳархез / гуҳархез”*** дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” мастур нест, вале дар “Луғатнома”-и Деҳхудо ва “Фарҳанги форсӣ”-и Муин дучор меояд. Доктор Муин ва Деҳхудо тафсири маънои композити “гуҳархез”-ро ба моддаи “гавҳархез” ҳавола мекунанд [9, ҷ.3, с.3494; 4, ҷ.2, с.2472]. Композити “гавҳарзез” ба ду маънӣ тафсир шудааст: “1.он чӣ ки аз он ҷавҳар ба даст ояд; 2. киноя аз абр” [9, ҷ.3, с.3482]. Деҳхудо низ бо ин маънидод мувофиқ аст [4, ҷ.2, с.2469]. Дар назми Абулмаонӣ композитҳо ба маънои асосӣ ба кор рафта, басомади ягона доранд: ду маротиба ба кор рафтаанд:

Қадрдони баҳри ***гавҳархез*** ғаввос аст бас,
Дард медонад, ки дар ҳар қатраи хунам дилест [2, ҷ.1 (б.а), с.234].
Қатраи мо нашуд огоҳи тааммул, варна
Мавҷи ин баҳри ***гуҳархез*** гиребонзор аст [2, ҷ.1 (б.а.), с.299].

Дар забони тоҷикӣ композити ***“поймол / помол”*** ба се маъно ба кор меравад: “1.зери по, лагадкӯб; 2. *маҷ.* хароб, нобуд, маҳв, зоеъ; 3.*маҷ.* фидо, қурбон” [11, ҷ.2, с.77]. Дар назми Абулмаонӣ гунаи тахфифёфтаи композит бештар ба кор рафтааст, аз дигар тараф, истифодаи “помол” дар маснавиҳои Мирзо Бедил ба назар нарасид. Дар абёти зерин композит ба маънои дувум ба кор рафтааст:

Меравем аз хешу ҳамчун шамъ ***помол***и худем,
Ачз во кардааст, Бедил, бар сари мо роҳи мо [2, ҷ.1 (б.а.), с.24].
З-омадшуди қосидони найрангпаём
Помолам кард ҳастии яъсанҷом [2, ҷ.2, с.518].

Гунаи “поймол” як маротиба дар маснавии “Ирфон” ва боре дар ғазали шоир ба қайд гирифта шуд. Дар байти мазкур ба маънои “зери по намудан, хароб намудан” ба кор рафтааст:

Киштҳо ***поймол***и ғорат буд,
Суд сармояи хисорат буд [2, ҷ.3, с.169].

Муоинаи назми Мирзо Бедил бори дигар шаҳодат медиҳад, ки шоир ба истифодаи гунаи сабуки композитҳо таваҷҷуҳ дорад. Чунончи, аз гунаҳои “***раҳбар / роҳбар”*** варианти сабукшудаи “раҳбар” дар назми Абулмаонӣ истифодаи бештар дорад ва дар тамоми навъҳои шеърӣ ба кор рафтааст. Гунаи “роҳбар” як маротиба дар маснавии “Тилисми ҳайрат” ва нисбат ба ғазал дар рубоии шоир бештар ба назар расид. Композити мазкур дар забони тоҷикӣ ба маънои “роҳнамо, касе, ки роҳ нишон медиҳад, ҳидояткунанда, ҳодӣ, раҳнамун” [11, ҷ.2, с.148] мустаъмал аст ва дар назми Абулмаонӣ ба ин маънӣ ба кор рафтааст:

Гар хаёли гардиши чашми туам ***раҳбар*** шавад,
Чун қадаҳ ҳар нақши поям олами дигар шавад [2, ҷ.1 (б.а.), с.690].
Ҷаҳд то ***раҳбар***и ғано бошад,
Фақр занҷири по чаро бошад? [2, ҷ.3, с.161].
Гар табъи туро сайри ҳунар мебояд,
Инсофу камол ***роҳбар*** мебояд... [2, ҷ.2, с.606].

Муносибати эҷодкоронаи Мирзо Бедилро ба композитҳои тахфифёфта дар мавриди калимаи “***раҳгузар / роҳгузар”*** низ мушоҳида намудан мумкин аст. Аз маводи зеридаст маълум мешавад, ки дар назми Абулмаонӣ гунаи мухаффафи “раҳгузар” бештар аз “роҳгузар” басомад дорад. Агар гунаи аввал шаш басомад дошта бошад, пас гунаи дувум танҳо як маротиба дар ғазали шоир ба қайд гирифта шуд. Дар абёти поён композит ба маънои “гузаргоҳ” (байти аввал) ва “раҳсипор, гузаштараванда аз роҳ” (байти дувум) ба кор рафтааст:

Баски фарш аст дар ин ***раҳгузар*** одоби сулук,
Таври афтодагии нақши қадам пешу пас аст [2, ҷ.1 (б.а.), с.189].
Муқими кӯи умед аз фано чӣ ғам дорад?
Ғубори ***роҳгузар*** интизори оби бақост [2, ҷ.4, с.206].

Ҳамин гуна басомади зиёди гунаи тахфифёфтаи композитҳоро дар назми Мирзо Бедил дар мавриди корбурди калимаи “***роҳзан / раҳзан***” мушоҳида карда метавонем. Композити “раҳзан” дар назми Мирзо Бедил бисту ҳафт, вале “роҳзан” панҷ басомад дорад. Композити марвиди таҳлил ба маънои “дузди сари роҳ, касе, ки дар сари роҳ мусофиронро ғорату тороҷ мекунад; умуман дузд” [11, ҷ.2, с.149] мустаъмал буда, дар абёти поён низ ба ин маънӣ аст:

Дар биёбони талаб, Бедил, тааммул ***раҳзан*** аст,
Кори имрӯзи туро андеша фардо мекунад [2, ҷ.1(б.а.), с.659].
Дар муҳити умр ҷонро ***раҳзан***е чуз ҷисм нест,
Ғарақаро пироҳани худ бас бувад душман дар об [2, ҷ.1 (б.а.), с.690].
Даргузар чашмбаста з-ин бозор,
Моя ҳеч асту ***роҳзан*** бисёр [2, ҷ.3, с.152].

Дар мавриди муқоисаи корбурди гунаҳои “***раҳнамо*** / ***роҳнамо”*** маълум гардид, ки дар назми Мирзо Бедил варианти “роҳнамо” ҳамагӣ як маротиба дар рубоии шоир ба кор рафта, вале гунаи мухаффафи композит (раҳнамо) беш аз бист басомад дорад. Композит як маъно - раҳбар, ҳодӣ, ҳидояткунандаро дошта [ниг. 11, ҷ.2, с.149] дар назми Абулмаонӣ низ ба ин маъно мустаъмал аст:

Моро ба роҳи ишқ талаб ***раҳнамо*** бас аст,
Ҷое, ки нест қибланамо, нақши по бас аст [2, ҷ.1 (б.а.), с.372].
...Азбаски ба дарси маънавӣ ***роҳнамо***ст,
Таърихи бинои ӯ “мақоми фузало”-ст [2, ҷ.2, с.164].

Таҳлили маводи назми Абулмаонӣ собит менамояд, ки шоир дар корбурди композитҳо бартариятро бештар ба шакли мухаффафи калимаҳо додааст.

3. Калимаҳои мураккабе, ки ивази компоненти дувум боиси гунанокии композитҳо шудаанд, мисли ***гулафшон / гулфишон; доманафшон / доманфишон; парафшон / парфишон; оташафрӯз / оташфурӯз; партавафкан / партавфикан; раҳгузар / раҳгузор*** ва ғ.

Дар композитҳои “***гулафшон / гулфишон”,*** “***доманафшон / доманфишон”*** ва ***“парафшон / парфишон”*** компоненти дувуми композит (феъли афшондан) ба ду намуд: афшон ва фишон, ки гунаи якдигаранд [11, ҷ.1, с.103; ҷ.2, с.437] ба кор рафтааст.

Маънидоди композити “***гулафшон / гулфишон”*** дар ҳар ду намуд дар фарҳангҳои зеридаст ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” композит ба се маънӣ тафсир шудааст: “1.гулпош, гулрез; 2.навъе аз оташбозӣ; 3.маҷ. нурпош, нурафшон” [11, ҷ.1, с.283]. Доктор Муин низ ҳамин маъниҳоро ҷонибдорӣ намуда, иловатан маънои чаҳоруми истилоҳӣ (тиббӣ)-и композит “4. махмалак, сурхак ва обилаи мурғон”-ро илова менамояд [9, ҷ.3, с.3359-3360]. Маводи гирдоварда собит мекунад, ки дар назми Абулмаонӣ композит асосан ба маънои якум ва севум истифода шуда, гунаи “гулафшон” нисбат ба “гулфишон” басомади бештар дорад:

Боди саҳрои ҷунун ҳар гаҳ ***гулафшон*** мешавад,
Ҷайбам аз худ меравад, чандон ки домон мешавад [2, ҷ.1 (б.а.), с.467].
Ниҳоли ҳавас то шавад ***гулфишон***,
Ба шохи баландеш баст ошён [2, ҷ.3, с.774].

Абулмаонӣ дар истифодаи композити “***доманафшон / доманфишон”*** бартариятро ба гунаи “доманфишон” додааст. Аз рӯйи маводи гирдоварда, гунаи якум се маротиба, вале гунаи дувум ҳафт карат ба кор рафтааст. Композити мазкур дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” дучор наомад, вале дар фарҳангҳои дигар, мисли “Луғатнома”-и Деҳхудо ва “Фарҳанги форсӣ”-и Муин маънидод шудааст. Аз ҷумла, Деҳхудо ***доманафшон***ро “он кӣ доман фишонад; ки доман барафшонад” [4, ҷ.1, с.1233] ва ***доманфишон***ро “ки доман афшонад; *маҷозан* фурӯтан, мутавозӯъ; ки тарк гӯяд, ки эътино накунад; ки дуриву эъроз кунад” [4, ҳамон ҷо] маънӣ мекунад. Дар назми Мирзо Бедил композит ба маънои аслӣ ба кор рафтааст:

Дар гулшани даҳр чун насими дами субҳ
Озода дарову ***доманафшон*** бигузар [2, ҷ.2, с.443].

Дар байти зерин калима ба маънои “бепарво, беэътино” ба кор рафтааст:

Зи фавти фурсати ***доманфишон*** пеши кӣ нолам,
Ки умри рафта ба фарёди кас зи роҳ нагардад [2, ҷ.1 (б.а.), с.477].

Дар мавриди композитҳои ***“парафшон / парфишон”*** низ ба назар расид, ки гунаи “парфишон” шасту чаҳор маротиба, вале “парафшон” сиву шаш карат аз ҷониби Мирзо Бедил истифода гардидааст. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” композити мазкур ба як маъно - “дар ҳолати парвоз кардан, парвозкунон, болу парзанон” маънидод шудаст [ниг. 11, ҷ.2, с.27; 41]. Дар назми Абулмаонӣ ба ин маънӣ мустаъмал аст:

Ба ҳар тараф нигарам, дуди дил ***парафшон*** аст,
Кадом сӯхта з-ин водии хароб гузашт [2, ҷ.1 (б.а.), с.253].
Парфишон з-ин гулшани найранг мебояд гузашт,
Бӯи гул мебояд омад, ранг мебояд гузашт [2, ҷ.1 (б.а.), с.210].

Дар забони тоҷикӣ феъли “фурӯхтан” омоним буда, ба маънои дувум “шакли дигари афрӯхтан” аст [11, ҷ.2, с.447]. Пас, аз ин ҷо композитҳои “оташафрӯз” ва “оташфурӯз” гунаи як калима ба шумор мераванд ва ин аст, ки дар фарҳангҳо низ дар вақти маънидоди калимаи “оташфурӯз” ба вожаи “оташафрӯз” ҳавола шудааст. Калимаи мавриди таҳлил ба се маъно мустаъмал аст: “1.оташдаргирон, пешдаргирон; 2. касе, ки касбаш оташ даргирондан аст, гӯлахӣ, алавмон; 3.дами оҳангарӣ” [11, ҷ.1, с.933]. Муоинаи маводи гирдоварда нишон медиҳад, ки дар назми Мирзо Бедил гунаи “оташфурӯз” бартарият дорад, зеро бештар “оташафрӯз” ба маънои аввал ба кор рафтааст:

Ба ишқ ***оташфурӯзи*** ҷонгудозӣ,
Ба ҳусн оинадори дилнавозӣ [2, ҷ.3, с.444].
Ҳиддат ин ҷо иродаи азалист,
Оташафрӯзи кимиё амалист [2, ҷ.3, с.337].

Гунаи аслии калимаи “афкандан” “афгандан” буда [11, ҷ.1, с.100; 99], “фигандан” низ минбаъд ба “фикандан” бадал шудааст. Пас, композитҳои ***партавафкан*** ва ***партавфикан*** гунаҳои мухталифи як композит маҳсуб меёбанд. Дар назми Абулмаонӣ композитҳо мутаносибан се (партавафкан) ва ду (партавфикан) басомад доранд. Композити мавриди таҳлил дар фарҳангҳои тафсирӣ ба як маъно - “нурпош, нурафшон, равшанкунанда” маънидод шудааст [11, ҷ.2, с.41]. Дар назми Абулмаонӣ низ ба ин маънӣ мустаъмал аст:

То ламъаи зот ***партавафкан*** нашавад,
Истеъдоди ҷаҳон мубарҳан нашавад [2, ҷ.2, с.390].
Чароғи хаёлаш ба ҳар анҷуман
Зи рангинии нашъа ***партавфикан*** [2, ҷ.3, с.702].

Вожаи “гузар” асоси замони ҳозираи феъли “гузаштан” ва калимаи “гузор” асоси замони ҳозираи феъли “гузоштан” (“гузор(и)дан”) аст [11, ҷ.1, с.277; 279]. Композити “раҳгузар” сермаъно буда, ба се маъно мустаъмал аст: “1.роҳ, ҷойи гузаштан, гузаргоҳ; 2.роҳрав, раҳсипар, гузаштараванда аз роҳ; 3.маҷ. сабаб, боис, пешомад” [11, ҷ.2, с.149]. Композити “раҳгузор” дар забони тоҷикӣ ба як маъно - роҳрав, раҳсипар, гузаштараванда аз роҳ истифода мешавад [ниг. 11, ҷ.2, с.149]. Аз ин ҷо, композити “раҳгузор” ба маънои

дувуми композити “раҳгузар” мувофиқ буда, гунаи якдигар маҳсуб меёбанд. Дар назми Мирзо Бедил композити “раҳгузар” истифодаи бештар аз композити “раҳгузор” (як маротиба дучор шуд) дорад:

Чун оҳ кард ***раҳгузар***и ноумедиям,
Ҳар кас зи по нишаст, маро сарфароз кард [2, ҷ.1 (б.а.), с.431].
Ҷуз хамушӣ ҳар кӣ дил бар нолаву фарёд дошт,
Шамъи худро ҳамчу най дар ***раҳгузор***и бод дошт [2, ҷ.1 (б.а.), с.249].

Гунаи аслии композити “шабпар” шабпарак маҳсуб ёфта, калима баъдан ба тахфиф дучор шуда, гунаи “шабпара” ва минбаъд “шабпар”-ро гирифтааст. Аз ишораи доктор Муин бардоште намудан мумкин аст, ки калимаи мавриди таҳлил дар забони форсӣ ба гунаи “хаффош” мустаъмал аст, зеро шарҳи калимаи “шабпара”-ро ба моддаи “хаффош” ҳавола менамояд [9, ҷ.2, с.2015] ва дар моддаи зикршуда, муфассал доир ба он маънӣ меронад [9, ҷ.1, с.1430]. Дар “Луғатнома”-и Деҳхудо гунаҳои ин композит дучор мешаванд ва муаллиф “шабпар”-ро “шабпаранд, паранда дар шаб; шабпара, хаффош” [4, ҷ.2, с.1776] маънидод мекунад. Дар назми Абулмаонӣ композитҳои мазкур дар ғазалиёти шоир ба кор рафтаанд:

То зи яқинат ба гумон чашм напӯшанд хасон,
Банди ниқоби саҳарат дар сафи ***шабпар*** макушо [2, ҷ.1 (б.а.), с.49].
Бедил, аз ***шабпара*** кайфияти хуршед мапурс,
Ҳақ ниҳон нест, вале хиранигоҳон кӯранд [ҷ2, ҷ.1 (б.а), с.707].
Нест шомеву саҳаре, к-аз ҳиҷоби ҷилваи ӯ
Ғунча шабнамӣ накунад, шамъ ***шабпарак*** нашавад [2, ҷ.1 (б.а), с.550].

Ҳамин тариқ, гунанокии калимаҳо, махсусан композитҳо, яке аз аломатҳои ғаномандии таркиби луғавии забон маҳсуб ёфта, дар бештари маврид тахфифи овоз боиси ба вуҷуд омадани гунанокии калимаҳо мегардад. Чун забон ба сабукӣ майл дорад, композитҳо низ, ки аз ду ва ё зиёда компонент ташаккул ёфтаанд, дар ҷараёни амал рӯ ба сабукӣ меоранд. Дар назми Мирзо Бедил гунанокии композитҳо яке аз вижагиҳои забони шоир маҳсуб меёбад. Таҳлили мисолҳо шоҳиди он аст, ки композитҳои сермувозӣ аз ҷиҳати услубӣ аз ҳамдигар фарқ намекунанд [ниг. 13, с.63], вале, дар як вақт, барои таъйини муносибати қаламкаш ба корбурди воҳидҳои забонӣ кумак мекунанд. Аз ҷумла, муоинаи назми Абулмаонӣ собит менамояд, ки шоир дар вақти истифодаи калимаҳои мураккаб имтиёзро бештар ба гунаи мухаффафи композитҳо додааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, Садриддин. Мирзо Абдулқодири Бедил. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1954. – 340 с.
2. Бедили Деҳлавӣ. Куллиёт. Ҷилдҳои 1-4; тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста, Халилуллоҳи Халилӣ; ба кӯшиши Баҳман Халифа Баноравонӣ. - Теҳрон: Талоя, 1389. – Ҷ.1. (бахши аввал). Ғазалиёт. – 798 с.; - Ҷ.1. (бахши дувум). Ғазалиёт. – 1600 с.; - Ҷ.2. Таркиббанд; Тарҷеъбанд; Қасоид; Қитъаот; Рубоиёт - 650 с.; - Ҷ.3. Маснавиҳо. – 812 с.; - Ҷ.4. Чаҳор унсур; Руқаот; Нукот. – 582 с.
3. Василевская Е.А. Словосложение в русском языке / Е.А. Василевская. - М.: Учпедгиз, 1962. – 132 с.
4. Деҳхудо, Алиакбар. Фарҳанги мутавассити Деҳхудо. Дар ду муҷаллад; зери назари дуктур Саъидҷаъфари Шаҳидӣ). - Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1385. - Ҷ.1-2. - 3224 с.
5. Джабарова М. Вариантность слов переводной литературе X века: автореф… дис. канд. филол. наук / М.Джабарова. - Душанбе, 2013. – 23 с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология. Фонетика. Морфология. - Душанбе: Маориф, 1982. – 461 с.
7. Забони ҳозираи тоҷик. Лексика. - Душанбе, 1981.
8. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе: Деваштич, 2007. – 255 с.
9. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ. Дар шаш муҷаллад. / М.Муин. - Теҳрон: Амири Кабир, 1375. - Ҷ.1-4. -5277с.; Ҷ.5-6. -2351с.
10. Степанова М.Д. Лексикология современного немецкого языка. / М.Д.Степанова, И.И.Чернышева. - М.: Высшая школа, 1962. – 309 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Дар 2 ҷилд (дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошим, Н.А.Маъсумӣ). - М.: Советская энсиклопедия, 1969. - Ҷ.1. - 951с.; - Ҷ.2. – 949 с.
12. Ҷабборова М. Гунанокии вожаҳо дар осори тарҷумавии асри X (дар асоси маводи тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ва «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ) / М.Ҷабборова. - Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. – 160 с.
13. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка / Н.М. Шанский. - М.: Просвещение, 1972. – 326 с.

ГУНАНОКИИ КОМПОЗИТҲО ДАР НАЗМИ МИРЗО БЕДИЛ

(дар заминаи композитҳои қолаби “исм+асоси замони ҳозираи феъл”)

Мақола ба таҳқиқи гунанокии композитҳо дар назми Мирзо Бедил ихтисос дода шудааст. Муаллиф таъкид медорад, ки дар забоншиносӣ гунанокии калимаҳо маҷмӯан мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, вале, мутаассифона, доир ба гунанокии калимаҳои мураккаб таҳқиқот ба анҷом нарасидааст. Аз ин рӯ, муаллиф мақолаи мазкурро дар заминаи маводи композитҳои қолаби исм+асоси замони ҳозираи феъли назми Мирзо Бедил анҷом додааст. Муаллиф дар заминаи маводи гирдоварда композитҳоро ба се гурӯҳ ҷудо намудааст: 1. Композитҳое, ки ивази компоненти аввал боиси ба миён омадани гунанокии калимаҳои мураккаб шудааст, чун афсонасоз / фасонасоз. 2. Композитҳое, ки компоненти аввали онҳо ба ду намуд: а)

комил; б) тахфифишуда ба кор рафтаанд, чун гавҳарфишон / гуҳарфишон; гавҳарфурӯш / гуҳарфурӯш ва ғ. 3. Композитҳое, ки ивази компоненти дувум боиси ташаккули гунанокии композитҳо гардидааст, мисли гулафшон / гулфишон; оташафрӯз / оташфурӯз ва ғ. Муаллифи мақола дар натиҷаи омӯзиши маводи назми Мирзо Бедил ба хулосае мерасад, ки Мирзо Бедил ба гунаи тахфифишудаи композитҳо таваҷҷуҳи бештар дорад ва дар аксар маврид композитҳоро дар гунаи ихтисоршуда ба кор мебарад. Композитҳои сермувозӣ аз ҷиҳати услубӣ аз ҳамдигар фарқ намекунанд, вале дар таъйини муносибати муаллиф дар корбурди калимаҳо аҳаммияти калон доранд.

Калимаҳои калидӣ: Бедил, таркиби луғавӣ, гунанокӣ, композит, компонент, қолаб.

ВАРИАНТНОСТЬ КОМПОЗИТОВ ПОЭЗИИ МИРЗО БЕДИЛЯ

(на основе композитов модели «существительное+основа настоящего времени»)

Статья посвещена вариантности сложных слов в поэзии Мирзо Бедиля. Автор статьи подчеркивает, что в таджикском языкознании вариантность слов, в целом, рассматривается, но вариантность композитов мало изучена. Поэтому автор свою статью посвятил изучению вариантности композитов поэзии Мирзо Бедиля на основе сложных слов модели имя существительное+основа настоящего времени глагола. Автор разделил собранный материал на три группы: 1. Композиты, заменившие первый компонент, вызвали вариантность сложных слов, как *афсонасоз / фасонасоз;* 2. Композиты, чьи компоненты используются в двух видах: а) совершенный: *гавњарфишон; гавњарфурӯш и т. д.* б) сокращенный: *гуњарфишон: гуњарфурӯш и т. д.*; 3. Композиты, в которых замена второго компонента формирует вариантность сложных слов, как *гулафшон / гулфишон; оташафрӯз / оташфурӯз и т. д.* Автор статьи в результате изучения поэзии Мирзо Бедиля пришёл к выводу, что Бедиль в основном использует композиты в сокращённом виде. Композиты по стилю не отличаются друг от друга, но, с точки зрения автора, использование композитов имеет большое значение.

Ключевые слова: Бедиль, словарный состав, вариантность, композит, компонент, модель.

VARIATION OF COMPOSITES OF POETRY BY MIRZO BEDIL

(based on composites of the “noun + present tense” model)

The article is devoted to the variation of complex words in the poetry of Mirzo Bedil. The author of the article emphasizes that in Tajik linguistics the variation of words is generally considered, but the variation of composites has been little studied. Therefore, the author devoted his article to the study of the variation of composites of the poetry of Mirzo Bedil based on the complex words of the model noun + the present tense of the verb. The author divided the collected material into three groups: 1. Composites that replaced the first component caused the variability of complex words, such as *афсонасоз / фасонасоз;* 2. Composites whose components are used in two ways: a) perfect: *гавњарфишон; гавњарфурӯш*, etc. b) abbreviated: guarfishon: guarfurish, etc.; 3. Composites that replace the second component form a variation of complex words, like *гулафшон / гулфишон; оташафрӯз / оташфурӯз*, etc. The author of the article as a result of studying the poetry of Mirzo Bedil came to the conclusion that Bedil mainly uses composites in an abbreviated form. The variability of composites in style does not differ from each other, but from the point of view of the author, the use of composites are of great importance.

Key words: Bedil, vocabulary, variation, composite, component, model.

Сведение об авторе: ***Олимджонов Мусо Обидович*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, Худжанд, пр.Мавлянбекова 1. E-mail: **Olimi73@mail.ru**

Information about author: ***Olimjonov Muso Obidovich*** - Khujand State University named after B. Gafurov, Associate Professor of the Department of Tajik Language. **Address:** 735700, Republik of Tajikistan, Khujand, pas. Mavlonbekova 1. E-mail: **Olimi73@mail.ru**

УДК:491.550-54

ВИЖАГИҲОИ ТАШАККУЛИ АНТРОПОНИМИЯИ ТОҶИК

Қаюмова М.Б.
Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Исмҳои хос таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони даврахои мухталифро ҳанӯз аз аҳди бостон ба худ ҷалб карда буд. Ҳамчун синфу қишри алоҳидаю хоссаи калимаҳо номҳо чун воҳидҳои устувор ҷудо карда шуда буданд, мунтаҳо баъдтар - дар аҳди Эҳё, дар замони нав (Т.Гоббс, Дж. Локк, Г.Лейбнитс), дар давоми тамоми садаи XIX (Дж.Ст.Милл, Х.Джозеф ва дигарон) баҳсу мунозираҳо оид ба исмҳои хос идома ёфт, ки мулоҳизаҳои зидду нақизро оид ба масъалаҳои ономастика (номшиносӣ) рӯйи кор оварда. Аз ҳама масъалаи мубоҳисавитар масъалаи муайян намудани вижагиҳои маъноии (семантики) исмҳои хос гашта монд. Масъалаи мазкур таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони зиёд, аз ҷумла Т. Гоббс, В. Лейбнитс, Джон Стюарт Милл, Бертам Расселро оид ба маънӣ (семантика) ба худ ҷалб кард. Муҳаққиқ А.Гардинер ташреҳи Миллро оид ба адами маънӣ дар исмҳои хос мушаххас намуда, рушд медиҳад ва нуктаю ҳолатеро оид ба исмҳои хосси «таҷассумӣ» ва «ғайритаҷассумӣ» пешниҳод мекунад. Муҳаққиқ Б.Рассел муайян намуда буд, ки таъйинот ва ифодаёбии маънӣ дар исмҳои хос метавонад бештар мушаххастар, илмитар бошад ва ҳамзамон мувофиқати онҳоро бо ҷонишинҳои ишоратӣ таъкид карда буд. Муҳаққиқ Паул Кристоферсен таъкид намуда буд, ки исмҳои ҷинс абстрактанд ва исмҳои хос мушаххас (конкрет)-анд. Дигар олимону муҳаққиқон (Х. Джозеф, Е.Гродзинский ва

ғайра) мавҷудияти маъниро дар исмҳои хос зикр кардаанд, аммо гуфтаанд, ки исмҳои хос маънии бештаре нисбати исмҳои ҷинс доранд. Дар масъалаи коркарди назарияи антропонимикаи муосир саҳми муҳаққиқ А.В. Суперанская бориз аст [7; 8].

Дар маҷмӯъ таърихи тадқиқотҳо дар ду ҷанба пешниҳод шудааст: аз як ҷониб, ҳамчун очерки илмии антропонимика бо паҳлуҳои гуногуни он дар ономастика, аз ҷониби дигар - дар асоси таърихи омӯзиши фақат антропонимия. Ба маънии васеътар исмҳои хос дар таълифоти илмии А.В. Суперанская, О. Есперсен, О.С. Ахманова, А.А. Реформатский, Н.Ф. Алефиренко, В.Н.Телии, И.А. Стернин ва чанде дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба баррасии ҷанбаи этнолингвистии онҳо таълифоти илмии муҳаққиқон В.Н.Топоров, Е.Л.Березович, Н.И.Толстой, С.М. Толстой, А.Л.Топорков ва чанде дигарон мансубанд. Бархӯрди забоншиносӣ-фарҳангӣ дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқон А.Т. Хроленко, В.В.Воробева, С.Г.Воркачева ва дигарон мавҷуд аст. Дар таълифоти илмии С.Л.Кушнерук, И.И.Чесноков, Ю.Н.Караулов, А. Вержбитская, Т.И.Кожина, О.В.Галимова, Ю.В.Миронова, Т.Б. Кузнетсова ва чанде дигарон ҷанбаи психолингвистӣ дарҷ гаштааст. Ономастикаи осори адабӣ тавассути муҳаққиқон Э.Б. Магазаник, Ю.А. Карпенко, В.И.Супрун, Н.В.Василева, А.Н.Куклин, С.М.Пак, В.А. Кухаренко, М.В.Карпенко ва дигарон омӯхта шудаанд. Масъалаҳои вижагиҳои бадеии антропонимия дар осори муҳаққиқон Г.Ф.Ковалев, Н.И.Василева, И.М.Петрачкова, Л.М.Буштян, К.Б.Жогина, Л.М. Салмина, О.М.Чеверда, Д.В.Гугунава, И.А.Ишутин ва чанде дигарон баррасӣ гаштаанд.

Забон моҳиятан маҳсули ҷомеа буда, ташаккул, такмил ва аз байн рафтани он бо ҷомеа вобастагӣ дорад. Ҳар як забон дар раванди такмилу такомули пайгирона ғанитар гаштан мегирад.

Мафҳумҳои нав ва калимаҳо дар асосу заминаи захираи луғавӣ ва сохтори сарфунаҳвӣ [грамматикӣ]-и худи забон ва иқтибосот аз дигар забонҳо пайдо мешаванд. Антропонимия ҳамчунин қисмати таркибии ғановати луғавӣ мебошад. Биноан, онҳоро бе назардошти қонунмандиҳои забон тасаввур кардан ғайриимкон аст. Номҳои хоссаи одамон таҳаввулоти дар ҷомеа рӯй медодаро таҷассум ва инъикос мекунад. Ба ақидаи забоншиноси варзидаи рус З.Г. Исаева онҳо аз дигар категорияҳои луғавӣ тавассути ҳаракатнокӣ ва тағйирёбандагии худ фарқ карда меистанд. Аммо ин чунин маънӣ дошта наметавонад, ки исмҳои хос қисму ҷузъҳои ғайримуташаккил ҳастанд. Бо якчанд исмҳои хос шинос шуда, метавон мансубияти онҳоро ба забонҳои алоҳида муайян кард, зеро вижагиҳои миллии онҳо дар сохтору таркиби маъноӣ (семантикӣ), савтӣ (фонетикӣ) ва сарфунаҳвӣ (грамматикӣ) ифода меёбанд.

Тадқиқи антропонимия дар ҷанбаи иҷтимоӣ вижагии асосии сотсиолингвистика мебошад, ки дар навбати худ ҷузъи таркибии забоншиносии умумӣ маҳсуб меёбад. Аз як ҷониб, ошкорнамоии таҳаввулоти антропонимӣ шаҳодат аз таҳаввулот дар сохтори ҷомеа медиҳад, аз ҷониби дигар, тасдиқ менамояд, ки аъзоёни ҷомеа нисбати дигар таҳаввулот бетавофут нестанд ва онҳоро дар лексикаи худ истифода мекунанд. Маълумотҳо дар маҷмӯъ муносибати байни ҷомеа, тафаккур, шууру маърифат ва забонро ифода мекунанд.

Ном барои инсон маҳз дар ҷанбаи ҷамъиятӣ зарурат дорад, зеро асосу заминаи амалкарди мутақобилаи аъзоёни ҷомеаро таъмин мекунад. Номи шахс ва фарди алоҳида барои ҷомеа бетавофут буда наметавонад. Биноан, маълум ва мафҳум аст, ки таваҷҷуҳи хосса ба номҳо нигаронида шудааст [2,с.33].

Чуноне муҳаққиқон менигоранд, антропонимҳо ҳаммонанди дигар исмҳои хос фақат барои он мавҷуданд, ки нақши хоссаро иҷро мекунанд. Сохтори мазкур чор вазифаро иҷро мекунад:

1.Тафовутӣ. Одамонро аз ҳамдигар фарқ карда истодан. Вазифаи мазкур хеле муҳим ва зарур аст, берун аз ин вазифа мавҷудияти исмҳои хос умуман маъние надорад.

2.Иҷтимоӣ. Ин вазифа мақоми фардро дар сохтори ҷомеа таъкид мекунад ва он дар ҷомеа хеле нақши бориз дорад.

3.Анъанавӣ. Ба суннату анъана ва одатҳою табъу завқи инфиродӣ мувофиқат мекунад. Вазифаи мазкур бисёр зарур нест, лекин вобаста ба омилҳои айнию зеҳнӣ (объективӣ-субъективӣ), антропонимияи муосир ва таърихӣ, самаранок маҳсуб меёбад.

4.Хурофотӣ. Вазифаи мазкур вобаста ба эътиқодоти номгузории инсоният нисбати неруҳои фавқуттабиии номҳо буда, мансуб ба ҳифзу ҳимоят аз неруҳои баду зараррасон ва пуштибонии неруҳои наку, ихлосу эътиқод нисбати Худованд ва фариштаҳо буда, он қадар зарур ҳам намебошад ва ба хурофот марбут аст, аммо дар ҷомеае, ки эътиқодот ва шуури динӣ доранд, ҳамчун боқимондаҳои замону даврaҳои гузашта дониста мешавад [2, с.24-25].

Барои маълумоти бештар оид ба ташаккули антропонимия ба мақсад мувофиқ аст, ки раванди зуҳур, ташаккул, амалкард, рушд, ҳамчунин сохтор ва марҳилаҳои асосии таърихи антропонимия мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Исмҳои хос, қабл аз ҳама, дар асоси калимаҳои маъмулӣ (аппелятивҳо) зуҳур карда, бо гузашти айём алоқаю робитаи худро бо асоси ташаккулёбӣ аз даст медиҳанд ва ҳамчун аломату нишонаҳои номӣ боқӣ мемонанд.

Азбаски дар раванди номизатсия (табдилёбии калимаҳои маъмулӣ), дар шакли таҷассуми онҳо ба номи шахсон дар аппелятивҳои мутааддид вобаста ба ҷанба ва вижагиҳо метавон хосиятҳои гузарандаи антропонимҳоро муайян кард, биноан, қабл аз ҳама, номҳои анъанавии қадима дар муқоиса бо номҳои иқтибосӣ таҳти таъсири эътиқодоти динӣ ва ё таъсироти фарҳангии дигар мардумон аз худ карда мешаванд, ҳамчунин номҳое, ки ташаккули онҳо вобаста ба раванди фарҳанг ва ҷанбаҳои иҷтимоии ҷомеа мебошад, ҷойгоҳи хоссаро ишғол мекунад.

Қисмати муайяни антропонимҳои қадимаро метавон бидуни гузаронидани тадқиқотҳои махсус муқаррар намуд, зеро онҳо алоқаю робитаи худро бо луғати (лексикаи) зинда аз даст надодаанд ва онҳо аз рӯйи маънӣ (семантика) ҳам гуногунанд, маъмулан ба тариқи мустақим ва ғайримустақим ҷанбаҳои маънавӣ ва ҷисмонии соҳибу молики ном, вазъу ҳолатҳои таваллуд, вазъу ҳолатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, тасаввурот оид ба муҳити атроф, ҷаҳонбинӣ, вижагиҳои синнусолиро инъикос мекунанд. Таърихи номҳо маъмулан бо таърихи ҳайёти ҷамъиятии мардум вобаста мебошад. Қонуни такомули ҳаёт тафаккуру тахайюли инсонро тағйир медиҳад ва ҳамаи ин дар навбати худ дар номҳо таҷассум мегарданд.

Кору таълифоти археологӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки номҳо марҳилаи муайяни ташаккул ва рушдро сипарӣ намудаанд. Ба андешаи муҳаққиқон, номи одамон се марҳилаи рушдро аз сар гузаронидаанд: ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ ва сармоядорӣ (капиталистӣ).

Давраи ибтидоӣ марбут ба ҷамоаи ибтидоӣ мебошад. Дар ин давра таҳаввули тадриҷии ном сурат мегирад - лақабу тахаллусҳои соддаю одӣ зуҳур мекунанд, ки тавассути низоми мураккаб сурат мегирифтанд [2,с.25].

Давраи дувум давраи гузариш буд, ки дар ҷанбаи солномавию замонӣ бо сохти ғуломдорӣ ва феодализм алоқаманд буд. Тадриҷан ва пай дар пай гардиши нав дар мураккабгардии низоми номгузорӣ (номинатсия) ба вуҷуд меояд, ки дар чор самт сурат мегирад: а)ташаккули насабҳо (номи падарҳо), махсусан ашрофзодаҳо; б) густариши номҳои касбӣ; в) густариши доманадор дар ибтидои номҳои ашхос, г) тахаллусҳои насабӣ.

Бо гузариш ба низому сохтори сармоядорӣ (капитализм) тамоми муносибатҳои номию номгузорӣ [номинатсионӣ] ба тариқи расмӣ ба расмият даромадан мегиранд, тахаллусу лақабҳо бо сабаби тағйирёбию мансубият ба фардҳои гуногун, дар муносибатҳои расмӣ нисбатан номуносибу номувофиқтаранд. Биноан, низоми нави муосир – ном ва ё якчандномҳо бо иловаи номи падар ва насаб (фамилия) суннату анъана гаштаанд [2, с.27].

Мунтаҳо, ҳар қадар ки ба умқи таърих ворид гардед, замон ва макони сукунат равшан мегардад, ки номҳо калимаҳои тасодуфӣ намебошанд, балки ёдгориҳои махсуси фарҳангӣ ба ҳисоб рафта, марҳилаҳои гуногуни ҳаётро таҷассум мекунанд.

Ҳамин тариқ, ономастика (номшиносӣ) қисмату бахши махсуси забоншиносӣ (лингвистика) ба ҳисоб рафта, дар асосу заминаи ҷустуҷӯйҳои илмии исмҳои хос ва хоссатан номҳои ашхос дар нимаи дувуми асри XX ташаккул ёфта, имрӯз, аллакай, ба яке аз бахшу қисматҳои муваффақи забоншиносии (лингвистикаи) ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Асосу заминаҳои назариявии ономастика [номшиносӣ] тавассути чунин олимону муҳаққиқони машҳури шӯравӣ, аз қабили А. Реформатский, А.В.Суперанская, Н.В.Подолская, В.А.Никонов, Э.М. Мурзаев, В.А.Жучкевич, И.В.Бестужев-Лада, С.И.Зинин, И.Супрун, Л.П. Калакутская, М.В.Карпенко, В.Д.Бондалетов ва дигарон гузоштаанд. Ономастика [юнонии onomastike] санъату маҳорати номгузорӣ буда, ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ (лингвистика) яке аз шохаҳои забоншиносӣ (лингвистика)-ро ташкил мекунад. Дар навбати худ, ономастика (номшиносӣ) ба дигар қисму бахшу шохаҳо тақсим мешавад, ки исмҳои хосро дар самту соҳаҳои гуногун баррасӣ менамояд: топонимика - номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ, этнонимика - номи қабилаҳо ва мардумон (этносҳо), зоонимика - ном ва лақаби ҳайвонот, космонимика -номи мавзеъҳои кайҳонӣ, гидронимика - номи дарёҳо ва мавзеъҳои ба об алоқаманд, антропонимика - номи одамон, урбонимика - номи қисматҳои дохилии шаҳрҳо ва шаҳрчаҳо, фитонимика - номи наботот (растаниҳо) ва ғайра.

Бояд махсус зикр кард, ки гурӯҳи дигари номшиносон (ономатологҳо) ва ё олимону муҳаққиқони забоншинос ономастикаро як қисмати махсуси лексикология эътироф мекунанд. Аз ҷумла, дар «Луғати истилоҳоти забоншиносӣ» [1] чунин нукта ҷонибдорӣ карда мешавад, ки онро аксари олимону муҳаққиқон пуштибонӣ мекунанд: Ономастика -

як бахши лексикология аст, ки исмҳои хосро меомӯзад. Дар тадқиқотҳои номшиносӣ [ономастикӣ] истилоҳи «онима», калимаи юнонӣ буда, исми хосро ифода мекунад.

Антропонимика дар навбати худ яке аз бахшҳои ономастика мебошад. Тариқе ки аксари олимону муҳаққиқони ин қисмати забоншиносӣ менигоранд, «антропонимика (юнонии «antropos» - шахс, инсон, фард, «onim» - ном, унвон) - қисмати таркибии ономастика аст, ки номҳои ашхос, насабҳо, лақабу тахаллусҳо ва дигар вижагиҳои бо ном алоқамандро меомӯзад. Таърихи ташаккули антропонимика ҳамчун як қисмати ономастика ба солҳои 60-70-уми асри XX мансуб аст. Чунонки аз таълифоти илмӣ маълум аст, дар онҳо истилоҳи «ономастика» ҷанбаи ҷомеӣ дорад ва маъмулан ба ҷойи антропонимика истифода мешуд. Мунтаҳо, имрӯз антропонимика ҳамчун бахши маҳсулноки ономастика эътироф шудааст ва дар баробари истилоҳоти антропонимияи бадеӣ ва ё осорию китобӣ ба тариқи васеъ истифода мегардад, ки ҳадафи асосии он тадқиқи номҳои ашхос аст, ки дар осори хаттӣ ва бадеӣ истифода гаштаанд. Бояд таъкид кард, ки проблемаҳои асосии антропонимика дар таълифоти илмии муҳаққиқон М.Селишев, А.В.Суперанская, О.Н. Трубачев, В.Д.Бондалетов, Н.А.Баскаков, С.И.Зинин, В.Карпенко, В.Н. Михайлов, А.А.Реформатский, В.П.Морошкин, Н.А.Петровский, Н.М.Тупиков, К.Чичагов, Ю.А.Карпенко, В.А.Никонов, Н.В.Подолская, Л.В.Успенская ва чанде баъдтар дар осори илмии М.В.Горбаневский ва дигарон низ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки тавсифи мухтасаре оид ба истилоҳоти антропонимика, патронимҳои [ҷузъу унсурҳои] антропонимсоз дода шавад. «Антропонимия» дар раванди таъйиноти маҷмӯи исмҳои хос [номи одамон] истифода мегардад. «Патронимҳои антропонимсоз» - ҷузъу унсурҳои антропонимсозро ифода мекунанд, ки фаъолона дар ташаккули номҳои нав ширкат мекунанд.

Дар таълифоти илмӣ-тадқиқотӣ оид ба антропонимика истилоҳи «антропонимикаи назмӣ ва ё мероси адабӣ» истифода мегардад, ки дар баробари он ҳамчунин истилоҳоти «антропонимикаи услубӣ» ҳам кор бурда мешавад, ки ҳадафи асосии он омӯзиш ва коркарди антропонимҳои осори адабӣ-бадеӣ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С.Ахманова.- М.: СЭ, 1966. - 607 с.
2. Личные имена в прошлом, настоящем, будущем // Проблемы антропонимики. 1970. - 224с.
3. Ҳайдарӣ, Ш. Мақолаҳои номшиносӣ / Ш.Ҳайдарӣ. - Пермь: Форвард, 2001. - 116с.
4. Ҳайдаров, Ш. Антропонимияи тоҷикони шимолу ғарбии водии Фарғона / Ш.Ҳайдаров. - Д., 1991.
5. Ҳайдаров, Ш. Лақабнома. Таснифи лақабҳои мутадовил дар Афғонистон / Ш.Ҳайдаров. - Шибирғон, 1986. – 160 с.
6. Хайдаров, Ш. Луғати чандомади антропонимияи тоҷикони райони Ашт / Ш. Хайдаров. - Д., 1986.
7. Суперанская, А.В. Структура имени собственного. Фонология и морфология / А.В. Суперанская. - М.: Наука, 1969. – 207 с.
8. Суперанская, А.В. Как Вас зовут? Где вы живёте? / А.В. Суперанская. - М., 1964. – 95 с.
9. Табрезӣ, Халаф. Бурҳони қотеъ: бо эҳтимоми доктор М.Муин. - Теҳрон, 1330 шамсӣ (бо забони форсӣ).
10. Фрай, Р. Наследие Ирана. Культура народов Востока / Р.Фрай // Материалы и исследования. - М.: Наука, 1-е изд., 1972; 2-е изд. - М.: Восточная литература, 2002. - 426 с.
11. Парвизи Нотили Хонларӣ. Забоншиносӣ ва забони форсӣ. Чопи шашум. - Теҳрон, 1373. – 304 с.
12. Парвизи Нотили Хонларӣ. Таърихи забони форсӣ. Ҷ.1. - Теҳрон, 1350; - Ҷ.2., 1352; - Ҷ.3., 1356.
13. Хромов, А.Л. Историко-лингвистическое исследование Ягноба и Верхнего Зеравшана / А.Л.Хромов // АДД. - Душанбе, 1970. – 64 с.

ВИЖАГИҲОИ ТАШАККУЛИ АНТРОПОНИМИЯИ ТОҶИК

Мақола ба муайян кардани хусусиятҳои ташаккул ва таҳаввули номҳои хосси одамон бахшида шудааст. Ба ақидаи муаллифи мақола, исмҳои хос таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони даврaҳои мухталифро ҳанӯз аз аҳди бостон ба худ ҷалб карда буд. Ҳамчун синфу қишри алоҳидаю хоссаи калимаҳо номҳо чун воҳидҳои устувор ҷудо карда шуда буданд, мунтаҳо, баъдтар - дар аҳди Эҳё, дар замони нав (Т.Гоббс, Дж. Локк, Г.Лейбнитс), дар давоми тамоми садаи XIX (Дж.Ст.Милл, Х.Джозеф ва дигарон) баҳсу мунозираҳо оид ба исмҳои хос идома ёфт, ки мулоҳизаҳои зидду нақизро оид ба масъалаҳои ономастика [номшиносӣ] рӯйи кор оварда. Аз ҳама масъалаи мубоҳисавитар масъалаи муайян намудани вижагиҳои маъноии (семантикӣ) исмҳои хос гашта монд. Масъалаи мазкур таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони зиёд, аз ҷумла Т.Гоббс, В. Лейбнитс, Джон Стюарт Милл, Бертам Расселро оид ба маънӣ (семантика) ба худ ҷалб кард. Муҳаққиқ А.Гардинер ташреҳи Миллро оид ба адами маънӣ дар исмҳои хос мушаххас намуда, рушд медиҳад ва нуктаю ҳолатеро оид ба исмҳои хосси «таҷассумӣ» ва «ғайритаҷассумӣ» пешниҳод мекунад. Муҳаққиқ Б.Рассел муайян намуда буд, ки таъйинот ва ифодаёбии маънӣ дар исмҳои хос метавонад бештар мушаххастар, илмитар бошад ва ҳамзамон мувофиқати онҳоро бо ҷонишинҳои ишоратӣ таъкид карда буд. Муҳаққиқ Паул Кристоферсен таъкид намуда буд, ки исмҳои ҷинс абстрактанд ва исмҳои хос мушаххас (конкрет)-анд. Дигар олимону муҳаққиқон (Х. Джозеф, Е.Гродзинский ва ғайра) мавҷудияти маъниро дар исмҳои хос зикр кардаанд, аммо гуфтаанд, ки исмҳои хос маънии бештаре нисбати исмҳои ҷинс доранд. Дар масъалаи коркарди назарияи антропонимикаи муосир саҳми муҳаққиқ А.В.Суперанская бориз аст. Муаллиф меафзояд, ба мақсад мувофиқ аст, ки тавсифи мухтасаре оид ба истилоҳоти антропонимика, патронимҳои (ҷузъу унсурҳои) антропонимсоз дода шавад. «Антропонимия» дар раванди таъйиноти маҷмӯи исмҳои хос (номи одамон) истифода мегардад. «Патронимҳои антропонимсоз» - ҷузъу унсурҳои антропонимсозро ифода мекунанд, ки фаъолона дар ташаккули номҳои нав ширкат мекунанд.

Калидвожаҳо: вижагиҳо, ономастика, антропонимия, антропонимика, патроним, истилоҳ, калима, муҳаққиқ, мувофиқат, ташаккул, проблемаҳои асосӣ, истилоҳоти антропонимӣ.

ОСОБЕННОСТИ СТАНОВЛЕНИЯ ТАДЖИКСКОЙ АНТРОПОНИМИИ

Статья посвящена определению особенностей становления и развития собственных имен людей. По мнению автора статьи, собственные имена привлекали внимание разных ученых и исследователей еще с древних времен. Как отдельный класс и слой слов, собственные имена были выделены в качестве устойчивых единиц, однако позже в эпоху Ренессанса и (Т.Гоббс, Дж. Локк, Г.Лейбниц), на всем протяжении XIX века (Дж.Ст.Милл, Х.Джозеф и другие) были продолжены споры и обсуждения по собственным именам, приведшие к противоречивым рассуждениям по проблемам ономастики. Самой спорной проблемой стал вопрос определения семантических особенностей собственных имен. Данная проблема привлекала внимание многих ученых и исследователей, в том числе Т.Гоббс, В. Лейбниц, Джон Стюарт Милл, Бертам Рассел, по проблемам семантики. Исследователь А.Гардинер, конкретизировав определение Миила об отсутствии семантики в собственных именах, развивает и предлагает положение об «воплощаемых» и «невоплощаемых именах». Исследователь Б.Рассел определил, что определение и выражение значения в собственных именах может еще более быть конкретным и научным и одновременно подчеркивал их соответствие с указательными местоимениями. Исследователь Паул Кристоферсен подчеркивал, что аппелятивы абстрактны, а собственные имена конкретны. Другие ученые и исследователи (Х.Джозеф, Е.Гродзинский и другие) отмечали наличие значения в собственных именах, однако, констатируют, что собственные имена по отношению к аппедятивам имеют большее значение. В разработку теории современной антропонимики внесла большую лепту исследователь А.В. Суперанская. Автор, развивая мысль, констатирует, что как конкретная характеристика и описание по терминам антропонимика и антропонимообразующие патронимы и сегодня остается объективной необходимостью. «Антропонимия» применяется в процессе комплексного определения собственных имен (имена людей). «Антропообразующие патронимы» выражают антропонимообразующие компоненты, активно участвующие в формировании новых имен.

Ключевые слова: особенности, ономастика, антропонимия, антропонимика, патроним, термин, слово, исследователь, соответствие, становление, основные проблемы, антропонимические термины.

THE OTTOMAN EMPIRE IS ANTHROPOGENIC

The article is based on the International Organization for Migration and the Environmental Protection Agency. Please note that this is the first item that you can use for your purchase and delivery. The classical and classical vocabulary is a unique vocabulary of Renaissance and Stage (T.Gobbs, J. Locke, G.Libbez), and the XIX Vector (J. Stmill , H.Dozzy and others) in the course of the competition and in the field of science, the advent of the opponent of the problem. The problem is that the problem is caused by the end of the semiconductor monitor. The problem is that the problem is not necessary, and that is, in the case of T.Gobbs, V. Leibniz, John Stewart Mill, Beram Russell, the problem of sci-fi. Isletedovatel A.Gardiner Conqueror's Mechanisms are designed to help you to find out about the best ways to find out about your vacation, your vacation, and enjoy the "waterfalls" and "the new faith." Isletedovatel is a graduate of the Department of Economics and Economics, and is a member of the Board of Directors of the University of Massachusetts and is a member of the Board of Directors. Isledovatel Paul Christopher is a jewelry shop, with a glittering abstraction, a jewelry shop. Other non-profit organizations (X.Dozoz, E.Grohninsky and others) are invited to participate in the development of the new generation, the architectural, theater, and the arts of the world of the best of myths. The author has a variety of specialist and metaphorical descriptions and descriptions of the anthropometric and antitrophosphorus of the petrochemicals and the simplest method of producing a neurosurgeon. Anthroponia is the process of integrating the complexity of the monopolies. "Antropausazole Fossil" is an antecedent and anthropologic component of the invention.

Key words: anthropology, anthroponics, astronomy, terminology, language, accuracy, electronics, language problems, anthropomorphic terminology.

Сведения об авторе: ***Каюмова Мубина Бобоевна*** - Педагогический колледж Кулябского государственного университета им. А.Рудаки, заведующая кафедрой таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова - 16. Тел.: **(+992) 987-88-66-56**

Information about the author: ***Kayumova Mubina Boboyevna*** - Teachers College Kulob State University named after A. Rudaki, head of the Department of Tajik language and literature. **Address**: 735360, Republik of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova Str. 16. Tel.: **(+992) 987-88-66-56**

УДК:491.550-56:42-56

ҶУМЛАҲОИ УНВОНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мавлонов Ш.О.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Дар замони муосир чун дигар илмҳо, илми забоншиносӣ, алалхусус забонишиносии муқоисавӣ ва таззодӣ ҳам хело равнақ ёфта истодаанд. Тадқиқотҳои муқоисавии забонҳои гуногунсистема дар забоншиносӣ фазои васеи назариявӣ ва амалиро барои ҳалли бисёр муаммоҳои камтадқиқшудаи забоншиносии умумӣ ва хусусӣ мекушояд. Он яке аз шартҳои муҳим барои алоқаи назария ва амалия дар ҷараёни тадқиқ ва омӯзиши забонҳои гуногун мебошад. Танҳо ҳамин бояд барои омӯзиши забони зинда, барои тартиб додани луғатҳо, адабиётҳо ва ғайраҳо хизмат намояд. Ҳадафи мақолаи мазкур таҳлили ҷумлаҳои унвонӣ ва намудҳои онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, дар ин пажӯҳиш ҷумлаҳои

унвониро дар ҳарду забон таҳлил карда баромада, ҷиҳатҳои барҷаста ва фарқкунандаи онҳо омӯхта шудааст.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони тоҷикӣ, яке аз ҷумлаҳои яктаркиба мебошанд, ки аз мубтадо иборат буда, ягон ашё, воқеа ё ин ки ҳоли макон ё замонро мефаҳмонанд [5, с.196]. Инчунин, ин ҷумлаҳоро ҷумлаи соддаи яктаркибаи номӣ меноманд [4, с.372]. Ин намуди ҷумла, бо лаҳни (овоз) махсуси ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва хитобӣ талаффуз карда мешавад. Зоҳиран онҳо ба калима ё ибора монанд мебошанд, аммо аз ҳамдигар ҳам бо лаҳн (интонатсия) ва ҳам бо муносибати онҳо бо мавҷудият фарқ мекунанд: Бухоро. Субҳи содиқ медамад. (Улуғзода). Bukhara. Day is breaking. Тӯй. Ҳама хурсандӣ мекарданд. Wedding. Everybody made merry (Айнӣ). Аввалҳои моҳи март. Ҳамаи деҳқонон дар ҳаракати кишту кор (Айнӣ). The beginning of March. All the peasants prepared for sowing.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар луғати англисӣ-русӣ бо истилоҳоти англисии “nominal” ё “nominative” нишон дода шудаанд, ки дар забони тоҷикӣ мазмуни унвониро дорад. Ба ин намуди ҷумлаҳо дар забони англисӣ тадқиқотҳои М.Я.Блох, Л.С. Бархударов, Б.А. Илиш ва дигарон бахшида шудааст. Дар забони англисӣ зери истилоҳоти «nominal (nominative) sentence» ду намуди ҷумла фаҳмида мешавад [2, с.157].

Навъи аввали ҷумлаи унвонӣ – ҷумлае, ки дар он хабар бо феъл ифода наёфтааст, аммо ба мубтадо ба воситаи бандаки феълӣ пайваст мешавад. Ин намуди ҷумлаҳои унвонӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Ҳамчун бандаки феълӣ дар ин ҷумлаҳо феъли “to be” истифода бурда мешавад. Масалан: Ҷумлаи «Jane is a doctor» маҳз ба ҳамин намуди ҷумла тааллуқ дорад. Дар ин ҷумла хабар номӣ мебошад, азбаски асоси онро исми “doctor” ташкил медиҳад.

Навъи дуюми ҷумлаҳои унвониро, ҷумлаҳое ташкил медиҳанд, ки тамоман хабар надоранд. Ин намуди ҷумлаҳо дар забони англисӣ на он қадар босамар мебошанд ва дар онҳо феъли “to be” мавҷуд нест, гарчанде ки дар назар дошта мешавад. Чунин ҷумлаҳои унвонӣ бо калима ё ибора ифода меёбанд. Ба монанди: “the sooner the better” ~ «ҳар қадар зуд бошад, ҳамон қадар беҳтар мешавад» - “the more, the merrier” ~ «ҳар қадар зиёд бошем, ҳамон қадар хурсандӣ мешавад». Ҳамаи ин калимаҳо, новобаста аз он ки дар таркибашон феъл надоранд, метавонанд ҳамчун ҷумла истифода бурда шаванд. Дар маънии ин ибораҳо ба феъли “to be” ишора карда мешавад. Чунин намуди ҷумлаҳои унвонӣ дар забони расмии англисӣ кам истифода бурда мешаванд, аммо дар забони гуфтугӯӣ васеъ истифода бурда мешаванд.

Дар ҷумлаҳои унвонӣ бидуни мубтадо ва муайянкунанда, дигар аъзоҳои пайрав буда наметавонанд. Дар ин ҷумлаҳо, лаҳн (интонатсия) ба гӯянда имкони фикри худро пурра баён намуданро фароҳам меорад. Масалан: Саҳни мадраса. Дар миёнҷояш гулзор ва чанд бех дарахти себ. (Айнӣ). The square of madrasah. There are flowers and some apple trees.

Дар забони тоҷикӣ, вобаста аз вазифаашон ду намуди ҷумлаҳои унвонӣ мавҷуд мебошанд: тасвирӣ ва ишоратӣ [3, с.123].

Ҷумлаҳои унвонии тасвирӣ - ин намуди ҷумлаҳои унвонӣ, ба забони саҳнавӣ ва бадеӣ хос мебошанд. Дар ҳолати тасвири ягон ашё, ифодаи зуҳуроти табиат, дар тасвири лавҳаҳо (расмҳо) истифода бурда мешаванд. Ҷумлаҳои унвонии тасвирӣ, инчунин барои ишораи ҳар гуна чорабиниҳо, барои номгӯи падидаҳои овозии гуногун истифода бурда мешаванд. Дар забони гуфтугӯӣ чунин ҷумлаҳои унвонӣ камсамар мебошанд. Масалан: Лаби дарё. Қасри шоҳи Хоразм. Духтарони шоҳ дар он ҷо нишаста буданд. The bank of the river. The castle of Khorazm’s king. The king’s daughters were sitting there. Аспдавонӣ. Аспдавониро ҳам медонем. Бе вай ҳам ҷони аспҳо баромада мондагӣ (Р.Ҷалил). Horse race. We also know horse racing. The horses lather without it.

Ҷумлаҳои унвонии ишоратӣ мавҷудияти ашёи номбурдаро муайян мекунанд ва ба он диққатро ҷалб менамоянд [3, с.123]. Гӯянда, ин намуди ҷумлаи унвониро барои ифодаи ашёҳои наздик ва дур истифода мебарад. Ҷумлаҳои унвонии ишоратӣ метавонанд ҳам дорои ҳиссачаҳо бошанд ва ҳам бе ҳиссачаҳо истифода шаванд. Чунин намуди ҷумлаҳо, дар асарҳои бадеӣ ва забони гуфтугӯӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Онҳо бо ёрии ҳиссачаҳои ана, мана ва исм ифода меёбанд. Масалан: Мана ҳуҷҷатам (Улуғзода). – Here is my document. Мана шаҳодатнома (Улуғзода). – Here is the passport.

Дар забони тоҷикӣ, ҷумлаҳои соддаи унвонӣ, аз рӯйи мақсади гуфтор ва лаҳн ҳикоягӣ ва хитобӣ мешаванд.

Ҷумлаҳои унвонии ҳикоягӣ- метавонанд мазмунҳои гуногуни ҷумлаҳои ҳикоягиро ифода намоянд [3, с.128]. Масалан: Аввалҳои субҳи рӯзҳои тирамоҳ. Ҳанӯз рӯз сафед нашуда буд (Айнӣ). ~ The beginning of the morning of the autumn days. It was not morning yet.

Ҷумлаҳои унвонии хитобӣ - ҷумлаҳое мебошанд, ки дар забон кам ба назар мерасанд. Онҳо бо лаҳни махсус талаффуз карда мешаванд, ки таваҷҷуҳи шунавандаро ба худ ҷалб

менамоянд. Ана Юнусбой! Ана Одина! Ана Мирзо Ҳабиб! (Айнӣ). ~ Here is Unusboy! Here is Odina! Here is Mirzo Habib!

Чуноне ки дар боло гуфта гузаштем, ҷумлаҳои унвониро дар тасвири лавҳаҳои табиат, таҷдиди навъ ва симои бадеӣ дидан мумкин аст. Онҳо ба нутқ равшанӣ ва мунтазамӣ илова менамоянд. Алалхусус, В. Сароян дар ҳикояи худ (“The Daring Yong Man on the flying Trapeze”, 1934) чунин тасвир намудааст: Horizontally wakeful amid universal widths, practicing laughter and mirth, satire, the end of all of Rome and yes of Babylon… ~ Дар уфуқ рӯҳбаландӣ дар миёни арзи ҷомеъ, хандаи ҳақиқӣ ва шодӣ, ҳачв, фаноёбии тамоми Рим ва зуҳури Вавилон...

Ин ҳикоя чунин ҷумлаҳои унвонии тафсилиро дар бар мегирад, ки дар онҳо нависанда занҷири шуурнокии идроки қаҳрамонҳои худро тасвир намудааст.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони англисӣ ҳам мисли забони тоҷикӣ шахс, замон, маконро мефаҳмонанд, яъне бо феъл ифода намеёбанд. My family. ~ Оилаи ман. My house. ~ Хонаи ман.

Номгӯи китобҳо, сарлавҳаҳо, муассисаҳо, корхонаҳо, дар корҳои алоҳидаи забоншиносони англис, тоҷик ва рус ба ҷумлаҳои унвонӣ дохил мешаванд, вале на ҳамаи тадқиқотчиён бо ин нуқтаи назар розӣ ҳастанд. Масалан, дар забони англисӣ сарлавҳаҳо дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо, номгӯи китобҳо, ҷумлаҳои унвонӣ ҳисобида мешаванд. Ба монанди: “Jones Winner”, ки маънои Jones is the Winner (Ҷони ғолиб)-ро дорад. Ё ин ки «The White Monkey». ~ Маймуни сафед «The silver spoon» ~ Қошуқи нуқрагин «The man of property». ~ Марди доро.

Дар забони тоҷикӣ номгӯи китобҳо, лавҳаҳо (овеза), сарлавҳаҳо, ҷумлаи унвонӣ шуда наметавонанд. Дар китоби “Омӯзиши ҷумлаҳои соддаи яктаркиба”, М. Норматов ва Ҳ. Рашидов фарқияти ҷумлаҳои унвониро аз номгӯи китобҳо, корхонаҳо, муассисаҳо чунин асос намудаанд: “Дуруст мебошад, ки ба номгӯи китобҳо тобиши нафосат маҳсуб меёбад, ки мазмуни асарро мефаҳмонад, аммо онҳо дар ҳеҷ маврид мазмуни мукаммалро ифода намекунанд.

Масалан, номгӯи китоб мазмуни асарро мефаҳмонад, вале ин маънои онро надорад, ки онҳо ба ҷумлаҳои унвонӣ тааллуқ доранд”. Яъне, номгӯи ҷумлаҳои унвонӣ, бо баробари номи ашёҳо, мавҷудияти онҳоро мефаҳмонанд, аммо номгӯи асар ҳеҷ гоҳ мавҷудияти ашёро фаҳмонда наметавонад.

Дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои унвонӣ дар ифодаи тасвири табиат, тасвири обу ҳаво, мафҳумҳои замон, макон истифода бурда мешаванд. Ҷумлаҳои унвоние, ки мафҳуми замонро дар бар мегиранд, ба дигар аъзои ҷумла муҳтоҷ нестанд. Як ё ду калима фикри ба охир расидаро ифода мекунанд ва онҳо маънои васеъро дар бар мегиранд. Азбаски ин мафҳуми маконӣ васеъ мебошад, ҷумлаҳои унвоние, ки мафҳуми маконро ифода менамоянд, зиёд мебошанд.

Масалан, дар забони тоҷикӣ ифодаи ҷумлаҳои унвонӣ бо солҳо ва моҳҳо, рӯзу шаб ва фаслҳои сол босамар мебошанд. Шаби торики зимистон. Имкони пеши поро дидан набуд… Августи соли 1941. Бегоҳӣ. Назокат ва Бисиддиқа ба хона меоянд (А. Шукӯҳӣ). ~ It is a dark winter's night. It was impossible to see the road. It was in August 1941. Nazokat and Bisiddiqa came home in the evening.

Таҳлили маводҳои ҷамъшуда нишон дод, ки дар забони англисӣ низ ҷумлаҳои унвонӣ зиёд мебошанд ва хусусиятҳои услубии ба худ хосро доранд. Чи хеле ки тадқиқотҳо нишон доданд, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ набудани феъл дар таркиби ҷумлаҳои унвонӣ хусусияти услубии ба худ хосро дорост. Аломатҳои асосии грамматикии ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ин яктаркибӣ, аломатҳои морфологии сараъзоҳо, интонатсия ва нақши грамматикӣ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аракин В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков / В.Д. Аракин. - Москва: Физматлит, 2005 – 232 с.
2. Бархударов Л.С. Структура простого предложения современного английского языка / Л.С. Бархударов. - Москва: Высшая школа, 1966 – 197 с.
3. Норматов М. Омӯзиши ҷумлаҳои соддаи яктаркиба/ М. Норматов, Ш. Рашидов. - Душанбе: Маориф, 1988 - 152 с.
4. Рустамов Ш. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 2 / Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров. - Душанбе: Нашриёти “Дониш”, 1986 – 372 с.
5. Рустамов Ш. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 2. Синтаксис / Ш. Рустамов, Б. Ниёзмуҳаммедов. - Душанбе: Маориф, 1984 – 237 с.
6. Смирницкий А.И. Синтаксис английского языка / А.И. Смирницкий. - Москва: Литературы на иностранных языках, 1957. - 285 с.
7. Смирницкий А.И. Очерки по сопоставительной грамматике русского и английского языков / А.И. Смирницкий. - Москва: Просвещение, 1970. – 340 с.
8. Штелинг Д.А. Грамматическая семантика английского языка. Фактор человека в языке / Д.А. Штелинг. - Москва: 1966 – 254 с.

9. Kim J. English syntax: An introduction / J. Kim, P. Sells. - 2007 – 306 p.
10. Ilyish B.A. The structure of Modern English / B.A. Ilyish - Leningrad, 1971. – 243 p.

ҶУМЛАҲОИ УНВОНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҳадафи мақолаи мазкур аз таҳлил намудани ҷумлаҳои унвонӣ ва намудҳои онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Муаллиф дар ин мақола ҷумлаҳои унвонӣ ва намудҳои онҳоро дар ҳарду забон таҳлил карда баромада, ҷиҳатҳои барҷаста ва фарқкунандаи онҳоро нишон додааст. Ҷумлаҳои унвонӣ дар забони тоҷикӣ яке аз ҷумлаҳои яктаркиба мебошанд, ки аз мубтадо иборат буда, ягон ашё, воқеа ё ин ки ҳоли макон ё замонро мефаҳмонанд. Ин намуди ҷумлаҳо, бо лаҳни махсуси ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва хитобӣ талаффуз карда мешаванд. Зоҳиран онҳо ба калима ё ибора монанд мебошанд, аммо аз ҳамдигар ҳам бо лаҳн ва ҳам бо муносибати онҳо бо мавҷудият фарқ мекунанд. Дар забони англисӣ бошад, ҷумлаҳои унвонӣ дар зери мафҳумҳои “nominal” ё “nominative” ба кор бурда мешаванд. Зери истилоҳи «nominal (nominative) sentence» дар забони англисӣ ду намуди ҷумла фаҳмида мешавад: а) ҷумлаҳое, ки дар онҳо хабар бо феъл ифода наёфтааст, аммо ба мубтадо ба воситаи бандаки феълӣ пайваст мешавад; в) ҷумлаҳое, ки тамоман хабар надоранд.

Калидвожаҳо: ҷумла, ҷумлаҳои унвонӣ, ҷумлаҳои яктаркиба, синтаксис, ҷумлаҳои ҳикоягӣ, ҷумлаҳои хитобӣ, ҷумлаҳои унвонии тасвирӣ, ҷумлаҳои унвонии ишоратӣ.

ИМЕННЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Целью данной статьи является анализ именных предложений и их видов в таджикском и английском языках. Автор в данной статье, проанализировав именные предложения и их виды в таджикском и английском языках, показал их характерные и отличительные стороны. Номинативные предложения в таджикском языке являются одним из видов односоставных предложений, состоят из подлежащего и называют какой-либо предмет, явление или обстоятельство места, или времени. Этот вид предложений произносится с особой интонацией повествовательных и побудительных предложений. Внешне они похожи на слово или словосочетание, но отличаются и особой интонацией, и их отношением к бытию. В английском языке номинативные предложения используется под понятиями «nominal» и «nominative» и понимаются два вида предложения: а) первый вид номинативного предложения - это предложение, в котором сказуемое выражено не глаголом, но присоединяется к подлежащему посредством глагола-связки; б) второй вид номинативных предложений составляют предложения, совсем не содержащие глагола.

Ключевые слова: именные предложения, односоставные предложения, синтаксис, повествовательное предложение, восклицательные предложения указательные назывные предложения, описательные именные предложения.

NOMINATIVE (NOMINAL) SENTENCES IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The purpose of this article is to analyze the nominal sentences and their types in Tajik and English languages. The author in this article, analyzing the nominal sentences and their types in the Tajik and English languages, showed their characteristic and distinguishing sides. Nominal (nominative) sentences in Tajik language is one type of one-member sentences, consist of the subject and call any object, phenomenon or circumstance of the place, or time. This kind of sentences is pronounced with special intonation of narrative and motivating sentences. Outwardly, they resemble to a word or a word combination, but differ in special intonation and in their relation to being. In English, nominal sentences are used under the terms "nominal" and "nominative" and we distinguish two types of nominative sentences: a) The first kind of nominative sentence is a sentence in which the predicate is expressed not by a verb, but joined to the subject by means of a verb-link; b) The second type of nominative sentences is sentences that do not contain a verb at all.

Key words: nominal sentences, one-member sentences, declarative sentences, exclamatory sentences, syntax, demonstrative nominal sentences, descriptive nominal sentences.

Сведения об авторе: ***Мавлонов Шахзод Олимович*** – Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, докторант (Phd) кафедры грамматики и перевода английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **m_shahzod94@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-872-00-50**

Information about the author: ***Mavlonov Shahzod Olimovich*** – Khujand State University named after Bobojon Gafurov, doctoral (Phd) of the translation and English grammar department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, pr.Mavlyanbekova 1. E-mail: **m_shahzod94@mail.ru**. Tel.: **(+992) 93-872-00-50**

УДК: 808.2+39+008

РЕАЛИЯҲОИ ЭТНОГРАФӢ ДАР ТАСНИФОТИ УМУМИИ РЕАЛИЯҲОИ ЗАБОН

Шарифова Д.М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Реалияҳо дар забон объекти тадқиқотии хос ва ҳамзамон серпаҳлуро мемонанд, ки аз ҷониби намояндагони илмҳои гуногуни забоншиносӣ ба мисли тарҷумашиносӣ, забоншиносии фарҳангӣ, забоншиносии муқоисавӣ ва ғайра омӯхта мешаванд. Масалан, дар тарҷумашиносӣ "реалия" гуфта калимаҳоеро меноманд, ки ашё ва падидаҳои бо фарҳанг, тарзи зисти маишӣ, таърих ва иқтисодиёти ин ё он минтақаи забон алоқамандии зич доранд ва аз ҳамин гурӯҳи калимаҳои забонҳои дигар ба дараҷаҳои гуногун фарқ мекунанд. Бинобар ин, масъалаи мазкур дар забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ саволҳои зиёд ба миён мегузорад, ки дар раванди омӯзиш ва тарҷума бояд мушаххас ва ҳал карда шаванд.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур таҳлили мафҳуми реалия ва таснифоти он дар забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ мебошад.

Андешаҳои як қатор олимонро дар бобати мафҳуми “реалия” аз назар мегузаронем. Масалан, А.О. Иванов реалияҳоро дар воҳидҳои луғавии бемуодил баррасӣ мекунад ва ба назари ӯ “дар аксари мавридҳо ба унвони воҳидҳои лексикии бемуодил реалияҳои забони асл дар назар дошта мешаванд, яъне калимаҳои ифодакунандаи зуҳурот ва мафҳумҳои хосси забони асл, ки дар забони тарҷума муодил надоранд” [6, с.86]. Воқеан, реалияҳо гурӯҳи барҷастатарин ва аз ҳама сершумортарини воҳидҳои луғавии бемуодилро ташкил медиҳанд ва аз нигоҳи маъно ва муҳтаво ба гурӯҳ ва зергурӯҳҳои мавзӯъҳои гуногун ҷудо мешаванд, ки дар ин мақола мавриди таҳқиқ қарор хоҳем дод.

Таъриф ва қоидаҳои реалияҳоро дар фарҳанг ва луғатҳои гуногун мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, луғати С. И. Ожегов реалияҳоро чунин маънидод мекунад: "Ашёи фарҳанги модд, зуҳуроти олами объективӣ, предмети ягона, чиз” [8]. Албатта, чунонки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, реалияҳо бо фарҳанги миллат ва объектҳои нотакрори таъриху маданияти халқи ҷудогона алоқамандии зич доранд.

Дар "Луғати истилоҳоти забоншиносӣ” О.С.Ахманова истилоҳи “реалияро” чунин инъикос мекунад: «1. Омилҳои гуногуни берун аз лингвистика омӯхташаванда ба монанди сохтори давлати кишвари муайян, таърих ва фарҳанги ин мардум, робитаҳои забонии соҳибони ин забон аз нигоҳи инъикоси воҳидҳои луғавӣ дар ин забон; 2. Предметҳои фарҳанги моддӣ” [1].

Қайд кардан лозим аст, ки ҳамаи реалияҳо, ва умуман воҳидҳои луғавии бемуодил, ҳамеша дар нақши ибтидоии худ боқӣ монда наметавонанд. Чунонки А.О. Иванов менависад, “бо мурури замон дар натиҷаи ба фазои ҳамдигар ворид гардидани унсурҳои фарҳангӣ дар 15-20 соли охир як идда калимаҳои гурӯҳи бемуодил пас аз иқтибос шудан аз ин гурӯҳ хориҷ мешаванд” [6, с.86].

Ба ақидаи Н. А. Иванова, истилоҳи "реалия" ба таври васеъ одатан барои ифодаи тамоми калимаҳои аз нигоҳи миллӣ хос истеъмол мегардад. Калимаи "реалия" ба гурӯҳи истилоҳоти асосии илмҳои луғатшиносӣ, тарҷумашиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ, забоншиносии фарҳангӣ, методикаи тадриси забонҳои хориҷӣ мансуб аст” [7, с.52].

Л.Н. Соболев аввалин олими забоншиносе буд, ки таърифи реалияҳоро пешниҳод кард, чунончи: “реалияҳо калимаҳое мебошанд аз ҳаёти миллӣ, ки дар забонҳои дигар вуҷуд надоранд, зеро ин ашёву зуҳурот дар кишварҳои дигар мавҷуд нестанд” [11, с.283]. Мафҳуми “реалия” ҳамчунин дар кори В. Росселс аз соли 1955 вомехӯрад, ки ба андешаи ӯ “реалияҳо калимаҳое мебошанд, ки мафҳум, предмет, зуҳуротро ифода мекунанд, агар кӯтоҳ баён кунем, реалияҳоеро дар назар дорем, ки дар урфу одати мардуме, ки ба забонаш асар тарҷума мешавад, мавҷуд нестанд” [10].

Дар асоси таърифу қоидаҳои боло метавон хулоса кард, ки реалияҳо воқеияти ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии халқи ҷудогонаро ифода мекунанд ва ба ин гурӯҳ калима ва мафҳумҳое дохил мешаванд, ки бо тарзи зист, шахсони барҷаста, қаҳрамонҳои миллат, расму оин, таърих ва хусусияти дигари миллии забони мавриди омӯзиш алоқамандии зич доранд. Дар илмҳои филологӣ истилоҳи мазкур аз ду ҷанба баррасӣ мегардад: 1) предмет, зуҳурот, мафҳуми хосси тарзи ҳаёти мардум ё кишвар – ҳамаи ин дар миллат, забон, мардум ва кишвари дигар дида намешавад; 2) калима ё ибораи номинативӣ, ки предмет, мафҳум, зуҳурот ва ғайраро ифода мекунанд.

Дар тадқиқоти худ оид ба реалияҳо сухан ронда, Е.М. Верешагин ва В.Г. Костомаров аз истилоҳоти “калимаҳои ифодакунандаи муҳити гуфтор, коннотативӣ”, “воҳидҳои луғавии бемуодил” ва ҳамчунин “калимаҳо бо ҷузъи фарҳангӣ”, яъне воҳидҳои луғавии дорои семантикаи хосси ифодакунандаи хусусияти фарҳанги ҷудогона, истифода мебаранд [3].

Дар раванди тадқиқоти забони англисии Амрико дар муқоиса бо забон ва фарҳанги русӣ Г.Д.Томахин ба хусусияти зерини реалияҳо ишора мекунад: “реалияҳои денотативӣ”, яъне фактҳои ифодакунандаи предмет ва зуҳуроти хосси фарҳанги ин ё он миллат ва мутобиқат накардани онҳо ба ашёву зуҳуроти фарҳанги миллати забони мавриди муқоиса ва “реалияҳои коннотативӣ”, яъне реалияҳои ифодакунандаи предметҳои шабеҳи фарҳангҳои муқоисашаванда, вале дорои маъноҳои иловагие, ки ба хусусияти таърихиву фарҳангии хосси танҳо фарҳанги ҷудогона алоқамандии зич доранд [13, с.41].

А.А. Реформатский реалияҳоро “варваризмҳо” меномад ва ба ин гурӯҳ исмҳои хосси шахс ва умуман ономастикаро дохил мекунад [9, с.137]. Ба андешаи В.С.Виноградова, реалияҳо тамоми фактҳои хосси ҳаёти иҷтимоӣ, таърих, сохтори давлат, умумияти фарҳангӣ, хусусияти муҳит, предметҳои хосси ҳаёти даврони гузаштаву ҳозира, мафҳумҳом фолклор ва этнографӣ мебошанд, ки онҳоро метавон ҳамзамон ба гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодил дохил кард.

Шумораи зиёди олимон реалияҳоро ҳамчун гурӯҳи махсуси воситаҳои ифода забон баррасӣ менамоянд, ки хосси тарзи зист, фарҳанг ва таърихи халқи муайян буда, барои халқҳои дигар бегона мебошанд. Дар раванди тарҷума реалияҳо бояд ба таври махсус баррасӣ карда шаванд, зеро онҳо дар забонҳои дигар мутобиқат надоранд. Чунонки олимони зиёд қайд менамоянд, реалияҳоро калимаву ибораҳои ҷудогона, калимаҳои аз нигоҳи маъно баробар ифода мекунанд, ки шакли грамматикии онҳо ба мансубияти реалияҳо ба ҳиссаи нутқи муайян ва сохтори грамматикии забон вобастагӣ дорад.

Аз қоида ва таърифҳои дар боло зикргардида бармеояд, ки аксарияти реалияҳо ифодакунандаи номи предмету зуҳурот, яъне исм мебошанд. “Вале мавридҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо аломат, сифатҳоро низ ҳамчун ҳиссаи нутқ ифода мекунанд, ки маънои онҳо бо маънои реалияҳо алоқамандӣ дорад” [5, с. 47].

Реалияҳое, ки дар аксари мавридҳо, чунонки зикр гардид, номҳои предмет, мафҳум, воқеаҳои маишӣ ва таърихиии халқ, минтақа ё кишвареро ифода мекунанд, як ҷузъи воқеиятро инъикос менамоянд, бинобар ин, бо воқиятҳои фаролингвистӣ алоқамандии зич доранд. Реалияҳо мафҳумҳои ҷуғрофӣ, этнографӣ, ҷамъиятиву таърихӣ, мифологӣ, фолклорӣ ва ғайраро дар бар мегиранд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нисбат ба қоида ва тарзҳои таснифоти реалияҳо равишҳои гуногуни зиёд мавҷуданд, ки умумият ва хусусияти худро доранд.

Масъалаҳои марбут ба таҳлил ва ташреҳ ва ҳамчунин таснифоти реалияҳо фаротар аз ҳудуди илмҳои филологӣ баррасӣ гардида, чунонки дар боло ишора рафт, мавриди тадқиқоти самтҳои гуногуни забоншиносӣ қарор мегиранд.

Ба ҳар ҳол, чанд намунаи таснифоти реалияҳое, ки дар ин мақола баррасӣ мешаванд аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ доранд.

Аввалин олиме, ки тақсим ё гурӯҳбандии реалияҳоро ба чанд гурӯҳи маъноӣ аз рӯйи аломатҳои предметӣ пешниҳод кард, А.Е. Супрун буд [12, с.50].

А.А. Реформатский реалияҳоро аз рӯйи хусусияти предметӣ ва лингвистии онҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунад: 1. Исмҳои хос; 2. Сиккаҳо; 3. Вазифаҳо ва ифодаи ашхос; 4. Ҷузъҳои либос ва ороишот; 5. Ғизову нӯшокӣ; 6. Мурофиат ва унвонҳо дар исмҳо [9, с.137].

Таснифоти муфассали реалияҳоро дар кори тарҷумашиносони булғорӣ С.Влахов ва С. Флорин мушоҳида мекунем, ки ба тариқи зайл аст:

1. Тақсимоти предметӣ:

А. Реалияҳои ҷуғрофӣ – номҳои мафҳумҳои метеорология, объектҳои ҷуғрофӣ ва ғ.

Б. Реалияҳои этнографӣ – калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ба монанди *тарзи зист, меҳнат, санъат, фарҳанг ва ғ.* Муаллифон ба ин гурӯҳ ҳамчунин тахаллусҳо, номи ашхос аз рӯйи маҳалли зист, калимаҳои ифодакунандаи ченак, пул ва ғайраро дохил менамоянд.

В. Реалияҳои ҷамъиятиву сиёсӣ – сохтори маъмуриву ҳудудӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ ва реалияҳои ҳарбӣ.

2. Тақсимоти маҳаллӣ (мансубият аз рӯйи миллат ва забон) - мансубияти миллии объекте, ки калима-реалия ифода мекунад:

Дар ин ҷо як намуди дигари тақсимот дар ҳудуди як забон – *реалияҳои худӣ* ва *реалияҳои бегона* ва тақсимот дар ҳудуди ду ва зиёда забон – *реалияҳои дохилӣ* ва *берунӣ* - ба мушоҳида мерасад.

3.Тақсимоти реалияҳо аз рӯйи давраи таърихӣ – *реалияҳои муосир* ва *реалияҳои таърихӣ* [5,с.51].

Г.Д. Томахин низ як таснифи муфассали реалияҳоро дар робита бо омӯзиши реалияҳои забони англисии ИМА аз нигоҳи кишваршиносӣ пешниҳод менамояд. Дар гурӯҳбандии ин муаллиф реалияҳои зеринро мушоҳида мекунем: *реалияҳои этнографӣ, реалияҳои ҷуғрофӣ, реалияҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, реалияҳои соҳаҳои маориф, дин, фарҳанг ва реалияҳои ономастикӣ* [13, с.43].

Дар асоси ақидаҳои муҳаққиқон ва таснифоти пешниҳоднамудаи онҳо метавон хулоса кард, ки реалияҳо махсусиятҳои худро доранд, яъне мансубияти онҳо ба гурӯҳи махсуси воҳидҳои луғавии бемуодил, ифодаи маъноҳои коннотативӣ, алоқамандии зич бо унсурҳои фарҳангии миллат ва халқи ҷудогона, онҳоро аз гурӯҳҳои дигари воҳидҳои луғавии забон ба куллӣ фарқ мекунонанд.

Л.С. Бархударов реалияҳоро дар таркиби воҳидҳои луғавии бемуодил баррасӣ мекунад ва ба ин гурӯҳ калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои зеринро низ дохил менамояд - исмҳои хос, реалияҳо ва калимаҳои ифодакунандаи холигоҳҳои маъноӣ (лакунаҳо), ки дар фонди луғавии як забон арзи вуҷуд карда, дар фонди луғавии забони дигар мутобиқат надоранд [2, с.53].

Ҳамин тариқ, таснифоти болозикр як андоза шартӣ мебошад, зеро баъзе реалияҳоро метавон якбора ба чанд гурӯҳ ва таснифоти предметӣ дохил кард ва аз

нигоҳи тарҷума дар дохили гурӯҳи калимаҳои мухталиф баррасӣ кард. Мо дар мақолаи худ чанд таснифи нисбатан маъмул ва маъруфи реалияҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, маълум намудем, ки дар аксарияти кулли таснифоти баррасишуда реалияҳои этнографӣ мавқеи хосса доранд ва аз нигоҳи теъдод низ зиёд буда, ба омӯзиши махсус ва муфассал ниёз доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. - М., 1996. - 401 с.
2. Бархударов, Л.С. Язык и перевод (вопросы общей и частной теории перевода) / Л.С. Бархударов. - М.: Междунар. отношения, 1975. - 240 с.
3. Верещагин, Е.М. Лингвострановедческая теория слова / Е.М. Верещагин, В.Г. Костомаров. - М.: Русский язык, 1980. - 320 с.
4. Виноградов, В.С. Введение в переводоведение (общие и лексические вопросы) / В.С. Виноградов. - М.: Изд-во Ин-та общ. сред. образования РАО, 2001. - 224 с.
5. Влахов, С.И. Непереводимое в переводе / С.И. Влахов, С.П. Флорин. - М.: Международные отношения, 1980. - 342 с.
6. Иванов, А.О. Безэквивалентная лексика: перевод , язык , культура: учеб. Пособие / А.О. Иванов. - СПб.: Филол. ф-т. Санкт-Петербург. гос. ун-та, 2006. - 192 с.
7. Иванова, Н.А. Сопоставительно-типологический анализ безэквивалентной лексики (на материале русского, немецкого и французского языков): дис... канд. филол. наук: 10.02.20 - сравнительно-историческое, типологическое и сопоставительное языкознание / Н.А. Иванова. - М., 2004. – 238 с.
8. Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. - М.: Азбуковник, 2000. - 671 с.
9. Реформатский, А.А. Введение в языковедение / А.А. Реформатский. - М.: Просвещение, 1967. - 536 с.
10. Россельс, В.М. Перевод и национальное своеобразие подлинника / В.М. Россельс. - М., 1976. - 169 с.
11. Соболев, Л.Н. Пособие по переводу с русского языка на французский / Л.Н. Соболев. - М.: Изд-во литературы на иностранных языках, 1952. - 298 с.
12. Супрун, А.Е. Экзотическая лексика / А.Е.Супрун // ФН. - М., 1958. - №2. - 50-54 с.
13. Томахин, Г.Д. Реалии-американизмы: учеб. пособие для институтов и ф-тов. иностр. яз. / Г.Д. Томахин. - М.: Высшая шк., 1988. - 239 с. (Пособие по страноведению).
14. Турсунов, Ф.М. Безэквивалентная лексика в переводе (на материале английского и таджикского языков). Монография / Ф.М. Турсунов. - Душанбе, 2015. - 432 с.

РЕАЛИЯҲОИ ЭТНОГРАФӢ ДАР ТАСНИФОТИ УМУМИИ РЕАЛИЯҲОИ ЗАБОН

Мақолаи мазкур ба таҳлили таснифоти реалияҳои забонӣ бахшида шудааст. Масъалаҳои марбут ба реалияҳои забонӣ, ки дар солҳои охир ба яке аз масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ ва забоншиносӣ табдил ёфтаанд, аз ҷониби олимони зиёд ҳамаҷониба ва ба таври ҷиддӣ мавриди тадқиқот қарор гирифтаанд. Зикр кардан бамаврид аст, ки истилоҳи “реалия” маъмулан дар робита бо якчанд самти илмӣ бо ҷалби маводи, ҳадди ақал, ду забон баррасӣ мешавад. Калимаи “реалия” аз калимаи лотинии "realis" гирифта шуда, маънояш "шайъӣ", "ҳақиқӣ" мебошад. Реалияҳо предмет ё зуҳуроти фарҳанги моддӣ, хусусияти қавмию миллӣ, урфу одат, анъана ва ҳамчунин вокеият ва равандхое мебошанд, ки одатан дар забонҳои дигар мувофиқҳои худро надоранд. Реалияҳо чузъи ин ё он забон, фарҳанг ва хусусияти мардумӣ мебошанд, ки бо роҳҳои анъанавӣ тарҷума намешаванд. Инҳо гуфторҳои устуворе метавонанд дар бар гиранд, ки мухтавои онҳоро танҳо сохибзабононе сарфаҳм мераванд, ки бо он забон таълиф мекунанд. Ба реалияҳо калимаҳои чудогонаи тарҷуманашавандаро дохил мекунанд, ки танҳо ба як доираи маҳдуди одамон фаҳмо мебошанд. Аз қадим мусаллам аст, ки реалияҳо як зуҳуроти сунъие мебошанд, ки онҳоро одам фикр карда баромадааст ва сохтааст. Дар ҳар забони ҷаҳон калима, гуфтор ва ибораҳое мавҷуданд, ки ба забони дигар тарҷуманашавандаанд ва бинобар ин, дар ин раванд мушкилиҳо пеш меоянд. Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ миқдори зиёди реалияҳо, аз ҷумла реалияҳои этнографӣ, мавҷуданд, ки ба гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодил дохил мешаванд ва аз нигоҳи забон муносибати махсусеро тақозо менамоянд.

Калидвожаҳо: этнография, реалия, фарҳанг, таснифот, тарҷумашиносӣ, воҳидҳои луғавӣ, воҳидҳои луғавии бемуодил, лексикография.

ЭТНОГРАФИЧЕСКИЕ РЕАЛИИ В ОБЩЕЙ КЛАССИФИКАЦИИ ЯЗЫКОВЫХ РЕАЛИЙ

Данная статья посвящена классификации языковых реалий. Вопросы языковых реалий, являясь в течение последних лет одной из актуальных проблем переводоведения и лингвистики, исследовались в трудах многих ученых всесторонне и основательно. Следует отметить, что термин "реалия", как правило, рассматривается на стыке нескольких научных направлений и с привлечением материалов, как минимум двух языков. Слово "реалия" происходит от латинского слова "realis" и означает "вещественный", "действительный". Реалии - предметы или явления материальной культуры, этнонациональные особенности, обычаи, обряды, а также исторические факты или процессы, обычно не имеющие лексических эквивалентов в других языках. Реалия – это часть какого-либо языка, культуры и народных особенностей, которая не поддается переводу. Это могут быть крылатые высказывания, смысл которых ясен только носителям того языка, на котором они составлены. К реалиям относят также одиночные непереводимые слова, понятные только узкому кругу людей. Давно уже установлено, что реалии-явление искусственное, придуманное человеком. В каждом языке мира есть слова, высказывания и словосочетания, которые невозможно перевести на другой язык, и поэтому возникают трудности при переводе. В английском и таджикском языках встречаются большое количество реалий, в том числе этнографических, которые относятся к безэквивалентной лексике и требуют специального рассмотрения с лингвистической точки зрения.

Ключевые слова: этнография, реалия, культура, классификация, переводоведение, лексические единицы, безэквивалентная лексика, лексикография.

ETHNOGRAPHIC REALIA WITHIN THE GENERAL CLASSIFICATION OF LINGUISTIC REALIA

The article is dedicated to the classification of linguistic realia. The question of linguistic realia or culture-specific items is one of the questions of interest to be researched within the Translation Theory and Linguistics. Therefore, these issues have been under thorough research by many researchers. The term “Realia” has always been the subject for several directions of science with the materials of different languages, at least two, involved. The word “Realia” comes from Latin and means "real". Realias are the objects or phenomena of material culture, ethnonational features, customs, rituals, as well as historical facts or processes, usually not having lexical equivalents in other languages. Realia is part of some language, culture and folk peculiarities that are not subject to translation. It can be winged statements, the meaning of which is clear only to the speakers of that language in which they are written. Also, realia’s include single untranslatable words that only a narrow circle of people can understand. It has long been established that realia is an artificial phenomenon, invented by man. In every language of the world, there are words, savings and phrases that cannot be translated into other languages of the world and therefore difficulties occur in translating. English and Tajiki languages have a great number of realia, including ethnographic realia, which undoubtedly refer to non-equivalent vocabulary and demand special attention of linguists.

Key words: etnography, realia, culture, classification, translation studies, lexical units, non-equivalent vocabulary, linguistic studies, interpretation.

Сведения об авторе: ***Шарифова Дилафруз*** – Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, аспирант. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 121.
E-mail: **dily.sharifova@mail.ru**. Тел.: **(+992) 92-800-00-05**

Information about the author: Sharifova Dilafruz - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, graduate student. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Str. 121. E-mail: **dily.sharifova@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-800-00-05**

УДК: 491.71+491.550+42

ХУСУСИЯТҲОИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ МОДАЛӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ИФОДАИ МУНОСИБАТ

Шарипов Б.А.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Калимаҳои модалӣ ҳамчун воситаи ифодаи субъективии модалӣ, гурӯҳи аз ҳама калонтарин дар забони русӣ, ҳамчунин дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба шумор мераванд. Калимаҳои модалӣ ҳамчун гурӯҳи махсуси функционалӣ–семантикии забони тоҷикӣ хеле гуногун мебошанд. Ба ғайр аз гуногунрангии модалӣ чи дар забони англисӣ ва чи дар забони русӣ мазмуни коннативӣ дошта, муносибати гӯяндаро ҳамчун эҳсосотӣ, ифодавӣ ва арзишнок бо калимаҳои, албатта – конечно – of course, зимнан – кстати – by the way, incidentally, ҳақиқатан – действительно – really, бешубҳа – несомненно –certainly ва ғайра ифода менамоянд.

Калимаҳои модалӣ дар ҷумла на ба ҳамаи аъзоҳои ҷумла алоқаи ҳамроҳӣ доранд. Онҳо бо ягон намуди муайяни ҳиссаҳои нутқ алоқаманд нестанд. Онҳо модалнокиро ба пуррагӣ ва ё дар (ҷузъҳои) компонентҳои алоҳидаи он ифода менамоянд.

Дар забони муосири тоҷикӣ дар таркиби калимаҳои модалии асоси феъл дошта ягон вожаҳои иқтибосӣ вуҷуд надорад, ҳамаи онҳо ба худи ҳамин забон тааллуқ дошта, хусусияти духӯра доранд: ҳамчун аъзои ҷумла истифода мешаванд (ба мисли феъли асосӣ) ва ҳам ба вазифаи

калимаҳои модалӣ меоянд.

Дар забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ хусусиятҳои якхелаи феълҳои модалӣ ҳамчун воситаи ифодаи мафҳумҳои субъективӣ – модалӣ мавҷуданд. Феълҳои модалӣ аз феълҳои маъмулӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо амалҳои мушаххасро ифода накунанд ҳам, маънои зарурият, имконият, эҳтимолият, шубҳанокии амалро мефаҳмонанд.

Фрезологизмҳо ба мисли калимаҳои модалӣ воситаи ифодаи муносибати гӯянда ба баёни андеша мебошанд. Аз рӯйи сермаъноӣ фразеологизмҳои модалии забони русиро, ки эҳсосоти гӯяндаро ифода менамоянд, метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: фразеологизмҳои модалие, ки муносибати мусбати гӯяндаро нисбат ба сухани гуфташуда ифода менамоянд; (хурсандӣ, шавқ, тааҷҷуб ва ғайраҳо); фразеологизмҳои модалие, ки муносибати манфии гӯяндаро нисбат ба сухан баён менамоянд (пушаймонӣ, афсӯс, ва ғайра).

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ фразеологизмҳои модалии забони тоҷикӣ аз рӯйи сохтор ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо карда шудаанд: а) Воҳидҳои фразеологии изофӣ (рости гап, аз афти кор); б) Воҳидҳои фразеологии таркибашон аз феъл ва ибораҳо сохташуда (эҳтимол дорад, хӯш ки бошад).

Дар забони англисӣ фразеологизмҳои модалӣ ҳамчун воситаи ифодакунандаи муносибати гӯянда нисбат ба сухани гуфташуда истеъмол мешаванд. ... it`s another pair of

shoes – это совсем другое дело – ин тамоман кори дигар аст; it`s not my cup of tea – это не моё – ин аз они ман нест.

Таҳқиқи модалнокии воҳидҳои фразеологии англисӣ дар худ низоми мураккаби бисёркомпонентиро доранд, ки дар баробари компонентҳои маърифатӣ, ҳамзамон компонентҳои когнитивӣ, таҳқиқӣ-модалиро низ дар бар мегиранд. Компоненти арзишдиҳӣ-модалӣ бо таҳқиқи субъективии ҳамаи падидаҳои воқеӣ аз диди муаллиф, арзишҳо ва ҷаҳонбинӣ бо ҳам алоқаманд буда, қисми зиёди калимаҳои модалии русӣ бо калимаҳои забони тоҷикӣ муодиланд. Калимаҳои модалӣ дар забони русӣ метавонанд дар шакли ибораҳои фразеологӣ ва идиомаҳо ифода шаванд. Фразеологизмҳои модалӣ, яке аз воситаҳои муҳимми ташаккули категорияи модалият дар забони русӣ ба ҳисоб мераванд.

Забоншиноси рус Виноградов В.В. дар китоби худ «Оид ба категорияи модалият ва калимаҳои модалӣ дар забони русӣ» қайд менамояд, ки ба доираи категорияи модалият бештар ибораҳои пурраи фразеологӣ, ифодаҳои фразеологӣ ва ибораҳои рехта ворид мешаванд. Ин гуна ибораҳои фразеологӣ ибораҳои луғавӣ мебошанд, ки аз маънои луғавии асосӣ дур рафта, ба худ тобишҳои модалии нав қабул менамоянд. Таркиби чунин воҳидҳои фразеологӣ хеле гуногун буда, бо ҳамаи ҳиссаҳои нутқ ҳам мустақилмаъно ва ҳам номустақил мувофиқат менамоянд: **дар воқеъ, рости гап, ҳамин ки шояд, бояд** ва ғайраҳо [1, с.176].

Фразеологизмҳои модалӣ аз рӯйи сохтор бо мафҳуми луғавии калимаҳои модалӣ – воҳидҳои туфайлӣ ва нидоҳо шабоҳат доранд. Онҳо метавонанд муносибати эмотсионалии гӯяндаро нисбат ба фикри баёншуда ифода намоянд (ғам, ҳайрат, хурсандӣ, шавқ, ғусса, афсӯс, ғазаб ва ғайраҳо).

Масалан, фразеологизми модалии **«хушбахтона»** маънои субъективӣ-модалии хурсандиро ифода менамояд, ки он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба маънои якхела «**хушбахтона**», **«luckily, thankfully, fortunately»** истифода бурда мешавад. Инро муносибати мусбати гӯянда номидан мумкин аст.

- Но, к счастью, никто его не заметил [7, с.68]. – **Аммо, хушбахтона, ҳеҷ кас ӯро надид. But, fortunately, no one noticed him.**

- И оказалось, что он, к счастью, ещё не ушёл [1, с.44]. **Ва маълум шуд, ки ӯ, хушбахтона, ҳанӯз нарафта будааст. - And it returned out that he fortunately had not yet left.**

Фразеологизми модалии **«чёрт возьми»,** ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ вариантҳои худро доранд, яъне – **сабил монад, бало занад – damn, hang it,** норозигӣ, эътироз ва нафратро ифода менамоянд. Ин муносибати манфии гӯяндаро нисбат ба фикри баёншуда ифода менамояд.

- Так зачем же ты чёрт возьми, с советом лезешь, ежели забыл? [10, с.185]. – **Пас чаро ту, сабил монад, бо маслиҳатҳои худ мудохила мекунӣ, гарчанде фаромӯш кардам? - So why the hell do you climb with advice, when've forgot?**

- Кому мы, чёрт их возьми, помогли выиграть войну своими боками! [9, с.388]. – **Ба киҳо, бало занад, барои ғолиби ҷанг шудан кӯмак кардем! – Whom we damn them have helped to win the war with our sides.**

Аз рӯйи сермаъноӣ фразеологизмҳои модалиро, ки муносибати эмотсионалии гӯяндаро ифода менамоянд, метавон ба ду гӯруҳ ҷудо намуд;

- Фразеологизмҳои модалӣ, ки муносибати мусбати гӯяндаро нисбат ба фикри баёншуда ифода менамоянд (хурсандӣ, шавқ, завқ, ваҷд, қаноат, ифтихор, хотирҷамъӣ, шодмонӣ ва ғайраҳо);

- Фразеологизмҳои модалие, ки муносибати манфии гӯяндаро нисбат ба фикри баёншуда ифода менамоянд (таассуф, афсӯс, озор, нафрат, қаҳр маломат, сарзаниш, ғазаб, беҳурматӣ, адолат, оташинӣ, тааҷҷуб ва ғайраҳо).

Ба гӯруҳи якум фразеологизмҳои зерин дохил мешаванд: к радости, (хурсандӣ), **Боже мой** (бо назардошти бисёрмаъноӣ), **Слава Богу, к счастью, на счастье, к (моему, нашему….)** удовольствию: **вот это да!, вот то – то же!, знай наших!, веришь ведь!, ну и ну!, подумать только! (с учетом контекста), Бог в помощь!, Бог милостив, жить можно, лиха беда начало, слава тебе, Господи, милое дело** и др.

Вариантҳои тоҷикии фразеологизмҳои мазкур: **Худоро шукр, хушбахтона, ба нафъи кор, аҷабо, ана + халос, ана ҳамин хел, худиҳоро шинос, ҳайр чӣ! Хаста набошед! Худованд бахшанда аст! Ноомади корро бинед, Худоро шукр, кори мешуданӣ** ва ғайраҳо.

Ба гӯруҳи дуюм фразеологизмҳои зерин дохил мешаванд: **(бадбахтона, мутаассифона, бало занад (туро, ӯро, вайро), дареғ, афсӯс, чӣ хел бадбахтӣ, ноомади кор, ба норозигии умум, ин ба ту алоқа надорад, хок бар сарат, бало туро занад, боз ҳаминаш намерасид, ина бинед –а, ана боз чӣ, бало ба пасаш, ҷин занад (ӯро, вайро, онҳоро), сабил монад, бало занад, бало ба пасаш (вай, ӯ, онҳо), оҳ ту, сабил монда, зормонда, сазоят ҳамин аст, (онҳо, вай), бало ба паси вай, қасдан, қасд кардагӣ барин)** ва дигарҳо.

Воҳиди фразеологии бо компоненти **Бог – Худо** дар худ на танҳо тобиши мусбат, балки манфиро низ дорад. Масалан, фразеологизмҳои «**Слава Богу, Боже мой**» дар забонҳои мавриди таҳқиқ якчанд маъноҳо доранд: **- Худоба шукр, шукри Худо! – Thanks God – Худои ман! ё Аллоҳ! - Oh my God!** ва ғайраҳо.

- А как мне надо было вас видеть, Боже мой, как у меня теперь сердце бьётся… - выражения радости и облегчения [2, с.233]. **– Оҳ чӣ гуна ман бояд туро медидам… Худоё чӣ гуна дили ман ҳоло метапад… - And how I had to see you … Oh my God, How my heart is beating now…**

- Боже мой, какая мука! – Выражение боли и отчаяния [5, с.43]. - **Худовандо, ин чӣ азобест! – Oh my God, what a torment!**

Фразеологизмҳои муносибати субъективӣ ва модалиро ифодакунанда метавонанд маъноҳои зерин дошта бошанд: боварӣ, нобоварӣ, тахмин, шубҳа, ризоият ва ғайраҳо. Ба ин гуна ибораҳо фразеологизмҳои зерин мансубанд: **бе гуфтугӯ, бечунучаро, бе шакку шубҳа, Худо хоҳад, хуб аст, Худо медонад ки (ӯро, вайро, онҳоро), шарт мекунам ки, дар гумон аст ки, дар ҳақиқат, эҳтимол, мумкин аст ки, ба Худо, ба ростӣ, албатта, набошад чӣ, чи хеле ки маълум аст, чи хеле ки дида мешавад, ба назар чунин мерасад, ки, аз афташ, ҳеҷ кас намедонад, ба вичдонам қасам, дар ҳар сурат, кори шуданӣ, шояд, бояд, Худо занад, ки ҳамин хел бояд амал кард, эҳтимол дорад, ки, ҳамин тавр не, дар ҳақиқат, эҳтимолат, шояд, кушед ҳам, ба ростӣ, кори фаҳмо.**

- Это, без всякого сомнения, самая лучшая школа. [6, с.88] – значения уверенности, **- Ин, бе ягон шубҳа, беҳтарин мактаб аст – This is without any doubt the best school, - А как же иначе, наши-то в степи ночуют, несладко им…** [10, с.79] – значение согласия, **- Боз чӣ гуна буда метавонад, одамони мо шабро дар даштҳо мегузаронанд, барои онҳо осон нест… How could it be otherwise, we spend the night in The steppes, it is not easy for them... Черта с два! – протестовал Михаил Аверьяныч. -Это изумительный город!** [10, с.599] значение несогласия. – **Сабил монад! - эътироз кард Михаил Аверианич. Ин шаҳри аҷоиб аст! - Hello no! - Mikhail Averyanych protested. This is magnificient city!**

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои фразеологизмҳои модалӣ тобишҳои мухталифи арзишҳо ва муносибатҳои модалиро ифода мекунанд ва инчунин дар ташаккули оҳанги сухан, мазмуни забонӣ ва ҳолатҳои нутқ нақши калон доранд.

А Д А Б И Ё Т (илмӣ)

1. Виноградов В.В. О категории модальности и модальных словах в русском языке / В.В. Виноградов // Исследования по русской грамматике: Избранные труды / под ред. Н.Ю. Шведова. – М.: Наука, 1975. – 560 с.
2. Грамматикаи забони адабии хозираи тоҷик (барои мактабҳои олӣ). – Душанбе: Дониш, 1985. - 385 с.
3. Смирнова Л.Г. Язык "Таърихи Чистон" / Л.Г. Смирнова. - Сталинабад, Изд-во Тадж. ССР, 1959. - 144 с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. - М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
5. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. Таджикско-русский словарь. - Душанбе: Дониш, 2006. – 784 с.

А Д А Б И Ё Т (бадеӣ)

1. Булгаков М. А. «Мастер и Маргарита» Романы / М.А. Булгаков. - М.: Худож. лит., 1967 - 470 с.
2. Достоевский Ф.М.. «Униженные и оскорблённые» / Ф.М. Достоевский // «Время». - 1861. - Т. I. - № 2. - С. 419-474.
3. Муҳаммадиев Ф. «Тири хокхӯрда», «Одамони куҳна». Повесть / Ф. Муҳаммадиев // Шарқи сурх. - 1962. - №3. - С.41-58.
4. Муҳаммадиев Ф. Палатаи кунҷакӣ / Ф. Муҳаммадиев. - Душанбе: Ирфон, 1974. - 367 с.
5. Олеша Ю.К. «Ни дня без строчки» / Ю.К. Олеша // Советский цирк. - М., 1961. - № 6. - С. 25.
6. Салтыков-Щедрин М.Е. «Наша общественная жизнь» / М.Е. Салтыков-Щедрин. - 1864. - 290 с.
7. Тургенев, И.С. Записки охотника / Сочинение Ивана Тургенева: [в 2 ч.]. - СПб.: в Университетск. тип., 1852. - Ч.1. - 314.; - Ч.2. - 310.
8. Толис, П. Куллиёт / П. Толис // Повестҳо. Ҳикояҳо. Ҷ.2. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 671 с.
9. Толстой, А.Н. Хождение по мукам. Трилогия. Сестры / А.Н. Толстой. - М.: Художественная литература, 1984. - 625с.
10. Чехов А.П. «Степь»; «Дачники»; «Палата №6»; «Именины»; «Бабье царство» / А.П. Чехов // Полное собрание сочинений и писем в 30-ти томах. - Москва: Наука, 1985. - 724 с.

ХУСУСИЯТҲОИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ МОДАЛӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ИФОДАИ МУНОСИБАТ

Таҳқиқоте, ки аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, имкон медиҳад, ки натиҷаҳои мушоҳидаҳоро оид ба омӯзиши модалнокии субъективӣ ҳамчун категорияи функционалӣ-семантикие, ки бо мундариҷаи мушаххас ва воситаҳои махсуси ифода тавсиф карда мешавад, яъне категорияи сиға, калимаҳои модалӣ, феълҳои модалӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва ҳиссачаҳо ҷамъбаст намояд. Муаллиф қайд менамояд, ки нишондиҳандаи ҳатмии ҳар сухани баёншуда, модалнокии объективӣ ҳисобида мешавад, вале ихтиёрӣ баёншуда - модалнокии субъективӣ ба ҳисоб меравад. Азбаски дар байни модалнокии объективӣ ва субъективӣ алоқаи зич мавҷуд аст, ба хулосае омадан мумкин аст, ки категорияи модалӣ ин ягонагии объективӣ ва субъективӣ дар тафаккури инсон мебошад. Муаллиф собит кардааст, ки миқёси фарогирии модалнокии субъективӣ аз модалнокии объективӣ васеътар аст. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои фразеологизмҳои модалӣ тобишҳои мухталифи арзишҳо ва муносибатҳои модалиро ифода мекунанд ва инчунин дар ташаккули оҳанги сухан, мазмуни забонӣ ва ҳолатҳои нутқ нақши калон доранд.

Калидвожаҳо: тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, модалнокӣ, таснифоти модалӣ, модалнокии объективӣ, модалнокии субъективӣ, воҳидҳои лексикӣ ва фразеологӣ, категорияи лексикӣ-грамматикӣ.

ОСОБЕННОСТИ МОДАЛЬНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ КАК СРЕДСТВО ВЫРАЖЕНИЯ СУБЪЕКТИВНОЙ МОДАЛЬНОСТИ

Данная исследование позволяет обобщить результаты наблюдений в области изучения субъективной модальности, как функционально-семантической категории, которая характеризуются специфическим содержанием и специализированными средствами выражения: категорией наклонения, модальными словами, модальными глаголами, фразеологизмами и частицами. Соискатель также бесспорно признаёт две модальности: объективную и субъективную. По его мнению, объективная модальность выражает отношение содержания высказывания к действительности, субъективная - отношение говорящего к содержанию высказывания. Обязательным признаком любого высказывания считается объективная модальность, а субъективная – факультативным признаком высказывания. Так как между объективной и субъективной модальностями существует тесная связь, можно прийти к выводу, что категория модальности – это единство объективного и субъективного в сознании человека. Соискатель утверждает что, семантический объём субъективной модальности значительно шире объективной. Следует подчеркнуть, что особенности модальных фразеологизмов выражают различные оттенки значения слов и связей модальности, а также играют большую роль в формировании лингвистических и речевых ситуаций.

Ключевые слова: таджикский, русский, английский, модальность, характеристика модальности, объективная модальность, субъективная модальность, лексико-фразеологические единицы, лексико-грамматическая категория.

FEATURES OF MODAL PHRASEOLOGY AS A MEANS OF EXPRESSING SUBJECTIVE MODALITY

This research work allows summarizing the results of observations in the field of studying the subjective modality, as a functional-semantic category, which are characterized by specific content and specialized means of expression: inclination category, modal words, modal verbs, phraseological units and particles. The author also undoubtedly recognizes two modalities: objective and subjective. By his recognition, the objective modality expresses the attitude of the content of the utterance to reality, the subjective one - the attitude of the speaker to the content of the utterance. An obligatory sign of any utterance is an objective modality, and a subjective one is an optional feature of a utterance. Since there is a close connection between the objective and subjective modalities, it can be concluded that the category of modality is the unity of the objective and the subjective in the human mind. The author argues that the semantic scope of the subjective modality is much wider than the objective one. It should be emphasized that the features of modal idioms express different shades of the meaning of the words, and the relationship of modality, and also play the main role in the formation of speaking, linguistic and speech situations.

Key words: Tajik, Russian, English, modality, characterization of modality, objective modality, subjective modality, lexical and phraseological units, lexical and grammatical category.

Сведения об авторе: ***Шарипов Бахром Абдуалиевич*** - Бохтарский государственный университет им. Н.Хусрава, преподаватель кафедры практического курса английского языка. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул. Айни, 67. E-mail: **baxrom- Sharipov@bk.ru.** Тел.: **(+992) 935-44-37-53**

Information about the author: ***Sharipov Bakhrom Abdualiyevich*** - Bokhtar State University named after N.Khusrava, teacher of the department of practical English course. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, ul. Aini, 67. E-mail: **baxrom- Sharipov@bk.ru.** Tel.: **(+992) 935-44-37-53**

УДК:41-3:491.155

ҶОЙГОҲИ ВОЖАҲОИ ТУРКӢ ДАР СУРУДАҲОИ БАРХЕ ШУАРОИ ПОРСИГӮЙИ КЛАССИК

Мино Корвонӣ
Донишгоҳи Форёби Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Муқаддима. Забон падидаи иҷтимоиест, ки бо оғози зиндагии гурӯҳи инсонҳо рӯ ба ташкил ва таквин ниҳода, бо пешрафту дигаргунии иҷтимоӣ ба тадриҷ такомул пазируфта ба рушду борварӣ рӯ ниҳодааст. Бо шаклгирии иҷтимоиёти гуногуни башарӣ дар манотиқи мухталифи кураи Замин, муҳоҷирон ва ҷамъи инсонҳои сокин дар нукоти гуногун, забонҳои мутааддид падид омаданд. Дар оғози ин ҳама забонҳо аз як ё чанд ришатаи аслӣ, чун хонаводаҳои ҳинду аврупоӣ, лотинӣ ва ғайра иштиқоқ гардида, сипас бо рӯнамоии тағйирот дар зиндагӣ ва муҳити гӯяндагони онҳо ба гунаи забонҳои мустақил арзи вуҷуд намуданд.

Рӯшан аст, ки инсонҳо бидуни муносибат, иртибот бо ҳам наметавонанд зиндагӣ кунанд. Бинобар ин, дар натиҷаи ба вуҷуд омадани равобит ва алоқаи чандҷониба миёни гурӯҳҳои забонҳои мухталиф таъсиргузории забонҳои онҳо ба якдигар низ ба гунаи қонунмандӣ оғоз ёфта ва дар партави ин ҳақоиқ аст, ки мо метавонем дар бораи иқтибоси бархе аз вожаҳои як забон ба забони дигар сухан бигӯем ва онро дар ҷанбаҳои мухталифи як забон, аз ҷумла дар мутуни адабӣ-бадеии он низ ба баррасӣ бигирем.

Бо таваҷҷуҳ бидуни ҳақиқат, медонем, ки туркҳо ва тоҷикҳо (форсизабонҳо), аз ҷумла мардумони қадими машриқзамин буда, дар арсаҳои мухталиф бо ҳам равобиту

муносибати наздик доштаанд ва ин ҷост, ки забонҳои онон таъсири мутақобил болои якдигар гузоштааст. Дар фароянди ин таъсиргузории мутақобил, вожаҳои фаровони забони форсии дарӣ дохили забони туркӣ шуда, калимоти мутааддиди туркӣ низ ба забони дарӣ иқтибос гардидааст, то он ҷо ки ин гуна иқтибоси вожаҳо миёни ин ду забон дар осори навишторӣ, аз ҷумла мутуни адабӣ-бадеии ин забонҳо дар даврaҳои мухталиф машҳур ва намоён аст.

Дар пайванд бо вожаҳои форсии дахил дар забони туркӣ аз дер боз таҳқиқоти зиёде сурат гирифта ва фарҳангҳо низ аз калимоти форсии мустаъмал дар туркӣ тартиб дода шудааст. Ҳамин гуна масоили вожаҳои туркии дахил дар осори навиштории забони форсии дарӣ, аз ҷумла осори адабӣ ва шеърии он низ аз гузаштаҳои дур назари забоншиносон, бавижа лексикологистҳоро ба худ маътуф доштааст. Чандон ки дар ин мавзӯъ низ кутуб, рисолаҳо ва мақолоту фарҳангҳои зиёде таълиф ва нигориш ёфта, ки аз он ҷумла метавон аз китоби «Туркӣ дар форсӣ» таълифи Алӣ Муъмин, «Муқоис-ал-луғатайн» таълифи доктор Ҷавод Ҳаят ва чандеи дигарро ном бурд. Ҳамчунин кутуби дигаре дар ин замина аз сӯйи донишмандони мухталиф, бавижа эрониёни турктаборҳо таълиф гардида, ки ҷадидтарини онҳо «Фарҳанги турки навин» таълифи Исмоили Ҳодӣ мебошад.

Аҳдофи таҳқиқ. Ин мақола бар асоси аҳдофи зайл падид омадааст:

1. Шиносоии ҷанбаҳои мухталифи таъсиргузории мутақобили ду забони машҳуртарини машриқзамин (дарӣ ва туркӣ) бар якдигар.
2. Исбот ва сиҳатии мавҷудияти муносибот ва равобити неки чандбуъдӣ миёни ду миллати бузург (турк ва тоҷик) дар дарозои таърих.
3. Мушаххас сохтани замони ташкили вожаҳои туркӣ дар забони форси дарӣ.
4. Шиносоии дурусту дақиқи вожаҳои туркӣ дар забони форси дарӣ.

Равиши таҳқиқ. Ин таҳқиқ бар асоси равиши китобхонаӣ анҷом ёфтааст. Бисёре аз шуарои ради аввали форсии дарӣ аз ҳамон нахустин давраи шукуфоии адабиёти форсӣ бо забони туркӣ ошноӣ дошта ва ё худ дар асл турк будаанд. Ба ранги намуна Манучеҳрии Домғонӣ бо забони туркӣ ошноӣ дошта ва дар қасидае, ки ба Султони Ғазна тақдим мекунад, ёдовар мешавад, ки агар Султон бихоҳад ба туркӣ низ ба вай чакома хоҳад суруд.

Фаррухии Систонӣ, Анварии Мароғаӣ, Заҳири Форёбӣ, Низомии Ганҷавӣ ва бисёре аз шоирони бузурги мароҳили аввали адабиёти дарӣ худ туркони форсигӯй будаанд. Бад ин сон дахил шудани калимоти туркӣ ба мутуни адабиёти форсии дарӣ, комилан як падидаи табиӣ ва инкорнопазир буда, ин амр ношӣ аз наздикӣ ва омезиши ин мардумони бузург дар тадовими садаҳост. Барои исботи ин ҳақиқат мо ба мурури осори шуарои бузурги форсигӯй мепардозем ва вожаҳои туркии дахил дар онҳоро бозёбӣ мекунем.

Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар бини Муҳаммад Рӯдакӣ (т: 260; в: 329 ҳ.қ) мулаққаб ба падари шеъри форсӣ аз нахустин шоирони номовари забони дарӣ аст, ки вожаҳои туркиро дар ашъораш ба кор гирифтааст [2, с.511].

Мисолҳо: Ба чашмат андар **болор** нанигарӣ ту ба рӯз ба шаб ба чашми касон андарун бубинӣ коҳ [19, с.97].

Болор (туркӣ): шоҳтири сақф, тири ситабр, ки дар пӯшиши хона ба кор биравад, чӯби баланд ва ситабр, ки ду сари онро рӯйи ду девор ё ду поя қарор бидиҳанд ва сари тирҳои сақфро рӯйи он бигузоранд ва онро ҳамоил ва сарандоз ҳам мегӯянд. Ин калима дар бархе гӯйишҳои узбекони Афғонистон ба шакли (**балор**) талаффуз мешавад [13, с.310].

Фирдавсии Тӯсӣ: (т. дар ҳудуди соли 329; в. 416 ҳ.қ) шоири бузурги ҳамосасаро дар асари ҷовидону фанонопазири ҳуд («Шоҳнома») калимоти қадими туркиро ба гунаи ҳунармандона ба кор гирифтааст [2, с.528]. Масалан:

Наёзурд бояд касеро ба роҳ,
Чунин аст **ойини** тахту кулоҳ [17, с.755].

Ойин (туркӣ): ҷашну маросими қадими солонаи туркони хитоӣ.

Ҳамон низ **хотун** ба кох андарун,
Ҳаме рой зад бо яке раҳнамун [17, с.761].

Хотун (туркӣ): хонум ва бону. Ин лафз барои эҳтиром ба номи зан муттасил мешавад мисли Зайнабхотун, Сакинахотун, бархе ҷойи он хонум истеъмол мекунанд [8, с. 268].

Ҳаким АбӯмуинҲамидуддин Носир бани Хусрави Қубодиёнӣ (т. 394; в.481 ҳ.қ.) шоири озодандеш ва баландмартаба дар ашъори баланду пурмаънои хеш калимоти туркиро мавриди истифода қарор дода, ки дар девони ашъори ин бузургмарди хирад ва андеша ба мушоҳида мерасад [2, с.541].

Аз чошт то ба шом туро нест амне,
Гар ар турост мамлакат аз **Чоч** то ба **Шом** (такво, 1380. с.231).

Чоч (туркӣ): номи шаҳре аст аз Туркистон наздикии Тошканд маркази Ҷумҳурии Узбекистон. Номи шаҳре аст аз Мовароуннаҳр, ки ба Тошканд иштиҳор дорад ва баъзе Қошғарро гуфтаанд [8, с.7959].

Наботи пурбало Ғуз асту **Қибчоқ**,
Ки рустастанд бар атрофии Ҷайҳун [5, с.388).

Қибчоқ, қипчоқ, қифчоқ (туркӣ): номи дашту саҳрое аст аз Туркистон ва тоифае аз туркони ҳамон навоҳиро қибчоқӣ гӯянд. Маҷозан лафзи қибчоқ ба маънии бебок низ меояд ва низ мутародифи ринду чобук аст [8, с.1743].

Манучеҳрии Домғонӣ (мутаваффӣ ба соли 432 ҳ.қ): аз ҷумлаи шуарои номовари ва давраи Ғазнавӣ аст, ки дар ашъораш калимоти зиёди туркӣ вуҷуд дорад [2, с.535].

Ба мисолҳои зайл таваҷҷуҳ шавад:

Ба зери пари **қуш** андар ҳама чун чарх,
Дебоҳо ба пари кабкнар хати сиёҳ чун хати муҳбарҳо.

Чу **чанбарҳо**и ёқутин ба рӯзи боди гулбунаҳо,
Ҷаҳида булбулу сулсул чу бозигар ба чанбарҳо [6, с.3].

Қуш (туркӣ): мурғе аст шикоридори нӯгхамида ва маҳкам ва панҷаҳои қавӣ парҳои баланд, бозу боша, қирқӣ (қирғӣ) [1, с.1177].

Чанбар (туркӣ): доираи муҳите, мушобеҳ ба доира, ҳалқа [22, с.62].

Фаррухии Систонӣ (т. нимаи дувуми қарни чаҳорум, в.429 ҳ.қ): шоири шаҳир ва воломақоми дарбори Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, аз ҷумлаи шоиронест, ки калимоти туркӣ ба гунаи вофир дар ашъораш ба назар мерасад [2, с.527].

Аз пайи ҳоҷиби **Туғрал**, ки зи шоҳони ҷаҳон,
Ҳоҷибе нест чу ҳеҷ касеро дигар [6, с.132].

Туғрал (туркӣ): навъе аз парандагони шикории зардчашм, бози шикорӣ, шоҳин ва номи чандин аз подшоҳони салҷуқӣ [13, с.1400].

Он, кӣ барканад ба як ҳамла дари қалъаи **тоғ**,
В-он кӣ бигушод ба як тир дари арки заранг [7, с.205].

Тоғ (туркӣ): кӯҳ дар луғоти туркӣ (Ғиёс-ул-луғот). Кӯҳ дар ин сурати туркӣ аст на форсӣ [11, с.6272].

Абулмаҷд Маҷдуд бани Одам Саноии Ғазнавӣ (т. авосити қарни панҷум, в.525 ва ё 545 ҳ.қ) аз шуарои воломақом ва аз аввалин мутасаввифини олами адабиёти форсии дарӣ аст. Вай аз асотиди мусаллами шеъру адаб мебошад, ки истилоҳоти забони туркӣ дар девони ашъораш ба чашм мехӯрад [2, с.516].

Рӯйи само гавҳар нигор офоқро чеҳра чу **қор**,
Осуда табъи рӯзгор аз шӯришӯ ҷангу ҷалаб [15, с.71].

Қор (туркӣ): дар забони туркӣ ба маънии барф аст [13, с.1562].

Гар надорӣ рӯзи даргоҳи қадар,
Чокари **Инонҷ** ё **Бектош** бош [15, с.659].

Инонҷ (туркӣ): ин калима бо таваҷҷуҳ ба риштаи он маъноеро (бовар) ифода мекунад ва зимнан номи яке аз ғуломони турк аст.

Бектош (туркӣ): мураккаб аз баг ё бак ва ё ҳам бек ва тош. Ҳар як аз ходимони як шахс, ду тан ё чанд тан, ки назди як оқо ё амир хидмат кунанд. Ҳар кадомро нисбат ба дигаре бактош гӯянд, монанди хаёлтош ва хоҷатош ба маънии тоифае низ гуфта шуда, номи шахс [13, с.365].

Заҳири Форёбӣ (мутаваффӣ ба соли 598 ҳ.қ) адиб ва шоири баландовоза ҳам дар ашъори нобаш калимоти туркиро ба кор бурда, ки чанд намунаро ба унвони шоҳиди шеърӣ нақл мекунем [2, с.521].

То назар кардаӣ ҳуснат шуда **ойинаи** дил,
Аҳли дил оинаро аз назар андохтаанд [11, с.337].

Ойина (туркӣ): ойно, ой+но=ойно, монанди моҳ, мисли моҳ.

Аз ҳар тараф, ки манзиле **кӯч** кунӣ,
Иқболи ду манзилат ба пеш ояд боз [11, с.361].

Кӯч, кӯҷ (туркӣ): реҳлат аз як манзил ба манзили дигар, нақл кардан бо аҳлу аёл ва асбоби хона, кӯчидан масдари он аст. Масдари кӯчидан дар забони дарӣ бо пасованди **-дан** ифода мешавад ва дар забони узбекӣ ба пасованди **-моқ** монанд: кӯчмоқ, китмоқ, ӯлмоқ, олмоқ [8, с.18678].

Шайх Фаридаддин Абӯҳомид Маҳмуд бини Абӯбакр Иброҳим бини Исҳоқ Аттори Кадкании Нишопурӣ (талид: байни солҳои 512-537, вафот: 627 ҳ.қ) шоир, ориф ва аз соҳибдилони бузурги адаби дарӣ аст, ки калимоти туркиро дар ашъори хеш мавриди корбурд қарор додааст:

Ин ҳама гулҳои ранг-ранг аз берун накуст,
К-аз даруни хок меҷӯшанд чун хун дар **тағор** [12, с.91].

Тағор (туркӣ): ба маънии зарфи сафолии дароз, воҳиди баробар ба даҳ килограмм, ки ба фармони Ғозоншоҳи муғул вазъ гардида [18, с.157].

Офтобе, ки хоҷа **тош** маҳаст,
Ба ғуломиш мадеҳ хон барҷост [12, с.166].

Тош ё **дош** (туркӣ): ёр, дӯст, соҳиб, дар забони форсӣ ба таври пасованд дар охири баъзе калимот дармеояд ва маънии ҳамро мерасонад, мисли хоҷатош (ҳамхоҷа), яъне ду нафар, ки дар хидмати як хоҷа бошанд ва хелтош (ҳамхел), ҳамқатор ва шаҳртош (ҳамшаҳр) [13, с.528].

Ин калима дар байни бошандагони узбекзабони Афғонистон ба гунаи **дош** талаффуз мегардад: тилдош (ҳамзабон), синфдош (ҳамсинф), юлдош (ҳамроҳ), отадош (ҳампадар).

Ваҳидаддин Муҳаммад бини Муҳаммад мутахаллис ба **Анварӣ** (т. 520, в.587 ҳ.қ.) яке дигар аз шоирони раддаи аввали забон ва адаби дарӣ ва бинобар шивоҳиди худи ӯ аз ҷумлаи туркон аст, ки истилоҳоти туркиро бо маҳорат ва устодии тамом дар лобалои ашъораш гунҷонидааст [2, с.496].

Овард пой меҳр чу дар домани замин,
Бигрифт дасти моҳ гиребони **осмон** [3, с.295].

Осмон (туркӣ): осимон ва осмон, ос (осмоқдан)+моқ, купи осилгун (бисёр овезон шуда).

Чӣ шуд акнун, ки дар луғатҳошон осмон шуд само ва моҳаш **ой** [3, с.345].

Ой (туркӣ): моҳ, моҳтоб ё маҳтоб.

Афзалиддин Хоқонии Шарвонӣ (т. 520, в.595 ҳ.қ.) суханвари машҳурва олимақом аст, ки дар ашъори нобу дилпазираш калимоти туркиро бо маҳорати адибона ба кор гирифтааст:

Иҷозат чун ба пойи шабу рӯз шуда шуд,
Товони талаб макун зи қазо дар қазои хок [10, с.56].

Товон (туркӣ): сакф [22, с.55].

Мурғони дилу ушшоқи ҷон бар фоли **туғро** рехта тавқеъи **хоқон** аз бараш аз «субҳи зилки» зевараш [10, с.93].

Тағро, туғро (туркӣ): имзои махсуси шоҳ, мурғи шикорӣ [22, с.78].

Хоқон (туркӣ): дар собиқ лақаби подшоҳони Чин ва Туркистон буда, ба маънии хон, хонон ё подшоҳ ё шоҳаншоҳ [13, с.822].

Низомии Ганҷавӣ (т.530, в.614 ҳ.қ) шоири машҳур ва баландовозае, ки бунёнгузори суннати хамсасаройӣ ва қофиласолори шоирони адвори баъдӣ дар хамсасаройӣ аст. Калимоту истилоҳоти туркиро бо тарзи бисёр табиӣ ва бо зарофати шоирона дар ашъораш мавриди корбурд қарор додааст.

Суръати барқи ин буроқ турост,
Барнишин коми шаб ин **ятоқ** турост [20, с.427].

Ятоқ, ятоғ (туркӣ): пос, нигаҳбонӣ, ҳифз. Ятоқия, посбон, нигаҳбон [13, с.1993].

Шоҳ, к-Арп Арслони кишваргир,
Беҳ зи Алп Арслон ба тоҷу сарир [20,с. 446].

Арслон (туркӣ): шер, шерри даранда, маҷозан марди шуҷоъ [8, с.1853].

Алп (туркӣ): баҳодур, паҳлавон.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (т.604, в.672 ҳ.қ.) яке аз урафои бузург ва сроишгари асари сутурги ирфонӣ – «Манавии маънавӣ» низ дар ашъораш аз калимоти туркӣ фаровон истифода намудааст:

Гуфт тӯтиро чӣ хоҳӣ **армуғон**,
К-орамат аз хиттаи Ҳиндустон [4, 33 маснавии маънавӣ].

Армуғон, ярмуғон (туркӣ): туҳфае, ки аз ҷое ба ҷойи дигар баранд, савғот, раҳоварди сафар [16, с.206].

Зикру фикри фориғ аз ранҷу димоғ,
Кардаме бо сокинони чархи **лоғ** [4, 46 маснавии маънавӣ].

Лоғ (туркӣ): истеҳзо, пузханд [22, с.88].

Натиҷа. Аз мутолиаи осори шуморе аз шоирони тирози аввали забони форсии дарӣ бад ин натиҷа даст меёбем, ки калимоти туркӣ аз ҳамон мароҳили нахустини ташкили ин забон ва эҷоди осори манзуму мансур бад он дахил буда, аз сӯйи гӯяндагони бузург ба паймонаи густурдае ба кор гирифта шудааст. Далели он ҳам ба аҳли дониш ва биниш комилан рӯшан ва ҳувайдост ва он иборат аз муносиботу равобити бисёр наздик миёни мардумони турки қадимӣ, яъне туркон ва тоҷикон аст, ки бо забони якдигар ошноӣ дошта, аз русуму анъанот ва сунани муштарак ва ё мушобеҳе бархӯрдор будаанд. Мутолиаи таърихи адабиёти форсии дарӣ мерасонад, ки асроишгарону нависандагони ин замон, чи дар адвори қадим ва чи дар мароҳили пасин, афзун бар ошноие ба забони турки худ аҳли ин забон буда ва аммо бинобар шароити фарҳанги ва ривоҷи густардаи забони форсии дарӣ дар қаламрави подшоҳону салотини сулолаҳои мухталифи турк, осори мондагори худро бад ин забони пурузубат офаридаанд. Аз ин рӯ, дохил шудани вожаҳои туркӣ дар

мутуни назму насри форси дарӣ дар маънои аслии он ва ё бинобар қавонини забоншинохтӣ, бо каме тағйири талаффузу маънӣ амри комилан табиист.

Муноқиша. Яке аз хусусиёти забонҳоро хусусиёти иҷтимоии он ташкил медиҳад. Ин хусусиёт ба забонҳо фурсати мубодилоти вожагониро фароҳам месозад. Вожаҳои ҳар забон дар адвору шароити фарҳангии мухталиф дучори таҳаввули маъноӣ ва навиштарӣ мегрдад, ки забонҳои узбекӣ ва дарӣ низ аз ин қоида кулан мустасно нестанд. Масалан, дар ашъори Рӯдакӣ калимаи **фом** маънои **вом**ро ифода мекунад. Дар ин мақола мавориди мавриди муноқиша андак-андак, ки ба он ишора мекунем:

-вожаи **армуғон**, ки дар ашъори Мавлоно ба маънои раҳоварди сафар, туҳфа ё савғот ба кор рафта, шакли навиштории қадимии он **ярмуғон** мебошад, туркӣ будани ин вожаро исбот мекунад;

-вожаи **кишкин**, ки дар ашъори Рӯдакӣ маънии хурдро ифода мекунад, шакли имлоии имрӯзаи он **кичкин** мебошад.

Як мавриди дигар ҳам дар мавриди забони модарии шоирони қабл ёдкард аст, ки баъзеҳо гумон мебаранд, ки ҳамаи шоирони форсигӯй форсизабонанд, дар ҳоле ки чунин нест. Ба гунаи мисол Анварии Абевардӣ, Фаррухии Систонӣ, Низомии Ганҷавӣ ва даҳҳо тани дигар, ки осори мондагореро ба забони дарӣ офаридаанд, туркзабонанд.

Аз мавориди ёдшуда дармеёбем, ки вожаҳо дар зеҳни шоирон аз ҳар забоне, ки бошанд, ҳиссиёти муҳимро доранд ва ниёзе нест, ки миёни забонҳо ва вожаҳо марз кашида шавад, зеро ҷавлонгоҳи андешаи шуаро марз намешиносад. Биноан бояд бипазирем, ки тадохили вожаҳои як забон ба забони дигар як амри табиӣ буда ва реша дар хусусиёти иҷтимоии забон дорад ва ниёзе ба каҷбаҳсӣ дар ин замина вуҷуд надорад.

Натиҷагирӣ. Аз маҷмӯи мабоҳис ба ин натиҷаи куллӣ мерасем, ки:

-забонҳо дар кулл хосияти иҷтимоӣ дошта, мубодилоти вожагонӣ байни забонҳо як падидаи табиӣ мебошад.

-аксари сароишгарони раддаҳои авали забони форсӣ туркони форсигӯй будаанд.

-тадохили вожаҳои туркӣ дар забони форсӣ ва баръакси он ношӣ аз равобити наздики фарҳангии ду миллати бузург – турку тоҷик мебошад.

-тағйироти воридшуда дар шакли навиштарӣ ва маъноии вожаҳо мураттаб ба замону шароити фарҳангӣ мебошад.

-қайд намудани вожаҳо дар маҳдудаи ин забон ё он забон бар хилофи фитрати иҷтимоии забонҳо мебошад.

Дар як ҷамъбандии умумӣ бояд хулоса намуд, ки дар тавили таърих шуаро, удабо ва нависандагони турку тоҷик бо ҳам муносибати наздики фарҳангӣ ва равобити эҷодӣ дошта, дар партави ин равобит муваффақ ба падид овардани осори муҳим ба ҳар ду забон шуданд. Биноан маҳсур намудани шеъру шоир ва забону адабиёт ба ҷуғрофиёи хоссу марзи сиёсии мушаххас кори оқилона набуда ва талоши беҳуда пиндошта мешавад, зеро донишу тамаддуни башарӣ ва маънавиёт дар кулли андешаи башарӣ ва маҳсулоти тафаккур ва хирад инсонҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон дар ҷуғрофиёи мушаххасу хатти сиёсӣ муин маҳсур намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҷанг، نصرالله. (1381). **گنجینهٔ لغات، دوجلدی.** چاپ اول، تهران: انتشارات گنجینه.
2. اختریان، سید محمود. (1384). اطلاعات عمومی پیام. چاپ یازد هم، تهران: انتشارات عالمگیر.
3. بابایی، پرویز. (1376). دیوان انوری. چاپ اول، تهران: موسسهٔ انتشارت نگاه.
4. بلخی، جلال‌الدین محمد. مثنوی معنوی. چاپ کابل.
5. تقوا، سید نصرالله. (1380). دیوان اشعار حکیم ابومعین حمیدالدین ناصر خسرو قبادیانی. چاپ اول، تهران: انتشارات معین.
6. دبیرسیاقی، سید محمد. (1384). دیوان منوچهری دامغانی. چاپ پنجم، تهران: انتشارات زوار.
7. دبیر سیاقی، سید محمد. (1349). دیوان حکیم فرخی سیستانی. چاپ دوم، تهران: انتشارات زوار.
8. دهخدا، علی اکبر. (1377). لغت نامهٔ دهخدا. چاپ دوم در 15 جلد، دورهٔ جدید، موسسهٔ انتشارات و چاپ دانشگاه تهران.
9. زرین کوب، عبدالحسین. (1380). پله پله تا ملاقات خدا. چاپ هژدهم، تهران: انتشارات علمی.
10. سجادی، سید ضیأالدین. (1380). گزیدهٔ اشعار خاقانی. چاپ یازدهم، تهران: موسسهٔ انتشارات امیر کبیر.
11. شیرازی، حاجی شیخ احمد. (1361). دیوان ظهیرالدین فاریابی. چاپ دوم، تهران: انتشارات فروغی.
12. عطار، شیخ فریدالدین نیشاپوری. (1368). دیوان شیخ فریدالدین عطار نیشاپوری. چاپ پنجم، تهران: سازمان انتشارات جاویدان.
13. عمید، حسن. (1360). فرهنگ فارسی عمید. چاپ سوم، دوجلدی، تهران: موسسهٔ انتشارات امیر کبیر.
14. گروسه، رنه. (1368). امپراطوری صحرا نوردان. ترجمهٔ میکده، عبدالحسین، چاپ سوم، تهران: شرکت علمی و فرهنگی.
15. مدرس رضوی، محمد تقی. (1380). دیوان سنایی غزنوی. چاپ پنجم، تهران: انتشارات سنایی.
16. معین، محمد. (1375). فرهنگ فارسی. دورهٔ شش جلدی، تهران: نشر سرایش.
17. مول ژول. (1376). شاهنامهٔ فردوسی. چاپ چهارم، تهران: انتشارات بهزاد.
18. مومن، علی. (1371). تورکی د رفارسی. ناشر: مؤلف، همدان ـ ایران.
19. میرزایف، عبدالغنی. (1958م). آثارابوعبدالله رودکی. دوشنبه: اکادمی فن‌های تاجیکستان.
20. نظامی گنجوی. (1381). کلیات حکیم نظامی گنجوی. چاپ دوم، تهران: انتشارات بهزاد.
21. نیکلسون، رینولد. (1382). مثنوی معنوی. چاپ ششم، تهران: نشر پیمان.
22. هیئت، جواد. (1379). مقایسهٔ اللغتین (ویژه نامهٔ مجلهٔ وارلیق). چاپ دوم، تهران: توركجه ـ فارسجه، مدنی درگی.

ҶОЙГОҲИ ВОЖАҲОИ ТУРКӢ ДАР СУРУДАҲОИ БАРХЕ ШУАРОИ ПОРСИГӮЙИ КЛАССИК

Дарёфт ва тавзеҳи вожаҳои дахили туркӣ дар забони форси дарӣ дар таърихи адабиёти форси дарӣ, бавижа дар маҳдудаи ҷуғрофиёи Афғонистон пешинаи чандоне надоштааст. Зеро ин гуна таҳқиқ як

фаъолияти тақрибан навини илмӣ ва таҳқиқӣ буда, муҳаққиқони забон таваҷҷуҳи камтаре дар ин замина доштаанд. Маълумотҳои тоза иншон медиҳанд, ки дар бораи забони туркӣ ва мабоҳиси туркшиносӣ (Turkalogy) таҳқиқоти зиёде дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон мисли Англия, Русия, Фаронса, Олмон ва дигар мамлакатҳо сурат гирифта, мавҷудияти вожаҳои туркӣ дар забонҳои мухталифи ҷаҳон ба исбот расонида шуда, ин иттилоот низ аз тариқи кутуб, рисолот ва Internet дар ихтиёри хонндагон ва пажӯҳишгарон қарор гирифтааст. Забонҳои мухталифи ҷаҳон ба воситаи бархӯрдор будан аз ғизои луғавӣ ва донистани осори бадеӣ ва низ ба далели муносиботи наздики гӯяндагонашон аз ҳамдигар таъсир пазируфтаанд, ки забони туркӣ низ бо доштани ҷанд лаҳҷа ва шохаи мухталиф яке аз ин забонҳои ғании дунёро ташкил медиҳад.Аз матни мақола дармеёбем, ки вожаҳои туркӣ аз ҳамон оғози ташкили шеъри дарӣ ба ин забон роҳ ёфта, ҳузурашро дар адвори баъдӣ низ ҳифз намудааст. Пешниҳоди мо ба аҳли қалам ва андеша ин аст, то дар ин мавриди ба хусуси таҳқиқ ва тааммуқи пештар намуда ва ҳамбастагии фарҳанги қадимии мавҷуд миёни турк ва тоҷикро барҷастатар созанд.

Калидвожаҳо: забон, адабиёт, вожа, туркӣ, форсӣ, Эрон, Тӯрон, турк, тоҷик, фарҳанг.

МЕСТО ТУРЕЦКИХ СЛОВ В ПОЭЗИИ ПЕРСОЯЗЫЧНЫХ ПОЭТОВ - КЛАССИКОВ

Изучение источников формирования персидско-таджикской литературы и исследование ее литературных и культурных связей с различными народами и нациями являются одной из важнейших проблем истории литературы. Вопросы взаимовлияния и взаимообогащения персидско-таджикской и турецкой литератур являются важнейшими проблемами истории их культурных отношений. Исследование и изучение путей их взаимовлияния, способов взаимопроникновения сюжетов, мотивов, жанров и тем, а также идей и образов актуальны и важны до настоящего времени. Новейшая литература Турции опиралась на свои богатые литературные традиции, на устное творчество народа, на творения своих величайших художников слов. Влияние турецкой литературы на развитие персидско-таджикской литературы проявляется в том, что плеяда выдающихся личностей обратились к наследию турецких классиков. Турецкая литература, сформировавшаяся на ниве собственной истории и культуры, и, впитавшая духовные ценности других народов, является весьма богатой и высокой по своей художественно-эстетической значимости. Одним из важнейших источников турецкой литературы являются творения и воззрения представителей персидско-таджикской классической литературы. Общечеловеческие гуманистические мотивы, такие как добродетель, патриотизм, человеколюбие, благородство в отношении неимущих, составляющие основу шедевров нашей классической литературы на протяжении веков, проникнув на литературную арену Турции посредством назидательных и глубоко философских творений как Рудаки.

Ключевые слова: язык, литература, слово, турецкие слова, персидский язык, Иран, Туран, турк, таджик, культура.

PLACE OF TURKISH WORDS IN POETRY OF PERSONAL-LANGUAGE POETS - CLASSICS

The study of the sources of formation of Persian-Tajik literature and the study of its literary and cultural ties with various peoples and nations are one of the most important problems in the history of literature. The issues of mutual influence and mutual enrichment of Persian-Tajik and Turkish literature are the most important problems in the history of their cultural relations. Research and study of ways of their mutual influence, ways of interpenetration of plots, motives, genres and themes, as well as ideas and images are relevant and important to date. The latest Turkish literature relied on its rich literary traditions, on the oral creativity of the people, on the creations of its greatest word artists. The influence of Turkish literature on the development of Persian-Tajik literature is manifested in the fact that a galaxy of prominent personalities turned to the heritage of Turkish classics. Turkish literature, formed in the field of its own history and culture, and which absorbed the spiritual values of other peoples, is very rich and high in its artistic and aesthetic significance. One of the most important sources of Turkish literature is the creations and views of representatives of Persian-Tajik classical literature. Universal humanistic motives such as virtue, patriotism, philanthropy, nobility towards the poor have been the basis of the masterpieces of our classical literature for centuries, penetrating the Turkish literary arena through instructive and deeply philosophical creations like Rudaki.

Keywords: language, literature, word, Turkish words, Persian, Iran, Turan, Turk, Tajik, culture.

Сведения об авторе: ***Мино Корвонӣ*** – Университет Форёб Исламской Республики Афганистан, преподаватель факультета языка и литературы

Information about the author: ***Mino Korvon*** **-** Forob University of the Islamic Republic of Afghanistan, lecturer at the Faculty of Language and Literature

УДК:491.550-3:82

МУРОДИФОТИ ҶУФТ ДАР АСАРҲОИ БАҲМАНЁР

Юсупова М.Д.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Дар забони адабии хозираи тоҷик муродифҳои ҷуфт, ки аз ду калима иборатанд ва маъниҳои воҳидро ифода мекунанд, пурбасомаданд. Муродифҳои ҷуфт аз ҷиҳати сохт ва ҷойи ҷузъҳо ба ибораҳои фразеологӣ шабоҳат доранд, аммо ибороти фразеологӣ шинохта намешаванд, зеро ибораҳои фразеологӣ ба маънои маҷозӣ меоянд, муродифоти ҷуфт бошанд, ба маънии луғавии худ омада, ҷузъи ин муродифот дар алоҳидагӣ ҳам истеъмол мешаванд.

Забоншиносон роҷеъ ба масоили муродифоти ҷуфти забони адабии хозираи тоҷик пажӯҳишоти зиёде ба анҷом расонида, ки таҳқиқоти забоншиносоне, чун Н.Маъсумӣ, М.Қосимова, Б.Сиёев, Б.Камолиддинов, С.Ҳоҷиев, М.Муҳаммадиев, М.Аминов,

Ш.Кабиров, С.Ҳошимова ва дигарон аз ин шуморанд. Чунончи, забоншинос Б.Сиёев истифодаи бамавқеи муродифҳои ҷуфтро боиси нафосату равонии гуфтор меҳисобад [20, с.30]. Муҳаққиқ М.Аминов бошад, таъкид менамояд, ки «синоним ва ҷуфтҳои синонимӣ яке аз категорияҳои лексикӣ буда, нависанда ва гӯяндаро водор месозад, ки то ҳадди имкон фикрашро аниқ ифода намояд, назокату нафосат, савти сухан ва муҷаззабии онро ба ҳадди балоғат расонад [1, с.18].

Зимнан бояд қайд кард, ки муродифоти ҷуфт дар пажӯҳиши зобоншиносон бо истилоҳоти гуногун зикр шудаанд. Масалан, М.Муҳаммадиевҳангоми тадқиқи муродифоти забони адабии ҳозираи тоҷик [12, с.82] онҳоро «ҷуфтҳои синонимӣ», Н.Маъсумӣ [13, с.53], С.Ҳошимов [23, с.68] «ибораҳои муродифӣ», Ш.Кабиров «синонимҳои пай дар пай» [9, с.83], Б.Сиёев (20, с.28) «воҳидҳои ҷуфт», С.Хоҷиев «таркибҳои ҷуфт» [24, с.28] гуфтаанд. М.Муҳаммадиев қайд мекунад, ки «нависанда ба туфайли синоним ва ҷуфтҳои синонимӣ имконият пайдо мекунад, ки бе такрори номатлуб ҳодисаву воқеъотро бо тамоми ҷузъиёташ ба назари хонанда ҷилвагар созад» [12, с.14-16]. У.Саъдуллоев бошад, бар ин назар аст, ки истилоҳи «муродифи ҷуфт» бештар ба истифода мувофиқ аст, зеро «онҳо аз як ҷуфт, яъне аз ду калима иборат буда, дар баробари ин бо ҳам муродифанд» [19, с.21].

Мусалламан, истифода ва ташаккули таркиби ҷуфт қонуниятҳои худро дорад, зеро вижагиҳои сохташавии таркибҳои ҷуфт имкон намедиҳад, ки ҳар вожаи дилхоҳи луғавӣ канори ҳам омада, ҷуфти муродифиро ташкил диҳанд. Ба андешаи Б.Сиёев дар сохтани муродифоти ҷуфт ба замми сермаъноии калимаҳо, инчунин алоқамандии онҳо аз ҷиҳати маънӣ муҳим аст. Ин муҳаққиқ таъкид мекунад, ки «Ҳамин ҷиҳати калимаҳо рафта-рафта имконият фароҳам меорад ва замина мешавад, ки ин ё он воҳид ба ҳамдигар зич муттаҳид гашта, таркиби ҷуфтро ташкил намояд» [20, с.30].

Зимнан бояд гуфт, ки бо вуҷуди ин омӯзишҳову пажӯҳишоти олимони соҳа дар бахши муродифоти ҷуфти забони адабии ҳозираи тоҷик муаммову мушкилоти зиёди нокушода мавҷуд аст, ки омӯзиши бештареро тақозо дорад ва дар муайяну баррасии вижагиҳои муродифҳои ҷуфт фикру ақидаҳои гуногун мавҷуданд.

Воқеан, муродифҳои ҷуфт таркиби бойи луғати забон буда, мақсади гӯяндаро равшану возеҳ нишон медиҳанд. Дар асарҳои нависандаи маъруф Баҳманёр чунин навъи муродифҳо бо касрати корбурдашон имтиёзи бештар доранд. Нависанда муродифи ҷуфтро бештар барои пуртаъсирии сухан, ҷолибияти тасвир ва мавзунии калом истифода ва эҷод карда, бо мақсади бештару равшантар зоҳир сохтани вижагиҳои предмет аз муродифоти ҷуфт баҳраи фаровон бурдааст.

Бояд қайд кард, ки муродифоти ҷуфт аз ду калимаи ҳаммаъно ё наздикмаъно таркиб ёфта, ҷузъи сонӣ дар онҳо барои бештар намудани таъсири ҷузъи аввал хидмат мекунад. Ҷуфти муродиф дар забон ба воситаи пайвандакҳои паиҳами «-ва», «-у», «-ю», сохта мешаванд.

Зимни омӯзиши муродифоти ҷуфт дар асарҳои устод Баҳманёр мо муродифоти ҷуфти умумистеъмолӣ, муродифоти ҷуфти адабӣ-китобӣ, муродифоти ҷуфти гуфтугӯӣ, муродифоти ҷуфти сохтаи нависандаро аз ҳам фарқ карда, ба таври алоҳида мушаххасан баррасӣ намудем.

Муродифи ҷуфти умумиистеъмолӣ, муродифҳои маъмул мебошанд ва зиёд мавриди истифода қарор мегиранд. Ин навъи таркибҳои ҷуфт ҳам дар забони гуфтугӯӣ ва ҳам дар забони китобӣ корбаст мешаванд. Муродифоти ҷуфти умумиистеъмолиро устод Баҳманёр низ барои баёни андеша ва образнокии сухану мавзунии калом зиёд истифода кардааст.

Дар асарҳои Баҳманёр муродифоти ҷуфти «макру фиреб», «обрӯву эътибор», «шаҳду шакар», «сеҳру афсун», «шакку шубҳа», «ҷангу ғубор», «зориву тавалло», «моту маҳбут», «буғзу кина», «тарсону ларзон», «боҷу хироҷ», «хашму ғазаб»,«қаҳру ғазаб», «кибру ғурур», «шавқу завқ», «доду фарёд», «ҷидду ҷаҳд», «туҳмату бухтон», «тиру туфанг», «ҳусну латофат», «як дилу як забон», «шӯру мағал», «сайру гашт», «зарбу лат», «ғайраву ҳоказо», «ёвару мададгор», «тарсу ваҳм», «сару сурат», «кушоду барҳаво», «зиндаву поянда», «чобуку далер», «зориву тавалло», «воҳимаву муболиға» ва амсоли инҳо бо касрат ва вижаи ҳунармандонаи истифода мавриди таваҷҷуҳи қарор гирифтаанд. Масалан: *«Шабҳо хоби кобус медид магар, доду фарёдкунон бедор мешуд»* [4, с.188]. Дар ин ҷумла муродифотиҷуфти «доду фарёдкунон» таркибест, ки барои муассири баёни ҳолати тасвиршаванда хидмат мекунад ва аз муродифоти серистеъмол мебошад. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ «дод»- фиғон, нола, шикоят, арзи касеро шунидан, нидои вой, фарёд ва изҳори таассуф [22, с.457] маънидод шудааст. Вожаи «фарёд» - овози баланд, бонг, наъра, ёрӣ хостан бо овози баланд, додгӯӣ бо овози баланд [22, с.386] шарҳ ёфта, ҷуфти ин ду вожа- «доду фарёд»- фиғону нолаи шикоятомез [22, с.457] гуфта шудааст. Чуноне ки мебинем, ин ду вожаи наздикмаъно дар якҷоягӣ ба муассирии тасвир ва муҳтавои матн таъсири амиқ дорад. Дар сурати истифодаи яке аз вожаҳои муродифи ҷуфти мазкур маъно

тағйир намеёбад, вале ҷумла- мавзунии баён, муҳтаво- таъсири сухан ва тасвир – ҷозибияти хешро гум мекунад. Чунончи: «Шабҳо хоби кобус медид магар, додгӯён бедор мешуд» ва ё «Шабҳо хоби кобус медид магар, фарёдкунон бедор мешуд».

Дар намунаи «*Сайёд ҳоло аз фарози Тобасанг ба камари кӯҳи Оҳан менигариста медонист, ки ба ҳамаи* ***шакку шубҳаҳои*** *худ дар ҳамвории камари кӯҳ ҷавоб меёбад»* [4, с.142] низ айнан ҳамин вижагиро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Муродифоти ҷуфти «шакку шубҳа» аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик буда, дар фарҳангҳо тақрибан як хел шарҳу тавзеҳ ёфтаанд: «Шак(к)»-шубҳа, гумон [22, с.619], «шубҳа»- шак, гумонбарӣ, гумонбар шудан, шубҳа доштан, дилпур набудан [22, с.656] маънӣ шудааст. Дар сурати истифодаи яке аз ҷузъҳои муродифи ҷуфти мазкур маънӣ аслан халал намебинад, аммо эҳсосу ҳаяҷон ва таъсири тасвир коҳиш меёбад, ки воситаи бадеии асар ва назокати забонии нависанда дар ин ҳолат аз байн меравад. Мисли «Сайёд ҳоло аз фарозиТобасанг ба камари кӯҳи Оҳан менигариста медонист, ки ба ҳамаи *шакки* худ дар ҳамвории камари кӯҳ ҷавоб меёбад» ё «Сайёд ҳоло аз фарози Тобасанг ба камари кӯҳи Оҳан менигариста медонист, ки ба ҳамаи *шубҳаҳои* худ дар ҳамвории камари кӯҳ ҷавоб меёбад». Мебинем, ки дар истифодаи ҷузъи аввали муродифи ҷуфти мазкур бештар коҳиши таъсири сухан ва обуранги тасвир эҳсос мешавад. Ҷузъи дувуми муродифи ҷуфт барои пурра кардани ҷузъи аввали хеш омадааст.

Муродифоти ҷуфти адабӣ-китобӣ. Дар асарҳои нависанда Баҳманёр ин навъи иборoти ҷуфт нисбат ба дигар навъҳои ҷуфти муродифот бештар мавриди истифода қарор гирифтаанд. Муродифоти ҷуфти «орому осуда», «тарсу ҳарос», «сарҳаму маҳзун», «пурхавфу пурмоҷаро», «нуру сафо», «паёму хабар», «ситезу ғирев», «орзуву умед», «ошуфтаву парешон», «кӯҳу ҳомун», «хотироту ёддошт», «буздилу бечуръат», «пешгуфтору пешоғоз», «ошуфтаву ақлбохта», «ғуссаву ҳасрат», «овозаву қисса», «ғализу талх», «саховату каромат», «танбалу бекорхӯҷа», «ҳузарбу тануманд», «осемаву шитобзада», «ғамхору вафодор», «бераҳму ҷоҳил», «маълуму машҳур», «ақлу хирад», «аҷибу ғариб», «сурату андом», «меҳру шафқат», «лутфу марҳамат», «бепарвоиву беғамӣ», «сулҳу салоҳ», «хайру назр», «устувору бовиқор», «пинҳону ниҳон» ва амсоли ин, аз вожаҳои адабӣ созмон ёфта, дар маънисозиву образофаринӣ ва тасвиргарии асарҳои нависанда фаровон ба кор рафтаанд.

Бештари маврид Баҳманёр аз ду силсилаи ҷуфти муродифот ҷуфти бештар адабӣ-китобӣ бударо интихоб мекунад. Масалан, дар ҷумлаи зер муаллиф аз муродифоти «хобу рӯъё» кор гирифтааст. Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ҷуфти муродифи «хобу хаёл» низ ба кор меравад, ки нисбат ба «хобу рӯъё» серистеъмол мебошад. Устод Баҳманёр дар баёни андеша ба «хобу рӯъё» афзалият дода, менигорад: «*Ангор ҳар чӣ дар атроф рух медод, ӯро дахле надошт, ё шояд ҳанӯз ҳам худро дар олами* ***хобу рӯъёҳои*** *худ, ё каси дигар медид»* [4, с.41]. Чаро дар ин ҷумла маҳз муродифи ҷуфти «хобу рӯъё» на «хобу хаёл» ба кор гирифта шудааст? Дар зимн гуфтанист, ки дар «Сармадеҳ» ва «Шоҳаншоҳ» ҷуфти муродифии «хобу хаёл» дар силки истифодаи нависанда дида нашуд. Дар ҳоле, ки ҳарду вожа - «рӯъё» ва «хаёл» калимаи иқтибосшуда аз забони арабист ва бо ҳам наздикмаъно низ мебошад. Дар луғат вожаи «рӯъё»-хоббинӣ, он чи дар хоб дида мешавад [22, с.182], ташреҳ шуда, калимаи «хаёл»- фикр, андеша, пиндошт, гумон, зан(н), орзу, тасаввур, хаёлҳои ширини ҷавонӣ, он чи дар хоб дида шуда, дар андешаи кас пайдо мешавад [22, с.417], маънидод мегардад. Аз он ҷо, ки вожаи «рӯъё» нисбат ба «хаёл» аз ҷиҳати тобиши маъноӣ бештар ба вожаи «хоб» наздикӣ дорад ва «хаёл» маънии бештареро бозгӯ аст, метавон гуфт, нависанда ба хотири наздикии бештари маъно, вожаи «рӯъё»-ро муродифи ҷуфтии «хоб» интихоб кардааст. Аз дигар сӯ, «рӯъё» бештар ба муҳтавои куллии ҷумла мувофиқат дорад ва савтиёти суханро низ таъмин месозад. Ба ин шева, истифода намудани муродифоти ҷуфти адабӣ-китобиро метавон аз вижагиҳои нигориши устод Баҳманёр шинохт, ки ба касрати корбурд аз дигар навъи муродифоти ҷуфти забони адабии ҳозираи тоҷик имтиёз доранд.

Муродифоти ҷуфти гуфтугӯӣ. Мусаллам аст, ки калимаҳо ҳама табақаҳои лексикаи забонро ташкил медиҳанд ва бо вижагиву доираи истеъмолашон аз ҳам фарқ мекунанд. Лексикаи гуфтугӯиро низ доираи истеъмоли калимоте мушаххас мекунад, ки асосан дар байни оммаи халқ истифода мешавад, вале дар баробари ин, калимаҳо вобаста ба доираи истеъмол ба гурӯҳҳои мушаххас ҷудо мешаванд. Масалан, доираи истеъмоли лексикаи шевагӣ аз лексикаи умумихалқӣ маҳдудтар аст. Дар асарҳои Баҳманёр мо муродифоти ҷуфти гуфтугӯии умумихалқиро нисбат ба муродифоти ҷуфти шевагӣ бештар мушоҳида кардем, ки «ному нишон», «пушту паноҳ», «қию чув», «оҳу воҳ», «даву тоз», «хешу табор», «шарму ҳаё» ва амсоли ин аз ин қабиланд.

Нависанда ба хотири кушоду равшан, пуртаъсир ифода намудани фикр аз ин намуди муродифҳои ҷуфт истифода кардааст. Чунончи: «*Ин бори аввал набуд, ки пайтобаҳои Фармони Мурод беному нишон гум мешуданд».* Ё ин ки: *«Бифаҳманд, ки бечораяки*

бепушту паноҳе танҳои танҳо, бо як сари сахташ мондааст, чаро бо ӯ дилхушӣ накунанд?» [4, с.76].

Муродифоти ҷуфти гуфтугӯӣ, ки аз лексикаи шева баҳра гирифтааст, дар асари нависанда нисбатан камтар дида шуд. Масалан, мо танҳо муродифоти ҷуфти «зулмоту ғаждӣ» ва «ғору мағок»-ро, ки ба гурӯҳи калимоти шевагии асарҳои Баҳманёр шомил аст, мушоҳида кардем: *«Одамӣ чаро анвори самоиву фари худоиро дидан намехоҳад, аз зулмоту ғаждӣ ворастан намехоҳад, Заринаи Зарнигор!»* [4, с.41]. Дар ин ҷумла вожаи «ғаждӣ» ба маънои «чирк», «ифлосӣ», «касиф», «олуда» омадааст, ки калимаи маъмули шеваи шимоли Тоҷикистон, махсусан водии Зарафшон мебошад.

Муродифоти ҷуфтисохтаи нависанда. Қисмати аъзами муродифоти ҷуфти асарҳои Баҳманёрро муродифоти сохтаи худи нависанда ташкил мекунанд. Воқеан, ба қавли муҳаққиқ Олимҷон Қосимов «сарнавишти вожаҳо ба дасти аҳли сухан аст. Дар раванди эҷод ба рӯҳия, ба табъу муҳити андешаи суханвар вобаста аст, ки чи калимае корбаст мешавад, кадом маънии вожа ба зеҳни ӯ созгор меояд, дар хотири ӯ кадом вожае аз силсилаи калимаҳои ҳаммаънӣ зоҳир мешавад. Агар ҳеҷ калимае ӯро писанд наояд, барои ифодаи чизе ё падидае агар вожае пайдо нагардад, билохира чӣ чизе эҷод хоҳад кард» [25, с.150]. Ҳусни баёни устод Баҳманёр низ бо андешаву мулоҳизаҳо ва навиву тозагии хеш мутафовиту ҷолиб аст, ки аз чандин ҷиҳат барои ғанӣ гаштани фонди луғавии забони тоҷикӣ аз сарчашмаҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Ба ин гурӯҳи муродифоти ҷуфт он таркибҳоеро ворид намудем, ки маҳсули тахайюлу эҷоди муаллиф буда, то имрӯз ба шакли ҷуфтҳои муродифӣ маъмул набудаанд, ё камтар мавриди истифода қарор мегирифтаанд, ба мисли «бадфеълу даҳанбефаровез», «маҳорату соҳибхунарӣ», «тахайюлу орзу», «мадеҳаву тавсиф», «дилкушоду некнафас», «бадҳайбату азамат», «хору низор», «хешону пайвастагон», «ошуфтаву дилшикаста», «асрорангезу бимнок», «рӯзгордидаву таҷрибаандӯхта», «сафову роҳат», «ниқору низоъ», «мадеҳаву авсофӣ» ва амсоли инҳо. Воқеан, устод Баҳманёр «даҳҳо вожаву ифодаҳои наву тозаро мавриди истифода қарор додааст, онҳоро аз нав зинда ва моро тавассути он бо замону макон, бо вақту маҳалли воқеии он вожаҳо наздик сохтааст» [25, с.151]. Муродифоти ҷуфти сохтаи нависандаро метавон ба чанд навъ дастабандӣ кард:

1. Ҷуфтмуродифоти нав, яъне аз ду вожаи ҳаммаъно нависанда муродифи ҷуфт месозад, ки то имрӯз дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ истеъмол нашудааст. Ба ин гурӯҳ муродифҳои «нозуку қашанг», «беназиру машҳур», «гузашту додрасӣ», «хирагону ҳангомаҷӯён», «ғамшарику ҳамроз», «нороҳативу ноҷӯрӣ», «ваҳмангезу балохез», «гому дав», «тамкину салобат», «шаккоку осӣ», «муроқибату тафаккур» дохил шуда, зимнан тарзҳо ва усулҳои тозаеро дар муродифсозии калимаҳо пешорӯй меоранд. Мисол:

Валекин Дорошо наёмад, дӯстонаш омаданд, падари бузургу сахопешаи оҳангар, Пиршодии маъруфро ёд карданд, баъд ба тавсифи худи Миршодӣ оғозиданд, ки ҳунараш ҳампояи ҳунари падар, саховату карамаш шуҳраи баҳру бар, дар гузашту додрасӣ яктои ин обрав аст… [4, с.91].

Ё ин ки:

«Чаро ки «кӯза» чунон нозуку қашанг буд, ки заргарбача дархӯр дошт, то ба он нигини зарин биншонад, ҳуснашро афзояд, лабрези май намояд, пасон ҷуръа-ҷуръа бинӯшад, нӯшаш бод!» [4, с.125].

2. Иваз кардани яке аз муродифоти ҷуфти маъмул. Нависанда яке аз ҷузъҳои муродифи ҷуфти маъмули забонро бо вожаи дигар иваз мекунад ва муродифи ҷуфте месозад, ки то ин дам ба чунин шакл мавриди истеъмол нашуда буд ё агар шуда ҳам бошад, доираи истеъмоли танг дошт. Як бахши маҳорати ҳунарии нависанда ивази як компоненти ҷуфтмуродифоти маъмул бо вожаи ҳаммаънои он аст. Бо риояи қонуну қоидаи сохташавии муродифоти ҷуфт ба воситаи ҷойивазкунии ҷузъҳои чунин ифодаҳо шакли нави таркибҳои ҷуфти ҳаммаъно эҷод мешаванд, ки бо якдигар алоқаи зичи семантикӣ доранд. «Нангу бешармӣ», «чусту бебок», «ҳузарбу тануманд», «хориву забунӣ», «бераҳму ҷоҳил», «ахлоқу номус», «ҳайрону нигарон», «таънаву надомат», «маслиҳату муҳокима» ва монанди инҳо аз ин шуморанд.

Дар ҷумлаи *«Ин ғӯл низ чун ҳама ғӯлон бадҳайбату азамат буду ба ҷойи либос танашро пашми ғавсе пӯшида»* [4, с.154], муродифи ҷуфти «бадҳайбату азамат» бештари вақт дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба шакли «азиму бадҳайбат» ва гоҳе «бадҳайбату азим» ба кор меравад, аммо устод Баҳманёр ин муродифоти ҷуфтро ба шакли «бадҳайбату азамат» истифода мекунад. Ба андешаи мо, чунин сохта шудани муродифи ҷуфти мазкур ба хотири таъмини таъсири калом ва савтиёти сухан низ ҳаст, зеро «бадҳайбат» ва «азамат» вожаҳои ҳамқофия буда, хушоҳангиву равонии ҷуфтмуродифоти мазкурро таъмин кардаанд. Аз сӯйи дигар, дар таркиби ҷуфтмуродифоти мазкур падидаи аҷибе низ ба назар мерасад, ки ин муродиф шудани танҳо ҷузъе аз калимаи мураккаби таркиби

муродиф аст. Яъне, дар таркиби «бадҳайбату азамат», танҳо ҷузъи «ҳайбат»-у «азамат» бо ҳам муродиф шудаанд.

«*Мардум ҳайратзада ба пиразан менигаристанд, аз ӯ канора меҷустанд, зеро худ намедонистанд, ки хоки домангири хешону пайвастагонашон куҷост»* [4, с.204]. Дар ин ҷумла «хешону пайвастагон» муродифоти ҷуфтест, ки бештар дар шакли «хешону пайвандон», «наздикону пайвандон», «хешу ақрабо» истифода мешавад, аммо намунаи «хешону пайвастагон» навъи нав ё нисбатан каммаъмули муродифоти ҷуфт мебошад. Ҳадаф аз эҷоди таркибҳои нави ҷуфтӣ ба хотири гурез аз такрори ноҷо буда, агар аз як сӯ таркиби луғавии забонро ғанӣ гардонад, аз сӯйи дигар василаи равшан ва бо равиши нав баён намудани фикр аст, ки аз ҳунару дониши нависанда дарак медиҳад.

3.Тағйири муродифот. Нависанда муродифоти ҷуфтро бо ҳамроҳ кардани пасванд ва ё пешванд ва ё пайвандакҳо тағйир медиҳад, ки дар натиҷа ҷуфтмуродифи нав эҷод мешавад. Масалан, «бедарду бехашм», «бешӯру мағал», «ва ғайраву ва ҳоказо», «шаҳду шакархӯрда», «доду фарёдкунон», «баору номус». Ин навъи муродифоти ҷуфти сохтаи Баҳманёрро ба се гуна метавон шинохт:

а) пешванду пасванду пайвандак ба як ҷузъи муродифоти ҷуфт ҳамроҳ шуда, муродифи ҷуфти нав месозанд, ба мисли «баору номус», аз муродифи ҷуфти «ору номус» бо иловаи пешванди «ба-» ба яке аз вожаҳои таркиби ҷуфт омада сохта шудааст, «ба+ор+(у)+ номус»;«беному нишон», «беҳаракату карахт», «карахту бенушон», «урёну бепаноҳ», «оддиву беҳуда» ва амсоли ин.

б) пешванду пасвандҳову пайвандак ба ҳарду ҷузъи таркиб ҳамроҳ мешаванд, ба монанди «ба»+«у» - «баору баномус»= «ба+ор(у)+ба+номус; «бе»+«ва» - «беҳис ва бетафовут», «бо»+«у» - «ботарсу боҳарос», «ҳам»+«у» - «ҳамсуҳбату ҳамнафас», «бе»+«ӣ»+«ва»«бепарвоӣ ва сарӣ» ва ғайраҳо.

Ин тарзи сохтани муродифи ҷуфт аз ҷониби Баҳманёр бисёр ба назар мерасад ва ҳадафи аслии нависанда аз ин шеваи офариниш, пеш аз ҳама, пурқувват намудани таъсирнокии сухан ва оҳанги баёну образнок намудани тасвир аст. Нависанда мавқеи истифодаи ин гуна муродифоти ҷуфтро бағояти ҳунармандӣ риоя мекунад. Чунончи: *«Бо кӣ хоб рафтӣ, берӯзӣ? Бори шикамат ҳалол аст ё ҳаром? Боз ҳамон ғӯли Чилдурӯғ гуфтагӣ рост набошад?»* ***Ва ғайраву ва ҳоказо [4, с.69].***

Дар пораи мазкур такрори пайвандаки «ва» дар ҳар ду ҷузъи таркиби ҷуфти «ғайраву ҳоказо» бачо аст. Мазмун ва оҳанги сухан такрори «ва»-ро дар ҳарду вожаи ҷуфтомада тақозо мекунад. Нависанда бояд шиддати тасвиру оҳанги маънии ин порчаро бо хулосаи таъсирнок ҳалқа мекард. Ва ин амал ба Баҳманёр хеле хуб даст додааст. Ба мавқеъ будани истифодаи ин навъ муродифоти ҷуфт ҳангоми хориҷ кардани яке аз «ва»-ҳои муродифи ҷуфти пешниҳодшуда эҳсос мешавад. Мисли *«Бо кӣ хоб рафтӣ, берӯзӣ? Бори шикамат ҳалол аст ё ҳаром? Боз ҳамон ғӯли Чилдурӯғ гуфтагӣ рост набошад?»****Ва ғайраву ҳоказо.*** Чуноне ки мебинем дар ин шакл таъсир сухан камтар ва савтиёти калом якбора поён мешавад.

Муродифи ҷуфти ***«Аз тарсу аз ларз»*** низ айнан ҳамин вижагиро дорост: *«Дандонҳои манн аз тарсу аз ларз чунон ҳамдигарро мекӯбанд, ки номакбони нобино Ҷомосп гумони муш мекунад ва кафши худро аз по бадар оварда, ба гӯшаи манн хазида партоб медиҳад»* [4, с.334].

в) дар баъзе маврид Баҳманёр аз муродифоти ҷуфти маъмулӣ муродифоти ҷуфти таркибӣ месозад. Масалан, аз муродифи ҷуфти «ному нишон» таркиби муродифии «на ном буду на нишон» сохта шудааст. Нависанда метавонист муродифи ҷуфти «мағшуш ва ҳам манҳус»-ро «мағшуш ва манҳус» ё «мағшушу манҳус» гӯяд, аммо «мағшуш ва ҳам манҳус» гуфтани нависанда ба таъсирнокии матн бештар асар кардааст, ки ин тарзи офаринишро ба вижагиҳои сабки Баҳманёр метавон нисбат дод. Мисол: «*Кам-кам ҷисми манн қобили идора мегардад ва манн сари по мешавам, лек ҳанӯз ҳам аз эҳсоси мағшуш ва ҳам манҳус раҳон аёфтаам»* [4, с.440].

Ҳамзамон, дар корбурди муродифоти ҷуфт устод Баҳманёр ҷойи маъмулии ҷузъҳои таркибии ҷуфтмуродифҳоро иваз карда, онҳоро дар шакли нав, яъне инверсия меорад. Масалан, синоними ҷуфтистеъмоли «гуворову рӯҳбахш» дар шакли «рӯҳбахшу гуворо» ба кор рафтааст. Ин навъи истифода аз муродифоти ҷуфт дар навиштаҳои нависандаи мазкур зиёданд. Чунин тарзи истифодаи муродифоти ҷуфт, аввалан ба хотири гурез аз такрор ва сониян барои боз ҳам бештар намудани таъсири сухану тасвири нависанда ба кор рафтааст, зеро нависанда ҳам аз шакли «маъмулӣ» ва ҳам аз «инверсия»-и ин муродифоти ҷуфт истифодаи вофир мекунад. Масалан, «насиҳату панд» ба ҷойи «панду насиҳат», «бухсу кина» чун «кинаву бухс» ва амсоли инҳо:

«Мардум чашм ба роҳ буданд, ки кай меояд, кай аз назди хонаи Шомурод мегузарад, кай тири хирскуш, ки шабу рӯз даруни мили туфанг ҳайрону дилтанг мондааст, берун

меҷаҳад, синаи пурбухсу кинаи ӯро медарад, ӯро аз бухсу кина ва мардуми деҳро аз таҳлука озод мекунад» [4, с.112].

Вижагии дигаре, ки дар корбурди муродифоти ҷуфт ба назар расид, он аст, ки устод Баҳманёр барои бештар намудани таъсири сухан ва ҷолибияти тасвир гоҳо ду ва зиёда муродифоти ҷуфтро паси ҳам меорад.Чунончи: «*Дар ин айём буд, ки овозаи **ҳусну латофат, малоҳату зарофати** Заринаи Зарнигор бо ҳазор **обу рангу муболиғаи** бешумор ба гӯши Бектош валади Темуртош расид* [4, с.29].

Шеваи дигари корбурди муродифоти ҷуфт дар асарҳои Баҳманёр муродифоти ҷуфти сеҷузъа мебошанд, ки яке аз ҷузъҳои он фақат дар таркиби ҷуфти худаш ба сифати муродифи ду калимаи таркибаш шинохта мешавад. Масалан, дар ҷуфти муродифоти «мондаву бефараву кӯфта» ҷузъи савуми он - вожаи «кӯфта» танҳо дар таркиби ҳамин ҷуфти худ ба сифати «хастагӣ» шинохта мешавад, яъне маънои маҷозӣ қабул мекунад. Дар алоҳидагӣ бошад, вожаи «кӯфта» аз сифати феълии замони гузаштаи «кӯфтан» аст, ки чизи «кӯфташуда»-ро мефаҳмонад. Ҷуфти муродифоти сеҷузъа «каҷу килебу уреб», «бикру поку бегуноҳ», «мондаву бефараву кӯфта», «нодидаву ноомӯхтаву новарзида», «сарҳаму паракару ғамбор», «ҳарзаву сафсатаву билиберда», «ованраву бехонаву бечора» аз ин шумор мебошанд. Ин навъи муродифоти осори Баҳманёрро мо ба ду гурӯҳ дастабандӣ намудем. Дастаи аввал гурӯҳи муродифоте, ки дар алоҳидагӣ ин вожаҳо як маънову маҳфумро ифода мекунанд, дар мисоли таркиби ҷуфти «бикру поку бегуноҳ» -ҳар се вожа маҳфум ва муҳтавои умумиро мефаҳмонанд. «Ҷаббору таррору каллабур», «пасту сифлаву фурӯмоя», «тиру тӯпу туфанг» ва амсоли инҳо низ ҳамин махсусиятро соҳибанд.

Дар навъи дувуми муродифоти ҷуфт яке аз вожаи ҷузъҳо бо ҷузъи дигар ҳаммаъно нестанд, ба мисли «ованраву бехонаву бечора». Дар ин таркиби муродифи ҷуфт калимаи «бехона» ба «бечора»-ву «овора» наздикмаъно нест, аммо дар дохили ҳамин ифода бо дигар калимаҳои таркибаш ҳаммаъно шудааст.

Дар баъзе мавридҳо «ҷуфт» намудани муродифот низ ба назар расиданд, ки онҳоро «ҷуфтмуродифоти ҷуфт» номидем. Ин шеваи корбурди муродифот хосси нигориши нависандаи мавриди таҳқиқи мо мебошад. Масалан, дар ҷумлаи зер «хешу табор» як муродифи ҷуфт в «ёру ҳамсоя» дувум муродифи ҷуфт аст, ки ба шакли «хешу табору ёру ҳамсоя» омадааст: «*Тақрибан бист нафар **хешу табору ёру ҳамсоя** ҷамъ шуданд, хомшӯрбо хӯрданд»* [4, с.89].

Ин шеваи корбурд аз муродифоти ҷуфт дар асарҳои гузаштагони классикӣ мо низ зиёд ба назар мерасад, ки «Тӯтинома»-и Нахшабиро метавон намунаи беҳтарин дар истифодаи ҳунармандонаи силсилаи вожаҳои муродиф дар баёни маънӣ шинохт. Чунончи: «*Пиёдаҳо ва навкарону чокарон **дарҳол ва филфавру зуд ва ҷалд ва бошитобу таъчил** бӯзинаи мазкурро оварданд ва забҳ карданд ва хуни ӯро ба захм молиданд*» [16, с.20]. Дар ин ҷумла мо силсилаи муродифҳои вожаи «зуд»-ро мебинем, ки барои баёни маънӣ ва эҷоди савтиёти сухан истифода шудаанд. Муродифоти ҷуфти «филфавру зуд», «шитобу таъҷил» дар таъсирнокии калом василаи силсилаи муродифот мусоидат кардаанд.

Албатта, «наср соҳаи ниҳоят васеъ аст ва ҳамаи хусусиятҳои забонро дар ҳолати табиӣ инъикос менамояд. Вай барои пурра нишон додани манзараи умумии забони адабӣ нисбат ба назм озодтар ва фарохмайдонтар аст» [14, с.8], аммо чигунагии истифодаи ин имконот ба истеъдоди нависанда низ сахт рабт дорад, ки дар ин замина тахайюли офаранда муҳим аст.

Масалан, гоҳи дигар Баҳманёр барои таъсирнокии бештари сухани хеш ду муродифи ҷуфтро ба ҳам муқобил меорад. Амсоли *«Лоғару касалманд рафта буд, ҳузарбу тануманд омада буд»* [4, с.98]. Дар ҷумлаи мазкур мо ду муродифи ҷуфти ба ҳам муқобилмаъно - «лоғару касалманд» ва «ҳузарбу тануманд»-ро ба мушоҳида мегирем, ки вижагии хосси забони асарҳои нависанда аст. Нависанда, ба василаи овардани муродифоти ҷуфти зидмаъно фикри хешро дар қолаби як ҷумла ва бо камоли шевоӣ баён медорад. Муродифҳои ҷуфт дар таркиби хеш ҳамдигарро пурра мекунанд ва барои бештар шудани таъсири тасвир Баҳманёр «лоғар»-ро бо «ҳузарб» ва «касалманд»-ро бо «тануманд» муқобил мегузорад. Пас, ин хусусият, ҳарчанд дар мисоли кам, вале аз хасоиси умдаи таркиббандии синонимҳои забони «Шоҳаншоҳ» ва «Сармаддеҳ»-и Баҳманёр шинохта мешавад.

Ҳамчунин, дар осори нависанда муродифоте, ки яке аз ҷузъҳои онҳо калимоти архаистӣ мебошанд, зиёд ба назар мерасанд. Масалан, вожаҳои «дарвеш», «шағб», «акноф», «чамидан», ки ҷузъи муродифоти ҷуфти «хешу дарвеш», «шӯру шағаб», «атрофу акноф», «хиромидану чамидан», «хориву забунӣ», «зораву лоба» шуда омадаанд, дар алоҳидагӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик истифода намешаванд ва чун вожаҳои куҳнашуда (архаизм) шинохта шудаанд.

Дар асарҳои Баҳманёр муродифоти ҷуфт барои пуррасозӣ ва эзоҳи мазмун, пурқувват намудани таъсири тасвир, обуранги калом ва вусъати савтиёт хидмат карда,

тахайюл ва нигоҳу истеъдоди нигориши нависанда дар эҷод ва истифодаи муродифот шоистаи таҳсин аст. Дар осори Баҳманёр истифодаи муродифоти ҷуфти умумистеъмолӣ, ки дар забони гуфтугӯиву адабӣ маъмул аст, бисёр корбаст шуда, дар ин радиф ҷуфтмуродифоти адабӣ-китобӣ низ басомади намоён доранд. Бо ин ҳама, нависанда барои ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ кӯшишҳое судманд дорад, зеро дар мисоли сохтани ҷуфтмуродифҳо корҳои назаррасро ба сомон расонидааст. Ӯ дар баробари истеъмол аз ҷуфтмуродифҳои маъмулу адабӣ, бо каме тағйири таркиби он, ба ягон навгонӣ дар ин соҳа ноил мешавад ва ё бо иваз кардани таркиби синонимҳо калимоти аз силки истифода бозмондаи тоҷикиро ба забони имрӯза ба гардиш медарорад. Муҳимтар аз ҳама, ӯ калимоти шеваро низ барои созмон додани таркибҳои синонимӣ ба силки истихдом кашидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аминов М. Баъзе хусусияти услубии ҷуфтҳои синонимӣ / М.Аминов // Мактаби Советӣ. - Душанбе, 1981. - №3. - С.14-16.
2. Бахтин М.М. Эстетика словесного творчества / М.М. Бахтин. - Москва: Наука, 1979.
3. Баҳманёр. Дуди ҳасрат. - Душанбе: Адиб, 1993. – 254 с.
4. Баҳманёр. Сармаддеҳ. Шоҳаншоҳ. - Душанбе: Адиб, 2013. – 472 с.
5. Брагина А.А. Синонимы в литературном языке / А.А.Брагина. - Москва: Просвещение, 1986.
6. Будагов Р.А. Язык и речь в кругозоре человека / Р.А. Будагов. - Москва: Добросвет, 2000.
7. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Маориф, 1986. - 136 с.
8. Камолиддинов Б. Ҳусни баён / Б.Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1989. - 117 с.
9. Кабиров Ш. Синонимҳои пай дар пай дар «Таърихи Бадахшон» / Ш.Кабиров // Мақолаҳо доир ба забон ва адабиёти тоҷик. - Душанбе, 1983. - С.83-85.
10. Кенҷаев, Ю. Хусусиятҳои луғавӣва калимасозии «Таърихи Байҳақӣ»-и А.Байҳақӣ: рисола барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология / Ю.Кенҷаев. - Хуҷанд, 2004. – 156 с.
11. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 1Х-Х) / М.Н. Қосимова. Қисми 1. - Душанбе, 2003. - 490 с.
12. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони ҳозираи тоҷик / М.Муҳаммадиев. - Душанбе, 1962. - 162 с.
13. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. - Душанбе, 2011. - 385с.
14. Маъсумӣ, Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. - Душанбе: Дониш, 1976. – 76 с.
15. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ.Маҷидов // Луғатшиносӣ. Ҷ.1. - Душанбе: Деваштич, 2007. – 255 с.
16. Нахшабӣ. Тӯтинома / Таҳрири Муҳаммад Худованд Қодирӣ; таҳияи Амрияздон Алимардонов. - Душанбе: Адиб 1988. – 112 с.
17. Нелюбин Л.Л. Очерки по введению в языкознание: учебник. Изд. 2-е, перераб. и доп. / Л.Л. Нелюбин. - Москва: Издательство МГОУ, 2005. - 215 с.
18. Расулов С. Истифодаи силсилаи синонимӣ дар ашъори Туғрал / С.Расулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2015. - №4(52). - С.91-95.
19. Саъдуллоев У. Шарҳи муродифҳои ҷуфт дар «Футувватномаи Султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / У. Саъдуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). - Душанбе, 2010. - №5(61). - С.20-23.
20. Сиёев Б. Таърихи воҳидҳои ҷуфт дар забони адабии тоҷик / Б. Сиёев // Мактаби Советӣ. - Душанбе, 1969. - №9. - С.26-36.
21. Темурова Ш. Муродифҳо дар осори Саттор Турсун (дар мисоли дарахти ҳазорсола) / Ш.Темурова // Раҳоварди олимони ҷавон. - Хуҷанд, 2010. - №9. - С.128-131.
22. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 ва 2. - Душанбе, 2008. - 950с.; - 945 с.
23. Ҳошимов С. Баъзе хусусиятҳои синонимҳо дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ / С. Ҳошимов // Масъалаҳои филологияи тоҷик. - Душанбе: УДТ, 1971. - С.19-27.
24. Ҳоҷиев С. Таркибҳои ҷуфт дар забони тоҷикӣ / С.Ҳоҷиев // Мактаби Советӣ. - Душанбе, 1967. - №1. - С. 28-30.
25. Шоире аз Сармаддеҳ. Гуфтор дар бори Баҳманёр. - Душанбе: Ирфон, 2017. – 328 с.

МУРОДИФОТИ ҶУФТ ДАР АСАРҲОИ БАҲМАНЁР

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик муродифҳои ҷуфт, ки аз ду калима иборатанд ва маъниҳои воҳидро ифода мекунанд, пурбасомаданд. Муродифҳои ҷуфт аз ҷиҳати сохт ва ҷойи ҷузъҳо ба ибораҳои фразеологӣ шабоҳат доранд, аммо ибороти фразеологӣ шинохта намешаванд, зеро ибораҳои фразеологӣ ба маънои маҷозӣ меоянд, муродифоти ҷуфт бошанд, ба маънии луғавии худ омада, ҷузъи ин муродифот дар алоҳидагӣ ҳам истеъмол мешаванд. Дар асарҳои Баҳманёр муродифоти ҷуфт барои пуррасозӣ ва эзоҳи мазмун, пурқувват намудани таъсири тасвир, обуранги калом ва вусъати савтиёт хидмат карда, тахайюл ва нигоҳу истеъдоди нигориши нависанда дар эҷод ва истифодаи муродифот шоистаи таҳсин аст. Дар осори Баҳманёр истифодаи муродифоти ҷуфти умумистеъмолӣ, ки дар забони гуфтугӯиву адабӣ маъмул аст, бисёр корбаст шуда, дар ин радиф ҷуфтмуродифоти адабӣ-китобӣ низ басомади намоён доранд. Бо ин ҳама, нависанда барои ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ кӯшишҳое судманд дорад, зеро дар мисоли сохтани ҷуфтмуродифҳо корҳои назаррасро ба сомон расонидааст. Ӯ дар баробари истеъмол аз ҷуфтмуродифҳои маъмулу адабӣ, бо каме тағйири таркиби он, ба ягон навгонӣ дар ин соҳа ноил мешавад ва ё бо иваз кардани таркиби синонимҳо калимоти аз силки истифода бозмондаи тоҷикиро ба забони имрӯза ба гардиш медарорад.

Калидвожаҳо: забони адабии ҳозираи тоҷик, муродифҳои ҷуфт, ибораҳои фразеологӣ, маънии луғавӣ, асарҳои Баҳманёр, ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷик.

ПАРНЫЕ СИНОНИМЫ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ БАХМАНЁРА

В современном таджикском литературном языке парные синонимы, которые состоят из двух слов и обозначают значение единицы, очень многочисленны. Парные синонимы по своему строению имеют сходство с фразеологическими словосочетаниями, не не признаются как фразеологические обороты, так как фразеологические словосочетания приводятся как метафорическое значение, а парные синонимы приводятся со своим словарным значением как часть данного синонима могут использоваться и по отдельности. В произведениях Бахманёра парные синонимы служат для полноты и разъяснения содержания, усиления влияния изображения, украшения слова и обширности тона и мастерство писателя в изображении художественного воображения достойна похвалы. В произведениях Бахманёра общеупотребительные парные синонимы, которые очень многочисленны и в разговорном и в литературном языке, использованы очень широко. Писатель предпринял попытку обогащения словарного состава современного таджикского литературного языка, так как он завершил огромную работу на примере построения парных синонимов в своих сочинениях. На равне с употреблением распространенных литературных парных синонимов с внесением в их состав некоторых новшеств, он достиг больших успехов, или с заменой состава синонимов он вновь вводит вышедшие из употребления таджикские слова в современный таджикский язык.

Ключевые слова: современный литературный таджикский язык, парные синонимы, фразеологические словосочетания, словарное значение,, произведения Бахманёра, обогащение словарного состава современного литературного таджикского языка.

PAIR SYNONYMS IN BACHMANER'S WORKS

In modern Tajik literary language, paired synonyms, which consist of two words and indicate the meaning of a unit, are very numerous. Paired synonyms in their structure are similar to phraseological phrases, are not recognized as phraseological phrases, since phraseological phrases are given as a metaphorical meaning, and paired synonyms are given with their dictionary meaning as part of this synonym can be used separately. In the works of Bachmaner, paired synonyms serve to complete and clarify the content, enhance the influence of the image, decorate the word and the vastness of tone and the writer's skill in depicting artistic imagination is commendable. In the works of Bachmaner, the commonly used paired synonyms, which are very numerous in both spoken and literary languages, are used very widely. The writer attempted to enrich the vocabulary of the modern Tajik literary language, as he completed a huge work on the example of building paired synonyms in his writings. Along with the use of common literary paired synonyms with the introduction of some innovations, he achieved great success, or with the replacement of the composition of synonyms, he again introduces outdated Tajik words into the modern Tajik language.

Keywords: modern literary Tajik language, paired synonyms, phraseological phrases, dictionary meaning, Bahmaner's works, enrichment of the vocabulary of the modern literary Tajik language.

Сведения об авторе: ***Юсупова М.Д.*** - Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова, соискатель кафедры таджикского языка и литературы факультета восточных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова 1

Information about the author: ***Yusupova M.D.*** - Khujand State University named after B.Gafurov, applicant for the Department of Tajik Language and Literature, Faculty of Oriental Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov Ave. 1

УДК: 491.550-3 (03)

НАҚШИ ПЕШВАНД ВА ПАСВАНДҲО ДАР ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ВАРЗИШ

Шафоатов А.Н.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

Бо роҳи морфологӣ сохта шудани калима - истилоҳоти нав яке аз роҳҳои сермаҳсули истилоҳсозӣ дар забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Ҳол он ки истилоҳот «Хусусияти калимасозӣ (ба ғайр аз калима-терминҳои ба гурӯҳи калимаҳои умумистеъмолӣ гузашта истода) надоранд» [3, с.25].

Ишораи мазкур аз он дарак медиҳад, ки истилоҳот имкониятҳои маҳдуди калимасозӣ ва грамматикию услубиро моликанд, вале набояд фаромӯш кард, ки заминаи муҳимми истилоҳофарӣ, пеш аз ҳама, калимаҳои умумиистеъмолии худи забони тоҷикӣ мебошанд. Вазни қиёсии ин гуна вожаҳоро морфемаҳои решагии забонамон, ки дар захираи асосии луғавӣ фароҳам омадаанд, ташкил медиҳанд. Маҳз фаҳмову дастраси омма будан ба унсурҳои луғавии решагӣ имкон додааст, ки зимни қабули воситаҳои калимасоз (вандҳо) бештар истилоҳоти нав сохта шаванд. Дар забоншиносии тоҷик «калима-асосҳоеро, ки ба морфемаҳо тақсим мешаванд», «вожаҳои сохта» номидаанд [1, с.85]. Шарти муҳимми сохта будани калима аз як асос ва морфемаи ёридиҳанда иборат будани он мебошад. Асос – реша метавонад як, ду ва ё якчанд морфемаи ёрирасон қабул намояд.

Аз нигоҳи сохт истилоҳоти соҳаи варзиширо, ки бо роҳи морфологӣ сохта шудаанд, ба тарзи зайл гурӯҳбандӣ мекунем:

А. Бо пешванд сохта шудани истилоҳот. Дар сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш маҳсулнокии ҳамаи пешвандҳо якхела нест. Баъзе пешвандҳо зиёдтар, баъзеи дигар

камтар истилоҳ сохтаанд. Ин ҷиҳатро ба эътибор гирифта, мо пешвандҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудем.

а) пешвандҳои сермаҳсул: **бар-, боз-, бе-, ба-, но-, дар-, бо-;**

б) пешвандҳои каммаҳсул: **во-, фур-, ҳам-, ба-, би-.**

1. Сохта шудани истилоҳот бо пешванди бар-. Пешванди **бар**– таърихан маънии ба боло, берун, ба рӯй, сатҳ ва қафо ҳаракат доштанро ифода мекунад. Дар ҷараёни гузаронидани мусобиқоти варзишӣ истилоҳот ва номвожаҳоеро дучор меоем, ки дар таркиби худ пешванди **бар**– доранд. Ин пешванд барои равшанӣ ва мушахассии маънои умумии калимаи истилоҳшуда мусоидат карда, аксаран бо феълҳо ҳамроҳ мешавад: **барзадан** (барзадани остин, ба ҳам бархӯрдани ду чиз; доман ба замин барзадани ҳариф); **бархостан** (аз ҷой бархостан, бархостани ҳариф); **баргузидан** (интихоб намудани ҳариф ва ё асбоби варзишӣ, ҳарб); **баркашидан** (чен кардани вазни варзишгар, кашидан ё баркашидани банд); **баромӯхтан** (бо ҳам часпидани ҳарифон дар гӯштингирӣ); **барафтонидан** (ба болои замин хобонидани ҳариф): **бармачидан** (ламс кардан, соидан, молидани ду даст): **баркандан** (аз замин ҷудо шудани пойҳои ҳариф дар гӯштин):

Гоҳо бо сифат омадани пешванди **бар**– низ мушоҳида мешавад. Мисолҳо далели онанд, ки вожаҳои зикршуда аз ҳисоби калимаҳои умумиистеъмолӣ рӯйидаанд ва танҳо дар мавриди гузаронидани бозиҳои варзишӣ хусусияти истилоҳӣ касб менамоянд.

2. Сохта шудани истилоҳот бо пешванди бо-. Пешванди **бо-** асосан бо исмҳои маънӣ ҳамроҳ шуда, истилоҳоте месозад, ки дар ифодаи маънои дорӣ ва соҳибият хизмат мекунанд: **бошитоб**, **босуръат**, **ботааннӣ**.

3. Сохта шудани истилоҳот бо пешванди боз-. Пешванди **боз-** бо асосҳои феъл ҳамроҳ омада, ба истилоҳоти сохта маънои такрор ёфтани амал, ба ҳолати аввал баргаштанро ифода мекунад: **бозпеч** (ресмоне, ки дар айёми ҷашнҳо ба ҷое овезанд ва духтарону бачагон бар он нишинанд ва дар ҳаво оянду раванд). Истилоҳи **бозпеч** дар лаҳҷаҳои ҷанубии забонамон дар шакли «ҳой рафтан» роиҷ аст. Истилоҳоти **бозомадан** (зимни мусобиқоти ба давидан марбут буда ба кор меравад, яъне такрор омадан); **боздоштан** (дастгир кардан, манъ кардани бозӣ); **бозмондан** (дармондан) низ дар қолаби **бозпеч** рехта шудаанд.

4. Сохта шудани истилоҳот бо пешванди дар-. Пешванди **дар-** бо феъл омада, маънои равон шудан ба дарун, дар ҳолате буданро мефаҳмонанд [7, с.228]: **дарафтодан** муродифи он **даровехтан** зимни навъҳои гуногуни гӯштин ба ҳам часпидани варзишгаронро ифода мекунад: **даррасидан** (ба маррагоҳ расидани давандагон); **дармондан** (ноилоҷӣ, бечорагӣ дар варзишҳои якҳарбӣ), **дартоз** (тозон давида истодан).

5. Сохта шудани истилоҳот бо пешванди во-. Ин пешванд бо асосҳои феъл ҳамроҳ омада, маънои ҳаракат ба сӯй, самт ва амалро нишон медиҳад ва каммаҳсул аст: **вонамуд** (ҳаракати сохта, ҳилла дар бозиҳои гуногуни варзишӣ аз қабили гӯштин, футбол, баскетбол, волейбол ва ғайраҳо), **вохӯрдан** (рӯ ба рӯ шудани ҳарифон), **ворастан** (аз ҳолати ногувор баромадан дар гӯштин, халос шудан), **вогир** (навъи варзиш), **вору** (рӯболо, навъи варзиши шиноварӣ).

6. Сохта шудани истилоҳот бо пешванди ба–. Пешванди мазкур бо асосҳои феъл ва исмҳои гуногун пайваст шуда, истилоҳоте месозад, ки маънои дорӣ ва молик будан ба чизеро ифода мекунад: **бадав** (давида истода, давон), **башикам** (усул дар гӯштин), **бапушт** (пуштнокӣ афтодани ҳариф дар гӯштин ва пуштнокӣ шино кардан дар об), **баҳуш** (зирак, сифати варзишгар).

7. Пешванди би-. Ин пешванд чун воситаи калимасоз сермаҳсул нест. Он бештар ба асосҳои феъл тобиши маъноии таъкид, даъвату муроҷиатро фаҳмонда, дар ҷараёни бозиҳо бештар дар ифодаи амру фармон хизмат мекунад: **бинеҳ, бирав, бидав**. Вале, истилоҳи **бидав** ҳамчун сифати асп–аспи даванда низ ба кор бурда мешавад.

8. Пешванди бе-. Чун воситаи вожасоз барои далолати маънои набудани аломату хосият ва чизе хизмат мекунад: **беҳуш** (зидди баҳуш дар муштзанӣ) (бокс)- ҳолати сахт беҳуш шудани рақибро «нокаут» мегӯянд ва шакли беҳуши сабукро «нокдаун» меноманд, **бемадор** (сифати варзишгаре, ки дар охири бозӣ хаста шудааст), **бераҳм** (сифати варзишгар дар бозиҳои якҳарба), **беилоҷ** (ноилоҷ), **беист** (пайваста ҳуҷум кардан), **бекор** (ба ҳисоб нагирифтани усули гашт).

9. Пешванди но– ба асосҳои гуногун ҳамроҳ шуда, бештар истилоҳоте месозад, ки маънои манфиро доро мебошанд; **ночор** (вазъи варзишгар дар бозиҳои якҳарба), **ноилоҷ** (беилоҷ, роҳи дигар надоштан), **нобакор** (сифати баъзе варзишгарон), **нораво** (усули манъшуда), **нобозӣ** (тарҷумаи русии ин истилоҳ «внеигри» мебошад, ки махсуси бозии футбол ва хоккей аст), **ноком** (варзишгари мағлубшуда), **норизо** (баҳс бо довар).

Ба ҳамин минвол, дар сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш мавқеи пешвандҳо кам нест. Мисолҳои дар боло нишондодашуда аз он дарак медиҳанд, ки барои ба таври дақиқу аниқ

бо усул ва амали ин ё он соҳаи варзиш сохтани истилоҳ пешвандҳои **бар-, дар-, бо-, ба-, но-, боз-, во-, би-** нақши муайян доранд.

Б. Бо пасванд сохта шудани истилоҳоти соҳаи варзиш. Нақши пасвандҳо дар офаридани вожаҳои истилоҳзеб нисбат ба пешвандҳо равшантар ба мушоҳида мерасад ва теъдоди онҳо низ дар ҷодаи истилоҳсозӣ зиёдтар аст. Бояд тазаккур дод, ки дараҷаи истилоҳсозии пасвандҳои истилоҳсоз дар забон яксон нест. Вобаста ба ин хусусияташон пасвандҳои дар соҳаи варзиш корбасташударо мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

1. Пасванди –ак. Пасванди **–ак** дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳамчун морфемаи ёрирасон сермаъно ва сервазифа мебошад. Доир ба шаклсозии **–ак** муаллифи «Бурҳони қотеъ» чунин нигоштааст: «ва ҳуруф ва калимоте, ки ифодаи маънии тасғир намояд, яке **кофи сокин** аст, ҳамчу: **писарак** ва **духтарак»**. Оид ба масъалаи тафовути шаклсозӣ ва вожасозии пасванди **-ак** Ш. Рустамов чунин мулоҳиза рондааст: «Аффикси калимасози **-ак** аз аффикси шаклсози **-ак** бо он фарқ мекунад, ки дар калимаҳои сохта тағйироти сифатӣ, вале дар шаклҳо тағйироти миқдорӣ мушоҳида мешавад» [2, с.4].

Дар бобати сохтани истилоҳоти нав **-ак** пасванди сермаҳсул аст. Масалан, зимни ба исми **барг** ҳамроҳ шудани **-ак** шакли тасғири **баргак** ҳосил мешавад, ки ин қолиб ба истилоҳоти варзиш чандон муносибат надорад, аммо дар заминаи кӯчиши маъно калимаи нав сохтани -ак ба мушоҳида мерасад. Масалан, калимаи **баргак,** -дастаи найза ё шамшерро мегирем, ки аксаран гулкорӣ карда мешуд ва ҳамчун номи асбоби соҳаи варзиш ва ҳарб моҳияти истилоҳӣ пайдо кардааст.

Айни ҳамин ҳодисаро дар истилоҳоти дигар низ метавон мушоҳида кард: **белак**–тир, пайкони ба шакли бел сохташуда, **бедак**–мураббӣ, пиёда, роҳнамо дар сафар ва номи яке аз муҳраҳои шатранҷ, **аврак**– ресмоне, ки атфол дар шохи дарахт кунанд ва бар он нишаста оянду раванд, **харак**–ба маънои ҳашарот, ҷойи нишаст ва асбоби варзиш сермаъно мебошад, **лезак** - аз решаи **лез** (лағжанда) – чӯб ё оҳанеро гӯянд, ки ба пой банданд ва бо вай дар рӯйи барф ва ях гарданд, **мушак**–ба маънои ракета, **хирсак -** номи бозӣ, **туфак** - чӯби дарози дарунхолӣ, ки бо гулӯлаи гил ва зӯри нафас бад-он гунҷишк шикор кунанд, асбоби шикор, **новак -** навъе аз тир ва асбоби ҳарб, **пуштак** - навъи варзиши шиноварӣ, пуштнокӣ шино кардан, **фирфирак** - асбоби бозии атфол, ки бо вазидани бод давр мезанад, **шиншинак** - намуди бозӣ.

Ҳамин тариқ, пасванди **-ак** вазифаи шаклсозӣ ва калимасозии худро аз даврaҳои қадим то имрӯз иҷро карда истодааст. Аммо сохтори истилоҳоти боло далели он аст, ки вай бештар аз исму феъл истилоҳоти соҳаи варзиш месозад.

2. Пасванди -а. Дар сохтани истилоҳоти бахши варзиш аз исму феъл пасванди **-а** мавқеи калон дорад: **зарба** - чизеро задан бо мушт, бо тӯб ва ғ., **варзида** - обутобёфта, варзишгари соҳибтаҷриба, **барга** - жӯпин, найзаи кӯтоҳ, **заҳра** - шамшери дудамаи нӯгборик, **сакиза -** барҷастан, лағжидан, ғалтидан, **тофта** - ресмони абрешимӣ, ки дар бозиҳои варзишӣ ба кор бурда мешавад, **тайёра** - тездав, пешсафи бозиҳо, киштии тезрав, киноя аз аспи тездав. Пасванди **-а** монанди **-ак** дар забони адабӣ хусусияти омоморфемавӣ дорад ва унсури сермаънои калимасоз маҳсуб мешавад [6, с.113-114].

3. Пасванди -ӣ. Ин пасванд аз исм, сифат ва асосҳои феъл истилоҳоти соҳаи варзиш месозад ва маънои мансубияту нисбатро ифода мекунад. Доир ба сермаънову сервазифа будан, хусусияти омоморфемавӣ зоҳир кардан ва таърихи хеле куҳан доштани пасванди **-ӣ** дар забошиносии тоҷик муаллифони зиёде изҳори ақида кардаанд [6, с.47]. Чунончи: **шатранчӣ**–шоҳмотбоз, **чобукӣ** – тезҳаракатӣ, чаққонӣ, **тозӣ**- навъе аз саги шикории зудҳаракат, амалиёте, ки дар бозии шоҳмот хавфи аз даст рафтани гардишро ба миён меоварад, **гурозӣ**–пешсафӣ, далерӣ, **бозӣ**–амалиёти гуногун дар мавриди варзиш.

4. Пасванди гоҳ. Ин пасванд истилоҳоте месозад, ки ба маънои макон ва ҷойи гузаронидани бозиҳо ва мусобиқоти варзишӣ муносибат доранд: **машқгоҳ** -ҷойи машқ, **бошгоҳ** (толори бошгоҳ) - ҷойи гузаронидани бозиҳо, ки шакли дигари овозии он **бошишгоҳ** аст, **варзишгоҳ** - стадион, ҷойи варзиш, **тохтгоҳ** - хатте, ки аспҳои даванда рӯйи он медаванд.

5. Пасванди –ча. Пасванди мазкур дар забони тоҷикӣ бештар барои ифодаи маънои хурдӣ ва навозиш ояд ҳам, дар иртибот ба ҳамон маъно дар сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш низ мавқеи муайян дорад: **камонча** –камони хурд, **бозича** (воситаи шуғли бачагон), **қаиқча -** навъи қаиқи махсуси варзишӣ, **хонича** - ҳавзи кӯчак барои оббозии кӯдакон, **таппонча, тавонча -** асбоби тирпарронии варзишӣ ва ҳарбӣ, шаппотӣ ба рӯй, **белча** - чӯбҳои махсус барои ба ҳаракат даровардани қайиқ.

6. Пасванди –вар. Пасванди **-вар** бо исмҳои моддӣ ва маънӣ ҳамроҳ шуда, истилоҳоте месозад, ки маънои ашхоси ба ин ё он намуди варзиш шуғлдоштаро ифода мекунад: **камонвар** (тирандоз бо камон), **ҳамлаовар** (ҳуҷумкунанда), **ошновар, шиновар** (оббоз). Истилоҳоте, ки пасванди –**вар** дорад, онҳо ҳамеша пасванди –**ӣ** қабул карда, исми касб месозанд:, **камонварӣ, шиноварӣ, ҳамлаоварӣ.**

7. Пасванди –навард чандон пурмаҳсул нест. Вай бо исмҳо ҳамроҳ омада, ба кадом навъи варзиш шуғл варзидани шахсро далолат мекунад: **кӯҳнавард -** алпинист, дарёнавард, **баҳрнавард -** маллоҳ ва ё баҳрчӣ.

8. Пасванди -иш. Пасванди **-иш** дар сохтани номи истилоҳоти соҳаи варзиш ва амалиёти ба варзиш вобаста фаъол аст: **варзиш** (спорт), **ҷаҳиш (**ҷаҳидан, паридан ба дарозӣ ё баландӣ): **тозиш** (давидан), **таркиш** (дар оташбозӣ), **гардиш** (дар бозии шоҳмот).

9. Пасванди –акӣ каммаҳсул аст ва дар ифодаи маънои номи амалиёти варзиш ва тарзу воситаи иҷрои амал нисбат ба ҳаракати ашёи дигар ба кор бурда мешавад**: чархакӣ** - чарх задан ва ё рақси гӯштингирон, **сагакӣ** (киноя аз попечии сагон, усули ҳалукандозӣ)– пойро ба пой сахт печонидан, **аспакӣ-**савора, **ростакӣ**–иҷрои амал ҳангоми рост будан, **хобакӣ**- иҷрои амал зимни ба пушт ғалтидан.

10. Пасванди -гор. Пасванди **–гор** асосан дар натиҷаи ба тағйироти фонетикӣ дучор омадани вожаи **кор** рӯйидааст. Яъне, пасванди **-гор** варианти фонетикии вожаи **кор** маҳсуб меёбад [8, с.129]. Ин аст, ки то ҳол дар забони форсӣ истилоҳи **варзишгар** дар шакли **варзишкор** истеъмол меёбад. Ҳамин тавр, пасванди **-гор, (кор**) ва варианти он **-гар** истилоҳоте месозанд, ки ба шуғли ашхос вобастагӣ доранд**: тамошогар**-тамошобин, мухлиси варзиш, **шиногар**–ғаввос, **ҳамлагар**-ҳуҷумкунанда, **шамшергар**– шамшерсоз, **муҳофизатгар**- дар хоккей ва футбол, **бозигар//бозингар**.

11. Пасванди -бон. Ин пасванд дар натиҷаи заиф шудани маънои луғавии феъли бонидан зуҳур намуда, истилоҳоте месозад, ки онҳо зимни амалиёти бардавоми одамон сар задаанд, вале дар мисоли **бодбон** ва **соябон** ин нигошта мувофиқ намеояд. Мисолҳо**: дарвозабон** (дар бозии футбол, хоккей), **аспбон** (саиси аспҳои тозӣ), **посбон**, **дарбон** (қаравул).

12. Пасванди -он. Бо вуҷуди сермаъно ва сервазифа будан дар бобати сохтани истилоҳот дар соҳаи варзиш имкониятҳои **- он** маҳдуд мебошад: **бозон** (бозиро бохтагӣ), **тозон** (давон, давидан), **хобон** (хобондани даст дар қувваозмоии искандарӣ) (армреслинг).

13. Пасванди -дон бо исмҳои ҷинс ҳамроҳ омада, маънои зарфиятро дорост: **тирдон** (халтаи чармин барои гузоштани тир дар мусобиқаи тирандозӣ), **бордон** (халтаи боргирӣ дар мусобиқаи кӯҳнавардӣ).

14. Пасванди –сор одатан ба исмҳо ҳамроҳ омада, ба бисёрӣ ва анбуҳии ягон чиз далолат мекунад. Вай каммаҳсул аст: **оташсор** (оташбозӣ).

15. Пасванди -ор. Дар истилоҳсозӣ ин пасванд бемаҳсул буда, ба маънои дорои чизе будан, соҳибият ба кор бурда мешавад: **суфор**– ҳамчун истилоҳи соҳаи варзиш ба маънои чӯб ё ҳалқае, ки дар камони варзишӣ гузошта мешавад, мустаъмал буда, дар ҳамин шакл ба маънои “сӯрох” низ фаҳмида мешавад.

16. Пасванди -ос бемаҳсул аст, танҳо дар таркиби истилоҳи **барҷос** – ба маънои ҳадаф ё ҷойи муайянгардидаи тирзанӣ истифода мешаваду бас.

Ҳамин тавр, сайри мухтасар оид ба таҳлили таркибии истилоҳоти сохта собит месозад, ки яке аз рукнҳои фаъоли истилоҳофарии соҳаи варзиш дар забони тоҷикӣ роҳи морфологии калимасозӣ (тавассути пешванду пасвандҳо) ҳисоб меёбад. Маълум гардид, ки вандҳои маъмули калимасози забони тоҷикӣ дар сохтани номвожаҳои соҳаи варзиш низ мавқеи назаррас доранд, вале ширкати онҳо дар ин бобат баробар нест. Масалан, пешвандҳои **бар- боз-,** пасвандҳои **-ак, -а, -и, -гоҳ, -ча** нисбатан сермаҳсул мебошанд. Қобили қайд аст, ки ҳамаи вандҳои зикршуда баромади тоҷикӣ доранд ва онҳо асосан бо вожаҳои марбут ба забони тоҷикӣ ҳамроҳ шуда, истилоҳ офаридаанд.

Ҳодисаи бо вожаҳои иқтибосӣ ҳамроҳ омадани вандҳои тоҷикиасос низ ба мушоҳида мерасад: **зарб+а, арс+а.** Баъзе асосҳо дар айни замон хусусияти архаистӣ гирифтаанд: **лез(ак), заҳр(а**), **сикиз(а**), **габур** ва ғайра.

Бозбинӣ аз сохтори истилоҳоти соҳаи варзиш нишон дод, ки бисёр қолабҳои истилоҳсозии классикӣ имрӯз дар истифодаанд**: машқгоҳ**, **чархакӣ, сагакӣ гардиш, муштбозӣ, бозон, тамошогар, тохтгоҳ** ва ғайра, ки бо мурури замон дар олами кунунии варзиш босуръат паҳн шуда истодаанд. Ин падида, аз як тараф, боиси ба забони тоҷикӣ ворид шудани вожаҳо ва унсурҳои нави истилоҳсоз гардад, аз тарафи дигар, имконияти инкишофи луғати забони тоҷикиро ба миён меорад. Ҳамчунин баъзе вожаҳои тоҷикӣ хусусияти вандӣ пайдо мекунанд ва дар сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш фаъолият менамоянд. Аз ҷумла, асоси замони ҳозираи феъл **-боз** дар таркиби истилоҳоти **футболбоз**, **хоккейбоз, боскетболбоз** ва ғайра ба ҳамин гуна хусусият соҳиб гардидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Головин Б.Н. Введение в языкознание / Б.Н.Головин. - М.: Высшая школа, 1983. - 231 с.
2. Лингвистическое изучение классических письменных памятников. - Душанбе, 2004. - 331 с.
3. Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккули истилоҳоти тиббии форсии тоҷикӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе, 2007. - №5. - С. 18-25.
4. Русско-таджикский словарь спортивных терминов; мураттиб Н.Турсунов. - Душанбе: Дониш, 1985. - 258 с.

5. Русско-таджикский словарь. - М., 1985. - 1280 с.
6. Рустамов А. Таджикская грамматическая терминология / А.Рустамов. - Душанбе, 1972. - 256 с.
7. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1. - Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
8. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 1.; таҳияи А. Нуров. - Душанбе: Адиб, 1993. - 416 с.

НАҚШИ ПЕШВАНД ВА ПАСВАНДҲО ДАР ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ВАРЗИШ

Дар мақолаи мазкур нақши пешванд ва пасвандҳо дар ташаккули истилоҳоти соҳаи варзиш мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Луғати истилоҳоти соҳаи варзиш як қабати махсус ва бойю рангини лексикаи забони тоҷикиро ташкил медиҳад. Пайдоиш ва таҳаввулу такомулоти истилоҳоти ин соҳа ба қонуну қоидаҳои дохилии рушди таърихии худи забони тоҷикӣ вобаста аст, ки имрӯз низ ногузир идома дорад. Пайдоиши истилоҳоти варзиш ба даврaҳои қадим ва миёнаи рушди забонамон рост меояд, зеро номгузорӣ ба мафҳумҳое, ки ба фаъолияти меҳнатӣ, шикор ва амалиёти ҳарбӣ марбутанд, бевосита дар зиндагӣ, майшат ва муошарати рӯзмарраи одамон инъикос меёбанд, ки ин ҷиҳат барои ташаккули калима-истилоҳоти ин соҳа мусоидат намудааст. Истилоҳоти соҳаи варзиш аз нигоҳи сохтор ва шакли грамматикӣ, асосан, дар қолабҳои маъмули калимасозии забони тоҷикӣ тарҳрезӣ мегарданд. Аз роҳҳои маъмули калимасозӣ, ки дар забони тоҷикӣ амал менамоянд, дар сохтори истилоҳоти бахши варзиш бо роҳи морфологӣ сохта шудани истилоҳот бештар ба мушоҳида мерасад.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, истилоҳоти варзиш, ташаккули истилоҳоти соҳаи варзиш, нақши пешванд ва пасвандҳо, сохтор ва шакли грамматикӣ, калимасозии забони тоҷикӣ.

РОЛЬ ПРЕФИКСОВ И СУФФИКСОВ В ОБРАЗОВАНИИ СПОРТИВНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ

В данной статье автором рассмотрена роль префиксов и суффиксов в образовании спортивной терминологии таджикского языка. Спортивная терминология составляет особый, богатый и своеобразный пласт лексики таджикского языка. Возникновение, развитие и совершенствование этой терминологии тесно связано с внутренними правилами и закономерностью исторического развития собственно таджикского языка, которое продолжается и по сей день. Возникновение спортивной терминологии связано с древним и средним периодами развития таджикского языка, так как наречение понятий, связанных с трудовой деятельностью, охотой и военными действиями, непосредственно отражаются в жизни, быту и ежедневном общении людей, что способствует формированию слов-терминов этой отрасли. Классификация спортивной терминологии в семантическом плане показывает, что большинство терминов возникли на базе общеупотребительных лексем таджикского языка. Спортивная терминология по структуре и грамматической форме образованы, в основном, по традиционным словообразовательным моделям таджикского языка. Из существующих способов словообразования, которые действуют в таджикском языке, в образовании спортивной терминологии наболее употребительный морфологический.

Ключевые слова: таджикский язык, спортивная терминология, образование спортивной терминологии, роль префиксов и суффиксов, структура и грамматическая форма, словообразование в таджикском языке.

THE ROLE OF PREFIXES AND SUFFIXES IN THE EDUCATION OF SPORTS TERMINOLOGY

In this article, the author considers the role of prefixes and suffixes in the formation of sports terminology of the Tajik language. Sports terminology is a special, rich and original layer of vocabulary of the Tajik language. The emergence, development and improvement of this terminology is closely related to the internal rules and patterns of the historical development of the Tajik language itself, which continues to this day. The emergence of sports terminology is associated with the ancient and middle periods of the development of the Tajik language, since the notion of concepts related to labor, hunting and military operations is directly reflected in the life, life and daily communication of people, which contributes to the formation of word terms in this industry. The classification of sports terminology in semantic terms shows that most of the terms arose on the basis of commonly used Tajik language tokens. Sports terminology in terms of structure and grammatical form is formed mainly by traditional word-formation models of the Tajik language. Of the existing word-formation methods that operate in the Tajik language, morphological is the most commonly used in the formation of sports terminology.

Keywords: Tajik language, sports terminology, the formation of sports terminology, the role of prefixes and suffixes, structure and grammatical form, word formation in the Tajik language.

Сведения об авторе: ***Шафоатов А.*** - Таджикский физкультурный институт им. С.Рахимова, кандидат филологических наук, заведующий кафедры языков. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Лучоб, 53

Information about the author: ***Shafoatov A***. - Tajik Institute of Physical Education. S. Rakhimova, Candidate of Philological Sciences, Head of the Department of Languages. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Luchob, 53

УДК:491.550-5:42-5

ИФОДАИ ГРАММАТИКӢ - НАҲВИИ ОДОБИ ГУФТОР ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Аминов Ф.С.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Унсури асосии ифодаи сарфии одоби гуфтор дар забони тоҷикӣ асосан бандакҳо ба шумор мераванд. Маълум аст, ки бандакҳо аз вандҳо ба куллӣ фарқ мекунанд, вале таҷриба нишон медиҳад, ки гоҳо онҳоро ба ҳам омехта месозанд. Бандак аз ванд бо он фарқ мекунад, ки вазифаи соф дастуриро адо менамояд, вале ванд унсури калимасоз буда, дар сохтани воҳидҳои луғавӣ ширкат меварзад. Маълум аст, ки на ҳамаи вандҳо калимасозанд. Вандҳои шаклсоз аз бандакҳо бо он фарқ мекунанд, ки онҳо дар робитаи калимаҳо ширкат намеварзанд, балки дараҷа, камиву зиёдӣ ва ё хурдиву бузургии аломат ва ҳолатро мефаҳмонанд.

Мақсад аз навиштани мақолаи мазкур баррасии ифодаи грамматикӣ ва наҳвии одоби гуфтор дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Бандакҳо сермаъно ва сервазифа буда, шинохтан ва донистани онҳо ба омӯзиш ва ҳазми категорияҳои дастурӣ, пеш аз ҳама, сарфӣ, аҳаммияти калон дорад, онҳоро ҳазм накарда, муайян намудани вазифаҳояшон дар таҳқиқи категорияи эҳтиром душвор, балки номумкин аст.

Бандакҳо дар забони тоҷикӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: а) бандакҷонишинҳо, б) бандакҳои феълӣ, в) бандакҳои хабарӣ. Ҳар се гурӯҳ ба замми вазифаи асосиашон дар ифодаи категорияи эҳтиром низ истифода мешаванд. Албатта, ба иҷрои ин вазифа на ҳамаи бандакҳову бандакҷонишинҳо ба кор бурда мешаванд.

Бандакҷонишинҳо. Дуруст аст, ки бандакҷонишин ба ҷонишин бевосита алоқаманд буда, дар аксар маврид вазифаи онро адо менамояд. Аммо ҷонишин ва бандакҷонишинро дар як қатор гузошта, ҳамаи вазифаҳои онро бо ҷонишин як донистан саҳеҳ нест, зеро ҷонишин ва бандакҷонишин категорияҳои гуногун буда, ҳар кадом хусусиятҳои ба худ хос низ доранд. Бандакҷонишин бар хилофи ҷонишин категорияи дастурӣ ба шумор меравад, вай бар хилофи ҳиссаҳои мустақили нутқ ба вазифаи аъзои ҷумла намеояд, ҳатто мисли аъзои ёридиҳандаи нутқ алоҳида истифода намешавад. Вай воҳиди дастурӣ ба шумор меравад. Аз ин дидгоҳ дар фасли алоҳида, зери сарлавҳаи «Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ» баррасӣ шудани он саҳеҳ ба назар намерасад [1, с.94-95]. Аммо дар китобҳои дарсӣ, аз ҷумла дар китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ, аз ягонагии ҷонишину бандакҷонишин сухан рафта бошад ҳам, аз тафовути онҳо чизе гуфта нашудааст. Ин норасоӣ дар грамматикаи академикӣ як андоза ислоҳ гардидааст. Он ҷо, аз ҷумла дар банди бандакҷонишини -атон омадааст: «Ин бандакҷонишин шахси дуюми ҷамъро мефаҳмонад, аз рӯйи маъно бо ҷонишини шумо муродиф мебошад. Вай бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ васл шуда, соҳибият, таъйинот ва таъкидро ифода мекунад:

- Бояд гандуматон панҷ ман меомад” [2, с.162].

Чунонки мебинем, дар ин ҷо бандакҷонишин танҳо аз лиҳози маъно муродифи ҷонишин дониста шудааст. Маълум аст, ки воҳидҳои муродифӣ на дар ҳама маврид ҷойи якдигарро мегиранд ва вазифаи якдигарро иҷро менамоянд. Аз ин ҷиҳат, таърифи грамматикаи академикӣ ба назар мукаммалтар менамояд: «Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ ҳам маънои семантикӣ доранд ва ҳам маънои грамматикӣ, онҳо соҳибият ва ҳам шахсро далолат мекунанд. Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ категорияи шумора доранд. Категорияи шумора бар хилофи ҷонишинҳои шахсӣ дар шаклҳои энклитикии онҳо бо роҳи грамматикӣ ифода мешавад. Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ алоҳида истеъмол намешаванд, балки мисли суффиксҳо ба калима васл мешаванд» [1, с.161].

Маводи гирдовардаи мо аз он шаҳодат медиҳад, ки вазифаи бандакҷонишинҳо бо ифодаи маънои шахс ва соҳибият маҳдуд намешавад, доираи онҳо васеътар менамояд. Агар ғараз аз калимаи шахс инсон бошад, ки дар чанд маврид таъкид ҳам шудааст, доираи амали онҳо беихтиёр маҳдуд мегардад, чунки бандакҷонишинҳо дар бисёр маврид чун муродифи ҷонишинҳои вай ва онҳо корбаст шудаанд. Масалан, ҷумлаи «Мор аз сараш тир хӯрдааст» бандакҷонишин ба инсон муносибат надорад. Воқеан, ҳатто дар грамматикаи академикӣ ҳангоми баррасии мавриди истифодаи бандакҷонишини -ат навиштаанд, ки -ат «дар мавридҳои алоҳида нисбат ба ғайришахс низ истеъмол мешавад» [1, с.162].

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки ҳангоми ба феълҳо васл шудани бандакҷонишинҳо онҳоро бо ҷонишинҳо муродиф тасаввур карда, ҷойҳояшонро иваз намудан саҳеҳ наменамояд, зеро на танҳо ҳусни сухани тоҷикӣ мекоҳад, балки усули баён тағйир меёбад.

Бандакҷонишинҳои шахси якум ба исм васл шуда, маънои соҳибиятро мефаҳмонанд, ба кӣ мансуб будани ашё ва ё қаробати одамонро ба соҳибсухан нишон медиҳанд. Бинобар ин, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

Бандакҷонишинҳое, ки соҳибиятро мефаҳмонанд: китобамро гирифтам, китобамонро гирифтам.

Бандакҷонишинҳое, ки муносибати инсонӣ, аз ҷумла хешу табориро мефаҳмонанд: бародарам, амакам, холаам, дӯстам, рафиқам ва ғ.

Дар ин гурӯҳ ба вазифаи асоси калима танҳо исми шахс меояд.

Дар ифодаи шахси якуми ҷамъ бандакҷонишини -амон истифода мешавад. Ин бандакҷонишин дар ифодаи муносибати соҳибият шакли ҷамъи бандакҷонишини -ам мебошад: китобамон - китоби мо.

Дар ин қолаб муносибатҳои мухталифи инсонӣ низ ифода мешавад: дӯстамон, хешамон, бародарамон, рақибамон, ҳарифамон, амакамон ва ғ.

Дар ин қолаб ҳамчунин муносибати хоксорӣ, фурӯтанӣ ва шикастанафсии шахси якуми танҳо ифода мешавад:

- Кузмич, аз саргузашти худ нақл накардед!

- Эй ҷони ширин, мо саргузашти чӣ дорем. Саргузаштамон мисли умрамон пир шуду то ҳол ба қалам наовардаем [3, с.20].

Бандакҷоншини -амон бо ҷонишини нафсии худ низ меояд, вале дар ин маврид танҳо маънои ҷамъро ифода мекунад, дар маводи дасти мо дар ин мавқеъ ба вазифаи ифодаи хоксориву фурӯтанӣ дучор нашуд.

Бандакҷонишшинҳои шахси дуюм низ ҳамин хел муносибатҳоро ифода мекунанд: а) соҳибият. Дар ифодаи соҳибият бандакҷонишинҳо бо исмҳои ғайришахс меоянд: китобат, қаламат, дафтарат, молат. Ин калимаҳо муродифи ибораҳои исму ҷонишинӣ ба шумор мераванд: китоби ту, қалами ту, дафтари ту, хонаи ту, моли ту. Дар ин вазифа бандакҷонишин хусусияти омоморфӣ надорад; б) муносибатҳои гуногуни инсонӣ. Дар ифодаи муносибатҳои хешутаборӣ бандакҷонишини -ат танҳо бо исмҳои шахс меояд: падарат - падари ту, модарат - модари ту, хоҳарат - хоҳари ту, дугонаат, ҳарифат, ҳамкасбат, ҳамкорат, ҳамроҳат, дӯстат, душманат, рақибат ва ғ.

Дар ин вазифа низ бандакҷонишин омоморфема ба шумор намеравад, танҳо бо шахси дуюми танҳо дар чӣ гуна муносибат будани исмро мефаҳмонад. Масалан, дар калимаи дӯстат, ки дар мисоли зерин омадааст, бандакҷонишин бо шахси дуюм, яъне шунаванда дар муносибати дӯстӣ будани шахси ғоибро мефаҳмонад:

- Нормат, дӯстат туро дар берун интизор аст [4, с.40].

Дар ин ҷумла аҳаммияти услубии бандакҷонишин низ равшан зоҳир мешавад, вайро бо ҷонишини ту иваз кардан саҳеҳ нест.

Тафовути бандакҷонишини шахси дуюми ҷамъ аз бандакҷонишинҳои шахси якуму дуюми танҳо дар ин аст, ки вай омоморфема ба шумор меравад, унсури сарфии сермаъност.

Сермаъноии бандаҷонишини шахси дуюми ҷамъ дар он зоҳир мегардад, ки вай бо тафовут аз бандакҷонишинҳои зикршуда вазифаи иловагӣ низ дорад. Вазифаҳои бандакҷонишини шахси дуюми ҷамъ -атон аз инҳо иборат аст: а) ифодаи муносибати соҳибият: хонаатон, боғатон, молатон ва ғайра; б) ифодаи муносибатҳои гуногуни инсонӣ: хешу таборӣ, ёру дӯстӣ, душманӣ ва ғайра: падаратон, модаратон, рафиқатон, дӯстатон, душманатон; в) ифодаи эҳтиром. Бандакҷонишини шахси дуюми ҷамъ бо исми шахс ва ғайришахс омада, эҳтироми соҳибсуханро ба шахси дуюм ифода менамояд ва бо навъи аввали бандакҷонишинҳо дар муносибати тазодӣ воқеъ мегардад: хататон зебост; дилатон васеъ будааст; писаратон омад. Дар ҳамаи ин мисолҳо бандакҷонишини - атон ба ҷонишини шумо баробар аст: хатти шумо, дили шумо, писари шумо, худи шумо, манзили шумо, хонаи шумо:

Дар рӯйхати ҳаррӯза фақат як соат вақтатон сарф мешавад. Дар муқобили ин хизмат ошро бо мо мехӯред ва музди дигар тамаъ накунед, - гуфт [5, с.44]. То сар шудани кор ҳам ҳар рӯз бегоҳонӣ ба хонаи мо омада, ошатонро дар ҳамин ҷо хӯред, – гуфт [5, с.44].

–Биёед, биёед, фарзанди ҷон, нури дида, тоҷи сар. Аз пою қадаматон гардам [3, с.55].

–Садқаатон шавам, писарҷон. Боз як некии дигар кунед. Ба ҳамон Кузмичатон хат навишта, пурсед, ки оё қабри писарамро дидааст ё не (3, с.44)?

Дар ин маврид бандакҷонишини эҳтиромӣ бо бандакҷонишини ифодакунандаи соҳибият ва ғайра дар муносибати тазодӣ воқеъ мегардад. Чунончи, муқоиса кунед: 1) Магар ту дар хонаатон набудӣ ва аз ҷойи дигар меоӣ, ки нишони Одинаро аз ман мепурсӣ [5, с.203]. 2) Канӣ, дастатонро диҳед, «назм»-атонро (набз гуфтан мехост) бинам, –гуфт [5, с.258].

Табиист, ки саволе ба миён меояд: Магар ин вазифаҳои мухталиф фаҳмиши матлабро душвор намегардонанд? Соҳибони забон чӣ тавр онҳоро аз ҳам ҷудо мекунанд?

Дар забони тоҷикӣ ҳодисаҳои сермаъноии на танҳо воҳидҳои луғавӣ, балки сермаъноии воҳидҳои дастурӣ низ маъмул аст. Ин ҳолат на аз душворфаҳмии забони адабӣ, балки аз ғановат ва имконоти фаровони ифодаи маънои матлуб далолат мекунад. Ин ҳолат низ табиист. Забони адабии тоҷик дар ин маврид бо забони шифоҳии мардум мувофиқат мекунад. Зеро ин воҳидҳои дастурӣ ба забони адабӣ аз забони шифоҳӣ, аз гуфтугӯйи мардум ворид шудааст ва аз хусусиятҳои хосси забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Азбаски ин тарзи ифодаи эҳтиром ба забони адабӣ аз забони гуфтугӯ дохил шудааст, вай моли тамоми мардум ба шумор меравад ва ба фаҳмиши матлаб душворие ба миён намеорад.

Ҳамин тавр, соҳибзабонон дар фаҳмиши маъно ва вазифаи ин бандакҷонишин душворӣ намекашанд, балки аз тарзҳои ифодаи гуногуни ифодаи фикр ва такрор нашудани воҳидҳои луғавӣ ҳаловат мебаранд. Аҳаммияти услубии ин тарзи ифода низ калон аст.

Барои ифодаи он, ки бандакҷонишини -атон ба кадом вазифа омадааст, воҳидҳои дигари забон, аз ҷумла воҳидҳои луғавӣ ва наҳвӣ мусоидат менамоянд. Масалан, дар ҷумлаи «Писарам, падаратон пас аз чанд рӯз меоянд, ки омада бо он кас маслиҳат кунем?» [3, с.42] мухотаб, мубтадо (исми падар), хабар (меоянд) ва таркиби ишоратии он кас ба ифодаи эҳтиром омадани бандакҷонишинро равшан далолат мекунанд. Инак, чанд мисоли дигар:

–Хӯҷаин инҳоро аз куҷо ёфт? - пурсид Восеъ.

–Аз ошнояшон пурсида гирифтанд, - ҷавоб дод Ниёз, – ошнояшон аз бойҳои Ғузор аст [3, с.86].

Бандакҷонишини - атон дар ифодаи эҳтиром бо ҷонишини нафсии таъкидии худ низ меояд:

Миршаббобо! Аз дасти ман чӣ кор меояд? – гуфтам. – Худатон медонед, ки ман як одами дорам нестам, то ки ба шумо аз сандуқам як халта танга оварда диҳам [5, с.121-122].

-Баъд аз он ҳар кас, ки аз ман маънии тахаллуси маро мепурсид, мегуфтам: «48 маънӣ дорад, луғатҳоро кофта, худатон ёбед» [5, с.48].

–Бародар, шумо ба адабиёт бо айнаки марксистӣ нигоҳ мекунам гуфта, аз паҳлуи айнак нигоҳ кардед, худатон хабар надоред [6, с.113].

–Худатонро доред, гардам, зиқ нашавед [3, с.95].

Бандакҷонишинҳои шахси сеюм низ шакли танҳову ҷамъ доранд.

Бандакҷонишини шахси сеюми ҷамъ аз бандакҷонишини шахси сеюми танҳо аз лиҳози ифодаи шумора ва маъно тафовут дорад.

Бандакҷонишини –ашон, пеш аз ҳама, миқдори зиёд ва номуайяни соҳиби чизро мефаҳмонад, ки дар асос номбар шудааст: китобашон, дафтарашон, молашон, заминашон ва ғ.

Бандакҷонишини -ашон ба ғайр аз муносибатҳои соҳибият ва дигар муносибатҳои гуногуни инсониро фаҳмондан, боз эҳтиром ва назокати гуфторро низ ифода менамояд. Дар ифодаи эҳтиром маънои ҷамъи исм аз байн меравад, бандакҷонишин шахси сеюми танҳоро мефаҳмонад.

Албатта, ба фаҳмидани маънои эҳтиром матн мусоидат менамояд, берун аз матн маънои эҳтиромро дарк намудан душвор аст. Масалан, дар калимаҳои китобашон, дафтарашон ба ҷуз маънои китоби онҳо, дафтари онҳо дигар чиз фаҳмидан душвор аст. Маънии эҳтиромии -ашон танҳо дар матн равшан ифода мешавад, чунончи: Устод китобашонро гирифта, ба донишкада рафтанд, ҷузъдонашонро шогирдашон мебурдааст [7, с.87].

Дар ин ҷумла бандакҷонишин дар се калима омадааст: китобашон, ҷузъдонашон ва шогирдашон. Ин қолаби истифода маъмул аст:

- Ба хонаашон рафтам. Худашон танҳо будаанд [8, с.184].

Дар ин қолаб бандакҷонишини шахси сеюми ҷамъ бо ибораи ишоратии он кас муродиф ба шумор меравад: китоби он кас, ҷузъдони он кас, шогирди он кас.

Бандакҷоншини - ашон дар ифодаи одоби гуфтор бо ҷонишини нафсӣ-таъкидии «худ» низ меояд: Устод санҷишро ба касе бовар намекунанд, худашон тафтиш мекунанд [9, с.3]. - Дар ин ҷо аҳли маънӣ ҳама ҷамъанд, ба ҷойи ин ки мо давраи гармро вайрон карда равем, ба Комиссар гӯед, ки худашон ба назди мо қадам ранҷа намоянд, ки домулло Айнӣ ва рафиқ Ализода низ дар ин ҷо мебошанд [7, с.51].

Бандакҷонишини -ашон ба маънои ифодаи эҳтиром, ки яке аз категорияҳои муҳимтарини одоби гуфтор ба ҳисоб меравад, бо шакли номии феъл (масдар) низ меояд:

Аз омаданашон маълум буд, ки гапашонро гузаронидаанд [9, с.3].

Дар ифодаи сарфии категорияи эҳтиром мавқеи асосиро бандакҳои феълӣ ишғол менамоянд, ки ҳамаи шаклҳои сиғавии феълро фаро мегиранд. Бандаки ифодакунандаи эҳтиром ҳамеша дар шакли ҷамъ меояд, қатъи назар аз он ки ба вазифаи мубтадо исм

омадааст ё ҷонишин. Аммо ҳангоми ба вазифаи мубтадо омадани калимаи ифодакунандаи эҳтиром шакли ин ду ҳиссаи нутқ - исму ҷонишин аз ҳамдигар фарқ мекунад. Исм ҳангоми ифодаи эҳтиром дар шакли ҷамъ намеояду ҷонишин -дар шакли танҳо. Тафовути ин ду ҳиссаи нутқ дар ҳамин равшан зоҳир мегардад.

Барои ифодаи назокату одоби гуфтор ҳамаи сиғаҳои феълии забони тоҷикӣ истифода мешаванд. Вале дараҷаи истифодаи ҳамаи сиғаҳои феълӣ як хел нест. Ифодаи эҳтиром бештар дар шакли амрии феъл мушоҳида мешавад. Сабаби асосии бо сиғаи амрии феъл бештар ифода гардидани иззату эҳтиром дар ин аст, ки эҳтиром бештар дар суҳбати ду шахс, шахси якуму дувум, гӯяндаву шунаванда воқеъ мегардад, дар суҳбат ҷанбаи субъективӣ хеле бақувват аст. Ҳангоми мубодилаи афкор ҳамсуҳбатон ҷойи якдигарро пайваста иваз менамоянд, дар як вазъият вазифаи гӯяндаро, дар вазъияти дигар вазифаи шунавандаро ба ҷо меоранд. Бинобар ин, иззату икром дар ин ҳолат ба ҳар ду тараф вобаста аст.

Дар забони тоҷикӣ шаклҳои амрӣ ва шартиву хоҳишмандии феъл гоҳо мувофиқат мекунанд. Масалан, шакли амрӣ ва шартиву хоҳишмандии феъли содаи рафтан ба ҳам мувофиқати пурра дорад:

–Равед ва тез баргардед. Агар равед ва тез баргардед, ҳар ду ҳамроҳ ба тамошо меравем.

Ваҷҳи бо сиғаи амрӣ дар ин маврид ҳамвазифа гардидани сиғаи шартиву хоҳишмандӣ ҳамин аст, ки ин сиға ба ифодаи ҳама гуна маъноҳои модалӣ қодир аст, ба ҷуз маънои ҳақиқати воқеӣ [10, с.121].

Хулосаи мо аз таҳлили маводи забони тоҷикӣ ин аст, ки дараҷаи олии ифодаи одоби нутқ дар ду маврид равшан зоҳир мегардад: якум, дар мавридҳое, ки сухан на аз шахсҳои гӯяндаву шунаванда ва мухотаби бавосита, балки аз хусуси шахси ғоиб равад; дуюм, дар мавридҳое, ки дар ифодаи эҳтиром ҳамаи воситаҳои забонӣ: ҳам луғавӣ, ҳам сарфӣ, ҳам наҳвӣ корбаст шуда бошанд.

Шаклҳои феълие, ки муроҷиатро мефаҳмонанд ва хусусияти ҷамъбастиву водоркунӣ доранд, ба ифодаи эҳтиром хеле мувофиқанд, онҳо иззату эҳтиромро равшан ифода менамоянд. Дар шаклҳои феълии сиғаи эҳтимолӣ ифодаи эҳтиром маҳдудтар аст, шаклҳои ғайритасрифии феъл дар ифодаи эҳтиром иштирок намекунанд. Ва ин табиист, чунки аломати асосии категорияи эҳтиром дар феъл бандак ба шумор меравад.

Дар одоби гуфтор барои ифодаи эҳтиром бандак дар шакли ҷамъ меояд, вале маънои ҷамъро ифода намекунад, балки шахси танҳоро далолат мекунад. Ин вазифаи бандакро иловагӣ номидан мункин аст. Аз ҳамин ҷиҳат, бандаки шаклан ҷамъу мазмунан танҳо бо бандаки ҳам шаклану ҳам мазмунан ҷамъ дар муносибати тазодӣ воқеъ мегардад.

Бандакҳои феълӣ дар вазифаи иловагии худ ҳар се шахсро ифода менамоянд. Вале бандаки феълии шахси якуми ҷамъ аз бандакҳои шахсҳои дуюму сеюми ҷамъ аз лиҳози вазифа тафовут дорад, бинобар ин, ҳар кадоми онҳоро алоҳида-алоҳида баррасӣ намудан беҳтар менамояд.

Дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳое корбаст мешаванд, ки дар онҳо мубтадо намеояд, вале ба кадом шахсу шумора мансуб будани вай ба воситаи бандакҳои феълӣ ифода мегардад:

«Ягон рӯз апаамро фиристонед, нағз мешавад (Ҷ.Икромӣ). Тасаввур кунед, ки шуморо ба даруни як тобаи азими пур аз реги тафсон гузоштаанд (А.Деҳотӣ)».

Ҳаминро илова кардан лозим аст, ки ин гуна ҷумлаҳо дар дохили матн меояд, ки ҳиссаҳои он бо аломатҳои гуногун аз ҳам ҷудо карда мешаванд. Бинобар ин, бандакҳои феълӣ шумора ва шахсро ба таври умумӣ далолат кунанд ҳам, маҳз ба кӣ мансуб будани бандаки феълиро ҷумлаҳои дигари матн нишон медиҳанд:

Як нусхаи нав аз ғазали навро мефиристам. Хоҳишмандам нусхаи пештар фиристодаамро ё пора кунед ё пас бифиристед, ё мутобиқи ин нусха дуруст кунед [11, с.40].

Бандаки феълии шахси якуми ҷамъ -ем аст. Ин бандак танҳо дар қолаби ҷумлабандӣ ширкат мекунад, вазифаи мубтадоро ҷонишини шахси якуми чамъ (мо) адо менамояд: Мо ин пешниҳодро дастгирӣ мекунем [11, с.2].

Дар ин қолаби ҷумлабандӣ ҷонишин мо ва ман, инчунин бандакҳои феълии -ам ва -ем як вазифаро адо менамоянд, бандаки -ем ба иҷрои вазифаи бандаки -ам омадааст. Аммо бандаки шаклан ҷамъу мазмунан танҳо дар ин маврид вазифаи дигарро низ адо намудааст, ки аз бандакҳои шаклан ҷамъу мазмунан танҳои шахси дуюму сеюми ҷамъ тафовут дорад. Дар ин қолаби ҷумлабандӣ асосан хоксориву фурӯтании нотиқ, ки он низ як ҷузъи одоби гуфтор аст, ифода мешавад. Азбаски калимаи ман дар баъзе мавридҳо, махсусан ҳангоми такрор ғурур ва худнамоиро ифода менамояд ва ба ин муносибат феъли таркибии «манманӣ кардан” ва «манманӣ накардан» пайдо шудааст, дар ҷамъомадҳои калон ва дар назди одамони муътабар одатан ба ҷойи ҷонишини ман ҷонишини мо истифода мешавад. Ин тарзи ифодаро аҳли салоҳ хоксорӣ номидаанд. Ҳаминро бояд гуфт, ки дар назди ҷамоа, махсусан аҳли фазл, хоксорона сухан гуфтан дар айни замон пос

доштани хотир ва эҳтироми онҳост. Бесабаб нест, ки дар грамматикаи илмӣ ин тарзи ифодаро «хоксорона ва боэҳтиром» номидаанд [12, с.176].

Дар ин гуна мавридҳо ба ҷойи ҷонишини шахси якуми ҷамъ (мо) ҳатто калимаҳои ифодакунандаи хоксориву фурӯтанӣ меоянд: камина, фақир, банда, инҷониб, ғулом (ғуломатон) ва ғайра.

Ҳангоми ба ҷойи ҷонишини мо истифода шудани исм бандак дар шакли танҳо меояд ва ба шахси якуми танҳо (ман) далолат мекунад, ки ҳодисаи аҷиб аст, чунки мавриди истифодаи бандаки феълии шахси якуми танҳо бо мубтадост. Маҳз ҳамин бандаки феълии -ам ба ҷойи ҷонишин омадани исмро далолат мекунад:

Устод Айнӣ ханда карда гуфтанд, ки ман ҳеҷ вақт дар Қаротегин набудаам [7, с.14]. Дар аснои ин суҳбатҳо Айнӣ ҳамеша пешқадамӣ мекарданд [7, с.17]. Дар ин рӯзҳо устод ҳанӯз дуруст сиҳат наёфта, рангпарида ва хеле нотоб ба назар менамуданд.

Устод яке аз аъзоёни хеле фаъоли Иттифоқи муаллимони Самарқанд буданд [7, с.20].

Дар чунин тасвирот ва баёни хотирот мубтадои ифодакунандаи шахси соҳибэҳтиром дар баъзе ҷумлаҳо ихтисор мешавад, дар чунин ҷумлаҳо вазифаи ифодаи эҳтиром танҳо ба зимаи бандаки феълӣ меафтад: Мо, тоҷикон, бо устод Айнӣ мефахрем ва миннатдорем, ки адабиёти тоҷикро пеш бурданд, баланд бардоштанд ва ба кӯчаи умумиҷаҳонӣ андохтанд [7, с.100].

Вазифашиносии устод дар мавридҳои дигар низ шоёни диққат буд: ба маҷлисҳо дар соати муқарраршуда расида меомаданд, агар адои кореро ба зимма гирифта бошанд, онро, албатта, ба ҷо меоварданд ва аз дигарон низ ҳаминро талаб менамуданд [7, с.34].

Ин шакли ифода дараҷаи олии эҳтиромро мефаҳмонад, чунки ин тарзи баёни эҳтиром на ҳамсуҳбатон, балки шахси ғоибро далолат мекунад. Шахсеро дар ғоибаш ҳурмат кардан ва онро ба қалам овардан, эҳтироми самимиро ифода менамояд. Дар ин гуна мавридҳо ба ҷойи исми соҳибэҳтиром на ҷонишинҳои шахси сеюми ӯ, вай, онҳо, балки таркиби ишоратии он кас меояд: - Магар ин дафтарро Махдуми ҳазорагӣ навиштаанд?- гуфта ман пурсидам [5, с.44].

- Он кас хат надоранд. Мактабдори гузар навишта буд [5, с.44]. Устод зарари чунин муносибат ва рафторро нисбат ба факти адабӣ қайд намуданд... Ман аз он шод ва ифтихормандам, ки бо чунин шахси бузург хеле барвақт шинос шудаам. Солҳо гузашту он кас кайҳо аз манзили мо рафта бошанд ҳам, вале бо падарам ҳамеша рафтуой донгганд [7, с.102-103]. - Дар миёнаҳои китоб боби «Мазорҳоро» кофта ёбед,- мегуфтанд Айнӣ. Он кас аз роҳи дароз ва рӯзи гарми пурчанг монда шуда буданд [7, с.118].

Дар забони тоҷикӣ ҳодисаи ба ҷойи бандаки шахси дуюми ҷамъ (-ед) омадани бандаки шахси сеюми ҷамъ (-анд) ба назар мерасад. Ин ҳодиса дар грамматикаи илмӣ чунин тафсир ёфтааст: «Баъзан бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ -анд (-янд) барои ифодаи эҳтиром нисбат ба шахси дуюми танҳо (ба ҷойи -ед) кор фармуда мешавад. Ин ҳол дар муомилаи расмии гуфтугӯӣ ва хаттӣ ба услуби махсус воқеъ мегардад:

- Канӣ, марҳамат кунанд, аз боло гузаранд.., бифармоянд. Пурсидан айб надорад, тақсирамон аз кадом қишлоқ мешаванд? (Ҳаким Карим)» [13, с.176].

Бандакҳои хабарӣ дар ифодаи эҳтиром аз бандакҳои феълӣ на аз ҷиҳати шакл тафовут доранд ва на аз ҷиҳати вазифа. Тафовути онҳо танҳо ҳамин аст, ки бандаки хабарии шахси сеюми танҳо аст буда, бандакҳои хабарӣ бо ҳиссаҳои номии нутқ низ меоянд. Азбаски хабари ҷумла бо ҳиссаҳои номии нутқ ифода мешавад, бандакҳои ин гуна хабарҳоро бо тафовут аз бандакҳои феълӣ хабарӣ номидаанд. Чунончи, муқоиса кунед:

Падари Шодӣ муаллиманду падари ман – коргар [15, с.199].

Тафовути дигари хабарҳои номӣ аз феълӣ ин аст, ки хабарҳои номӣ бе бандакҳои хабарӣ низ меоянд:

Падари Одил челонгар асту модараш - муаллима [15, с.199].

Албатта, хабари феълӣ ва номиро дар як қатор гузоштан мункин нест, вале дар ифодаи эҳтиром дар ҳар ду навъи хабар воситаҳои дастурӣ як хеланд ва вазифаҳои ягонаро адо менамоянд. Аз ин ҷиҳат, ба таснифу баррасии онҳо ҳоҷат нест.

Аз шаклҳои сиғавию замонии феъл танҳо феълҳои нақлӣ ва феъли замони ҳозираи давомдор бо бандакҳои хабарӣ меоянд, ҳиссаҳои номии нутқ низ бо бандакҳои хабарӣ сурат мегирад: Ман хондаам, мо хондаем; ту донишмандӣ, шумо донишмандед, ӯ хондааст, он кас хушхату саводанд, мо рафта истодаем, шумо роҳбалади мо, он кас пештар омаданд, эшон муаллиманд.

Баъдҳо фаҳмам, ки ин амаки нағз Садриддин Айнӣ буда, баъд аз он ки аз дасти ҷаллодони Бухоро нимҷон халос гаштаанд, ба Самарқанд омадаанду муддате дар ҳавлии мо истикомат кардаанд (7, с.98). Ин кас нависандаи машҳур Садриддин Айнӣ ҳастанд [7, с.133]. Нависандаи номии мо бо вуҷуди пирӣ ва заъфи саломатиашон бисёр пурхавсалаанд. ки агар аз пайи коре афтанд, то ба охираш нарасонанд, намемонанд [7, с.118]. - Оҳо, ин

қадар гурусна будаед, барои чӣ ҳамроҳи ман питӣ нахӯрдед? – Шумо хело хушбахт ҳастед, Саидмуродов [7, с.132-133].

Дар ифодаи одоби гуфтори забони тоҷикӣ, чунонки аз фаслҳои ба забони тоҷикӣ бахшидашудаи мақолаи мо бармеояд, бандакҳо мавқеи аввалиятро касб кардаанд, аммо дар забони англисӣ ин вазифа асосан ба зимаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ва феълҳои модалӣ қарор гирифтааст.

Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ худ ба худ дар нутқи забони тоҷикӣ назокат ва эҳтиромро таъмин намекунад, аммо дар забони англисӣ он барои ифодаи хоҳиш, илтимос ва пурсиш нақши ниҳоят муҳим дорад ва махсусан, хоҳишро бо одоби фавқулода зоҳир месозад:

Wish you could help me! Умедворам, ки шумо ба ман кумак карда метавонед! Wish you could do it for me! Умедворам, ки шумо метавонед барои ман ин корро анҷом диҳед!

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар ифодаи одоби гуфтор воҳидҳои луғавӣ бо воситаҳои грамматикӣ алоқаи зич доранд ва маҳз ҳамин алоқа назокати нутқро дучанд месозад.

Дар муроҷиат ва хоҳиш феълҳои модалӣ, чунонки дар боло қайд гардид, низ нақши бузург доранд. Масалан, барои хоҳиши ғайрирасмӣ ва маъмулӣ калимаҳои can ва will истифода мешаванд, дар муроҷиат ва дархости расмӣ ва хос бошад, феълҳои модалии could ва would серистеъмоланд:

Could you pass me the plate? – Ба ман табақчаро дода метавонед ? Will you open the door? – Дарро намекушоед ? Could you make me a coffee, please? – Лутфан, ба ман қаҳва тайёр намекунед? You wait a moment, please? – Лутфан, каме маро мунтазир намешавед ?

Баорои ифодаи эҳтиром инчунин ифодаи Would you mind бо ҳамроҳ кардани исмҳои амал ё ки дар забоншиносӣ онро герундий мегӯянд, ба кор бурда мешавад: Would you mind waiting for a moment? Шумо зид нестед то каме мунтазир шавед? - Сиғаи шартӣ-хоҳишмандии забони англисӣ низ дар муошират ва гуфтор тобиши бузурги одоби гуфтор, аз ҷумла эҳтиромро дода метавонад: You mind, if I open the door? Шумо зид нестед агар ман кушоям?

Муроҷиат ва хоҳишҳои ғайрирасмӣ ба воситаи шакли иловагии масдарӣ низ ифода ёфта метавонад, аммо ин гуна ифода ба қабати пасти эҳтиром мансуб мешавад: Want you to visit me. Дар муошират ба забони англисӣ дар сурати иҷозат гирифтан барои амалеро анҷом додан ғолибан феълҳои can, could, may истифода мешаванд: I speak to Mr Brown, please? - Оё ман метавонам бо ҷаноби Браун ҳарф занам? I take this book? – Ман метавонам ин китобро бигирам? I come in? – Мумкин дароям?

Феълҳои модалии must, should, can, may/might дар вазифаи дуюмашон маҳз барои мулоим ва боназокаттар намудани қатъияти гуфтор истеъмол мегарданд. Дар байни онҳо фарқияти маъноӣ ва прагматикии муайян вуҷуд дорад: I borrow your pen? - Certainly! (or Sure!). Мумкин аз ручкаи шумо истифода намоям? Албатта мумкин.

Вожаи may дар забони мазкур аслан дар муоширати расмӣ ба кор бурда мешавад, аз ин сабаб дар нутқи рӯзмарра аз калимаҳои can ва could дида он хеле камистеъмол аст.

Мардуми муқими Англия дар муошират хеле эҳтиёткоранд, онҳо барои пурсидан ва иҷозат гирифтан барои кореро анҷом додан, кӯшиш бар он мекунанд, ки шахси дар наздашон бударо нороҳат насозанд. Барои ҳамин англисҳо дар ин гуна маврид дар гуфтугӯ аз сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ истифода мекунанд. Масалан: Do you mind if...?, I was wondering if..? You mind if I smoke ? Шумо зид нестед агар ман сигор кашам? I was wondering if you would help me. Ба ман кумак намекунед? Do you mind if I ask you a question? Шумо зид нестед, ки ман пурсам. Инчунин, дигар востиаҳои грамматикии ифодаи боодобона пурсидан вуҷуд доранд. Инчунин, дигар воҳидҳои грамматикии боодобона дархост кардан низ вуҷуд доранд.

Барои дархост ва тақозо дар забони англисӣ вожаҳои махсусе (will you, would you, could you, right, all right, OK) баъд аз мазмуни хоҳиш истифода мешаванд, ки латофати суханро таъмин мекунанд. Гӯянда гӯё бо ҳамин васила розигии мухотабро ба даст меовараd: Me that canola would you, nurse? Thank you (дар лаҳзаи ҷарроҳӣ духтури ҷарроҳ ба ҳамшира).

Дар мавридҳои ба ифодаи боло монанд, таркиби will you / would you, ки аслан пурсиш (савол додан)-ро мефаҳмонад, ин вазифаашро аз даст дода, ҳамчун аломати назокат ва латофати гуфтор ба кор бурда мешавад, ки ин хусусият онро ба маънои вожаи please хеле наздик мекунад. Ин аст, ки баъди чунин дархост ба калимаи ҷавобӣ зарурат намемонад [14, с.133].

Дар ҳолати пешниҳод намудани дархост гӯянда на ҳамеша паёмади онро дониста метавонад, яъне мусоҳиб чӣ гуна он пешниҳодро қабул мекунад, барои ҳамин, чуноне ки дар вазъиятҳои дигар ба назар расид, гӯянда бояд барои бобарор ба анҷом расонидани хоҳиш воситаҳои грамматикии зарурро интихоб намояд. Хабари ҷумлаҳои ба ин мақсад ироагардида ни, бояд бо сиғаи шартӣ ифода гарданд. Ба мисли would be nice if you go with

me! Было бы хорошо, если бы ты смог пойти со мной! И более вежливая форма do you mind if..., would you mind if…you mind if we go to the cinema? Шумо зид нестед, то якҷоя ба тамошои филм равем? Барои ифодаи таклиф ё пешниҳод ҳам дар забони англисӣ феълҳои модалии can ва would корбаст мегарданд. Дараҷаи назокати вожаи can нисбат бар would пасттар аст: Can I help you? – Метавонам ба Шумо кумак расонам? Барои расман баён намудани миннатдорӣ дар баробари василаҳои лексикӣ воситаҳои грамматикӣ низ корбурд мешаванд, ки онҳоро асосан феълҳои модалӣ ташкил медиҳанд: Wish/would like to thank you! Мехоҳам ба шумо миннатдорӣ баён намоям!

Қобили тазаккур аст, ки аз назари қонунияти наҳвӣ воситаҳои синтаксисии ифодаи одоби гуфтор, чунонки аз таҳлили мо аён гардид, асосан шакли ҷумлаи пурраро доранд ва азбаски ба воситаҳои луғавӣ боз воситаҳои грамматикии ифодаи назокату эҳтиром илова мешаванд, ин ба мураккабшавии системаи синтаксисии забони англисӣ оварда мерасонад. Чунин мушкилиро мо дар забони тоҷикӣ эҳсос намекунем.

Наҳв дар системаи луғавӣ ва дастурии забон мавқеи муҳимро ишғол менамояд, зеро «вай воҳидҳои забониеро фаро мегирад, ки барои баёни маълумот, таъмини муошират ва муносибати одамон хидмат мекунанд» [15, с.3]. Воҳидҳои асосии наҳв ибора ва ҷумла мебошанд. Калимаҳо эҳтиромро маҳз ба туфайли ибораву ҷумла равшану возеҳ ифода менамоянд. Воҳидҳои луғавӣ ва сарфӣ, одатан сермаъно ва гуногунвазифаанд. Ба кадом маънову вазифа омадани онҳо маҳз дар ҷумла равшан мегардад.

Тарзу усули ифодаи наҳвии одоби муошират, роҳҳои сурат гирифтани эҳтиром дар забони тоҷикӣ фаровон буда, аз ғановату тавоноии он шаҳодат медиҳад. Дар ифодаи наҳвии эҳтиром сараъзои ҷумла, муайянкунандаи сифатӣ, баёния ва мухотаб фаровон истифода мешаванд. Мартабаву мақоми ҳар кадоми онҳоро нишон додан ба баррасии масъалаи ифодаи наҳвии эҳтиром мусоидат менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Сиёев Б. Таърихи ҷонишинҳои забони тоҷикӣ / Б.Сиёев. - Душанбе: Дониш, 1972. – 237 с.
2. С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷ1. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. - 348 с.
3. С. Улуғзода. Мунтахабот. Ҷ.2. – Душанбе: Ирфон, 1982. - 432 с.
4. Ф. Ниёзӣ. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.1. - Душанбе: Ирфон, 1974. – 344 с.
5. С.Айнӣ. Восифӣ ва хулосаи Бадоеъ - ул – вақоеъ. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик,1956. - 316 с.
6. Р. Ҳодизода. Ситорае дар тирашаб. Роман. - Душанбе: Ирфон, 1983. – 448 с.
7. С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷ.11. К.1. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. - 503 с.
8. Ф. Ниёзӣ. Сарбозони бесилоҳ // Садои Шарқ, 1984. - №5; Ҷ. Одинаев. Иншо дар мавзӯи озод. – Душанбе: Ирфон, 1974. -208 с.
9. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - Душанбе: Дониш, 1980. - 332 с.
10. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология. Фонетика. Морфология. Қ.1. Китоби дарсӣ барои факултаҳои филологияи мактабҳои олӣ. - Душанбе: Маориф, 1982. - 462 с.
11. А. Лоҳутӣ. Шеърҳо ва достонҳо. К.1. – Душанбе: Ирфон, 1987. - 400 с.
12. Spiers, J. The use of face work and politeness theory [Text] / J. Spiers // Qualitative Health Research. - 1998. - Vol. 8 (1). - P. 25-47.
13. Ҷ. Икромӣ. Духтари оташ. - Душанбе: Ирфон, 1964. - 37 с.
14. Ларина, Т.В. Концепт «Вежливость» в коммуникативном сознании русских и англичан [Текст] / Т.В.Ларина // Czloviek Swiadomosc Komunikacja Internet. - Warszawa, 2004. - С. 284-293.
15. Гак, В.Г. Высказывание и ситуация [Текст] / В.Г. Гак // Проблемы структурной лингвистики. - М.: Просвещение, 1973. - С. 364-378.

ИФОДАИ ГРАММАТИКӢ - НАҲВИИ ОДОБИ ГУФТОР ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои актуалии забоншиносии муосир ифодаи грамматикӣ ва наҳвии одоби гуфтор дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ба ақидаи муаллифи мақола унсури асосии ифодаи сарфии одоби гуфтор дар забони тоҷикӣ асосан бандакҳо ба шумор рафта, фарқияти вазифаи бандак аз вандро низ бо далелҳои муътамад муайян намудааст. Инчунин, доир ба сермаъно ва сервазифа будани бандакҳо, шинохтан ва донистани онҳо ба омӯзиш ва ҳазми категорияҳои дастурӣ, пеш аз ҳама, сарфӣ будан ва вазифаҳояшон дар таҳқиқи категорияи эҳтиром муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, дар мақола се гурӯҳи бандакҳо дар забони тоҷикӣ ва аҳаммияти бандакҷонишинҳо дар мукаммалгардии воситаҳои ифодаи грамматикӣ-наҳвии одоби гуфтор дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Қобили тазаккур аст, ки аз назари қонунияти наҳвӣ воситаҳои синтаксисии ифодаи одоби гуфтор, чунонки аз таҳлили мо аён гардид, асосан шакли ҷумлаи пурраро доранд ва азбаски ба воситаҳои луғавӣ боз воситаҳои грамматикии ифодаи назокату эҳтиром илова мешаванд, ин ба мураккабшавии системаи синтаксисии забони англисӣ оварда мерасонад. Чунин мушкилиро мо дар забони тоҷикӣ эҳсос намекунем. Илова ба ин, муаллиф тарзу усули ифодаи наҳвии одоби муошират, фаровонии роҳҳои сурат гирифтани эҳтиром дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ва мусоидати мартабаву мақоми ҳар кадоми онҳоро нишон дода, баррасии масъалаи ифодаи наҳвии эҳтиромро муаяйн намудааст. Муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти мавҷуда ва таҷрибаи андӯхта оид ба ифодаи грамматикӣ-наҳвии одоби гуфтор дар забонҳои муқоисашаванда маълумот дода, зарурати таҳлили илмию муқоисавии онҳоро аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст.

Калидвожаҳо: ифодаи грамматикӣ, наҳв, бандак, бандакҷонишинҳо, бандакҳои феълӣ, маъно, шахс, одоб, гуфтор, муносибат, эҳтиром, фурӯтанӣ, назокат.

ГРАММАТИЧЕСКИЕ СРЕДСТВА ВЫРАЖЕНИЯ ВЕЖЛИВОСТИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В настоящей статье рассматриваются актуальные вопросы современного языкознания - грамматические средства выражения вежливости в таджикском и английском языках. По мнению автора, основным элементом грамматического выражения вежливости в таджикском языке в основном являются связки. Автор также определяет на материале конкретных примеров различия в функциях связок и аффиксов. В статье также говорится о многозначности и многофункциональности связок, их значении при изучении грамматики, прежде всего морфологии, а также роли в выражении категории вежливости. В статье исследуются три группы связок-флексий в таджикском языке и значение местоименных суффиксов в совершенствовании грамматических средств выражения вежливости в таджикском и английском языках. Следует отметить, что с синтаксической точки зрения, средства выражение вежливости, как показывает анализ, имеют форму полного предложения и, поскольку к лексическим средствам добавляются и грамматические средства выражения вежливости, это приводит к осложнению синтаксической системы английского языка. Такая проблема в таджикском языке не наблюдается. Кроме того, автор в своей статье показывает синтаксические способы выражения, изобилие форм и средств выражения вежливости, а также иерархический статус каждого из способов в таджикском и английском языках. На основе анализа имеющейся научной литературы и набранного опыта и знаний о грамматических средствах выражения вежливости в рассматриваемых языках автор обосновывает необходимость специального сопоставительного их изучения на примере упомянутых языков.

Ключевые слова: грамматические средства выражения, синтаксис, связка-флексия, местоименные суффиксы, глагольные окончания, семантика, лицо, вежливость, высказывание, скромность, тактичность.

GRAMMATICAL WAYS OF EXPRESSION OF COURTESIN THE TAJIKI AND ENGLISH LANGUAGES

The article deals with the actual problems of modern linguistics - grammatical ways of expression of courtesy in the Tajiki and English languages. From the auther point of view, the main element grammatical expression of courtesy in the Tajiki language are copula. The author also determines, on the material of specific examples, the differences in the functions of copulas and affises. The article also considers multiple - meaning and multiple function copula, their meaning on learning grammar first of all morphology, else role in expression the category of copula. The article examines three groups of copula-flexions in the Tajiki language and the meaning of pronouminal suffix in perfecting grammatical means of expression of politeness in the Tajiki and English languages. It shoud be noted that, from the syntactic point of view, means of expressing politeness, as analysis shows, have the form of full sentence, and since lexical means also add grammatical means of expressing politeness, this leads to a difficulty of the syntactic system of the English language. In addition the author in his article shows sintactic ways of expression of abundance of expression of courtesy as well as the hierarchical status of each of the ways in the Tajiki and English languages. Based on the analysis available in the scientitic literature and gained experience and knowelege of grammatical means of expression of politeness in the languages in question, the author justifies the need for their special comparative study on the example of the mentioned languages.

Key words: grammatical means of expression, syntax, linkinh-flexion, pronouminal suffix, verb endings, semantics, person, politeness, saying, tactfuulnest.

Сведения об авторе: ***Аминов Фируз Саидмирзоевич*** - Таджикский государственный институт языков им.С.Улугзода, соискатель кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 935-58-87-23**

Information about the author: ***Aminov Firuz Saidmirzoevich*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulughzoda, reasercher of the Department of comparative linguistics and translation theory. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev, Str.17/6. Tel.: **(+992) 935-58-87-23**

УДК: 4+491.550(575.3):378

УСУЛҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАЪЛИМИ ЗАБОН ДАР МАКОТИБИ ОЛӢ

Атоева Ҳ., Иброҳимова Ш., Туйғунов Н.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Таълим – раванди дуҷониба аст, ки дар он устод ва шогирд иштироккунанда маҳсуб меёбанд. Нақши роҳбарикунандагӣ ва омӯзиширо устод иҷро мекунад ва он як паҳлуи омӯзишро, яъне таълимро таъмин менамояд, паҳлуи дигар омӯзиш маҳсуб меёбад, ки он дар фаъолияти хонандагон амалӣ мешавад.

Таълими забон ҳамчун воситаи муошират ба худ низоми муайянеро тақозо мекунад, яъне низоми воситаҳои забонӣ, ки тавассути онҳо усулҳои зикршуда амалӣ мегарданд. Дар усули таълими забонҳои хориҷӣ ҳадафҳои зерин мавҷуданд: амалӣ, тарбиявӣ, рушдкунанда, умумитаълимӣ. Мутахассиси варзида дар соҳаи забоншиносӣ Терминасова С. дуруст қайд мекунад, ки дар вақтҳои охир омӯзиши забон боз ҳам қавитар ба миён гузошта шуд. «Талаботи бештар масъалаҳои мухталифро ба миён гузошт. Устодони забони англисӣ дар миёни таваҷҷуҳи умум қарор гирифтанд. Таваҷҷуҳ ба таълим ва омӯзиши он ҷиддӣ мавриди назари умум қарор гирифт. Ба таълимгирандагон на назария, на таърих ва ё ҷанбаҳои дигари забон муҳиммият дошт, балки сухан рондан, муошират кардан тарафи асосии масъала ҳисобида шуд [2, с.65].

Зери унвони ҳадафҳо натиҷаҳои тарҳрезишуда дар таълими хонандагон фаҳмида мешавад. Он аз рӯйи барномаи мушаххас амалӣ мегардад.

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки воситаҳои нави ифодаи андешаро дар бораи предметҳо, ҳодисаҳо ва муносибатҳо аз худ намоянд. Ҳамин воситаҳо ба онҳо хаттӣ ва ё даҳонӣ пешниҳод мешаванд. Чунин тарзи аз худ намудани усулҳо ва воситаҳо бояд бо ҳадафҳои амалии таълими забонҳои хориҷӣ мушаххас карда шавад. Дар зинаҳои мобайнии омӯзиши забонҳои хориҷӣ мушаххас намудани маҳорати муошират хонандагон пешбинӣ шудааст, яъне ин амал бояд таввассути аз худ намудани лексикаи фаъол, воситаҳои грамматикӣ, вусъат додани доираи муошират амалӣ карда шавад. Дар зинаҳои мобайнии омӯзиши нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ маҳорати хонандагии талабагон меистад. Зиёд шудани лексикаи фаъол ва грамматика барои мустаҳкам кардани онҳо тавассути муошират заминаҳои мушаххасро ба миён меоварад. Қисми бештари таваҷҷуҳ бояд ба хониши озоди хонандагон равона карда шавад. Дар ин замина навишт низ нақши асосӣ мебозад ва он бо хониши озод алоқамандии зич дорад. Амалӣ намудани мақсадҳои мушаххаси таълими забонҳои хориҷӣ дар макотиби одӣ ҳангоми иҷрои машқҳои амалӣ ва берун аз дарс ба сифати корҳои мустақилона ба роҳ монда мешавад [4, с.86].

Бояд зикр намуд, ки маҳорати муошират бо забони англисӣ аз паҳлуҳои асосии таълим ба шумор меравад. Масъалаҳои таълим ва омӯзиши забони англисӣ аз ин ҷо актуалӣ мегарданд ва аз ин рӯ, таълими он дар макотиби миёна ва ҳатто барвақтар аз он шурӯъ мешавад.

Ҳадафи асосии таълими забони англисӣ маҳорати озодона суҳбат кардан бо он аст. Муошират озод дар худ донишҳои гуфтор, шунавоӣ ва грамматикиро дар бар мегирад.

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба сифатҳои тарбиявии хонандагон, ки мақсади асосиаш таълими шахсият мебошад, бетаъсир наемонад. Дар раванди омӯзиш сифатҳои асосии шахс ватандустӣ, инсондустӣ ва амсоли инҳо омӯзонида мешаванд. Ташкили фаъолияти хонандагон бо маводҳои таълимӣ, раванди мусбии кори шогирдон ба корҳои мустақилона, аз тарафи устод роҳандозӣ мешаванд ва дар ин раванд маҳорати касбии устод мавриди истифода қарор мегирад, ки метавонанд дар таълими забон дар як маврид замина гузоранд. Дар дарсҳо эҳсосоти гурӯҳӣ, қобилияти идроки қоидаҳои асосӣ ва мубрами гуфтор, ҳамчунин қобилияти зуд дарк намудани нутқи ҳамсуҳбат ва амалҳои мушфиқона, саволу ҷавоб намудан аз ҷониби устод ба роҳ монда мешавад [7, с.90].

Грамматика - масъалаи баҳсноки доимӣ дар таълим мебошад. Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳалли масъалаи зикршуда андешаҳои хеле зиёд баён шудаанд. Бахши грамматика дар истифодаи усули тарҷумавӣ қисми асосӣ мебошад. Омӯзиши ҳама забонҳои дунё тавассути пешниҳоди грамматикаи забон сурат мегирад. Грамматика ҳамчун предмети асосӣ таълим дода мешавад [10, с.34].

Дар мактабҳои олӣ барои омӯзиши забони хориҷӣ усулҳои гуногун вуҷуд дорад. Ҳар як усул дорои хусусиятҳои хос аст. Усулҳои мухталиф таълими забони англисиро чун воситаҳои алоқа ифода мекунанд. Дар истифодаи ҳар як усул равиши фаъолияти байни қисматҳои коммуникативӣ ба назар гирифта мешавад. Ба ин системаи умумӣ ба монанди экстралингвистикӣ, фаъолияти педагогӣ, тартиби суханронӣ, алоқаи забони модарӣ бо забони англисӣ ва бошуурона таҳлил намудани он, ҳамкории шифоҳӣ, тартиби нуткронӣ, муколама, навъҳои гуногуни баёни сухан, ахборот ва аз худ намудани забони англисӣ дохил мешаванд [12, с.128].

Дар ҷаҳони имрӯза, забони англисӣ хеле маъмул буда, дар асл забони муошират байналмилалӣ мебошад ва он дар тамоми ҷаҳон мавриди истифода қарор мегирад. Илова бар ин, мунтазам методикаи нав ба нав инкишоф ёфта истодааст, ки ҳар як омӯзгор метавонад усули беҳтаринро интихоб кунад.

Айни замон, дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ аксар вақт методи классикиро истифода мебаранд:

1. Методи бевосита.
2. Методи грамматикаи-тарҷумавӣ.
3. Методи аудиовизуалӣ ва аудиолингафонӣ.
4. Методи коммуникативӣ [12, с.167].

Дар ин миён усули (методи) грамматикаи тарҷумавӣ бештар маъмул аст. Методи грамматикаи-тарҷумавӣ дар системаи муосири маориф методи асосӣ ба ҳисоб меравад. Сабаби бартарии он ин аст, ки аксарияти омӯзгорон худ дар ин методи мазкур омӯзонида шудаанд.

Мақсади усули грамматикаи тарҷумавӣ, пеш аз ҳама, омӯзондан, хондан ва тарҷума бо ёрии қоидаҳои грамматикӣ мебошад. Камбудиҳои ин метод аз он иборат аст, ки ба қисми лексикӣ диққат намедиҳанд. Омӯзиши лексика ин дар мадди аввал, азхудкунии калимаҳо мебошад. Хониш ва тарҷумаи он дар шакли қатъӣ анҷом дода мешавад. Илова бар ин, матни пешниҳодшуда барои хондан одатан аз адабиёти мураккаб интихоб карда мешавад, бинобар ин, донишҷӯ танҳо забони адабиро аз худ мекунад. Вақте ки ӯ ба

муҳити забони хориҷӣ меафтад, агарчанде дониши адабӣ дошта бошад ҳам , ба ӯ ҳангоми нутқронӣ душвориҳо пеш меоянд. Омӯзиши забони англисӣ мунтазам дар асоси забони модарӣ аз худ карда мешавад. Таълими забони англисӣ вазифаи муайяни тақрибавӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ дорад. Барои дуруст муайян намудани вазифаҳои таълимии забони англисӣ сохти раванди таълим, хусусияти шарҳи интихоби машқҳо, назорат ва баҳисобгирӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Мақсади омӯзиши ин ё дигар забонҳои хориҷӣ, ки ба мо хеле муҳим аст, метавонад усули бехтарини таълимро муайян созад. Имкониятҳои махсусан бузург барои васеъ намудани таълиму тарбияи донишҷӯён дода мешавад. Дар ин сурат, манфиатҳои инфиродии донишҷӯён ба назар гирифта шуда, усулҳои гуногун мавриди истифода қарор мегиранд.

Ҳалли масъалаҳои пурраи таълими шахсият бештар аз ҳама аз он вобаста аст, ки усулҳои муосир то кадом дараҷа ва сатҳ истифода мегарданд. Аз тарафи дигар бояд зикр намоем, ки машғул шудан ба грамматика дар бештар маврид ба хонандагон ҳангоми дарс маъқул нест, вале новобаста аз ин иҷрои машқҳои грамматикӣ амали ҳатмист. Грамматика лексикаро ташкил медиҳад, он тамоми нутқро фарогир аст. Грамматика ба асосе монанд аст, ки ҳамаи калимаҳои забон бо он алоқаманд мебошанд. Тавассути истифодаи грамматика имконияти ифодаи тамоми нозукии нутқ фароҳам меояд [9, с.90].

Бояд зикр намоем, ки устод, пеш аз ҳама, бояд донад, ки чиро таълим медиҳад ва кадом бахшро талқин менамояд. Бо дарназардошти сатҳи назариявии усулҳои таълим дар шароити кунунӣ олимон тадқиқотҳои мухталиф гузаронида, сатҳи азхуднамоии онро дар макотиби миёна баррасӣ намудаанд ва он се бахшро дар бар гирифтааст: а) бахши лингвистикӣ (забон), ки маводҳои забонӣ ва нутқро дар бар мегирад; б) бахши равонӣ, ки дар худ маҳорат ва қобилиятро, ки хонандагон бо мақсади омӯзиши забон таълим мегиранд, таҷассум мекунад; в) бахши методологӣ (усул), ки бо усулҳои таълим алоқаманд аст [13, с.58].

Грамматика - вожаи серпаҳлу, сермафҳум ва сермаъност. Аз як тараф, он ҳамчун унвони «сохтори забонӣ» ба ҳамин восита сохтори сарфиву наҳвии калимаҳоро дар забон дар бар мегирад, ки соҳибзабон онро дар даврaҳои таҳсил аз худ менамояд. Аз ҷониби дигар, «грамматика» - ин назарияи забон, илми забоншиносӣ, ҳамчунин дониши сохтории забон аст [8, с.56].

Дар раванди амал кардан бо маводҳои грамматикӣ хонандагонро зарур аст, ки дониши зеҳнии грамматикии худро сайқал дода, онро дар муошират бо шаффофият истифода баранд. Ҳадафи асосии омӯзиши грамматика дар он аст, ки омӯзандагон (хонандагон) тавонанд маҳорати гуфтори озод ва ҳамчунин нозукиҳои тарҷумаро дар забони омӯхташаванда ба таври амиқ дарк намоянд.

Маҳорат дар умум, ҳамчун ҷанбаи амиқи фаъолияти даркнамоӣ фаҳмида мешавад. Амиқии амалиёт нишонаҳои асосии маҳорат аст.

Ҳадафҳои асосии мустаҳкамкунии донишҳои грамматикӣ, пеш аз ҳама, коркарди маҳоратҳо мебошад, ки тавассути амиқгардонӣ метавонанд ба маҳорат мубаддал гарданд [12, с.95]. Шарти асосии ташкили маҳорати фаъоли грамматикӣ, пеш аз ҳама, мавҷуд будани шумораи муайяни маводи лексикӣ мебошад, ки тавассути он маҳорат метавонад пайдо шавад. Амалҳои грамматикӣ метавонанд танҳо дар заминаи хазинаи луғавии муайян ташкил карда шаванд. Маҳорати грамматикӣ ин қобилияти гӯянда нисбат ба интихоби дурусти гуфтор дар заминаи меъёрҳои муайян мебошад ва ин амал бояд дар як мижа задан ба амал бароварда шавад.

Масъалаҳои маҳорат ва истифодаи усулҳо дар илми педагогика ҳанӯз ҳам баҳснок аст ва тадқиқотҳои ояндаро тақозо мекунад. Олими машҳур Бим И. дар заминаи тадқиқоти худ зарурати таълими грамматикаро дар гуфтор зикр намуда, на дар бораи омӯзиши маҳорати грамматика сухан мегӯяд, балки оид ба иҷрои амалҳои ҳам морфологӣ ва ҳам синтаксисӣ бо истифодаи он сухан мекунад. Тадқиқотчӣ С.Ф. Шатилов маҳоратҳои грамматикиро ба гурӯҳҳои зерин тақсим мекунад: морфологӣ, морфологӣ-синтаксисӣ, синтаксисӣ. Олими бузург Р.П. Мильруд оид ба маҳоратҳои гуфтор ва қобилият сухан ронда, масъалаҳои зарурiро дар раванди муошарат пешниҳод меосозад [6, с.125].

Ҳамин тавр, дар таълими забонҳои хориҷӣ, аз он ҷумла англисӣ, нақши таълими грамматика агар асосӣ бошад, ҷанбаҳои дигари омӯзиш аз лиҳози равонӣ низ бояд аз назарҳо дур намонанд. Дар синну соли мактабӣ нисбат ба калонсолон инкишофи нутқ агар аз лиҳози аз худ намудани асосҳои грамматикӣ асосӣ бошад, аз тарафи дигар, зиёд шудани захираҳои луғавӣ низ мавқеи муҳим дорад.

Умуман, маҳорати сермаҳсули грамматикӣ – ин қобилияти гӯянда дар интихоби усули гуфтор ва истифодаи меъёрҳои мушаххаси ҳамон забон мебошад. Вазифаҳои нутқ ҳамеша нияти муошарат ва хабар расондан, ба чизе бовар кунонидан ва амсоли инҳо мебошад. Аз ин рӯ, меъёрҳои грамматикӣ ва вазифаҳои нутқ бояд миёни ҳам алоқамандӣ дошта бошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Боровкова М.В. Ролевая игра как средство обучения иностранному языку / М.В. Боровкова. - М., 2001. - С. 61-64.
2. Зимняя, И.А. Педагогическая психология: учеб.для вузов / И.А. Зимняя. - М.: Логос, 2002. - С. 175-179.
3. Клименко, А.Д. Теоретические основы методики обучения иностранного языка в средней школе: учебн. пособие / А.Д. Клименко, А.А. Миролюбова. - М.: Педагогика, 1981. – 389 с.
4. Кушнир, А.А. Педагогика иностранного языка: учебник / А.А. Кушнир. - М.: Школьные технологии, 1997. - 191 с.
5. Леонтьев А.Н. Деятельность, сознание, личность /А.Н. Леонтьев. - М.: Политиздат, 1977. - 256 с.
6. Радугин, А.А. Психология и педагогика: учеб пособие для вузов / А.А. Радугин. - М.: Центр, 1999. - 256 с.
7. Рогова Г.В. Методика обучения английскому языку на начальном этапе в средней школе: пособие для учителя / Г.В. Рогова, И.Н. Верещагина. - М: Просвещение, 1988. - 224 с.
8. Селевко, Г.К. Современные образовательные технологии: учеб.пособие / Г.К. Селевко. - М.: Народное образование, 1998. - 256 с.
9. Слободчиков, В.А. Контроль в обучении иностранному языку в средней школе: пособие для учителей / В.А. Слободчиков. - М.: Просвещение, 1986. - 111 с.
10. Туйгунов Н.Х. Грамматикаи забони англисӣ. Васоити таълимӣ / Н.Х. Туйгунов. - Душанбе, 2013. - 184 с.
11. Талызина, Н.Ф. Педагогическая психология: учебник / Н.Ф. Талызина. - М.: Академия, 2003. - 288 с.
12. Филатов, В.М. Методика обучения иностранным языкам в начальной и основной общеобразовательной школе: учеб. пособие для студентов педагогических колледжей / В.М. Филатов. - Ростов на Дону: АНИОН, 2003. - 416 с.
13. Шубин Э.П. Языковая коммуникация и обучение иностранному языку / Э.П. Шубин. - М.: Просвещение, 1972.; - Л.: 1974. - С. 58.

УСУЛҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАЪЛИМИ ЗАБОН ДАР МАКОТИБИ ОЛӢ

Дар мақола андешаҳои муаллиф оид ба усулҳои афзалиятноки таълими забони англисӣ ва роҳу воситаҳои самаранок омӯзонидани он мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифода аз адабиёти илмиву таълимӣ оид ба усулҳои таълими забони англисӣ андешаронӣ намудааст. Таълими забони англисӣ дар замони муосир нақши бағоят калон дорад, зеро бидуни таълими дурусти он хонанда аз усулҳои самаранок аз худ намудани он дар канор мемонад ва ин амал ба нодурустии таълим оварда мерасонад. Усулҳои таълими забон гуногунанд. Аз як тараф, агар усулҳои маъмул истифода шаванд, аз тарафи дигар, маҳорати истифодаи усулҳои гуногун аз тарафи омӯзгор нақши муҳим дорад, зеро маҳорати баланди истифодаи усулҳо метавонад самаранокии онро таъмин созад. Бояд зикр намоем, ки воситаҳои гуногуни таълим дар шароити кунунӣ хеле зиёд ба миён омадаанд. Ба ин гурӯҳи воситаҳо аз ҷумла, усулҳои комуникативиро долхил кардан мумкин аст, ки мавриди истифодаи аксар забоншиносон қарор гирифтаанд. Бояд дар назар дошт, ки вобаста ба ҳолатҳои гуногун устод метавонад усулҳои мухталифи таълимро интихоб намуда, онро ҳангоми таълими забон истифода барад. Ин амал, аз як тараф, агар шавқи хонандаро бедор созад, аз тарафи дигар, самаранокии таълимро таъмин менамояд. Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки раванди таълими забон зина ба зина рушд намуда, усулҳои мухталиф ба миён омада истодаанд, ки яке нисбат ба дигаре афзалиятноктар мебошанд. Новобаста аз тағйиротҳо дар системаи таълими забон маҳорати устод, пеш аз ҳама, дар мадди аввал аст, зеро танҳо устод метавонад муайян созад, ки бо кадом роҳ бо таълимгирандааш кор барад, то ин ки таълим самаранок бошад.

Калидвожаҳо: афзалият, усулҳои таълим муосир, бартарӣ, самаранокӣ, маҳорати устод, асосҳо, омӯзиш, маҳорати педагогӣ, методҳо, рушд.

ЭФФЕКТИВНЫЕ МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ ЯЗЫКА В ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

В статье автор рассматривает методы преподавания английского языка и способы проведения эффективных уроков. На основе существующих педагогических исследований автор статьи предлагает свою точку зрения на способы преподавания английского языка. Обучение английскому языку занимает особое место в современном мире. Существуют различные методы преподавания иностранных языков. Эти методы используются различными преподавателями. Надо отметить, что при использовании активных методов обучения роль преподавателя и особенно его преподавательские навыки занимают особое место, так как, с одной стороны, современные методы считаются необходимыми, с другой стороны, умения и навыки преподавания играют важную роль. Использование различных методов преподавания, в том числе разных коммуникативных упражнений могут быть использованы при проведении уроков английского языка. В зависимости от уровня знания учащихся, преподаватель может выбирать различные методы обучения, которые способствуют изучению выбранного материала. Этот метод с одной стороны, создаст условия, повысит интерес учащиеся к изучению материалов урока, с другой стороны, обеспечит эффективность урока преподавателя. Анализ показывает, что система преподавания языка постепенно развивается и возникают новые методы преподавания, которые имеют в каком - то мере преимущество, по сравнению с другими методами.

Ключевые слова: преимущество, современные методы обучения, эффективность, мастерство, навыки, основа, обучение, педагогические навыки, методы, развитие.

EFFICIENT METHODS OF LANGUAGE TRAINING IN HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS

In the article, the author considers effective methods of teaching English and how to conduct effective lessons. On the basis of existing pedagogical research, the author of the article offers his points of view on ways of teaching English. Teaching English takes a special place in the modern world. There are various methods of teaching foreign languages. These methods are used by various teachers. It should be noted that when using active teaching methods, the role of the teacher and especially his teaching skills occupy a special place, since, on the one hand, modern methods are considered necessary, on the other hand, the ability and skills of teaching play an important role. The use of various teaching methods, including various communication exercises, can be used in conducting English lessons. Depending on the level of knowledge of students, the teacher can choose a variety of teaching methods that contribute to the study of the selected material. On the one hand, this method creates a condition that students will be interested in studying the lesson materials, on the other hand, it ensures the effectiveness of the lesson of the teacher. Analyzes show that the language teaching system is gradually developing and new teaching methods are emerging, which have some advantage over the other method.

Key words: efficiency, modern teaching methods, property, advantage, teaching skills, principles, training, communication, result, methods.

Сведения об авторах: ***Атоева Ханифа*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: **Atoev.a@inbox.ru**
Иброхимова Шарифа – Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: tuygunovnosir@mail.ru
Туйгунов Носир Хакбердиевич - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: **tuygunovnosir@mail.ru**

Information about the authors: ***Atoeva Hanifa*** – Tajik State University of Finance and Economics, senior teacher of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimova Str., **64/**14. E-mail: **Atoev.a@inbox.ru**
Ibrohimova Sharifa – Tajik State University of Finance and Economics, senior teacher of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimova Str., **64/**14 E-mail: **tuygunovnosir@mail.ru**
Tuygunov Nosir Khakberdievich – Tajik state University of Finance and Economics, candidate of philology sciences, dotsent, the Head of the department of Foreign Language. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Str., **64/**14. E-mail: **tuygunovnosir@mail.ru**

УДК: 42+491.550 (575.3)

ОИД БА МАФҲУМИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ БЕМУОДИЛ ВА РОҲУ УСУЛИ ТАРҶУМАИ ОНҲО АЗ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Кесамирова С.Р.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Воҳидҳои луғавии бемуодил ва роҳҳои тарҷумаи онҳо дар замони муосир яке аз масъалаи мубрами тарҷумашиносӣ ба шумор рафта, то ҳол мавриди тадқиқотҳои илмӣ қарор доранд. Сабабҳои пайдоиши чунин воҳидҳои луғавии бемуодил дар мухталиф будани фарҳангу маданияти халқиятҳо, пешравии босуръати илму техника дар мамлакатҳои дунё ва гуногунии расму русуми миллии ҳар як миллат инъикос мегардад. Ба воҳидҳои луғавии бемуодил истилоҳот, исмҳои хос, калимаҳои мураккаб, реалияҳо, лакунаҳо, экзотизмҳо, диалектизмҳо, неологизму жаргонизмҳо, архаизмҳо ва баъзе воҳидҳои фразеологӣ дохил мешаванд, ки чунин гурӯҳҳои воҳидҳои луғавӣ бо сабабҳои гуногун ҳангоми тарҷума аз як забон ба забони дигар ҳамчун воҳидҳои бемуодил интиқол мешаванд. Воҳидҳои луғавии бемуодил маънои онро надорад, ки онҳо дар матн тамоман тарҷума намешаванд. Муҳаққиқони илми тарҷумашиносӣ роҳу усулҳоеро пешкаш менамоянд, ки чунин воҳидҳои луғавии бемуодил аз як забон ба забони дигар то ҳадди имкон тарҷума мегарданд, ки яке аз он усулҳо тарҷумаи транскрипсия ва транслитератсия, эзоҳ дар поварақ, калка ва нимкалка, шарҳи маънӣ, аналоги функционалӣ, шарҳдиҳӣ ва фаҳмондадиҳӣ, тарҷумаи матнӣ ва ғ. мебошанд.

Муҳтавои навиштани мақола дар муайян намудани моҳияти мафҳуми воҳидҳои луғавии бемуодил дарҷ гашта, роҳу воситаҳои тарҷумаи он муайян карда мешаванд.

Масъалаи бемуодилии воҳидҳои луғавии байнизабонӣ тақрибан аз нимаи асри гузашта таҳти тадқиқот қарор дорад. Ин яке аз муҳимтарин масъалаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ ба шумор меравад. Бо назардошти он ки оид ба ин масъала забоншиносони тоҷик кам тадқиқот бурдаанд, нуқтаи мазкур аҳаммиятноктарин масъала дар забоншиносии тоҷик ба шумор меравад. Дар бораи бемуодилии воҳидҳои луғавӣ аввали солҳои 50-ум забоншиносони бузург, мисли Я.И. Ретскер, А.О. Иванов, А.В. Фёдоров, Л.С. Бархударов, С. Влахов, С. Флорин, Л.Н. Соболев, Г.В. Чернов ва аз забоншиносони тоҷик дар давраи муосир Ф.М. Турсунов истинодҳо оид ба ин масъала оварда, кору фаъолият бурдаанд.

Аз рӯйи ақидаи тарҷумашиноси тоҷик Турсунов Ф.М. «мушкилоти асосии воҳидҳои бемуодили нутқ дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як забон инъикоскунандаи фарҳангу маданияти хосси миллати худ буда, тафаккур ва арзиши миллӣ дар ҷомеаи ҳар як миллат ба таври гуногун зоҳир гардидааст. Дигар хусусияти фарқкунандаи муҳим ин сохтори такрорнаёбандаи грамматикӣ ва типологияи муқосавии худи ҳамон забон ба ҳисоб меравад, ки аз дигар забонҳо чи забони оилаи хеш бошад ва чи забони оилаи бегона, яъне аз ҳамаи онҳо фарқ мекунад» [5, с.63].

Ба воҳидҳои бемуодили нутқ он калимаҳое дохил мешаванд, ки муодил ё мутобиқи худро дар забони тарҷума пайдо карда наметавонанд. Метавон қайд намуд, ки воҳидҳои луғавии бемуодил мафҳум ё ин ки ҳолату равандҳоеро фаро мегиранд, ки ҳам дар сохтори

фонди луғавӣ ва ҳам аз рӯйи мазмун аналоги худро дар дигар забон надоранд. Воҳидҳои луғавии бемуодил гарчанде мутобиқи худро дар ҷараёни тарҷума дарҳол наёбанд ҳам, бо мурури замон онҳо баъзе вариантҳои муайянро пайдо месозанд, то ки ба дигар забон интиқол ёбанд. Забоншиноси барҷаста А.В. Фёдорова қайд менамояд, ки «Набудан ё пайдо накардани муодили доимӣ ва мусодифи муайяни воҳидҳои луғавии ин ё он истилоҳ маънои онро надорад, ки интиқоли мазмун ва мундариҷаи матн имконнопазир аст (метавон бо роҳи шарҳи маънӣ ё бо якчанд калима онро маънидод намуд), яъне ин маънои онро надорад, ки дар оянда чунин воҳидҳои луғавӣ тарҷуманашавандаанд. Таърихи ҳар як забон тағйироту иловаҳои доимии таркиби луғавиро шаҳодат дода, дар баробари рушди фарҳангу маданият, илм, истеҳсолот ва ҷомеаи инсонӣ аз ғанӣ гаштани фонди луғавӣ дарак медиҳад. Дар айни бой ва ғанӣ гаштани фонди луғавии забон имконият ва роҳи тарҷумаи онҳо низ пайдо мегардад» [6, с.123].

Чи хеле ки забоншиносони машҳур ба монанди В. Гумболдт ва Л. Вайсгербер қайд мекунанд, ҳар як забон дорои тасвири ҷаҳони беназири худ мебошад [9, с.88]. Забону тафаккур ва ҷаҳонбинии ҳар як миллат аз ҳамдигар фарқ мекунад. Аз ин лиҳоз, дар раванди тарҷума ба қуллаи муодилнокии комил расидан кори тарҷумонро хеле мушкил мегардонад. Чи тавре, ки И. С. Алексеева қайд менамояд, «истилоҳи муодилнокӣ таърихи худро дорад. Дар гузашта мафҳуми ин истилоҳ мутобиқати шумораи калимаҳои забони матни асл бо шумораи матни тарҷума баробар будан ба ҳисоб мерафт» [1, с.139].

Олимони тарҷумон лексикаи бемуодилро бо мафҳумҳои гуногун ном гирифтаанд. Як гурӯҳ олимон ба лексикаи бемуодил реалияҳо ва дигар гурӯҳ бошад лакунаҳоро дохил кардаанд, вале агар дар умум гирем, ба лексикаи бемуодил калимаҳое дохил мешаванд, ки хосси забони як миллат мебошанд, дар фарҳангу тамаддуни дигар миллат онҳо бегона ва ғайри истифодаанд. Аз рӯйи ақидаҳои С. Влахов ва С. Флорин бармеояд, ки ба воҳидҳои луғавии бемуодил на танҳо реалияҳо, балки баъзе истилоҳот, лакунаҳо, баъзе нидоҳо, экзотизмҳо, аббревиатураҳо, исмҳои хос ва ибораҳои рехта, ё ин ки фразеологизмҳо дохил мешаванд [3, с.17-174]. Чи тавре ки зикр гардид, воҳидҳои луғавии бемуодилро чун тарҷуманашавандаҳо номгузорӣ мекунанд, ки ин маънои онро надорад, ки он калима дар тамоми забонҳои ҷаҳон тарҷуманашаванда аст. Воҳидҳои луғавии бемуодил танҳо дар муқоисаи ду забон ё дар раванди тарҷума аз як забон ба забони дигар, яъне аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ, бемуодил ба шумор мераванд, шояд дар дигар забонҳо онҳо муодили худро пайдо карда тавонанд. Ҳоло бошад, танҳо воҳидҳои луғавии ду забон дар назар дошта шудааст.

Ҳамин тавр, воҳиди луғавии бемуодил гуфта, калима ё ибораҳое дар назар дошта шудаанд, ки дар забони асл вуҷуд доранд, вале дар фонди луғавии забони тарҷума муодили худро намеёбанд, яъне воҳидҳои луғавие, ки ба таври аналогӣ ё аз рӯйи мазмуни матн шарҳ дода мешаванд [4, с.81].

Сабабҳои пайдо шудани воҳидҳои луғавии бемуодил инҳо мебошанд:

- Вуҷуд надоштани ашё ё мавҷудот дар ҳаёти халқи забони тарҷумашаванда.
- Набудани маънои мафҳуми забони асл дар забони тарҷума.
- Тавсифи мухталифи услубӣ ва луғавӣ дар забонҳо.

Истилоҳот аслан ба воҳидҳои луғавии муодил дохил мешаванд, вале баъзан истилоҳоти наве дар забон ба вуҷуд меоянд, ки дар забони тарҷумашаванда мафҳуми ношинос доранд ва мазмуни онҳо ба хонандагони матни тарҷума нофаҳмо аст. Неологизмҳо низ метавонанд бо чунин ҳолат садди роҳи тарҷумон шаванд. Мисол, истилоҳи clon- клон, radar – радар тарҷума шудааст. Бештари истилоҳот бо усули калкакунонӣ ва тарҷумаи тасвирӣ ба дигар забон интиқол меёбанд. Ба монанди digital watch – соати рақамӣ ва supermarket – фурӯшгоҳи бузург тарҷума ёфтаанд.

Неологизмҳо аслан тарҷума мешаванд ва агар муддати зиёд дар истифода бошанд, муодили худро дар дигар забон пайдо карда метавонанд, вале неологизмҳои муаллифӣ низ вуҷуд доранд, ки новобаста бо мурури замон онҳо воҳиди луғавии бемуодил ба шумор мераванд. Масалан, дар асари Ҷ.К. Роуллинг «Гарри Поттер»: *Dumbledore slipped the put – outer back inside his cloak. – Дамблдор оташафрӯзаки худро ба кисаb дохилии мантияаш баргузошт.* (*Дамблдор засунул свою зажигалку обратно во внутренний карман мантии)* [11, с.12].

Калимаи ***put – outer*** неологизми забони англисӣ ба ҳисоб рафта, дар дигар матнҳо истифода намешавад, яъне худи ҳамон нависанда онро ба вуҷуд овардааст ва танҳо дар асари худаш бо он мазмун фармуда шудааст. Маънои аслии калимаи ***оташафрӯзак*** бо забони англисӣ ин ***lighter*** мебошад, яъне калимаи ***put – outer*** неологизми муаллифӣ мебошад, ки бо роҳи тарҷумаи тасвирӣ ё мазмунан интиқол меёбад.

Гурӯҳи дигари воҳидҳои луғавии бемуодил ин лакунаҳо мебошанд, ки онҳоро аз реалияҳо фарқ кардан хеле душвор аст. Реалия предмет ё ашёеро мефаҳмонад, ки хосси як миллат аст ва дар ҳаёти дигар халқ умуман истифода намешавад, вале лакуна бошад

мафҳумҳоеро дар назар дорад, ки дар тафаккури дигар халқ айнан таҷассум наёфта, балки бо дигар калимаҳо маънидод шудааст. Масалан, *beauty sleep – хоби пеш аз нимашаб, glimpse – нигоҳи тез, inferiority – рутбаи пастар/поёнтар* ва ғ. Агар ин мафҳумҳои забони англисӣ айнан дар забони тоҷикӣ вуҷуд надошта бошанд ҳам, дар тафаккури халқи тоҷик ин ибораҳо фаҳмоанд, яъне мазмунан бегона наменамоянд. Реалияҳо бошанд тамоман бегонаанд.

Воситаҳои ифодаи воҳидҳои луғавии бемуодил дар тарҷума бо роҳҳои гуногун шакл мегиранд:

1. ***Транскрипсия*** дар вақти тарҷумаи воҳидҳои луғавии бемуодил аз рӯйи шакли фонетикӣ аз як забон ба дигар забон мегузарад. Муҳим он аст, ки агар ҳангоми транскрипсия тарҷумон воҳидҳои луғавии бемуодилро аз як забон ба забони дигар мувофиқи қоидаҳои фонетикӣ дуруст гузаронад, воҳидҳои бемуодил метавонанд ба хонанда ҳам мазмун диҳанд ва ҳам колорит. Транскрипсия - гузариши овозҳои бегона (одатан номҳои хос, номҳои географӣ, истилоҳоти илмӣ) бо ёрии ҳарфҳои алифбои забони мақсад. Транслитератсия - гузариши ҳарфҳои забони дигар бо ёрии ҳарфҳои алифбои забони тарҷума.

2. Тарҷумон ба он кӯшиш менамояд, ки чизи «бегона» - ро пурра «аз они худ» кунад. ***Транслитератсия*** бошад ба он кӯшиш менамояд, ки чизи «бегонаро ба воситаи чизи худӣ» нигоҳ дорад. Тарҷумаи воҳидҳои луғавии бемуодилро ҳамон вақт истифода мебаранд, ки истифодаи транскрипсия бо ягон сабаб номумкин аст. Бо сохтани калима ё ибораи нав чунин натиҷаҳоро ноил шудан мумкин аст. Ин гуна калимаҳои нав дар навбати аввал аз калка ва нимкалка ба даст меоянд.

There is ***Mortimer****'s, the tobacconist, the little newspaper shop, the* ***Coburg branch of the City and Suburban Bank****, the* ***Vegetarian Restaurant,*** *and* ***McFarlane's*** *carriage-building depot* [8, с.45].

Тарҷума: Аввал магазини тамокуфурӯшии ***Мортимер****, баъд дӯкончаи газетафурӯшӣ, сонӣ* ***шуъбаи банки Шаҳрӣ ва Атрофишаҳрии Кобург****, баъд* ***ресторани вегетарианӣ****, сонӣ депои каретаҳои* ***Мак-Ферлан*** [2, с.18].

Ҷумлаи дар боло зикршуда на танҳо лакуна, балки як қатор исмҳои хоссеро низ доро мебошад, ки дар матни тарҷума ҳамчун воҳидҳои луғавии бемуодил тарҷума шудаанд. Исми хоси ***Mortimer*** дар матни тарҷума бо усули транслитератсия чун ***Мортимер*** гузашта, исмҳои хоси дигар мисли ***the Coburg branch of the City and Suburban Bank*** ба матни тоҷикӣ ҳам бо усули тарнслитератсия ва ҳам шарҳи маънӣ интиқол гаштаанд. Ибораи ***Vegetarian Restaurant*** лакунаи забони англисӣ ба шумор рафта, дар ин матн бо усули транслитератсия ҳамчун ***ресторани вегетарианӣ*** тарҷума шудааст. Албатта, хӯроку таомҳои халқи тоҷик низ бе гӯшт тайёр карда мешаванд, вале ҳамчун тарабхонаи махсус, барои ин гуна таомҳо ҳоло дида намешавад, шояд ин сабаб бошад, ки калимаи ***vegetarian*** муодили худро дар матнҳои тоҷикӣ пайдо намуда наметавонад.

3. ***Калка*** – тарҷумаи калима бо роҳи нусхабардорӣ. Мисол: *англисӣ – skyscraper, русӣ – небоскреб, тоҷикӣ – осмонхарош.* Яъне, аз рӯйи шакл ва мазмун тарҷума шудани калима мебошад.

" I won't insult your intelligence by telling you how I read that, especially as, rather against the strict rules of your order, you use an ***arc – and – compass*** *breastpin* [8, с.31].

Тарҷума: - Франкмасон буданатонро пай бурдан кори душвор не, зеро шумо, бар хилофи устави сахти ҷамъияти шумо, запонкаи расмаш ***камону доира*** *доред* [2, с.5].

Мисоли мазкурро агар таҳлил кунем ва калимаи ***arc*** ва ***compass***– ро аз луғат нигоҳ кунем, ***arc*** – ***камон*** мешаваду ***compass*** – ***доира***. Аз ин бармеояд, ки дар калка реалия ба воситаи луғат тарҷума мешавад, яъне калима ба калима. Реалияи ***arc – and – compass*** дар забони тарҷумашуда аз ҷиҳати мазмун дурустанд, аммо чи тавре ки ҷумлаи асл ба хонанда мазмуни таъсирбахш медиҳад, дар забони тарҷума ин тавр нест ва колорит тамоман дида намешавад.

4. ***Нимкалка*** – дар роҳи худ калимаҳои нимиқтибос буда, онҳо ҳам калима ва ҳам ибора мебошанд, ки «ними калима худӣ, ними дигараш аз забони дигар аст». Мисол: тоҷикӣ - декабрист, англисӣ – Decembrist.

Adele and I had now to vacate the library: it would be in daily requisition as a ***reception-room*** *for callers* [10, с.103].

Тарҷума: Ману Аделро лозим омад китобхонаро холӣ бикунем. Кунун он ҳамчун ***пазиришгоҳи*** *меҳмонону корафтодагон хидмат менамуд* [7, с.114].

5. ***Тасвиркунӣ, фаҳмондадиҳӣ, шарҳдиҳӣ*** – яъне тарҷумаи наздик кардани воҳидҳои луғавии бемуодил дар он ҳолат истифода бурда мешавад, ки тарҷумон дигар чора надорад. Маълум мешавад, ки калимаи дучоромада бо роҳи транскрипсия ё усули дигар тарҷума намешавад. Масалан, *Irish – setter - сеттерҳо (як хел саги шикорӣ), Bermuda Dockyard - доки (таъмиргоҳи киштӣ) Бирмунд, Wharves - верфьҳо (ҷойи таъмири киштиҳо)* ва ғ.

“… Do you not ***deduce*** *something from that?”*[8, с.92].

Тарҷума: *Аз ҳама он чи ки гуфта шуд, бо усули* ***дедуксия (аз кулл ба ҷузъ пай бурдан)*** *ягон хулоса бароварда наметавонед?*[2, с.41-42].

Ба масъалаи тадқиқоти усулҳои тарҷумаи бемуодилҳо корҳои зиёд бахшида шудааст. Қонуниятҳои тарҷумаи воҳидҳои луғавии бемуодил дар назария ва амалияи тарҷума устуворанд, вале тарҷумонҳо дар кори худ ба таҷриба ва маҳорати касбии худ такя карда, роҳҳо ва усулҳоеро интихоб мекунанд, ки воҳиди бемуодил мавриди тарҷума ба хонанда аниқу равшан бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Алексеева, И.С. Введение в переводоведение: учеб. пособие для студ. учреждений высш. проф. образования / И.С. Алексеева. - 6-е изд., стер. - СПб.: Филологический факультет СПбГУ; - М.: Академия, 2012. - 368 с. (Высш. проф. образования).
2. Артур, Конан Дойль. Ҳикояҳо дар бораи Шерлок Холмс / Артур Конан Дойль (тарҷ. аз русӣ). - Душанбе: Ирфон, 1981. - 448 с.
3. Влахов, С.И. Непереводимое в переводе / С.И. Влахов, С.П. Флорин. - 4-е изд. - М.: Р. Валент, 2009. - 360 с.
4. Иванов, А.О. Безэквивалентная лексика: перевод, язык, культура: учеб. пособие / А.О. Иванов. - СПб.: Филол. фак. С.-Петерб. гос. ун-та, 2006. – 192 с.
5. Турсунов, Ф.М. Безэквивалентная лексика в переводе (на материале английского и таджикского языков): монография. - Душанбе, 2015. – 432 с.
6. Фёдоров, А.В. Основы общей теории перевод (лингвистические проблемы) / А.В. Фёдоров. - СПб., 2002. - 416 с.
7. Шарлотта, Бронте. Ҷейн Эйр. Роман; аз русӣ тарҷ. Салими Зарафшонфар / Шарлотта Бронте. – Душанбе: ТҶБ «Истиқбол», 2010. - 412 с.
8. Arthur, Conan Doyle. Adventures of Sherlock Holmes / Arthur Conan Doyle. – USA: Quality Paperback Book Club, 1994. - 307 p.
9. Cauer, P. Die Kunstdesэbersetzens / P. Cauer. - Berlin, 1914. - S. 400.
10. Charlotte, Bronte. Jane Eyre / Charlotte Bronte; edited with an introduction by M. Smith. - Oxford University Press, 1975. - 496 p.
11. Rowling, J.K. Harry Potter and the Sorcerer’s Stone / by J.K. Rowling / p. cm/ copyright ©. - Warner Bros, 1998. – 336 p.

МОҲИЯТИ МАФҲУМИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ БЕМУОДИЛ ВА РОҲУ УСУЛИ ТАРҶУМАИ ОНҲО АЗ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур ба воҳидҳои луғавии бемуодил бахшида шуда, ақидаву фикрронии забоншиносон ва тарҷумонҳо роҷеъ ба ин масъала ҷамъоварӣ гардидааст. Дар мақола инчунин сабабҳои пайдоиши воҳидҳои луғавӣ дар забонҳо ба таври муфассал зикр гардидааст. Аз сарчашмаҳои назариявии мақола маълум гардид, ки ба воҳидҳои луғавии бемуодил реалияҳо, лакунаҳо, истилоҳот, неологизмҳо, исмҳои хос, экзотизмҳо ва ғ. дохил мешаванд. Сабаби асосии пайдоиши воҳидҳои луғавии бемуодил дар мухталиф будани фарҳангу маданияти халқиятҳо, пешравии босуръати илму техника дар мамлакатҳои дунё ва гуногунии расму русуми миллии ҳар як давлат инъикос мегардад. Дар баробари ин, маълум гардид, ки воҳидҳои луғавии бемуодил тарҷуманашаванда ба шумор намераванд, зеро роҳу воситаҳои гуногуни интиқоли онҳо дар тарҷумашиносӣ муайян гардидааст, ки яке аз он усулҳои тарҷума ин транслитератсия, калка, шарҳдиҳӣ, аналоги функционалӣ ва ғ. мебошад. Қонуниятҳои тарҷумаи воҳидҳои луғавии бемуодил дар назария ва амалияи тарҷума устуворанд, вале тарҷумонҳо дар кори худ ба таҷрибаи касбии худ такя карда, роҳҳо ва усулҳоеро интихоб мекунанд, ки воҳиди бемуодил мавриди тарҷума ба хонанда аниқу равшан бошад.

Калидвожаҳо: тарҷума, воҳиди луғавии бемуодил, реалия, лакуна, неологизм, истилоҳот, транслитератсия, калка, шарҳдиҳӣ, аналог.

О ПОНЯТИИ ПЕРЕВОДЧЕСКОЙ ЭКВИВАЛЕНТНОСТИ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ И ОСОБЕННОСТЯХ ИХ ПЕРЕВОДА С АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В данной статье рассматривается безэквивалентность лексических единиц, собраны взгляды лингвистов и переводчиков по данному вопросу. В статье также определены конкретные причины возникновения безэквивалентных лексических единиц. Из теоретических источников статьи стало известно, что в безэквивалентные лексические единицы были включены реалии, лакуны, терминология, неологизмы, собственные имена, экзотизмы и т. д. Основной причиной возникновения безэквивалентных лексических единиц является разнообразие культур народов, развитие науки и техники в странах мира, разнообразие национальных обычаев и традиций каждого государства. Наравне с этим было выявлено, что безэквивалентные лексические единицы считаются непереводимыми, а для их перевода существуют разные способы передачи, среди которых можно выделить транслитерацию, калькирование, интерпретацию, функциональный аналог и т. д. Закономерность перевода безэквивалентных лексических единиц твердо установлена в теории и практике перевода, но переводчики в своей работе, полагаясь на свой профессиональный опыт, выбирают такие способы, чтобы безэквивалентные лексические единицы в процессе перевода были понятны и доступны читателю.

Ключевые слова: перевод, безэквивалентные лексические единицы, реалии, лакуны, неологизмы, терминология, транслитерация, калькирование, интерпретация, аналог.

ON THE CONCEPT OF TRNSLATION EQUIVALENCE OF LEXICAL UNITS AND FEATURES OF THEIR TRANSLATION FROM ENGLISH TO TAJIKI

This article considers the non-equivalence of lexical units and collects the opinions and ideas of linguists and translators on this issue. The article also provides an overview of the reasons for the formation of equivalent lexical units. From the theoretical sources of the article, it is clear that the lexical units include realia, gaps, terminology, neologisms, proper names, exotisms, etc. The main reason for the emergence of non-equivalent lexical units is the diversity of cultures and cultures of peoples, the rapid development of science and technology in the countries of the world and the diversity of

national customs and traditions of each state. At the same time, it was found that non-equivalent lexical units are untranslatables since there are different ways to translate them such as ransliteration, tracing, interpretation, a functional analog, etc. The regularity of translation of non-equivalent lexical units is firmly established in the theory and practice of translation, but translators rely on their professional experience in their work and translate equivalent and non-equivalent lexical units from one language to another.

Key words: translation, non-equivalent lexical units, realities, gaps, neologisms, terminology, transliteration, tracing, interpretation, analogue.

Сведение об авторе: ***Кесамирова Саодат*** – Таджиский государственный институт языков им. С.Улугзода, соискатель кафедры сопоставительная типология. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Мухаммадиева 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru**. Тел.: **(+992) 900-00-70-97**

Information about the author: ***Kesamirova Saodat*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, aspirant the Department of comparative-typology. **Address:** 734019, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru**. Tel.: **(+992) 900-00-70-97**

УДК:491.550-3:43-3

ВОЖАҲОИ МАРБУТ БА ҶАШНҲОИ « МЕҲРГОН» ВА «ОКТОБЕРФЕСТ» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Лузинаи З.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мардуми овозадори тоҷик ҷашну маросимҳои хеле зиёд доранд. Ҳар яке аз ин ҷашнҳо бо шукӯҳу шоҳамати хосса ҷашн гирифта мешаванду хусусиятҳои фарқкунандаи худро доранд, ки ин бевосита таъсири худро ба забон ва луғати он гузошта метавонад. Масалан, агар мо ҳангоми ҷашнгирии иди Наврӯз вожаҳои *гулгардонӣ, суманакмонӣ, таронаҳонӣ, аловпарак, ҳафтсин, ҳафтшинро* корбаст намоем, аммо ҳангоми ҷашнгирии иди Меҳргон бо вожаҳои *офаринҳонӣ*, *сайри мазор, аноргӯронӣ ва* ғайра рӯбарӯ мешавем.

Тавре маълум аст, яке аз ҷашнҳои фарҳангӣ - таърихии дигар миёни мардуми тоҷик ҷашни «Меҳргон» ба шумор меравад. Ҳатто дар даврaҳои вазнини таърихӣ мардуми тоҷик кӯшиш менамуданд, ки ҷашнҳои бузурги Наврӯз ва Меҳргонро бо тамоми анъанаву маросимҳояш истиқбол гиранд. Мардумшинос Додарбеков С. оид ба ҷашни Меҳргон чунин ақидаҳои ҷолиберо пешниҳод менамуд: «Меҳргон - аз ҳама ҷашни маъмул ва маъқули фарҳангӣ- таърихӣ ба ҳисоб рафта, ба мисли Наврӯз, новобаста аз ҳамаи тағйиротҳо аз қадимулайём то ба даврони мо миёни мардуми тоҷик маҳфуз мондааст» [1, с.48]. Бояд ҳаминро қайд намоем, ки агар ҷашни пуршукӯҳи «Сада» дар зимистон, ҷашни «Наврӯзи ҳуҷастапай» дар фасли баҳори нозанин истиқбол гирифта шавад, Меҳргонро дар тирамоҳи зарин истиқбол мегиранд ва ин ҷашн таҷассумкунандаи зебогии тирамоҳи зарин ба шумор меравад. Мардуми тоҷик бар он ақидаанд, ки қадрдониву эҳтиром ба идҳои қадимаи ориёӣ Меҳргон, Наврӯз ва Сада, Гулгардонӣ ва дигар ҷашнҳо яке аз ҷузъҳои ҷудонашавандаи анъана ва фарҳангу тамаддуни тоҷикон ба ҳисоб мераванд [3, с.55]. Мутафаккирони бостоншинос бар он ақидаанд, ки ҷашни пуршукӯҳи Меҳргон таърихи чорҳазорсола дорад. Ин ҷашн ба тоҷикон аз қавму қабилаҳои қадимаи эронинажод омада расидааст. Ҷашни тирамоҳии Меҳргон ҷашни мавсимии форсҳо ба ҳисоб рафта, бо як шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта мешуд. Ин ҷашни мавсимӣ ва кишоварзӣ ба шумор мерафт. То қабули дину оини муқаддаси Ислом ҷашни Наврӯз ва Меҳргон барои мардуми эронтабор ҷашнҳои давлатӣ ба ҳисоб мерафтанд. Афзалияти ин ҷашнҳо дар он зоҳир мегашт, ки дар гузашта дар ин ҷашнҳо шоҳон хеле хайру савховати зиёд менамуданд ва ҳатто аз сарчашмаҳои таърихӣ мо огаҳ гаштем, ки сару либоси қиматбаҳои хешро ба кишоварзони асил тақсим карда медоданд. Зеро Меҳргон ва Наврӯз ҷашнҳое буданд, ки мардумро ба покизагӣ, накукорӣ ва хайру саховат ҳидоят менамуданд. Дар ҷашни Меҳргон як анъанаи нек вуҷуд дошт, ҳангоме ки элчӣ оид ба фарорасии ҷашни Меҳргон хабари нек орад ба ӯ офарин гуфта, *маросими офаринҳонӣ* гузаронида мешуд.

Меҳргон на танҳо аз саршавии тирамоҳи тиллоӣ, балки аз саршавии нимаи дуюми сол огоҳӣ медиҳад. Боиси зикр аст, ки дар гузаштаи қадим дар асрҳои IV то VI барои эрониён соли нав аз моҳи якуми тирамоҳ оғоз меёфт, ҷашни Меҳргон дар гузаштаи қадим ҷашни динии эрониёни қадим мансуб ёфта, ин ҷашн бо ҳолати Худои Меҳр, Миҳр (Митра) вобастагӣ дошт.

Дар китоби муқаддаси зардуштиён «Авесто» гимни аз ҳама дароз ва пурмуҳтаво ба васфи Худои Меҳр бахшида шудааст - «Михр- Яшт» шояд аз ҳамин лиҳоз ин ҷашн хеле пуршукӯҳ буд. Фирдавсии бузургвор низ дар достони « Шоҳнома» оид ба ҷашни Меҳргон ишора намудааст. Маҳз дар ҳамин рӯз бо фармони Коваи оҳангар Фаридун Заҳҳокро нобуд месозад. Гарчанде дар даврони Шӯравӣ ҷашни Меҳргон ҳамчун ҷашни ҳосил ҷашн

гирифта мешуд, лекин урфу одат ва анъанаву маросимҳои ин ҷашн қариб ки миёни мардуми тоҷик аз байн рафта буданд. Аз ин лиҳоз, дар забон низ луғати марбут ба ин ҷашнро кам вомехӯрдем.

Бояд зикр намуд, ки ин ҷашн боз миёни тоҷикзабонон бо номи «*Иди Офтоб* » низ маъмул аст. Дар аввалҳои пайдоиши худ ин ид аз рӯйи мантиқ ҳамчун иди шукронаи Офтоб, файзу баракати он қайд карда мешудааст [6, с.8]. Тавре маълум аст, вожаи Меҳргон ба исми «*меҳр* »тавассути ҳамроҳ кардани пасванди -гон сохта шудааст. Аслан, дар забони тоҷикӣ пасванди -гон дар сохтани шакли ҷамъи исмҳо корбаст мешавад. Инчунин, ин пасванд дар забони тоҷикӣ боз соҳибият ва ба маҳал вобаста будани ашёро низ ифода мекунад. Бо ибораи дигар калимаи «Меҳргон» маъноҳои "м*еҳрҳо*", "*соҳибони меҳр*","*дорои меҳр*", *"меҳрубон*"- ро ифода намуда, ба манзил ва ҷойи меҳр ишора мекунад [4, с.466].

Иди Меҳргон аз рӯйи солшумории имрӯза аз 8 октябр оғоз мегардад. Рӯзи аввали ин идро «*Меҳргони омма*» номида, ин ид шаш рӯз давом меёбад ва рӯзи охири онро, ки Ромрӯз ном доштааст, «Меҳргони хосса » мегуфтаанд [6, с.12]. Тадқиқу таҳлилҳо нишон доданд, ки вожаҳои ба ин ҷашн дахлдошта низ дар забони тоҷикӣ хеле зиёданд. Аз ин рӯ, мо онҳоро ба таври зайл гурӯҳбандӣ намудем:

1. **Номгӯи анъанаҳои ҷашни Меҳргон:** *ширнӯшӣ* (зиндагӣ ба мисли шир сафеду пок бошад), *туҳфаҳадякунӣ (*меҳру муҳаббати одамон ба якдигар зиёд гардадад), *гулобпошӣ* (то Меҳргони дигар сиҳату саломат ва рӯзашон чун гулоб пурнакҳат бошад), *пӯшидани либоси арғувонӣ* (ҳамеша рӯйсурх бошанд). Дар ҷашни Меҳргон як анъанаи нек вуҷуд дошт, ҳангоме ки элчӣ оид ба фарорасии ҷашни Меҳргон хабари нек орад ба ӯ офарин гуфта, маросими *офаринхонӣ* гузаронида мешуд. Гарчанде оид ба анъанаи дар бозор ҷашн гирифтани иди Меҳргон дар сарчашмаҳои таърихӣ чизе оварда нашудааст, лекин дар айни замон дар бисёри минтақаҳо Меҳргон дар бозор ҷашн гирифта мешавад. Ин шояд аз он сабаб бошад, ки аслан зиндагии мардуми тоҷик бо кишоварзӣ марбут аст ва маҳсулоти ба дастовардаи худро ба бозорҳо бароварда ба фурӯш гузошта, ризқу рӯзӣ ба даст меоранд. Дар нутқи мардуми тоҷик вожаи бозор хеле серистеъмол аст.

Калимаи "*бозор"* дар забони имрӯза, асосан ба маънии ҷой ва маҳалли махсуси харидуфурӯш мавриди истифода қарор дорад. Муҳаммад Ғиёсуддин асли ин калимаро аз абобозор гуфтааст: "Бозор зоҳиран дар асл абобозор буд, зеро ки дар чунин ҷоҳо аксар аз атъима (таом) ва абоҳо мефурӯхтанд. Ва ба мурури айём ба маънии мутлақи ҷойи фурӯхтан истеъмол ёфта. Ва бозори тез ва роиҷ аз сифати ӯст" [2, с.110]. Забоншиноси варзида Ҳалимиён Сафаргул қайд намудааст, ки дар шеърҳои Сайидои Насафӣ ҳам вожаи бозор ба ҳамин маънӣ ва чунин сифатҳо омадааст [7, с.28:

Маро савдои нони ӯ тунук кард,
Фалак **бозор**и ман гарму хунук кард (Сайидои Насафӣ).

2. **Номгӯи нонҳое, ки дар иди Меҳгон тайёр менамуданд**: *нони гандумӣ, нони ҷавӣ, нони арзанӣ, нони ҷуворигӣ, нони наски, нони биринҷӣ, нони лубиёгӣ ва ғ.*

3.Номгӯи навъҳои меваҳое, ки дар хони идона гузошта мешаванд: *турунҷ* (мева аз ҷинси лимӯ ва афлесун), *себ, биҳӣ, анор, ангур, унабӣ* (чигда), *муруд, чормағз, хурмо найшакар ва ғ..* Ҳар як маводу хӯроке, ки ҳангоми оростани хони идона гузошта мешуд, рамзи худро дошт, ҳар як меваҷот ва маҳсулотро дорои фоли нек ва бахосият мешумориданд. Гарчанде ҳамаи вожаҳои ифодакуандаи номи меваҳо дар забони имрӯзаи мо маъмуланд, вожаи *турунҷ* дар айни замон дар забони гуфтугӯии мардуми тоҷик мавриди истифода қарор надорад. Оиди ин вожа дар луғатҳо маълумоти муфассал оварда шудааст. Оид ба вожаи турунҷ дар луғати « Бурҳони қотеъ » чунин оварда шудааст: “Меваест маъруф, ки пӯсти онро мураббо созанд ва туффоҳи моъи хонанд: ва маъниии чин ва шиканҷ ва сахт дарҳам фишурда ва дарҳам кашида бошад: ва амр ба ин маънӣ ҳам ҳаст: ва ба маънии хушкшуда ва дуруштшуда низ омадааст: ва ба фатҳи сонӣ(турунҷ) ҳам гуфтаанд: ва ба фатҳи аввал ва сонӣ(яъне таранҷ) ба маънии фароҳам нишондан” [5, с.280].

4. **Номгӯи чорабиниҳое, ки бахшида ба ҷашни Меҳргон гузаронида мешаванд**: *иди ҳосилот, иди асал, иди анор, иди ангур, иди харбуза, иди тарбуз ва ғ.*

Вожаҳои ифодакунандаи ҷашни Октоберфест дар забони олмонӣ. Мардуми олмон низ ҷашну маросимҳои мардумии зиёд доранд. Ин ҷашну маросимҳо хусусиятҳои фарқкунандаи худро доро мебошанд. Агар жарфтар бингарем, баъзе урфу одатҳое, ки мардуми олмон доранд, ба урфу одатҳои мардумӣ тоҷик монанд мебошанд. Масалан, дастурхони идона густурдан ҳангоми маросимҳо ва муҳайё намудани ҳамаи нозу неъматҳо, ба якдигар туҳфаҳо ҳадя кардан ҳангоми ҷашну маросимҳо ва ғ.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар тирамоҳ дар моҳи Октябр мардуми Олмон низ ҷашни пуршукӯҳи Oktoberfest (Октоберфест) - ро таҷлил менамоянд. Гарчанде ин ҷашнҳо аз якдигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Аз сабаби дар як фасл ҷашн гирифтанашон, мо тасмим гирифтем, ки лексикаи ифодакунандаи ин ҷашнҳоро дар якҷоягӣ таҳлил намоем.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки Oktober -номи моҳ мебошад. Бештар миёни мардуми Олмон ин ҷашнҳо бо истилоҳи Volkfeste - ҷашнҳои мардумӣ маъмуланд. Дар ҳамаи луғатҳо das Fest- ҷашн ва das Volkfeste- мардумӣ тарҷума шудаанд [9, с.322-323]. Тавре маълум аст, фестивали фолклории Volksfest ин фестивали аз ҳама пуршукӯҳи мардуми Олмон мебошад. 12-уми октябри соли 1810 ба муносибати ақди никоҳи шоҳ Людвинг Ludwig ва малика Тереза Therese сайругашт дар сабзазорон дар тӯйи арӯсӣ 5- 6 рӯз идома ёфт. Шоҳ барои мардуми Бавария дар сабзазорон дастурхони пур аз нозу неъмати идона ороста, дар хони идона хӯрданиву нӯшидании гуногун мегузорад. Ин боис мегардад барои тавлиди ин ҷашн. Бо гузашти айём сабзазоре, ки дар он ҷашни арӯсӣ гузаронида шуд, сабзазори Тереза номиданд ва баромади вожаи Theresenwiese – сабзазори Тереза аз ҳамин ҷост. Oktoberfest миёни мардуми олмонӣ боз бо номи. ,,Wiesn”- сабзазор маъмул аст [10, с.3]. Шоҳ мехост дар ин ҷашн меҳмононро хушҳол намояд. Аз ин сабаб ба ғайр аз оростани зиёфати олиҷаноб, инчунин асптозиро низ ба барномаи гузаронидани маросими ақди никоҳ ворид сохт. Умуман, оид ба анъанаи гузоштани Bier- оби ҷав дар хони идона ягон падидае ҳам мавҷуд набуд, лекин муҳаббати олмониҳо, ки аз асптозӣ дида ба оби ҷавнӯшӣ зиёдтар буд, ғолиб баромаду ин анъанаро ба ин ҷашн беихтиёр ворид сохтанд. Дар соли 1814 шоири олмонӣ Achim voh Arnim иброз менамояд, ки (Ахим фон Арни) дар ҷашн дӯконҳои оби ҷавфурӯшӣ хеле зиёд буданд. Аввалин шуда дӯкони оби ҷавфурӯширо дар ҷашнгоҳ савдогаре бо номи Йозефа Хермана мегузорад. Дар соли 1818 ба ҷашнгоҳ чархофалакҳои осмонбӯс гузошта шуданд. Бо мурури замон мардум ба ин ҷашн суннатҳои нав ворид сохтанд. Мутахассисони варзида барои ин ҷашн оби ҷави махсус, ки Oktoberfestsbier (оби ҷави Октоберфест) ном дорад, омода месозанд. Дар айни замон дар Олмон ин ҷашнро бо нӯшидани оби ҷав - пиво оғоз менамоянд. Дар соли 1867 аввалин Restaurant- тарабхонае, ки иштирокчиёни зиёдро ҷамъ кард таъсис ёфт. Дар Олмон аввалин паради Wiesnwirte (соҳибони дӯконҳои оби ҷав) аз соли 1879 оғоз ёфт. Бояд ҳаминро дарҷ намоем, ки дар Олмон як анъанаи аҷиб маҳфуз мондааст: ба фурӯш мондани оби ҷави навъи бавария ва инчунин Reinheitsgebo (қонун оид ба тозагии оби ҷав) танҳо ба оби ҷави баварӣ тааллуқ дорад. Reinheitsgebo - қонун оид ба тозагии оби ҷав дар соли 1516 аз тарафи шоҳзода Вилгелм 4 бароварда шуда буд, зеро дар он давра барои зуд туруш нашудани оби ҷав гиёҳҳои гуногун хамроҳ карда мешуд. Аз рӯйи талабот бояд ба оби ҷав ягон хел гиёҳҳои мадҳушкунанда ҳамроҳ карда намешуд. Аз сабаби он ки дар моҳи октябр, аллакай, дар шаҳри Мюнхен ҳаво хунук мешавад, аз соли 1872 сар карда ҷашнгирии Oktoberfest- ро дар охири моҳи сентябр сар карданд. Ин ҷашн, одатан 17-19 рӯз идома меёбад. ,,O zapft is,,- откупорено, яъне ин ҷой барои ҷашнгирии Октоберфест гирифта шудааст сухани муқаддас дар шаҳри Мюнхен, ки оғози маросимро мефаҳмонад, пас аз он ба соҳибони дӯконҳо барои рехтани оби ҷав иҷозат дода мешавад [8, с.69]. Ба ғайр аз оби ҷавнӯшӣ дар ин ҷашн маросими намоиши либосҳои миллӣ ба роҳ монда мешавад. Аввалин маротиба дар Oktoberfest намоиши либосҳои миллӣ дар ҷашнгирии ,,серебренная свадба,, (тӯйи нуқрагин) Людвиг ва Тереза гузаронида шуд. Соли 1950-ум 8000 нафар иштирокчӣ иштирок намуда, 7 километро тай карда, либосҳои миллии бавариро намоиш доданд.

Номгӯи таомҳое, ки дар дастурхони Октоберфест гузошта мешаванд: weisswurst (ҳасиби баварӣ) Wiesn-Huhn (мурғи баварӣ) Schwienerfleish (гӯшти хук).

Номгӯи либосҳои барои ин ҷашн тавсияшуда: Lederhosen (шалвори чармини мардона), Hafelrschuh (попӯши чармини мардона), Tracht Lederhosen (нимкуртаи ороишдода), Dirndi (куртаи махсуси занонае, ки миёни занҳоро борик нишон медиҳад).

Ҳангоми таҳлили мавод мо собит намудем, ки дар вақти ҷашнгирии ин идҳои “Мехргон” ва “Октоберфест” миёни мардуми тоҷику олмон маросимҳои хеле зиёд гузаронида мешавад. Вобаста ба ин маросимҳо луғатҳои фаровон истифода бурда мешаванд, ки ҳар як вожаи марбута хусусиятҳои миллӣ будани забонро исбот мекунанд.

Гарчанде ин маросимҳо дар манотиқҳои гуногун гузаронида шаванд ҳам, умумияти ҷашнгирии ин идҳоро мо собит намудем.

А Д А Б И Ё Т

1. Додарбеков С.А. Традиционный праздник Мехргон в контексте современной зрелищной культуры таджикистана / С.А. Додарбеков // Молодой учёный. - Душанбе:Ирфон, 2017. - № 21. - С.48-53 .
2. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёсуллуғот. Ҷ.1. - Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с.
3. Қаландаров М.И. Мехргон волотарин анъанаи ориёӣ / М.И. Қаландаров // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2014. - № 45. – 5 с.
4. Муин Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ. Ҷ. 4. – Теҳрон, 1374. - 4466 с.
5. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. - Душанбе: Адиб, 1993. - 416 с.
6. Султонмуроди Одина. Мехргон. - Душанбе: Ирфон, 2012. – 40 с.
7. Ҳалимиён С. Лексикаи касбу ҳунар дар осори Сайидои Насафӣ. – Душанбе, 2014. – 152 с.
8. Osterreich feste feiern.Herausgeber: Bundesministerium fur Unterricht und Kultur Copyright bm: ukk. – 2009. – 86 с.

9. Pons Standartwoerterbuch. Russich-Deutsch / Deutsch-Russich. – Stuttgard: Ernst Klett Verlag Fuer Wissen und Bildung GmbH, 1995. – 1 Auflage. - 1995; Nachdruck. - 1996.
10. Oktoberfest – Calendar. - 2018. - Datenwerk GmbH Newsletter.

ВОЖАҲОИ МАРБУТ БА ҶАШНҲОИ « МЕҲРГОН» ВА «ОКТОБЕРФЕСТ» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар мақола муаллиф оид ба лексикаи ифодакунандаи ҷашни Меҳргон ва Октоберфест дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ маълумот додааст. Ӯ тавонистааст дар бораи ҳамаи он маросимҳое, ки ифодагари ҷашни Меҳргон мебошанд, маълумот дода, ин истилоҳҳои ба ин маросимҳо вобаста бударо шарҳ диҳад. Муаллиф қайд намудааст, ки гарчанде ин ҷашнҳо миёни мардумҳои гуногун гузаронида шаванд ҳам, умумиятҳо дар маросимҳои ин ҷашнҳо ба чашм мерасанд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки гарчанде ҷашнҳои Меҳргон ва Октоберфест гуногун бошанд ҳам, аммо анъанаву маросимҳои мардуми Олмон ва тоҷикон ба якдигар монандӣ доранд. Масалан, *оростани хони идонаи оличаноб*, *ҳадя намудани туҳфаҳо, пӯшидани либоси идона* ва ғ. Ҳамаи ин аз ориёӣ будани мардуми тоҷик дарак медиҳад. Муаллиф тавонистааст моҳирона таърихи пайдоиши ин ҷашнҳоро бо факту далелҳо нишон диҳад.

Калидвожаҳо: лексикаи ифодакунандаи ҷашни Меҳргон ва Октоберфест, анъанаву маросимҳои мардуми Олмон ва тоҷикон.

СЛОВА ОТНОСЯЩИЕСЯ К ПРАЗДНОВАНИЮ « МЕХРГОН» И «ОКТОБЕРФЕСТ» В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В статье автор приводит сведения о лексике обозначающей празднование« Мехргон» и «Октоберфест» в таджикском и немецком языках. Автор смог привести сведения о всех обрядах, обозначающих празднование Мехргона и дать разъснения относительно терминов относящихся к данному обряду. Автор отмечает, что несмотря на то, что данные празднования проводятся у разных народов по своему, все же среди них есть свои общие качества. Анализ показывает, что хотя праздники Мехргон и Октоберфест отличаются, но традиции и обряды тадикского и немецкого народов схожы друг с другом. Например, приготовление праздничного стола, *пиношение подарков, одевание праздничной одежды.* Автор смог мастерски показать историю появления этих празднований с приведением достоверных фактов.

Ключевые слова:лексика обозначающая празднование « Мехргон» и «Октоберфест», народные традиции и празднования немецкого и таджикского народов.

WORDS RELATING TO THE CELEBRATION OF “MEHRGON” AND “OKTOBERFEST” IN TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

In the article, the author provides information about the vocabulary denoting the celebration of "Mehrgon" and "Oktoberfest" in Tajik and German. The author was able to provide information about all the rituals marking the celebration of Mehrgon and give an explanation of the terms related to this rite. The author notes that despite the fact that these celebrations are held by different peoples in their own way, yet among them there are common qualities. The analysis shows that although the Mehrgon and Oktoberfest holidays are different, the traditions and rites of the Tadik and German peoples are similar to each other. For example, preparing a festive table, presenting gifts, dressing up festive clothes. The author was able to masterfully show the history of the occurrence of these celebrations with reliable facts.

Keywords: vocabulary denoting the celebration of "Mehrgon" and "Oktoberfest", folk traditions and celebrations of the German and Tajik peoples.

Сведения об авторе: ***Лузинаи Зафардухт*** – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзаде, докторант PhD. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6.
E-mail: **lusina@mail.ru**

Information about the author: ***Lusinai Zafardukht*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulughzade, doctoral student PhD. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev str., 17/6.
E-mail: **lusina@mail.ru**

УДК:491.550.3

РОБИТАИ ЗАБОН ВА ФАРҲАНГ

Шукуров Г.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷомеаи башарӣ дорои тамаддуни гуногун буда, фарҳанг ҷузъи тақсимнопазири он аст. Ҳар як фарҳанг дорои системаи забонии хос аст, ки тавассути он иттилоот аз як насл ба насли дигар интиқол меёбад. Дар илм тавассути шаклҳои гуногуни муносибатҳо сурат мегирад, ки онро воситаи вербалии муошират ном мебаранд. Ба муоширати вербалӣ нутқ дахл дорад. Одамон тавассути нутқ иттилоотро байни ҳам доду гирифт мекунанд, гоҳе нутқи инсон яке аз элементҳои забон ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ, имкони функсионалии он нисбатан камтар аст, нисбат ба системаҳои забонӣ.

Забонро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ муҳаққиқон оинаи фарҳанг, хазинаи фарҳанг, интиқолдиҳандаи фарҳанг гуфтаанд. Мушаххастар «Забон воситаи махсуси ҳифз ва интиқоли иттилоот, инчунин доираи рафтори инсон аст» [8, с.63]. Албатта, ин гуна тавзеҳ намудани забон аз дидгоҳи фарҳангӣ аст, вале дар ҳар сурат фарҳанг бидуни мавҷудияти забон наметавонад аз вуҷуди худ дарак диҳад. Дар ин замина арзишҳои

фарҳангии ҳар як қавму миллатро танҳо тавассути забон метавон ҳифз ва ба насли оянда интиқол намуд.

Маълум аст, ки дар замони муосир гуногунфарҳангӣ мавқеъ дошта, робитаи байни фарҳангҳо тавассути забон сурат мегирад. Робитаи байнифарҳангиро ҳар забон метавонад таъмин карда бошад, вале хеле маҳдуд ва нокомил. Дар таърихи фарҳанги башарӣ забонҳое буданд, ки дар таъмини робитаи байнифарҳангӣ мақоми аввал доштанд. Агар мо ба гузаштаи ҷомеаи мутамаддини башарӣ таваҷҷуҳ намоем, мушоҳида мешавад, ки дар замонҳои қадим, дар як давраи таърихӣ, ки илму фарҳанги юнонӣ ба дараҷаи баланд тараққӣ карда буд, забони юнонӣ ба сифати забони байналмилалӣ барои таъмини робитаҳои байнифарҳангии халқу миллатҳои гуногун хидмат мекард.

Таҳқиқоти олимон нишон медиҳад, ки дар таркиби луғавии забони юнонӣ истилоҳоти зиёди илмӣ мавҷуданд, ки то ҳол барои башарият хидмат мекунанд. Заминаи пайдоиши вожа ва истилоҳҳои устувори илмӣ дар забони юнонӣ дар натиҷаи рушди фарҳангу илм ба вуҷуд омадааст.

Пас аз таназзули фарҳанги юнонӣ ҷойи онро фарҳанги лотинӣ мегирад, ки осори он дар забони лотинӣ мавқеъ дорад. Дар аксар забонҳои олам истилоҳоти лотинӣ то имрӯз истифода мешаванд. Илми забоншиносии олам исбот кардааст, ки «Дар айни замон ҳудуди 85% истилоҳоти илмӣ - техникиро дар таркиби луғавии забонҳои рушдкардаи ҷаҳон, истилоҳоте ташкил медиҳанд, ки дар базаи забонҳои юнонӣ ва лотинӣ сохта шудаанд» [8, с.64].

Ҳамин тавр, дар асри XVII ҷойи забони лотиниро забони фаронсавӣ мегирад. Дар интиҳо аз нимаи дуюми асри XX забони англисӣ ҷойи аввалро ҳамчун забони байналмилалӣ ва забони муошират дар робитаҳои байнифарҳангӣ мегирад.

Илми забоншиносӣ вазифаи забонро мушаххас муайян кардааст. Забон воситаи мухобираи байни одамон аст. Робитаи вербалӣ бидуни забон имконнопазир аст. Дар муайян кардани робитаи забон ва фарҳанг таҳқиқоти зиёде анҷом дода шудааст. Аксар чунин андеша доранд, ки барои ифодаи андеша ва фаҳмидани сухани мусоҳиб, донистани танҳо забон кофӣ нест. Барои он ки мо сухани ҳамсуҳбати худро дақиқ дарк кунем, донистани фарҳангу ахлоқ ва психологияи мусоҳиби мо муҳим аст. Барои он ки мо сухани мусоҳиби худро хуб фаҳмем вазъи гуфтори ӯро бояд хуб дарк карда бошем, вагарна мо мақсади ниҳоии ҳамсуҳбати худро фаҳмида наметавонем. Аминов И.И., мегӯяд, ки: «Вазъи сухангӯйии инсон - зуҳуроти мураккаб аст, он на танҳо ба хусусиятҳои шахсии инсон, балки вижагиҳои тарбияи ӯ, муҳити иҷтимоӣ ва миллӣ, ҷойи таваллуд ва омӯзиши ӯ алоқаманд аст» [1, с.127]. Ҳама вижагиҳои психологие, ки Аминов И., зикр намудааст, ба фарҳанги шахси мусоҳиб рабт мегирад. Бе донистани он мо наметавонем, танҳо бо калимаҳо маънии гуфтор ва воқеияти аслии дар нутқи ҳамсуҳбати худ омадаро дарк кунем, яъне забон дар ҳамбастагӣ ба дараҷаи фаҳму дарк ва фарҳанг, инчунин шинохти фарҳанг амал мекунад.

Арзишҳои фарҳангии ҳар як миллат бевосита дар забони он инъикос меёбад. Таркиби луғавии забон бештар аз вожаҳои фаъоле иборат аст, ки дар фарҳанги он миллат мавқеъ дорад. Агар мо ба динамикаи рушди забонҳои дунё таваҷҷуҳ кунем, мушоҳида мекунем, ки бо рушди фарҳанг, забони миллат низ такмил ёфтааст ва баръакс бо таназзули фарҳанг забони миллат низ таназзул ёфтааст. Бо гузашти айём аз дигаргуниҳо дар ҳаёти миллат ва коҳиш ёфтани ҷузъе аз фарҳанги миллат, миқдори калимаҳои марбут ба ҳамин бахши фарҳанг дар забон кам гардиданд. Ин раванд, албатта, ба замон, вазъ сиёсат ва сатҳи иҷтимоъ ва иқтисоди миллат вобаста аст. Мисол: «Дар забони арабӣ зиёда аз 6000 калимаҳое буданд, ки уштурро тавсиф мекарданд, вале дар замони муосир қисми зиёди онҳо аз байн рафтанд, зеро дар фарҳанги арабӣ бо гузушти замон мавқеи уштур коҳиш ёфтааст» [8, с.68]. Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳамеша рушд ё таназзули фарҳанг ба забон таъсиргузор аст.

Дар забони форсии тоҷикӣ вожа ва истилоҳоти зиёдеро дучор омадан мумкин аст, ки бевосита ифодакунандаи арзишҳои фарҳангии мо мардуми эронитаборанд ва бо дигар забонҳои дунё тарҷумаи комили онҳоро дарёфтан мушкил аст. Мисол: Наврӯз, Сада, Меҳргон, чакан, атлас, чавгон, ош, шакароб ва ғ. Ин гурӯҳи вожаҳоро мо агар ба дилхоҳ забони дунё тарҷума кунем ё айнан нависем, нафаре, ки аз фарҳанги мо огоҳӣ надошта бошад, муҳтаво ва мазумни сухани моро дуруст ва дақиқ фаҳмида наметавонад.

Робитаи фарҳанг бо забон на танҳо дар доираи як фарҳанг, балки дар робитаҳои байнифарҳангӣ низ мавқеи вижа дорад. Дар замони мо дар натиҷаи ҳамгироӣ ва таъсири мутақобилаи фарҳанг ва забонҳои гуногун дар Осиёи Марказӣ вожаҳои қадимӣ ва асили тоҷикӣ дар забонҳои узбекӣ, қирғизӣ ва қазоқию туркманӣ мустаъмал

гардида истодаанд. Масалан, вожаҳои ош, Наврӯз, чавгон, бузкашӣ ва ғ. барои ҳамаи забонҳои Осиёи Миёна умумиистеъмол гардида истодаанд.

Ҳамин тавр, робитаи фарҳанг ва забон ногусастанӣ буда, яке бидуни дигаре вуҷуд дошта наметавонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аминов И.И. Психология делового общения / И.И. Аминов. - Москва, 2007. – 303 с.
2. Брандес М.П. Стилистика текста / М.П. Брандес. - Москва, 2004. - 413 с.
3. Валгина Н.С. Теория текста / Н.С. Валгина. - Москва, 2003. – 278 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик Қ.1. Кит. дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ / Б. Ниёзмаҳмадов, С.Ҷ. Арзуманов, Ҳ.Рауфов, Ҳ.Каримов ва дигарон. Нашри 2. - Душанбе: Маориф, 1982. - 462 с.
5. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик. Монография / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 2001. - 566 с.
6. Ларина Т.Б. Категория вежливости и стиль коммуникации / Т.Б. Ларина. – Москва, 2009. - 507 с.
7. Назарзода С. Фарҳанги мухтасари истилоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ. - Душанбе: Дониш, 2006. - 143 с.
8. Садохин А.П. Межкультурная коммуникация / А.П. Садохин. – Москва, 2004. - 286 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р.Ҳошимов, Н.А. Маъсумӣ. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.1. - 951 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р.Ҳошимов, Н.А. Маъсумӣ. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.2. - 949 с.
11. Ҷӯраева М. Воситаҳои ифодаи эҳтиром ва фурӯтанӣ дар забони тоҷикии асри XVI / М.Ҷӯраева. – Душанбе, 2004. - 117 с.
12. Шукуров Г. Таҳаввули забони адабии тоҷик дар даврони истиқлол. Монография / Г. Шукуров. - Душанбе, 2009. – 155 с.

РОБИТАИ ЗАБОН ВА ФАРҲАНГ

Дар мақолаи мазкур робитаи забон ва фарҳанг мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Мушаххас аст, ки қазияҳое, ки дар бахши робитаи забон бо фарҳанг мавҷуданд, диққати олимони ҷаҳонро ба худ ҷалб кардаанд. Муаллифи мақола кӯшидааст, ки ин масъаларо дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа ва маводҳои муътамад мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Агар ба тадқиқоти пешини забоншиносон таваҷҷуҳ намоем, аксар тадқиқотҳо дар асоси маводҳои забонӣ ва масоили сирф забонӣ рӯйи кор омадаанд, вале дар мақолаи муаллиф навгонӣ мушоҳида мешавад. Ӯ кӯшидааст, ки робитаи забону фарҳангро дар ҷараёни нутқ ва нақши омилҳои ғайризабониро барои ифодаи андеша нишон диҳад. Воқеан, барои ифодаи андеша ва фаҳмидани сухани мусоҳиб донистани танҳо забон кофӣ нест, балки донистани фарҳанг ва психологияи мусоҳиб хеле муҳим мебошад. Муаллиф дар мақолаи хеш бо мисолҳо ва далелҳои муътамад собит кардааст, ки рушди фарҳанг заминаи асосии густариши забон ва пойдории он мегардад. Ӯ мисол меорад, ки дар аксар забонҳои олам истилоҳот бо забонҳои лотинӣ ва юнонӣ ифода ёфтаанд. Ба андешаи муаллиф сабаби аслии мондагории истилоҳоти юнониву лотинӣ ин дар як давраи таърихӣ соҳиби фарҳанги рушдкарда будани юнониҳо ва халққои лотинизабон мебошад. Муаллиф таҳлилу баррасии худро хулосабарорӣ намуда, дар охир зикр мекунад, ки забон ва фарҳанг робитаи ногусастанӣ дошта, таҳқиқи он то ҳанӯз ба таври комил анҷом наёфтааст. Зарурати таҳқиқ ва баррасии забон ва фарҳанг дар илми забоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ ҷойгоҳи вижа дорад.

Калидвожаҳо: забон, фарҳанг, истилоҳот, арабӣ, иқтибос, робита, миллат, робитаҳои байнифарҳангӣ, гуногунфарҳангӣ, вожа, истилоҳот, Наврӯз, Сада, юнонӣ, лотинӣ, иқтибос.

СВЯЗЬ ЯЗЫКА И КУЛЬТУРЫ

В данной статье автор рассматривает связь языка с культурой. Определенно, проблемы, которые существуют в разделе связи языка и культуры, привлекают к себе внимание всех ученых. Автор статьи постарался решить данную проблему на основе исследования ученых данной области. Если обратиться к исследованиям предшествующих ученых, то можно увидеть, что большое количество исследований проведены на основе языковых материалов и проблем в сфере языка, но в статье автора статьи наблюдается новшество. Он сделал попытку показать связь языка и культуры в процессе речи и роль неязыковых факторов для выражения мысли. Действительно, для выражения мысли и понимания собеседника, одного языка недостаточно, нужно знать культуру и психологию автора. Автор в своей статье на основе приведения точных примеров и фактов доказал, что развитие культуры является основой развития и прочности языка. Он приводит примеры о том, что в некоторых языках мира термины выражаются на латинском и греческом языках. По мнению автора, основной причиной устойчивости латинских и греческих терминов является культурное развитие греческого и латиноязычных народов в определенном историческом периоде. Автор подытоживая свою работу, отмечает, что язык и культура имеют неразрывную связь, и их изучение требует дальнейшего исследования. Важность исследования и рассмотрения языка и культуры в яхыкознании и культуролдогии занимает особое место.

Ключевые слова: язык, культура, терминология, арабский, заимствование, связь, нация, межкультурные связи, разные культуры, слово, термин, Навруз, Сада, греческий, латинский, заимствование.

COMMUNICATION OF LANGUAGE AND CULTURE

In this article, the author considers the relationship of language with culture. Certainly, the problems that exist in the section of the connection between language and culture attract the attention of all scientists. The author of the article tried to solve this problem based on a study of scientists in this field. If we turn to the research of previous scientists, we can see that a large number of studies were conducted on the basis of linguistic materials and problems in the field of language, but an innovation is observed in the article by the author. He made an attempt to show the connection of language and culture in the process of speech and the role of non-linguistic factors in the expression of thought. Indeed, to express the thoughts and understanding of the interlocutor, one language is not enough, you need to know the culture and psychology of the author. The author in his article on the basis of accurate examples and facts proved that the development of culture is the basis for the development and strength of the language. He gives

examples of the fact that in some languages of the world, terms are expressed in Latin and Greek. According to the author, the main reason for the stability of Latin and Greek terms is the cultural development of the Greek and Latin-speaking peoples in a certain historical period. Summing up his work, the author notes that language and culture have an inextricable connection, and their study requires further research. The importance of the study and examination of language and culture in yachinology and cultural studies occupies a special place.

Keywords: language, culture, terminology, Arabic, borrowing, communication, nation, intercultural relations, different cultures, word, term, Navruz, Gardens, Greek, Latin, borrowing.

Сведения об авторе: ***Шукуров Гулназар Холович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 935-40-63-18**

Information about the author: ***Shukurov Gulnazar Holovich*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor of the Tajik language and teaching methods of the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 935-40-63-18**

УДК:491.550-3:491.550.56

ВОЖАҲОИ КУҲНАШУДА ВА ТАЪРИХАН МАҲДУДШУДА ДАР ДОХИЛИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ

Муслимов М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҳар забон баробари ибораҳои озодӣ синтаксисӣ як миқдор ибораҳои рехтаю устувор мавҷуданд, ки онҳоро дар забоншиносӣ ибораҳои фразеологӣ меноманд. Дар зери мақфҳуми фразеология маҷмӯи ибораҳои махсуси пуробурҷанги бадеӣ фаҳмида мешаванд, ки ба забони муайян хос буда, аз як забон ба забони дигар айнан тарҷума намешаванд. Ин хел ибораҳо дар ифодаи маъно ва шакли таркиб устуворанд.

Доир ба ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ асарҳои зиёде ба табъ расидаанд. Аммо дар бораи архаизм ва историзмҳо кори махсусе ба табъ нарасидааст.

Як қатор калимаҳои арабии таркиби воҳидҳои фразеологӣ ба гурӯҳи архаизмҳо, яъне калимаҳои куҳнашуда дохил шуда, танҳо ба туфайли ҳамин воҳидҳои рехтаи забонамон то ба имрӯз омада расидаанд. Масалан, калимаҳои зерин ба ин мисол шуда метавонанд: 1. Қут «хӯрданӣ, ғизои ба қадри зарурат, таом»; 2. **лоямут** «бемарг, номурданӣ, ҷовид, безавол». Ин калимаҳои куҳнашуда танҳо дар таркиби воҳиди фразеологии **қути лоямут** ба маънои «камтарин миқдори хӯроке, ки барои зинда мондани касе зарур аст» истеъмол мешаванд: Ҳол он ки миллионҳо мардуми ҷаҳон гуруснагӣ мекашанд, хатто қути лоямут наёфта, бо сад азоб ҷон ба Ҷаббор месупоранд [II. 6, с.140].

Ё ин ки калимаи **салма,** ки шакли дурусташ **салмо** аст, дар забони арабӣ маънои «зани хушрӯй, маъшуқаро» дорад, калимаи **сақат «**вайрон, беҳуда, бефоида, паст, ноқис» гуфтан аст. Ин ду калима имрӯз дар таркиби воҳиди фразеологии **салмаи сақат** маънои «бори зиёдатӣ, чизи нолозим»- ро гирифтаанд: Маслиҳати ба Зарина додаам ба сари худам салмаи сақат шуд [II.6, с.452].

Мисоли дигар, таркиби **қилу қол** аз калимаҳои **қил** ва **қол** ба вуҷуд омада, дар забони адабиёти классикӣ маъноҳои бо ҳам наздикро ифода мекарданд. Калимаи арабии **қил** ё **қило** маънои «чизи гуфташуда»- ро ифода мекунад. Калимаи **қол** ба маънои «гуфт, гуфтор» истифода мешавад. Ҳар дуи ин калимаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба тавассути воҳидҳои фразеологии **беқилу қол** ба маънои «бе гуфтугӯ», аз байни касон қил намегузарад «хеле бо ҳам наздиканд» дар истифода мондаанд:

Агар инҳо аз они худам мебуданд, **беқилу қол** партофта мерафтам [II.6, с.89].

Калимаи **музоаф**, дар забони арабӣ маънои «дучанд, ду баробар»- ро дорад. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин калима дар истеъмоли озод нест, вале дар таркиби воҳиди фразеологии ч**уфтакро музоаф кардан** боқӣ мондааст: Аввал худи Наим ҷуфтака музоаф мекунад, баъд дигарон [II.4, с.167].

Албатта, дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ калимаҳои зиёдеро дучор омадан мумкин аст, ки берун аз доираи онҳо истеъмол намеёбанд, яъне ба қатори калимаҳои куҳнашудаи забон гузаштаанд. Бинобар ин, забоншиноси маъруфи Фаронса Шарл Балли ҳанӯз дар ибтидои асри XX таъкид карда буд, ки архаизми ба таркиби ин ё он ибора дохилшаванда аломати он аст, ки ин пайвастагӣ хусусияти фразеологӣ гирифтааст [I.1,с. 45]. Дар таркиби воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ баъзе калимаву ибораҳои таърихӣ ё историзмҳоро низ дучор омадан мумкин аст. Одатан калимаҳои таърихӣ дар истеъмоли озод барои ифодаи мафҳумҳое меоянд, ки аз байн рафтаанд, онҳо хосси даврои муайяни таърихӣ мебошанд ва дар забони имрӯза муродифи худро надоранд. Дар таркиби воҳидҳои

фразеологӣ дучор омадани онҳо бо он сабаб аст, ки онҳо маънои таърихии худро аз даст додаанд, тобишҳои маънои фразеологӣ пайдо кардаанд ва ба туфайли ин тобишашон дар забони адабии ҳозираи тоҷик нигоҳ дошта мешаванд. Масалан, таърихан калимаи **бутлон** дар истилоҳоти расмию коргузорӣ истифода шуда, маънои «бекор кардани чизеро» дошт. Ин калима бо тағйироти овозии андаке дар таркиби воҳидҳои фразеологии **хати батлон кашидан ба чизе** мавҷудияти худро нигоҳ доштааст. Зимнан қайд бояд кард, ки калимаи **хати** таркиби ибораи зикршуда низ арабӣ буда, дар забони имрӯзаи тоҷик маънои аслии худ, «яъне осори калом, ҳарфҳои дар рӯйи коғаз навишта»- ро нигоҳ доштааст: Зеро ман шабу рӯз кор мекунаму кадом як мухбири фалокат пайдо шуда, ба ҳамааш хати батлон мекашад? [II.2, с.125].

Ҳамчунин дар таркиби воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ номҳои арабии таърихиро низ дучор омадан мумкин аст. Онҳо асосан номҳои динӣ мебошанд. Масалан, Исо - номи асосгузори дини насронӣ, Мӯсо - номи пайғамбари Яҳудиён, Ҳайдар - лақаби Алӣ - домоди пайғамбар ва ғайра. Ин номҳоро дар таркиби воҳидҳои фразеологии **алами Исоро аз Мӯсо гирифтан** ба маънои «ба касе бегуноҳ ҷазо додан», **на пай буду на ҳайдар** «осоре боқӣ намонда буд» дучор омадан мумкин аст:

Шоҳписанд пай бурд, ки алами Исоро ғайри ихтиёр аз Мӯсо гирифтааст [II.6, с.48]. …кӯча ба кӯча, хона ба хона гаштем, на пай буду на ҳайдар [II.5, с.145].

Мавриди зикр аст, ки дар воҳиди фразеологии **на пай буду на ҳайдар** калимаи арабии «ҳайдар» ба маънои «шер» омадааст, яъне дар истилоҳи шикорчиён «на шер буду на пайи он». Эҳёи архаизмҳо, яъне аз сари нав корбаст намудани онҳо яке аз воситаҳои инкишофи таркиби луғавии забон мебошад. Масалан, калимаи **кох** дар гузаштаи начандон дури забони адабии ҳозираи тоҷик калимаи архаистӣ ҳисоб мешуд. Вале таъсири баъзе омилҳои иҷтимоӣ дар таъбирсозии забони имрӯзаи тоҷик фаъол гардида, дар номҳои таркибии **Кохи Борбад, Кохи Ваҳдат, Кохи фарҳанг** истеъмол шуда истодааст. Истеъмоли бамавриди калимаҳои эҳёшуда барои таъмин намудани возеҳӣ, бадеият, хушоҳангии забон нақши муҳим мебозад. Дар ин маврид калимаи эҳёшуда доираи истеъмоли худро оҳиста-оҳиста васеъ менамояд. Масалан, калимаи арабии **котиб** ба маъноҳои архаистии «мирзо, муншӣ» имрӯз истеъмол намешавад. Аммо дар таркиби воҳидҳои фразеологии **котиби масъул, котиби илмӣ** ва ғайра маънои нави истилоҳӣ пайдо кардааст. Мисли ҳамин калимаи арабии **раис** дар гузашта ифодакунандаи мансаби диние буд, ки ба иҷрои аҳкоми дин, ба рафтору ахлоқи мусулмонон, ба дурустии сангу тарозу ва ғайра назорат мекард. Ин калима ҳамчун воҳиди архаистии эҳёшуда ҳоло истеъмол мешавад, вале он маънои нави «ходими давлатӣ»-ро гирифтааст. Он ба ин маъно дар ташкили ибораҳои рехта низ саҳм гирифтааст: **Раиси ҷумҳур**.

Хулоса, архаизму историзмҳо на фақат дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ мавҷудияти худро нигоҳ медоранд, балки аз сари нав ба маъноҳои нав эҳё шудани онҳо дар инкишофи захираи луғавии забони тоҷикӣ нақши муҳимми худро мебозад.

I. А Д А Б И Ё Т

1 Балли Ш. Французская стилистика / Ш.Балли. - М.: Изд.иност.лит., 1961. – 416. – С.52.
2 Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ.Маҷидов. Ҷ.I. Луғатшиносӣ. - Душанбе, 2007. - 242 с.
3 Маҷидов Ҳ. Таркиби лексикии воҳидҳои фразеологӣ / Ҳ.Маҷидов // Мактаби советӣ. - 1986. - № 10. - С.25-28.
4 Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. - Сталинобод. - 1959. - 295 С.
5 Рубинчик Ю.А. Основы фразеологии персидского языка / Ю.А. Рубинчик. - М.: Наука, 1981. - 275 с.
6 Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. (Фарҳанги фразеологӣ) / М. Фозилов. Ҷ.1. - Душанбе, 1963. - 925 с.
7 Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. (Фарҳанги фразеологӣ) / М. Фозилов. Ҷ.2. - Душанбе, 1964. - 802 с.

II. М А Н Б А Ъ Ҳ О

1. Аскар Ҳ. Ашки сари мижгон. - Душанбе: Адиб, 1988. - 290 с.
2. Икромӣ Ҷ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро. - Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.
3. Муҳаммадиев Ф. Асарҳои мунтахаб / Ф.Муҳаммадиев. - Душанбе: Ирфон, 1980. – 501 с.
4. Муҳаммадиев Ф. Варта / Ф.Муҳаммадиев. - Душанбе: Адиб, 1987. - 374 с.
5. Муҳаммадиев Ф. Куллиёт / Ф.Муҳаммадиев. - Душанбе: Адиб, 1990. - 384 с.
6. Мирзоев К. Дар орзуи падар / К.Мирзоев. - Душанбе: Адиб, 1990. - 400 с.

ВОЖАҲОИ КУҲНАШУДА ВА ТАЪРИХАН МАҲДУДШУДА ДАР ДОХИЛИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ

Дар мақолаи мазкур вожаҳои куҳнашуда ва таърихан маҳдудшуда дар дохили воҳидҳои фразеологӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар ҳар забон баробари ибораҳои озодӣ синтаксисӣ як миқдор ибораҳои рехтаю устувор мавҷуданд, ки онҳоро дар забоншиносӣ ибораҳои фразеологӣ меноманд. Дар зери мақфҳуми фразеология маҷмӯи ибораҳои махсуси пуробурҷанги бадеӣ фаҳмида мешаванд, ки ба забони муайян хос буда, аз як забон ба забони дигар айнан тарҷума намешаванд. Ин хел ибораҳо дар ифодаи маъно ва шакли таркиб устуворанд. Доир ба ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ асарҳои зиёде ба табъ расидаанд. Аммо дар бораи архаизм ва историзмҳо кори махсусе ба табъ нарасидааст. Як қатор калимаҳои арабии таркиби воҳидҳои фразеологӣ ба гурӯҳи архаизмҳо, яъне калимаҳои куҳнашуда дохил шуда, танҳо

ба туфайли ҳамин воҳидҳои рехтаи забонамон то ба имрӯз омада расидаанд.. Архаизму историзмҳо на фақат дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ мавчудияти худро нигоҳ медоранд, балки аз сари нав ба маъноҳои нав эҳё шудани онҳо дар инкишофи захираи луғавии забони тоҷикӣ нақши муҳимми худро мебозад.
Калидвожаҳо: ибора, чумла, фразема, фразеология, калима, ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ, архаизму историзмҳо, калимаҳои арабии таркиби воҳидҳои фразеологӣ.

АРХАИЗМЫ И ИСТОРИЗМЫ ВХОДЯЩИЕ В СОСТАВ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ

В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению архаизмы и историзмы, входящие в состав фразеологических единиц. В каждом языке на равне со свободными синтаксическими словосочетаниями встречается ряд фразеологических словосочетаний, которых в языкознании называют фразеологическими оборотами. Под понятием фразеология понимается совокупность устойчивых оборотов речи и выражений, свойственных конкретному языку, они подлинно не переводятся из одного языка в другой язык. Данный вид оборотов устойчив в выражении значения и формы строения слова. Относительно фразеологических оборотов таджикского языка издано огромное количество рудов. Но относительно архаизмов и историзмов еще не завершено ни одного специального исследования. Ряд арабских слов состава фразеологических единиц входят в группу архаизмов, и благодаря этому фразеологические словосочетания нашего языка дошли и до наших дней. Архаизмы и историзмы сохраняют свое существование не только в составе фразеологических единиц, но и их возрождение с новыми значениями играет важную роль в развитии словарного состава таджикского языка.
Ключевые слова: выражение, предложение, фразема, фразеология, слово, фразеологические обороты таджикского языка, архаизмы историзмы, арабские слова в составе фразеологических единиц.

ARCHAISMS AND HISTORISMS INCLUDED IN THE COMPOSITION OF PHRASEOLOGICAL UNITS

Лавҳаи “Навбати шумо кай?”, ки ҳаштуми феврали соли 1996 дар рӯзномаи “Маориф ва маданият” нашр шудааст, ба андешаҳои боло тақвият мебахшад. Нависанда ин лавҳаро ҳикоя ном бурдааст, вале худи адиб дар суҳбат бо хабарнигори маҷаллаи “Садои Шарқ” зикр намудааст, ки мавзӯъ ва маънои он бофта набуд, балки ҳаётӣ буд. Дар солҳои шастум чунин анъана вуҷуд дошт, ки ҷоиза на барои беҳтарин будани асар, балки аз рӯйи навбат супорида мешуд ва Ӯрун Кӯҳзод ин масъаларо дар жанри лавҳа ба қалам додааст.

Ӯрун Кӯҳзод асосан он ҳодиса ва воқеаҳоеро, ки ба инкишофи фардияти инсон, ба тараққии ҳамаҷонибаи шахсу ҷомеа мамониат мекунанд, инчунин боқимондаҳои номатлуби ҷамъияти гузаштаро, ки ба рушду нумуи ҷомеаи инсонӣ дар шароити нави таърихӣ мухолифат доранд, ба муҳокима гирифтааст. Ин андешаҳо дар очеркҳои нависанда бештар ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар очерки “Маликаи маҳалла”, ки соли 1981 дар шумораи №8 маҷаллаи “Садои Шарқ” нашр гардидааст, шахсияти Бималика Холматова ҳамчун зани кордону соҳибтаҷриба, ки зидди анъанаҳои куҳна мебарояд, тасвир ёфтааст. Мавзӯи очерки мазкур истеҳсолӣ мебошад. Бималикаву Насимҷон ҳарду маълумоти олӣ доранду табибанд, вале лаҳзае аз омӯзиш (муддати бист соли ҳамхонагӣ) даст накашидаанд, ба ҷойи ғайбати душвориҳову муҳокимаи гапу калочаи капирҳои маҳалла аз печидагиҳои кори духтурӣ ҳарф мезананд. Кашфи ҷаҳони маънавии як зани маҳаллӣ, ки ҳам русуми бобоии муоширатро ба ҷо мераду ҳам дар кораш навтарин усули табобатро истифода мекунад, ба хонанда рӯҳу илҳом мебахшад.

Очерк чун кулли асарҳои берун аз фабула сужаи сохта надорад, нақл аксаран аз забони муаллифи асар меравад. Ин нақл басо гуворо ва шавқовар аст. Ӯрун Кӯҳзод гӯё афсона мегӯяд: “Бималика як наварӯси маҳалла барои зиёд нашудани гапу калоча ва “барои келин сурху сафед” нашудани модаршӯ аз хона бо саргирак ба кор меравад. Бегоҳиҳо Насимҷону ӯ аз ин рафтор ширин – ширин ханда мезананд, аммо ҳамин як ҷузъи “куҳна” – ю одати “дермур” сари модари Насимҷонро ба осмон мебардорад: “мунтаҳо, “бубинед, омӯзед келидориро”” [7, с.128].

Дар таҳқиқи очерки номбурда муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев чунин менигорад: “Нависанда хислати Бималикаро батааннӣ, ҳангоми муошират, муоина, муомила дар хона басо табиӣ ба тасвир гирифтааст. Очерки номбурда боз як ҷиҳати хубе дорад, ки ба мавқеи адиб дар насри мустанад далолат медиҳад. Тавзеҳ – ремаркаҳои ноқил сеҳри аҷиби таъсиррасонӣ доранд” [7, с.129].

Дар осори публитсистии Ӯрун Кӯҳзод ҷанбаи таҳлилу таҷзия пурқувват мебошад. Адиб қаҳрамонҳои роҳи озодӣ, нахустустодон, бурдборӣ ва истодагарии занон дар аҳд, муҳаббати самимии фарзанд ба модар (очеркҳои “Саттори роҳбалад”, “Достони муаллим”, “Никоҳ бо корд”) ва ба ҳамин монанд масъалаҳои маънавиро боварибахшу боэтимод ба тасвир мегирад.

Исёни зан дар асарҳои публитсистии Ӯрун Кӯҳзод хеле фарох буда, моҳирона корбаст шудааст. Як навъи исёни зан ин бо сарбаландии тамом намоён кардани ҳиссиёти поки дили меҳрпарвар, бо ифтихор устувор намудани ҳуқуқи инсонии худ мебошад. Санавбар дар очерки дигари нависанда “Никоҳ бо корд” (ки соли 1972 бо номи “Ишқи нотамом” чоп шуда буд) ба ҳамин роҳ қадам гузошт.

Инчунин, тасвири зумрае одамони табақаи болоӣ, ки ба айшу ишратпарастӣ машғул шуда, худашонро аз мардуми одӣ як зина боло медонанд, дар осори публитсистии Ӯрун Кӯҳзод мавриди ҳаҷву танқид қарор гирифтааст. Ҳаҷвияҳои “Ғукҳои беадаб”, “Хеши дур” инъикосгари чунин масоили доғи рӯз мебошанд.

Дар асари “Тахти равон ва тахтбардорон” нависанда ба зиндагии пасипардагии ҳокимону ходимонашон, харобиҳои соҳаи кишоварзӣ ва дар баробари ин, ситоишҳои бардурӯғи пешравии он аз тариқи расонаҳои хабарӣ назар намудааст. Асари публитсистии мазкур хонандаро водор месозад, ки ба зиндагӣ бо чашми ибрат нигарад, то зоҳири зебову ботини нохубро аз ҳам ҷудо карда тавонад. Муаллиф ин навиштаҷотро, ки саросар рамзу киноя аст, ҳамчун ҳикояву достон муаррифӣ мекунад. Аммо, воқеан, чунин нест. Ба таъбири А.Саъдуллоев, “достон гуфтани ин асар рамзист, вай на ҳикоя, балки памфлети олиҷанобест, ки аз рӯйи тамоми қоидаҳои ҳаҷви публитсистӣ таълиф шудааст” [4, с.161].

Мундариҷаи памфлети мазкур зоҳиран бадеӣ ва тахайюлӣ ба назар расад ҳам, он аз мавзӯоти рӯз гусаста нест. Дар ин памфлет ҳунари нависандагии муаллиф имкон дода, ки матлаб на ошкору мушаххас, балки образнок бо тасвироти гуногун баррасӣ шавад. Табиати жанри памфлет низ чунин аст, ки дар он матлаби асосӣ ва нуқсонҳои ҷомеа ошкоро ва бо факту далелҳои мушаххаси танқидӣ не, балки мазаммат ва мазоҳ тавассути ғоя, ақида, низом, умуман масоили кулл матраҳ мешавад. Бо чунин назардошт муаллифи памфлети мавриди назар костагиҳои ҷомеаи Шӯравиро мавриди танқиду мазаммат ва масхара қарор медиҳад, ки бунёдаш ба “тамаллуқ, худситоии маҳз, дурӯғ, назорати беҳаёёнаи ҳаёти шахсии одамон, фитна ва козибии аҳли рикоби сарварон асос ёфтааст” [4, с.162].

Дар асар симои ду шахс – Ҷавони паҳлавон ва Ходими калон баррасӣ шудааст. Дар тасвири муаллиф ин ду симо мухталифат дошта, хислати ба ҳам зид доранд. Ходими калон нафарест, ки ҳама чиз; тарзи нави ғуломӣ, ба тахтнишин содиқона хизмат кардан, ба ҳар гуна супориш тайёр будан ва амсоли инро ба тамоми қувва қабул дорад. Вай андешаи мустақили худро надорад, барояш кӣ будан ва чӣ қобилият доштани тахтнишин фарқ надорад. Ҷавони паҳлавон бошад, тимсоли онҳоест, ки орзупарваранд, гоҳо ба пояҳои мансаб ҳам мерасанд, вале чун раъяшон хизмати хоҷаашонро ба ҷо овардан аст, аз уҳдаи коре баромада наметавонанд ва аз тарси Ходими калон танҳо дар хилватҷойҳо “андеша” меронанд.

Асари публитсистии “Тахти равон ва тахтбардорон” аз он ҷиҳат памфлет аст, ки муаллиф фаҳмиш ва муносибати гурӯҳи одамонеро, ки дар зиндагӣ масъулият надоранд ва имрӯз ҳам ин одат дар мағзи онҳо боқӣ мондааст, мавриди танқид ва накуҳиш қарор медиҳад ва мехоҳад бо хандаи сӯзанда онҳоро маҳв созад.

Инчунин, дар осори публитсистӣ нависанда ба мавзӯъҳои мактабу маориф низ дахл намуда, як зумра муллоёни ҷоҳилро, ки пештар дар мадрасаҳо сабақ медоданд, зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Метавон гуфт, ки ин гуна муаммоҳо дар ҷомеаи имрӯза низ ба назар мерасанд, ки Ӯрун Кӯҳзод ин қазияро дар очерки “Модар ва Азроил” моҳирона ба қалам додааст.

Дар очерки “Достони муаллим” образи сабақомӯз баръакси очерки дар боло зикршуда тасвир ёфтааст. Ин очерк сар то по аз андешаҳои қаҳрамони беном – як муаллим, як фидоии матини роҳи маорифи халқ иборат аст, аз он фикру хаёлҳое иборат аст, ки дар дами марг, дар остонаи ба ҳалокат расиданаш аз дасти босмачиён дар ниҳоди ӯ пайдо шуда буд.

Лозим ба ёдоварист, ки бештари ҳаҷвияву лавҳаҳои Ӯрун Кӯҳзод дар маҷмӯаҳои “Сареву Савдое” (1971), “Як сару сад хаёл” (1983) гирд оварда шудаанд. Дар маҷмӯаҳои

мазкур аксаран нигоштаҳое ҷой дода шудаанд, ки дар қолаби жанрҳои публитсистикаи ҳачвӣ аз қабили, “Одат мекунанд”, “Хеши дур”, “Дӯстон”, “Мулоҳиза намебуд”, “Тӯйи арӯсӣ”, “Маърака”, “Мунаққид ва ошпаз”, “Гардам аз одамот!”, “Мехи девор”, “Барача”, “Зиёфат”, “Конспект”, “Гардани каҷ” эҷод шудаанд.

Ӯрун Кӯҳзод дар памфлетҳояш аксаран ба воқеаҳои иҷтимоиву сиёсӣ сару кор гирифта, онҳоро тезу тунд, вале созанда ва омӯзанда инъикос намудааст. Дар памфлети “Ғукҳои беадаб”, ки 4 июли соли 1965 дар ҳафтаномаи “Комсомоли Тоҷикистон” чоп шудааст, нависанда ба хушомадгӯии зердастони як раис хандида, ин чоплусӣ ва бешарафии онҳоро маҳкум намудааст.

Ӯрун Кӯҳзод дар танқиди норасоиҳои иҷтимоии ҷомеа аз тамоми имкониятҳои эҷодӣ ва жанрии публитсистика истифода мебарад. Асарҳои “Тоҷикони имрӯза” (2000), “Ҷамъи парешон” (2003), “Ахлоқи воло, дафъи бало” (2003) ва амсоли ин саропо ҳачву танз, кинояву ришханд ва танқиду мазаммати гурӯҳҳои муфтхӯр, бадахлоқ ва носипоси мебошанд.

Мақолаҳои публитсистии Ӯрун Кӯҳзод аз ҷиҳати шумора афзун буда, дар онҳо масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ таҳлил шудаанд. Дар бештари мақолаҳои публитсистӣ нависанда ба масъалаи адабиёт ва таърихи он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Аз ҷумла, дар мақолаи “Ҳикоёт аз таърихи адабиёт”, ки дуюми сентябри соли 1978 дар ҳафтаномаи “Маориф ва маъданият” нашр шудааст, адиб андешаҳои худро доир ба адабиёти пургановати классикии тоҷик таърихи таҳаввул ва арзишҳои умумиинсонии он иброз намудааст.

Дар мақолаи “Масъалаҳои насри муосир” бошад, адиб доир ба адабиёти муосир ва масъалаҳои асосии он изҳори андеша намуда, вазифа ва масъулияти аҳли қалам ва махсусан суханваронро дар ҷомеаи серташвишу пуртазоди даврон нишон додааст.

Ҳамин тавр, осори публитсистии Ӯрун Кӯҳзод дар жанрҳои гуногун таълиф гардида, дорои рӯҳи баланди танқидӣ ва созандагӣ мебошанд ва бо мундариҷа ва муҳтавои худ муносибат ва ҳамовозии нависандаро ба муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии давру замон ифода менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Адибони Тоҷикистон. - Душанбе: Адиб, 2014. - 320 с.
2. Кӯҳзод, Ӯ. Як сару сад хаёл / Ӯ. Кӯҳзод. - Душанбе: Ирфон, 1983. - 256 с.
3. Кӯҳзод, Ӯ. Сареву савдое / Ӯ. Кӯҳзод. - Душанбе: Ирфон, 1972. - 134 с.
4. Қуллапаймои сухан. - Душанбе: Деваштич, 2009. - 178 с.
5. Муродов, М. Аз замон то замон / М.Муродов. - Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - 248 с.
6. Муҳаммадиев, Ф. Тири адиб набояд хок хӯрад / Ф.Муҳаммадиев // Қуллапаймои сухан. - Душанбе: Деваштич, 2009. - С. 43-52.
7. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт / А.Саъдуллоев. - Душанбе: Адиб, 2000. - 256 с.
8. Усмонов, И. Назарияи публитсистика / И.Усмонов. - Душанбе: Шарқи озод, 1999. - 100 с.
9. Шукуров, М. Садоқат ба идеалҳои олии замон / М.Шукуров // Қуллапаймои сухан. - Душанбе: Деваштич, 2009. - С. 13-34.

НИГОҲЕ БА ПУБЛИТСИСТИКАИ ӮРУН КӮҲЗОД

Нависандаи халқии Тоҷикистон Ӯрун Кӯҳзод аз устодони шинохтаи насри муосири тоҷик мебошад, ки осори ӯ бо фаро гирифтани масоили мубрами таърихӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва масъалаҳои доғи рӯз дар миёни хонандагон шуҳрат ва маҳбубият касб кардааст. Осори публитсистии Ӯ.Кӯҳзод ҷолиб ва дилкашанд. Дар онҳо тозагии андеша ва фасоҳати сухан дида мешавад. Дар романи «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим» (1983) ӯ масъалаи муҳимми ҳаётии пайванди аслҳову наслҳо ва давру замонҳоро мавриди баҳсу баррасии бадеӣ қарор додааст. Ӯрун Кӯҳзод адиби пухтакору мушоҳидакор буда, дар давоми чанд соли охир рисолаҳои публитсистии «Тоҷикони имрӯза» (2002), «Лоҳутӣ ва баъди ӯ» (2002), «Ҷамъи парешон» (2003), «Ахлоқи воло – дафъи бало» (2003), «Акашариф – Борбади асри бист» (2005) ва як силсила мақолаҳо ба табъ расонд, ки шоҳиди чунин гуфтаҳоянд. Дар очерк, лавҳа, памфлет, фелетон ва мақолаҳои адиб ҳусну кубҳи зиндагии рӯзмарраи кишрҳои гуногуни ҷомеаи инсонӣ мавриди мухокима ва андеша қарор гирифта, роххои мусолиматомези ҳаёти солим ва бошарафонаи одамон талқин мешавад. Сабки ҳазломез ва ҳачвнигоронаи баён боиси боз ҳам ҷолибтар ва нишонрастари мундариҷаи осори публитсистии адиб гардидааст. Дар ин мақола муаллифон ба фаъолияти публитсистии нависанда такя намуда, умумият ва вежагиҳои осори публитсистии ӯро мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Калидвожаҳо: Ӯрун Кӯҳзод, публитсистика, жанр, очерк, лавҳа, памфлет, образ, воқеаҳои ҳақиқӣ, инкишофи фардияти инсон.

ВЗГЛЯД НА ПУБЛИЦИСТИКУ УРУНА КУХЗОДА

Народный писатель Таджикистана Урун Кухзод является одним из самых известных таджикских мастером прозы, чьи издания были предметом исторического, культурного и национального интереса среди читателей и имели большую популярность. Публицистические произведения Уруна Кухзода весьма интересны и читаемы. В них мы можем наблюдать новый образ презрения слова. В романе «И высокая гора, и большой город» (1983) он рассказывает о важной жизненной проблеме связи поколений в разные времена. Урун Кухзод является одним из выдающихся литераторов современности. За последние десятилетия его произведения «Сегодняшние таджики» (2002), «Лохути и после него» (2002), «Коллекционные коллаборации» (2003), «Высокое воспитание – лекарство от бед» (2003)), «Акашариф – Борбад двадцать первого века» (2005) и серия исторических статей свидетельствуют о значимости данного прозаика. В очерке, памфлете, фельетоне и статьях литератора отражаются и анализируются

все аспекты жизни разного слоя населения и вместе в тем, наставляются на правильные и благородные пути здорового образа жизни людей. Шуточный и сатирический стиль изложения является причиной более привлекательного, интересного и четкого содержания публицистического произведения прозаика. В данной статье автор сосредоточился на работе публицистиа, изучая широкую специфику его произведений.

Ключевые слова: Урун Кухзод, публицистика, жанр, очерк, памфлет, образ, реальные события, развитие личности человека.

VIEW OF URUN KUKHZOD'S PUBLICITY

The national writer of Tajikistan Urun Kuhzod is one of the most known Tajik masters of proses whose editions were a subject of historical, cultural and ethnic questions among readers and had great popularity. Publicity works by Urun Kuhzod are very interesting and readable. In them we the modem to observe a new image of contempt of a word. In the novel "Both High Mountain, and Big City" (1983) it tells about an important vital problem of communication of generations at various times. Urun Kuhzod is one of outstanding writers of the present. For the last decade his works "Today's Tajiks" (2002), "Lohuti and after it" (2002), "Collection collaborations" (2003), "High education – medicine for troubles" (2003)), "Akasharif – Borbad of the twenty first century" (2005) and a series of historical articles demonstrate the importance of this prose writer. The essay, pamphlet, fueillet and articles of the writer reflect and analyze all aspect of life of different layesrs of the population and the same time, instruct the correct and noble ways of a lifestyle. Comi and satirical style of publicistic works of prose. In this article the author focused on work of publicity, studying broad specifics of his works.

Key words: Urun Kuhzod, journalism, genre, sketch, pamphlet, image, real events, personal development of the person.

Сведения об авторе: ***Кучаров А.*** - Таджикский национальный университет, профессор кафедры теории новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 905-50-79-80**
Каримова Х. - Таджикский национальный университет, магистр кафедры теории новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 906-55-56-63**

Information about the authors: ***Kucharov A.*** - Tajik National University, professor of the department of the theory of the latest Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 905-50-79-80**
Karimova H. - Tajik National University, master of department of the theory of the latest Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 906-55-56-63**

УДК: 891.550+297 (55)

СУННАТИ ТАРҶУМАИ ТАФСИРҲОИ АРАБИИ ҚУРЪОН БА ПОРСӢ

Абдуқодирзода Саидмукаррам
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тарҷумаи Қуръон ба забони порсӣ суннати дерина дошта, аз охири асри IX ва аввали асри X то рӯзгори мо идома дорад. Ҷойи баҳс нест, ки хонандаи ғайриараб, аз ҷумла эронинажодоне, ки ба забони арабӣ тасаллути комил надоранд, дар фаҳму дарки нукоти нозуки қуръонӣ дучори мушкилӣ мешаванд. Барои рафъи чунин мушкилӣ донишмандон ба тарҷумаи Қуръон пардохтаанд, ки то андозае корро дар ин самт осон мегардонад, вале маърифати нозуки баъзе нукоти қуръонӣ аз роҳи тарҷума ҳосил намегардад. Аз ин ҷост, ки то давраи муайяни таърихӣ, дар асоси чанд далели мушаххас, тарҷумаи Қуръони азимушшаън ба дигар забонҳо муҷоз набудааст. Далелҳои ворид дар ин амрро чунин баён кардан мумкин аст:

1. Тасаллути забони арабӣ ҳамчун забони фарҳанги ғолиб дар миёни мусулмонон ва моҳияти қудсӣ пайдо кардани он. Дар оғоз чунин ақида роиҷ буд, ки ҳангоми тарҷумаи Қуръон ба забони дигар қадосати он мекоҳад.

2. Бузургманишии арабӣ, ки аз давраи хилофат ба баъд расм шуда буд.

Ҷунбиши фарҳангии бузурги мардумони эронинажод, ки дар таърих бо номи “ҷараёни шуубия” машҳур аст, ҳамчун аксуламали бузургманишии арабӣ ба миён омада буд. Саҳми шуубиён дар посдории фарҳанги қаблазисломӣ, зинда кардани хотираи таърихӣ, ҳифзи ёдгориҳои адабии қаблазисломӣ ба воситаи тарҷумаи асарҳо ба забони арабӣ ва шаклгирии ҳувияти миллӣ дар давраи нав бениҳоят бузург аст. Ба ҳамин минвол андешаи ҷоиз будани тарҷума ба забони порсӣ низ натиҷаи мафкураи истиқлолхоҳии шуубиён ва таъсири тарҷумаҳои анҷомдодаи онҳо ҳам ҳаст.

3. Мушкилии тарҷумаи Қуръон аз назари интиқоли комили вижагиҳои матнӣ. Дар ҳақиқат, “ҳеҷ матни адабиро ончунон ки ҳаст, бавижа, агар аз назари лафз аз хасоисе назири саҷъу иҳом бархӯрдор бошад, наметавон ба сурате ки ҳамаи вижагиҳои лафзию маънавияш ба забони мақсад мунтақил гардад, тарҷума кард” [10, с.386]. Аммо ин ҷиҳати масъала дар мавриди тарҷумаи матни Қуръон мушкилиҳои зиёди дигареро ҳам пешорӯ қарор медиҳад, чунки дарки матолиби қуръонӣ ба ҷузъиёти нозуки муҳтавоӣ ҳамроҳ аст.

4. Душвории интиқоли маънии оёту мафоҳими қуръонӣ аз забони арабӣ ба забонҳои дигар. Оёти қуръонӣ шомили маъниҳои зиёде ҳастанд, ба дараҷае ки “Қуръонро ҳафт то ҳафтод батну маъност”, ки дар ҳадис ба ин маънӣ таъкиди возеҳ шудааст. Аз роҳи тарҷума баргардонидани маъниҳои зиёди калима, мафҳум, ибора ва таркиботи қуръонӣ ба забони дигар ғайриимкон аст. Дар ин самт кӯшиш асосан дар тарҷумаи маънии аввалия равона мешавад, ки бо он басанда кардан кифоят нест. Ин ҷиҳати маъноӣ санъати иҳомро мемонад, ки барои дарки комили он таваҷҷуҳ ба чандин маъниҳои қариб ба зеҳну дур аз дарку тасаввур зарур аст.

Аз ин миён сабаби асосии то замони Сомониён ба вуҷуд наомадани китобҳои тафсир ба моҳияти қудсӣ доштани забони арабӣ ва қадосати оёти қуръонӣ бастагӣ дорад. Баъд аз он ки бо талоши хонадони фарҳангпарвари Сомониён такя ба забону фаҳанги миллӣ афзуда, шеъру адаб ба забони порсии дарӣ ривоҷ ёфта, кӯшиши ба вуҷуд овардани забони илм ба забони давлатӣ расмият пайдо кард, бо мақсади дар ҷомеа ба вуҷуд овардани ҳалқаи ягонаи тафаккури миллӣ ба тарҷумаи Қуръон иқдом карда шуд. Ба ин нукта муаллифони сарчашмаҳои асримиёнагӣ ҳам ишораҳо кардаанд, ки аз он миён манбаи аз ҳама муҳим ахбори мундариҷ дар муқаддимаи китоби “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” [9] мебошад.

Дар ҳақиқат, то замони Сомониён тарҷумаву тафсири Қуръон ба дигар забон ҷоиз набудааст. Аз ахбори сарчашмаҳои муътамад, аз ҷумла китоби мазкури Муҳамамад ибни Ҷарири Табарӣ бармеояд, ки суннати тарҷума ва тафсирнависии Қуръон ба забони порсӣ аз аҳди Сомониён шурӯъ шуда, аз он давра ба баъд тарҷумаи Қуръон ба порсӣ ва дар идомаи он тафсирнависӣ ба ин забон ба анъана медарояд.

Иқдоми тарҷумаи Қуръон ба забони порсии дарӣ аз ҷониби амири сайиди музаффар Абӯмансур ибни Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил ба вуқӯъ пайваста ва аз ин ҷиҳат аз ҷумлаи ибтикороти муҳимми Мансури якуми Сомонӣ (350ҳ. / 961-962 м.-365 ҳ. / 975-976 м.) ба ҳисоб меояд. Ин амири хирадманд, вақте ки матни арабии китоби “Тафсири Табарӣ”-ро дар чиҳил мусҳаф пешкаш оварданд, дид, ки хондани он ба иборати тозӣ барояш душворӣ дорад, фармон дод, ки онро тарҷума кунанд. Чун иҷозаи тарҷума ба дигар забон ҷоиз набуд, фақеҳони Моваруннаҳрро ҷамъ оварда, аз онҳо иҷозати ҷоиз будани тарҷумаи Қуръон ба дигар забонро мегирад ва гурӯҳи донишмандонро вазифадор мекунад, ки дар якҷоягӣ китоби “Тафсири Табарӣ”-ро ба забони порсӣ тарҷума кунанд. Тафсилоти ибтикори мазкур, зарурати тарҷумаи Қуръон ба забони порсии дарӣ, касби иҷозаи тарҷума ва мавқеи забони порсӣ дар муқаддимаи китоби “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” чунин омадааст: “Ин китоб тафсири бузург аст аз ривояти Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, раҳматуллоҳи алайҳи, тарҷумакарда ба забони порсии дарӣ, роҳи рост ва ин китобро биёварданд аз Бағдод, чиҳил мусҳаф буд набишта ба забони тозӣ ва ба иснодҳои дароз буд. Ва биёварданд сӯйи амири сайиди музаффар Абӯмансур ибни Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил, раҳматуллоҳи алайҳим аҷмаъин. Пас душх(в)ор омад бар вай хондани ин китоб ва иборат кардани он ба забони тозӣ ва чунон хост, ки мар инро тарҷума кунанд ба забони порсӣ. Пас уламои Моваруннаҳрро гирд кард ва ин аз эшон фатво кард, ки раво, ки мо ин китобро ба забони порсӣ гардонем? Гуфтанд: Раво бошад хондану набиштани Қуръон ба порсӣ мар он касеро, ки ӯ тозӣ надонад, аз қавли Худои азза ва ҷалла, ки гуфт: “Мо арсално миррасули илло билисони қавмиҳи”. Гуфт: “Ман ҳеч пайғомбареро нафиристодам, магар ба забони қавми ӯ ва он забон, ки эшон донистанд”. Ва дигар ин буд, ки ин забони порсӣ аз қадим боз донистанд, аз рӯзгори Одам то рӯзгори Исмоил ва ҳамаи паёмбарону мулукони замин ба порсӣ сухан гуфтандӣ ва аввал касе, ки сухан гуфт ба забони порсӣ Исмоил паёмбар буд ва Паёмбар, салаллоҳи алайҳи, аз араб берун омад ва ин Қуръон ба забони араб бар ӯ фиристоданд ва ин бад-ин ноҳият забони порсист ва мулукони ин ҷониб мулуки аҷаманд” [9, с. 2].

Ҳамин тавр, раво будани тарҷумаи Қуръон бо далелҳои мушаххас таъйид мешавад ва кори тарҷумаи китоби мазкур миёни соҳои 962-966 мелодӣ дар ҳафт муҷаллад анҷом дода мешавад. Тарҷумаи мазкур бо унвони “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” машҳур мебошад, ки асли он “Ҷомеъ-ул-баён фӣ тафсир-ул-Қуръон”-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ [8] мебошад. Бо ба миён омадани ин тарҷума давраи шинохти мазомини оёти қуръонӣ ба забони порсии дарӣ оғоз мешавад, ки то ба имрӯз идома пайдо карда истодааст. Дар ҳамин фосилаи замонии тӯлонӣ китобҳои тарҷумаи мутааддиде ба миён омадаанд, ки гузашта аз аҳаммияти маърифатиашон, аз назари сабки баён ва ба намоиш гузоштани шевоии забони порсӣ ва фасоҳату балоғати он, хазинаи пурбори насри адабии тоҷикиро ба вуҷуд овардаанд. Ҳамин арзишро китобҳои тафсир ҳам доранд, зеро онҳо низ, ба мисли китобҳои тарҷума, ганҷинаи бузурги насри адабии асримиёнагӣ ҳастанд, ки аз нигоҳи чигунагии шарҳу баёни каломи Худованд, ошноӣ бо калимаҳои куҳан, ибораву таркибот ва сохтори ҷумла, муфрадоту мураккаботи луғоту таркибот ва сабкшиносии насри асримиёнагӣ дорои аҳаммият ва таваҷҷуҳи махсус ҳастанд.

Намунаи дигари тарҷумаи Қуръон дар аҳди Сомониён тарҷумаи сураи Моида аз Қуръони кӯфии куҳан мебошад, ки шомили ояти 128 сураи Нисо то ояти 84 сураи Аъроф буда, “бо тарҷумаи устувори порсӣ” имтиёз дорад. Нусхаи мазкур дар китобхонаи Остони қудси разавӣ нигаҳдорӣ мешавад ва бо кӯшиши Аҳмад Алии Раҷоии Бухороӣ ҳамин бахшҳои боқимонда дар соли 1932 ба чоп расидааст [4].

Тарҷумаи мазкур, ки ба хатти кӯфӣ навишта шудааст, зернависи порсӣ ҳам дорад. Ба сурати куллӣ ҳар китоби тафсир фарогири тарҷума ҳам ҳаст, чунки муфассирини порсизабони Қуръон аксар қабл аз тафсир дар зери калимаву иборотӣ қуръонӣ нахуст муодили порсии онҳоро меоварданд. Ба ин тариқ метавон гуфт, ки тарҷумаи Қуръон ба забони порсӣ дар ибтидо ба сурати зернависи тарҷумаи калимаҳои қуръонӣ сурат гирифтааст, ки бидуни шарҳу тафсир анҷом мегирифт. Агар аз ҳамин нуқтаи назар, ба китобҳои фарогири тарҷума ва тафсири Қуръон назар афканем, чунин манзара пеши назар меояд, ки тарҷума ва тафсири Қуръон ба забони порсӣ таърихи ба ҳам муштарак доранд.

Қуръонпажӯҳон китоберо, ки шартан “Тафсире аз ду ҷузъи Қуръон” номида шудааст, дар шумори яке аз куҳантарин тарҷумаҳои Қуръон ёд мекунанд [10, с. 386]. Ин тарҷума дар соли 1934 ба номи “Пуле миёни шеъри арӯзӣ ва ҳиҷоии форсӣ” ба кӯшиши Аҳмад Алии Раҷоии Бухороӣ чоп шудааст [3].

Таърихи ба вуҷуд омадани ин тарҷума тақрибан охирҳои асри IX дониста шудааст, вале аз он ҷо, ки матни он ба тариқи тарҷумае оҳангин таълиф шудааст, шояд ба даврaҳои андаке баъдтар тааллуқ дошта бошад. Хусусиятҳои тарҷумаи мазкурро Аҳмад Алии Раҷоии Бухороӣ чунин ба қалам овардааст ва бо андак диққат ба он дарёфтан мумкин аст, ки чунин тарзи баён аз ҷумлаи мухтассоти сабки насри асри X маҳсуб намешавад: “Он чи ин тарҷумаи тафсириро дар миёни назоираш мумтоз месозад, кӯшишест, ки мутарҷим барои мавзун сохтани иборотӣ худ ба кор баста ва тавфиқи ӯ дар кор чандон аст, ки ҳар хонандае навъе мусиқӣ дар бештари пораҳои он эҳсос мекунад... Тақрибан тарҷумаи ҳар оя бо саҷе хос ва бисёр андак бо радифи хоссест, ки бо ояи қабл ва баъд тафовут дорад, гӯӣ мутарҷим илова бар тобеият аз замоиру афъоли асли оя кӯшидааст, танаввуъе ҳам дар асли саҷъҳо ва бисёр кам дар вазни тарҷумаи ҳар оя риоят кунад” [3, с. 5].

Тарҷумаи тафсирии дигар, ки бо унвони “Тафсири Шанқашӣ” маъруф мебошад, гузорае аз бахше аз Қуръони карим буда, тақрибан ҳудуди садаи XI навишта шудааст. Ин тафсир аз рӯйи ягона нусхаи боқимонда аз он ба кӯшиши дуктур Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ дар Теҳрон чоп шудааст. Муфассири тафсири мазкур ношинохта буда, китоби ӯ аз сураи Фотиҳа то сураи Юнусро дар бар мегирад.

Китоби “Тафсири Насафӣ”-и Абӯҳафс Наҷмиддин Умари Насафӣ (1069-1144) яке дигар аз китобҳоест, ки шомили тарҷумаи тафсирӣ аз Қуръон мебошад. Ин тарҷумаи тафсирӣ байни солҳои 1934-1936 ба кӯшиши Азизуллоҳи Ҷувайнӣ чоп шудааст.

Яке аз равишҳои маърифати Қуръон дар асрҳои миёна, ки чунин равиш ҳам дар аҳди Сомониён сарчашма мегирад, тарҷумаи муфрадот ва мураккаботи луғоти каломи раббонӣ мебошад. Манзури мутарҷимон дар ин маврид шинос намудани хонандаи порсизабон бо муфрадот ва мураккаботи луғоти Қуръони карим будааст. Намунаи аввалини равиши маърифатии мазкур китобе мебошад, ки бо унвони “Тарҷумаи муфрадоти Қуръон” ё “Тафсири муфрадоти Қуръон” шинохта шудааст. Ин китоб, ки дар соли 1940 ба кӯшиши Азизуллоҳи Ҷувайнӣ дар Теҳрон чоп шудааст, аз назари “тарҷумаи алфоз, нукоти дастурию забоншиносӣ” [10, с. 387] дорои аҳаммият аст.

Китоби “Тафсири Сурободӣ”-и Абӯбакр Атиқ ибни Муҳаммад Ҳиравии Нишопурӣ (ваф. 494 ҳ. / 1100-1101) аз ҷумлаи тафсирҳоест, ки аз назари фарогирии тарҷумаи луғату истилоҳот ва тарҷумаи таҳтуллафзии иборотӣ туркиботи қуръонӣ ҳамчун китоби луғат шинохта мешавад. Тавзеҳи зерин хусусияти мазкури “Тафсири Сурободӣ”-ро равшан мекунад: “...аз намунаҳои олии насри форсӣ ва пур аз луғоту истилоҳоту тарҷумаи таҳтуллафзии иборотӣ туркиботи Қуръон ба форсӣ аст ва чун муаллиф кӯшидааст, дар ҳар як аз ин маворид калимае ва туркибе ба даст оварад, китоби ӯ дар ҳукми китоби луғати судманде барои забони форсӣ даромадааст” [10, с. 387].

Як китоби дигар бо номи “Вуҷӯҳи Қуръон”, ки дар тарҷума ва тафсири луғоти Қуръон ба порсӣ навишта шудааст, дақиқ маълум нашуда, ки ё дар асри XII ва ё дар аввали асри XIII ба миён омадааст. Муаллифи китоби мазкур Ҳубайши Тифлисӣ мебошад.

Китоби “Тарҷумон-ул-Қуръон”-и Мир Сайид Шарифи Ҷурҷонӣ (1339-1414) яке аз китобҳои таълимии машҳуре мебошад, ки шомили тарҷума ва тафсиру тавзеҳи луғоту муфрадоти Қуръон ба порсии сара буда, бо мақсади бозгӯи “маонии форсии луғоти азимушшаън” барои “пайравони форсизабони мактаби муҳаммадӣ” навишта шудааст. Оид ба ин асар аз ҷониби адабиётшинос М. Нарзиқул ҳангоми баррасии осори адабии таълимии асрҳои XIII-XIV дар китоби “Адабиётшиносии форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои XIII-XIV” сухан рафтааст [2, с.17-18], бинобар ин, беш аз ин ба он намепардозем.

Ҳамин тавр, суннати тарҷума ва тафсирнависии Қуръон ба забони порсӣ аз аҳди Сомониён шурӯъ шудааст. То замони Сомониён тарҷумаву тафсири Қуръон ба дигар забон ҷоиз набудааст. Аз аҳди Сомониён ба баъд тарҷумаи Қуръон ба порсӣ ва тафсирнависӣ ба ин забон ба анъана медарояд.

Китоби “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” тарҷумаи китоби тафсири бузурге мебошад, ки тарҷумаю тафсири комили Қуръони азимушшаън ба забони порсии дарӣ мебошад. Китобҳои тарҷумаи бахшҳои ҷудогонаи каломи раббонӣ китобҳои комил набуда, асарҳои хурди шомили тарҷума ва тафсир мебошанд. Аксари китобҳои дигар, ки ҳамчун китобҳои тафсир ёд мешаванд, фарогири тарҷумаи зернависи калима, ибора ва таркиботи қуръонӣ ҳам ҳастанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Мероси Оли Сомон. Фароҳамоварандаи матн, муаллифи муқаддима, таълиқот ва ҳавошӣ Носирҷон Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 554 с.
2. Нарзиқул, М. Адабиётшиносии форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои XIII-XIV / М. Нарзиқул. – Душанбе: Адиб, 1998. – 112 с.
3. پولی میان شعر هجای و عروضی فارسی ؛ به تصحیح احمد علی رجای. – تهران: بنیاد فرهنگ ایران، 1353.
4. تفسیر قرآن پاک ؛ به کوشش علی رواقی، با مقدمهٔ حافظ محمودخان شیرانی. – تهران: سمت، 1385.
5. جرجانی، میر سید شریف. ترجمان القرآن / میر سید شریف جرجانی : ترتیب دادهٔ عادل ابن ابن عادل الحافظ ؛ به کوشش محمد دبیر سیاقی. – تهران:، 1333. – 148 صح.
6. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران / دبیح الله صفا. – چاپ هشتم. – جلد یکم. – تهران: فردوس، 1378. – 780 ص.
7. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران / دبیح الله صفا. – چاپ هشتم. – جلد پنجم. – تهران: فردوس، 1378. – 778 ص.
8. طبری، محمد ابن جریر.تفسیر طبری / محمد ابن جریر طبری : نیمهٔ قرن چهارم هجری. – تهران، 1356.
9. طبری، محمد ابن جریر. ترجمهٔ تفسیر طبری / محمد ابن جریر طبری : فراهم آمده در زمان سلطنت منصور ابن نوح سامانی، 350 تا 365 هجری ؛ چاپ حبیب یغمایی در هفت مجلد. – تهران، 1367.
10. محمدخانی، علی اصغر. تفسیر قرآن در ادب فارسی / علی اصغر محمدخانی // فرهنگ نامهٔ ادب فارسی دانش نامهٔ ادب فارسی : به سرپرستی حسن انوشه. – جلد دوم. – تهران: وزارت فرهنگ و ارشاد اسلامی، سازمان چاپ و انتشارات، 1381. – 1537 صح.

СУННАТИ ТАРҶУМАИ ТАФСИРҲОИ АРАБИИ ҚУРЪОН БА ПОРСӢ

Дар қадами аввал, қабл аз тарҷумаи бевоситаи Қуръон ба забони порсӣ, тарҷумаи тафсирҳои арабии каломи раббонӣ ба забони порсии дарӣ оғоз шуда буд. Аз ин ҷост, ки дар ин мақола, бо мақсади муайян кардани равишҳои тарҷума ва тафсирнависӣ ба Қуръони карим ба забони порсӣ дар асрҳои миёна ва таъйини сарчашмаҳои асримиёнагии тарҷумаи Қуръон, сухан аз суннати тарҷумаи тафсирҳои арабии Қуръон ба забони порсӣ меравад. Муаллифи мақола баъд аз он ки сабабҳои то муддати муайяне ҷоиз набудани тарҷумаи Қуръон ба дигар забон ва ибтикори аз ҷониби подшоҳи Сомонӣ – Абӯмансур ибни Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил иқдоми ҷиддӣ пеш гирифтанро дар тарҷумаи Қуръон баён мекунад, тарҷумаҳои машҳури асримиёнагиро, ки аз арабӣ ба забони порсӣ анҷом шудаанд, муаррифӣ мекунад: “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ”, ки асли он “Ҷомеъ-ул-баён фӣ тафсир-ул-Қуръон”-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ аст, тарҷумаи сураи Моида аз Қуръони кӯфии куҳан, “Тафсире аз ду ҷузъи Қуръон”, “Тафсири Шанқашӣ”, “Тафсири Насафӣ”-и Абӯҳафс Наҷмиддин Умари Насафӣ, “Тарҷумаи муфрадоти Қуръон” ё “Тафсири муфрадоти Қуръон”, “Тафсири Сурободӣ”-и Абӯбакр Атиқ ибни Муҳаммад Ҳиравии Нишопурӣ (ваф. 494 ҳ. / 1100-1101), ки аз назари фарогирии тарҷумаи луғату истилоҳот ва тарҷумаи таҳтуллафзии иборату таркиботи қуръонӣ ҳамчун китоби луғат шинохта мешавад ва ба ин монанд китобҳои, “Вуҷӯҳи Қуръон” – дар тарҷума ва тафсири луғоти Қуръон ба порсӣ, “Тарҷумон-ул-Қуръон”-и Мир Сайид Шарифи Ҷурҷонӣ (1339-1414), ки ҳамчун китоби таълимӣ машҳур буда, шомили тарҷума ва тафсиру тавзеҳи луғоту муфрадоти Қуръон ба порсии сара мебошад.

Калидвожаҳо: Қуръон, тарҷумаи Қуръон, тафсири Қуръон, суннати тарҷума, Сомониён, забон, тафаккури миллӣ.

ТРАДИЦИИ ПЕРЕВОДА АРАБСКИХ ТОЛКОВАНИЙ КОРАНА НА ПЕРСИДСКИЙ ЯЗЫК

В начале, перед непосредственным переводом Корана на персидский язык, начался перевод его арабских толкований на персидский язык. Поэтому, в данной статье с целью определения стилей перевода и написания толкований к Священному Корану на персидском языке в средние века и установления средневековых источников переводов Корана, речь пойдет о традициях перевода арабских толкований Корана на персидский язык. Автор статьи излагая причины недозволительности перевода Корана на другие языки до определенного периода, излагает серьёзную инициативу шаха Саманидов – Абумансура ибн Нуха ибн Насра ибн Ахмада ибн Исмаила в переводе Корана и представляет знаменитные средневековые переводы с арабского на персидский язык: “Перевод Тафсири Табари”, подлинником которого является “Джомеъ-ул-баён фи тафсир-ул-Куръон” Мухаммада ибн Джарири Табари, перевод суры Моида из старинного куфического Корана, “Толкование из двух разделов Корана”, “Толкование Шанкаши”, “Толкование Насафи” Абухафса Наджмиддина Умара Насафи, “Тарджумаи муфрадоти Куръон” или “Тафсири муфрадоти Куръон”, “Толкование Суроболи” Абубакра Атика ибн Мухаммада Хирави Нишапури (умер. 494 т. / 1100-1101), признается как словарь и т.д..

Ключевые слова: Коран, перевод Корана, толкование Корана, традиции перевода, Саманиды, язык, национальное мышление.

TRADITIONS OF TRANSLATION OF ARABIC INTERPRETATIONS OF THE QURAN TO THE PERSIAN LANGUAGE

In the beginning, before the Koran was directly translated into Persian, the translation of its Arabic interpretations into Persian began. Therefore, in this article, with the aim of determining the styles of translation and writing interpretations of the Holy Quran in the Persian language in the Middle Ages and establishing medieval sources of translations of the Koran, we will discuss the traditions of translating Arabic interpretations of the Koran into the Persian language. The author of the article, explaining the reasons for the inadmissibility of the translation of the Koran into other

languages until a certain period, outlines a serious initiative of the Shah Samanid - Abumansur ibn Nuh ibn Nasr ibn Ahmad ibn Ismail in the translation of the Koran and presents the famous medieval translations from Arabic into Persian: “Translation of Tafsiri Tabari,” the original which is “Jome-ul-baion fi tafsir-ul-Kuryon” by Muhammad ibn Jariri Tabari, translation of Surah Moida from the ancient Kufic Quran, “Interpretation from two sections of the Quran”, “Interpretation of Sh nkashi ”,“ Interpretation of Nasafi ”by Abuhafs Najmiddin Umar Nasafi,“ Tardjumai mufradoti Kuryon ”or“ Tafsiri mufradoti Kuryon ”,“ Interpretation of Surobodi ”by Abubakra Atika ibn Muhammad Hiravi Nishapuri (11114 verb., 494 t. etc ..

Keywords: Quran, translation of the Koran, interpretation of the Koran, translation traditions, Samanids, language, national thinking.

Сведения об авторе: ***Абдукодирзода Саидмукаррам*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, докторант кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. Тел.: **(+992) 988-31-50-50**

Information about the author: ***Abdukodirzoda Saidmukarram*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor, doctoral candidate of the department of history of Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 988-31-50-50**

УДК:14+82(575.2)

МЕТАФОРИЧЕСКИЕ СИМВОЛЫ В ГАЗЕЛИ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДОНИ

Кодиров К.
Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава

Исследование показывает, что Мир Сайид Али Хамадани был тесно связан с Санайи, Аттаром, Джалал ид-дином Руми и Хафизом Ширази. Поэтому порой кажется, что он подражает их творчеству. Некоторые его газели настолько подобны творениям этих поэтов, что невольно создается впечатление, что он подражает их газели, но на самом деле это не так, « ....а от того, что он настолько был связан с ней и предан ей, что она целиком обволакивала его воображение и он невольно заносил их на бумагу» [5, с.27]. Например, нижеследующая газель напоминает газель Джалал ид-дина Руми и настолько, что различие создадут лишь небольшие словесные и смысловые расхождения:

Аз канори хеш меёбам дамодам бӯйи ёр,
З-он басе гирам ба ҳар дам хештанро дар канор.
Чун канорамро миёне нест пайдо дар канор.
Дар миёни хуни дил чонам ғамаш гирад канор.
Чун миёнашаро каноре нест, з-он дар ҳайратам.
К-он чунон нозукмиёне нест доим дар канор.
Не миёнашро каноре, не канорамро миён,
В-аз миёни оташи ишқаш намеёбам канор.
Нест касро аз миёнаш ҷуз канор андар ду кавн.
Аз миёни инчунин давлат касе ҷӯяд канор?
Аз каноре, гар Алӣ будӣ, миёнаш ёфтӣ,
Дар хаёли он миён аз хеш гаштӣ боканор.
(Каждый раз в своих объятий нахожу запах Подруги,
Потому каждый миг прижимаю себя в объятиях.
Так как Её талия бескрайна, я тому удивлён,
Что с такой тонкой талией Она не всегда в объятиях.
Нет Её талии края, нет моим объятиям края,
Из середины пламени Её любви не нахожу края.
В объятиях тот, кто мечтает о Её объятиях,
Из середины достается тому, кто с Ней в обнимку.
Нет в двух мирах никому из Её стана ничего, кроме объятий,
От стана такого счастья разве кто откажется?
Если б Али был в стороне, то нашел бы Её стан,
В мечте о том стане от самого себя он ушёл) [1. № 546. Л. 372 б].

В этой манере изложения Мир Сайида Али Хамадани в традициях и нормах ирфанической газели важную роль играет влияние ирфанической газели Аттара, Санайи, а особенно Джала ид-дина Руми. Мир Сайид Али Хамадани также хорошо был знаком с поэзией Хафиза Ширази, о чём свидетельствует его трактат «Муродоти девони Ҳофиз» («Намерения дивана Хафиза»).

Сущность человека в газели Мир Сайида Али Хамадани - в набожности. Бог - это свет небес и земли. Бог напутствует человека на свой свет. Бог - это субстанция, которая создает всё из ничего и по своей воле. Бог – это источник жизни и всякое сущее и всякая тварь существует

и имеет продолжение в отражении его света. Бог – это свет небес на земле; его знание охватывает всё на земле и небесах. От него нет ничего скрытого и ни малейшее движение не может обойти его внимания.

Мир Сайид Али Хамадани в своей газели познание Бога человеком представляет таким образом:

Агар ту бар сари кӯяш даме гузар ёбӣ,
Кунузи ғайби ду олам ба як назар ёбӣ.
Калиди уқдаи абвоби боргоҳи ҷалол
Туӣ, агар сари мӯйе зи худ хабар ёбӣ.
Чароғи маҷлиси руҳониёни олами қудс,
Зи сӯзи туст, гар аз шамъи ҷон асар ёбӣ.
Нидои ҳотифи ғайбӣ зи ломакон ҳар дам
Ба самъи дил шунавӣ, гар зи худ гузар ёбӣ.
Ту равзаи дил агар з-оби илм тоза кунӣ,
Ба оқибат зи риёзи висол бар ёбӣ.
Сарири суддаи абвоби ҳар камол турост,
Бар остони ҷалолаш раҳе агар ёбӣ.
Ҳиҷоби ҳабси тан аз моҳи рӯҳ бархезад,
Агар зи оташи ишқаш яке шарар ёбӣ.
Риёзи олами ҷон мушкбӯй гардонӣ,
Насиме аз раҳи лутфаш чу дар саҳар ёбӣ.
Асоси худ чу бидонӣ, такаббурӣ бигзор,
Зи корхонаи иззат яқин самар ёбӣ.
Агар ту олами ваҳдат яқин кунӣ аз дил,
Равоқи манзари ҷабрутро ту фар ёбӣ.
Алоӣ, аз раҳи уммед рух матоб даме,
Зи файзи раҳмати омаш магар асар ёбӣ.
(Если ты разок пройдешься по Её улице,
Скрытые клады двух миров одним взглядом найдёшь.
Ключ к замку дверей дворца величия,
Ты, если с кончика волоска будешь знать самого себя.
Светильник собрания духовенства мира святости,
От Твоего горения, если от свечи души добудешь признак.
Зов ангела-вестника от ниоткуда раз за разом,
Ухом сердца услышишь, если обходишь себя.
Если ты сад сердца влагой знаний освежишь,
В конце концов, нарвёшь плодов из садов встречи.
Престол выступа дверей всякого совершенства твой,
Если найдёшь путь к порогу Его величия.
Завеса заточения тела падёт с луны духа,
Если от пламени его любви достанется тебе, хотя бы искорка.
Сады мира души превратишь в богоухающий мускус,
Если ветерок Его благосклонности по утру застанешь
Если сущность свою знаешь, оставь гордыню ты,
И с источника достоинства непременно подскребёшь.
Если ты мир единства от души утвердишь,
Заслужишь нимб ниши садов потустороннего мира.
Алайи, с пути надежды ни на миг не уклонись,
Авось из всеобщей благодатной милости достанется и тебе) [1.№546. Л. 374 б].

Проблема «сукр» (опьянение) и «саҳв» (трезвость) в газели Мир Саиида Али Хамадани теснейшим образом связана с проблемой «фано» (аннигиляции) и «бақо» (вечности). Трезвость в его концепции предстается душевным состоянием путника (странствующего), которое поддерживается устойчивостью отношения путника (странствующего) под напором сияния света Творца подвергается аннигиляции и Бог удостаивает его вечной жизнью. Эту концепцию разделяют также и Абу Наср Сарррадж, Абу Али Даккок, Абул-л-Касим Курейши и Абу Хамид Газали.

Мир Сайид Али Хамадани относится к числу убежденных ‘арифов, считавших совершенство человека залогом существования личности. Поэтому в подтверждении этого учения он постоянно прибегает к помощи аллегории, живой аллегории, выступающей логическим средством связи с Богом. Ариф в газели «Мулки бақо» («Страна вечности») приводит различные аллегории, дабы показать что человек, как бы он ни растворялся в

атрибутах Бога, не аннигилизируется. Субстанция человека остается жить, хотя атрибуты его могут эмалироваться в атрибутах Бога:

Гашта то маҳви таҷаллои ҷамолаш ҷонам,
Дидаам ҳусну ҷамоле, ки дар ӯ ҳайронам.
То шуд аз сафҳаи дил маҳв нукуши кавнайн,
Хатти рухсори ту ҳар лаҳза дар ӯ мехонам,
Рӯзгорест, ки ҳам толибу ҳам матлубам,
Турфа холест, ки ҳам дардаму ҳам дармонам.
Кофири ишқ мани бедилу дин то гаштам,
Фориғ аз шакку яқин, бехабар аз имонам.
То шудам ҳамчу Алӣ подшаҳи мулки фано,
Асби ҳиммат ба сӯйи мулки бақо меронам.
(С тех пор как изничтожена блеском его красоты моя душа,
Я увидел такую красоту, которой поражён.
Как только на скрижалях сердца стерлись следы двух миров,
Письмена Твоего лика каждый миг в них я читаю.
Уже давно как я и влюблённый и возлюбленный,
Странное дело: я и болезнь, и излечение я.
Еретик любви я, потерял сердце и веру,
Свободный от сомнений и убеждений, в неведении о вере я.
Как только я стал, подобно Али, царём страны аннигиляции,
Скакуна рвения погоняю в сторону страны вечности) [1. № 546. Л. 375а].

Поэтому изображение человека и аннигиляции в газели Мир Сайида Али Хамадани имеет основное значение. Внутренний, потусторонний мир, который Мир Сайид Али Хамадани представляет как человек, - это мир веления (амр). Этот мир - единственный, он истинный и нерасчленимый, но относится к миру слова и действия, поэтому разделяется и превращается во множество, постижимый рассудком. Мир Сайид Али Хамадани с вовлечением этих понятий в газели «Дарёи фано» («Мир аннигиляции») изображает вознесение пророка:

Дар ин раҳ ҳар кӣ ӯ собитқадам нест,
Раҳи ҷонаш ба асрори қидам нест.
Биё, дар ишқ маҳрам бош, зеро,
Раҳи номаҳрамон андар ҳарам нест.
Ту ҳамчун қатра аз дарё ҷудоӣ,
Аз онат дурри ирфон дар шикам нест.
Намеёрӣ ба баҳр андохт худро,
Туро дарёи гавҳар лоҷарам нест.
Ба дарёи фано андоз худро,
Ки он ҷо сурати лову наам нест.
Вале нобуди ту шарт аст ин чо,
Ки харгиз офтобу шаб ба хам нест.
Чу қатра ғарқи дарё шуд ба куллӣ,
Ҳама дарёст, он ҷо кайфу кам нест.
Алӣ, ҳамномро бингар, ки ҷуз ӯ,
Ба Аллоҳу-Муҳаммад раҳбарам нест.
(На этом пути кто твердо не шагает,
Пусть его душа ведёт не к тайнам минувшего.
Сердце, постигшее страну значений,
В нём не остаётся мысли о радости и грусти.
Давай, будь наперсником в любви,
Ибо недоверенным тайн в гареме нет места.
Ты, как капля, разлучен с морем,
Потому жемчужины ирфана у тебя в животе нет.
Ты не можешь кинуться в море,
Потому-то у тебя нет жемчужного моря.
Бросайся в море аннигиляции,
Ибо там нет места ни «нет» и ни «да».
Но твое небытие здесь необходимо,
Ибо солнце и ночь вместе не бывают.
Когда капля окунаётся в море целиком,
Там всё море, там нет места «как» и «сколько».
Али, взгляни на тезку, ибо никто, кроме него,

К Аллаху и Мухаммаду не укажет путь тебе) [1. № 546. Л. 3756].

Коснувшись проблемы восприятия действительности и её связи с Творцом человека, Мир Сайид Али Хамадани в своей газели ставит вопрос о мистической любви. Духовное путешествие человека при этом выступает основным мотивом его мыслей и высказываний о красоте. Но весьма важно уяснить: что за явление та красота, которая становилась предметом интереса выдающегося иррационалиста. В поисках красоты и истины Мир Сайид Али Хамадани приходит к заключению, что это реально ощутимое и воспринимаемое свойство явлений и вещей, которое принято считать красотою, на самом деле есть лишь одна из эманаций, или проявлений красоты, восприятие которой возможно путём откровения, восторга. Откровение, восторг, созерцание, или же созерцание и просветление основного источника природы и человека, который предстаёт изначальной истиной, Мир Сайид Али Хамадани ставит на первое место. Эта истина состоит из первого исхода (садир), или же-красоты.

С точки зрения Мир Сайида Али Хамадани, именно в атмосфере мира соединения счастье человека «маърифат» (совершенствуется). Мир Сайид Али Хамадани свойство счастья и радости человека находит в изумительном блаженстве ступеней и силы последствий достигнутого мира. Вечное счастье - это вид духовного блага, которое ведет человека к извечной истине.

В газели Мир Сайида Али Хамадани состояние отражения постоянно создает некую «гармонию». В газели это состояние в одном стихотворении проявляются то раздельно, то совместно. Дуновение ветерка, его игра с ветками и листьями деревьев, или зеркалом водоёма, или иными явлениями природы создают творчески вдохновляющую обстановку, при которой рождается ирфаническая поэзия.

Проявление этой стороны действительности Хафиз Ширази уподобляет «таинству мира», которое тысячами форм и красок:

Ҳадис аз мутрибу май гӯйу рози даҳр камгар чӯ,
Ки кас нагшуду нагшояд ба Ҳикмат ин муамморо.
(Веди сказ о музыканте и вине, а тайну мира оставь в стороне,
Ибо никто не раскрыл и не раскроет мудростью эту шараду) [2, с.61].

«Тайна» в газели Мир Сайида Али Хамадани - это обращение к зародышу вещей, к действительности. «Тайна» - это освобождение памяти от непосредственной мысли и обращение к «быть» или «не быть». В то же время это символ освобождения мысли от двойственности. Целью газели есть её слияние с поэзией. Мир Сайид Али Хамадани говорил:

Он ки бо ақл талаб кард, ҳама умр наёфт,
В-он ки бе хеш даромад, ба яке ламҳа расид.
Хоби ҷаҳл аз ҳарами курб маро дур афканд,
В-арна наздиктар аз дӯст касе ҳеҷ надид.
Аз таҷаллои ҷамолаш ҳама зарроти вуҷуд,
Масти ишқанд ба боде, ки аз он кӯй вазид,
Чун ту ӯро ҳама бинӣ, ҳама донӣ ба яқин,
Ёфтӣ ганҷи ҳақиқат, ки бар он нест мазид.
Партави акси рухаш чун зи паси парда битофт.
Шабнами ҷони Алоӣ сӯи хуршед кашид.
(Тот, кто разумом искал, за всю жизнь не достиг,
Тот же, кто вне себя искал, в мгновенье ока достиг.
Сон невежества отдалил меня от близкого святилища,
Не то, так близко друга никогда никто не видел…
Все, как трезвый, так и пьяный, возлелеены милостью,
Все в разгаре соединения как наставник, так и ученик.
Когда ты его видишь всем, всем считаешь, наверняка,
Нашёл клад истины, больше которого не бывает.
Когда сияние его лика пробило из-за занавеса,
Роса души Алайи потянулась к Солнцу...) [1 № 546. Л 377а].

Это, по сути дела, есть то значение, которое нашло своё выражение при толковании понятия ирфанического «шуҳуда», т.е., становления мысли и духа ‘арифа в положении «вуҷуд».

Не всякое старание и стремление принимается за ирфанические «шатҳиёт» (экстатические изречения). Пока ‘ариф не осознает себя, пока он не очистится от мирских страстей, пока его невежество не уступает место просветлению, он не может познавать разноликую в действительности. Стремиться к субъективизму - значит закрыть глаза на объективность, которая предстаёт с открытым «лицом» действительности. Стремиться к «чистой» объективности - значит предать забвению субъективность – привлекательный лик

действительности. Всякая попытка к уточнению ирфанического «шатаҳа» (выходит из берегов реки) равносильна тому, что толочь воду в ступе.

Воспевание цветов в ирфанических воззваниях – это язык любви и присутствие Бога, явное почитание тайной возлюбленной. Аромат розы делает явью её красоту. Когда ‘ариф воспевает в стихах розы и цветы - это ирфаническая газель, ибо воспевание цветов относится к космическому изображению, а бархатные ветки и листья символизируют самоустойчивость и присутствие благоухания. Это «присутствие» и есть лик существования или, по выражению Джалал ид-дина Руми, «да будет душа жертвой того, что не существует».

Газель Мир Сайида Али Хамадани несет конкретные и тонкие правила, которые корнями уходят в Коран и сунну. В газели Мир Сайида Али Хамадани божественные законы присутствуют в скрытой форме. В газели Мир Сайида Али Хамадони изображение дает по внутреннему убеждению, а термины - прикладывает к мыслям. Его изображения исходят из видений пророка, а проявления «шухуд» засияют в мире ирфанических мыслей.

Всякая «реалистичность» не может быть наделена «ирфаническими шухудами», ибо не всякая «реалистичность» или же «психологизм» могут быть «ирфоническими». Газель, в которой присутствует изображение мира мистики, является ирфанической. Важным компонентом выступает его проявления, которые выражается в символах и лексике. Другим важным компонентом является пространство и геометрия ирфана. Насколько шире мировоззрение ‘арифа, настолько он отчетливее воспринимает правду жизни и высокохудожественным искусством создает ирфанические газели. Поэтому в мировосприятии ‘арифа заложены господствующие элементы, бездна сил, видения, внутренняя градация. Эти выразительные элементы в газели Мир Сайида Али Хамадани передают душевную реальность и картины мира.

Любовь в газели Мир Сайида Али Хамадани исповедуется с упрощением простоты и аскетизма, но под любовью подразумевается прелесть красоты «абсолютного лика», который в ирфане дифференцируется с Богом. Воспевание любви есть любовь к Богу и славословие Бога. В этом мировоззрении любовь понимается как осознавание красоты и великолепия Бога, бесконечные манифестации которые воспеваются.

Вера в любовь в газели Мир Сайида Али Хамадани - это не исключительная вера во внешнюю любовь, хотя эта любовь является последним средством, спасающим человечество от угрозы безмолвия. Цель и вера в любовь - это есть возврат к «единству и единогласию», которое имеет внутренние и внешние проявления.

Отмечаем, что в «ирфанических шухудах» - (сосредоточение внимания и духа) к религиозной структуре и высокое духовное стремление в своему началу - Истина, в зависимости от силы эмоций, находится посередине. Силы, которые важны и постоянно находятся в состоянии растолкования, отчего истину «ирфанических шухуд» можно принять в качестве разновидности рассудочного шухуда (созерцания), по существу, присутствуют в олицетворении ирфанической газели.

Любовь в ирфанической газели берёт начало в мудрости. Поэтому воспевание любви в ней бесконечно. Ирфаническая газель Мир Сайида Али Хамадани, в принципе направлена на исключительную божественность: она с соответствующим почтением относится к земле, воде, огню и воздуху, к земным закономерностям.

Ниспосланная любовь есть небесная любовь, любовь с «улицы друга». Газель Мир Сайида Али Хамадани предстаёт граниями человечествотворения или же смелыми движениями «друга». Газели Мир Сайида Али Хамадони есть стройный стан, наилучшим назиданием чистоты и прозрачности радости человека. В газели Мир Сайида Али Хамадани движения человека передаёт с выражением достоинства, любви, смирения, ответственности перед Творцом и нужд. Тематика газели Мир Сайида Али Хамадани теснейшим образом связана с жизнью, в которой любовь и верность выступают устойчивой думой и постоянным напоминанием человеческой нравственности.

Мир Сайид Али Хамадани в своей газели воспевает такие понятия, как вино, возлюбленная, кабак, любовь, влюблённые, улица, боль и муки любви, кудри, аромат милости, метафоры: власяница тоски (палоси ғам), сень милости (сояи лутф), путь воображения (роҳи хиёл), аромат горести (бӯйи ғам), огонь суши (оташи ҷон), пола усердия (домани ҳиммат), орган любви (арғунуни ишқ), шаг возвышения (пойи рифъат), стрела нужды (тири ниёз), облако души (абри ҷон), стрела любви (тири ишқ), алое души (уди ҷон), роса души (шабнами ҷон), которые преследуют конечную цель и передают ирфаническое настроение.

В отношении как помысла, так и стиля выражения Мир Сайид Али Хамадани предстаёт исключительным ‘арифом и возвышающим мыслителем, выступившим в традициях ирфана с особой вестью, вестью и реальной, и эмоциональной. Мир Сайид Али Хамадани, с одной стороны, выступил в ирфанических традициях с особой поэтической миссией, с другой стороны,

представил суду разумной культуры лучшую социальную поэзию. Во всех же случаях он предпочтение отдавал содержанию поэзии, нежели её форме.

Обладавший гармоничным вкусом, Мир Сайид Али Хамадани придавал значение смысловой стороне своих газели, ибо смысл для него имел большое значение, тем форма словесного выражения. В то же время, как поэт экстатического состояния, Мир Сайид Али Хамадани главное внимание уделял поэтическому содержанию газели. Внутреннее содержание его газели находились в состоянии веселья и экстаза, а также вдохновения. Мир Сайид использовал слова с рифмами и радифами. В этом отношении его газели предстают символическими, аллегорическими и метафорическими.

Мир Сайид Али Хамадани, чтобы раскрыть тайны любви, ищет символы и аллегории, ибо он не может открыто выразить все сокровенное, хранящееся в памяти и душе. Поэтому от своих газели отпочковывает предания, притчи и басни, как это делали Санайи, Аттар, Джалал ид-дин Руми, Хафиз Ширази и другие ‘арифствующие поэты. В преданиях, притчах и баснях в форме аллегорий, символов под покровом своих газелей поэт выражал многогранные содержательные мысли. Посредством метафор, метанимий, аллегорий, в басенном стиле Мир Сайида Али Хамадани свой особый зов передавал в упрощенном всеобщем стиле.

В создании газели Мир Сайид Али Хамадани не ограничивался возможностями лишь формы слова, напротив, целенаправленно искал внутренние, содержательные его возможности, ибо квинтэссенцией выражения для него выступает цель, а не средство. Поэтому его ирфан - буйный, непокорный.

Мир Сайид Али Хамадани, который с отрочества рос в обстановке глубоких размышлений о литературе и ирфане, уже тогда имел знакомство с творчеством их великих представителей, Джалал ад-дином Руми и Хафизом Ширази, и первые свои трактаты создавал под влиянием их поэзии. Плодом такого знакомства и является мастерское владение басенного метода выражения, великим мастером которого был Джадад ид-дина Руми. Мир Сайид Али Хамадани этот метод плодотворно применяет в своих газелях, в частности, в «Субҳи васл» («Рассвет соединения»), («Боданушони даргоҳ») («Пьющие вино порога») («Таҷаллии ҷамол») (Манифестация красоты»), («Хароботи фано») («Кабак аннигиляции») («Оташи ишк») («Пламя любви») и другие, в которых посредством символов аллегорий и метафор в газели ввёл новые идеи.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Мир Сайид Али Хамадони. «Газалиёт» («Газели») / Рукопись Института языка, литературы, востоковезения и письменного наследия имени Рудаки Академии наук Республики Таджикистан. - № 546.
2. Мир Сайид Алии Хамадани. «Ганҷи ирфон» («Сокровища ирфана»); составители, комментарии и толкования словаря М. Султанзоде., Х Асозоде., К Турдиева. - Т.1. – Душанбе: Адиб, 2015. – 380 с.
3. Мир Сайид Алии Хамадани. «Ганҷи ирфон» («Сокровища ирфана»); составители, комментарии и толкования словаря М. Султанзоде., Х Асозоде., К Турдиева. - Т.2. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 288 с.
4. Николсон Р. Тасаввуфи исломӣ ва иртиботи инсон ва Худо («Исламский суфизм и связь человека и Бога») ; перевод Мухаммада Риза Шафеъи. – Тегеран, 1358 ш. – 298 с. (на перс. яз.).
5. Парвиз Азкои. «Мураввиҷи ислом дар Эрони сағир» («Распространитель ислама в малом Иране»). – Хамадан, 1360ш. – 128 с. (на перс. яз).
6. Шиммел А. «Шукӯҳи шамс» («Величие шамса»). – Тегеран, 1372 ш. – 289 с. (на перс. яз.).
7. Mir Sayeid Ali Hamadani and Kubraviya Sufiorder in Kashmir. – New Delhi, 2003. – 267 p.
8. Mir Sayeid Ali Hamadani. His Religious and political Thougts. – Nev Delhi, 2003. – 301 p.

ИСТИЛОҲОТИ РАМЗӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Дар мақола тасвири рамз дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Тазаккур дода мешавад, ки ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тараннуми ишқи илоҳиро дар бар мегирад. Ташреҳ ва тафсири истилоҳоти гуногуни рамзгуна дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадони роиҷ аст, ки ин воқеаҳо ва таъбирот дорои вижагиҳои маънавӣ ҳастанд. Ин вожаҳо маънии хос доранд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ин вожаҳоро дар ғазалиёташ дар мавридҳои хос ба кор бурдааст, ки ҳоли шурӯ завқ доранд. Вожаҳо дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мафҳуму маънии хос доранд, дар эҷоди ғазал ҳатмӣ мебошанд. Тақрибан ин калимоту вожаҳо аз маънии ҳақиқии худ интиқол ёфта, маҳз дар ин маънӣ ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ривоҷ ёфтааст. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шумораи зиёди калимоту мафҳумҳои завқиро дар ғазалиёташ истифода кардааст, ки ба унвони «шатҳиёт» дониста мешаванд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ғазалро ба тарҷумаҳои вожа ба вожа мураттаб сохта рамзу тамсил эҷод кардааст. Ин вожаҳо таъбироти хос доранд, маънои хосро ифода мекунанд. Гоҳо Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо истифода аз киноя ва маҷоз таъбир овардааст, ки ҷанбаи рамзӣ доранд. Рамз ва тамсил дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз истилоҳоти ирфони амалӣ, ирфони назарӣ ва таъбироти ишроқӣ шакл гирифтааст. Дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ табақоти гуногуни рамзу тамсил баёнгари маротибу мақоми соликон аст. Рамз ва тамсил дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ифодагари санъати гуногуни бадеӣ аст. Рамзбаёнӣ як навъ мувофиқати маънои ниҳоӣ дар вожаҳо ва муҳимтарин василаи санъати тасвир дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аст. Дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ рамзҳои бешумор тасвир ёфтаанд, ки маънои ин рамзҳо тариқатро ифода мекунанд.

Калидвожаҳо: Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ғазал, рамз, тамсил, ирфон, ваҳдати вуҷуд, шуҳуд, истилоҳот.

МЕТАФОРИЧЕСКИЕ СИМВОЛЫ В ГАЗЕЛИ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

В статье рассматривается отражение тайн символических терминов в газели Мир Сайида Али Хамадани. Отмечается, что главное в газели Мир Сайида Али Хамадани коренится в смысле, содержащем «божественную любовь». Объяснение и толковение символических терминов в газели Мир Сайида Али Хамадани нуждается в особом подходе, ибо их лексика и выражения являются носителями смысловых особенностей. Мир Сайид Али Хамадани в газели использует слова в особом значении. Эти специфические слова в процессе творческого применения носят аллегорическое значение и выражают сложные понятия. Символические термины в газели Мир Сайида Али Хамадани имеют корни в терминологии прикладного ирфана, теоретического ирфана, эстетических и просветленческих понятий. В газели Мир Сайида Али Хамадани различные слои терминологии выражают различные ирфанические состояния и степени духовного совершенства путника. В газели Мир Сайида Али Хамадани аллегория и метафора получили свое распространение, применялись слова, которые стали вступлением к зарождающейся газели. В газели Мир Сайида Али Хамадани слова созвучны и имеют сходство с их словарным значениями. В газели Мир Сайида Али Хамадони выработана достаточно сложная терминологическая система.

Ключевие слова: Мир Сайид Али Хамадани, газел, аллегория, метафора, ирфан, единство сущего, единство, созерцание, термин.

METAPHORICAL SYMBOLS IN GAZELLES MIR SAYYID ALI HAMADANI

The article discusses the reflection of the secrets of symbolic terms in the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani. It is noted that in the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani is rooted in the sense of containing divine love. The explanation and interpretation of symbolic terms in the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani needs a special approach, because these words and expressions are the bearers of semantic features. Mir Sayyid Ali Hamadani in ghazal uses words in a special meaning. These specific words in the process of creative application have an allegorical meaning and express a complex concept. Symbolic terms in the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani are rooted in the terminology of applied irfan, theoretical irfan, aesthetic and enlightenment concepts. In the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani, various layers of terminology express various irfanic states and degrees of spiritual perfection of the traveler. In the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani, the allegory and metaphor were spread, used in the words that became the introduction to the nascent gazelle. In the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani, the words are consonant and have similarities with their dictionary meanings. A rather complicated terminological system has been developed in the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadoni.

Key words: Mir Sayyid Ali Hamadani, ghazal, allegory, metaphor, irfan, unity of being, unity, contemplation, term.

Сведения об авторе: ***Кодиров Каримджон*** – Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, и.о. профессор кафедры таджикской литературы. **Адрес:** 735041. Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67. Тел.: **(+992) 985-47-66-69**

Information about the author: ***Kodirov Karimdzhon*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, acting professor of the department of Tajik literature. **Address:** 735041, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini, Str.67.
Tel.: **(+992) 985-47-66-69**

УДК: 891. 550-1

ШЕЪР АЗ НАЗАРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ

Солеҳов М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар кӣ нашнидаст бӯйи дарди дил,
Гӯ бихон як байт аз девони Шамс.

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Султонулуламо Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Аҳмади Хатиби Бакрии Балхӣ орифу мутафаккири беқиёс, нависандаи бемонанд, сухангустари нубуғ ва офтоби осмони адабиёти ирфонии форс-тоҷик аст, ки шабеҳашро дар эҷоди бадеъ таърих ёд надорад. Мазмуни ин қазовати Партави Нодирӣ басо барҳақ аст, ки мегӯяд: «Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ яке аз шигифтихои табори инсонист, ӯ бо он ду асари ҷовидонааш «Маснавӣ» ва «Девони Шамс» чунон тандесе аз ишқу маърифат бар баландтарин қуллаи адабиёти ирфонии форсӣ-дарӣ истодаву садақост, ки гӯё он ду хуршеди маънавиро бар кафи дастони хеш ниҳода ва моро ба сӯйи растагорию раҳоӣ фарёд мезанад…» Бешубҳа Ҷалолуддини Балхӣ дар эҷоди бадеъ миёни чаҳорсад тан шуарои мачҳулдевон ва 30 000 соҳибдевонон ҳампанҷа надорад. Ин аст, ки муосирин ва мутааххирин дар арсаи эҷоди бадеъ осори ин абармардро бо манзури иштиҳор, на бо осори адабӣ, балки бо муқаддасоти исломӣ қиёс кардаанд. Зимнан метавон таъкид намуд, ки суннати мазкур қиёси эҷоди бадеъ бо муқаддасоти исломӣ аз эҷодиёти Ҳаким Саноӣ маншаъ мегирад, зеро ӯ нахустин касест, ки шоҳасари хеш «Ҳадиқату-л-ҳақиқат»-ро дар рӯйи замин қиёснопазир дониста бори нахуст эҷоди бадеъро бо муқаддасот қиёс намуда, чунин таъкид карда буд:

Як сухан з-ину оламе донаш,
Ҳамчу Қуръони порсӣ хонаш [4, с.745].

Аз ин ҷост, ки муосирону мутааххирини Мавлавӣ «Маснавӣ»-и шарифро дар миёни офарандагони осори бадеъ муқоисанашаванда донистаанд. Чунончи, шоиру донишманди маъруф Шайх Баҳоуддини Омулӣ (1547-1622) бо манзури арзиши «Маснавӣ» мегӯяд:

Ман чӣ гӯям васфи он олиҷаноб,
Нест пайғамбар, вале дорад китоб.
«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ,
Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ [6, с.203].

Албатта, ин бесабаб нест, зеро тайи 800-сол асарҳои зиёде дар пайравии «Маснавӣ» эҷод гардида бошад ҳам, онҳо танҳо тавассути иродаи эҷодкоронашон арзи ҳастӣ намудаанду халос.

Ин аст, ки шарҳнависӣ дар асрҳои гуногун ба «Маснавӣ» бештар ба вуҷуд омадааст, зеро ниёзи хонандагон ба маърифати ин шоҳасар чунин тақозо мекард. Профессор Абдулманони Насруддин барҳақ менависад, ки: «теъдоди шарҳҳои комил ва нисбатан пурраи «Маснавии маънавӣ» аз панҷоҳ номгӯй бештар мебошад. Ҳамчунин даҳҳо рисолати дигар мебошад дар баёни мушкилоти абёти ҷудогонаи он ба қалами Абдурраҳмони Ҷомӣ, Ҷалолуддини Даввонӣ, Сафиуддини Ардабилӣ, Асирии Лоҳиҷӣ, Муҳаммад Хомӯши Нурбахшӣ, Садруддини Кошифи Дизфулӣ, Муҳаммад Алии Гелонӣ ва соҳибназарони дигар навишта шудаанд» [5, с.74].

Тибқи иттилооти сарчашмаҳо, Ҷалолуддин дар синни 38 солагӣ ба эҷоди шеър рӯ овардааст ва теъдоди абёти эҷодкардаи ӯро аз 70000 то 100000 қайд кардаанд. «Шоирӣ, - менависад профессор Н. Зоҳидов, - ҳолати фитрии Мавлоно буда ва шеър аз забони ӯ мисли оби равон аз чашмаи пуртуғён метаровидааст ва замини дилҳои орифони шӯридаро шодоб мегардонидааст» [10, с.105].

Маълум аст, ки шеъри асримиёнагии форс-тоҷик ашъори ангеза, шеъри андеша ва ангезаву андеша тасниф шудааст. Ҳадаф аз шеъри андеша ашъори ирфонист, ки то Ҳаким Саноӣ баъзе аз анвои он эҷод шуда буд. Муҳим он аст, ки дар ҳамаи жанрҳо намунаҳои комили онро Ҳаким Саноӣ гуфт ва аввалин девони мукаммали ашъори ирфонӣ ба ӯ тааллуқ дорад. Тавассути девони Саноии Ғазнавӣ тавъам бо шеъри шуаро намунаи ноби шеър шакли девонӣ гирифт, ки он шеъри авлиё буд. Ба ин маънӣ Султон Валад менависад: «Баёни он ки шеъри авлиё ҳама тафсир асту сирри Қуръон. Ба хилофи шеъри шуаро, ки аз фикрату хаёлоти худ гуфтаанд ва аз муболиғаҳои дурӯғ тарошида ва ғаразашон аз он изҳори фазилату худнамоӣ будааст. Шуаро шеъри авлиёро ҳамчун шеъри худ мепиндоранд, намедонанд, ки дар ҳақиқат феълу қавли эшон аз холиқ аст, махлуқро дар он мадхал нест, зеро шеъри эшон худнамоӣ нест, Худонамоӣ аст». Метавон гуфт, ки баробари ташаккули адабиёти тасаввуфӣ-ирфонӣ, ки адабиёти давронсоз, тафаккуру андешагаро буд, адабиёти форс-тоҷик накҳати ноби бунёдӣ касб кард. Албатта, бунёди ин адабиёт ба эҷодиёти Ҳаким Саноӣ вобаста аст, зеро ӯ дар ҳамаи анвои адабӣ эҷод кардааст. Ин роҳро андаке баъд Фаридуддин Аттори Нишопурӣ ба ҳамешагӣ ҳамвор сохт ва аз ин рӯ, Шайх Шабистарӣ ба хидмати Аттор баҳои басо сазовор додааст, ки аз эътирофи хидмати ҷовидона ва ба ҷо овардани рисолати таърихии ин мутафаккири ориф башорат медиҳад. Шабистарӣ мегӯяд:

Маро аз шоирӣ худ ор н-ояд,
Ки дар сад қарн чун Аттор н-ояд.

Ҷалолуддини Балхӣ адабиёти ирфониро то ба ҳадде боло бурд, ки дигар ҳампанҷагӣ бо ӯ ба касе аз эҷодкорон даст надодааст. Яке аз бузургтарин кашфиёти Мавлавӣ эҷоди «Маснавӣ» аст, ки ба қавли аҳли таҳқиқ, дар ин асар 804 ояти Каломи шариф ва наздик ба 800 ҳадиси набавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. «Маснавӣ» шомили 1280 мавзӯъ буда, то Мавлоно ва баъд аз ӯ низ ба касе ин ибтикорот муяссар нашудааст.

«Ҳеҷ китобе аз сохтаҳои фикру қалами башарӣ, менависад Ҷалолуддини Ҳумоӣ, - ба андозаи «Маснавӣ»-и шарифи Мавлавӣ афкори тозаи арзанда ва матолиби зиндаи ҷовидонӣ надорад» [9, с.2].

Лирикаи орифонаи Мавлоно, ки дар маҷмӯаи «Девони кабир» ё «Девони Шамси Табрезӣ» тадвин шудаанд, бузургвор дар ашъори хеш бо тахаллусҳои Хомӯш, Шамс, Шамсулҳақ, Шамсуддин, Шамсулҳақи Табрезӣ, Шамси ман ва ғайра шеър гуфтааст. Ӯ ҳатто ба чаҳор забон шеър мегӯяд. Қариб ӯ дар ҳамаи навъҳои адабӣ шеър гуфтааст ва ба Рӯдакӣ, Саноӣ, Аттор бештар таваҷҷуҳ дорад, вале пойбанди касе нест ва муҳимтар аз ҳама пойбанди жанри ҷудогона низ нест, зеро ба кадом навъи адабӣ рӯ биёрад, намунаи ноби онро эҷод мекунад.

Мавлавӣ ғазал, қасида, қитъа, тарҷеот ва ғайра мегӯяд ва дар ҳар кадом қареҳаи баландтарин дорад, ки хонандаро аз ҳар ҷиҳат тасхир мекунад. Ба ҳамин тариқ, назари Мавлавӣ ва табъу тавони ин нобиға роҷеъ ба эҷоди бадеъ басо ҷолиб, ҷаззоб ва тасхиркунанда аст, ки мехоҳем сари ҳамин масъала – назари Мавлавӣ ба эҷоди бадеъ ва хосса ба шеър мушоҳидаҳои худро то андозае арз дошта бошем.

Бояд гуфт, ки Ҷалолуддини Балхӣ чун мутафаккири беҳамто ва бузургтарин ориф нисбат ба шеър ва эҷоди он назари махсуси худро дорад, ки танҳо ба худи ӯ хос аст.

Мусаллам аст, ки Мавлавӣ оид ба назарияву амалияи шеър асари ҷудогонаи назариявӣ надорад ва он чи ӯ изҳори ақида менамояд, ба протсесси эҷоди каломи манзум ва ҷанбаҳои ҳунарии шеър тааллуқ дорад. Мавлавӣ он чи ки оид ба шеър изҳор менамояд, боз тавассути шеър аст ва ин яке аз суннатҳои устувор ва бостонии таърихи адабиёти форс-тоҷик буда, довариҳои шоирона ном дорад. Албатта, месазад як нуктаро таъкидан арз намоем, ки довариҳои шоирона ғолибан тавассути фахрияҳо қобили вуқӯъ гардидаанд ва бештар хосси қасоиди мадҳӣ мебошанд. Вале дар анвои адабии дигар низ бидуни маҳдудият манзур мешаванд.

Тибқи ахбори сарчашмаҳо ва қазовати муҳаққиқон, Ҷалолуддини Балхӣ ба майдони шеъру адаб дер ворид шудааст. Фаразан Б. Хуррамшоҳӣ (дар «Ҳофизнома») ба дунёи шеъру адаб омадани ду нубуғ – Ҳофизи Шерозӣ ва Ҷалолуддини Балхиро қиёсан ба мушоҳида гирифта мегӯяд, ки: - Ҳофиз аз роҳи шеър ба ирфон рафт ва Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз роҳи ирфон ба олами шеър омадааст.

Чунонки қаблан ишора шуд, Мавлавӣ ба арсаи шеъру адаб пас аз дидорбинӣ бо Шамси Табрезӣ ворид шуд, ки 38-40 сола буд.

Аз тарафи дигар, Ҷалолуддини Балхӣ аз нигоҳи коргирии лафз, ҷобаҷогузории вожаҳо, ҳадафофарӣ, тасхирсозӣ, ҳунари эҷодию резакориҳои шоирона, мартабаи сухансанҷию пояи шоирӣ ҳампанҷа надорад ва ба он тафаккури баланд, табъу тавони фазли ӯ шаҳодат медиҳад. Воқеан, доктор Абдулҳусайни Зарринкӯб роҷеъ ба лаҳзаи тақдирсози ҷараёни зиндагии Ҷалолуддини Балхӣ таваҷҷуҳ намуда, онро лаҳзаи дидорбинӣ бо бузургвор Шамси Табрезӣ медонад ва куллитарин гардиш меҳисобад. Ӯ дар ин бора менависад, ки: «Суҳбати Шамси Табрезӣ, ки «Мақолот»-и ӯ ҳокӣ аз жарфбиниҳову нуктасанҷиҳои ӯст, Мавлоноро чунон маҷзуб кард, ки кори дӯстии вай бо Шамс ба навъе шефтагӣ мунҷар гашт ва Мавлавиро, ки марди баҳсу дарс ва ваъз буд, дар чиҳилсолагӣ муаллими ишқи вай шоирӣ омӯхт» [7, с.172].

Мавлоно худ дар ин бора ишораҳои фаровон дорад, чунончи:

Ҳазорон дурҷу дур(р) дорад баногӯши замири ман,
Аз он алфози ваҳйосои шаккарбори Шамсуддин.
Зи ақлу рӯҳҳо бигзор, ҳиҷоби ақл барҳам дор,
Ду-се манзил аз онсӯтар бубин бозори Шамсуддин.

Тибқи қазовати аҳли тадқиқ, дар таърихи афкори адабӣ-эстетикии форс-тоҷик оид ба шеър панҷ навъи қазоват манзур гардидааст. Яъне, шеър аз нигоҳи муаллифони осори назариявӣ, асарҳои энсиклопедӣ, тазкираҳо, осори файласуфон ва диди шуаро дар довариҳои шоирона ва хосса дар фахрияҳои шоирона. Он чи ки Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ мегӯяд, ба ҳамин қисмати панҷум – довариҳои шоирона тааллуқ дорад.

Албатта, шеъри ирфонӣ – шеъри сирф андеша аст ва аҳдофи он мисли шеъри ангеза нест. Аз ин ҷост, ки дар шеъри Мавлоно алҳон ва навои махсус аст ва ин падида аз мухтассоти ҳунарию эҷодии мутафаккир аст. Дар мантиқи одии ифода Мавлоно қасди эҷоди асари санъати асилро надорад, вале чун рӯ ба эҷод меорад, асолати санъати эҷод мақоми аввалро мегирад.

Дуруст аст, ки Саъдӣ низ баъзан аз эҷоди шеър даст мекашад, вале даст кашидани ӯ як навъи ифтихор аз эҷоди бадеъ аст, чунончи:

Ман дигар шеър нахоҳам бинависам, ки магас,
Заҳматам медиҳад азбаски сухан ширин аст.

Ё худ Ҳофиз пирояи музайяни худро дар рӯйи замин ғунҷоиш намедиҳад ва маҳз аз ҳамин сабаб ба олами улвӣ рӯ меорад ва ҷое гуфтааст:

Ғазал гуфтиву дур(р) суфтӣ, биёю хуш бихон Ҳофиз,
Ки бар назми ту афшонад, фалак иқди Сурайёро.

Вале Мавлоно Ҷалолуддин эҷодкори тамоман дигар аст ва аҷаб он аст, ки ӯ аз эҷоди бадеъ ва хосса аз шеър ифтихор надорад ва ҳатто чандон мояи беҳӣ дар он хуш намебинад ва аз ин рӯ мегӯяд:

Шеър чӣ бошад бари ман то ки аз он лоф занам,
Ҳаст маро фанни дигар ғайри фунуни шуаро.
Шеър чу абрест сияҳ, ман паси он парда чу маҳ,
Абри сияҳро ту махон моҳи мунаввар ба само.

«Девони Шамс», - менависад Карими Замонӣ, ғавғои як дарёи пурталотуми тӯфонист». Дар қазовати дигаре роҷеъ ба масоили фавқуззикр мебинем, ки: «Девони Шамс – инъикоси як рӯҳи ғайриорому пур аз ҳаяҷон ва лабрез аз шӯру ҷазаба аст» («Сайре дар девони Шамс». саҳ. 29). Агар ба лирикаи Мавлоно ба жарфҳо ғавр карда шавад, ҷузъиёти ҳунари эҷоди ӯ таҳайюри касро ба маротиб афзун месозад, зеро ки: «Бегумон дар адаби форсию фарҳанги башарӣ, дар ҳеҷ маҷмӯаи шеърӣ ба андозаи «Девон»-и Шамс ҳаракату ҳаёт ва ишқ намеҷӯшад» (Гузидаи ғазалиёти Шамс, саҳ. 15). Яке аз ҷиддитарин бозёфти Мавлавӣ дар ҳунари маъниофарӣ тааллуқи андеша, парвози

тахайюл ва паҳнои тасвир аст. Ӯ барои дарёфти ҷузъиёти бадеии тасвирҳои лирикӣ ва резакории лаҳзаҳои эҷод метавон гуфт, ки шабеҳнопазиру беқиёс аст. Ӯ аз ашёи малмусу мушаххас ва одиву дастрас ва муқаррариву ҳамарӯза мисли: замину осмон, моҳу хуршед, ситорагону сайёраҳо, боду барф ва борон, ҳавою абр, дарахтону боғот, сабзаю гулу гиёҳ, кӯҳу ҳомун, баҳру уқёнусҳо, дарёҳову ҷӯйҳо, инсону муҳити рӯзгори ӯ, ҷимодоту наботот ва вуҳушу туюр кор мегирад ва муносибати эҷодкор тарзе сурат мегирад, ки ба тамомӣ мафтуну мутаҳайиркунанда, ҷолибу ҷаззоб ва комилан мақбулу матлуб аст. Чунин ҷилои ҳунарию эҷодӣ танҳо ва танҳо хосси шеваи Мавлоност ва то ба ин поя ба касе даст надодааст. Бо манзури падидаҳои фавқуззикр шеъри Мавлавӣ ба ҳеҷ ҳадду ба ҳеҷ чиз маҳдуду муқайяд нест. Ӯ аз суннатҳои жанрӣ комилан огоҳ аст, вале агар шӯру исёнҳои рӯҳонияш боло гиранд, тобеи анъана намешавад.

Роҳи тасвири ӯро чизе маҳдуд намекунад, тақозои қалбу рӯҳаш ҳар чи бошад: ишқу исёнҳои рӯҳонӣ, сӯзу дард, ҳикмату маърифат, мавъизату андарз, изҳори аҳдоф ва умуман он чи зарур мешуморад, дар ҳадди интиҳоӣ, дар ғояти бемонандӣ ба тасвир мегирад. Ин ҳама ғолибан ба он хотир аст, ки ӯ шеър мегӯяд, вале шигифтангез он аст, ки аҳдофаш на шеър, балки изҳори ғалаёни рӯҳист, ки хештаншинос аст ва аз ин рӯ, ӯ ҷӯёи асли худ аст:

Рӯзҳо фикри ман ин асту ҳама шаб суханам,
Ки чаро ғофил аз аҳволи дили хештанам.
Зи куҷо омадаам, омаданам баҳри чӣ буд?
Ба куҷо меравам охир бинамоён ватанам.
Мурғи боғи малакутам, наям аз олами хок,
Ду-се рӯзе қафасе сохтаанд аз баданам.
Ай хуш он рӯз, ки парвоз кунам то бари дӯст,
Ба ҳавои сари кӯяш пару боле бизанам.
Ман ба худ н-омадам ин ҷо, ки ба худ боз равам,
Он ки овард маро, боз барад бар ватанам.
Ту мапиндор, ки ман шеър ба худ мегӯям,
То ки ҳушёраму бедор, яке дам назанам [11, с.294].

Асоси таълимоти Мавлавӣ ирфону маърифати Илоҳӣ аст, ки тавассути ишқи лоязолӣ қобили вуқӯъ мешавад ва аз ин рӯ, шеър ба суроғаш меояд: «Ман аз куҷо шеър аз куҷо, лекин ба ман дармедиҳад» [2, с.734].

Ё ин ки:

Ман хамӯш кардаму дар ҷӯи ту афкандам хеш,
Ки зи ҷӯи ту бувад равнақи шеъри тари ман [2, с.753].

Ин аст, ки ишқ дар ҳикмати ирфонии Мавлавӣ «Ҳастии ҷаҳон якест ва он Зоти Ҳудои Таъоло аст, ки ҷуз Ӯ нест ва ҳар чӣ ҳаст дар ҳақиқат Ӯ ва олам ҳама ҷилвагоҳи Ӯст». Аз ин ҷост, ки аносири шаклии шеър комилан риоя шавад ҳам, чандон барои худи Мавлавӣ эътибор надорад, зеро ҳадафи асосӣ қурб аст:

Қофия андешаму дилдори ман,
Гӯядам: - Мандеш ҷуз дидори ман.
Ҳарфу савту гуфтро барҳам занам,
То ки бе ин ҳар се бо ту дам занам.

Мусаллам аст, ки дар қазовати фавқуззикр ҳадаф на қол, балки ҳол аст. Бинобар ин ҳам дар шеъри Мавлавӣ мухтассоти шаклии шеър, суннатҳои адабӣ-эҷодии каломи манзум танҳо барои шахсияти худи ӯ дар ҷойи аввал нест ва ҳол он ки дар ҳунари эҷод касе мисли ӯ манзур намегардад ва ёрои ҳампанҷагӣ бо тафаккури эҷодӣ ва санъати таълифу ҳунари баёнашро надорад. Ҳатто кадом навъи адабиеро, ки Мавлавӣ ба эҷоди он рӯ меорад, бидуни истисно дар ғояти фасоҳату балоғат ва салосату ҷазолат эҷод мешавад:

Ва гар гирист ба олам гуле, ки то ман низ,
Бигиряму бикунам навҳае чу он гулҳо.
Ҳақам надод ғаме ҷуз ки қофия талабам,
Зи баҳри шеър ва з-он ҳам халосӣ дод маро.

Пас шеър барояш маҳз василаесту бас. Умуман, Мавлавӣ аз ҳунари эҷоди бадеъ ифтихор надорад, вале ҳақиқат он аст, ки эҷодкоре бо манзури асолати ҳунари эҷод дар пояи ӯ нест. Танҳо дар чанд маврид мо бо баъзе ишораҳои ӯ дучор мешавем, ки гуфтораш оҳангҳои гуфтори ифтихорӣ доранд, вале бо тезӣ боз тавозӯъ мекунад:

Ман он Муллои Румиям, ки аз назмам шакар резад,
Ва лекин дар сухан гуфтан ғуломи Шайх Атторам.

Ё худ:

Дам деҳ, ишва деҳ, ай дилбари симин бари ман,
Ки дамам бе дами ту чун аҷал омад бари ман…
Ман Хамӯш кардаму дар ҷӯи ту афкандам хеш,
Ки зи ҷӯи ту бувад равнақи шеъри тари ман.

Ҳақ ба ҷониби шарқшинос Йозеф Фрайер фон Ҳамер Юргисталл аст, ки хеле ҷолиб менависад: «Мавлоно бузургтарин шоири ирфонии ислом дар Шарқу Ғарб аст. Дар амал низ камтар шоиреро метавон ёфт, ки бо вуҷуди ин ҳама танаввӯъ ва ғано дар афкор битавонад ҳамзамон таҷрибаи шахсию орифонаашро бо чунин таъбироте ба мухотаб мунтақил кунад. Румӣ дар нуқтае аз тавсиаи ирфонии исломию тасаввуф қарор дорад, ки ҳама ҷараёнҳои қаблӣ ба ҳадди аълои худ расидаанд ва роҳро барои ҷараёнҳои ояндаву ҷадид ҳамвор кардаанд, то битавонанд ҳаракатҳои муҳиммеро анҷом диҳанд. Қарни XIII м., ки Мавлоно дар он мезияд, на фақат дунёи ислом, балки аз Ғарби Аврупо гирифта то Ҳиндустону Ҷопуни буддоиро гироишҳои гуногуни ирфонӣ фаро гирифтааст».

Мавлоно на танҳо дар осори манзум иштиҳори беқиёс дорад, балки дар наср низ қареҳаи писандида ва табъи салимро дорост. Вале ӯ на аз таълифоти осори мансур ва на аз осори лирикӣ ифтихор накарда бошад ҳам, ба калом- ба сухан дилбастагиву муҳаббати хосса дорад:

Оламеро як сухан вайрон кунад,
Рӯбаҳони мурдаро шерон кунад.

Ба назари Мавлавӣ, андарзу мавъизат, ки тавассути сухан воқеӣ мешаванд, сарнавиштсозанд, зеро сухан ислоҳгару солеҳсози маънавиёти ҷомеа буда, ҷоҳилро оқил ва мудбирро муқбил хоҳад кард:

Аз насиҳат ноқисон комил шаванд,
В-аз насиҳат мудбирон муқбил шаванд.
В-аз насиҳат тоза гардад ҳар диле,
В-аз насиҳат ҳал шавад ҳар мушкиле.

Воқеан, панду насиҳат, андарзу мавъизат воситаи асосии тарбияи маънавӣ ва қависозандаи ҷузъиёти одоби инсонист ва одоб дар таълимоти Мавлавӣ моҳияти ҳаётӣ ва бақои одаму олам маърифат карда мешавад.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар хусуси шеър-каломи мавзун асари алоҳида надошта бошад ҳам, аз ишораву қайдҳои манзуми ӯ метавон афкори адабӣ- эстетикии ин абармарди арсаи адабиёти ирфонии форсу тоҷикро қиёс намуд. Ин афкор бо умқу паҳнои худ имрӯз барои башарият аз арзишмандтарин ибтикороти адабист, ки назир надорад.

I. А Д А Б И Ё Т

1. Девони Абдулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ. Бо саъй ва эҳтимоми Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1354.
2. Куллиёти Шамси Табрезӣ: бо саъйи Бадеъуззамони Фурӯзонфар. - Теҳрон, 1382.
3. Маснавии Маънавӣ / Таълифи Ҷалолиддин Муҳаммади Мавлавӣ: ба кӯшиши доктор Тавфиқ-Ҳ.Субҳонӣ. - Теҳрон, 1373.
4. Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариату-т-тариқа. Асари Абдулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ; тасҳеҳу таҳшияи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1374.

II.

5. Абдулманнони Насриддин. Маънишиносии сухани Мавлоно ва вежагиҳои шарҳнависӣ бар он // Офтоби маърифат. Маҷмӯаи мақолот бахшида ба 800–умин зодрӯзи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ; мураттиб ва муҳаррир Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 347с. – С.72-79.
6. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Арзиши мероси сӯфия. - Теҳрон, 1344.
7. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Бо корвони ҳулла; таҳияи Ш.Ш.Нӯъмонпур, Р.М.Соҳибназар. - Душанбе, 2004.
8. Бадеуззамони Фурӯзонфар. Сухан ва суханварон. – Теҳрон, 1376.
9. Мавлавинома. Ҷалолиддини Ҳумоӣ. –Теҳрон, 1376.
10. Низомиддин Зоҳидов. Шинохти Мавлоно: Офтоби маърифат. Маљмӯаи мақолот бахшида ба 800–умин зодрўзи Мавлоно Љалолуддини Балхї; мураттиб ва муҳаррир Алии Муҳаммадии Хуросонї. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 347 с.
11. Офтоби маърифат. Маљмӯаи мақолот бахшида ба 800–умин зодрўзи Мавлоно Љалолуддини Балхї; гирдоваранда: А.М. Хуросонї. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 347с.
12. Саид Нафисї. Сарчашмаи тасаввуф дар Эрон. - Теҳрон, 1343.
13. Сируси Шамисо. Анвои адабї. - Теҳрон, 1383.

ШЕЪР АЗ НАЗАРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ

Орифи шоир ва нависандаи беқиёс, суханвари нубуғ, ки шабеҳашро таърихи башар ёд надорад, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аст, ки дар таҳаввули адабиёти форс-тоҷик мақоми калидӣ дорад. Ӯ адабиёти ирфонии форс-тоҷикро ба баландтарин қуллаи рушд расонидааст, ки касе наметавонад бо ӯ ҳампанҷагӣ кунад. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ хосса дар иртифои шеъри андеша мақоми беқиёс дорад. Мавлоно оид ба назарияи каломи мавзун асари ҷудогона надорад, вале андешаҳои нобу бикри хешро дар ин бора тавассути довариҳои шоирона баён кардааст, ки арзишманду омӯзандаанд. Ин андешаҳои ӯ – афкори адабӣ-ҳунарии мутафаккир дар заминаи қайду ишораҳои орифи шоир баён шудаанд. Аз ин рӯ, пажӯҳиши масъалаи мазкур иқдоми тозаест, дар маърифати сатҳи тафаккури адабӣ-эҷодии ин нобиғаи адабиёти ирфонии форс-тоҷик. Мавлоно дар 38-солагӣ рӯ ба каломи ҳунарӣ оварда ва инқилоби фикрӣ дар олами эҷод кард, ки бидуни истисно ба касе аз муосирону мутааххирин, чунин тарзи эҷод даст надодааст.

Калидвожаҳо: Ориф, Мавлоно Ҷалолуддин Румӣ, маърифат, шеър, дидгоҳ, мақоми калидӣ, каломи мавзун.

ВЗГЛЯД МАВЛАНА ДЖАЛАЛИДДИНА РУМИ НА ПОЭЗИЮ

Мавлана Джалалиддин Балхи - выдающийся и неповторимый, талантливый поэт, с кем очень мало можно кого сравнить в истории человечества, имеет ключевое место в развитии персидско-таджикской литературы. Он смог возвести персидско-таджикскую мистическую литературу на самую верщину процветания, так, как он, никто не может сделать это. Особенно неповторимую роль сыграл Мавлано Джалалиддин Балхи в процветании мыслящей поэзии. Мавлоно не имеет отдельного произведения, относящегося к поэтике, но свои оригинальные мысли изложил посредством своих убеждений о поэзии, которые считаются очень ценными и поучительными. Эти его мысли, художественные взгляды, изложены посредством замечаний и заметок мыслителя. В связи с этим, исследование вышеуказанного вопроса является новым шагом в познании художественно-творческого мышления выдающегося поэта персидско-таджикской литературы. Мавлана в возрасте 38 лет посвятил себя поэзии, и в этом направлении совершил революцию мышления, что ни кому из его современников, а также последователей достичь не удалось.

Ключевые слова: мыслитель, Мавлана Джалалиддин Руми, познание, поэзия, взгляд, ключевое место, поэтика.

VIEW OF MAVLAN JALALIDDIN RUMI ON POETRY

Mavlana Jalaliddin Balkhi is an outstanding and unauthorized, talented poet, with whom there is very little to compare in the history of humanity, has a key place in the development of Persian-Tajik literature. He was able to build Persian-Tajik mystical literature to the very height of prosperity, since he, no one can do it. Mavlano Jalaliddin Balkhi played a particularly unique role in the prosperity of thinking poetry. Mavlono does not have a separate work on related poetics, but set forth his original thoughts mediocre with his convictions about poetry, which are considered very valuable and instructive. These his thoughts, artistic views, are set forth through the observations and notes of the thinker. In this regard, the study of the above issue, is a new step in the knowledge of artistic and creative levels, thinking, outstanding poet of Persian-Tajik literature. Mawlana at the age of 38, devoted himself to poetry, and in this direction he revolutionized the thinking that none of his contemporaries, as well as his followers, could achieve this.

Key words: minitor, Mavlana Jalaliddin Rumi, knowledge, poetry, opinion, key place, poetics.

Сведения об авторе: ***Солехов Мирзо Одинаевич*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 981-06-78-75**

Information about the author: ***Solehov Mirzo Odinaevich*** - Tajik National University, lecturer department tajik literature history. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 981-06-78-75**

УДК: 891.550-1 : 82

МАҚОМИ УСТОДУ ШОГИРД ДАР АНДЕШАҲОИ ИРФОНИИ АТТОР, МАВЛОНО ВА ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода

Дар кутуби луғот ва фарҳангҳои ирфонӣ дар навбати аввал зери мафҳуми тариқат роҳи рост фаҳмида мешавад. Аммо дар истилоҳи аҳли тасаввуф тариқат, роҳи аҳли сулолаест, ки бо мақсади кашфи мақомоти олӣ ба роҳ баромадаанд. Аркони аҳли тариқат ва нишонаҳои ин роҳро бархе аз соҳибназарон дар се нуктаи аслӣ муқаррар намудаанд: дам, қадам ва карам. Мурод аз дам нафаси аҳли тариқат аст, равандаи ин роҳ бояд, ки бетаҳаммул дам назанад ба гуфтор [4, с.43].

Шайх Саъдӣ дар муқаддимаи “Гулистон” фармудааст:

Мазан бе тааммул ба гуфтор дам,
Наку гӯй агар дер гӯӣ чӣ ғам?

Аз сарчашмаҳои таърих равшан мегардад, ҷараёни тасаввуф дар қуруни X – XV дар қаламрави мухталифи кишварҳои исломӣ тавассути афкори барҷастаи ахлоқии хеш, ки баҳри тазкияи нафсу рӯҳ равона шудааст, густариш пайдо кард. Меъёрҳои фалсафӣ ва ахлоқии илми тасаввуф дар тасаллут бар аҳкоми дини ислом аз мамолики Шарқи Миёнаву Шарқи Наздик то Африқову Индонезиё ва ҳамчунин то дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон густариш пайдо кард. Дар канори ин, аксари нобиғагону донишмандони соҳа худ баробари дар тариқати ирфонӣ қадамҳои устувор гузоштан, домони пиру муршиди комилро гирифта, мақоми барҷастаи маънавӣ касб намудаанд. Аз ҷумла, намояндаи барҷастаи адабиёти тасаввуф Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ маҳз ҳамин мақоми бузурги хешро бо гирифтани домани пир ба даст овард ва анҷоми хидмати пири бузургвор ва файзи суҳбати Шамсиддини Табрезӣ буд, ки воқеан ба офтоби олами ирфон бадал гадид. Ҳақиқати ин андеша дар ин каломи маъруф таҷассуми равшан дорад:

Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,
Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.
Ҳеҷ Мавлоно нашуд муллои Рум,
То муриди Шамси Табрезӣ нашуд.

Маҳмуд Аъзами Даҳбедии Самарқандӣ, ки яке аз орифони асри XVI буд, бо илҳом гирифтан аз ин рубоӣ менависад:

Ҳеҷ касро аз худ ангезе нашуд,
Ҳеҷ кас аз хештан чизе нашуд.
Донаи ангуру тухми харбуза,
То бари деҳқон нарафт, чизе нашуд.
То бурун н-оранд оҳанро зи санг,
«Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд».
Ҳеҷ ҳалвогар нашуд устоди кор,
То ки шогирди шакаррезе нашуд.
Номи Мавлоно нашуд султони ишқ,
«То муриди Шамси Табрезӣ нашуд».

Аз ин ҷост, ки дар ин мақола сайъ шудааст, ки мақоми устоду шогирд ҳамчун истилоҳоти хосси тасаввуф аз нигоҳи ин бузургон ва бархе осори назариву амалии тасаввуфӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Мутобиқ бар ақоиди аҳли муҳтарами рӯҳоният дар ташаккули маънавиёти инсон ба поксозии зоҳиру ботини он, умуман устувору боқӣ мондани он дар имону эътиқод, дар иҷрои авомили илоҳӣ пиру муршиду раҳнамо мақоми хосса доранд. Дар кутуби фарҳанги ирфонӣ ва осори тасаввуфӣ дар мавриди шарҳу тавзеҳи пир нукоти мухталифе зикр шудааст. Аз ҷумла, дар китоби “Фарҳанги истилоҳоти ирфонӣ”-и Саҷҷодӣ дар мавриди Пир чунин омада: “Ин калима дар адабиёти ирфонӣ зиёд ба кор рафта ва маъонии гунонун аз он хоста шудааст. Пири дайр, пири хонақоҳ, пири пайғамбарони Канъон, пири майхона, пири муғон, пири солхӯрда ва пири харобот. Пир, гоҳ ба маънии муршид ва қутб аст ва гоҳ ринд ва гоҳ ақлро гӯяд [7, с.216].

Дар китоби “Табақот-ус-суфия” бошад дар шарҳи вожаи мазкур чунин омадааст: “Шайхул- ислом гуфт, ки пирро савлат бояд, ки аз вилояти айн афтад, ӯро пайку дарвон набвад. Ҳар кӣ ӯро бинад, бишкуҳад, туро бозон кор нест, он ҳайбат аз ӯ донӣ. Он аз чист? Миёни ӯ ва миёни иззат ҳиҷоб нест” [8, с.223].

Шайх Аттори Нишобурӣ низ дар “Мантиқ-ут-тайр” ҳузури пирро дар тариқат аз муҳимтарин умум ба шумор оварда, ба соликин таъкид доштаанд, ки бояд аз роҳи тайкардаи пир ва ҳамроҳи ӯ равӣ, на танҳо, зеро худ рафтан ба танҳо мушобеҳ ба он аст, ки худро аз сари нобиноӣ ба дарё андозӣ:

Пир бояд роҳро танҳо марав,
Аз сари аъм ё дар ин дарё марав.
Пири мо лобуди роҳ омад туро,
Дар ҳама коре паноҳ омад туро [1, с.94].

Ба андешаи Аттор солик чун роҳро аз ҷоҳ нашносад, аз ин рӯ, барои вай пир асо ё асокаше ҳаст, ки роҳро ҳамвор кунад ва ҳатто барои равандаи роҳ пир дар мақоми чашм аст, ки нур ба роҳи тариқат ато месозад:

Чун ту ҳаргиз роҳ нашносӣ зи чоҳ,
Бе асокаш кай тавонӣ бурд роҳ.
На туро чашм асту на раҳ кутаҳ аст,
Пир дар роҳат қаловузи раҳ аст [1, с.94].

Дар мавриди дигар, Пири раҳро Аттор дар “Мусибатнома”-и хеш ба гугирди сурх монанд мекунад, ки рӯшании роҳи солик мегардад ва синаи пир мисоли баҳри ахзар аст, ки тавассути он ба мақоми олӣ хоҳад расид ва агар солик хоки роҳи Пирро нури чашми худ насозад, ба ҷое нахоҳад расид:

Пири раҳ кибрити аҳмар омадаст,
Синаи ӯ баҳри ахзар омадаст.
Ҳар кӣ ӯ куҳле насохт аз хоки пир,
Хоҳ поку хоҳ гу нопок пир [2, с.62].

Дар идомаи тавзеҳоти хеш аз мақом ва ҷойгоҳи пир Аттор таъкид бар он медорад, ки бо сабаби дурии роҳи тариқат ва офати фаровон доштан барои роҳрав зарурати роҳбар ё пир пеш меояд, вале агар хоҳад, ки ин роҳро бидуни роҳбар тай намояд, ҳатто агар шер ҳам бошӣ, ба чоҳ биафтӣ:

Роҳ дур асту пурофат эй писар,
Роҳравро мебубояд роҳбар.
Гар ту бе раҳбар фуруд оӣ ба роҳ,
Гар ҳама шерӣ фуру афтӣ ба чоҳ [2, с.62].

Ҳидояти Аттор ба солик дар мавриди шинохти пир пайванд ба он мегирад, ки агар дар андешаи он ҳаст, ки пире дар ҷаҳон нест, бояд ба ҷустуҷӯи ӯ биравӣ, зеро дар миёни ҳазорон ҳазор нафар бояд нафаре пайдо шавад. Аттор ҷаҳонро бидуни пирону муршидон мисоли беқутб ва нопойдор будани он мешиносад ва аз ин ҷо талқин менамояд, ки агар

дар вуҷуд дарди ишқи илоҳӣ ҳаст, пир аз олами ғайб худ мерасад, чун пир барои мурид мисоли калид баҳри қуфл аст:

Гар ту гӯӣ, нест пире ошкор,
Ту талаб кун дар ҳазор андар ҳазор.
З-он ки гар пире намонад дар ҷаҳон,
На замин бар ҷой монад на замон.
Кай ҷаҳон бе қутб монад пойдор,
Осиё аз қутб бошад барқарор.
Гар туро дардест пир ояд падид,
Қуфли дардатро падид ояд калид [2, с.62].

Ҳақиқати ин андешаҳои Аттор дар мавриди пир пайванд ба он мегирад, ки дар таърихи тасаввуф мо шоҳиди он ҳастем, ки ҳар нафари соҳибкаромот ва сӯфиёни ба ҳақ расида бар асоси иноёти ғайбӣ дар оғози роҳ дасти иродати Пир гирифтаанд, ки намунаи барҷастаи ин ҳақиқати зуҳури мунаввари муршиди комил ҳузури Шамси Табрезӣ дар зиндагонии маънавии Мавлонои Балхӣ маҳсуб мешавад. Аз ин ҷост, ки Мавлоно Шамси Табрезиро Пиру муриду Шамсу Худои хеш медонад:

Пири ману муриди ман, дарди ману давои ман,
Фош бигуфтам ин сухан, Шамси ману Худои ман.

Мавлонои Балхӣ ҳам дар “Маснавии Маънавӣ” назариёти хоссе дар бораи пир дорад. Ба андешаи ӯ низ пир айни роҳ, яъне чашми равандаи тариқат аст ва бояд солик ӯро баргузинад. Ҳамзамон, Мавлоно пирро ба тобистон монанд мекунаду халқонро ба тирамоҳ ва мардум ё соликон шаб ҳастанду пир мисоли моҳ рӯшанкунандаи роҳи шаб:

Барнавис аҳволи пири роҳ дон,
Пирро бигзину айни роҳ дон.
Пир тобистону халқон тирамоҳ,
Халқ монанди шабанду пир, моҳ.
Кардаам бахти ҷавонро ном пир,
К- ӯ зи ҳақ пираст н-аз аём пир.
Ӯ чунин пирест, к-аш оғоз нест,
Бо чунин дурри ятим анбоз нест [6, с.181].

Мавлоно тавре ишорат фармуда, пирро бахти ҷавоне унвон мекунад, ки аз Ҳақ расидааст ва хатти иршодро аз иноятии илоҳӣ гирифта. Ба таъбири шоир ӯ пирест, ки оғозаш маълум нест ва ягонаву танҳо ва мунҳасир бо хеш аст. Аз ин рӯ, соликро ҳидоят медиҳад, ки пирро интихоб намо, ки сафари рӯҳонии ту бидуни пир пурофату хавфу хатар аст:

Пирро бигзин, ки бе пир ин сафар,
Ҳаст бас пур офату хавфу хатар [6, с.181].

Мавлоно ба солик дастур медиҳад, ки пир нардбони осмон аст ва барои ҳамин аз худ шурӯъ мекунад ва ишорат мекунад, ки ман аз ин ба баъд ба ҷустуҷӯи пир ҳастам, яъне ба ҷустуҷуи пири пир, зеро инсони комил, пир таҷаллои азамату нубуғи асрори илоҳист:

Пир бошад нардбони осмон,
Тири паррон аз кӣ гардад аз камон.
Ман наҷӯям з-ин сипас роҳи асир,
Пир ҷӯям, пир ҷӯям пири пир [6, с.510].

Ба фармудаи Ҳусайни Воизи Кошифӣ, ки муфассири илми ақоид аст, ҷумлаи пирон сиву ҳафтанд: «Агар пурсанд, ки ҷумлаи пирон чанданд, ҷавоб бигӯ, ки сиву ҳафтанд. Аввал, чаҳор пири шариъат, дувум, чаҳор пири тариқат, савум, чаҳор пири ҳақиқат, чаҳорум, чаҳор пири ихлос, панҷум, чаҳор пири аркон, шашум, чаҳор пири мазҳаб, ҳафтум, панҷ пири маърифат, ҳаштум ҳашт пири муттақии мушфиқу раҳнамо. Агар пурсанд, ки он чаҳор пири шариъат кадоманд, ҷавоб бигӯ, ки аввал, Одами сафийюллоҳ, дуюм, ҳазрати Нуҳи набийюллоҳ, савум, ҳазрати Иброҳими халилуллоҳ, чаҳорум, ҳазрати Муҳаммади мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам. Агар пурсанд, ки чаҳор пири тариқат кадоманд, ҷавоб бигӯ, ки аввал, ҳазрати Абубакри Сиддиқ разияллоҳу анҳу, дуюм, ҳазрати Умари Форуқ разияллоҳу ъанҳу, сеюм, ҳазрати Усмони зин-нурайн разияллоҳу ъанҳу, чаҳорум, ҳазрати Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳу. Агар пурсанд, ки чаҳор пири ҳақиқат кадоманд, ҷавоб бигӯ, ки аввал, ҳазрати Ҷабраил алайҳиссалом, дуюм, ҳазрати Азроил алайҳиссалом, сеюм, ҳазрати Исрофил алайҳиссалом, чаҳорум, ҳазрати Микоил алайҳиссалом. Агар пурсанд, ки чаҳор пири аркон кадоманд, ҷавоб бигӯ, ки аввал, Султон-ул-орифин Хоҷа Аҳмади Яссавист, дувум, Султон Шоҳ Носир, савум, Имом Мӯсои Ризо, чаҳорум, Шайх Низомуддини Воқиф, раҳматуллоҳи алайҳим. Агар пурсанд, ки чаҳор пири мазҳаб кадоманд, ҷавоб бигӯ, ки аввал, ҳазрати Абу Ҳанифа, яъне Имоми Аъзам, дувум, ҳазрати имом Шофеӣ, савум, ҳазрати Имом Молик, чаҳорум ҳазрати Имом Аҳмади Ҳанбал раҳматуллоҳи ъалайҳим. Агар пурсанд, ки панҷ пири маърифат кадоманд,

ҷавоб бигӯ, ки аввал, ҳазрати Шайх Шамсиддини Табрезӣ, дувум, Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, савум, Шайх Саъдии Шерозӣ, чаҳорум, Шайх Фаридуддини Аттор раҳматуллоҳи алайҳим [4, с.42]. Ин ҷо маълум мегардад, ки аз ҷониби Ҳусайн Воизи Кошифӣ мақоми Шамси Табрезӣ, Мавлонои Балхӣ ва Аттору Саъдии Шерозӣ ҳамчун пирони маърифат эътироф шудаанд. Албатта, шинохти Кошифӣ аз мафҳуми пир доираи васеъ дорад ва ончунон ки дар шарҳи вожаи "пир" низ омад, ӯ пири тариқат, пири мазоҳиб, пири маърифат, пири ҳақиқатро ҷудо намуда, дар бораи ҳар яке аз онҳо сухан мекунад. Назари Аттору Мавлоно бошад, бештар ба пири тариқат пайванд мегирад. Дар идомаи каломи хеш Ҳусайн Воизи Кошифӣ андешаҳои хешро дар бораи ҳашт пири муттақию мушфиқу раҳнамо низ баён намуда, таъкид медорад, ки "Агар пурсанд, ки ҳашт пири муттақию мушфиқу роҳнамо кадоманд, ҷавоб бигӯ, ки аввал, падару модар, дувум, падаркалон, савум, падарарӯс, чаҳорум, устоди илм, панҷум устоди касб, шашум, устоди сартарош, ҳафтум, ғассол, яъне покшӯ, ҳаштум, пири роҳнамо. Валлоҳу аъламу бис-савоб» [4, с.41].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар рисолаи худ «Футувватномаи султонӣ» андар баёнаи одоби аҳли тариқат ва муносиботи пиру мурид боби алоҳида ҷудо кардааст. Кошифӣ дар дебочаи сухан ҳамон қавли Мавлоноро, ки қаблан дар бораи пир ҳамчун "тобистону моҳ" таъкид медорад ва зикр мекунад: «Дар ин роҳ (Яъне, тариқати аҳли тасаввуф – Ҳ.Ҳ.М) иблиссифотони бисёре вомехӯранд дар қиёфаи одам. Модоме ки чунин аст на ба ҳар кас метавон даст дод» [4, с.44]. Ин маънӣ ҳам баргирифта аз каломи Мавлоност, ки фармуда:

Эй басо иблис, ки одамсурат аст,
Пас ба ҳар дасте нашояд дод даст.

Пиру муршид, аз дидгоҳи аҳли ирфон нафаре ҳаст, ки дар ин ё он тариқат роҳнамоӣ мекунад ва мардум ба он инобат кардаанд бояд ки бо хислатҳои зерин ороста бошад: Пири комилқабл аз ҳама бояд дар имону эътиқод устувор ва соҳиби илми расо бошад. Зеро ҳеҷ шуғлу пеша ва ҳеҷ роҳу равиш бе илму маърифат арзиш надорад ва устувор нест. Пир бояд ба аҳд устувор, сахию дасткушод ва рӯҳан соҳиби шуҷоату ҷавонмардӣ бошад. Пир бояд аз тафаккури хосса, хушгумон, мушфиқу мерубон, ҳалиму хоксор, соҳиби авфу карам, соҳиби хулқи хуш ва соҳиби рӯйи ботабассум бошад. Дар баробари ин, сифоти хушмулоҳаза, ботамкину виқор ва дар ҳама ҳолати фавқулода хотирҷамъу осоиштаро касб намуда, аз ҳама муҳиммаш бояд, ки ба пире хидмат карда ризоият ва дуъои ӯро барои идомаи сулукат гирифта бошад.

Дар баробари пир, дар мавриди мурид низ дар осори гузаштаи мо андешаҳои мухталиф баён шудаанд. Муридро низ андар роҳи тариқат шартҳои муайян ва одоби хоссае муқаррар шудааст. Решаи калимаи мурид аз боби «арода-юриду»-и каломи арабӣ аст. Мурид, бар вазни исми фоили ин боб аст, ба маънои пайрав шудан ва боихлосу ирода пайи некон рафтанро ифода мекунад.

Мурид ва танҳо мурид будан касро ба манзили мурод мерасонад. Муридро дар роҳи расидан ба мақсади ниҳоӣ танҳо иродаи ӯ кумакрасон аст, ки ин ирода мояи саодат ӯ гардад. Ҳамаи он мулоҳизоте, ки Аттору Мавлоно ба ҳукми дастур дар интихоби пир баён кардаанд ва шарҳи он дар боло рафт, барои ҳамин мурид аст, ки бо гирифтани дасти иродати пири хеш ба мақоми иршод хоҳад расид, то ҳидоят ёбад.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар шарҳи маънии мурид боз ҳам ба каломи Саъдӣ ручӯъ намуда, таъкид мекунад, ки:

Иродат надорӣ саодат маҷӯй,
Ба чавгони хидмат тавон бурд гӯй [4, с.44].

Сифатҳои аслии муридро бошад, Ҳусайн Воизи Кошифӣ чунин баршумурдааст: "Мурид бояд ки, пеш аз ҳама, болиғ бошад. Зеро ки ҳар касе ба синни балоғат нарасида бошад, тавбаи ӯ назди аҳли тасаввуф тавба нест ва тавба ҳам кунад, тавбааш сазовори боварӣ нест. Сониян бояд оқил бошад. Мурод аз ин шарт яъне ӯ рӯҳан солим бошад. Дигар ин ки мурид бояд соҳиби азм, соҳиби майл ва ба таҳқиқ толиби илм бошад. Ҳамчунин мурид соҳиби садоқат, мутеъу фармонбардор, соҳиби фаросат, соҳиби зеҳну идрок ва ба сабру қаноат бошад. Аз ҳама муҳиммаш, мурид бояд, ки дар роҳи тариқат танҳо ба як пир дасти инобат дода бошад [4, с.45].

Дар умум, мурур ба таълифоти назариву ашъори орифонаи аҳли тасаввуф ин матлабро равшан мекунад, ки пиру мурид аркони аслии тасаввуфро ба вуҷуд овардаанд, чун бе ҳузури ин ду чеҳраи калидӣ моҳият ва асолати тасаввуф маънӣ касб намекунад. Аз ин рӯ, рисолати пиру мурид аз ҷониби Аттору Мавлоно ҳамчун пири тариқат ва солики роҳи ҳақ шарҳу тафсир ёфта, сифот ва хусусиятҳои аслии онҳо бар асоси таълифоти донишмандони назарии тасаввуф дар мисоли "Футувватномаи Султонӣ" муқаррар гардидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аттор, Фариддудин, ибни Иброҳим. Мантиқ ут-тайр: бо тасҳеҳи доктор Сайид Содиқи Гавҳарин. - Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1365.

2. Аттор, Фариддудин, ибни Иброҳим. Мусибатном: бо тасҳеҳи доктор Нуронии Висол. - Теҳрон: Интишороти Заввор, 1338.
3. Аттор, Фариддудин, ибни Иброҳим. Асрорнома: бо тасҳеҳи доктор Сайид Содиқи Гавҳарин. - Теҳрон: Интишороти Сафӣ Алишоҳ, 1337.
4. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи Ҳотамия; таҳиякунанда ва муаллифи пешгуфтору шарҳдиҳандаи луғот Қурбон Восеъ. – Душанбе: Адиб, 1991.
5. Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Куллиёти Шамс ё Девони Кабир: ба тасҳеҳ ва ҳавошии Бадеуззамони Фурӯзонфар. – Теҳрон, Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1330.
6. Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Маснавӣ: ба тасҳеҳи Риналд Николсон. – Теҳрон, Интишороти Мавло, 1360.
7. Саҷҷодӣ, Сайдҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ. – Теҳрон: Таҳурӣ, 1370.
8. Ҳиравӣ, Ансори Хоҷа Абуллоҳ. Табақот ус-суфия; бо тасҳеҳи доктор Сарвари Мавлоӣ. – Теҳрон: Тӯс, 1362.

МАҚОМИ УСТОДУ ШОГИРД ДАР АНДЕШАҲОИ ИРФОНИИ АТТОР, МАВЛОНО ВА ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Дар ин мақола пажӯҳиши ҷойгоҳи ду истилоҳи меҳварии ирфон- пир ва мурид аз дидгоҳи осори назарӣ ва адабии тасаввуф ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф муқаррар намудааст, ки мафҳуми пир ва мурид ҳарчанд дар адабиёти ирфонӣ аз ҷониби шоирону суханварони сӯфимашрабе чун Саноиву Аттору Мавлоно бо шеваҳои хосси ирфонӣ тафсир ёфта, манзур аз пир асосан “пири тариқат” ё муродифоти он чун “пири муғон”, пири харобот” аст, аммо кутуби назарӣ ва дидгоҳҳои мутафаккирине низ мавҷуданд, ки истилоҳоти мазкурро дар мақоми берун аз фарҳанг ва фаҳмишҳои ирфонӣ ба таври васеъ ва бо фарогирии тамоми паҳлуҳои он дар сурати “пири мазҳабӣ”, “пири маънавӣ” ва амсоли ин тавзеҳ додаанд, ки маърифати онҳо низ барои шарҳу тафсири куллии ин мафоҳим ва истилоҳоти ирфонӣ амри зарурӣ ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: Пир, мурид, мурод, тариқат, тасаввуф, ирфон, Аттор, Мавлоно, футувватномаи Султонӣ, соҳибони тариқат.

РОЛЬ И МЕСТО НАСТАВНИКА И УЧЕНИКА В СУФИЙСКИХ ВОЗЗРЕНИЯХ АТТАРА, МАВЛЯНА И ХУСАЙНА ВАИЗА КАШИФИ

В статье рассматриваются два ключевых термина мистицизма – пир (наставник) и мюрид (ученик, с точки зрения суфийских теоретических и литературных произведений. Автор статьи устанавливает, что в суфийской литературе можно проследить неоднократное толкование понятий *пир* и *мюрид* со стороны поэтов-мистиков, таких как Санаи, Аттар и Мавляна, согласно которым слово *пир*, употребляемое в конструкциях «пири тарикат», «пири мугон», «пири харобот», преимущественно обозначает «глава ордена». Однако в теоретической литературе существует точка зрения, рассматривающая этот термин, выходя за рамки суфийской культуры и литературы, с охватом всех его аспектов в виде выражений «пиримазхаби», «пирима’нави» и т.п. в значении «духовный наставник». Автор статьи приходит к выводу, что осмысление более широкого значения данного слова необходимо для всестороннего толкования и комментирования рассматриваемых суфийских терминов.

Ключевые слова: пир (наставник), мюрид, цель, орден, мистицизм, Аттар, Мавляна, «Футувватнамесултани», предводители ордена.

THE ROLE AND PLACE OF A COUNSELLOR AND A STUDENT IN SUFI VIEWS OF ATTAR, MAVLAVI AND HUSAYN VOIZ KOSHIFI

The article dwellson two key terms beset with mysticism those ofpir (counsellor) and a murid (student) under the angle of Sufi theoretical and literary productions. The author of the article establishes that in Sufi literature one can trace back the repeated interpretation of the notions referred topirand murid by mystic poets such as Sanoi, Attar and Mavlavi, in conformity with which the word pirresorted to in the following designs “piri tariq”, “piri mugon”, “piri charobot” it means the" head of the order” in particular. However, in the theoretical literature there is a point of view that considers the relevant term to go beyond the framework of Sufi culture and literature, with all its aspects being covered in the form of the expressions “piri mazhabi”, “piri ma'navi”, etc. in the meaning of "spiritual guide". In a nutshell, the author of the article comes to the conclusion that understanding the broader meaning of the relevant word is necessary for a comprehensive interpretation and commenting of the Sufi terms in question.

Key words: pir (counsellor), murid, goal, order, mysticism, Attar, Mavlavi, “Futuvvat-Name Sultani”, teachers of the order.

Сведения об авторе: ***Ходжи Хусайн Мусозода*** **-** председатель Совета улемов Согдийской области, кандидат филологических наук. E-mail: **musozoda@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-771-64-01**

Information about the author: ***Hoji Husain Musozoda*** **-** Head of Ulama Council in Sogd region, PhD in Philological sciences. E-mail: **musozoda@mail.ru**. Tel.: **(+992) 92-771-64-01**

УДК: 891.550:016:929

ҚАДИМТАРИН НУСХАИ КУЛЛИЁТИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Ғаффоров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Убайди Зоконӣ яке аз адибони баъд аз ҳамлаи муғул ва муосири Хоҷа Ҳофиз ба ҳисоб меравад, ки дар хусуси осори вай ва мероси адабиаш то ба ҳол дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқоти боистанӣ сурат напазируфтааст.

Бояд қайд намуд, ки дар китобхонаҳои Тоҷикистон алҳол нусхаҳое аз осори назмиву насрии Убайди Зоконӣ нигаҳдорӣ мешаванд, ки аз нигоҳи қидмат, сифати чоп, ҳайсияти хаттӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Нусхаҳои бо расмулхатти форсии осори Убайд алҳол таҳти №№ 195, 555/3, 555/13, 1063, 1660, 2556 ва 12469-475 дар Китобхонаи Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз мешаванд, ки ҳар яке осори мутафовити адибро дар бар гирифта, дорои арзиши махсус мебошанд. Масалан, нусхаи №195 мутоиботи адибро фаро гирифтааст, нусхаи №1063 муштамили девони Убайд мебошад, дар рӯйи нусхаи 12469-475 “Убайди Зоконӣ. Осор” навишта шудааст, нусхаи 2556 куллиёти қасоид ва дигар анвои шеърии вайро дар бар мегирад, дар нусхаи 555/3 девони Убайд дарҷ ёфтааст, нусхаи 1660 достони “Муш ва гурба”- и Убайдро фаро гирифтааст.

Дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон низ нусхаҳое аз осори Убайди Зоконӣ ҳифз карда мешаванд, ки чопи бештари онҳо марбут ба даврони наванд ва агарчи арзиши онҳо дар қиёс бо нусхаҳои маҳфуз дар Китобхонаи Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ бисёр ночиз аст, ҳар яке дар навбати худ, қимати махсусро доро мебошанд. Аз ҷумлаи нусхаҳои осори Убайд маҳфуз дар Китобхонаи миллӣ – инҳо нусхаҳои №№ 184 847, 203 819, 227 188 аз мунтахаби осори насрии адиб мебошанд, ки он зери унвони “Убайди Зоконӣ. Ҳикоёти латиф” соли 1990 дар 158 саҳифа дар нашриёти “Адиб”- и Душанбе чоп гардидааст. Се нусха аз “Рисолаи дилкушо”- и Убайди Зоконӣ, ки зери ҳамин унвон ва бо иловаи “Чанд ҳикоят” соли 1991 дар 22 саҳифа дар нашриёти “Адиб”- и Душанбе ба табъ расида буд, таҳти арқоми №№ Тоҷик I, 186 803, 186 804 дар китобхонаи мазкур нигаҳдорӣ мешаванд. Нусхаҳои дигар ҳам таҳти арқоми шартии №№ 254 796, 254 797 аз асари мазбури адиб таҳти унвони “Убайди Зоконӣ. Рисолаи дилкушо”, ки соли 2016 дар 72 саҳифа зери таҳрири М. Акбарзод дар нашриёти “Маориф”- и Душанбе ба табъ расидааст, дар китобхонаи мазкур нигаҳдорӣ мешаванд. Ҳамчунин, 5 нусхаи достони “Мушу гурба”- и Убайд, ки барои кӯдакон соли 2006 дар 20 саҳифа дар нашриёти “Адиб”- и Душанбе чоп гардида буд, зери арқоми шартии №№ 198880, 198881, 198882, 198883 ва 3-78 дар китобхонаи мазкур ҳифз карда мешаванд. Нусхаҳои қадимтари достони фавқуззикри адиб, ки чопи онҳо марбут бар соли 1938 – дар 21 саҳифа ва нашриёти маъруфи шӯравии “Нашрдавтоҷик”- и Сталинобод мебошад, таҳти арқоми №№ 93926, 43593 ва 43701 дар китобхонаи зикршуда маҳфуз ҳастанд. Ҷуз аз ин, дар китобхонаи мазкур осори дар даврааи истиқлолият бачопрасидаи Убайди Зоконӣ – инҳо яке нусхаҳои таҳти №№ 199721, 199837 аз ҳикоёти мунтахаби адиб, ки зери унвони “Убайди Зоконӣ. Ҳикояҳои ҳачвӣ” зери таҳрири В. Азизӣ соли 2007 дар 20 саҳифа дар нашриёти “Сарпараст”- и Душанбе ба табъ расидааст, мебошад, дигаре – “Гулчини латифаҳои Убайди Зоконӣ. Барои кӯдакон” аз силсилаи “Дурдона” ба ҳисоб меравад, ки соле баъд ҳам дар чунин сафҳа тавассути нашриёти “Адиб”- и Душанбе чоп гардида буд. Чаҳор нусха аз “Куллиёти мунтахаб”- и Убайди Зоконӣ, ки хеле пештар, дар даврони шӯравӣ ба соли 1963 дар 284 саҳифа аз ҷониби “Нашрдавтоҷик” дар Душанбе нашр гардида буд, таҳти арқоми шартии №№ Тоҷик I, 125 308, 125 210 ва 125 211 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон, ҳамчунин, нусхае нигаҳдорӣ мешавад, ки соли 1991 дар асоси қадимтарин нусахи форсии адиб мураттаб ва дуруст гардидааст [4]. Мураттиб ва мусаҳҳеҳи нусхаи мазбур адабиётшинос ва матншиноси маъруфи даврони шӯравии тоҷик Ҷобулқо Додалишоев мебошад. Нусхаи мазкур зери унвони “Убайди Зоконӣ. Осор” дар нашриёти “Дониш”- и Душанбе чоп гардидааст. Асари таҳиякардаи адабиётшиноси мазкур иборат аз 208 саҳифа буда, ҳам осори назмӣ ва ҳам насрии Убайди Зокониро дар бар мегирад. Ҷ. Додалишоев дар оғози асари мазкур дар 14 саҳифа муқаддимае бар он пардохта, дар он дар хусуси чопи китоби ҳозир ва муаррифии он, роҷеъ ба осори Убайди Зоконӣ ва тарзи танзими матни саҳеҳи он ва монанди инҳо маълумоти дорои арзиш дода, иловатан, феҳрасте низ оид ба ағлоти абёти нусхаи омоданамудааш муҳайё намуда, ки баҳри шиносоии саҳеҳ бо осори адиб беманфиат нахоҳад буд. Бояд қайд кард, ки саҳифаҳои муқаддима дар асари мазкур бо ҳарф шуморагузорӣ шуда, худи осори Убайд бошанд, бо арқом саҳифабандӣ шудаанд. Аз

саҳифаи 3 то 160 – дар ҳаҷми 157 саҳифа осори манзуми адиб зери унвони умумии “Девони Мавлоно Убайди Зоконӣ” ҷой дода шудаанд, ки бо таркиббандҳое дар тамҳид ва наъти расул (с.) ҳусни ибтидо мегиранд. Нусхаи мазкур, аслан, дар асоси қадимтарин нусхаи маҳфуз дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон, ки зери рақами шартии 555/13 нигаҳдорӣ мешавад ва дар муқобала бо ду нусхаи нашри Эрон, ки яке омоданамудаи Аббос Иқбол ва дигаре марбут бар Парвиз Атобакӣ мебошад ва, ҳамчунин, муқоисаи фотокопии нусхаи нашрнамудаи Мисю Фартаи фаронсавӣ маҳфуз дар осорхонаи Британия таҳия гардидааст. Дар китоби таҳиякардаи Ҷ. Додалишоев дар қисмати аввал осори назмии Убайди Зоконӣ монанди: таркиббандҳо, қасоид, муқаттаот, ғазалиёт, рубоиёт, маснавии “Ушшоқнома” ва ҳазлиёт ва дар қисмати дувум осори насрии ӯ ҷой дода шудаанд, ки иборатанд аз “Рисолаи ахлоқ” ё “Ахлоқ-ул-ашроф”, “Рисолаи риш” ё “Ришнома”, рисолаи “Даҳфасл”, “Панднома” ё “Садпанд” ва “Рисолаи дилкушо”.

Аммо, чунонки қайд гардид, қадимтарин нусхаи осори Убайди Зоконӣ, ҳам осори назмӣ ва ҳам эҷодиёти насрии ӯ, ки бо тамомии нусахоти китобхонаҳои дунё, дар ҳақиқат, ҳуқуқи пешиву сабқат дорад, ин нусхаи таҳти рақами шартии №555/13- и маҳфуз дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин нусха, бо ин ки ба пуррагӣ орӣ аз баъзе камбудҳову навоқис нест, ба ҷиҳати сабқати қадимияш нисбат ба дигар нусхаҳои девон ва куллиёти осори адиб басо тозатару бенуқсонтар аст.

Аҷиб ин аст, ки осори Убайди Зоконӣ дар ин нусхаи қадим чун дигар осор дар шакли як китоби алоҳида нусхабардорӣ нашуда, дар ҳавошии ин нусха, дақиқтар: дар ҳошияи асарҳои дигари шоирону мутафаккирони пешин – дар қисматҳои болову поён ва чапу рост китобат гардидаанд. Дар умум ин нусха дорои 312 саҳифа – 156 варақ ё барг буда, осори Убайд дар ҳавошии он зайли сафаҳоти 92-262, яъне дар ҳаҷми 170 саҳифа - 85 варақ омадаанд. Осори назмии Убайд дар ин нусха аз саҳифаи 92 то 203, яъне 111 саҳифа ё 55.5 варақ ва осори насрии адиб бошад, аз саҳифаи 204 то 262, яъне 58 саҳифа ё 29 варакро дар бар гирифтаанд.

Аз оғоз то саҳифаи 92 ҳам дар қисмати асосӣ-мобайнии нусхаи мазкур ва ҳам дар қисмати ҳавошии он асарҳои назмӣ ва насрии дигар шоирону мутафаккирони форсу тоҷик китобат гардидаанд. Дар ҷойи асосӣ, яъне қисмати мобайнии китоб, аслан, асари насрии бо абёти форсӣ музайяншуда китобат гардида ва аз мазмуну мундариҷа ва сарлавҳаҳои он маълум мегардад, ки он марбут бар ирфону тасаввуф мебошад. Гоҳо дар қисмати мазкур дар чандин сафҳа байтҳо имтидод ёфта, боз наср ҷойи абётро иваз менамояд. Дар қисмати ҳавошӣ ҳам гоҳе наср ба чашм мерасад, гоҳи дигар суханони манзум. Наср ҳам марбут бар ирфону тасаввуф мебошад. Баъзан, ғазалҳое аз Хоҷа Ҳофиз ба чашм мерасанд, ки эҳтимол меравад онҳо вобаста ба майлу салиқаи худи носих интихоб ва нусхабардорӣ гардидаанд.

Осори назмии Убайд дар 111 саҳифаи нусхаи мазкур ҳовии 2668 байт буда, анвое аз назм бо шумули таркиббанд – 2 адад, тарҷеъбанд – ҳам 2 адад, қасида – 23 адад, қитъа – 27 адад, муаммо – 1 адад, дубайтӣ – 8 адад, ғазал – 61 адад, тазмин – 113 адад, рубоӣ – 33 адад ва манснавии “Ушшоқнома”- ро фаро мегирад [4, с.92-203].

Аввалин асари насрии Убайд дар нусхаи мазкур “Ахлоқ-ул-ашроф” мебошад, ки дар ин нусха аз саҳифаи 204 оғоз гардидааст. Ин асарро, чунонки Забеҳуллоҳи Сафо қайд карда, Убайд дар пайравии “Авсоф-ул-ашроф”- и Насириддини Тӯсӣ навиштааст [11, с.1270]. Ин асар то саҳифаи 224 дар ҳаҷми ҳавошии 20 саҳифаи пурра имтидод меёбад. Дар оғози асари мазбур чунин навишта шудааст: “Китоби ахлоқ-ул-ашроф” мин девони Алмавло Убайди Зоконӣ”. Пас аз ин, бо чунин ҷумалот қисмати тамҳиду мадҳ оғоз меёбад: “Шукри номаҳсур ва ҳамди номаҳдуд Ҳазрати воҷибулвуҷудеро ҷаллат қудрати, ки зевари ақлро пирояи вуҷуди инсон гардонид, то ба василаи он дар касби ахлоқи ҳамида ва авсофи ҷамила ғояти ҷаҳд базл карданд. Ва салавоти номаъдуд нисори равзаи мунаввари муаттари Сайиди койинот Муҳаммади Мустафо...” [4, с.204].

“Ахлоқ-ул-ашроф” дар нусхаи мазкур пурра – бо ҳафт бобаш истинсох шудааст. Охирин ҷумла, ки дар асари мазкур бар он ҳусни анҷом мебахшад, ин ҷумла аст: “Ин аст, он чи дар садри китоб бо бародарон ваъда карда будем. Умед ҳаст, ки чун мубтадӣ бад-ин ахлоқи мухтори акобир мувозабат намояд ва онро малакаи нафси нотиқа гардонад, натиҷаи он дар дунйиву охират ҳар чи тамомтар биёбад. Астағфириллоҳи таоло мин...” [4, с.223].

Бояд қайд намуд, ки асари “Ахлоқ-ул-ашроф” мазмунан иҷтимоӣ буда, фикру андешаи муаллиф дар он ба таври қиёс баён ёфтааст. Ин аст, ки муҳаққиқони муосир онро асари публитсистӣ қаламдод кардаанд [9, с.205]. Дар асари мазбур Убайд ду мазҳаб – мухтор ва мансухро мавриди шарҳу васф қарор дода, чунонки Х. Мирзозода дар ин маврид хуб дарёфтааст, ҳар дуро тавассути якдигар ба зери тозиёнаи танқид мегирад [7, с.4].

Асари дувуми насрии дар нусхаи мазкур китобатшуда – ин “Рисолаи риш”- и маъруф ба “Ришнома” мебошад, ки дар ин нусха чунин омадааст: “Рисолаи риш” мин девони Убайди Зоконӣ”. Дар ин нусха ҷумлаи мазкур бо байти баъдияш ба ҳукми мубтадои он омадаанд: “Шукру сано ҳазрати Холиқеро, ки ба дасти машшотаи қудрат шаъшааи ҷамоли нозукони хиттаи олам ва нозанинони зуррияи Одам бар ойинаи хотири меҳнатзадагони дарёи муҳаббат ва машаққаткашидагони бедории муваддат ҷилва дода ва таҳиёти зокиёт нисори ғубори серб, ки оромгоҳи ҷонҳои босафо, яъне равзаи мунаввари Мустафо, ки қофиласолори муштоқони Каъбаи висол ва маҷлисорои сармастони ҷоми шавқи лоязолист, боз дӯш ойинаи оташи моро аз оҳи дудосои ушшоқ дар ранги мутаворӣ шуд ва чеҳраи рӯзгор аз сӯзи синаи ҳар муштоқ торӣ гашт.

Байт:

Зулфи мушкини шаб ба шона заданд,
Рақами куфр бар замона заданд” [4, с.224].

“Рисолаи риш” бо ин абёту ҷумла хотима мепазирад:

“Бар хотири ҳеч кас ғуборе маншон,
Дарёб, ки насх мешавад номаи ҳусн.

Боре аз ин гуфтугӯй

Муроди мо насиҳат буду гуфтем,
Ҳаволат бо Худо кардему рафтем.

Тамом шуд “Рисолаи риш” аз девони Мавлоно Убайди Зоконӣ” [4, с.231].

Бояд тазаккур дод, ки “Ришнома” асари рамзист ва дар он мунозираи Убайди Зоконӣ бо риш - Ришиддин Абулмаҳосин, ки киноят аз аҳли тақво ва зуҳд мебошад, сурат мегирад. Дар асар, ҳамчунин, одобу ахлоқи замони муаллиф киноятан мавриди шарҳу тавзеҳ воқеъ гардидааст [1, с.90].

Сеюмин асари насрии Убайди Зоконӣ дар нусхаи мазкур рисола ё, чунонки худи муаллиф гуфта, китоби “Даҳфасл” мебошад. Дар оғози асари мазбур чунин омадааст: “Шукру саной ҳазрати Холиқро ҷалла зикруҳу, ки навъи инсонро неъмати нутқ дода ва салавоти томот нисори равзаи соҳибдавлате, ки забон ба калимаи “ана афсаҳ” баркушод. Баъди золика, бар ройи арбоби албоб мубарҳан ва равшан аст, ки аҳли истеъдодро аз қисми адабиёт ва луғот чора нест. Ҳарчанд фуҳули салаф дар ин боб кутуб пардохтаанд, ҳолиё аз баҳри иршоди фарзандон ва азизон ин мухтасар, ки мавсум аст ба “Даҳфасл”, Убайд ба таҳрир расонид. Умед, ки мубтадӣ аз ҳифзи ин савод ҳаззи вофир ёбад...” [4, с.232].

Бояд қайд кард, ки ҳанӯз дар замони зиндагонии муаллифи тазкираи “Рӯзи рӯшан” рисолаи “Даҳфасл”- и Убайд ба исми “Ал-номия” низ маъруфият доштааст. Аз рӯйи ҳамин номи дигари асари Убайд аст, ки Ҳусайни Сабо қайд мекунад, ки бо чунин ном нависандаи дигаре низ асар офарида, ки дар пайравии асари Убайд буда: “Ва ӯро “Ал-номия”- ест мутаввал, ки ғолибан Мулло Дупиёза “Ал-номия”- и худ ба татаббуаш навишта” [10, с.534]. Зимнан, хотирнишон бояд сохт, ки дар баъзе аз нусхаҳои осори Убайд дар охири фасли даҳуми “Даҳфасл” мутоиботе зам(м) шуда, ки моли Убайд ва маҳсули килки ҳаззоли вай намебошанд ва ба ҳамин шоири ҳачвнигор бо исми аҷиби Мулло Дупиёза, ки баъд аз Убайд ҳаёт ва фаъолияти адабӣ бурда, тааллуқ мегиранд. Мутоиботи мазкур аз ҷумла дар “Мунтахаби осор”- и Убайд, ки соли 2009 бо кӯшиши Музаффар Холов дар нашриёти “Маориф ва фарҳанг”- и Душанбе ба табъ расида, дида мешаванд [5, с.111-116].

“Даҳфасл” аз аҳаммияти бузурги иҷтимоиву ахлоқӣ ва, ҳамчунин, забонӣ барҳӯрдор аст. Муҳаққиқон, махсусан, аҳаммияти забонӣ-терминологии рисолаи “Даҳфасл”- ро қайд намудаанд ва онро иборат аз он донистаанд, ки дар он муаллиф ба як қатор вожаҳои замони худаш маонӣ ва мазомини нав офарида, ки дар нигоҳ ба вазъи иҷтимоии замонаш қобили қабуланд [8, с.4].

Асари чаҳоруми Убайд дар нусхаи зери рақами шартии №555/13 “Панднома”- и вай мебошад ва, чунонки дар оғози рисолаи мазкур омада, он ҳанӯз дар замони зиндагонии муаллифаш бо “Садпанд” низ иштиҳор доштааст [4, с.238]. Ин рисола хурдтарин асари мансури Убайд ба ҳисоб меравад. Агар “Ришнома” дар нусхаи таҳти №555 / 13 иборат аз ҳавошии 4 саҳифа бувад, “Садпанд” фарогири каме бештар аз ҳавошии 3 сафҳа мебошад ва анқариб нисфи он аз нусхаи мазкур канда шудааст. Вале, бояд қайд намуд, ки ин миқдори сафаҳоти “Садпанд”, агарчи дар нусхаи манзури назари мо, яъне №555/13 мавҷуд нестанд, вале дар дигар нусхаҳои осори Убайд, масалан, нусхаи таҳти рақами шартии №1063, ки зери унвони “Девони Убайди Зоконӣ” дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон ҳифз карда мешавад [3], ҳамчунин, дар нусхаи таҳиянамудаи Ҷ. Додалишоев [6] ба таври пурра дарҷ ёфтаанд. Дар нусхаи таҳти рақами шартии №555/13 матни “Панднома” бо ин ибороту ҷумалот: “Ҳокиме одил ва қозие, ки ришват наситонад ва зоҳиде, ки сухан ба риё нагӯяд ва ҳоҷии бодиёнат ...” якбора канда

мешавад ва пас аз он мутуни “Рисолаи дилкушо” бе муқаддима ва ҳусни оғоз истинсох мешавад. Бояд қайд кард, ки дар матни нусхаи №555 / 13 зиёда аз ду саҳифаи дастнавис, ки бо расмулхатти кириллӣ аз се сафҳа ҳам зиёд мебошад, ё ба ҷурми нусхабардор, ё бо гуноҳи масъулону кормандони китобхонаи Академияи илмҳо ва ё худ бо гуноҳи соҳиби аслии нусхаи мазкур то замони супурдани он ба Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон аз китоб партофта шудаанд.

Бояд қайд кард, ки калонтарин асари насрии Убайди Зоконӣ дар нусхаи таҳти рақами шартии №555/13, чунонки дар мавриди мутуни интиҳоии “Садпанд” ё “Панднома” баён гардид, бе унвону муқаддима ва ҷумалоту ҳикоёти оғозин омадааст. Қисмати тамҳид, сухан дар мавриди фазилати нутқи инсонӣ, ин байти маъруфи Убайд, ки бар “Рисолаи дилкушо”- яш ҳусни оғоз мебахшад:

Ҷид ҳамасола ҷони мардум бих(в)арад,
Ҳазл ҳамарӯза оби мардум бубарад,

ду байти арабии ӯ, ҳамчунин, ин байт:

Гарчи тавҳиду баён даркор аст,
Қадаре ҳам ҳазён даркор аст,

қисмати идомаи дебочаи худи муаллиф, ҳикояти Султон Маҳмуд дар маҷлиси ваъз ва масхара кардани Талҳак ӯро, ҳикояти ҳамадонӣ ва дузде, ки ба хонаи вай омада буд, ҳикояти як шахс бо муаббир, ҳикояти Маҳдии халифа ва ҷудо гаштани вай дар шикор, ҳикояти ба мазор расидани шахсе, ҳикояти даъвои худоӣ кардани шахсе, ҳикояти дар чоҳ афтодани падари хуросонӣ – то вожаи “хокаш...”- маълум нест бо чӣ сабабе, дар нусхаи мазкур мавҷуд нестанд. Пас аз он ки ҳикояи дар чоҳ афтодани падари хуросонӣ ба василаи вожаи “хокаш” ва вожаҳои баъди он анҷом меёбад, аввалин ҳикояи пурраи “Рисолаи дилкушо” – ҳикояи дар бораи Атобаки Салғаршоҳ ва истинсохи Қуръон аз ҷониби вай дар рамазон оғоз меёбад [4, с.241]. Яъне, ба дигар маънӣ, рисолаи мазкури Убайд бо ҳикояи Атобак ибтидо мегирад.

Чун дар дигар нусхаҳои дастхат ва чопии осор ва куллиёти Убайд, дар нусхаи таҳти рақами шартии №555/13 низ “Мактуби қаландарон” – ном асари хурдҳаҷми вай ҷой дода шуда, ки ҳавошии як саҳифаи асари ӯро дар нимаи ҳавошии саҳифаи 252 ва қисмати зиёди ҳавошии саҳифаи 253, яъне дар ҳавошии варақаи 7- и нусха фаро мегирад.

Қайд кардан зарур аст, ки бо ин ки миёни тамоми осори мансури Убайд, ки дар нусхаи таҳти № 555/13 дида мешаванд, танҳо “Рисолаи дилкушо” – бузургтарин асари вай мавриди коҳиш ва ё беаҳаммиятии саъб қарор гирифта, аммо ҳамин қисмати нусха аз аҳаммияти бас бузург ва арзиши баланд бархӯрдор аст. Зеро дар охири ҳамин қисмати нусха, дар саҳифаи умумии 262, дақиқтар: дар хотимаи “Рисолаи дилкушо” – ҳавошии саҳифаи 22 ва варақа ё барги 12- и рисолаи мазкур сол ва моҳи нусхабардорӣ ва, ҳамчунин, ному насаби пурраи носих дарҷ гардидааст. Аз нишондоди носих маълум мешавад, ки ному насаби вай Ибни Майман ибни Абдуллоҳ ибни Умар Алҳофиз Алмуаллим Абарқӯҳӣ буда ва ӯ нусхаи худро ба таърихи ёздаҳуми моҳи шавволи соли 707 ҳ. мутобиқ бо 12- уми апрели соли 1405, яъне пас аз 35 соли даргузашти Убайди Зоконӣ китобат намудааст [4, с.262].

Бояд қайд кард, ки дар нусхаи таҳти рақами шартии №555/13 қиссаи манзум ё манзумаи маъруфи “Мушу гурба” ва рисолаи “Таърифот”, ки баъзе муҳаққиқон ба Убайдаш нисбат додаанд, дида намешаванд. Ин нишон медиҳад, ки ду асари зикршуда, дар ҳақиқат, моли Убайди Зоконӣ нестанд ва носихону котибони минбаъда онҳоро ба ҷузви осори Убайд дохил намудаанд. Агар дар асри носих ё котиби нусхаи №555/13 “Муш ва гурба” ва “Таърифот” дар зайли осори Убайд ҳисобида мешуд, ӯ ба ҳеч ваҷҳ ин ду асарро аз девони Убайд ҷудо намекард. Хубтарин иттилоъро дар иртибот бар тааллуқоти осори мазкур бар Убайд худи носихи осори Убайд – Ибни Майман дошт, ки замони зиндагонии ӯ аз Убайд 35 сол дертар буд, яъне Убайд 35 сол пеш аз валодати носих ин ҷаҳонро падруд гуфта буд.

Дар иртибот бар он чӣ қайд гардид, нусхаи девони комили Убайди Зокониро, ки дар ҷузви нусхаи таҳти рақами шартии №555/13 дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон ҳифз карда мешавад, метавон қадимтарин нусхаи осори адиби мазкур эътироф кард. Бинобар ин, нусхаи зикршуда дар убайдшиносии имрӯз ва, умуман, дар адабиётшиносии муосири тоҷик аз чанд ҷиҳат дорои аҳаммияти бузург аст:

1. Он, чунонки дар боло қайд шуд, наздиктарин нусха ба замони зиндагонии Убайди Зоконӣ мебошад, ки пас аз 35 соли даргузашти Убайд китобат гардидааст.
2. Аз ҳайси асолат нусхаи мазкур тозатарин ва дастнорастарин нусхаи Убайд ба ҳисоб меравад, зеро он дар қиёс бо нусахи то ҳанӯз чопшудаи осори Убайд – ду нусхаи эронӣ: нусхаҳои омоданамудаи Аббос Иқбол ва Парвиз Атобакӣ ва нусхаи шарқшиноси фаронсавӣ Мисию Фарта, қариб ки мавриди дастбурди носихону котибон қарор нагирифтааст.

3. Дар нусхаи мазкур осори насрии Убайд, ки таҳқиқоти мо, аслан, дар атрофи онҳо сурат мегирад, пурра ҳифз гардидаанд ва шаклан комиланд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бақоев М. Убайди Зоконӣ / М. Бақоев // Очеркҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV.- Қисми дуюм; муҳаррири масъул: Расул Ҳодизода. - Душанбе: Дониш, 1983. - 229 с.
2. Гупомӯйӣ, Муҳаммад Қудратуллоҳи Ҳиндустонӣ. Натоиҷ-ул-афкор; ношир: Ардашери Буншоҳӣ фарзанди Худораҳм Марзбони Оллоҳободӣ. - Бомбай: чопхонаи “Султонӣ”, 1336 ҳ. - 800 с.
3. Зоконӣ, Убайд. Девон. Дастхат. Дар асри ХХ дар дафтар ба хатти настаълиқ китобат шудааст.- № 1063. - Душанбе: Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон, 1937. - 270 с.
4. Зоконӣ, Убайд. Девон. Дастхат. Мутааллиқ ба асри XIV.- №555 / 13.- Душанбе: Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон, 707 ҳ. / 1405 милодӣ. - 310 с.
5. Зоконӣ, Убайд. Мунтахаби осор; мураттиб: Музаффар Холов. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. - 271 с.
6. Зоконӣ, Убайд. Осор; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҷобулқо Додалишоев: зери назари Асғари Ҷонфидо ва Аълохон Афсаҳзод. - Душанбе: Дониш1991. - 212 с. (бо хатти форсӣ)
7. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ // “Газетаи муаллимон”. - Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ – миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ – политикии РСС Тоҷикистон. - №35 (596), 30-юми июли 1939. - С. 4
8. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ // “Газетаи муаллимон”. - Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ – миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ – политикии РСС Тоҷикистон.- №36 (597), 12-уми августи 1939. - С. 3-4
9. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2 (асрҳои XIII-XV). - Душанбе: Маориф, 1977. - 394 с.
10. Сабо, Мавлавӣ Муҳаммад Музаффар Ҳусайн. Рӯзи рӯшан: ба тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммад Ҳусайн Рукнзодаи Одамият. - Теҳрон: Интишороти “Китобхонаи Розӣ”, 1343. - 976 с.
11. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёти Эрон. Аз авоили қарни ҳафтум то поёни қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ. Ҷилди савум. Бахши дувум. - Теҳрон: Интишороти “Фирдавсӣ”, 1363. - 1461 с.

ҚАДИМТАРИН НУСХАИ КУЛЛИЁТИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Дар мақола муаллиф дар хусуси қадимтарин нусхаи осори Убайди Зоконӣ таҳқиқот бурдааст. Ба ақидаи вай, Убайди Зоконӣ яке аз адибони маъруфи адабиёти классикӣ мебошад, ки дар ду самт: ҳам назм ва ҳам наср аз худ осори гаронбаҳо мерос гузоштааст. Нусхаҳои осори назмиву насрии Убайд чи дар Тоҷикистон ва чи дар хориҷ аз он борҳо рӯйи чопро дида, бар ихлосмандони худ ғизои маънавӣ бахшидаанд. Дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон алҳол нусхаҳое аз осори Убайди Зоконӣ таҳти арқоми шартии №№ 195, 555/3, 555/13, 1063, 1660, 2556 ва 12469-475 ҳифз карда мешаванд, ки марбут ба асрҳову замонҳои гуногун буда, бо хатҳои мутафовит китобат шудаанд. Аҳли таҳқиқ метавонанд аз нусхаҳои мазкур бе мушкилот ҳангоми корҳои илмии хеш истифода бикунанд. Ҳамчунин, дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ҳам нусхаҳои осор ва куллиёти Убайди Зоконӣ таҳти арқоми шартии №№ 184 847, 203 819, 227 188 нигаҳдорӣ мешаванд, ки чопи онҳо аксаран мансуб ба ду асри ахир ва, махсусан, даврони истиқлолиятанд. Муаллифи мақола қайд менамояд, ки қадимтарин нусхаи осори Убайд, ҳатто, қадимтар аз нусхаҳои мураттибони эронӣ ва шарқшиноси фаронсавӣ – нусхаҳои Аббос Иқбол ва Парвиз Атобакӣ ва нусхаи Мисию Фарта – ин нусхаи маҳфуз дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон таҳти рақами шартии 555/13 мебошад. Ин нусха моҳи шавволи соли 707 ҳ. / 12- уми апрели соли 1405, яъне пас аз 35 соли даргузашти Убайди Зоконӣ аз ҷониби Ибни Майман ибни Абдуллоҳ ибни Умар Алҳофиз Алмуаллим Абарқӯҳӣ нусхабардорӣ шудааст. Нусхаи мазкур дар қиёс бо ҳамаи нусхаҳои мавҷуди осори Убайд қадимтар ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти бузурги илмии нусхаи таҳти рақами 555/13, аз як тараф, қадимӣ будани он бошад, аз сӯйи дигар, иборат аз он аст, ки он қариб ки мавриди дастбурди котибон қарор нагирифтааст.

Калидвожаҳо: нусха, нусхаи қадимтарин, нусхабардорӣ, котибон, девон, куллиёт, Убайди Зоконӣ, рисола.

СТАРИННЫЙ ЭКЗЕМПЛЯР СБОРНИКОВ ПРОИЗВЕДЕНИЙ УБАЙДА ЗОКОНИ

В данной статье автор исследует старинный экземпляр произведений Убайда Зокони. По его мнению, Убайд Зокони является одним из тех литераторов, которые достигли выдающихся успехов как в поэзии, так и в прозе. Поэтические и прозаические произведения Убайда Зокони не раз были изданы в Таджикистане и за рубежом и приобрели множество поклонников. В Отделе восточных рукописей Академии наук Таджикистана сейчас хранятся разные экземпляры творчества Убайда Зокони под номерами №№ 195, 555/3, 555/13, 1063, 1660, 2556 и 12469-475, которые относятся к разным временам и рукописям. Исследователи свободно могут воспользоваться ими в своих научных трудах. Также в Национальной библиотеке Таджикистана имеются несколько экземпляров произведений и сборников Убайда Зокони под номерами №№ 184 847, 203 819, 227 188, издания, которые относятся к двум последним столетиям, особенно к эпохе независимости. Автор статьи отмечает, что старинный экземпляр произведений Убайда Зокони, который древнее иранских изданий Аббоса Икбала и Парвиза Атобаки и подготовленного варианта французского востоковеда Мис Фарты – это экземпляр, сохранившийся под номером №555/13 в Отделе восточных рукописей Академии наук Таджикистана. Этот экземпляр переписан в шаввал 707 хиджри / апреле 1405 г. н.э., то есть через 35 лет после кончины Убайда Зокони писарем Ибни Майманом ибни Абдуллах ибни Умар Алхафиз Алмуаллим Абаркохем. Вышеупомянутый экземпляр, по сравнению со всеми другими существующими, является самым старым. Огромное научное значение данной рукописи, состоит, с одной стороны, в ее временном превосходство, с другой, – в ее оригинальности и неприкосновенности, так как ее не коснулись искажения писарей.

Ключевые слова: копия, старинная копия, переписывание, писари, диван, сборник, Убайд Зокони, трактат.

AN OLD INSTANCE OF WORKS OF UBYD ZOKONI

In this article, the author explores an ancient copy of the works of Ubaid Zokoni. In his opinion, Ubaid Zokoni is one of those writers who has achieved celebrity in two ways: poetry and prose. The poetic and prose works of Ubaid Zokoni have not been published in Tajikistan and abroad and have gained many admirers. In the Department of Oriental Manuscripts of the Academy of Sciences of Tajikistan, various specimens of Ubaid Zokoni's works are now chronicle with conditional numbers No. 195, 555/3, 555/13, 1063, 1660, 2556 and 12469-475, which refer to different times and manuscripts. Researchers can easily use them in their scientific works. Also in the National Library of Tajikistan there are several copies of the works and collections of Ubaid Zokoni with conditional numbers No. 184 847, 203 819, 227 188, publications that belong to the last two centuries, especially the era of independence. The author of the article notes that the old copy of the works of Ubaid Zokoni, which is older than the Iranian publishers Abbos Iqbal and Parviz Atobaki and the manufactured version of the French orientalist Mies Farty, is a copy preserved by the conditional number No. 555/13 in the Department of Oriental Manuscripts of the Academy of Sciences of Tajikistan. This copy was transcribed into Shawwal 707 Hijri / April 1405 A.D. that is, after 35 years of the death of Ubaid Zokoni, clerk Ibni Maiman ibni Abdullah ibni Umar Alhafiz Almuallim Abarkokhem. The above instance, by comparison with all other existing ones, is the oldest. The enormous scientific significance of this manuscript, if, on the one hand, its temporal superiority is manifested, on the other, lies in its originality and inviolability, since it remained outside the field of distortion of the scribes.

Key words: copy, old copy, rewriting, clerks, sofa, collection, Ubaid Zokoni, treatise.

Сведения об авторе: ***Гаффоров Шохрух*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики обучения таджикского языка и литература. **Адрес:** 734025, республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Information about the author: ***Gafforov Shohrukh*** - Tajik National University, Ph.D. in Philology, associate professor of the Tajik language department and methods of teaching the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 904-77-55-40**

УДК:891.550-1

ПОЗНАННОЕ И НЕПОЗНАННОЕ В ПЕРЕВОДАХ ГАЗЕЛЕЙ ХАФИЗА

Рахманов Б.Р., Аминов А.С.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Европейской культуре характерен интерес к Востоку, о чем свидетельствуют книги ориенталистов (дипломатов и ученых, путешественников и торговцев), которые изучали историю, быт и нравы, религию и культуру восточных народов, знакомя читателей с языком и литературой Востока, творчеством персидско-таджикских классиков и содержанием произведений. В освоении персидской словесности огромную роль сыграли труды востоковедов Йозефа фон Гаммера-Пургшталя, Генриха Фридриха фон Дица, Бартелеми д'Эрбело де Моленвиль, Иоганна Вольфганга фон Гёте, Амабля Журдена.

Так, к примеру, книга «Персия, или Описание управления, верований и литературы этой империи» («La Perse ou Tableau de gouvernement, de la religion et de la littérature de cet empire», 1814) А. Журдена[*] содержит множество сведений: относительно государственного управления, религии и литературы, описаний местности и городов, различного рода достопримечательностей. В эту работу включены сведения о жизни и творчестве персидско-таджикских классиков (Фирдоуси, Анвари, Аттара, Саади, Руми, Дихлави, Хафиза, Джами), о жанрах поэзии (касыде, газели, маснави), переводы на французский язык персидско-таджикской классики (приложение 1).

Литературоведческий материал, способствовавший пропаганде персидско-таджикской литературы, был выборочно переведен на русский язык и опубликован в журнале «Вестник Европы» в 1815 году под названием «О языке Персидском и словесности». В статье «О языке Персидском и словесности» подробно рассматриваются жанры восточной поэзии. Так, о касыде и газели сказано: «…мне кажется, что их Поемы получают разные названия не столько по слогу каким он написан, не столько по чувствованиям которыя в них изображаются, сколько по мере, порядку и числу стихов» [1, с.38-39]. Так, касыда («кассидег») объединила, по мнению французского исследователя, оду, идиллию и элегию. Подобно оде «…прославляет подвиги, удовольствия любви, прелести красоты, и притом с восторгом, свойственным сему роду Поэзии» [1, с.39]; как и в идиллии, «…в сельских описаниях обыкновенно изображает чувствования тихия и красоты природы» [1, с.39]; выражение горести и сожаления приближают к элегии. Журден определил объем касыды – не менее двенадцати и не более сотни двустиший: «Обыкновенно начинают его двумя или тремя двустишиями, составленными из однозвучных полустиший» [1, с.39]. Газель исследователь сравнивает с одой и песней; объем «не может быть менее пяти двустиший и более тринадцати». Рассматривая газель, Журден сопоставляет ее с

[*] Амабль Луи Мария Мишель Журден (фр. *Amable Jourdain*, 1788 -1818) - французский востоковед

касыдой: «…в последнем стихотворец должен, не уклоняясь от своего предмета, наблюдать строгий порядок в предложении мыслей; между тем как в Газели каждое двустишие составляет смысл полной; в нем можно переходить от одного предмета к другому, изображать мысли отдельно одну от другой» [1, с.119]. Роднит газель с одой, считает Журден, безграничность воображения, которая составляет главную красоту жанра.

В разделе «Изящная словесность» для любителей восточной литературы опубликованы произведения персидско-таджикской литературы, переведенные на русский язык. Неизвестный переводчик перевел с французского языка некоторые произведения из исследования по Персии А. Журдена. Переводы были представлены читателям в прозаической форме.

Опубликованные в «Вестнике Европы» «Отрывки Персидской поэзии» позволяют определить своеобразие переводов из восточных литератур. В данном случае отметим, что французский перевод явился посредником, и считаем, что русский переводчик дословно перевел французский текст на русский язык.

С целью выявления особенностей переводов, опираясь на подстрочные переводы, обратимся к оригиналу газели Хафиза (приложение 3) и подстрочным переводам. Для анализа выбрана первая газель Хафиза на французском языке (перевод из книги Журдена, приложение 1), переведенная на русский.

Je presse la rose sur mon sein; ma main tient un vin délicieux; mon amie se rend à mes désirs: monarque du monde, tu es aujourd'hui mon es clave!

Qu'aucun flambeau n'éclaire les scènes de la nuit; la lune du visage de ma bien-aimée n'est-elle pas dans son plein?

Qu'aucun parfum ne brûle dans la salle du festin; à chaque instant une odeur délicieuse s'échappe des boucles de sachevelure.

Ne me parle ni de la douceur du musc, ni de celle du miel; je ne veux que le nectar que je puise sur des lèvressuaves.

Dans notre doctrine, le vin nous est permis; mais, sans ta présence, ô rose delicate! il nous estdéfendu.

Lorsque le chagrin de ton absence remplit mon cœur désespéré, alors je me retire dans le fond de ma cellule.

Que me parles-tu de réputation: a-t-elle aucun prix pour moi? A quoi bon m'entretenir d'un nom dont je ne fais aucun cas?

Mon Oreille n'est attentive qu'aux sons de la flûte , à l'harmonie de la harpe: mes yeux ne s'attachent qu'au rubis de tes lèvres , qu'à la coupe qui circule.

Lassif, ivre d'amour, pétulant, j'aime le vin, dis-tu;

Mais quel homme en cette ville est autre que moi?

Ne révéle point nos goûts au chef du quartier;

Comme nous il persevere dans l'amour du bon vin.

Hafiz! Ne reste jamais un instant sans une coupe et une maîtresse ; car nous sommes dans la saison des roses, du vin et du printemps [5, с.230-232].

А так звучат строки в оригинале газели:

1. Гул дар бару май дар кафу маъшуқ ба ком аст,
2. Султони ҷаҳонам ба чунин рӯз ғулом аст.
3. Гӯ, шамъ маёрад дар ин ҷамъ, ки имшаб
4. Дар маҷлиси мо моҳи рухи дӯст тамом аст.
5. Дар мазҳаби мо бода ҳалол аст, валекин
6. Бе рӯи ту, эй сарви гуландом, ҳаром аст.
7. Гӯшам ҳама бар қавли наю нағмаи чанг аст,
8. Чашмам ҳама бар лаъли лабу гардиши ҷом аст.
9. Дар маҷлиси мо атр маёмез, ки моро
10. Ҳар лаҳза зи гесуи ту хушбӯй машом аст.
11. Аз чошнии қанд магӯ ҳеҷу зи шаккар
12. З-он рӯ, ки маро аз лаби ширини ту ком аст.
13. То ганҷи ғамат дар дили вайрона муқим аст,
14. Ҳамвора маро кӯи харобот мақом аст.
15. Аз нанг чӣ гӯӣ, ки маро ном зи нанг аст
16. В-аз ном чӣ пурсӣ, ки маро нанг зи ном аст.
17. Майхораву саргаштаву риндему назарбоз,
18. В-он кас, ки чу мо нест дар ин шаҳр, кадом аст?
19. Бо мӯҳтасибам айб магӯед, ки ӯ низ
20. Пайваста чу мо дар талаби айши мудом аст.
21. Ҳофиз, манишин бе маю маъшуқ замоне,
22. К-айёми гулу ёсуману иди сиём аст [4, с. 84].

Газель Хафиза состоит из 22 бейтов, адекватен ему по объему и содержанию подстрочный перевод, выполненный одним из авторов этой статьи:

1. Роза в объятиях моих, кубок вина в руке, имя любимой на устах,

2. Рабом такого дня счастливого готов стать и султан вселенной. Русский переводчик «Вестника Европы»[†] сохранил звучание первых бейтов (акцентируем внимание на том, что перевод Журдена и русский перевод в журнале редставлен в прозаической форме; французский исследователь-ориенталист (вслед за ним и русский переводчик) представили газель в 11 предложениях, объединив два бейта в одну законченную мысль):

I. Прижимаю розу к груди своей; рука держит чашу вина сладкаго; моя возлюбленная внемлет моим желаниям: владыки мира! вы теперь раб предо мною [2, с.173].

Подстрочный перевод оригинала газели Хафиза Шерази:

3. Скажи, пусть не приносят свечу этой ночью на наше пиршество,

4. Ведь оно достаточно озарено свечением луны лица возлюбленной

(друга).

Далее разрешаемая переводчику интерпретация с сохранением смыслового значения строк (в оригинале свеча и пиршество, свет луны лица сменилось при переводе на светило и ночную картину встречи с возлюбленной, взор уподоблен свету луны):

II. Никакое светило да не озаряет ночной картины; разве луна взора моей возлюбленной не сияет полным блеском? [2, с.173].

В подстрочнике:

5. В нашей религии вино не скверна (халял), однако

6. Без твоего лица, о розоволикий кипарис, оно становится скверным (харом).

Переводчик сознательно пошёл на трансформацию мысли и поменял местами бейты, создал восклицательное предложение, зная, что жанр газели дает такую возможность (с 3 предложения поместив на 5).

V. Учение наше не запрещает употребления вина; но можно ли пить его без тебя, о нежная роза!

В подстрочнике оригинала:

7. Мой слух всецело пленён напевами ная и лютня[‡],

8. Глаза мои прикованы к рубинам губ и вращению кубка из рук в руки.

[†] Работа с французским текстом и перевод преподавателя РТСУ Вахидовой Рухшоны Абдушукуровны. Подстрочный перевод французского текста говорит об аналогии переводов:

(Я) Прижимаю розу к (моей) груди; моя рука держит [чашу] отменного (превосходного, дивного) вина; моя подруга уступила моим желаниям: владыка мира, ты раб мой сегодня!

Пусть ни один факел не освещает сцены ночи (картины ночи); разве не достаточно луноликого лица моей возлюбленной?

Пусть никакое (ни одно) благовоние не горит в зале для пиров (не нужно никакого благовония в зале для пиров); ее кудри источают чудесный (восхитительный) аромат каждое мгновение.

Не говори мне ни о сладости мускуса, ни о сладости мёда; я желаю лишь нектар, который я вкушаю со сладких губ (я желаю лишь вкушать сладость ее губ).

В нашем учении вино нам разрешено; но без тебя (без твоего присутствия), о нежная роза, оно запрещено.

Когда печаль из-за твоего отсутствия наполняет мое отчаявшееся сердце, тогда я удаляюсь (укрываюсь, скрываюсь) в глубине своей кельи.

Что говоришь ты мне о моем добром имени (репутации, славе): имеет ли оно для меня какое-нибудь значение? Для чего (зачем, что толку) мне поддерживать имя (репутацию), которым я совсем не дорожу (которому не придаю значения)?

Мой слух чуток лишь к звукам флейты, к гармонии (благозвучию) арфы: мои глаза прикованы лишь к рубинам твоих губ, к кубку, который переходит из рук в руки.

Сладострастный (чувственный), опьяненный любовью, стремительный (живой, бойкий), я люблю вино, скажешь ты;

Но кто (какой человек) в этом городе отличается от меня;

Не раскрывай наши вкусы (склонности, пристрастия) начальнику;

Как и мы, он упорствует в своей любви к хорошему вину.

Хафиз! Никогда не проживай и мига без чаши (кубка) и возлюбленной; ибо сейчас пора (время) роз, вина и весны.

[‡] Най – флейта, лютня (чанг) – музыкальный щипковый инструмент.

При переводе произошли незначительные замены строк местами, восточным музыкальным инструментам «най и лютня» подобраны знакомые европейцу эквиваленты «флейта и арфа»:

VIII Мой слух любит внимать только звукам флейты, только согласным тонам арфы; глаза мои всегда прикованы к рубинам губ твоих [2, 174].

Подстрочник оригинала говорит о благовониях и аромате локонов:

9. На нашем пиршестве ты благовоний не расплёскивай, ведь на нас

10. Каждое мгновение веет запахом ароматов твоих локонов.

При переводе эта мысль сохранена, но уточнено, что на Востоке благовониями обливаются, для европейца же более знакомо обдымление или окуривание:

III. Да не курится никакое благовоние во храмине пиршеств; каждую минуту от локонов ея волос несется запах приятный,

В. подстрочном переводе текста оригинала развивается мысль о сладости и жажде поцелуев:

11. Не упоминай о медовом вкусе и сладости сахара,

12. Ведь для меня нет ничего желанней сладостей твоих губ.

Переводчики «медовый вкус» и «сладость сахара» объединили в «сладость мёда» и связали поцелуй с «благоуханием мускуса». Творческое воображение не ограничилось им: радость лобзаний подобно нектару – напитку богов, которая даёт бессмертие и вечную юность.

IV. Не говори мне ни о благоухании мускуса, ни о сладости меда; я люблю один нектар, который пью из алых уст ея [2, с. 174].

Далее по подстрочнику:

13. До тех пор пока сокровищница печали твоей находится в разрушенной обители сердца моего,

14. Постоянно меня влечёт быть в винном погребе.

Оригинальные строки Хафиза – «сокровищница печали» возлюбленной «разрушает обитель сердца» - предстали у Журдена и русского переводчика «скорбью отсутствия» и «растерзанным сердцем». Обретение Хафизом покоя от мук любви в «винном погребе» интерпретированы при переводе стремлением к богу (подстрочник французского текста упоминает келью).

VI. Когда скорбию о твоем отсутствии наполняется мое растерзанное сердце, тогда удаляюсь в глубину своей храмины [2, с.174].

15-16 бейт можно перефразировать следующим образом: Хафиз виртуозно обыграл значение своего имени, сопоставляя его с лексемой совесть.

В первом бейте поэт вопрошает, обращаясь к тем, кто взывает его к совести. Парируя тем, что нет такой необходимости, так как одно из значений слова «хафиз» имени поэта обозначает «защита», то есть он стоит на страже совести. Во втором бейте поэт возмущается: зачем спрашивать об имени моём, когда суть имени есть совесть.

15. К чему взывать к совести, когда моё имя состоит из совести,

16. И зачем спрашивать об имени моём, суть имени моего совесть.

Переводчики, исходя из представления об имени, связанном со славой (т.е. прославлять свое имя), содержание предложения построили на этом. Поэтому нет логический связи, допущены слова, которых нет в оригинале (пользы, прельщать).

VII. Не говори мне о славе: какая от нее польза? Что мне в имени, в котором и не прельщаюсь? [2, с.174]

В строках оригинала герой представлен почитателем любви, дружбы и вина, и это общая черта, присущая людям:

17. Любители вина мы, весельчаки и гуляки,

18. Но скажи, есть ли в этом городе человек не такой, как мы?

Что и отразилось при переводах:

IX. Ты говоришь, что я пресыщаюсь любовию, забавляюсь вином; но кто в городе на меня не походит? [2, с.174].

Герой газели призывает не обвинять хранителей веры и порядка в нарушениях норм поведения, поскольку и он любит веселье:

19. Не обвиняйте хранителя порядка, ибо и он

20. Постоянно, как и мы, находится в поисках беспрерывного

веселого времяпровождения.

Переводчики изменили смысл призыва – бесполезно обращаться к стражам благочестия, они также подвержены стремлению к вину:

X. Не открывай моих слабостей блюстителю порядка и благочестия; он и сам любит вино хорошее [2, с.174].

В оригинале завершает газель призыв к вину и любви, что является праздником весны и цветения жасмина, символизируя вечную молодость:

21. Хафиз, не проводи ни мгновения без вина и возлюбленной,

22. Ведь сейчас время цветения жасмина и праздника весны.

Переводчики акцентировали внимание на удовольствиях жизни - розы, вино и весна:

XI. Гафиз! не теряй ни одной минуты без удовольствий: теперь время роз, вина и весны [2, с.175].

Таким образом, сопоставление подстрочников оригинала Хафиза и перевода неизвестного переводчика с французского языка на русский позволяет выявить некоторые особенности перевода персидско-таджикской классики на европейские языки. Первоначально русская литература знакомилась с достижениями восточной классики через переводы на европейские языки. Чаще всего перевод был представлен в подстрочнике, лирика переводились в прозаической форме. При этом переводчик передавал смысловое содержание произведения, и не шла речь о передаче ритмико-рифмических особенностей. Для лучшего восприятия художественного текста вводятся изменения, подбираются аналогии.

Спорным будет рассуждения о восприятии и сохранении при переводе на европейские языки суфийских мотивов, учитывая степень развития переводоведения и знаний о персидско-таджикской классике российского литературоведения конца XVIII - начала XIX вв.

Эти замечания говорят о необходимости филологического перевода. Ведь первая попытка подобного рода – это «Западно-Восточный диван» В.И. Гете. Этот труд дал возможность европейскому читателю познакомиться с историей и культурой персов, лучшими представителями персидско-таджикской поэзии. «Пояснения и толкования к «Западно-Восточному дивану» И.В. Гёте необходимы для лучшего восприятия Востока и его литературы. Ведь Двенадцать книг «Западно-Восточного дивана» Гете составляют 130 страниц, а комментариям «для лучшего уразумения» писатель посвятил более 210 страниц.

Из сопоставительного анализа можно прийти к выводу, что филологический перевод можно назвать и прозаическим, педантичным и детальным, нацеленным на передачу всех тонкостей и нюансов текста оригинала. Когда главное вжиться в образ автора, его чувства и мысли и суметь передать это подобными словами и образами на родном языке.

Не просто воспроизводить внешнее содержание фразы за фразой, а стремиться сохранить биение жизни и духа, присущее оригиналу. Пришло время, когда обаяние и очарование, глубина мысли и чувств, красоту и многозначность образов персидско-таджикской поэзии наряду с прекрасными художественными переводами необходимо передать посредством филологических переводов.

Приложение 1.

II.

Jeune homme, verse du vin dans ma coupe; car déjà le calice de la tulipe est rempli de la couleur éclatante de cette liqueur. A quoi servent tous tes discours frivoles? Quand mettras-tu fin à tes paroles insensées? Laisse-là cette fierté et ces superbe dédains: souviens-toi que le temps a vu se flétrir la robe brillante des Césars, et la couronne des monarques Kaïaniens tomber en poussière. Le souffle du zephyr t'avertit du peu de durée de la jeunesse. Verse-moi, jeune homme, cette potion salutaire qui guérit les chagrins de l'ame. Il ne faut pas se fier aux caresses trompeuses du temps et à ses attraits séducteurs: Malheur à celui qui n'est pas en garde contre sa malice. Donne-moi, au nom de Hatem-Tai[§], donne-moi une coupe de cette liqueur, afin que nous n'attirions pas sur nous les justes reproches dus à l'avarice. Engage tous les dons de la fortune, pour te procurer le jus de la vigne. L'homme rigide et austère a-t-illaissé quelque chose après lui?

O Hafiz! Tes vers, quoiqu'écrits en langue persane, sont répandus depuis l'Egypte et la Syrie, jusqu'à l'empire des Grecs [5, c.232-234].

III.

Deux tenders amis et deux verres d'un vin vieux, une paisible oisiveté, un livre et l'ombre d'un bocage, ce sont des biens que je ne sacrifierais pas pour tout le bonheur de ce monde et de l'autre, quand tous les homes tomberaient à mes pieds pour m'engager à y renoncer. Quiconque sacrifié le Bonheur d'une jouissance paisible et sans ambition aux biens de la fortune, est un insensé qui vend Joseph pour le prix le plus vil. Au jour du malheur, il faut triompher du soucis avec une coupe pleine de vin; car il n'est personne en qui l'on puisse mettre sa confiance. Au milieu du tourbillon des vents qui se combattent dans ce parterre, on ne peut distinguer la rose d'avec le jasmin. Viens avec moi: ni ton austere piété, ni mon libertinage, ne changeront rien au sort de cet univers. Aie patience, ô mon coeur! le maître du monde n'abandonnera pas cette pierre prêcieuse aux mains destructives de l'auteur de tout mal: le monde est corrompu, son temperament est ruiné.

[§]Arabe célèbre pour sa générosité.

O Hafiz! Que peut, en ce malheur, la prudence du médecin le plus sage , et les avis du plus rigide Brahmina! [5, с. 234-236].

Подстрочные переводы французского текста А.Журдена

II

Юноша, налей вина в мою чашу; ибо чашечка тюльпана уже наполнена ярким цветом этой жидкости. К чему все твои пустые (легкомысленные, несерьезные) разговоры? Когда ты прекратишь [говорить] (покончишь с) свои бессмысленные слова? Оставь эту гордость и высокомерие: вспомни, время было свидетелем тому, как поблёкло блестящее одеяние Цезаря, и как корона Каинянских царей рассыпалась в прах. Дуновение зефира (ветерка) предупредит тебя о скоротечности юности. Налей мне, юноша, эту целительную (спасительную) микстуру, которая исцеляет (залечивает) печали души. Не стоит полагаться на обманчивые ласки времени и на его соблазнительные прелести (привлекательность): горе тому, кто не остерегается (не готов) его хитрости (лукавства). Дай мне, во имя Хатама-Тая[**], дай мне чашу этой жидкости, чтобы мы не навлекли на себя справедливые упреки в скупости. Используй (потрать) все дары судьбы (фортуны), чтобы добыть себе вино. Жёсткий (строгий) и суровый человек, оставил ли он после себя что-нибудь?

О, Хафиз! Твои стихи, пусть они и написаны на персидском языке, широко известны [всюду] (распространены) от Египта и Сирии до Империи греков.

III

Два нежных друга и два бокала старого вина, безмятежная праздность, книга и тень рощи, это те блага (ценности), которыми я не пожертвую ни за какое счастье этого и другого мира, даже если бы все люди упали мне в ноги, чтобы уговорить (склонить) меня отказаться от них. Любой, кто жертвует счастьем безмятежного и бескорыстного наслаждения ради богатств фортуны (материальных благ), является тем безумцем, который продает Юсуфа (Иосифа) за самую ничтожную цену. В день Несчастья (в день бедствия) следует преодолеть (одержать победу, взять верх) над заботами чашей (кубком), полной вина; ибо нет никого, кому можно было бы довериться (на кого можно было бы положиться). Посреди вихря, который поднялся в этом цветнике (В круговороте ветров, которые сталкиваются в этом цветнике), нельзя отличить розу от жасмина. Идем со мной: ни твое суровое благочестие, ни мое распутство ничего не изменят в судьбе этого мира. Имей терпение, о мое сердце! Владыка мира не оставит этот драгоценный камень в губительных (разрушительных) руках автора (создателя) всего плохого: мир извращен, его строй (природа) разрушен.

О Хафиз! что может в этом несчастии осторожность самого мудрого врача и предупреждения самого строгого (непреклонного, твердого, жесткого) брамина.

Приложение 2. Журден А. Отрывки Персидской поэзии.

II

Юноша! Наполни вином кубок мой; ибо чашечка тюльпана блистает цветом сей жидкости. – Что мне в твоих разсуждениях? когда ты окончишь безрассудные свои умствования? Оставь ету гордость, ето надменное самолюбие; вспомни, что время было свидетелем изменения блестящей одежды царей, и что венец Монархов Каянианских лежит во прахе. Дыхание зефира говорит тебе о краткости жизни. Налей мне, юноша, целебного напитка, врачующаго горести душевныя! Горе тому, кто безпечно вверяется обманчивым ласкам и обольщениям времени, кто не старается предохранить себя от его злости! – Именем Хатем-Тая[††] умоляю тебя дать мне кубок етой влаги; избежим оба строгих упреков в скупости. Отдай в залог свое имущество, все дары фортуны, и запасись виноградным соком. Оставлял ли что нибудь после смерти своей человек строгой и суровой?

О Гафиз! стихи твои, хотя они написаны на языке Персидском, распространились от Египта и Сирии да царства Греческаго» [2, с.175-176].

III

Два нежных друга, две чаши вина старого, мирная безпечность, книга и тень древесная – вот блага, которых я не отдам ни за какое благополучие настоящей и будущей жизни, хотя бы целый мир упал к ногам моим и умолял мебня отказаться от оных. Жертвующий мирною радостью благам фортуны есть глупец, продающий Иосифа за цену ничтожную. Во дни злополучия должно побеждать горести чашею вина светлаго; обо на кого можно надеяться? Среди вихрей, сражающихся в цветнике, кто отличит розу от жасмина. Следуй мне, ни твое суровое благочестие, ни мое легкомыслие, увы! не переменят судьбы вселенной. Укрепись терпением, сердце моё! Владыка небесный не предаст сего драгоценного камня в руки

[**] Араб, известный своим великодушием (своей щедростью)

[††] Араб, знаменитый своею щедростью (прим. Журдена).

виновника зла и горестей: мир повредился, о Гафиз! поможет ли в таком злополучии мудрость врача опытного и советы суроваго Брамина? [2, с.176].

Приложение 3.

Соқӣ, биё, ки шуд қадаҳи лола пур зи май,
Томот то ба чанду хурофот то ба кай?
Бигзар зи кибру ноз, ки дидаст рӯзгор
Чини қабои Қайсару тарфи кулоҳи Кай.
Ҳушёр шав, ки мурғи чаман маст гашт, ҳон!
Бедор шав, ки хоби адам дар пай аст, ҳай.
Хуш нозукона мечамӣ, эй шохи навбаҳор,
К-ошуфтагӣ мабодат аз ошӯби боди дай!
Бар меҳри чарху шеваи ӯ эътимод нест,
Эй вой бар касе, ки шуд эмин зи макри вай!
Фардо шароби кавсару ҳур аз барои мост
В-имрӯз низ соқии маҳрӯву ҷоми май!
Боди сабо зи аҳди сибо ёд медиҳад,
Ҷондоруе, ки ғам бибарад, дардеҳ, эй субай.
Ҳашмат мабину салтанати гул, ки биспурад
Фарроши бод ҳар варақашро ба зери пай.
Дардеҳ ба ёди Ҳотами Тай ҷоми якманӣ,
То номаи сиёҳи бахилон кунем тай!
З-он май, ки дод хусну латофат ба арғавон,
Берун фиганд лутфи мизоҷ аз рухаш ба хай.
Маснад ба боғ бар, ки ба хидмат чу бандагон
Истодааст сарву камар баста аст най.
Ҳофиз, ҳадиси сеҳрфиреби хушат расид
То ҳадди Мисру Чину ба атрофии Руму Рай [4, с.517].

Подстрочный перевод[‡‡] оригинала:

Приди, о кравчий, ведь кубок тюльпана наполнился вином,
До коих пор слушать словоблудие и суеверие?
Оставь чванство и жеманство, ведь в жизни мы видели
Даже складки нарядов Кесаря и надломы короны Кая[§§].
Будь бдителен, ибо птица в цветнике опьянела, остерегайся.
Проснись, ведь грядет сон вечности, эй!
Как грациозно ты покачиваешься, о молодой весенний побег,
Не довелось бы тебе испытать колючий зимний ветер!
Нет доверия любви жизни и её обещаниям,
О горе тому, кто успокоился и забыл о его коварстве!
В день завтрашний вино из райского источника[***] и гурии предназначены нам,
Как сегодня луноликий кравчий и кубок с вином!
Утренний ветерок, воскрешает в памяти детство,
О, дай же мне, господь, лекарство жизни, стирающее печаль,
Не кичись своим величием и цветением розы, ибо
Метельщик ветра сметает каждый её лепесток к ногам.
Дай в память о Хатаме-Тае мне кубок ты бездонный,
Чтобы злые письма завистников стали безвредными!
От того вина, что придало красоту и нежность цветку,
Росинками пота покрывается её лицо от целомудренности.
Перенеси свой трон в цветник, ведь подобно рабам, готовым служить,
Стоит смиренно кипарис и тростник, повязав свой стан.
Хафиз, слава твоих чарующих волшебных речей,
Достигла границ Египта, Китая и окрестностей Византии и Рея[†††].

Газель Хафиза в оригинале:

Ду ёри зираку аз бодаи куҳан ду мане,
Фароғатеву китобеву гӯшаи чамане.
Ман ин мақом ба деньёву охират надиҳам,
Агарчи дар паям афтанд халқи анчумане.

[‡‡] Подстрочный перевод выполнен преподавателями РТСУ Р.Р. Раджабовой и А.С. Аминовым.
[§§] Кай – Кайкубод, Кайхусрав – имена царей.
[***] Имеется в виду «кавсар» - райский источник.
[†††] Рей – город в Иране.

Ҳар он, ки кунҷи қаноат ба ганҷи дуньё дод,
Фурӯхт Юсуфи Мисрӣ ба камтарин самане.
Биё, ки равнақи ин корхона кам нашавад
Ба зӯҳди ҳамчу туе ё ба фисқи ҳамчу мане.
Зи тундбоди ҳаводис наметавон дидан
Дар ин ҷаман, ки гуле будааст ё сумане.
Бибин дар оинаи ҷом нақшбандии ғайб,
Ки кас ба ёд надорад чунин аҷаб замане.
Аз ин самум, ки бар тарфи бӯстон бигузашт,
Аҷаб, ки бӯи гуле ҳасту ранге настаране.
Ба сабр кӯш ту, эй дил, ки хақ раҳо накунад.
Чунин азиз нигине ба дасти аҳрамане.
Мизоҷи даҳр табаҳ шуд дар ин бало, Ҳофиз,
Куҷост фикри ҳакимеву рои барҳамане? [4, с. 580].

Подстрочный перевод, выполненный А.С. Аминовым:

Два друга смышленных, два бочонка старого вина,
Покой, чтение книг в укромном уголке цветника.
Не променяю это состояние ни в этом, ни в других мирах,
Пусть будут просить меня все люди на земле, нагоняя страх.
Тот же, кто покой и удовлетворение на драгоценности мира променял,
Сродни тому, кто за цену ничтожную Иосифа Египетского[###] продал.
Явись же, чтоб не убавилось процветание в мастерской творца,
По вине целомудренного, как ты, или порочного как я.
По причине ураганных ветров событий времени
Невозможно узреть цветут ли жасмины или розы в этом цветнике.
Узорам подивись в зеркальном отражении, что наносит незримая рука,
Которых никто из людей не видел во все времена.
Как не удивляться тому, что в самуме, пронёсшимся через этот сад,
Буйство красок шиповника и цветущей розы аромат.
Стремись к терпимости, о сердце, ведь не выпустит творец,
Из рук своих столь драгоценный камень, не даст упасть в Ахримана ларец.
Здоровье вселенной подорвалось в пучине этих бед, Хафиз,
Куда девались мысли мудрецов, где советы Брахмина?

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Журден, А. О языке Персидском и словесности / А. Журден // Вестник Европы. – 81 часть. – № 9. – май 1815 г. – С. 28-38. – № 12. – июнь 1815 г. – С. 284-296. – 82 часть. – № 13. – июль 1815 г. – С.33-50. – № 14. – июль 1815 г. – С.109-120. – № 15. – август 1815 г. – С.168-174.
2. Журден, А. Отрывки Персидской поезии / А. Журден // Вестник Европы. – 81 часть. – № 10. – май 1815 г. – С. 89-99; – № 11. – июнь 1815 г. – С. 173-179; – № 12. – июнь 1815 г. – С. 257-270.
3. Хафиз. Сто семнадцать газелей. – М.: Наука, 1981. – 183 с.
4. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 669 с.
5. LA PERSE, OU TABLEAU DE L'HISTOIRE , DU GOUVERNEMENT, DE LA RELIGION, DE LA LITTÉRATURE, etc., DE CET EMPIRE; DES MŒURS ET COUTUMES DE SES HABITANS: Par Am. JOURDAIN. Ouvrage orné de Gravures, faites d'après des peintures persanes. TOME CINQUIÈME. A PARIS, CHEZ FERRA, LIBRAIRE, RUE DES GRANDS- AUGUSTINS, n° II; Et J.B. IMBERT, LIBRAIRE, BOULEVARD SAINT-MARTIN , n° 27. l8l4

ДАРКГАРДИДА ВА ДАРКНАГАРДИДА ДАР ТАРҶУМАҲОИ ҒАЗАЛҲОИ ҲОФИЗ

Мақола ба масоилҳои тарҷумаи ғазалҳои Ҳофиз ба забонҳои аврупоӣ ва дараҷаи дарки онҳо бахшида шудааст. Дар мақола ба таҳлили муқоисавӣ матни аслии ғазалҳои Ҳофиз, тарҷумаҳои А. Журден ва тарҷумони рус фаро гирифта шудаанд, ки ин имкон медиҳад бо туфайли муқоисаи сатр ба сатр, махсусиятҳои тарҷумаи ғазалҳои Ҳофиз ба забони франсавӣ ошкор карда шавад. А. Журден дидаву дониста ба хонанда ғазали Ҳофизро ба тарзи насрӣ пешниҳод намуда,ҳар як ду байтро ба як ҷумла муттаҳид намудааст. аЯъне, А. Журден дидаву дониста ба шакливазкунии андеша ҳангоми тарҷума роҳ дода, ҷойи байтҳоро иваз менамояд ва медонад, ки жанри ғазал чунин имконият фароҳам меорад. Тарҷумон аз диди худ матнро таъбир намуда, маънии онро нигоҳ медорад ва бо ин метавон шарҳ дод, ки қисмати муайяни матн аз ҷониби тарҷумон дарк нагардидааст ва хеле аз сарбории маъноии калимаҳо ва ибораҳои матни аслӣ дурр гардидааст. Дар баробари ин, саъю кӯшиши тарҷумон ба назар мерасад, ки барои дарки беҳтари матни бадеӣ тағйиротҳо ворид намуда, шабоҳатҳоро интихоб менамояд. Инчунин хатогиҳо низ ба назар мерасад, ки ин оиди як қатор талаботҳо нисбати худи тарҷумон шаҳодат медиҳад, ки имрӯз ҳамдар рустои зарурияти муносибати филологӣ нисбати тарҷума мубрам арзёбӣ мегардад.

Калидвожаҳоа: робитаҳои адабии Россия ва Шарқ, масоили тарҷума, ғазалҳои Ҳофиз, А. Журден «Порчаҳои Назми порсӣ».

[###] Иосифа Прекрасного.

ПОЗНАННОЕ И НЕПОЗНАННОЕ В ПЕРЕВОДАХ ГАЗЕЛЕЙ ХАФИЗА

Статья посвящена проблемам перевода газелей Хафиза на европейские языки и степени их восприятия. В работе сопоставительному анализу подвергаются текст оригинала газели Хафиза Шерази, переводы А. Журдена и русского переводчика, что позволяет, благодаря сравнению подстрочников, выявить особенности перевода на французский язык газелей Хафиза. А. Журден сознательно представил читателю газель Хафиза в прозаическом переложении, объединив каждые два бейта в одно предложение. Иначе говоря, А. Журден сознательно идет на трансформацию мысли при переводе и меняет местами бейты (строки), зная, что жанр газели дает такую возможность. Переводчик по-своему интерпретирует текст, сохраняя смысловое значение и этим можно объяснить то, что определенная часть текста не воспринята переводчиком, ибо он заметно отдалился от смысловой нагрузки слов и словосочетаний оригинала. Вместе с тем, заметны старания переводчика, который для лучшего восприятия художественного текста вводит изменения, подбирает аналогии. Но заметны и ошибки, что говорит о ряде требований к самому переводчику и, что актуально и сейчас, необходимости филологического подхода к переводу.

Ключевые слова: русско-восточные литературные связи, проблема перевода, газели Хафиза, А. Журден «Отрывки Персидской поэзии».

RECOGNIZED AND UNDEFINED IN THE TRANSLATION OF HAFIZ SHIRAZI'S GHAZALS

The article is devoted to the problems of translating ghazals of Hafiz into European languages and the degree of their perception. The text of the original ghazals of Hafiz Shirazi, the translation of A. Jourdain and the Russian translator is subjected to a comparative analysis, which makes it possible, thanks to a comparison of the interlinear, to reveal the peculiarities of the translation of the ghazals of into French. A. Jourdain deliberately presented the reader with a gazelle Hafiz in prose transcription, combining every two bytes into one sentence. In other words, A.Jourdain deliberately goes to the transformation of thought during translation and swaps the bytes (lines), knowing that the ghazal genre provides such an opportunity. The translator interprets the text in its own way, retaining its meaning, and this can explain the fact that a certain part of the text is not perceived by the translator, because it has become noticeably distant from the meaning of fame and word combinations. At the same time, the efforts of the translator are noticeable, which, for better perception of the artistic text, introduces changes and selects analogues. But errors are noticeable, which indicate a number of requirements for the translator himself and, which is relevant even now, the need for a philological approach to translation.

Key words: Russian-eastern literary connections; translation problem; Hafiz ghazals; A. Zhurdain "Fragments of Persian poetry."

Сведения об авторах: ***Рахманов Бахтиер Рузикулович*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры мировой литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. М.Турсунзаде 30. E-mail: **rbrregar@mail.ru**. Тел.: **(+992) 446-20-42-10**
Аминов Азим Садыкович - Российско-Таджикский (славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры мировой литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. М.Турсунзаде 30. Тел.: **(+992) 446-20-42-10**

Information about the authors: ***Rakhmanov Bakhtiyor Ruzikulovich*** **-** Russian-Tajik (Slavonic) University, Candidate of philological sciences, associate professor of the chair of world literature. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, M.Tursunzoda 30. E-mail: **rbrregar@mail.ru.** Tel.: **(+992) 446-204-210**
Aminov Azim Sadykovich **-** Russian-Tajik (Slavonic) University, Candidate of philological sciences, associate professor of the chair of world literature. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, M.Tursunzoda 30.
Tel.: **(+992) 446-204-210**

УДК:891.550:82

ҒАФУР МУЛЛО ВА МЕРОСИ АДАБИИ Ӯ

Раҳмонов М.Б.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Қайд кардан бамаврид аст, ки то имрӯз оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ғафур Мулло ягон таҳқиқоте ба таври пурра рӯйи кор наомадааст. Аз ин рӯ, лозим донистем, ки хонандаи закиро оид ба ҳаёт ва эҷодиёти шоири н чандон машҳур, вале боистеъдоди тоҷик, яке аз намояндагони сермаҳсули доираҳои адабии Кӯлоб ва Вахшонзамин дар солҳои 40 –ум то 90-уми асри гузашта, шоир, омӯзгор ва рӯзноманигори ҳақиқатгуфтор - Ғафур Мулло ошно намоем.

Ҳарчанд ки дар сарчашмаҳои мавриди назар: «Хуршедҳои гумшуда» [1, с.21], «Навниҳолони боғи адабиёт» (маҷмӯаи шеърҳо) [3, с.46-48], «Писандидаи мардум» [10, с.4], «Энсиклопедияи Кӯлоб» [9, с.55], «Бохтар – дурахши ситораи нав» [8, с.64 - 65] ва «Адибони Тоҷикистон» [7, с.137] роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ғафур Мулло ба таври бояду шояд маълумот дода бошанд ҳам, вале дар миёни гуфтаҳои муаллифони ин осор роҷеъ ба зиндагиномаи Ғафур Мулло ва махсусан ҷойи таваллуду вафоти шоир маълумоти саҳеҳ дода нашудааст. Масалан, муҳаққиқи эронӣ – Алиризои Қазва дар асари худ «Хуршедҳои гумшуда» оид ба ҷойи таваллуду вафоти Ғафур Мулло чунин нигоштааст: «Ғафур Мулло соли 1922 дар ноҳияи Муъминободи Кӯлоб таваллуд шуда ва соли 1992 дар шаҳри Қӯрғотеппа (Бохтари имрӯза) аз дунё гузаштааст» [1, с.21].

Бар хилофи нигоштаҳои муҳаққиқи эронӣ – Алиризои Қазва Ҳасани Муродиён дар мақолаи худ «Ба ӯ зиндагӣ кард моиндарӣ…» чунин мегӯяд: «Шоир (Ғафур Мулло - М. Р.)

на дар ноҳияи Муъминободи Кӯлоб, балки дар деҳаи Мулёби ноҳияи Шӯрообод (нохияи ба номи Шамсиддини Шоҳин) ба дунё омадааст. Вафоташ низ на дар шаҳри Қӯрғонтеппа (Бохтари кунунӣ), балки дар деҳаи Виёни ноҳияи Бохтар (ноҳияи Кӯшониёни ҳозира) иттифоқ афтодааст» [11, с.20]. Вале дар мусаввадаи тарҷумаи ҳоли шоир, ки 10-уми январи соли 1967, шояд барои ба коре қабул шудани шоир бошад, ки бо дастхатти худи ӯ дар ин нусха ба таври аниқу дақиқ чунин қайд шудааст: «Ман – Ғафур Мулло 8-уми марти соли 1922 дар собиқ ноҳияи Даштиҷум (ҳудуди ноҳияи Шамсиддини Шоҳини имрӯза – М.Р.) дар деҳшӯрои Ёли қишлоқи Амринг аз оилаи деҳқони камбағал таваллуд шуда, то соли 1929 дар тарбияи падару модарам будам…» [2].

Аз ин лиҳоз, дар асоси таҳлилу баррасӣ ва пажӯҳишу таҳқиқоти доманадор тавонистем, ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоири зиндаёд - Ғафур Муллоро ҳамаҷониба муайяну барқарор намоем.

Ғафур Мулло (Муллоев Ғафур) 8-уми марти соли 1922 дар деҳаи Амринги ҷамоати деҳшӯрои Ёли собиқ ноҳияи Даштиҷум (ҳудуди ҳозираи ноҳияи ба номи Шамсиддини Шоҳин) - и вилояти Хатлон дар оилаи деҳқони камбағал, вале бомаърифат ба дунё омадааст. Падари Ғафур Мулло бо бародари худ Мурод, яъне амаки Ғафур, ки ҳарду писарони бобои Маҷид будаанд, дар деҳаи Амринг ба кори зироаткорию боғдорӣ шуғл варзида, бо ҳамин роҳ ризқу рӯзии худро пайдо карда, бори зиндагии худро мекашидаанд. Баъди ба воя расидани фарзандон бобои Маҷид дар фикри хонадор кардани писаронаш мешавад ва онҳо бо духтарони дӯсту рафиқи худ – Назри Назримад, ки яке аз мардони хоксору бомаърифати деҳа дониста мешуд, издивоҷ мекунанд. Ин ду гулдухтар апаву хоҳар - Сайратбӣ ва Иноятмоҳ ном дошта, бисёр духтарони бофаҳму фаросат будаанд.

Зиндагии бобои Маҷид рӯз то рӯз ранги дигар мегирифт. Баъди тавлиди набераҳо боз ҳам шодию нишоти аҳли оила бештар мегардид. Ба ҳамин тариқ, Бобои Маҷид аз писари якумаш - Мурод соҳиби се набера ва аз писари дуюмаш - Мулло соҳиби як набера мегардад ва номи ҳамин писараки ягонаву хубрӯякро Ғафур мегузоранд. Аз байн солҳои зиёд мегузаранд ва ҳар яке аз писарони Бобои Маҷид бо дуою фотиҳаи ӯ ба зиндангии мустақилона оғоз мекунанд. Вале зиндагии писари дуюми ӯ Мулло, яъне падари Ғафур он қадар хуш намегузарад, чунки ба ҳамсари меҳрубони ӯ - Иноятмоҳ беморие ёр мешавад ва ин беморӣ солҳо ӯро азоб медиҳад. Охир, баъди бемории тӯлоние ҳамсари нозанини ӯ аз дунё мегузарад ва Ғафури 5- сола аз оғӯши гарми модар бенасиб мемонад. Падари Ғафур аз ин ҳодиса якбора рӯҳафтодаву нотавон мегардад. Хусусан, дидани аҳволи Ғафур, ки аз оғӯши гарми модар ҳанӯз сер нашудаву пазмони дидори ӯ буд, падар аз ин ҳол азоби рӯҳии зиёд мекашад. Ҳамин ранҷу заҳматҳои рӯҳӣ боис мегардад, ки баъд аз ду соли вафоти модари Ғафур падараш ҳам бемор шуда, аз дунё мегузарад. Оқибат Ғафури хурдсол дар синни 6-7- солагӣ ятими кулл мегардад. Аҳли оила сарҷамъ омада, оид ба тарбияи минбаъдаи Ғафур маслиҳат мекунанд ва дар охир амаки Муроду холаи Сайратбӣ, ки амаку холаи Ғафур буданд, ба хулосае омада, тарбияи минбаъдаи Ғафурро бар уҳдаи худ мегиранд. Дар ин хусус Ғафур Мулло дар мусаввадаи тарҷумаи ҳоли худ чунин нигоштааст: «То соли 1929 дар тарбияи падару модарам будам. Баъд аз вафоти падару модарам то соли 1937 дар тарбияи амаку холаам калон шудам» [2].

Шоир дар шеъри «Хаёли бачагӣ»- и худ он рӯзҳои талху сангини бачагиро, ки аз сар гузаронид, хусусан аз оғӯши гарми модар бенасиб мондану заҳри талхи ятимиро чашиданашро пеши назар оварда, чунин мегӯяд:

Дар шохи ниҳоли умри модар,
Чун ғурраи норасида будам.
Ногоҳ бишикаст шохи умраш,
Ман меваи наврасида будам…

Чун ашк зи чашми ғам фитодам
Бар рӯди замонаи хурӯшон,
Дар деҳа бимонд бачагиям,
Чун боди хаёли ман парешон…[4, с.128-129].

Вақте ки Ғафур 7-сола мешавад, амаку холааш ӯро ба мактаби ибтидоии деҳаи Амринг месупоранд. Аз ҳамин ҳангом дар шаҳодатномаи таваллуди Ғафур ба ӯ насаби Муллоевро, ки номи падари бузургвораш буд, мегузоранд. Ғафури чобуку хушзеҳн аз рӯзҳои аввали хониш ба омӯзиши илму дониш мароқ зоҳир мекунад. Ғафур мактаби ибтидоиро дар деҳаи Амринг ва идомаи таҳсилро дар мактаби деҳаи Порвор давом дода, бо як сари баланд ва интизоми намунавӣ мактаби миёнаро хатм мекунад.

Баъди хатми мактаби миёна Ғафур бо розигии пайвандон соли 1937 ҳуҷҷатҳояшро ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб месупорад ва ба ин омӯзишгоҳ бо сари баланд шомил мегардад. Омӯзишгоҳи омӯзгориро ҳам соли 1940 баъди се соли таҳсил бомуваффақият хатм мекунад. Ғафур Мулло аз аввал ба касби омӯзгорӣ дилбастагии зиёд

дошт ва баъди хатми омӯзишгоҳи мазкур ба зодгоҳи худ баргашта, дар деҳаҳои Ёлу Порвор, Мулёбу Амринг ҳамчун муаллими синфҳои ибтидоӣ ва дар баъзе аз ин мактабҳо ба ҳайси роҳбари мактаб низ кор мекунад: «Соли 1937 ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб дохил шуда, то соли 1940 дар ин омӯзишгоҳ таҳсил кардам, – мегӯяд, - шоир. Баъд аз хатми он ба собиқ ноҳияи Даштиҷум (ноҳияи ба номи Шамсиддини Шоҳини имрӯза) баргаштам ва дар он ҷо то соли 1945 муаллим ва қисман роҳбари мактаб шуда, кор кардам» [2].

Баҳри боз ҳам сайқал додани касбу таҷрибаи кории худ Ғафур Мулло соли 1945 ҳуҷҷатҳояшро ба Донишкадаи дусолаи муаллимтайёркунии шаҳри Кӯлоб месупорад ва мақбули ин даргоҳи илму адаб мегардад. Ғафур Мулло дар ин донишкада ҳам бо як завқу салиқаи баланд ба омӯзиши илм мепардозад. Фаъолияту кордонии ӯро роҳбарияти муассиса ба назар гирифта, роҳбарии кумитаи комсомолии донишкадаро бар зиммаи ӯ мегузоранд. Дар як муддати кӯтоҳ Ғафур дар байни ҳамкурсону устодон обрӯ ва эътибори баланд пайдо мекунад. Инчунин роҳбарияти донишкада фаъолияти намунавии Ғафур Муллоро ба назар гирифта, ӯро борҳо ба ифтихорномаву раҳматномаҳо, инчунин бо гирифтани нишонҳои сарисинагӣ қадршиносӣ кардааст, ки гуфтаҳои профессор Ҳасани Муродиён низ тасдиқкунандаи ҳамин даъвост [11, с.21]. Ғафур Мулло дар баробари омӯзиши зиёд ва машғул шудан ба корҳои ҷамъиятии донишкада, инчунин ба шеъру шоирӣ низ мепардозад: «Ҳангоми донишҷӯйӣ, - ба ёд меорад шоир, - дар дарси устод Муҳаммадҷон Шакурӣ шеър менавиштам, ки устод маро дида, дафтарамро гирифта хонд ва маро ба хонааш даъват намуд. Ба ман оид ба рисолати шеъру шоирӣ маслиҳатҳои судбахш дод. Шеърамро, ки ҳаҷвӣ буд, таҳрир намуда, ба рӯзномаи вилоятӣ барои чоп дод. Баъди чопи ин шеър маро устодону ҳамкурсон ва кулли донишҷӯён эҳтирому эътироф мекардагӣ шуданд» [11, с.22]. Ғафур Мулло Донишкадаи дусолаи муаллимтайёркунии шаҳри Кӯлобро ҳам соли 1947 бо сари баланд хатм мекунад.

Давраи дуюми фаъолияти кории Ғафур Мулло дар собиқ вилояти Кӯлоб аз соли 1949 оғоз ёфта, то соли 1955 давом мекунад. Ғафур Мулло кори муаллимиро аз мактаби № 2- и ба номи Ворошилови шаҳри Кӯлоб (ҳоло муассисаи таҳсилоти миёнаи № 42 ба номи Хуршед Қосимов) ҳамчун омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик оғоз мекунад. Дар ин мактаб Ғафур Муллоро на танҳо ҳамчун муаллими ҷавони қобилиятнок мешинохтанд, балки ӯро ҳамчун шоир низ эътироф мекарданд. Чунончи, Шоири халқии Тоҷикистон Ашӯр Сафар дар ин хусус гуфта буд: «Ҳангоме ки ӯ (Ғафур Мулло - М. Р.) дар мактаби миёнаи ба номи Ворошилови шаҳри Кӯлоб муаллими забон ва адабиёти тоҷик таъйин гардид, ӯро на танҳо ҳамчун муаллим, балки, пеш аз ҳама, чун шоир эҳтиромаш мекарданд» [3, с.47]. Ҳамин осудагию оромӣ ва муттаҳидии омӯзгорони ин мактаб боис гардид, ки дар мактаб пайваста маҳфилҳои илмию адабӣ гузаронида мешуд. Яке аз ин гуна маҳфилҳои фаъоли мактаб маҳфили забон ва адабиёти тоҷик буд, ки роҳбарии ин маҳфилро ду марди донишманд: яке Ғафур Мулло - муаллими забон ва адабиёти тоҷик, дигаре Мирзолатиф Раҳимзода - мудири қисми хоҷагии мактаб бар уҳда доштанд. Дар ин хусус дотсенти ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Қаюм Сангов, ки яке аз шогирдони фаъоли ҳамин маҳфил буд, чунин мегӯяд: «Ашӯр Сафар маҳз дар ҳамин давра ба таври ҷиддӣ ва мунтазам ба шеърнависӣ шурӯъ намуд. Бояд гуфт, ки муҳити маънавии онвақтаи мактаб ба кори ояндаи ин шоири умедбахш мусоидат кард, зеро ин ҷо ду марди ориф ва луғатдон яке Ғафур Мулло – муаллими забон ва адабиёти тоҷик, дигаре Мирзолатиф Раҳимзода – мудири қисми хоҷагӣ кор мекарданд. Бемуболиға метавон гуфт, ки дар он солҳо мактаби миёнаи №2 ба номи Ворошилов (ҳоло муассисаи таҳсилоти миёнаи № 42 ба номи Хуршед Қосимов) – и шаҳри Кӯлоб то андозае вазифаи имрӯзаи шуъбаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро адо мекард» [10, с.4].

Давраи сеюми фаъолияти кории Ғафур Мулло аз соли 1956 то соли 1968 дар ноҳияи Москва (ҳоло ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) ва ноҳияи Фархор мегузарад. Дар ин навоҳӣ низ шоир аз муаллимӣ сар карда, то ба ҳайси роҳбари мактаб кор мекунад. Ғафур Мулло дар баробари пешаи омӯзгорӣ дар ин навоҳӣ ба ҳайси мухбири махсуси рӯзномаи «Ҳаёти қишлоқ» - и ноҳияи Фархор низ кор кардааст ва солҳои 1965-1968 бо дархости раҳбарони ҳамонвақтаи ноҳияи Москва (ҳозира ноҳияи ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) аввалин сармуҳарририи рӯзномаи «Зафар»- и ноҳияро бар зиммаи худ мегирад. Вале фаъолияти кории Ғафур Мулло дар ноҳияҳои Ҳамадонию Фархор хуб намегузарад. Баъзе аз роҳбарони ҳасуду туҳматпеша, ки аз назари рӯзноманигори ҳақиқатнигору ҳақиқатгуфтор дур монда натавониста, аз ин рафтори шоир меҳаросиданд ва баҳри ҳимояи худ пайте меҷустанд, ки ҳарчи зудтар аз ҳақиқатгӯйиву ҳақиқатнигории Ғафур Мулло барин марди ҷасур, ватандӯсту ватанпарвар халос шаванд ва ягона роҳи халосиро дар маҳбасшавии шоир мебинанд ва дар охир ба мақсади худ мерасанд, яъне 7-уми ноябри соли 1968 шоирро бо туҳмату буҳтонҳои сохта, бе ягон асоси воқеӣ ба муҳлати як сол ба маҳбас мекашанд [11, с.22-23]. Баъди маҳбасӣ шудан дар шаҳри Кӯлоб ва муддате истодан

дар ҳабсхонаи ноҳияи Орҷеникидзеобод (ноҳияи Ваҳдати ҳозира) шоирро ба хоҷагии Вахши ноҳияи Вахш, ки ҷойи сукунати маҳбусиёни озодона мезистагӣ буд, меоранд. Шоир бо аҳли оилааш дар тали Уртабуз – дар деҳаи Виёни ноҳияи Бохтар (ноҳияи Кӯшониёни кунунӣ) зиндагӣ ихтиёр мекунад ва то охири умр бо аҳли пайвандонаш дар ин ҷо мемонад. Дар ин минтақаи озоду осуда, хусусан дурии ӯ аз бадхоҳонаш ба шоир имконият медиҳад, ки дар баробари кори омӯзгорӣ дубора ба шеъру шоирӣ бипардозад ва ҳамин хел ҳам мешавад. Аз ин баъд шеърҳои Ғафур Мулло пайваста саҳифаҳои рӯзномаҳои даврии Вахшонзаминро нуру ҷилои тоза мебахшиданд. Вале соли 1992 ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ оғоз меёбад, ки ин ҷанг аҳволи тамоми мардуми кишварро табоҳу забун намуда, хуни чандин ҳазор мардуми бечараву бегуноҳро рехт ва ин ҷанги мудҳишу хунхор шоири ватандӯсту меҳанпарасти тоҷик Ғафур Муллоро низ, ки тамоми ашъори худро дар васфи сулҳу осоиштагии Ватан – Модар бахшида буд, ором намегузошт. Шоир ин ҳолати табоҳи мардумро дида, парешонҳолу рӯҳафтода мегардид, дар ҳаққи он ҷангхоҳоне, ки заминро хор кардаанду хуни мардуми бечараро дар рӯйи он мерехтанд, бо сад таассуфу алам мегӯяд:

Дили поки замин гирдоби хун аст,
Зи хуни бегуноҳон лолагун аст.
Ҳамеша дар набарди зиндагонӣ,
Сари ҳар ҷангҷӯ худ сарнагун аст [5, с.186].

Ин ҳодисаи фоҷиабор ба якборагӣ шоири ғамхору ҳассосро рӯҳафтодаву парешон карда, дарди ҷонкоҳе ҷисму ҷони ӯро фаро мегирад, ки оқибат 28-уми октябри соли 1992 дар синни 70 - солагӣ чашм аз олами ҳастӣ мепӯшад.

Қайд кардан зарур аст, ки фаъолияти эҷодии Ғафур Мулло аз даврони донишҷӯӣ, махсусан баъд аз ғалабаи мардуми шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) оғоз ёфта, ба ин васила шоир бо рӯҳу илҳоми тоза ба шеъру шоирӣ мепардозад. Шоир танҳо ба василаи заҳмату талошҳои мунтазами эҷодӣ дар як вақти муайян обрӯ ва нуфузи худро пайдо карда, мазмуну муҳтаво ва мавзӯю мундариҷаи ашъораш низ зуд қобили табъу завқи хонандагону сухантирозон ва овозхонону оҳангсозон мегардад: “Ҳанӯз устоди зиндаёд Ҳофизи халқии ҷумҳурӣ Одина Ҳошим солҳои 50-60-уми садаи ХХ ба даҳҳо шеърҳои Ғафур Мулло (“Норак чароғон мешавад”, “Гул мезанӣ”, “Эй дил” ва монанди инҳо) оҳанг баставу месуруд” [5, с.11]. Яъне Ғафур Мулло хело бармаҳал ҳамчун шоир эътирофи хосса касб мекунад.

Мавриди зикр аст, ки бо назардошти чаҳор маҷмӯаи чопшудаи шоир: “Шадда” (1987), “Ҳарфи дил” (1991), “Соҳили дарёи дил” (2016), “Булбул, бисаро!” (2018) мо мероси адабии ӯро ба таври умумӣ аз рӯйи анвои шеърӣ ва миқдори абёти онҳо чунин муайян намудем, ки аз ин шумора шеърҳо 169-то (1548 байт), ғазалиёт 38-то (217 байт), пандҳо 40-то (80 байт), рубоиёт 216-то (432 байт), дубайтҳо 85-то (170 байт), шеърҳои ҳаҷвӣ 53-то (388 байт), шеърҳои бачагона: 46-то (307 байт) - ро ташкил медиҳанд ва дар умум мероси адабии шоир 3142 байтро дар бар мегирад.

Хулоса, Ғафур Мулло ҳамчун шоири тавонову боистеъдоди тоҷик бо осори гаронмояву баландғояи худ, ки ҳамагӣ тарғибгари ватандӯстию меҳанпарастӣ, сулҳу дӯстии одамон ва дар маҷмӯъ ҳидоятгари хислатҳои неки инсонӣ мебошанд, дар таърихи адабиёти навини тоҷик саҳми арзандаи худро гузоштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиризои Қазва // Хуршедҳои гумшуда. Осори сад шоири тоҷик аз сад соли ахир. - Теҳрон, 1376. - С.21.
2. Ғафур Мулло. Нусхаи қаламии тарҷумаи ҳол, 10-уми январи соли 1967.
3. Ғафур Мулло // Шадда. - Душанбе: Адиб, 1987. – С. 46-89.
4. Ғафур Мулло // Ҳарфи дил.- Душанбе: Адиб, 1991. – С. 87-152.
5. Ғафур Мулло. Соҳили дарёи дил (Ашъори мунтахаб).- Душанбе: Адиб, 2016. - 192 с.
6. Ғафур Мулло. Булбул, бисаро! (Ашъори ҳаҷвӣ ва бачагона). Душанбе: Ирфон, 2018. - 142 с.
7. Ғафур Мулло (Муллоев Ғафур) // Адибони Тоҷикистон. - Душанбе: Адиб, 2015. - 137.
8. Исроил Иброҳимов // Бохтар - дурухши ситораи нав (Очерк, ҳикоя ва хотираҳо). 2012.- С.64-65.
9. Кӯлоб: Энсиклопедия. Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик. 2006. - С. 52-58.
10. Сангов Қаюм. Писандидаи мардум // Садои мардум. № 5, 17. 02. 2002. – С. 4.
11. Ҳасани Муродиён. Ба ӯ зиндагӣ кард моиндарӣ // Сафо. № 3-4. - Кӯрғонтеппа, 2013. – С. 20-25.

ҒАФУР МУЛЛО ВА МЕРОСИ АДАБИИ Ӯ

Дар мақола роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоири на чандон машҳур, вале боистеъдоди тоҷик, яке аз намояндагони сермаҳсули доираҳои адабии Кӯлоб ва Вахшонзамин дар солҳои 40-ум то 90-уми асри ХХ, шоир, омӯзгор ва рӯзноманигори ҳақиқатгуфтор - Ғафур Мулло сухан меравад. Муаллиф дар рафти таҳқиқ ва таҳлилу баррасии масъала, бо истифода аз сарчашмаҳои гуногуни илмию адабие, ки дар онҳо доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ғафур Мулло маълумот дода шудааст ва ақидаҳои асосноки худ тавонистааст таҳқиқоти наву тозаеро доир ба “Ғафур Мулло ва мероси адабии ӯ” рӯйи кор оварад.

Калидвожаҳо: Ғафур Мулло, ҳаёт ва эҷодиёт, доираҳои адабии Кӯлоб ва Вахшонзамин, мероси адабӣ, маҷмӯаҳои шеърӣ, “Шадда”(1987), “Ҳарфи дил” (1991), “Соҳили дарёи дил” (2016), “Булбул, бисаро!” (2018) ва ғайра.

ГАФУР МУЛЛО И ЕГО ЛИТЕРАТУРНОЕ НАСЛЕДИЕ

В данной статье речь идёт о жизни и творчестве талантливого таджикского поэта, одного из представителей литературных кругов Кулябской и Вахшской зон 40 - х - 90 - х годов XX столетия, поэта, учителя и рассудительного журналиста Гафура Мулло. Автор в процессе исследования и анализа этого вопроса, использовал информацию разных научных и литературных источников о жизни и творчестве Гафура Мулло и смог обосновать своё собственное мнение о жизни Гафура Мулло и его литературном наследии.

Ключевые слова: Гафур Мулло, жизнь и творчество, литературные круги Кулябской и Вахшской зон, литературное наследие, сборник стихов, "Шадда" ("Бисар") (1987), "Харфи дил" ("Слова сердца") (1991), "Сохили дарёи дил" ("Берег сердечной реки") (2016), "Булбул, бисаро!" ("Пой соловей") (2018) и другие.

GAFUR MULLO AND HIS LITERARY LEGACY

This article considers the life and creative work of unglorified, but talented Tajik poet, one of the productive representatives of the Kulob and Vakhsh zone's literary circles from 40-s to 90-s years of XX century, a poet, a teacher and a sensible journalist Gafur Mullo. The author in the process of research and analysis of this issue, from various scientific and literary sources has used information about life and creativity of Gafur Mullo and could prove his own point of vien about Gafur Mullo's life and his literary legacy.

Key words: Gafur Mullo, life and creativity, literary circles of Kulob and Vakhsh zone, literary legacy, a book of poems, "Shada" ("Bead") (1987), Harfi dil ("Hearts word") (1991), "Sohili daryoi dil" ("The bank of heart river") (2016), "Bulbul bisaro" ("The song of nightingale") (2018) etc.

Сведение об авторе: ***Рахмонов Махмурод Бегмуратович*** – Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, соискатель кафедры таджикской литературы. **Адрес:** 735041. Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67. Тел.: **(+992) 901-88-17-77**

nformation about the author: ***Rakhmonov Makhmurod Begmuratovich*** - Bokhtar State University named after Nosira Khusrava, applicant for the Department of Tajik Literature. **Address:** 735041, Republic of Tajikistan, Bokhtar, st. Aini, 67. Tel.: **(+992) 901-88-17-77**

УДК:891.550:82

ТАНОСУБИ РОМАНИ А. ҲАМДАМ ВА Л. ЧИГРИН "ОЗАР АЗ УСТРУШАН Ё ХУД ШАМШЕРИ СПАРТАК" БО КИТОБИ "СПАРТАК" – И ҶОВАНОЛИ

Ӯлмасова З.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Шӯриши Спартак аз ҷумлаи он воқеаҳои таърих аст, ки аҳаммияташ аз доираи таърихи як давлат, яъне Италия кайҳо берун баромада, дар тамоми ҷаҳон ба рамзи муборизаи мазлумон баҳри озодӣ табдил ёфтааст. Дар шуури тамоми мардуми дунё исми Спартак таҷассуми инсони комили адолатхоҳу адолатҷӯю адолатпарвар, тимсоли фидокорию ҷоннисорӣ ва садоқати бепоён дар муборизаи баҳри озодии мазлумон, рамзи мардонагию шуҷоат аст. Бинобар он, табиист, ки ин шӯриш манбаю сарчашмаи илҳоми осори бисёр адибону санъаткорон гаштааст. Мавҷудияти асарҳои бадеӣ, чанд роман, балет, филмҳои бадеӣ дар бораи шӯриши Спартак далели гуфтаҳои боло мебошанд.

Муҳаққиқони муосир дар асоси ахбори парокандаю мухтасари муаррихони Рими Қадим, аз ҷумла Плутарх, Аппиан, Саллюстий ва дигарон дар бораи шӯриши Спартак маълумоти зеринро зикр кардаанд, ки дар бобати сиҳати онҳо шубҳаю гумон вуҷуд надорад: дар мактаби гладиатории Лентул Батиат дар шаҳри Капуя ба вуқӯъ пайвастани сӯиқасд бо иштироки 200 гладиатор, фош шудани сӯиқасд; ба кӯҳи Везувий фирор кардани 78 нафар гладиатор, пешво интихоб шудани Спартак, Крикс, Эномай, дар тӯли се сол дар якчанд муҳорибаҳо дастболо шудани гладиаторҳо, ба 120 ҳазор нафар расидани теъдоди шӯришгарон; соли 71 дар Апулия дар муҳорибаи ҳалкунанда бо лашкари римиён таҳти фармондеҳии Марк Красс ба шикаст мувоҷеҳ шудани гладиаторҳо ва кушта шудани Спартак [1, с.604-607].

Дар бораи ду пешвои шӯриш-Крикс ва Эномай муаррихони бостон маълумот надодаанд [1, 605]. Роҷеъ ба Спартак ва шахсияти ӯ маълумот бештар аст. Табиист, ки дар таърихномаҳо маҳалли муҳорибаҳо, номи сарлашкарони римие, ки бо гладиаторҳо ҷангида, шикаст хӯрда буданд, теъдоди сарбозони ҳарду тарафи размандӣ ва дигар ҷузъиёт зикр шудаанд [3, 294-296].

Романи "Спартак"- и нависандаи Италия, иштироккунандаи ҳаракати озодибахши миллии халқи Италия зидди салтанати аҷнабиён, баҳри муттаҳид сохтани мамлакат Раффаэлло Ҷованоли (1838-1915), яке аз ҳамсафони пешвои ҳаракати инқилобию демократии Рисорҷименто (аз забони итолиёӣ-эҳё, таҷаддуд З.Ӯ.) Ҷузеппе Гарибалдӣ (1807-1882) бори аввал соли 1874 нашр шудааст [8, с.390]. Дониши амиқ дар бораи давраи ба вуқӯъ пайвастани шӯриш, вуруди комил ба сарчашмаҳои бостонӣ, тасаввуроти ҳаматарафа дар бораи ҷуғрофияи Италия ва махсусан, маҳалҳое, ки воқеаи роман дар он ҷойҳо сурат гирифтаанд, ба Ҷованоли имкон додааст, ки асари хеле ҷолибу таъсирбахш ва,

дар ҳақиқат, хонданӣ офарад. Бе ҳеҷ шубҳа метавон гуфт, ки нависанда тору пуди зиндагии римиёни асри якуми пеш аз милодро хеле хуб медонад ва ин давраи таърихиро комилан “эҳсос” кардааст. Дар романи “Спартак” ягон ноҳамхонии таърихӣ (анахронизм) дучор намешавад, вале на ҳамаи воқеаҳои дар китоб тасвиршуда, дар сарчашмаю манобеи таърихӣ далелу бурҳон доранд. Як қатор воқеаи роман соф маҳсули тахайюли бадеии Ҷ.Ованоли мебошанд. Ва гузашта аз ин, баъзе лаҳзаҳои дар китоб тасвиршуда, ба ҳақиқати таърихии давраи мавриди назар созгор нестанд. Аз ҷумла:

1. Робитаи Юлий Сезар ва Катилина бо шӯришгарон ва ба шӯриш муносибати хайрхоҳона доштани онҳо мутлақан ғайриимкон ва тасаввурнопазир аст.
2. Сабабҳои ихтилоф ва зиддиятҳо байни ҳамсафони Спартак Крикс ва Эномай, ки Ҷ.Ованоли дар роман овардааст, зодаи тахайюлоти бадеии ӯянд ва бо далелҳои таърихӣ собит намешаванд.
3. Хатти ошиқонаи сюжети роман, яъне муошиқаи Спартаку Валерия, ҳамчунин хатти сюжет дар бораи Эвтибида, муносибати ӯ бо Эномай пурра маҳсули тахайюли Ҷ.Ованоли буда, бо ҳақиқати таърих мувофиқат надорад. Истеъдоду маҳорати нависандагии Ҷ.Ованоли маҳз дар ҳамин зоҳир мегардад, ки хонанда пурра ин хатҳои суюжетро низ чун ҳақиқати таърихӣ қабул мекунад.
4. Вақоеи марбут ба гуфтушуниди Рим бо шӯришгарон, аз ҷумла мулоқоти Спартак бо Красс низ маҳсули тахайюли бадеии нависанда аст. Масалан, дар “Ҷангҳои граждонӣ” Аппиан омадааст, ки Красс таклифи Спартакро дар бораи гуфтушунид рад кардааст [1, с.606].

Дар адабиёти тоҷик симои шахси таърихӣ Спартак дар романи А.Ҳамдам ва Л.Чигрин “Озар аз Уструшан ё худ шамшери Спартак” офарида шуда, дар бораи ҳаёти пур аз моҷароҳои аҷоибу ғароиби тоҷике аз Уструшан (Истаравшани ҳозира), ки дар давоми умраш ҳамагӣ чор бор ба асорату ғуломӣ гирифтор шуда, то ба Рим расида, дар шӯриши Спартак ширкат варзида ва пас аз саркӯб шудани исён ба сафи артиши Гай Юлий Сезар ворид гардида, сазовори шаҳрвандии империяи калонтарину пуриқтидортарини замонаш – империяи Рим шуда буд, нақл мекунад. Фаъолияти қаҳрамон дар давлатҳои Давон, Хитой, байни гуннҳо ва дар Рим аввал байни гладиаторҳо ва сипас дар лашкари Рим мегузарад.

Китоби “Озар аз Уструшан ё худ шамшери Спартак” [7] аз се қисм иборат аст: дар қисми аввал “Ҳавою ҳаваси тақдир” тақдири оҳангар Озари Уструшаниро аз лаҳзаи довталабона ба ҳифзи давлати ҳамсояи Даван, ки дучори ҳамлаи чиниён шуда буд ва то ба дасти чиниҳо асир афтоданаш тасвир кардаанд. Қисми дуюми роман “Гладиатор” ном дорад ва дар он саргузашти қаҳрамон дар байни гуннҳо, бо шоҳроҳи абрешим ба Юнон сафар кардани ӯ, ба дасти роҳзанони баҳрӣ асир афтодану дар бозори ғуломфурӯшии Рим ба гладиаторӣ фурӯхта шуданаш, моҷароҳои қаҳрамон дар шӯриши Спартак тасвир шудааст. Дар қисми сеюми китоб- “Шараёни зиндагӣ”- сухан дар бораи фаъолияти Озар ба ҳайси ҷосуси Спартак дар Рим, шикасти шӯриш, ба сафи легионерҳои Гай Юлий Сезар даромадани Озар ва вафоти ӯ меравад.

Мо воқеаҳои қисмҳои дуюму сеюми романи “Озар аз Уструшан”-ро бо “Спартак”-и Ҷ.Ованоли бо мақсади муқаррар намудани сатҳи таъсирпазирии муаллифони китоб дар бораи Озар аз нависандаи итолиявӣ, ки асараш 133 сол пеш аз романи А. Ҳамдам ва Л.Чигрин таълиф шудааст, мавриди муқоиса қарор медиҳем.

Пеш аз муқоисаи бевоситаи романҳо зикри як нуктаро зарур мешуморем. Романи А. Ҳамдам ва Л. Чигрин дар таърихи адабиёти навини тоҷик, алалхусус насри таърихӣ, асари бесобиқа мебошад. Табиист, ки ҳар адиб ё санъаткор дар доираи истеъдоду маҳорат, ҷаҳонбинию мақсаду мароми эҷодӣ ва бо сабки ба худ хос “Спартак”-и хешро меофарад. Бинобар ин, масъалаи “Спартак”-и Ҷ.Ованоли аз филми “Спартак”-и дар нимаи дуюми асри ХХ ба навор гирифтаи синамогарони амрикоӣ ё аз филми бисёрсериягии дар даҳаи якуми қарни ХХI ба навор бардошта ҳам аз лиҳози бандубасти сюжет ва ҳам аз лиҳози ғояи асар фарқи зиёд дорад. Байни ҳамаи асарҳои ба мавзӯи шӯриши гладиаторони Рими қадим бахшида шуда, романи Ҷ.Ованоли аз нуқтаи назари ғоя ва инъикоси воқеаҳо беҳтарин ва маъруфтарин аст. Чи тавре ки зикр гардид, Ҷ.Ованоли ҳақиқати таърихро ҳатталимкон саҳеҳ инъикос кардааст, лекин табиист, ки ӯ ба асар қаҳрамонону вақоеи тахайюлиро низ ворид сохтааст.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки А. Ҳамдам ва Л. Чигрин на танҳо сюжету фабулаи китоби “Спартак”- и Ҷ.Ованолиро пурра пазируфтаанд, балки қаҳрамони худро бо маҳорати том ба вақоеи дар романи Ҷ.Ованоли тасвир шуда ворид сохтаанд. Ба ибораи дигар, Озари Уструшанӣ дар он хатҳои сюжетии романи Ҷ.Ованоли, ки маҳсули тахайюли бадеии нависандаи нимаи дуюми қарни XIX Италия будани онҳо аниқу дақиқ аст, яъне ин воқеаҳо ҳақиқати таърихӣ надоштанд, фаъолона иштирок мекунад. Барои қаҳрамони худро ба батну матни вақоеи дар романи Ҷ.Ованоли тасвир шуда ворид сохтан, А. Ҳамдам

ва Л. Чигрин маҷбур шудаанд, ба тафсири бадеии баъзе ҳодисаҳои романи италиявии худ, тағйирот дароранд, то ҳузури Озари Уструшанӣ дар ин ё он воқеа мантиқию табиӣ бошад. Ин амалро онҳо бо се роҳу усул анҷом додаанд.

Усули аввал дар аксар мавридҳо А. Ҳамдам ва Л. Чигрин ба ҷузъиёти воқеаҳои романи "Спартак"-и Ҷованоли тағйирот дароварда, иҷрои ин ё он амалро ба қаҳрамони худ нисбат медиҳанд. Барои тасдиқи ин мулоҳиза чанд мисол меорем.

Дар романи Р.Ҷованоли Спартак баъди ба даст овардани озодӣ, ҳангоми мулоқот бо Лутсий Сергий Катилина дар ошхонаи Венера Либитина ё Лутатсияи Якчашма, ки яке аз маҳалҳои доимии ҷамъшавии гладиаторон, ғуломон, қашшоқон ва дигар табақаҳои мазлум буд, бо хоҳараш Мирса вомехӯрад. Хоҳараш канизи яке аз ашрофи шаҳр буд. Соҳиби Мирса аз изтиробу ташвиши Спартак баҳри озод кардани хоҳараш истифода бурда, барои озод намудани ӯ 50 ҳазор сестерсий талаб мекунад. Азбаски худи Спартак маблағи казоӣ надошт, Катилина ба ӯ 10 ҳазор сестерсийро, ки дар вақти муҳорибаи гладиаторон ба туфайли ҷасорату маҳорати размандагии Спартак бурида буд, ба Спартак қарз медиҳад. Баъди чанде хоҳари Квинт Гортензий Валерия бино ба хоҳишу илтимоси дӯсти Спартак Требоний Мирсаро ба 45 ҳазор сестертсий харида мегирад [4, с.90-97].

Дар романи А. Ҳамдам ва Л. Чигрин ин ҳодиса чунин тасвир шудааст: Спартак рӯзе ҳамроҳи гладиаторҳо дар майхонае хӯроки шом хӯрда, аз ошхона баромада истода буд, ки духтараке пешорӯяш пайдо мешавад. Духтарак худро хело орою торо дода буд ва ба занони зинокор шабоҳат дошт. Спартак дар симои ин зан хоҳараш Мирсаро мешиносад. Мирса нақл мекунад, ки дар аснои охирин лашкаркашии римиҳо асир афтода буд ва ӯро ба яке аз римиҳои дорои фосиқ фурӯхтанд. Соҳибаш Мирсаро ба сабукпоӣ дар майхонаю шаробхонаҳо маҷбур мекунад. Спартак масъалаи Мирсаро бо дӯсти уструшаниаш маслиҳат мекунад.

"- Гӯш кун, Спартак,- гуфт вай бо навозиш даст сари китфи ӯ ниҳода.- Мо ҳама ин ҷо беватанем, бехонаю ҷоем, бе оила ва хешон. Танҳо дӯстӣ кумак мекунад, ки зинда бимонем. Биё, ин тавр кунем. Мо ҳоло қодир нестем, ки хоҳаратро бо пул аз панҷаи ғуломӣ озод созем. Хӯҷаинаш аз мо пули калон талаб мекунад. Вале мо метавонем, ки Мирсаро харида бигирем. Дар аснои сафарамон ба вилоёт ба ман муяссар шуда, ки ду ҳазор сестертсий ҷамъ оварам ва он аз ҳисоби он тангаҳост, ки тамошобинон ба набардгоҳ мепартофтанд. Боз ҳазори дигарро ман аз дӯконам пайдо кардаам, ки дархостҳои римиёнро ба ҷо оварда, ба даст гирифтаам. Ҷамъ се ҳазор шуд?... Инро бигир. Ту худ низ дорӣ, якҷоя бикун ва боз дигарон ҳам медиҳанд. Онҳоро ба хӯҷаинат бидеҳ ва хоҳаратро муваққатан озод бинмо, ана баъд боз ягон чиз фикр мекунем.

Фракиявӣ сар боло кард ва чашмони аз меҳрубониҳои ӯ нам гирифтаашро пок карда, ба Озар рӯ овард.

-Ташаккур, Форс,-гуфт ӯ бо ҳисси қаноатмандӣ.- Оҳ, ман чӣ мекардам бе туву дигар дӯстонам?! Ту роҳи ҳалли хубе пайдо кардӣ!

Мбана дар як гӯшаи бошишгоҳашон, ки хомӯш менишаст ва аз ким куҷои халтаи чарминаш як баста танга бароварду оварда, ба пул зам намуд, ки гладиаторҳо ҷамъ карда назди Спартак гузошта буданд.

Ба фракиявӣ муяссар шуд, ки хӯҷаини хоҳарашро ба ҳафт ҳазор сестертсий розӣ кунонад, то ӯро ба муддати ду сол аз ғуломӣ озод намояд. Дар ин муддат Спартак боз ҳамин миқдор пулу пайса ҷамъ меоварад ва Мирса тамом аз қайди банду басти ғуломӣ озод мешавад. Вагарна духтарак боз ба дасти хӯҷаини худаш бояд бармегашт.

Квинт Гортензий- бародари Валерия, ҳамчунин аз дилсӯзӣ ба фракиявӣ, ки дар майдонҳои набард аз корномаҳои ӯ ба ҳаяҷон омада буд, Мирсаро хидматгори хоҳари худ таъйин кард" [7, с.329-330].

Чи тавре ки мебинем, ҳодисаи дар ҳарду роман тасвир шуда, аз лиҳози мазмун хеле ба ҳам шабеҳанд, лекин аз нуқтаи назари қаҳрамонон фарқ мекунанд. Агар дар Спартак ташаббускори озод кардани Мирса Спартак-Катилина-Требоний-Квинт Гортензий-Валерия бошанд, дар романи А. Ҳамдам ва Л.Чигрин Спартак-Озар-Мбана-Квинт Гортензий-Валерия ҳастанд.

Дар романи Р.Ҷованоли ва китоби А. Ҳамдам ва Л.Чигрин тариқи аз муҳосираи сарлашкари римӣ Клодий Глабр дар кӯҳи Везувий халос шудани гладиаторҳо тақрибан як хел тасвир шудааст [8, 255], [7, 329-330]. Теъдоди чунин мисолҳо хеле зиёд аст.

Усули дуюме, ки барои ба сюжети романи Р.Ҷованоли ворид сохтани қаҳрамони марказии романи худ А.Ҳамдам ва Л.Чигрин истифода бурдаанд, низ хеле ҷолиб аст. Мусаллам аст, ки ба ҳамаи воқеаҳои як романи 133 сол пеш таълиф ёфта, даровардани қаҳрамони нав амрест маҳол. Бинобар ин, муаллифони романи "Озар аз Уструшан" роҳи дигарро интихоб намудаанд. Он ҳам бошад ба сюжети романи Р.Ҷованоли илова намудани хатти дигар аст, ки қаҳрамони марказии он Озар мебошад. Албатта, ин хатти иловагии сужет ба шӯриши гладиаторҳо робитаи бевосита дорад. Баъди шикаст додани

трибун Клодий Глабр дар домани кӯҳи Везувий, Спартак Озарро сардори манипули разведка (иктишоф) таъйин мекунад. Агар бо истилоҳи ҳарбии имрӯза гӯем, Озар сардори разведкаи ҳарбии Спартак буд. Сипас, Спартак Озарро барои хабар гирифтан ба назди завҷааш Валерия мефиристад. Озар бо даҳ тобеонаш тағйири либос карда, ҳамроҳи сарбозони ақибнишаста ба бӯстонсарои Валерия меравад. Баъди мулоқоту дидорбинӣ бо Валерия ва духтарчаи навтаваллудёфтааш, Озар хоҳари Спартак Мирсаро бо гладиатор Арторикс ба назди пешвои шӯришгарон меорад. Ин ҳодиса баъди ба шикаст дучор шудани сарлашкари Рим Публий Вариний рух медиҳад.

Дар романи Р.Ҷованоли низ Мирса бо Арторикс баъди шикасти Публий Вариний худашон ба бошишгоҳи Спартак меоянд. Рӯзи дигар аз рӯйи ривояти А. Ҳамдам ва Л. Чигрин Спартак Озарро ба назди худ мехонад ва ба ӯ таклиф мекунад, ки ба Рим рафта, дар он ҷо чашму гӯши шӯришгарон шавад. Дар натиҷаи амали иктишофии хеле хуб иҷро гардида, Озар ба Рим меояд ва сенат ӯро ба вазифаи нозири анбори аслиҳа таъйин мекунад. Ба ин кор Катилина мусоидат менамояд. Катилина ба ҷойи кори нави Озар омада, ба ӯ маслиҳат медиҳад, ки ҳангоми ҷаласаҳои сенат ба утоқи аз ҳама канории анбор, ки дар шафати минбари нотиқони сенат ҷойгир аст, равад, зеро аз равзанаи боддарое, ки утоқро бо толори маҷлисҳои сенат мепайвандад, ҳамаи суханони дар ҷаласа гуфтаро баҳузур шунидан мумкин аст. Ҳамин тариқ, Озар аз ҳамаи сиру асрори ҷаласаҳои сенат, аз ҷумла ҷаласаҳои махфии он бохабар гардида, тавассути Арторикс, ки дар намуди шӯъбадабоз дар бозори Рим фаъолият мебурд, ба Спартак сари вақт иттилоъ мефиристод.

Лозим ба қайд аст, ки дар романи “Спартак”-и Р.Ҷованоли низ як лавҳае бо иштироки Арторикс дар намуди шӯъбадабозе, ки бо сагу маймун дар бозори Рим намоишҳоро пешкаши тамошобинон мегардонанд, вуҷуд дорад.

Вақте ки сенат Марк Крассро сарфармондеҳи қӯшуни Рим таъйин мекунад, Озар бо баҳонаи мушоярати қофилаи артиши Марк Красс худро ба лагери гладиаторҳо мерасонад. Спартак ӯро контубернали (ёвари) худ таъйин мекунад. Қабл аз муҳорибаи ҳалкунанда, ки дар он гладиаторҳо дучори шикаст шуданд, Спартак Озарро ба панҷоҳ нафар ба соҳил барои ҷамъ овардани заврақҳои моҳидорию киштиҳо мефиристад, то ки артиши гладиаторҳоро ба Ситсилия гузаронад. Марк Красс ин сирри Спартакро ошкор намуда, лашкарашро байни баҳру артиши Спартак ворид месозад. Нияти Спартак амалӣ нашуда мемонад. Озару гурӯҳи ӯ аз артиши гладиаторҳо ҷудо мешаванд ва дар муҳорибаи охирин иштирок намекунанд. Баъди муҳориба Озар ба ҳамаи гладиаторҳои ҳамроҳаш буда, ғайр аз ду нафар ҷавоб медиҳад. Ӯ бо он ду нафар ба ҷойи муҳориба омада, ҷасади Спартакро ёфта, то ба бӯстонсарои Валерия мерасонанд.

Усули сеюми инъикоси воқеаҳои шӯриши Спартак дар романи “Озар аз Уструшан” нақли мухтасари онҳо аз забони ровӣ, яъне муаллифон мебошад. Масалан, хатту сюжети марбут ба тақдири Эномайро Р.Ҷованоли дар се фасли романаш, муфассал тасвир карда бошад, А. Ҳамдам ва Л. Чигрин дар ду саҳифа нақл кардаанд. Ё хатти сужети марбут ба марги Крикс муҳорибаи Гарган дар романи Ҷованоли дар 17-20 саҳифа, хеле ҳаяҷоновару таъсирбахш, бо эҳсоси олӣ тасвир шуда бошад, дар китоби “Озар аз Уструшан” ҳамагӣ дар як сархат ба хонандагон пешкаш шудааст [7, с.441-449].

Таъкид кардан бамаврид аст, ки нависандагон А. Ҳамдам ва Л. Чигрин консепсияи бадеӣ ва сюжету фабулаи романи нависандаи қарни XIX Италия, муаллифи романи машҳури “Спартак” Раффаэлло Ҷованолиро пурра пазируфтаанд. Истиқболи консепсияи бадеии нависандаи италиявӣ то ҳаддест, ки А.Ҳамдам ва Л. Чигрин қаҳрамони романи худро ба тариқи хеле мавзуну табиӣ ба воқеаҳое ворид месозанд, ки зодаи тахайюли бадеии Ҷованоли буда, ҳақиқати таърихӣ надоранд. Ба ибораи дигар гӯем, қаҳрамони онҳо якҷоя бо образҳои офаридаи Ҷованоли дар воқеаҳое иштирок мекунад, ки он воқеаҳо аслан дар таърих рух надодаанд. А.Ҳамдам ва Л. Чигрин муаллифони асари бадеӣ мебошанд, бинобар ин, дар баъзе мавридҳо онҳо на воқеотеро, ки рух доданд, балки ҳодисаҳоеро тасвир кардаанд, ки эҳтимоли ба вуқӯъ пайвастани онҳо мавҷуд буд.

Бо вуҷуди таъсирпазирии А.Ҳамдам ва Л. Чигрин аз романи Ҷованоли дар қисмҳои дуюму сеюми китоб, романи мавриди таҳқиқ асари хонданбоб ва таъсирбахш мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аппиан. Гражданские войны: Историки античности. В 2 т. Древний Рим / Аппиан. – М.: Правда, 1989. – 648 с.
2. Большая Советская Энциклопедия: в 30 т. – М.: Государственное научное издательство Советская энциклопедия, 1977. – 26 т.
3. Бичурин, Н.Я. (Иакинф). Собрание сведений о народах, обитающих в средней Азии в древнейшие времена. В 3 т. / Н.Я. Бичурин. – М.,Л.: Академия наук СССР, 1950. – 2 т.
4. Всемирная история: в 10 т. [под. ред. Утченко С.А. и др.]. – М.: Политическая литература, 1956. – 2т.
5. Джованьоли, Р. Спартак / Р. Джованьоли. – М.: Детская литература, 1980. – 618 с.
6. Хамдам, Ато. Озар из Уструшаны или Меч Спартака / Ато Хамдам, Леонид Чигрин. – Душанбе: Аржанг, 2007. – 590 с.

7. Ҳамдам, А. Озар аз Уструшан ё худ шамшери Спартак / А. Ҳамдам., Л. Чигрин. – Душанбе: Душанбе: ЭР – граф, 2010. – 554 с.
8. Ҷованоли, Р. Спартак / Р. Ҷованоли. – Душанбе: Адиб, 1988. – 528 с.

8. Сербина Н.С. Жанр «восточной» повести в литературном творчестве В.Даля / Н.С. Сербина // Вестник Башкирского университета. - 2007. - Т.12. - №4. - С.65.
9. Средневековые фантастические рассказы / Пер. с тадж. С.Ховари. - Душанбе: Ирфон, 1983. - С.122-137.
10. Чернышевский Н.Г. Повести в повести / Н.Г. Чернышевский // Полное собрание сочинений: В 15 т. - Т.12. - Грозный, 1951. - С. 126-541.
11. Шифман А. Лев Толстой и Восток / А.Шифман. – М.: Наука, 1971. - 552 с.

ИҚТИБОСИ СУЖАҲОИ МАҶМӮАИ «ҲАЗОРУ ЯК ШАБ» ДАР АДАБИЁТИ РУС ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

Дар мақола иқтибоси сужаҳои афсонаҳои маҷмӯаи «Ҳазору як шаб» дар адабиёти рус ва адабиётшиносии нимаи дуюми асри XIX пайгирӣ шудааст. Дар асоси таҳлили асарҳои Н.Гогол, Н.Чернишевский, Л.Толстой, В.Дал ва дигар адибон махсусиятҳои дарки мавзӯъҳо ва сужаҳои шарқӣ аз афсонаҳои арабӣ ии нишон дода шуда, мақсади ин гуна иқтибоскунӣ, махсусияти тафсири асарҳо аз маҷмӯаи «Ҳазору як шаб», инчунин таъсири анъаноти ғайримиллӣ ба рушди адабиёти рус ишорат гардидааст. Ба сифати тасдиқи гуфтаҳо тафсири ба ҷазираи беодам афтидан дар «Афсона дар бораи он ки чӣ тавр як деҳотӣ ду генералро аз ҳад хӯронд»-и М.Е. Салтиков-Щедрин, тафсири ҷустуҷӯйи инсони хушбахт дар достони Н.Некрасов «Барои кӣ ҳаёт дар Русия хуш аст?» ишорат мегардад, ки бо қиссаи маърифатии «шарқӣ» М.Хераскова «Химчаи тиллоӣ», ки пештар навишта шуда буд, шабоҳат дорад ва дар он Албекир кӯшиш менамояд, ки инсони хушбахтро пайдо намояд. Дар раванди асри XIX нависандагони рус на танҳо сужаву мавзӯот ва образҳои афсонаҳои«Ҳазору як шаб»-ро истифода мебурданд. А.Н. Островский дар афсонаи драматикии «Иван-Шоҳзода», П.Ершов дар афсонаи шеърии «Аспаки кӯзапушт» чунин усули композитсионо истифода бурдаанд, ки аксарияти афсонаҳои маҷмӯаи арабӣ аз рӯи сохта шудаанд, ба монанди «қисса дар қисса». Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар асоси иқтибосшавии афсонаҳои арабӣ чунин принсипҳои конструктивӣба монанди *аз нав офаридан ва азнавбавучуд овардан* нуҳуфтаанд. Инкисори ба худ хоси афсонаҳои арабӣ махсусан дар романи Н.Г. Чернышевский «Қиссаҳо дар қиссаҳо» ва афсонаҳои Л.Толстой ба назар мерасад, ки махсус барои Алифбои тартибдодааш навишта шудаанд.**Калидвожаҳо**: робитаҳои адабии Россия ва Шарқ, иқтибос, анъанаи ғайримиллӣ, «Ҳазору як шаб», қиссаи «шарқӣ» , матнҳои шарқӣ, «қисса дар қисса».

РЕЦЕПЦИЯ СЮЖЕТОВ СБОРНИКА «ТЫСЯЧА И ОДНА НОЧЬ» В РУССКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ ВТОРОЙ ПОЛОВИНЫ XIX В.

В статье прослежена рецепция сюжетов сказок сборника «Тысяча и одна ночь» в русской литературе и литературоведении второй половины XIX века. На основе анализа произведений Н.Гоголя, Н.Чернышевского, Л.Толстого, В.Даля и других литераторов показаны особенности восприятия русскими писателями определённых мотивов и сюжетов из арабских сказок, указаны цели подобных заимствований, своеобразие интерпретации произведений из сборника «Тысяча и одна ночь», а также влияние инонациональной традиции на развитие русской литературы. В качестве подтверждения указывается мотив попадания на необитаемый остров в «Сказке о том, как один мужик двух генералов прокормил» М.Е. Салтыкова-Щедрина, мотив поисков счастливого человека в поэме Н.Некрасова «Кому на Руси жить хорошо?», который перекликается с написанной задолго до этого просветительской «восточной» повестью М.Хераскова «Золотой прут», в которой Албекир пытается найти счастливого человека. На протяжении XIX века русскими писателями использовались не только сюжеты, мотивы и образы сказок «Тысячи и одной ночи». А.Н. Островским в драматической сказке «Иван-Царевич», П.Ершовым в стихотворной сказке «Конёк-горбунок», использован такой композиционный приём, на котором построено большинство произведений арабского сборника, как «рассказ в рассказе». Это свидетельствует о том, что в основе рецепции арабских сказок лежат такие конструктивные принципы, как *пересоздание* и *воссоздание*. Своеобразное преломление арабских сказок особенно тщательно прослежено в романе Н.Г. Чернышевского «Повести в повести» и сказках Л.Толстого, написанных специально для составленной им Азбуки.

Ключевые слова: русско-восточные литературные связи, рецепция, инонациональная традиция, «Тысяча и одна ночь», «восточная» повесть, восточные мотивы, «рассказ в рассказе».

RECEPTION STORIES OF THE COLLECTION "ONE THOUSAND AND ONE NIGHTS» IN RUSSIAN LITERATURE THE SECOND HALF OF THE NINETEENTH CENTURY

In article reception of plots of fairy tales of the collection "Thousand and one night" in the Russian literature and literary criticism of the second half of the XIX century is traced. Based on the analysis of the works of N. Gogol, N. Chernyshevsky, L. Tolstoy, V. Dahl and other writers are shown peculiarities of perception of the Russian writers of certain motifs and themes from the Arabian nights, provided the purpose of such borrowing, the originality of the interpretation of works from the collection "one Thousand and one nights" and the influence of foreign traditions on the development of Russian literature. As confirmation the motive of hit on the uninhabited island in "the fairy Tale how one man of two generals fed" M. E. Saltykov-Shchedrin, motive of searches of the happy person in the poem of N. is specified.Nekrasov " Who in Russia to live well?"that resonates with a written long before raising the "Eastern" tale of Kheraskov "Golden rod" in which Albecker trying to find a happy man. During the XIX century Russian writers used not only plots, motives and images of fairy tales "Thousands and one night". Ahh. Ostrovsky in the drama fairy tale "Ivan-Tsarevich", p. Ershov in the poetic fairy tale" humpbacked Horse", used a compositional technique on which most of the works of the Arab collection, as"the story in the story." This suggests that the basis of the reception of the Arabian nights follows such design principles as recreation and re-creation. The peculiar refraction of Arab fairy tales is especially carefully traced in the novel by N. D. Chernyshevsky's "Story in the story" and tales of Tolstoy, written specifically for his Alphabet.

Key words: Russian-Eastern literary relations, reception, foreign tradition, "a Thousand and one nights", "oriental" story, oriental motives, "story in a story".

Сведения об авторах: ***Русакова М.В.*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой мировой литературы. E-mail: **rusakova-74@mail.ru.**
Тел.: **(+992 37) 44-620-42-10**
Медынина М.А. - Российско-Таджикский (Славянский) университет, преподаватель кафедры мировой литературы.
Тел.: **(+992 37) 44-620-42-10**

Information about the authors: ***Rusakova M.V.*** - Russian-Tajik (Slavic) University, candidate of philological Sciences, associate Professor, head of the Department of world literature. E-mail: **rusakova-74@mail.ru**.
Tel.: **(+992 37) 44-620-42-10**
Medinina M.A. - Russian-Tajik (Slavonic) University lecturer of Department of world literature.
Tel.: **(+992 37) 44-620-42-10**

УДК: 891.550-1:82

МАВҚЕИ ҒАЗАЛ ДАР «ДЕВОНИ ФОРСӢ»-И АЛИШЕРИ НАВОӢ – ФОНӢ

Додарова Т.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Амир Низомиддин Алишери Навоӣ (1441-1501) адиби шинохтаи нимаи дувуми асри XV, асосгузори адабиёти ӯзбек ва арбоби тавонои давлатии замони худ дар Хуросон буда, яке аз мутафаккирони маъруфи мардуми Осиёи Миёна ба шумор меравад. Шуҳрати Навоӣ ҳанӯз дар девони Султон Ҳусайни Бойқаро, дар дарбори ин подшоҳи вақт ба сифати вазири девон фаъолият намудан пайдо гардида, бо ба майдони адабиёт бо боварии комил гом бардоштану осори зиёди бадеӣ ва илмиро ба забонҳои модарияш – туркии чағатоӣ ва ӯзбекии қадим ва форсии тоҷикӣ эҷод намуданаш равшантар мегардад ва ин, ба минбаъд, то рӯзгорони мо ҳам бештар аз пештар, бо ба майдон омадани навоишиносӣ, эҳсос карда мешавад. Заҳматҳои пайваста ва эҷоди бадеию илмии ӯ боис гардиданд, ки бунёди навоишиносӣ, дар заминаи навиштаю ишораҳои ҳамзамононаш Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Султон Ҳусайни Бойқаро, Муҳаммад Маҳмуди Мирхонд ва писари ин муаррих Ҳумомиддин Хондамир, тазкиранигор Давлатшоҳи Самарқандӣ, Абдураззоқи Самарқандӣ, адиби ёддоштнигор Зайниддин Восифӣ ва дигар ҳамнишину ҳамкорони мавсуф ба мушоҳида гирифта шавад. Минбаъд, баробари фаъол гардидани адабиётшиносию шарқшиносӣ, бо навиштани мақолаву гузориш ва рисолаю кутуби зиёд, навоишиносӣ ҳарчи бештар ҷон мегирад, ки дар ин бора заҳмати зиёде анҷом дода шудааст [7, с.185] ва зарурати дар ин ҷо овардани номгӯйи онҳо нест. Зиёда аз ин, дар Ӯзбекистону Тоҷикистон ва соири кишварҳои форситабору туркизабон ва шарқшиносии ҷаҳон навоишиносӣ аз фаъолиятҳои ҳамешагӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки мақому мартабаи Алишер Навоӣ алоқамандона ба эҷодиёти ӯ мебошаду аз асарҳои хурди ғиноӣ ҳусни оғоз гирифтааст. Вай дар умри бобаракаташ тақрибан чиҳил асар офаридааст, ки бештари онҳо ба забони модариаш навишта шудаанд [7, с.194]. Навоӣ пайваста ба эҷоди бадеӣ ва илмӣ машғул буда, асарҳои машҳури ӯ чаҳор девон: «Ғарроту- с-сиғор», «Навозиру-ш-шубоб», «Бадеъу-л-васат» ва «Фавоиду-л-касир», «Хамса», ки солҳои 1483 – 1486 эҷод гардида, аз достонҳои «Ҳайрату-л-аброр», «Фарҳод ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Саъбаи Сайёра» ва «Садди Искандарӣ» иборат мебошад, ки дар ин миён «Девони форсӣ»-и ӯ истисно нест. «Девони форсӣ» маҳсули бобаракати тамоми давраи эҷодии Алишери Навоӣ буда, ба забонҳои форсии тоҷикӣ, бо тахаллуси Фонӣ нигошта шудааст. «Девони форсӣ»-и Навоӣ-Фонӣ як девони мукаммал буда, аз қасоид, ғазалиёт, марсия, мусаддас, мухаммас, муқаттаот, моддаи таърих, рубоиёт, луғзҳо, муаммо, пайвастаҳо ва як маснавии хурд иборат мебошад. Дар ин девон агар теъдоди қасида 10 – то бошад (ҷамъ 966 байт), марсия якто (68 байт), мусаддас якто (27 байт), мухаммас якто (30 байт), муқаттаот 64 – то (158 байт), моддаи таърих 16 – то (39 байт), рубоиёт 76 – то (152 байт), луғз 9 – то (38 байт), муаммо 291 – то (307 байт), пайвастаҳо 61 – то (57 байт), маснавӣ якто (37 байт) ва аз ҳама зиёд ғазал 552 – то (4351 байт) бар- шумурда шуд. Худи ҳамин 552 ғазали «Девони форсӣ» - и Навоӣ-Фонӣ баёнгари он аст, ки ғазал дар ин девон мавқеияти аввалиндараҷаро дорад.

Дар иртибот ба ғазал ҷойи ишора аст, ки умуман дар эҷодиёти Алишери Навоӣ ҳам ба забони модариаш, ҳам ба забонии форсии тоҷикӣ ин навъи шеърӣ ҷойгоҳи вижа доштааст. Ба ин маънӣ навоишиноси тоҷик Аълохон Афсаҳзод ба ғазалҳои ӯзбекии шоир, ки дар «Чаҳор девон» - и ӯ беш аз 3130 – то баршуморида шудааст, баҳо дода, аз ҷумла навишта буд: «Ғазалҳои ӯзбекии Навоӣ бо санъати баланд навишта шуда, дар онҳо таҷрибаи ғазалсароёни форс-тоҷик ба эҷодиёти лафзии халқҳои туркзабон истифода

гардидааст» [1, с.97]. Худи ҳамин андешаи махтасару мушаххас байёнгари он аст, ки дар навбати аввал, ғазал дар тамоми эҷодиёти Алишер Навоӣ ҷойгоҳи намоён дошта, дар навбати сонӣ ғазалиёти форсии тоҷикии ӯ бо вижаҳои худ дар адабиёти форсии тоҷикӣ мавқеи алоҳида доранд, ки дар ин бора, вобаста ба мавзӯи мақола мушоҳида ва мулоҳизаи худро баён менамоем.

Имрӯз мо «Девони форсӣ» - и Навоӣ-Фониро дар заминаи нусхаи қаламии он дар даст дорем. Мувофиқи маълумоти навоишиноси узбек Ҳамид Сулаймон, Рукниддини Ҳумоюнфаррух, Аълохон Афсаҳзод, Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, Абдулманнони Насриддин, Растохези Сончоракӣ ва ишораҳои дигар ду нусхаи қаламии он дар китобхонаи миллии Париж (Фаронса) зери рақамҳои 285 ва1345, ду нусха дар музеи мардумии Ҳирот, як нусха зери рақами 1401 дар китобхонаи Маҷлиси Шӯрои Миллӣ дар Эрон, нусхае дар Туркия [7, с.138] ва тибқи маълумоти адабиётшинос Абдулманнони Насриддин «Дар зарфи чиҳил соли охир нусхаҳои хуби қадимаи девони Фонӣ кашф шудаанд, дар китобхонаи Маҷлиси Шӯрои исломии Эрон зери шумораи 1035 нусхаи нафиси «Девони Форсӣ» маҳфуз аст, ки дар байни солҳои 901 – 906 ҳиҷрии қамарӣ, яъне замони зиндагии Мир Алишери Навоӣ китобат шудааст. Ҳамчунон дар китобхонаи Малик (шумораи 5300), Донишкадаи илоҳиёт (шумораи 190, 202), китобхонаи Донишгоҳи Теҳрон (шумораи 11249) нусхаҳои нафиси қадимаи «Девони Фонӣ» нигоҳдорӣ мешаванд (дар бораи ин нусхаҳо муроҷиат шавад ба китоби А. Мунзавӣ «Феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ» (ҷилди 3 саҳ.2459) [5, с.672]. Ин ҳама маънои онро дорад, ки «Девони Форсӣ»-и Навоӣ-Фонӣ ҳанӯз дар замони зиндагонияш маъруфият доштааст.

«Девони форсӣ» - и Навоӣ – Фонӣ дар илм асосан дар аввалҳои асри ХХ, яъне зиёда аз 100 – сол пеш аз ин, бо заҳмати навоишиносии устод Садриддин Айнӣ, бо навиштани як идда мақолаҳо ва ниҳоят рисолаи калонҳаҷми «Алишери Навоӣ»-и ӯ маълум гардид [1]. Дар ин рисола дар баробари барқарор намудани рӯзгору осори Навоӣ устод Айнӣ аз девони форсии мавсуф ёдовар гардида менависад, ки «Девони форсии Навоӣ» аз ҳазор байт зиёд нестанд ва ҳол он, ки мебоист девони форсии ӯ шаш ҳазор байт мешуд [1, с.415]. Аз ин ишора маълум мегардад, ки нусхаи қаламии девони форсии Навоӣ – Фонӣ ҳанӯз барои устод дастрас набудааст.

Навоишиносӣ дар нимаи дувуми асри ХХ, бо таҷлили 525 солагӣ ва 550 солагии бузургдошти Алишери Навоӣ, вусъат ёфт. Дар ин маврид метавон, пеш аз ҳама, нашри осори адабию илмии ӯ, бахусус матнҳои асосан мунтахабу мукаммали «Девони форсӣ»-ро ёдовар шуд, ки бештар ғазалҳои форсии тоҷикии вайро фаро гирифтаанд. Аввалин касе, ки ба «Девони форсӣ»-и Навоӣ-Фонӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, онро соли 1963 ба нашр расонид, олими эронӣ Рукниддини Ҳумоюнфаррух буд, ки нусхаи аслии истифоданамудаи ӯ, пеш аз ҳама, ҳамон нусхаи Теҳронии № 1101 қарор дошт. Сипас, дар асоси ду нусхаи дастхатти дар Фаронса будаи адиб матни оммавии девонро дар ҷилди 5-ум (иборат аз ду китоб) бо тарҷумаи таҳтулафзии ӯзбекии он, адабиётшиноси ӯзбек Ҳамид Сулаймон ба чоп расонид [3, с.4]. Дар ин ду ҷилд дар баробари дигар жанрҳои адабии дар девон ҷойдошта 395-то ғазали форсӣ – тоҷикии шоир гирд оварда шудааст. Заҳмати Ҳамид Сулаймон соли 1965 рӯйи чопро дид.

Соли 1993 адабиётшинос ва матншиноси тоҷик Алии Муҳаммадӣ мунтахаби «Девони форсӣ»-ро дар асоси матни таҳиянамудаи Рукниддини Ҳумоюнфаррух ва нусхаҳои аксии аз Фаронса ба Тошканд расида ба ҳуруфи ниёгон таҳияву тадвин намуда, тавассути интишороти «Ирфон» ба табъ расонид, ки он дар баробари фаро гирифтани қасоид, мусаддас, марсия, муқаттаот ва рубоиёти форсӣ-тоҷикии Навоӣ-Фонӣ 281 ғазали ӯро дар худ дорад.

Тавре адабиётшинос Абдулманнони Насриддин дар як мақолаи худ «Боз як нашри пурғалати девони Фонӣ» иттилоъ додааст, интишороти «Фан», ки мансуб ба Академияи улуми Ҷумҳурии Ӯзбкистон аст, девони форсии Мир Алишери Навоӣ, маъруф ба «Девони Фонӣ»-ро ба табъ расонид (Тошканд, 2002). Дар ин китоб 267 ғазали Фонӣ мундариҷ аст, ки ҷилди 18-уми Куллиёти 20 ҷилдаи Навоиро ба худ ихтисос додаст [5, с.671].

Зиёда аз ин ҳама бояд ёдрас шуд, ки намунаи ғазалҳои форсии тоҷикии Навоӣ – Фонӣ борҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон чоп шудаанд, ки он ҳама асосан аз китобҳои зикршуда интихоб гардидаанд. Дар бораи сиҳҳатии матнҳои интишорёфта низ ибрози ақида ронда шудааст. Масалан, Абдулманнони Насриддин ба нашри чопи Тошканд, ки соли 2002 бо заҳмати Ҳомид Сулаймон, Муродӣ (Тоҷибоев) Хоҷимурод ва Сайфиддин Рофиддинов омодаи нашр шудааст, назари манфӣ дошта, аз ҷумла менависад: «Метавон гуфт, ки дар нашри нави девони Фонӣ ғазале душвор аст, пайдо кард, ки ғалатҳои луғавию имлоӣ надошта бошад. Ҳар ғазале дар ин китоб аз 2-3 то 8-10 ғалат дорад, ки боис шуда маъниҳо хароб, матлабҳо норавшан, мисраҳо номавзун пеши назар оянд» [5, с.671 – 672]. Ин маънои онро дорад, ки ҳанӯз чоп намудани ашъори Навоӣ – Фонӣ як тарафи масъала бошад, дар вақти нашр

нигоҳ дошта тавонистани сиҳҳатии матн тарафи дигари он мебошад. Маслан, дар чопи Тошкандии соли 2002 ин байт омадааст:

Бигӯ, к-оранд ҷоми Ҷам зи махзан, эй шаҳи динӣ,
Ки бинмоям ба шоҳид бевафоиҳои дунёро [5, с.674].

Ин байт дар саҳифаи 40-уми чопи фавқуззикр ҷой дошта, ибораи «шаҳи динӣ» аз нигоҳи маънову мантиқ хароб ба назар мерасад. Шакли дурусти ин ибора «шаҳи дунйӣ» мебошад, ки ба шакли «шаҳи дунё» низ дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ хеле зиёд дучор мегардад ва «дунйӣ» имолаи «дунё» аст. Ин ғалат аз огоҳӣ надоштан аз имло ва шаклҳои имолавии «дунйӣ» ва «дунё» сар задааст мураттибон онро «динӣ» хондаанд. Ё як мисоли дигар аз матни Тошканд аз саҳифаи 42-и он:

Як дамам бо ёр не аҳбоб ояд, не рақиб,
Чун нағунҷад ошно, кай бувад бегонаро?

Инҷо дар мисраи аввал ба ҷои калимаи «ёр» мебоист калимаи «ёд» навишта мешуд, то маънии асл барқарор мегардад. Дар чопи душанбегӣ, ки Алии Муҳаммади таҳия нашудааст, сиҳатии матн барқарор карда шудааст, ба таври зайл:

Як дамам бо ёд не аҳбоб ояд, не рақиб [6, с.28].

Тавре дар боло нишон дода шуду бори дигар таъкид менамоем, дар байни навъҳои бадеии манзуме, ки дар «Девони форсӣ»-и Навоӣ – Фонӣ ҷой доранд, ғазал мавқеи намоён ва ҷойи аввалро ишғол менамояд, яъне ин девон беш аз 550 ғазали форсӣ-тоҷкии суханвари зуллисонайни қарни XV – ро дар худ ҷой додааст.

Дар бораи мавқеи ғазал дар «Девони форсӣ»-и Навоӣ-Фонӣ сухан ронда, набояд фаромӯш намуд, ки он на танҳо аз назари теъдоди онҳо ба ғазалиёти шоир мебояд баҳо дод, балки дар ин маврид мазмуну муҳтавои онҳо низ бояд ба назар гирифта шавад. Ғазалиёти форсӣ-тоҷикии шоир дар баробари ғазалҳои ӯзбекиаш дорои мазмуну мундариҷаи дархӯрди замони ӯ буда, дар ин теъдод метавон дар боробари мавзӯи ишқ мавзӯъҳои зиёди ҳаётӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро дарёфт намуд.

Ба ин ғазали шоир таваҷҷуҳ намоед:

Танам аз ранҷ дар бечорагӣ сӯхт,
Дилам аз ишқ дар оворагӣ сӯхт.
Диламро пора-пора сӯхтӣ ишқ,
Вале ҳаҷр омаду якборагӣ сӯхт.
Зи наъли Рахшаш оташ ҷаст гӯё,
Зи оҳам наъли суми борагӣ сӯхт.
Агар сӯзам ба май хӯрдан, аҷаб нест,
Самандар ҳам аз оташхорагӣ сӯхт.
Назар кун, к-аз рухаш як ламъа афтод,
Ҳазорон ҳар тараф наззорагӣ сӯхт.
Бидеҳ з-он оби оташранг соқӣ,
Ки моро чарх дар маккорагӣ сӯхт.
Чу Фонӣ чора дар ишқат надонист,
Бибин, бечора дар бечорагӣ сӯхт [6, с.94-95].

Ғазалҳои форсӣ-тоҷикӣ ва умуман ғазалиёти Алишер Навоиро бидуни ташаккулу таҳаввули ғазал дар адабиёти форсии тоҷикӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Вай аз мактаби муқтадири ғазалсароёни форситабор ҳамаҷониба сабақ гирифта, тавонистааст аз шогирдӣ, бо навҷӯйиҳо ва навгӯйиҳои худ, ба ҳадди устодӣ бирасад. Ҳангоми аз назар гузаронидани девони форсӣ-тоҷикии шоир дар он тартибу равишеро мебинем, ки онро дар девони шоирони дигар дучор намеоем. «Ин тартиб он аст, ки дар нусхаҳои қаламии номбурда ишораю сарлавҳаҳое мавҷуданд, ки адиб кадоме аз ғазалу қасидаашро дар пайравию татаббӯи шоирони гузашта ва ё муосираш эҷод намудааст кадоме аз ғазалу қасида эҷоди табъи худи ӯст» [7, с.199]. Дар ин бора то ҷое адабиётшиносону шарқшиносоне, чун С. Айнӣ, А. Мирзоев, Забеҳуллои Сафо, Ҳамид Сулаймон, А. Афсаҳзода, С. Ғаниева, Ш.Шоҳмуҳаммедов, А. Ҳайитбеков, Алии Муҳаммадӣ, Э. Шодиев, А. Худойдодова, Р. одизода, Э. Рустамов, Ян Рикка, Е.Э. Бертелс, А. Шоҳмуҳаммедов ва дигарон арзи ақида намудаанд, ки дар бораи онҳо минбаъд бафурсаттар андешаҳои худро иброз хоҳем дошт. Танҳо ишора намуданием, ки Алишери Навоӣ дар гуфтани ғазал, ҳам ба забони модариаш ва ҳам ба забони форсии тоҷикӣ дилбохтаю пайрави Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ва устоду дӯсташ Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ будааст. Дар ин бора гуфтаниҳо гуфта шуда бошанд ҳам, ҳанӯз кам асту пажӯҳиши тоза ва васеътару пурғунҷоишро интизор аст.

Ниҳоят ғазал дар «Девони форсӣ»-и Алишери Навоӣ-Фонӣ, аз ҳар ҷиҳат, ҳам сохт ва ҳам муҳтаво, мавқеи аввалиндараҷаро дорад ва дар улум интизори омӯзишу пажӯҳишу доманадор аст. Хусусан сохту муҳтаво, хусусиятҳои ғоявӣ – бадеии ғазалиёти форсии

Навоӣ – Фонӣ вижагиҳои нотакрори худро доранд, ки аз корҳои минбаъда дар навоишиносӣ мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, Садриддин. Куллиёт. Ҷилди 11. Кибоби якум. - Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1963. - 506 с.
2. Афсаҳзод, Аълохон. Пайванди қарнҳо: маҷмӯи мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 1989. – 240 с.
3. Навоӣ, Алишер. Асарлар. Ўн беш тоилик. Девони Фонӣ. Бешинчи том (I китоб); нашрга тайёрловчи Ҳамид Сулаймон. - Тошканд: Бадеий адабиёт нашвиёти, 1965. – 472 б.
4. Навоӣ, Алишер. Ўн беш тоилик. Девони Фонӣ. Бешинчи том (IIкитоб); нашрга Тайёрловчи Ҳамид Сулаймон. – Тошканд: Бадеӣ адабиёт нашриёти, 1965. – 456 б.
5. Абдуманнони Насриддин. Куллиёт осор. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 764 с.
6. Фонӣ, Амир Алишер. Девони форсӣ; мураттиб ва муаллифи сарсухан Алии Муҳаммадӣ. – Душанбе: Ирфон, 1993 – 320 с. (бо ҳуруфи ниёгон).
7. Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. Меҳру Муштарӣ (Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 2010. – 320 с.

МАВҚЕИ ҒАЗАЛ ДАР «ДЕВОНИ ФОРСӢ»-И АЛИШЕРИ НАВОӢ – ФОНӢ

Алишери Навоӣ (1441-1501) аз суханварони зуллисонайни маъруфи Машриқзамин буда, дар баробари аз худ ба забони модарӣ ашъору осори зиёд боқӣ гузоштан, ба адабиёту фарҳанги форсии тоҷикӣ ҷоннисорона хизмат намудааст, ки намунаи гӯёи он «Девони форсӣ»-и ӯст. Ин девон каму беш 600 байтро ташкил дода, аз анвои шеърҳо, монанди қасида, ғазал, марсия, рубоӣ, фардиёт ва ғайра иборат мебошад. Дар ин девон навъи ғазал мавқеъ ва ҷойгоҳи вижа дорад, ҳам аз ҷиҳати мавзӯву муҳтаво, ки гуфти шоиронаи худи Алишери Навоист. Зиёда аз ин, аз ғазалиёти «Девони форсӣ»-и шоир бар меояд, ки гӯяндаи он шогирду бакамолрасидаи адабиёти ғановатманди форсии тоҷикист. Пайравӣ ва татаббуи ӯ ба ғазалсароёни бузурги форсии тоҷикӣ, монанди Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ ва дигарон баёнгари андешаанд. Аз таҳқиқи муаллифи мақола бармеояд, ки ғазал дар «Девони форсӣ»-и Навоӣ-Фонӣ ҷойи аввалро дорад ва таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи он кори оянда аст.

Калидвожаҳо: «Девони форсӣ», ғазал, Навоӣ-Фонӣ, таҳқиқ, чопҳои «Девони форсӣ», нусхаҳои қаламӣ, навоишиносӣ, пайравӣ, татаббуъ.

МЕСТО ГАЗЕЛИ В «ПЕРСИДСКОМ ДИВАН»-Е АЛИШЕРА НАВАЇ – ФОНЇ

Алишер Навои (1441-1501) является одним из великих поэтов Востока, мыслителем, общественным и государственным деятелм XVI века. Он оставил в истории след как выдающийся литератор, писавший на персидском (фарси) и тюркском языках. Благодаря тюркоязычному творчеству Навои считают родоначальником литературы многих центральноазиатских народов. Литературное наследие Навои велико и многогранно. Наваи творчески использовал многовековой художественный опыт литературы народов Средней Азии и Ближнего Востока и его многогранный талант ставит его в один ряд с мировыми гениями. Его творчество давно уже стало достоянием всего человечества, его сборники стихов, крупные поэмы, прозаические сочинения и научные трактаты, всесторонне раскрывающие духовную жизнь Средней Азии XVI века, получили мировое признание. Он основательно изучал персидское стихосложении и попробовал в практике написав, диван стихов на этом языке под названием «Персидский диван Фони» (псевдоним Навои на персидский стихов - означавший, бременный). Данное произведение состоит из 600 бейтов, касыд, газелей, элегий, рубаи. В данном диване газель относительно темы и содержания занимает особое и важное место. Также из газелей «Персидского дивана» Фони просматривается уже состоявшийся представитель персидско- таджикской литературы. Следование и его приверженность к великим персидско-таджикским поэтам как Саади, Хафиз, Камол, Джами и другим являются пояснением к сказанному. Из исследования автора статьи исходит, что газель в «Персидском диване» Фони занимает главенствующее место и его всестороннее изучение предстоить впереди.

Ключевые слова: «Персидский диван», газель, Навои-Фони, исследование, издания «Персидского дивана», рукописные экземпляры, наваистика, следование, исследование.

GAZELLE PLACE IN “PERSIAN SOFA” - ALISHER NAVOI - FONI

Alisher Navoi (1441-1501) is one of the great poets of the East, a thinker, public figure and statesman of the 16th century. He left a mark in history as an outstanding writer who wrote in Persian (Farsi) and Turkic. Thanks to the Turkic-speaking work, Navoi is considered the founder of the literature of many Central Asian peoples. The literary heritage of Navoi is great and multifaceted. Navai creatively used the centuries-old artistic experience of literature of the peoples of Central Asia and the Middle East and his multifaceted talent puts him on a par with world geniuses. His work has long been the property of all mankind, his collections of poems, major poems, prose works and scientific treatises, comprehensively revealing the spiritual life of Central Asia of the 16th century, have received worldwide recognition. He thoroughly studied Persian versification and tried in practice by writing a sofa of verses in this language under the name "Persian sofa Foni" (the pseudonym of Navoi in Persian verses - meaning, burdensome). This work consists of 600 beits, kasyd, gazelles, elegy, ruby. In this sofa, the gazelle has a special and important place regarding the theme and content. Also from the gazelles of the “Persian Divan” Fony is an already seen representative of Persian-Tajik literature. Following and his commitment to the great Persian-Tajik poets like Saadi, Hafiz, Kamol, Jami and others are an explanation of the above. From the study of the author of the article, it follows that the gazelle in the Persian Couch Fony occupies a dominant place and his comprehensive study is ahead.

Keywords: “Persian sofa”, gazelle, Navoi-Foni, research, publications of the “Persian sofa”, handwritten copies, navaistics, following, research.

Сведения об авторе: ***Додарова Тобон Шерхоновна*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: **(+992) 93-907-05-73**

Information about the author: ***Dodarova Tobon Sherkhonovna*** - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Tajik Language Department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Nakhimov 64/14. Tel.: **(+992) 93-907-05-73**

УДК: 8Т2 Ҳ78

НИГОҲЕ БА ТАРҶУМАИ ШЕЪР

Ҳомидова Н.Ш.
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ

Омӯзиши шеъри русӣ аз роҳи тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ, ки солҳои 60-70-уми қарни XX Лоиқ анҷом дод, «миёни шеърҳои форсии тоҷикӣ ва шеъри мардуми дунё пайванде ба вуҷуд овард». Шеъри Лоиқ нахустин намунаҳои адабии бобарори чунин имтизоҷ дар адабиёти кунунии тоҷик ба шумор меравад.

Нуқтаи дигар дар фаъолияти тарҷумонии Лоиқ вусъати тасвир ва падидаи тасвиргарӣ дар шеъри муосири тоҷикӣ мебошад, ки он низ аз роҳи омӯзиш ва тарҷумаи осори шоироне монанди Гёте, Уитмен, Есенин, Пабло Неруда ва дигарон сурат гирифтааст. Ин ҳол дар шеъри муосири тоҷик имконоти баён ва зарфияти тасвирро хеле афзун кард. Тасвиру тасвиргарӣ, маъниофаринӣ, падид овардани фазо ва ҳолати шоирона, таваҷҷуҳ ба муқтазои ҳол ва самимият дар шеъри Лоиқ «аз баракати шиносоияш бо шеъри мардумони ғарбӣ ва кишварҳои дигари дунё ва таҳқиқи мунсифонаи онҳо аз ҷониби ӯ мебошад» [5, с.68].

Маҷмӯаи «Гулафшон», чуноне ки аз мушоҳидаҳои муҳаққиқон бармеояд, дар ҳаёти адабии Тоҷикистон падидаи наве буд. «Шояд дар ягон забони дигар ин қадар тарҷумае, ки баробари нусхаи асл, балки дар баъзе мавридҳо болотар аз он хонда шавад, набошад. Дар ҳақиқат, хусусан шоироне чун Лоиқ ва Бозор Собир дар кори табъи осори Есенин он кореро анҷом додаанд, ки ба забони тоҷикӣ бояд худи Есенин мекард».

Баъзе костагиҳои тарҷума дар таълифоти есениншиносони тоҷик мавриди интиқод низ қарор гирифт, аммо бо вуҷуди ин, чи навъе ки муҳаққиқи асосии эҷодиёти шоир дар Тоҷикистон А.Давронов гуфтааст: «Гӯйишҳои гуногуни тарҷумаи шеър қариб дар ҳар забон дарёб шудаанд, вале, дар тасаввури мо, тарҷумаи шеъри «Ту, эй Шоҳона, эй Шоҳонаи ман…» дар ягон забон ин қадар шево чу лафзи Шогуна, ин қадар хушрӯ чун ҳусни Шогуна ва ин қадар тавъам ба қавми Шогуна садо надодааст, ҳамчунон ки дар забони тоҷикӣ» [3, с.123].

Дар тарҷума намунаи олии лирикаи ишқӣ будани силсилаи мазкур нигоҳ дошта шудааст. Аз батни он эҳсоси амиқи дили навхостаи шоир садо медиҳад ва аз шеър наво ва оҳанги хоссе ба гӯш мерасад. Равшан аст, ки С.Есенин ба Саъдӣ ва Фирдавсӣ тақлид накарда, балки бунёди шеърро бар тибқи қавонини анъанавии классикии форсӣ гузоштааст:

У меня в душе звенит тальянка,
При луне собачий слышу лай.
Разве ты не хочешь, персиянка,
Увидать далекий синий край?

Тарҷумаи Лоиқ:	**Таҳрири дигари Лоиқ:**
Шаби маҳтобу овози сагонро	Шаби маҳ аккаси саг бишнавам боз,
Чунон ҳам дӯст дорам, дӯст дорам,	Дилам меҷӯшад аз шеъру тарона
Намехоҳӣ магар созӣ тамошо,	Ту ҳам мулки маро, эй духти Эрон,
Ту боре кишвари дури маро ҳам	Хаёли боздидан дорӣ ё на?

Дар тарҷума мушоҳидаи нозуки зиндагӣ, хоҳиш ва ормонҳои шоири рус нигаҳдорӣ шудаанд. Хусусан, дар таҳрири сонӣ мутарҷим ба шоири рус наздикӣ ҷустааст. Инро, масалан, аз хитоби мутарҷим ба «Духти Эрон» («персиянка») низ фаҳмидан мумкин аст, ки дар тарҷумаи аввал вуҷуд надошт.

Таваҷҷуҳ ба шеъри «Ту гуфтӣ: Саъдии оқил, Фақат аз сина мебӯсид…» низ барои муайян кардани аҳаммияти ин шеър ва тарҷумаҳои он муҳим аст. Чизи дигаре, ки таваҷҷӯҳи адабиётшиносонро роҷеъ ба ин шеър ҷалб кардааст, мазаммати аҳли адаб ва андеша ба ин шеър аст, ки В.Самад андаке дар ин бора мулоҳиза рондааст. Асли шеър «Ты сказала, что Саади…» ном дорад ва яке аз маъруфтарин шеър дар силсилаи «Савтҳои форсӣ» мебошад, ки тарҷумаи онро Лоиқ анҷом додааст:

Ты сказала, что Саади	Ту гуфтӣ: Саъдии оқил
Целовал лишь только в грудь.	Фақат аз сина мебӯсид.
Подожди ты, бога ради	Худоро, сабр кун охир,
Обучусь когда-нибудь!	Зи ман ҳам он тавонӣ дид.
Ты пропела: «За Ефратом	Сурудӣ: «Он сӯи ифрот
Розы лучше смертных дев».	Зи духтарҳост гул зебо».

Если был я был богатым, Расад гар даст, мебастам
То другой сложил напев. Суруди тозаю шево.

Муқоисаи ин ду пора дар ду забон нишон медиҳад, ки тарҷума ба назар сатр ба сатр, дар сатҳи олӣ ва шинам сурат гирифта ва тағйироту тафовути зиёде дар синтаксиси шеър дида намешавад. Дар таҳрир баъзе тағйирот ба назар мерасад:

Я б порезал розы эти,
Ведь одна отрада мне -
Чтобы не было на свете
Лучше милой Шаганэ.
Гули зебо чу медидам, Агар меомад аз дастам
Зи шохаш дур мекардам, Ҳамекандам ҳама гулро,
Ки ҷуз Шоҳина дар **дунё,** Ки ҷуз Шоҳона дар **олам**
Набошад ҳеҷ гул зебо. Набошад ҳеҷ гул зебо.

Байти охири тарҷумаи шеър низ таҳрир шудааст:

И не мучь меня заветом,
У меня заветов нет.
Коль родился я поэтом,
То целуюсь, как поэт.
Маро ту бо ҳасад м-озор,
Надорам ман ҳасад, ҷонам.
Чу шоир гаштаам тавлид, Маро модар чу шоир зод,
Чу шоир бӯса бистонам. Чу шоир бӯса бистонам.

Ин шеър дар нусхаи асл хоност, тарҷумаи онро низ муҳаққиқон бобарор хонданд. Далели ин аз ҷониби хонанда гарм пазируфта шудани ашъори шоири рус мебошад. Бино ба мулоҳизаи муаллифи сарсухани «Гулафшон» он «ба назар чун шеъри тоҷикӣ мерасад ва бемуҳобот, кас як муддат аз русӣ будани асли шеър фаромӯш мекунад» [4, с.73].

Тарҷумаи С.Есенин умумият, фардият ва сабки эҷодии мутарҷимро нишон медиҳад. Дар силсилаи «Савтҳои форсӣ» яке аз шеърҳои муҳимме, ки таваҷҷуҳи есениншиносонро борҳо ҷалб карда буд, «Ватани сабзпӯши Фирдавсӣ» аст. Дар ин ҷо мо ба асли шеър ба забони русӣ ва ду варианти тарҷумаи он, ки Лоиқ солҳои 1965 ва 1977 анҷом додааст, таваҷҷуҳ мекунем.

Голубая родина Фирдоуси, Ватани сабзпӯши Фирдавсӣ,
Ватани нилгуни Фирдавсӣ,
Ты не можешь, памятью простив:
Позабыть о ласковом урусе
И глазах, задумчиво простых,
Голубая родина Фирдоуси.
Кай тавонӣ кунӣ фаромӯшам, Кай фаромӯш кунӣ зи будани ман.
Накунӣ ёди мехрубон русе, Ёд н-орӣ зи мехрубон урусе,
В-аз хаёли ду чашми **хомӯшам?** В-аз хаёли ду чашми **бе фани ман,**
Ватани **сабзпӯши** Фирдавсӣ! Ватани **нилгуни** Фирдавсӣ.
Хороша ты, Персия, я знаю,
Розы, как светильники горят
И опять о далеком крае
Свежестью упругой говорят.
Хороша ты, Персия, я знаю.
Ваҳ, чӣ зебоӣ, эй Аҷам, донам, Мулки Эрон, қашангу зебоӣ,
Ҳар гулат **мисли шамъ** афрӯзад. Ҳар гулат **шамъсон** фурӯзон аст,
Ёд орад ба қалби пазмонам Бо тароват зи кишвари дуре,
Аз диёрам, зи кишвари дурам, Ёд орад, ки роҳати он аст.
Ваҳ, чӣ зебоӣ, эй Аҷам, донам! Мулки Эрон, қашангу зебоӣ!
Я сегодня пью в последний раз
Ароматы, что хмельны, как брага.
И твой голос, дорогая Шага,
В этот трудный расставанья час
Слушаю в последний раз.
Охирин бор накҳатат нӯшам, Охирин бор нагҳатат нӯшам,
Ки чу **бода** бидорадам сархуш, Ки чу **бӯса** бидорадам сархуш,
Охирин бор мекунам ман гӯш, Лафзи ширини ҷонфазоятро
Лафзи ширини ҷонфизоятро Охирин бор мекунам ман гӯш,
Дар дами хайрбод, **Шоҳина.** Дар дами хайрбод, **Шоҳона!**
Но тебя я разве позабуду?

И в моей скитальческой судьбе
Близком и дальнему мне люду
Буду говорить я о тебе –
И тебя на веки не забуду.

Лек оё туро барам аз ёд?	**Лек оё зи дил барорам? На!**
Бо чунин ҳоли бесарупоӣ	Бо чунин ҳоли бесарупоӣ
Баҳри ҳар ошное бегона,	Баҳри ҳар ошною бегона,
Гӯям аз хубиҳои ту доим,	Гӯям аз хубиҳои ту доим,
Ҷовидона **туро намоям ёд!**	Ҷовидона **ту дар дили моӣ!**

Я твоих несчастий не боюсь,
Но на всякий случай твой угрюмый
Оставляю песенку про Русь:
Запевая, обо мне подумай,
И тебе я в песне отзовусь…

Ман зи рӯзи бадат наметарсам,	Ман зи рӯзи бадат наметарсам,
Лек дар васфи Русия акнун	Лек дар васфи Русия акнун
Як **суруди ҳазин туро бахшам,**	Як **тарона нишона бигзорам,**
Гоҳ-гоҳе суруда ёдам кун,	Гоҳ-гоҳе суруда ёдам кун,

Ман дар он савт бо ту хоҳам буд… Андар он савт ман ба ту ёрам…

Ин шеър, ки ҷавҳари андеша ва афкори шоирро дар ин силсила фаро мегирад ва дар он сухан дар мавриди ватани Фирдавсӣ - Эрон, сарзамини ориёиҳои бузург Форс (Персия) меравад. Ёди кишвари Эрон ҳамеша бо гӯянда аст, ин кишварро «Ватани сабзпӯши Фирдавсӣ» тарҷума кардани мутарҷим шаҳомату бузургӣ ва неруи кашиши Фирдавсиро собит мекунад. Дар таҳрири шеър сифати «нилгун» дарёфтани ватани Фирдавсӣ рангинии вусъати назари мутарҷим аст. Шеър дар ботин такрорҳо дорад. Масалан, ситоиши Аҷам дар банди дувум идомаи тавсифи ватани Фирдавсӣ дар банди аввал аст, ки зебоии Аҷамро меситояд. Ин ҷо диёри афсонавӣ ва дастнорас будани Аҷам ба гӯши хонанда мерасад. Қаҳрамони шеър Шага–Шогуна–Шоҳина–Шоҳона низ ба тору пуд шарқиёна ва ин ном пайвандгари силсилаи мазкур аст. Шоҳона ба назари шоир рамзи пайванд бо Эрон аст, бинобар ин, «охирин бор нагҳат»-и ӯро менӯшад. Ин нагҳат ӯро чу бода сархуш медорад. Ӯ охирин бор «лафзи ширини ҷонфазо»-и Эронро «дар дами хайрбод» бо Шоҳона гӯш мекунад. Гӯянда ҳушдор медиҳад, ки ҳеҷ гоҳ ин кишварро фаромӯш нахоҳад кард [9, с.249].

Дар коргоҳи мутарҷим ва фардияти биниши ӯ «садои» Шоҳона («И твой голос, дорогая Шага») дар сифати шоиронаи тоҷикӣ ба «лафзи ширини ҷонфизо» бадал шудааст.

Гоҳо мухотаби шоири шеъри асл дар сурати танҳо қарор дорад: «Буду говорить я о тебе». Дар тарҷума ин мухотаб бевосита ва комилан ба сифати «хубӣ» омехта мешавад: «Гӯям аз хубиҳои ту доим».

Синтаксиси шеър низ аз муҳимтарин мавзӯест, ки мутарҷим ба он мутаваҷҷеҳ будааст:

Но на всякий случай **твой угрюмый**
Оставляю песенку про Русь…

Дар тарҷума:

Лек дар васфи Русия акнун,
Як суруди ҳазин туро бахшам.

Лоиқ тавассути замон, макон, рӯйдод ва ҷаҳони ботиниву лирикии шеър хонандаи тоҷикро бо таърихи иртиботу ҳамназарии мардуми рус ва тоҷик дар ибтидои асри ХХ ошно месозад. Ба гунае, ки қаҳрамони он Шага–Шагане–Шоҳина–Шоҳона, бино ба таъкиди муҳаққиқони русу тоҷик, аз ҷумла Ю.Белоусов, В.Самад ва дигарон–Шагандухт (Шагане) Нерсесовна Тальян пайвандгари рӯҳониву маънавии С.Есенин бо олами тамаддуни форсӣ аст. Зикри ном ва тавсифи зебоиҳои Шоҳона дар шаш шеъри силсилаи «Савтҳои форсӣ» рафта ва ин моро аз эҳсоси латифу ноби шоирона огоҳ месозад.

Таҳриру такмили шеър аз ҷониби мутарҷим дар мактаби хоссаи тарҷумонӣ ба таври ҷолиб ва рангоранг сурат гирифтааст. Таҳрирҳои Лоиқ дар «Гулафшон» коргоҳи тарҷумаро хеле равшан нишон медиҳад. Масалан, ватани Фирдавсӣ - «сабзпӯш» дар такмилаи тарҷума сифати «нилгун»-ро гирифтааст, ки олами рангин ва тахайюли густурдаи шеъри тоҷикиро ифода мекунад.

Оҳанги марғуб ва матлуб дар таҳрири ин мисраъ ба назар мерасад:

Кай тавонӣ кунӣ фаромӯшам. Кай фаромӯш кунӣ зи будани ман.
Накунӣ ёди меҳрубон русе, Ёд н-орӣ зи меҳрубон урусе,

Чашмони «задумчиво простых» дар тарҷума «ду чашми хомӯш» ва такмилаи тарҷума «ду чашми бефан» шудааст:

В-аз хаёли ду чашми **хомӯшам?** В-аз хаёли ду чашми **бе фани ман,**

Дар тарҷума ҷуғрофияи андешаҳои шоири рус бо назардошти ҷуғрофияи таърихии форсизабонон сурат гирифтааст. Ватани Фирдавсӣ Персия аст, ки дар тарҷума ба сурати «Аҷам» омада ва дар таҳрири он бо номи кунунӣ–Эрон иваз шудааст. Мутарҷим дар бозгӯи сифати зебоиҳои Форс аз матни аслӣ («Хороша ты, Персия, я знаю») фаротар меравад:

Ваҳ, чӣ зебоӣ, эй Аҷам, донам, Мулки Эрон қашангу зебоӣ,

Бояд таъкид кард, ки ҳам дар шеъри асл ва ҳам дар тарҷума ва таҳрири он сухан аз Форс (Персия), Хуросон, Аҷам, шаҳрҳое чун Шероз ва Бағдод меравад. Дар шеъри С.Есенин ҳар гули Эрон ба мисоли чароғ («Светильник») месӯзад, ки мутарҷим онро шоирона кардааст: «Ҳар гулат **мисли шамъ** афрӯзад». Дар такмилаи тарҷума «мисли шамъ» боз ҳам шоиронатар **шамъсон** шудааст.

Таҳрири ин абёт низ ба ваҷҳи беҳтаре сурат гирифтааст:

Ёд орад ба қалби пазмонам Бо тароват зи кишвари дуре,
Аз диёрам, зи кишвари дурам, Ёд орад, ки роҳати он аст.
Ваҳ, чӣ зебоӣ, эй Аҷам, донам! Мулки Эрон қашангу зебоӣ!

Табдили баъзе ному вожаҳо, масалан, «Шоҳина» - «Шоҳона», «бода» - «бӯса» низ қобили зикр аст.

Ба ҳамин тариқ, Лоиқ пеш аз он ки ба тарҷумаи нисбатан комили С.Есенин даст ёбад, нахуст «Савтҳои форсӣ»-ро бо маҳорату сабки хоссе тарҷума ва нашр кард. Ашъори ин силсила аз нигоҳи доираи мавзӯъ бо мавзӯоти замона якранг ва шабеҳанд. Яъне, маҷмӯаи мазкур он шеърҳоеро дар бар мегирад, ки дар васфи Ватан, зан, эҳсосҳои ботинӣ гуфта шудаанд. Оҳангҳои фараҳу ҳаяҷони дили шоири рус бо лирикаи шоири тоҷик қаробат пайдо карданд.

Таваҷҷуҳи Лоиқро аввал аз ҳама савтиёти форсии шоири рус ҷалб кард, сипас он шеърҳое тарҷума ва нашр шуданд, ки ҷанбаи реалистӣ, граждани, лирикӣ, эҳсосӣ, мотивҳои фоҷиаангез ва оҳангҳои маҳрамонаи бештаре доштанд. С.Есенин барои хонандаи рус ҳамчун шоири шӯридадил, ошиқи шайдо, баёнгари нуктаҳои нозук, латиф ва маҳрамона муаррифӣ шуда буд. Ба назар мерасад, ки таваҷҷуҳи Лоиқро камтар ва Б.Собирро бештар ашъори дорои рӯҳияи романтикӣ ва ошиқонаю тарабангези С.Есенин ҷалб карданд [7, с.123]

Тарҷумаи ашъори С.Есенин дилбастагӣ ва меҳри беандозаи хонандаи тоҷикро пайдо кард ва ба хубӣ эҳсос шуд, ки шеърҳои ӯ бо ашъори саромадони шеъри дарӣ Саъдию Ҳофиз, Хайёму Фирдавсӣ ҳулул шудаанд. Албатта, хонандаи тоҷик бо шеъри С.Есенин хеле дер, солҳои 60-уми асри XX ошно шуд. Аммо муҳим он аст, ки тарҷумаи Лоиқ ва мактаби тарҷумонии ӯ барои ба зудӣ фаро гирифтани шоир имконияти васеъ ба вуҷуд овард. «Савтҳои форсӣ», ки дар тарҷумаи Лоиқ «намунаи барҷастаи пайравии эҷодкорона ба осори шоирони гузашта» ба шумор меравад, рӯҳи мардуми Шарқро ба хонандаи тоҷик баён мекунад.

Дар маҷмӯъ, Есенинномаи Лоиқ самтҳои кори тарҷумонии шоирро ба намоиш овардааст. Интихоби Лоиқи шоир оғози масири Лоиқи тарҷумон ба сӯйи силсилаи ашъори шоирони ғайр маҳсуб меёфт, ки «Савтҳои форсӣ»-и С.Есенин ибтидои он гардид ва мутарҷим ин тамоюлро ба воситаи «Гулафшон» ва осори дигар равнақ дод.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳрорӣ Ҳ. Суҳбат аз санъати тарҷума // Садои шарқ, 1984. - №5. - С. 115-128.
2. Бариева М.Х. Роль и место Сергея Есенина в западно-восточном литературном синтезе («Персидские мотивы»): автореф…. на соиск. уч. степ. канд. филол. наук / М.Х. Бариева. - Душанбе, 2007. - 22 с.
3. Давронов А. Адабиёт ва маърифати инсон / А.Давронов. - Душанбе, 2006. - 304 с.
4. Давронов А. Мушкилоти пайвандҳои адабӣ / А.Давронов // Маҷмӯаи мақолаҳо. - Душанбе, 1999. - 188 с.
5. Есенин С. Гулафшон / С.Есенин; тарҷумаи Лоиқ, Бозор Собир, Муъмин Қаноат. - Душанбе: Ирфон, 1977. - 346 с.
6. Есенин С. Оҳангҳои форсӣ / С.Есенин; аз русӣ тарҷумаи Лоиқ // Садои Шарқ, 1965. - №11. - 56-62 с.
7. Есенин С. Савтҳои форсӣ / С.Есенин; тарҷумаи Лоиқ. - Душанбе: Ирфон, 1965. - 248 с.
8. Куллиёти ашъори Лоиқ Шералӣ / Таҳти назари М.Қосимӣ, Б.Алавӣ, Р.Шералӣ. - Теҳрон: Маркази чоп ва интишороти Вазорати умури хориҷии ҶИЭ, 1383. - 652 с.
9. Куллиёт (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди I (Китоби якум ва дувум). - Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Р.Ҷалил, 2001. - 724+712 с.
10. Нарзиқул М. Фурӯғи ҳастӣ. - Душанбе: Адиб, 2002. - 256 с.
11. Сайфуллоев А. Дарёи шеъри хуб / А.Сайфуллоев // Адабиёт ва санъат. 1985. - 192 с.
12. Хамидова Н.Ш. Взгляд Лоика на проблемы художественного перевода / Н.Ш. Хамидова // Известия АН РТ. Серия общественных наук. - Душанбе, 2008. - № 3. – 176 с.

НИГОҲЕ БА ТАРҶУМАИ ШЕЪР

Дар мақолаи мазкур оиди тарҷумаҳои бадеии шеърҳои русӣ ба забони тоҷикӣ аз ҷониби адибони машҳури тоҷик сухан меравад. Асосан таҳқиқоти муқоисавӣ-типологии ҷанбаи бадеии интиқоли шеърҳои шоири бузурги рус Сергей Есенин ба забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Тарҷумаи ашъори Сергей Есенин дар фаъолияти эҷодии Лоиқ яке аз мавзӯъҳои муҳимми раванди адабии солҳои 60-70-уми асри XX ба шумор меравад. Аз феҳрасти мухтасари тарҷумаҳои шоир равшан мешавад, ки нахустин пайкори Лоиқ дар ин замина ба фазои адабии тоҷикӣ ворид кардани шоири пуршӯру шайдо ва хунинҷигари рус С.Есенин аст.

Лоиқ бо ҳама омодагие, ки дар роҳи андӯхтани таҷрибаҳои ғании шоирӣ дошт, марҳалаи махсусеро дар шеъри муосири тоҷикӣ тай кард. Аммо тарҷумаи С.Есенин оғози давраи наве дар фаъолияти адабиву эҷодии ӯ гардид. Чанд нуқтаи муҳим пайванди орзуҳои инсонӣ ва ниятҳои эҷодии мутарҷимро ба шеъри С.Есенин ва тарҷумаи ӯ исбот менамоянд. Офаридаҳое, ки аз тарафи шоири рус ва мутарҷими тоҷики ӯ ба қалам расидаанд, арзишҳои баландӣ маъноӣ ва бадеӣ доранд. Ашъори С. Есенин дар тарҷумаи Лоиқ, дар ҳақиқат, дараҷаи амиқ дошта, эъҷодиёти бадеии ӯ боиси пешниҳод образҳои зиёд гардида, хонандаро ба ҳаяҷон меоварад. Лоиқ дар тарҷумаи шеър тавассути тавсифи вақт, фазо, чорабиниҳо, қонуниятҳои ҷаҳонӣ хонандаи тоҷикро бо таърихи фарҳангӣ, муносибатҳои халқҳои рус ва тоҷик дар аввали асри XX нишон додааст. Тарҷумаи осори шоири рус аз тарафи мутарҷим дар шароити махсуси мактаби тарҷумонӣ эъҷод шудааст, ки дар он инъикоси фикр, бо малака ва маҳорати моҳирона ба вуҷуд омадааст, ки аз тарафи муаллифи асар дар раванди табиии эҷодиёти тарҷумонӣ дида шудааст.

Калидвожаҳо: назми русӣ, адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, забони тоҷикӣ, ашъори Сергей Есенин.

ВЗГЛЯД НА ПЕРЕВОД СТИХОТВОРЕНИЙ

В статье рассматриваются художественные переводы русской поэзии на таджикский язык известными таджикскими исследователями. В основном освещается своеобразие сопоставительно-типологического аспекта художественных переводов поэзии великого русского поэта Сергея Есенина на таджикский язык. Перевод поэзии С.Есенина в творческой деятельности Лоика воспринимается одним из важных её достижений, вызванных актуальным литературным направлением 60-70-х гг. XX века. Библиографические данные о переводах Лоика свидетельствуют о том, что таджикский поэт стремился посредством перевода ввести в пространство таджикской советской культуры поэтические творения русского поэта С.Есенина и создать его творческий портрет. И переводы творений С.Есенина явились началом новой фазы в его литературной творческой деятельности. Доминирующие сентенции поэзии С.Есенина, союз его человеческих мечтаний и творческих ожиданий создали первооснову тяги переводчика-поэта Лоика к поэзии русского поэта. Образы, созданные русским поэтом и его таджикским переводчиком, многозначны и высокохудожественны. Это в глубокой степени делает поэзию С.Есенина и перевод Лоика истинно - художественными творениями, вызывая у читателя не одну определенную, а множество различных образных ассоциаций. Лоик посредством описания времени, пространства, событий, закономерностей мира поэзии знакомит таджикского читателя с историей культурных взаимоотношений русского и таджикского народов в начале XX века. Совершенствование и редактирование стиха переводчиком происходит в условиях особой переводческой школы, в которой он обретает навыки и умения озарять мысль автора произведения в естественном процессе переводческого творчества.

Ключевые слова: русская поэзия, персидско-таджикская литература, таджикский язык, поэзия Сергея Есенина.

LOOK AT THE TRANSLATION OF THE POEM

The article deals with literary translations of russian poetry into tajik language by well-known tajik researchers. The originality of the comparative-typological aspect of literary translations of the poetry of the great russian poet Sergei Yesenin into the tajik language is mainly covered. The article deals with literary translations of russian poetry into tajik language by well-known tajik researchers. The originality of the comparative-typological aspect of literary translations of the poetry of the great russian poet Sergei Yesenin into the Tajik language is mainly covered. The translation of S. Yesenin's poetry in Loik's creative activity is perceived as one of Its important achievements caused by the actual literary direction of the 60-70s of the XX century. Bibliographic data on the translations of Loik indicate that the tajik poet sought through translation to enter into the space of the tajik Soviet culture poetic works of the russian poet S. Yesenin and create his creative portrait. And translations of S. Yesenin's works were the beginning of a new phase in his literary creative activity. The dominant maxims of S. Yesenin's poetry, the Union of his human dreams and creative expectations created the basic thrust of the translator-poet Loik to the poetry of the russian poet. The images created by the russian poet and his tajik translator are polysemous and highly artistic. This deeply makes the poetry of S. Yesenin and the translation of Loik true artistic creations, causing the reader not one specific, but many different figurative associations. Loik through the description of time, space, events, laws of the world of poetry introduces the tajik reader to the history of cultural relations between the russian and tajik peoples in the early twentieth century. Improvement and editing of a verse by a translator takes place in the conditions of a special translation school, in which he acquires the skills and abilities to illuminate the thought of the author of the work in the natural process of translation creativity.

Key words: Russian poetry, persian-tajik literature, tajik language, poetry of Sergey Yesenin.

Сведения об авторе: ***Хамидова Наргис Шарифджоновна*** - Политехнический институт Таджикского технического университета им. М.С. Осими, кандидат филологических наук, доцент кафедры «Иностранных языков». **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. Ленина, 226. E-mail: **rahim13@list.ru.**
Тел.: **(+992) 927-78-69-86**

Information about the author: ***Hamidova Nargis Sharifjonovna*** - Polytechnic Institute of the Tajik Technical University. M.S. Osimi, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Foreign Languages. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Lenin Str. 226. E-mail: **rahim13@list.ru.** Tel.: **(+992) 927-78-69-86**

УДК:891.550-1:82

МАВҚЕИ МУХАММАС ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Нурова К.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Яке аз навъҳои адабие, ки адабиёти форсии тоҷикиро аз асри XV ба баъд ғанитар гардонида омадааст, ин жанри мухаммас мебошад. Гӯяндаи ин ҷинси ғиноиро мухаммасгӯй ё мухаммассаро мегӯянд. Аслан мухаммас калимаи арабӣ буда, маънояш панҷгона аст. Дар илми адабиётшиносии мо, тавре ишора рафт, мухаммасро ҳамчун яке аз навъҳои адабӣ ё лирика медонанд. Роҷеъ ба ин гуна шакли шеърӣ будани мухаммас адабиётшиносони гузаштаю имрӯза ақидаҳои гуногуни худро дошта бошанд ҳам, «Назарияи адабиёт» мухаммасро чунин таъриф додааст: « Шеъре, ки ҳар банди он аз панҷ мисраъ иборат буда, дар банди якум ҳамаи мисраъҳо бо як таркиби қофия (а, а, а, а, а) сохта мешаванд ва дар бандҳои дигар чор мисраи аввал алоҳидаю мисраи панҷум ба мисраи якуми банди аввал ҳамқофия аст (б б б б а ва в в в в а ва ғ.), мухаммас номида мешавад» [3, с.240].

Зимни таҳқиқу баррасиҳо оид ба мухаммас ба сифати ҷамъбаст, дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» чунин омадааст, ки «Мухаммас асосан ду навъ дорад: 1) шеъри ҳар бандаш панҷмисраӣ, ки аз тарафи як шоир гуфта шудааст; 2) шеъре, ки дар ҳар бандаш се мисраи аввали ҳамвазну қофия аз шоири мухаммасгӯ ва ду мисраи охири банд аз ғазали шоири дигар мебошад, ки онро мухаммасбандӣ ё мухаммаси ботазмин меноманд» [2, с.357]. Бояд гуфт, ки дар ҳар навъи дувуми мухаммас дар банди охир ё хотима тахаллуси ҳар ду шоир зикр меёбад. Аз таърихи пайдоиш то кунун маълум аст, ки мавзӯи асосӣ ва меҳварии мухаммас ишқу муҳаббат аст. Вале поёнтар вобаста ба мавзӯъ хоҳем дид, ки дар ин жанри адабӣ дар баробари мавзӯи ишқу муҳаббат, мавзӯъҳои ахлоқ, шикоят аз замона, ҳаёти иҷтимоӣ, дарду ғам ва ғайра низ ҷой доранд.

Вобаста ба ишораҳо мухаммас дар эҷодиёти шоирони адабиёти форсии тоҷикӣ ҳам дар шакли мустақил ва ҳам дар шакли тазмин дучор мешавад. Аз шоирони мухаммасгӯи адабиётамон метавон Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Сайидои Насафӣ, Шамсиддини Шоҳин, Ҳайрат, Мухлиси Бадахшонӣ, Абдулҳайи Муҷахарфӣ, Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, Садриддин Айнӣ, Зафархон Ҷавҳарӣ ва дигаронро ёд кард, ки дар байнашон яке аз шоирони тавонои асри XVII ва оғози асри XVIII-и тоҷик, ки ҳиссае аз эҷодиёташро мухаммас ташкил мекунад, Миробид Сайидоии Насафӣ (таваллуд тақрибан 1618, Насаф - вафот байни солҳои 1707 - 1711, Бухоро) мебошад. Дар девонҳои қаламии шоир, ки асосан дар Ганҷинаҳои нусхаи қаламии Тоҷикистон маҳфузанд (беш аз 20 нусха), камобеш 74 мухаммаси ӯ китобат гардидааст. Аз ин миқдор то имрӯз дар «Намунаи адабиёти тоҷик»- и Садриддин Айнӣ се мухаммаси Сайидои Насафӣ [1, 110-112], дар китоби «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик»-и Абдулғанӣ Мирзоев, дар боби илова дах мухаммаси шоир [5] , дар «Гулшани адаб» [4, 218-221] чаҳор мухаммаси суханвар, дар «Асарҳои мунтахаб»-и Миробид Сайидои Насафӣ, ки Нодир Шанбезода мураттаб сохтааст [6], шасту чаҳор мухаммаси эҷодкор, дар матни илмӣ-интиқодии «Куллиёти осор»-и Сайидои Насафӣ [7], ки Ҷобулқо Додалишоев таҳияву тадвин намудааст, ҳафтоду чаҳор мухаммас, дар «Девон»-и Сайидои Насафӣ [8], ки Алии Муҳаммадии Хуросонӣ таҳияву тадвин намудааст, шасту се мухаммаси ин адиби барҷастаи даврони худ ба нашр расидаву дастраси ниёзмандон гардонида шудааст. Теъдоди гуногуни банашррасидаи мухаммасоти Сайидои Насафӣ баёнгари онанд, ки дар кишвари мо дар чопҳои гуногун ҳамаи мухаммасҳои дар нусхаи қаламӣ маҳфузмондаи шоир ба табъ расидаанд ва ин кори моро дар омӯзишу пажӯҳиши онҳо хеле осон мегардонад. Дар асоси матни илмӣ-интиқодии осори шоир, ки Ҷобулқо Додалишоев ба табъ расонидаасту мо онро маъхази асосии кори худ қарор додаем, Сайидои Насафӣ ба 73 ғазали 28 нафар шоирони гузашта ва муосираш мухаммас бастааст. Пас, маълум мегардад, ки мавсуф танҳо як мухаммаси ба пуррагӣ аз ҷониби худаш гуфта дораду халос, боқӣ 73 мухаммасро ӯ бо мухаммасбандӣ бар ғазали шоирони дигар эҷод кардааст. Аз инҳо 31 мухаммас ба ғазалҳои Соиби Табрезӣ, 4 мухаммас ба ғазалҳои Ҳоҷа Ҳофизи Шерозӣ, 4 мухаммас ба ғазалҳои Ваҳшии Бофқӣ, 3 мухаммас ба ғазалҳои Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, 3 мухаммас ба ғазалҳои Муҳташами Самарқандӣ, 2 мухаммас ба ғазалҳои Абдурраҳмони Мушфиқӣ, 2 мухаммас ба ғазалҳои Урфии Шерозӣ, 2 мухаммас ба ғазалҳои Бадеъ, 2 мухаммас ба ғазалҳои Нодирӣ, 2 мухаммас ба ғазалҳои Осафии Ҳиравӣ ва якмухаммассӣ ба ғазалҳои Рафеъи Бухороӣ, Санҷар, Муддаӣ, Ироқӣ, Муъмин, Анқо, Камоли Хуҷандӣ, Ҳайдар, Толиби Омулӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Ҷомеъ, Фиғонӣ, Фурӯғӣ, Адои Бухороӣ, Шонӣ, Калими Кошонӣ, Амир Хисрав ва Осафӣ мебошанд. Сайидо аз ҳама бештар ба ғазалҳои Соиби Табрезӣ мухаммас бастааст, яъне 31 адад.

Пеш аз он ки сохту муҳтавои мухаммасоти Сайидои Насафиро баррасӣ намоем, бояд гуфт, ки дар бораи мухаммасҳои ин шоири мухаммассаро ба чуз ишораҳои чузъӣ ва кӯтоҳе дар адабиёти мавчуда, таҳлили мушаххасе дарнаёфтем. Масалан, адабиётшинос Абдулғанӣ Мирзоев аз 74 муҳаммас доштани шоир хабар диҳад ҳам, вале зиёда аз ин дар ин бора сухан нарондааст. Ё адабиётшиноси дигар Алии Муҳаммадии Хуросонӣ дар муқаддимаи «Девон»-и Сайидои Насафӣ аз шоироне, ки Сайидо ба ғазалҳояшон мухаммас бастааст, ёдовар шуда, навиштааст: «Аз номи шоироне, ки Сайидо ба ғазали онҳо мухаммас бастааст, бармеояд, ки баъзе аз онҳо дар адабиётамон машҳуру маъруф набошанд ҳам, ғазалҳояшон писанди шоири мухаммассаро гардида будааст. Ва ба ғазали шоирони номашҳур мухаммас бастани шоир бегумон ҳамин хулосаро пеш меорад. Дар мухаммасҳои мавсуф камоли маҳорати устодӣ бо ҳусни баёну забони равон тавъам аст» [8, с.13] ва ғ. Ин гуфтаҳо ҳеч гоҳ касро доир ба сохту муҳтавои мухаммасоти Сайидо қаноатманд карда наметавонанд. Ва ҳамин моро водор дошт, ки ба ин мавзӯъ рӯ орему ҳаддалимкон роҷеъ ба мухаммасоти ин шоири тавоно баъзе андешаҳои худро рӯи қоғаз барорем.

Дар баробари ба ғазали шоирони даврaҳои гуногуни адабиётамон аз рӯйи завқ мухаммас бастани Сайидои Насафӣ сохту муҳтавои мухаммасҳои шоир низ гуногун мебошанд. Мухаммасоте, ки эҷодкор барои мо мерос гузоштааст, аз 4 то 7 банд доранд. Аз ҷумла, 6 мухаммаси шоир 4-бандӣ, 48 мухаммасаш 5-бандӣ, 7 мухаммасаш 6-бандӣ ва 13 мухаммасаш 7-бандӣ мебошанд, ки 2025 байтро ташкил медиҳанд. Дар ҳамин ҷо ба як чизи дигар бояд таваҷҷуҳ намуд, ки бештар аз ним зиёди мухаммасҳои Сайидо 5-бандӣ мебошанд. Ин маънои онро надорад, ки вай аз байни ғазалҳои шоирони ба онҳо мухаммас баста, танҳо ғазалҳои 5 байтӣ доштаи онҳоро сара карда бошад. На, дар ин вақт худро озод нигоҳ дошта, мувофиқи табъу завқи худ ба байтҳои барояш маъқул мухаммас бастааст. Яъне, вай дар гуфтани ин жанри адабӣ аз ихтиёроти шоирӣ кор гирифта, ашъори худро рангин сохтааст. Масалан, ғазале аз Соиби Табрезиро мегирем, ки он аз 14 байт иборат буда, бо ин матлаъ сар мешавад:

Ғайри Ҳақро медиҳӣ раҳ дар ҳарими дил чаро?
Мекашӣ бар сафҳаи ҳастӣ хати ботил чаро? [10, с.44-45].

Сайидои Насафӣ бошад ба панҷ байти он; байтҳои якум, дувум, панҷум, ҳафтум ва охирини он - чаҳордаҳум мухаммас бастаасту халос. Байтҳои дигар аз ихтиёроти шоири мухаммассаро берун мондаанд.

Дар баробари ин, суханвари борикназар кӯшидааст, ки ба баъзе ғазалҳои пурраи шоирони гузашта ва ҳамзамонаш мухаммас бандад, ки мисолашро боз аз ғазалҳои Соиби Табрезӣ меорем. Соиб ғазале дорад бо ин мисраъ:

Гуландоме, ки медодам ба хуни дида обашро,
Чӣ сон бинам, ки охир дигаре гирад гулобашро? [10, с.195]

ки аз 5 байт иборат мебошад. Сайидо ба ин 5 байти шоири ғазалсарои форс-тоҷик пурра мухаммас бастааст, ки банди мақтаъи онро иқтибос менамоем:

Чаро истодаӣ, ай Сайидо, чун сарв по дар гил,
Дар ин гулзор натвон сохтан як соате манзил ?!
Киро афтода дар боғи ҷаҳон ин қиссаи мушкил ?!
«Ниҳолеро , ки ман чун ток парвардам ба хуни дил,
Чӣ сон бинам ба дасти дигаре, Соиб, шаробашро?! [7, с.126].

Мухаммасҳои Сайидои Насафӣ аз ҷиҳати мавзӯю муҳтаво низ гуногунанд ва маншаъ аз ғазалҳое мегиранд, ки шоир ба онҳо мухаммас бастаасту тазмин кардааст. Дар онҳо, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама, мо мавзӯи ишқро бо ҳама бурду бохтҳояш, шодию ғамаш, бешу камаш, дарди ҳиҷрону шаҳди висолаш ва ғайра дармеёбем. Мухаммассарои устоди ҳунари худ ғазале аз ғазалҳои ошиқонаи Соибро гирифта, ошиқона ба ин оҳанг мухаммас баставу тазмин мекунад:

Ҷониби қулбаам, ай дӯстнавоз, омадаӣ,
Шамъи болини маро баҳри гудоз омадаӣ,
Имшаб , ай қиблаи арбоби ниёз, омадаӣ,
«Дилрабоёна дигар бар сари ноз омадаӣ,
Аз дили ман чӣ ба ҷон монда, ки боз омадаӣ?!.» [7, с.161].

Сайидои Насафӣ дар як мухаммаси худ маъшуқаро сарзаниш намуда, таъкид менамояд, ки беҳудагардӣ ва каҷ мондани пой касро шарманда менамояд. Чунки ашхос на танҳо худро, ҳатто авлоду қавму ҷамъро шармсор месозанд. Аз ин рӯ, бояд дар ҳама ҷо ҳадди худро нигоҳ дошт, хосса дар базмҳои тараб бо ёрон:

Хӯрдӣ шароби нобу саранҷомии ту рафт,
Шарми нигаҳ зи наргиси бодомии ту рафт,
Ранг аз рухи ҳаё зи майошомии ту рафт,
«Рафтӣ ба базми ғайру накӯномии ту рафт,

Номуси сад қабила зи як хомии ту рафт!»

Зоҳид агар ба домани покат барад суҷуд,
Ошиқ ба исмати ту фиристад агар дуруд,
Ҳар дам расад зи гардиши афлок ин суруд:
«Акнун дусад фаришта накӯ гӯяндаш, чӣ суд ?!
Дар шаҳрҳо ҳикояти бадномии ту рафт!» [7, с.149].

Ин мухаммас, ки боз се банди дигар дорад, бар ғазали Назирӣ баста шудааст. Дар ниҳоди ин мухаммас тарғиби ишқу муҳаббати поки инсонӣ ҷой дорад ва ҷанбаи баланди ахлоқиро дар худ таҷассум сохтааст. Дуруст аст, ки дар ин мухаммас шоир бадахлоқонро мазаммат менамояд, аммо ҳадафи ӯ ҳамоно ҳидоят намудан ба сӯйи ахлоқи ҳамида мебошад.

Шоири мухаммассаро вобаста ба мавзӯи ишқ аз ошиқон сабру таҳаммулро чашмдор бошад ҳам, аз хубон бӯйи вафоро умедвор нест ва дар банди аввали мухаммасе, ки бар ғазали Осифии Ҳиравӣ навиштааст, бо ҳасрат мегӯяд:

Ҳар кӣ дар ғам сабр кард, Айюб медонем мо,
Хӯ ба ҳичрон кардаро Яъқуб медонем мо,
Ошиқонро дар вафо мансуб медонем мо,
«Бевафоӣ шеваи маҳбуб медонем мо,
Нест хубонро вафое, хуб медонем мо!» [7, с.141].

Қаҳрамони лирикии эҷодкори асил дар роҳи ишқ осуда ва бекор нест. Пайваста бо азобу машаққат аз дунболи маъшуқа дар ҷустуҷӯи ӯст, ки мегӯяд:

Рафтам шабе ба кӯяш бо қомати хамида,
Бо сад ҳавас нишастам чун гул ба хун тапида.
Даврон ҳанӯз аз хоб накшуда буд дида,
«Он маҳлиқо баромад аз хона май кашида,
Моил ба уфтодан чун меваи расида»… [7, с.132].

Дар мухаммасҳои Сайидои Насафӣ вобаста ба талаботи давру замон ва ғазалҳое, ки шоир мувофиқи табъу завқи худ интихоб кардааст, дар баробари мавзӯъҳои вафову бевафоӣ дар ишқ, шикоят аз ҷафои ёр, тасвири ҳусну ҷамоли маъшуқа, тасвири душвориҳои роҳи ишқу ошиқӣ, ҳамзамон бо мавзӯъҳои муҳаббати Илоҳӣ, тасвири ҳусни ботаровати баҳор ва сифати иди Наврӯз, тараннуми инсонпарварӣ ва ҳаётдӯстӣ, шикоят аз замон ва фалаки каҷрафтор, танқиди замон ва аҳли он, инсон ва ҷойгоҳи он дар ҷомеа ва ғ. метавон дучор омад, ки ҳар яке ҳаддалимкон бори маонии бикр кашидаанд.

Барои ин шоири ғазалсаро дар баробари нӯш кардан, аз бодаи ишқ лаззат бурдан, аз баҳору зебоиҳои он дар ҳамаи синну сол гуворост. Ӯ дар ҳолате, ки набошад, баҳорро хушу гуворо пешвоз мегирад ва аз шароби арғавонии он нӯши ҷон мекунад ва дар ҳама ҳолат чаҳорчӯбаи ғазали мухаммасбастаашро нигоҳ медораду мегӯяд:

Баҳор омад, бикаш дар боғ рахти комрониро,
Зи акси бода гулгун соз ранги заъфарониро,
Агар чун Хизр мехоҳӣҳаёти ҷовидониро,
«Мадеҳ аз даст дар пирӣ шароби арғавониро,
Шароби куҳна аз дил мебарад ёди ҷавониро»! [7, с.153].

Вале боз ҳам баҳор бе чашми наргиси нигор маъние надорад. Маъшуқа аст, ки чаман гул-гул мешукуфад, дил муғча метапад, оби ҷӯй ором надорад ва ғайра:

Дар чаман гул чу ҳадиси ту шунидан гирад,
Бар сари шох дили ғунча тапидан гирад.
Об чун мавҷ ба ҳар сӯй давидан гирад,
«Дар гулистон чун насими ту вазидан гирад,
Чашми наргис ба сари сабза паридан гирад»! [7, с.164].

Бо рафтани моҳи рамазону омадани иди рамазон шодию фараҳи симои лирикии шоир ҳадду интиҳо надорад. Дар ин рӯз хурду калон, пиру ҷавон дар сайронгоҳҳоянд. Мардон дар як сӯю занон дар сӯйи дигар базмҳои тараб оростаанд. Гӯиё замин то осмон гул кардаасту ҳама ҷойи шаҳр «Қасри Ширин»-у «рашки Парвин» гаштаву аз мактабхонаҳо то масҷиду меҳроб оҳанги идиро замзама доранд. Ин мухаммаси шоир бар ғазали Калими Кошонӣ буда, дар банди мақтаъ Сайидои Насафӣ ба худ ишора намуда мегӯяд:

Сайидо, бархез аз ҷо чусту чобук чун насим,
Медиҳад ҷӯши халоиқ мужда аз ҷӯши қадим,
Метавон чун сарв дар саҳни Мусалло, ай Калим,
Рафт берун аз дили ойинаҳо зангорҳо»! [7, с.157].

Дар ин мухаммас дар баробари аз ҷониби мухаммасгӯ риоя шудани мавзӯи ғазали Калими Кошонӣ, ҳамзамон забону ҳусни баён ва сабки нигориши ғазали ғазалсаро сахт

риоя шудааст. Агар ба ҷойи тахаллуси Калим ягон калимаи дигар иваз карда шавад, чунин ба назар мерасад, ки ин мухаммас мухаммаси худи Сайидои Насафист. Агар ба ҳамаи 74 мухаммаси шоир аз ҳамин зовия назар андозему тавақҷуҳ намоем, ҳамин ҳунари мухаммассароии Сайидо равшантар намоён шуда меистад.

Яке аз мавзӯъҳое, ки на танҳо дар мухаммасот, балки дар тамоми осори Сайидои Насафӣ мавқеи вижа дорад, ин дар замони ӯ, дар муҳити зисти ӯ ноёб гаштани ашхоси дорову саховатпеша мебошад. Табиист, ки шоир заҳмат кашидану подоши онро дарнаёфтанро дар назар дорад. Зеро дар аҳди ӯ аҳли ҳунару хирад ин ҳолати ношоистаи замонаро бештар таҳаммул карда натавониста, аз диёре ба диёре, аз мулке ба мулке дунболи рӯзӣ мегардад, чӣ ҳарфе аз беваю бечорагон. Ин гуфтори шоир ҳушдор ба аҳли ҷоҳ, ҳокимону сарварони мулк, дастандаркорони бемулоҳизаи дарборҳо дониста мешавад. Шоир аз забони қаҳрамони лирикии худ ба ин маънӣ лаб ба шиква мекушояд ва бо ҳасрат мегӯяд:

Арбоби ҷудро кафи гавҳарфишон намонд,
Дасти кушодае ба муҳиту ба кон намонд,
Дар рӯзгори мо зи мурувват нишон намонд,
«Аз ҳиммати баланд асар дар ҷаҳон намонд,
Як сарв дар саросари ин бӯстон намонд»!

То чуғдтинатон ба фазои чаман шуданд,
Чун сабза сояпарвари сарву суман шуданд,
Гулҳо зи баски ҳамдами зоғу заған шуданд,
«Мурғони нағмасанҷ ҷилои ватан шуданд,
Ҷуз байзаи шикаста дар ин ошён намонд»! [7, с.143].

Ҳамин маъниро метавон дар ғазалиёти шоир зиёд дучор омад. Вай дар матлаи ғазале мегӯяд:

Ҳамраҳон рафтанду ман по дар ватан дорам ҳанӯз,
Такя чун сурат ба девори бадан дорам ҳанӯз [8, с.216].

Замони Сайидои Насафӣ, ки дар он қаҳрамонҳои лирикии шоир зиндагӣ доранд, дар баробари қашшоқу бенаво, нодору соил, бечораву афтода будан, саросар печидаи ҷурму гуноҳ, нопокӣ, авомфиребӣ ва ғ. будааст, ки ин ҳама зимни осори шоир, бахусус мухаммасҳояш, шояд барои тарғибу тантанаи ахлоқи ҳамидаи ҷомеа бошад, инъикоси худро ёфтаанд. Ба матлаи ин мухаммаси шоир тавақҷуҳ намуда, дармеёбем, ки ӯ ҷомеаи пурфасоди замони худро дар назар дорад:

Насозад тавба аз кирдори худ ҷоне, ки ман дорам,
Намеояд ба худ то ҳашр нисёне, ки ман дорам,
Намеғунҷад ба олам ҷурми пинҳоне, ки ман дорам,
«Занад паҳлу ба гардун кӯҳи исёне, ки ман дорам,
Ба сад дарё нагардад пок домоне, ки ман дорам»! [7, с.163-164].

Сайидои Насафӣ барои нишон додани рӯҳияи замони худ оҳиста ва мулоҳизакор аст. Вай медонад, ки наметавонад аҳли замон, бахусус аҳли тақворо бо забони худ зери тозиёнаи танқид гирад. Аз ин рӯ, аз Соиби Табрезӣ ин мавзӯи тунду тезро вом гирифта бо овози баланд гуфтааст:

Дар чаман имрӯз булбул масти гуфтори худ аст,
Кабк дар кӯҳсорҳо побанди рафтори худ аст,
Сарв мағрури қаду гул маҳви рухсори худ аст,
«Ҳар киро бинем дар олам гирифтори худ аст,
Кори Ҳақ дар токи нисён монда, дар кори худ аст»! [7, с.159].

Ҷойи таъкид аст, ки аз 74 мухаммаси шоир танҳо як мухаммаси он ба пуррагӣ офаридаи ӯ буда, аз 5 банд иборат асту оҳанги шиква аз замон ва ҳамнишинон дорад. Сайидои Насафӣ дар банди севуми ин мухаммас гуфтааст:

Меҳрубониҳо намудам дӯстони хешро,
Ёр бо мадҳу сано кардам забони хешро.
Чун қалам гӯям ман акнун достони хешро,
Хоки пойи ҳар як аз ҳамсуҳбатони хешро,
Солҳо дар дидаи худ тӯтиё кардам, нашуд! [7, с.154].

Дар баробари сохт, мавзӯю муҳтаво забони баёни Сайидо, ки шевою равон, оҳангнок ва бо мусиқӣ тавъам мебошад, бо санъатҳои бадеӣ, тозахаёлиҳо ороставу пероста асту мавзӯи алоҳидаи таҳқиқ дониста мешавад.

Ҳамин тавр, Сайидои Насафӣ дар таърихи адабиётамон аз чеҳраҳои тобони адаб буда, дар баробари эҷоди осори зиёди мондагор, дар навиштану интишор додани жанри мушкилписанди мухаммас маҳорати баланди шоирии худро нишон дода тавонистааст ва то ба имрӯз вирди забонҳо ва писанди хотирҳоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик; таҳия ва нашри китоб бо кӯшиш ва зери назари К.Айнӣ ва Н.Қосим. - Душанбе: Мега Басин, 2010. - 420 с.
2. Аҳрорӣ З. Мухаммас // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. - Душанбе, 1989. - 560 с.
3. Бобоев Ю. Назарияи адабиёт (қисми 1) / Ю.Бобоев. - Душанбе: Маориф, 1987. - 376 с.
4. Гулшани адаб. Намунаҳои назми тоҷик иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди IV / Тартибдиҳандагон А.Афсаҳзод, Ҷ. Додалишоев, Л. Сулаймонова, Ш.Нуриддинов. - Душанбе: Ирфон, 1977. - 386 с.
5. Мирзоев М. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик / Абдулғанӣ Мирзоев. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947. - 200 с.
6. Насафӣ, Миробид Сайидо. Асарҳои мунтахаб: таҳияи Ҷ. Шанбезода. - Душанбе: Ирфон, 1977. - 704 с.
7. Насафӣ, Сайидо. Куллиёти осор. Матни илмию интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Ҷобулқо Додалишоев. - Душанбе: Дониш, 1990. - 467+ 4с.
8. Насафӣ, Сайидо. Девон; таҳияи матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. - Душанбе: Дониш, 2017. - 480 с.
9. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик дар асри XVII / С.Саъдиев. - Душанбе: Дониш, 1985. - 268 с.
10. Мирзо Муҳаммадалии Соиб. Мунтахабот: мураттибон З.Аҳрорӣ, Ш.Лоиқ. - Душанбе: Ирфон, 1980. - 704 с.

МАВҚЕИ МУХАММАС ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Миробид Сайидои Насафӣ аз шоирони ширинсухан ва нозукбаёни асри XVII ва аввали асри XVIII ба шумор рафта, бо мероси адабии гаронбаҳои худ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ мавқею манзалати хоссаеро ишғол карда меояд. Ин адиби баркамол ва шинохтаи тоҷик дар баробари ғазалиёт, маснавиҳои хурд, «Баҳориёт» ва андаке таърихҳо барои мо 74 мухаммас ба мерос гузошта, дар таърихи адабиёти тоҷик дар мухаммассароӣ саҳму нақши арзанда гузошта, аз устодони тавонои ин навъи шеърӣ ба шумор меравад. Замони Сайидои Насафӣ, ки дар он қаҳрамонҳои лирикии шоир зиндагӣ доранд, дар баробари қашшоқу бенаво, нодору соил, бечораву афтода будан саросар печидаи ҷурму гуноҳ, нопокӣ, авомфиребӣ ва ғ. будааст, ки ин ҳама дар осори шоир, бахусус мухаммасҳояш, шояд барои тарғибу тантанаи ахлоқи ҳамидаи ҷомеа бошад, инъикоси худро ёфтаанд. Дар мақолаи мазкур доир ба теъдоди мухаммасҳои шоир, сохту муҳтавои онҳо сухан рафтааст. Аз баррасии муҳтавои мухаммасҳои Сайидо маълум мегардад, ки дар онҳо мавзӯи ишқ мавқеи вижа дорад. Ҳамчунон, дар онҳо тараннуми баҳор ва зебоиҳои он, шикоят аз замон ва нобасомониҳои ҳаёт ва ғайра ба назар мерасад.

Калидвожаҳо: Сайидои Насафӣ, ғазал, мухаммас, қасида, асари тамсилӣ, «Баҳориёт», лирика, зебоиҳои табиат, шикоят аз замон, нобасомониҳои ҳаёт.

СТИХОТВОРНЫЙ ЖАНР МУХАММАС В ГАЗЕЛЯХ САЙИДО НАСАФИ

Миробид Сайидо Насафи является одним из крупнейших поэтов персидско-таджикской литературы XVIII века, чьё творчество отличается особой красотой и аллегоричностью изложения, стилистикой поэтической речи. Литературное наследие поэта включает в себя большое число газелей, касыд, мухаммасов, месневи, а также аллегорическую сатирическую поэму «Бахориёт» («Сказание о животных»), в котором обличаются пороки правящей верхушки и социальное неравенство. В историю таджикской классической литературы Сайидо Насафи вошел как величайший мастер поэтического жанра мухаммас, внесший огромный вклад в развитие данной строфической формы стиха. В мухаммасах поэта бесстрашно разоблачаются социально-бытовые пороки времени, в котором живут его лирические герои, времени повсеместной нищеты и нужды, несправедливости и беспомощности, брошенного властями на произвол судьбы простого народа, с одной стороны, и разгульной, полной греховных благ, достатка и развлечений жизни правящего феодального класса, с другой. В настоящей статье даётся краткая характеристика идейно-художественным и тематическим особенностям мухаммасов Сайидо, а также их количеству и роли в общем творчестве поэта. Тематический анализ данного стихотворного жанра показывает, что большинство мухаммасов Сайидо имеют лирическое содержание. В них также воспеваются красоты природы, особенно весенней поры. Отдельная часть мухаммасов поэта посвящена социально-бытовой теме и имеют протестную направленность.

Ключевые слова: Сайидо Насафи, стилистика, газель, махаммас, касыда, лирика, сатирическая поэма, «Бахориёт», красота природы, протестное направление.

POSITION OF «MUKHAMMAS» IN POETRY OF SAIDOI NASAFI

Mirobid Saidoi Nasafi is one greatest poets of the Persion - Tajik literature of XVIII century, whose creation differs by special beauty and attraction, poetic style of speech. Literature heritage of the poet includes great numbers gazels, qasidas, mukhammases, masnavies, as well as his attractive satiric poem Bahoriyot («Story about animals »), which open disadvantages of the ruling class and social unequality. This article gives a brief description of ideal - literature and thematic features of Saidos mukhammases and their number and plase in total work of the poet. The thematic analyze of this poetic style shows that the majority of Saidos mukhammases have lyric content. They also sing the nature beauty, especially the spring time. The separate part of mukhammas of the poet is devoted to social - habital theme and has protest direction.

Keywords: Saidoi Nasafi, style, gazel, qasida, mukhammase, satiric poem, lyric, nature beauty, protest direction.

Сведения об авторе: ***Нурова Кубриё Алифовна*** - Технологический университет Таджикистана, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаева, 63/3. E-mail: **nurova 74 @ list. ru**. Тел.: **(+992) 985-19-08-60**

Information about the author: ***Nurova Kibriyo Alifovna*** - Technological university of Tajikistan, Candidate of Philology, docent of the Department of the Tajik language. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. N. Karabaev, 63/3. E-mail: **nurova 74 @ list. ru**. Tel.: **(+992) 985-19-08-60**

УДК: 891.550-1

МАВҚЕИ САНЪАТҲОИ МУБОЛИҒА, ТАЛМЕҲ, ЛАБРАС ВА ТАКРОР ДАР “ХУСРАВНОМА”-И ШАЙХ АТТОРИ НИШОПУРӢ

Дӯстов К.А., Зикаева С.З.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шоҳтемур

Яке аз хусусиятҳои муҳимми каломи манзум, ки маҳорату истеъдоди шоирро дар ҷодаи шеър муайян менамояд, истифодаи бамавқеи санъатҳои бадеӣ ба ҳисоб меравад. Шайх Аттор аз шоирони баркамолест, ки бо истифодаи дурусти санъатҳои бадеӣ «Хусравнома» - ро ба қатори беҳтарин асарҳои классикӣ ворид намудааст. Дар рафти омӯзиши асар муайян гардид, ки дар «Хусравнома» санъатҳои зиёди бадеӣ истифода шудаанд. Хусусан, истифодаи назарраси санъатҳои бадеии муболиға, талмеҳ, такрор ва лабрас аз ҷониби Аттор хеле намоён мушоҳида шудаанд.

Санъати муболиға яке аз воситаҳои пуробурангии сухан буда, дар таъсирбахш ифода намудани фикр хеле муҳим аст. Муболиға санъатест, ки шоир дар тасвир ва ситоиши чизе аз ҳадди табиӣ ва аслӣ мебарояд ва ё ки ба пасттарин дараҷа мефарояд [2, с.224]. Шайх Аттор дар корбурди ин навъи санъат муваффақ гардидааст. Аз ҷумла, ба майдони набард омадани Ҳурмуз ва бо лашкари Фирӯзшоҳ ҷангидани вай, ки шоҳи Хузистонро ба ҳайрат оварда буд, аз ҷониби шоир ситоиши беҳад ёфтааст. Чунончи, дар ин ҷо мисраи дуюм бо истифодаи ин навъи санъат тавре ба қалам дода шудааст, ки хонандаро ба сӯйи воқеа бурда, манзараро пеши назар хеле моҳирона ҷило медиҳад:

Ғиреви аҳли Хузистон чунон шуд,
Ки раъде аз замин бар осмон шуд… [4, с.132].

Ҳамчунин, дар идомаи ин ҳодиса шоир аз қатли зиёди душман хун ҷорӣ намудани теғи Ҳурмузро хеле муболиғаомез инъикос карда, дар ин замина сухани худро барои хонанда таъсирбахшу ҷолиб баён намудааст. Чунончи, Аттор дар ин мисраъҳо муболиғаҳои худро бо истифодаи истиораи «шафақ», ки дар ин ҷо ба ҷойи хун омадааст, хеле зебо корбаст кардааст:

Шафақ мерехт теғаш ҳамчу борон,
В-аз ӯ чун барқи сӯзон теғдорон… [4, с.132].

Дар мисраъҳои зерин Шайх Аттор барои инъикоси симои Гулрух ҳамчун ошиқи асил, дилдодаи содиқ, маҳбубаи зебову дилкаш ва дар ишқи Ҳурмуз ошуфтаву дилхун санъати мазкурро бо маҳорати касбӣ корбаст кардааст. Аз ҷумла, дар мазмуни номаи Гулрух ба дилдодааш шоир ҷаззобияти матнро бо тасвири ҳолати аз ҳад зиёд андуҳноки Гул ситоиш кардааст. Чунончи, шоир муболиғаҳои ***Зи оҳи оташин сӯхтани нома, зи сӯзи нома сӯхтани дасту хома, зи ашку оташи Гулрух ҷаҳонеро тӯфону оташ расидан*** ва ***гоҳе то фалак расидани ин оташу дарё шудани замин аз ашки ошиқро*** хеле зебо ба қалам додаст:

Зи **оҳи оташинам нома месӯхт**,
Зи **сӯзи нома дасту хома месӯхт**.
Зи **ашкам оламе тӯфон расида**,
Ҷаҳоне оташам аз ҷон дамида.
Гаҳ **оташ то фалак боло гирифтӣ,**
Гаҳ **аз ашкам замин дарё гирифтӣ**… [4, с.312].

Дар порчаи зерин ҳолати ғамзадаи Гулрух аз забони муаллиф хеле муболиғаомез дарҷ гардидааст, ки бо хондани он ба дили хонанда раҳму шафқат нисбат ба ин персонажи марказӣ ворид мегардад. Чунончи, шоир менависад, ки аз оҳу нолаи Гулрух ситора ба хурӯш омада, замин аз оҳи сардаш пургард ва фалак аз сӯзи дардаш пурдард гаштааст:

Зи оҳу нолаи он моҳпора,
Ба як раҳ дар хурӯш омад ситора.
Замин пургард гашт аз оҳи сардаш,
Фалак пурдард гашт аз сӯзи дардаш… [4, с.89].

Ва ё дар байти зайл тасвири аз ҳад зиёд ҷаззоби зулфи Гулрух, ки гӯё моҳро аз рашк дар сиёҳӣ мондаву, нури рӯяш аз маҳ то ба моҳиро равшанӣ бахшидааст, намунаи муболиғаҳои таъсирбахшу зебои суханвар аст:

Зи зулфат моҳ монад дар сиёҳӣ,
Зи рӯят равшан аз маҳ то ба моҳӣ... [4, с.331].

Дар мисраъҳои зайл низ зебоии Гулро шоир чунон ба қалам додааст, ки гӯё аз ин зебоӣ маҳ дар ҳайрат мондаву гоҳ пинҳон ва гоҳе ба тамошо мебарояд ва ҳамвора шаб низ бо тамоми сиёҳӣ шармандаи зулфи сиёҳи Гулрух будаву гоҳе оянда ва гоҳе шаванда аст. Чунончи, Аттор мегӯяд:

Маҳ аз дидори ту ҳайрон бимонда,
Гаҳе пайдо гаҳе пинҳон бимонда.

Шаб аз шарми сари зулфат даванда,
Гаҳе ояндаву гоҳе шаванда… [4, с.331].

Дар порчаи поён ҳолати андуҳгини Гулрух ва ашк рехтани ӯ дар ҳасрати Ҳурмуз тавре ба қалам дода шудааст, ки гӯё аз бисёрии ин ашк бистараш мисли Ҷайҳун шуда, аз он ҷаҳонро хун зер карда бошад:

Зи чашмаш бистараш Ҷайҳун гирифта,
В-аз он Ҷайҳун ҷаҳоне хун гирифта.
Дилаш чун деги ҷӯшон бар ҳамешуд,
Зи сар то бун, зи бун то сар ҳамешуд… [4, с.176].

Шоир дар истифодаи санъати муболиға, ки суханро бо фасоҳати аз ҳақиқат дур зинат мебахшад, хонандаро гоҳо ба андеша ва гоҳо ба раҳму шафқат меоварад, ки намунаи олии маҳорати суханварии шоир аст.

Аз санъатҳои дигари шеърӣ дар «Хусравнома» санъати талмеҳ аст, ки хеле зиёд корбаст шудааст. Талмеҳ: «Дар адабиёти бадеӣ ишорат кардан ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ба ягон шеъри маъруфи яке аз саромадони сухан мебошад» [2, с.88]. Талмеҳ дар луғат нигоҳи сабук кардан ба сӯйи чизест. Агар «талмеҳ»-ро қаблан, «тамлеҳ» қарор диҳем, ба маънои милҳ кардан - намакин кардан меояд, ки ин ҳам дуруст аст.

Аммо то кадом андоза моҳирона кор фармудани ин навъи санъат аз ҷониби Шайх Аттор аз инъикоси лаҳзаҳои ҷудогонаи воқеаҳои «Хусравнома» зоҳир мегардад. Аттор дар офариниши достон бештар ба қиссаҳои паёмбарон Нӯҳ, Юсуф, Исо алайҳиссалом ва дигар шахсиятҳо, мисли Қорун, Хизр, Рустам, Сулаймон ва ғайраҳо ишораҳои ҷолиб дорад.

Шайх Аттор барои тавсифи қудрати Офаридгор, ки ҳазрати Исоро бе падар ба дунё овард, ситоиши сухани олӣ, ки умри бобаракати Ҳазрати Нӯҳро дорад ва васфи сухандонии Гулрух, ки гӯё ҳанӯз аз гаҳвора сухангӯй аст ин санъатро хеле моҳирона корбаст кардааст. Чунончи, дар боби «Ҳамди Худо», ки қудрати беназир дорад, қиссаи аз Марям бе падар Исӣ оварданашро чунин ишора кардааст:

Зи **Марям** бе падар **Исӣ** бароварда,
Зи шохи хушк хурмое тар овард… [4, с.13].

Аттор дар боби «Сабаби назми китоб» фасоҳати сухани олиро, ки ҳаргиз интиҳо намеёбад, ба умри бобаракати ҳазрати Нӯҳ монанд карда, ҳамвора ба ин шахсияти таърихӣ ишораи ҷолиб кардааст. Ҳамчунин, дар мисраи дуюми байти мазкур суханвар ба қиссаи ворид гаштани рӯҳи муқаддас ба тани ҳазрати Исо ишора карда, аз қудрати беназири Офаридгор ёдрас шудааст:

Ҳар он шеъре, ки умри **Нӯҳ** дорад,
Чу **Исо** кай ҳама тан рӯҳ дорад… [4, с.41].

Дар ин мисраъҳо шоир ба васфи Гулрух пардохта, ӯро бо истифода аз ин навъи санъат чу ҳазрати Исо аз гаҳвора сухангӯй номида, ҳамзамон, ба қиссаи дар гаҳвора бо амри Худованд сухан гуфтани ҳазрати Исоро дар исботи бегуноҳии модараш ба хотир овардааст. Чунончи:

Ба зорӣ андалеб аз гул суханҷӯй,
Гул аз гаҳвора чун **Исо** сухангӯй… [4, с.228].

Дар мисраъҳои зайл Шайх Аттор ба қиссаи ҳазрати Юсуф ишора намудааст. Мутобиқи қисса ҳазрати Юсуф ҳусни нотакрори азалӣ дошта, ҳанӯз дар хурдӣ аз ҷониби бародаронаш мавриди кинаву адоват қарор мегирад ва бародаронаш ӯро ба чоҳ меафкананд. Пас аз ин падарашон Яъқуб дар фироқи фарзандаш Юсуф ранҷи зиёд кашида, ба нобиноии чашм гирифтор мегардад. Шоир бо ишораи ин воқеа азоби дурӣ кашидани Гулрухро дар фироқи ишқи Ҳурмуз дар қисмати дил бохтани Гул ба Ҳурмуз чунин ба тасвир гирифтааст:

Гули бедил зи бехобӣ чунон буд,
Ки аз зорӣ чу барги заъфарон буд.
Гули ошуфтаро як дам кифоят,
Гули бисриштаро як нам кифоят.
Ғами **Яъқуб**ро ёде тамом аст,
Гули садбаргро боде тамом аст…[4, с.78].

Ба қиссаи мазкур шоир дар боби Сабаби назми китоб низ ишораи ҷолиб дорад. Аттор дар ин боб аз ваҷоҳату бузургии сухан ёдовар шуда, ҳамзамон ба беназирии қиссаҳои қуръонӣ эҳтироми худро баён намудааст. Аз ҷумла, чунин овардааст:

Ту мангар қисса асрори сухан бин,
Сухангуфтору гуфтори сухан бин.
Бағоят ҳақтаолӣ хуб гӯяд,
Ҳадиси **Юсуфу Яъқуб** гӯяд… [4, с.41].

Дар байти зайл Аттор дар қисмати аз кишвари Рум ба Хузистон омадани Гулу Хусрав ва бо сабаби нохубии вазъи ҳаво роҳро гум кардани онҳо, ки дар ин асно роҳзанҳо рӯйи Хусравшоҳро дида, аз зебоии ӯ ба ҳайрат меафтанд, ҳусни зебои Ҳурмузро ба ҳусни нотакрори ҳазрати Юсуф монанд кардааст:

Чу ногаҳ рӯи Хусравшоҳ диданд,
Ту гӯӣ **Юсуфе** дар чоҳ диданд…(4, с.168).

Ҳамзамон, шоир дар қисмати қарор доштани Гулрух дар асорати шоҳи Исфаҳон ва дар он ҷо аз ранҷи дурии Ҳурмуз то саҳар нахуфтани шоҳдухтарро бо ишора ба қиссаи ҳазрати Юсуф хеле ҷолиб ба қалам додааст. Аз ҷумла, чунин мегӯяд:

Нахуфт он шаб даме дурри шабафрӯз,
Ки то бар рӯи шаб кай дам занад рӯз
Чу роҳ бардошт сӯи қирвон моҳ,
Баромад **Юсуфи** хуршед аз чоҳ… [4, с.204].

Чунин талмеҳи зебо ба қиссаи ҳазрати Исо ва Юсуфи чоҳ дар қисмати «Дар сифати мӯ»-и асар хеле бамавқеъ ба қалам оварда шудааст. Ин ҷо низ ба таърихи дар чоҳ афганда шудани ҳазрати Юсуф аз ҷониби бародаронаш ва покизагии рӯҳи муқаддаси ҳазрати Исо ишораи ҷолиб омадааст:

Агар дар чоҳаму мӯи ту бар моҳ,
Басам мӯят расан, эй **Юсуфи чоҳ**.
В-агар бар моҳиву мӯи ту бар хок,
Басат мӯи каманд, эй **Исии пок**! [4, с.322].

Дар қисмати «Омадани Фаррух ба Туркистон» шоир санъати мазкурро дар ҳамҷоягӣ бо санъати истиора хеле ҷолиб ба қалам додааст. Ӯ бо тасвири як манзараи табиат ба қиссаи Золи Зар ва фарзандаш Рустами дастон ишора кардааст. Мутобиқи қисса аз сабаби бо мӯйи сафед ба дунё омадани Золи Зар падараш аз ӯ даст мекашад. Ва тарбияву нигоҳубини Золи Зарро симурғи афсонавӣ ба сомон мерасонад. Ва дар натиҷа аз ӯ фарзанди паҳлавоне чун Рустами дастон ба дунё меояд:

Фалак **Симурғ**и шабро кард занҷир,
Баромад **Золи Зар** аз **кӯҳи Кашмир**,
Чу пайдо кард **Золи Зар** рух аз шер,
Ҷаҳон бигрифт чун **Рустам** ба шамшер… [4, с.329].

Ҳамин гуна ишораҳои моҳирона ба қиссаи паҳлавонии Рустами дастон ва қиссаи ишқи Хусраву Ширин низ ба назар мерасанд. Мутобиқи қиссаи Рустам ин шахсият ҳамчун паҳлавони бемисли асотирӣ ёд мешавад. Шоир дар ситоиши Ҳурмузи худ ба ин қисса ишора намуда, Ҳурмузро ҳангоми набард бо шоҳи Исфаҳон ба Рустам монанд кардааст:

Зи пушти **Рахш** чун **Рустам** фурӯ ҷаст,
Лаҷоми **Рахш**ро маҳкам фурӯ баст… [4, с.161].

Ҳамчунин, шоир дар қисмати қарор доштани Гулрух дар асорати шоҳи Туркистон ишорае ба қиссаи Хусраву Ширин намудааст, ки муҳтавояш аз забони шоҳи Чин нисбат ба Гулрух садо медиҳад. Аз ҷумла, вай барои дил ёфтани Гул ба вай чунин изҳори муҳаббат менамояд:

Чаро дар боғи шоҳи Чин наёӣ,
Чу Хусрав дар бари **Ширин** наёӣ… [4, с.295].

Чунин ишораҳои зебо ба қиссаҳои Дорои сонӣ, Қорун ва ҳазрати Хизр низ ба назар мерасанд. Мутобиқи маълумоти қиссаҳо Дорои сонӣ шоҳи адолатпешаи мардуми форс буда, Қорун марди дорову ботакаббур ва бахилу ҳарис ёд мегардад. Аммо Хоҷаи Хизр бошад, шахсияти некпай ва бофайзу баракат аст, ки гӯё ба ҳар ҷое қадам мегузорад, он ҷо ободу пурфайз мегардад. Чунончи, шоир бо истифода аз ин навъи санъат адолати Қайсари Румро ба додхоҳии Дорои сонӣ шабеҳ дониста, бад-ин минвол образи ӯро чун шоҳи одилу адолатпеша ба қалам додааст:

Канизак гуфт: «К-эй **Дорои сонӣ**,
Чу **Хизрат** бод доим зиндагонӣ…» [4, с.138].

Ҳамзамон, дар қисмати баргаштани Гулу Ҳурмуз ба назди Қайсар ва барпо шудани тӯйи арӯсии ҷавонон дар давлати Рум шоир манзараи осоиштагӣ ва баракати рӯзгори мардуми Румро ба ганҷи Қорун ва зиндагии пурфайзи шоҳро ба зиндагии ҳазрати Хизр монанд кардааст, ки бо ин роҳ Аттор шоҳи идеалии халқи меҳнаткашро бо тамоми паҳлуҳояш инъикос намудааст. Чунончи:

Ҳаворо оби **Хизр** аз сар даромад,
Заминро ганҷи **Қорун** бар сар омад… [4, с.227].

Дар ҷойи дигари достон Аттор Қайсарро аз забони канизаки ӯ, ки Ҳурмузи навзодро аз тарси хотуни шоҳ ба бешазор гурезонида буд, васф намуда, аз ҷумла, лутфу эҳсони шоҳро дар назди Меҳмард ва зани ӯ ба ганҷи Қорун баробар дониста аст:

Зи рафъат сар ба гардунат расонад,

Ба нақди ганҷи **Қорун**ат расонад… [4, с.58].

Дар мисраъҳои зайл бошад, шоир ишораҳои хеле дилписанд ба қиссаи дилсиёҳиву бадкории шоҳи мисриён Фиръавн, ба шоҳи одилу саховатпеша Сулаймон ва ба яке аз фариштагони Худованд ҳазрати Азройил, ки мутобиқи ривоятҳо фариштаи марг аст, овардааст. Чунончи, дар лаҳзаи гурехтани шоҳи Нишопур баъд аз мағлуб шудан дар назди Хусравшоҳ, ки тариқи киштӣ ҳангоми шаб ба вуқӯъ омада буд, шоир тасвири сиёҳии шабро ба сиёҳии дили Фиръавн монанд карда, ба ин васила ишораи ҷолибе ба бедодии шоҳигарии Фиръавн кардааст:

Магар гуфтӣ дили **Фиръавн** бигрехт,
Зи рӯди Нил бар ранги шаб омехт… [4, с.275].

Ҳамчунин, Аттор бо истифода аз ин навъи санъат ба саховатпешагӣ ва додхоҳии шоҳ Сулаймон ишора карда, Қайсари Румро дар мартабаву манзалат ба Сулаймон баробар кардааст:

Сипаҳ чун мӯр ҷумла зери фармон,
Шаҳи Қайсар ба кирдори **Сулаймон**… [4, с.49].

Ҳамин гуна ишораи ҷолиб ба фариштаи Худованд Азройил оварда шудааст, ки хонанда бо хондани он ҳатман ривояти халқро дар бораи омадани Азройил ва тарс фаро гирифтани ҷонро ба хотир меорад. Шоир бо истифодаи санъати мазкур тавонистааст, як навъ сурату сирати шоҳ Фирӯзро ҳангоми ба сӯйи Гулрух омаданаш шабеҳи омадани Азройил созад, ки аз забони худи Фирӯз садо медиҳад:

Чӣ гар шоҳе ба қолу қил будам,
Ба чашми Гул чу **Азройил** будам… [4, с.246].

Талмеҳоти Аттор бештар характери динӣ дошта, аз ишорот ба қиссаи паёмбарон ва душманони онҳо сарчашма мегиранд. Чунончи, шоир дар мисраъҳои зайл ба қиссаи шоҳи бедоду золим - Намруд, ки дар даврони ҳазрати Иброҳим зиндагӣ кардааст, ишораи ҷолиб дорад. Мутобиқи қиссаи мазкур ин шоҳ инсони бо кибру ғурур ва худхоҳу бехудо буд. Вай ҳазрати Иброҳимро барои аз Худованд мужда оварданаш ба оташ афганда, сипас барои дидани Худо тавассути каргасҳои парваридааш ба осмон паридааст. Намруд он қадар золим буд, ки ҳатто ба сӯйи осмон бо ғарази душмании Худованд тир андохтааст. Шоир дар руҷӯи лирикии зерин бо истифода аз ишора кардан ба ин шоҳи золим дар қисмати разми Хусрав бо Шопур мисраъҳои ҷолиби пандомез овардааст:

Зи парри пашша гар садяк расидат,
Чу **Намруд** ин чӣ кибр омад падидат,
Ки кибр аз парри пашша ҳамчу **Намруд**
Зи неши пашшае бинҳӣ зи сар зуд?! [4, с.344].

Тавре мебинем, талмеҳоти шоир дар пуробурангии тасвироти лаҳзаҳои «Хусравнома» нақши амиқ гузошта, ифодаро хеле зебо ва муассир намудаанд. Шоир бо роҳи истифодаи ин навъи санъат аслан персонажҳои асарро хеле дилписанд ва ё нафратангез ба қалам додааст.

Санъати такрор - ин навъи санъат ба гурӯҳи санъатҳои лафзии «Хусравнома» марбут буда, доираи васеи истифода дорад. Тӯрақул Зеҳнӣ дар бораи ин санъат чунин тавзеҳ додааст: «Шоир гоҳо барои ба хонанда ҷозибтар расонидани фикр калима ва ё ибораеро интихоб намуда, онро ба тарзи таъкид дар як ва ё чанд байт такрор менамояд. Аммо фаромӯш набояд кард, ки агар такрор аз ҳадди зарурӣ берун барояд, барои хонанда дилгиркунанда ба назар мерасад» [2, с.97]. Такрор намудҳои зиёд дорад, аммо Аттор бештар ду ва ё се намуди онро истифода бурдааст:

1.Дар мисоли зерин калимаи «гаҳе» - ро дар аввали мисраъҳо шоир бо мақсади таъкиду тасдиқи фикр хеле зебо ва дилкаш такрор намудааст. Аз ҷумла, шоир барои тасвири ҳолати андуҳноки Гулрух дар ишқи Ҳурмуз ва таъсирбахшии ифода аз санъати такрор хеле моҳирона истифода кардааст:

Гаҳе берун кунӣ даст аз гиребон,
Гаҳе дар пой уфтӣ ҳамчу домон,
Гаҳе бар рӯи девор афганӣ хеш,
Гаҳе девор паймонӣ пасу пеш.
Гаҳе аз дил барорӣ оҳи сарде,
Гаҳ аз гармӣ фурӯ афтӣ ба дарде... [4, с.80].

Дар байтҳои зерин бо такрори калимаи «замоне» шоир дар қисмати дар асорати шоҳи Исфаҳон қарор доштани Гул ҳолати ӯро аз фироқи маъшуқ ба хонанда хеле таъсирбахш қаламдод кардааст:

Замоне шоҳро аз дар бирондӣ,
Замоне дояро дар бар бихондӣ.
Замоне хоки раҳ бар фарқ кардӣ,
Замоне ҷома дар хун ғарқ кардӣ… [4, с.176].

2.Дар байтҳои зерин калимаи «дарё»-ро дар мобайни мисраъҳо ба таври калимабозӣ хеле моҳирона истифода бурдааст. Шоир бо ин роҳ тавонистааст, андуҳи Хусравро аз воқеаи бо сандуқ дар дарё ғарқ шудани Гул ҷозибтару пуртаъсиртар баён намояд. Чунончи:

Чу **дарё** дорад аз Гул чашм Ҳурмиз,
Зи **дарё** барнагирад чашм ҳаргиз.
Чу дар **дарё** бувад оғушта ёрам,
Чу **дарё** хешро саргашта бинам.
Зи **дар**ё боз бояд ҷустан ӯро,
Дил аз **дарё** набояд шустан ӯро… [4, с.268].

Ҳамчунин, дар боби «Дар сифати мӯй»-и достон шоир калимаи «мӯй»-ро хеле орифонаву оқилона такрор намудааст. Дар ин ҷо низ шоир бо мақсади пуртаъсир инъикос кардани ҳолати Ҳурмузи дилдода ин санъатро хеле моҳирона ба кор бурдааст:

Дилам **мӯе** напечад аз бари ту,
Ба **мӯ**яш мекашам то бар дари ту.
Чу **мӯ**и ту диламро нест дар даст,
Ба **мӯ**е менагардад ин дили маст.
Чу аз **мӯе**ст дили шӯридаи ман,
Чу **мӯ** аз сар бурун шуд дидаи ман?!
Агар дар бандам орӣ ҳамчу **мӯ**ят,
Чу **мӯ**е сар ниҳам бар хоки кӯят… [4, с.318].

Такрорҳои Аттор бори дигар исбот менамоянд, ки шоир дар офариниши «Хусравнома» кӯшидааст, одитарин меъёрҳои образофариниро риоя намуда, сухани худро ҷозибу нишонрас ба қалам диҳад.

Санъати лабрас - низ аз санъатҳои лафзӣ ба шумор рафта, дар достон мисли дигар санъатҳо мавқеи назаррас дорад. Санъати мазкур чунин санъатест, ки шоир ҳангоми иншои асари худ ҳамсадоҳои «м» ва «б»-ро бештар истифода мебарад [2, с.108]) ва ин ҳолат дар «Хусравнома» хеле зиёд ба назар мерасад.

Чунончи, дар лаҳзаи ошиқ шудани Гулрух ба Ҳурмуз ва бечавоб мондани ин ишқ аз ҷониби Ҳурмуз шоир бо истифода аз ин навъи санъат чунин суханпардозӣ кардааст:

Туӣ чун **б**ози хушпар **б**арпарида,
Мана**м** чун **м**урғи бис**м**ил сар**б**урида.
Туӣ чун рӯз **б**о нури илоҳӣ,
Мана**м** чун ша**б** **б**и**м**онда**м** дар сиёҳӣ.
Туӣ чун кӯҳ сар **б**ар авҷ **б**урда,
Мана**м** чун коҳ зери пай фусурда… [4, с.106].

Дар мисраъҳои зерини лаҳзаи ба табибӣ омадани Хусрав ба болини Ҷаҳонафрӯз ва аз ҷониби ин шоҳдухтар иброз гаштани эҳсоси муҳаббат истифодаи бамавқеи ин санъат ранги ҷолиб дорад:

Бад-ӯ гуфто: «Напурсӣ худ, ки чунӣ,
Зи сӯзи андаруниву **б**урунӣ?
Пас аҳволи шаба**м**ро шарҳ **м**епурс,
Дарозии ша**б**а**м**ро шарҳ **м**епурс…» [4, с.197].

Ҳамчунин, суханвар тавонистааст, ки дар ду ва ё се-чор мисраъ якбора гурӯҳи санъатҳои бадеиро моҳирона истифода барад. Аз ҷумла, дар мисраъҳои зайл шоир ҳолати ошиқии Гулрухро аз забони худи ӯ, ки хеле хоксорона садо медиҳад, бо санъатҳои бадеии такрор ***(туӣ, манам),*** тавсиф ***(шамъи ҷаҳонафрӯзи пайваст, парвонаи ҷон)*** ва ташбеҳ ***(монандии Хусрав ба шамъи ҷаҳонфарӯз ва хуршеди ғарқи нур, монандии Гулрух ба парвона ва зарраҳои нури офтоб)*** хеле моҳирона инъикос кардааст:

Туӣ шамъи ҷаҳонафрӯзи пайваст,
Манам парвонаи ҷон бар кафи даст.
Туӣ хуршед, ғарқи нур монда,
Манам чун зарра аз ту дур монда… [4, с.106].

Забон, услуб ва бадеиёт дар тавлиди сухани олӣ, ки рӯҳро осоишу зиндагиро ситоиш мебахшад, нақши бағоят муҳим дорад. Шайх Аттор барои муваффақ гардидан дар ҷодаи шеъру камолоти сухан танҳо ба истеъдоди фитрӣ такя накардааст. Ӯ беҳтарин анъаноти осори гузаштагон ва нозуктарину умдатарин ишораҳои назариявиро дар илми бадеиёт аз бар кардааст. Ва тасдиқи ин андеша инъикоси осори пургановати суханвар аст.

Таърихи адабиёт адибони зиёдеро ёд дорад, аммо ҳеҷ гоҳ яке аз онҳо ҷойи дигариро соҳиб гашта наметавонад. Зеро адиби баркамол танҳо бо услуби фардии эҷодии худ метавонад дили ҳаводоронашро тасхир намояд. Шайх Аттор дар эҷоди «Хусравнома» тавонистааст, чи аз ҷиҳати забонӣ, чи аз ҷиҳати истифодаи санъатҳои бадеӣ ва чи дар бобати услуби нигорандагӣ муваффақияти назаррасро ба даст орад. Ба қавли

Унсурулмаолии Кайковус «Ба вазну қофияи тиҳӣ қаноат макун, бе саноату тартибе шеър магӯй, ки шеъри рост нохуш бувад. Бо санъату ҳаракат бояд, ки бувад ва ғулғула бояд, ки бувад андар шеър ва андар захма ва андар савт, то мардумро хуш ояд…» [3, с.134]. Ба ин маънӣ Шайх Аттори Нишопурӣ низ дар офариниши «Хусравнома» маҳорати касбии худро ҳамчун суханвар ба хубӣ нишон додааст.

Истифодаи санъатҳои шеърии **муболиға, талмеҳ, лабрас ва такрор** имконият додаанд, ки Шайх Аттор мақсаду мароми худро нисбат ба кушодани образи персонажҳои достон пурмазмуну муассир ифода намояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Шамси Қайси Розӣ «Ал-муъҷам»; муаллифи сарсухану тавзеҳотва ҳозиркунандаи чоп У.Тоиров. - Душанбе: Адиб, 1991.
2. Тӯрақул Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе: Маориф, 1992.
3. Унсурулмаолии Кайковус. «Қобуснома» (Насиҳатнома барои фарзанд); таҳиякунанда ва муаллифони пешгуфтору тавзеҳот М.Шарофова, Мирзо Муллоаҳмад. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007.
4. Фаридуддини Аттор. «Хусравнома» / Таҳияи Наҷмии Сайфӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990.

МАВҚЕИ САНЪАТҲОИ МУБОЛИҒА, ТАЛМЕҲ, ЛАБРАС ВА ТАКРОР ДАР“ХУСРАВНОМА”-И ШАЙХ АТТОРИ НИШОПУРӢ

Яке аз хусусиятҳои муҳимми каломи манзум, ки маҳорату истеъдоди шоирро дар ҷодаи назм муайян менамояд, истифодаи бамавқеи санъатҳои бадеӣ маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин муаллифони мақола маҳорати суханофаринии Шайх Атторро дар заминаи истифодаи санъатҳои бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Аз ҷумла, муаллифон дар асоси назарияи санъатҳои бадеӣ вобаста ба мавқеи онҳо дар “Хусравнома” андешаи адабиётшиносони гузаштаву имрӯзро дарҷ намуда, собит кардаанд, ки яке аз воситаҳои пуробурангии сухан санъатҳои бадеибуда, дар таъсирбахш ифода намудани фикр мақоми намоён доранд. Муболиға санъатест, ки шоир дар тасвир ва ситоиши чизе аз ҳадди табиӣ ва аслӣ мебарояд ва ё ки ба пасттарин дараҷа мефарояд. Шайх Аттор дар корбурди ин навъи санъат муваффақ гардидааст. Талмеҳ дар адабиёти бадеӣ ишорат кардан ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ё ба ягон шеъри маъруфи яке аз саромадони сухан мебошад. Аттор дар офариниши достон бештар ба қиссаҳои паёмбарон - Нӯҳ, Юсуф, Исо алайҳиссалом ва дигар шахсиятҳои таърихӣ мисли Қорун, Хизр, Рустам, Сулаймон ишораҳои ҷолиб овардааст. Санъати такрор ба гурӯҳи санъатҳои лафзии «Хусравнома» марбут мебошад. Шоир гоҳо барои ба хонанда ҷозибтар расонидани фикр калима ва ё ибораеро интихоб намуда, онро ба тарзи таъкид дар як ва ё чанд байт такрор менамояд.

Мақолаи мазкур барои омӯзиши бахше аз эҷодиёти Шайх Аттор мавқеи намоён дошта, маҳорати баланди образофаринии шоирро дар асоси санъатҳои бадеӣ исбот менамояд.

Калидвожаҳо: каломи манзум, маҳорату истеъдоди шоир, санъатҳои бадеӣ, маҳорати суханофаринии Шайх Аттор, назарияи санъатҳои бадеӣ, санъати такрор, лабрас.

РОЛЬ ПРЕУВЕЛИЧЕНИЯ, НАМЁКА И ПОВТОРЕНИЙ В “ХОСРОВНАМЭ” ШАЙХ АТТОРА НИШОПУРИ

Одной из особенностей поэзии, с помощью которой определяется мастерство и значимость творочества поэта-использование раз,личных приемов художественного искусства. Авторы статьи анализируют значение преувеличения, намёка и повторений в произведении “Хосровнамэ” Шайх Аттора Нишопури. Дустов К. и Зикаева С. мастерство Шайх Аттора расмотрели на основе применения им различных приёмов выразительности и усиления смысловых значений. Авторы на основе теории художественного искусства и их места в “Хосровнамэ” приводят идеи прошлых и современных литературоведов, отмечают, что одним из приёмов приукрашения слова считается художественное искусство, которое непосредственно оказывает глубокое влияние ва восприятие человека. Приём преувеличения, посредством которого поэт в изображении или в восхвалении какого-то предмета выходит из естественных и подлинных границ, мастерски используется в его произведениях. И авторы статьи, используя примеры из “Хосровнамэ”, показали эту идею. Такжев поэтическомпроизведении Шайх Аттора “Хосровнамэ” художественный приём намёка встречается многократно. В художественной литературе намёк - это обращение к историческим, мифологическим и сказочным событиям. Шайх Аттор для создания своей поэмы много раз обращался к образам пророков - Нуха, Юсуфа, Исо и другим историческим личностям, таким как: Корун, Хизр, Рустам, Сулаймон и другие. Искусство повторения достаточно широко использовано в “Хосровнамэ” Шайх Аттора. Поэт использовал эти приёмы для того, чтобы читатели могли понять глубокий смысл и подумать о прочитанным. Данная статья способствует более широкому изучению и осмыслению читателями творчества Шайх Аттора.

Ключевые слова: поэзия, мастерство и значимость творочества поэта, приемы художественного искусства, мастерство Шайха Аттора, теория художественного искусства, приём повторения,намек.

THE ROLE OF EXAGGERATION, HINT AND REPETITION IN “KHOSROVNAME” SHAYKH ATTORA NISHOPURI

One of the features of poetry, which is used to determine the skill and significance of the poet’s creativity, is the use of various techniques of artistic art. The authors of the article analyze the meaning of exaggeration, hint and repetition in the work of “Khosrovnam” by Shaykh Attor Nishopuri. Dustov K. and Zikaev S. mastered the skill of Shaykh Attor on the basis of the use of various techniques of virativity and strengthening of semantic values. Especially, the authors based on the theory of artistic art and their place in Khosrovnamee cite ideas of past and contemporary literary critics, saying that one of the embellishments of the word is artistic art, which directly have a profound influence on human perception. Receiving exaggeration by which the poet in the image, or in the praise of some object goes beyond the natural and genuine boundaries, is skillfully used in his works. And the authors of the article, using examples from “Khosrovname”, showed this idea. Also in the poetic work of Shaykh Attora “Khosrovname” an artistic hint is used, it is found many times. In fiction, a hint is an appeal to historical, mythological and fabulous events. Shaykh Attor, to create his poem many times he

turned to the images of the prophets Nuh, Yusuf, Iso and other historical figures such as: Korun, Khizr, Rustam, Sulaymon and others. The art of repetition is widely used in the Khosrovname Shaykh Attora. The poet used these techniques to enable readers to understand the deep meaning and think about what they read. This article contributes to a wider study and understanding by readers of the art of Sheikh Attor.

Keywords: poetry, mastery and significance of the poet's creativity, artistic techniques, Sheikh Attor's mastery, theory of art, repetition technique, hint.

Сведения об авторах: ***Дустов К.А***. – Таджикский аграрный университет им. Ш.Шотемура, доцент, заведующий кафедрой таджикского языка. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 146
Зикаева С.З. - Таджикский аграрный университет им. Ш.Шотемура, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 146. Тел.: **(+992) 93-582-73-03**

Information about the authors: ***Dustov K.A.*** - Tajik Agrarian University. Sh. Shotemura, Associate Professor, Head of the Department of Tajik Language. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki 146
Zikaeva S.Z. - Tajik Agrarian University. Sh. Shotemura, Associate Professor, Department of Tajik Language. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki 146. Tel.: **(+992) 93-582-73-03**

УДК:821.21/.22-93

САНЪАТИ МУАММО ДАР ОСОРИ МУАРРИХОНИ ШИБҲИ ҚОРАИ ҲИНД

Пӯлотов Н.Н
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Дар асрҳои XV- XVI дар радифи Мовароуннаҳру Хуросон, дар салтанати Темуриёни Ҳинд жанри муаммо низ нуфузи худро пайдо карда, нақшу мақоми он дар осори муаррихон ва адибони Шибҳи қораи Ҳинд басо назаррас буд, зеро дар таркиби ин ҷинси адабӣ, ки пайванд ва рушди забони форсӣ бо он вобаста аст, як қатор масоили норавшани адабиёт ва ҷараёни зиндагӣ, футӯҳот, рухдодҳои сиёсиро пайдо кардан мумкин аст.

Дар адабиётшиносӣ муаммо ба ҳайси ҷинси адабӣ амал карда, аз як байт, фард ё рубоӣ иборат буда, дар баъзе маврид дар қитъа, ҳатто дар ғазалҳо низ мушоҳида карда мешавад.

Мо дар вақти ҷустуҷӯ аз мероси адабии шоирон ва адибони асрҳои XV- XVI ба миқдори зиёди муаммоҳо дучор омадем, ки аксарияти онҳо то ҳол маълум нестанд. Ин муаммоҳо аз ҷиҳати бадеият ва мазмун хеле хуб мувофиқи матолиби суханварон гуфта шудаанд.

Дар бораи маънои луғавӣ ва истилоҳии муаммо ба як қатор луғат ва осори илмӣ такя хоҳем кард.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маънои муаммо *«сухани сарбаста ва муғлақ, масъалаи пӯшида; рамз»* оварда шудааст [10, с.709] .

Дар «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» бошад, дар хусуси муаммо навишта шудааст: *«… **муаммо** яке аз намудҳои луғз ва чистон аст.* Шоир дар чанд байт номи касеро бо рамз ва ишораҳои ниҳоят сарбаста зикр мекунад ва хонанда бо диққати том ва фаросати нозук пас аз муҳокимаҳои дақиқ он номро пайдо карда метавонад [11, с.54-55].

Ин жанри адабӣ дар назми классикии форсу тоҷик ҳанӯз аз садаи XIII сар карда, мавриди истифода қарор гирифта буд. Вай дар қуруни XV ниҳоят авҷ гирифта, бузургтарин шуаро низ ба ин намуди назм диққати хосса зоҳир карда, анъанаи он то асрҳои XVII равнақ мегирад. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик доир ба муаммо чандин рисола таълиф шудааст, ки қоидаву тартиби навиштану шикофтани муамморо баён мекунанд.

Муаммо санъатест, ки шоир номи махсус ё чизеро дар сурати нуҳуфта ба воситаи амали қалб ва тасхиф ё бо иваз кардани муродифҳо, ҳисоби абҷад, киноя ва ишоратҳои пӯшида дар як байт ва ё якчанд байт навъе мепӯшонад, ки аз ғайри фикру мулоҳизаи борик ва диққати амиқ шикофтан муҳол буда, асосан кушодани он мавқуф ба донистани қоидаҳои маълуми муаммост.

Дар аввалҳо шоирони пешина муаммо ва чистонро як чиз фаҳмидаанд. Баъдан онҳо ҳамчун мафҳумҳои ҷудогона аз ҳам ҷудо шудаанд.

Муаллифони баъзе сарчашмаҳои адабӣ, амсоли Анварӣ ва Рашидаддини Ватвот муаммо ва луғзро як чиз донистаанд. Рашидаддини Ватвот муаллифи асари «Ҳадоиқ-ул-сеҳр фи дақиқ-уш-шеър» санъати луғзро муаммо зикр карда, мегӯяд: «Ин санъатест ҳамон муаммо аст, ки онро «чистон» хонанд…». Аммо муаллифи асари «Ал-муъҷам» Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ бошад луғзро муаммо надониста, онро як навъи мустақили санъати шеърӣ зикр карда, гуфтааст, ки *«Луғз санъатест, ки маънис аз маънии каломе аст мушкил, ки ба тариқи суол бипурсанд. Аз ин ҷиҳат, онро дар Хуросон чистон хонанд…»* [7, с.146].

Муаммо як навъи санъати шеъри мустақил буда, дар он номи одам ё чизи дигар пинҳон дошта мешавад, ки инро мо дар асари суханварони адабиёти форсу тоҷик, хосса дар кутуби таърихӣ низ дида метавонем. Муаллифи китоби «Ҳадоиқ-ул-сеҳр» Рашидаддини Ватвот дар хусуси таърифи муаммо сухан ронда, аз ҷумла чунин навиштааст: «Ин санъат чунон бошад, ки шоир номи маъшуқ ё чизи дигарро дар байти дигар пӯшида биёрад…Аммо ба тасҳиф, аммо ба қалб, аммо ба ташбеҳ, аммо ба ваҷҳи дигар ва он чунон бошад, ки аз табъи нек дурр набошад ва аз алфози нохуш холӣ бувад ва ин санъат онро шояд, табъҳои ниқоб ва хотираҳои вақодро ба истиғроқ биозмояд…» [7, с.146].

Муаммо, агарчи дар адабиёти тоҷик ҳанӯз аз ибтидо вуҷуд дошта бошад ҳам, вале танҳо дар асри XIV ва махсусан дар садаи XV маъмул гашта, ривоҷу равнақ ёфтааст.

Бунёди назарии муаммо дар асри XIV аз тарафи Мавлоно Шарафиддини Алии Яздӣ гузошта шуда, танҳо дар нимаи дуюми асри XV оид ба қонуну қавоиди он беш аз понздаҳ рисола таълиф гардидааст. Мавлоно Шарафиддин Алии Яздӣ аз адибон ва донишмандони забардасти нимаи аввали асри XV буда, дар муаммогӯӣ ва муаммошикофӣ қудрати беназире дошта, рисолае ба номи «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғаз» иншо кардааст. Ин асар бо номи асари таърихии «Зафарномаи темурӣ» низ машҳур буда, онро баъди заҳмати чаҳорсола дар соли 1425 ба поён расонидааст. Ӯ бо тахалусси «Шараф» шеър эҷод карда, девони ашъори ӯ то даврони мо омада расидааст. Манзумае ба номи «Темурнома» низ дорад, ки дар таърихи ҷаҳонкушоии соҳибқирон –Амир Темур мебошад.

Дар ин даврон як гурӯҳ адибон маҳз муаммоӣ буданд: Мавлоно Муҳаммади Муаммоӣ, Мулло Мирҳусайни Муаммоӣ, Мулло Шаҳобуддини Ҳақири Муаммоӣ, Мулло Ҷамшеди Муаммоӣ, Мулло Шиҳоби Муаммоӣ, Муҳташами Қошӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Мир Алишери Навоӣ, Восифӣ ва дигарон саромади муаммосароён ва муаммошигофон буда, дар ҳалли муаммо устоди беназир маҳсуб ёфта, ҳатто дар бораи муаммо як силсила рисолаҳо эҷод кардаанд.

Аввалан, адибони пешқадам бо нияти тарбияи табъи баланд муаммо гуфтаанд. Сониян, онҳо баъзан ба тариқи муаммо қасидаву ғазал, қитъаҳо навишта, мазмунҳои муҳимми зиндагиро талқин кардаанд.

Атоулло Ҳусайнӣ дар киоби «Бадоеъ-ус-саноеъ» таърифи муамморо чунин зикр карда, аз ҷумла гуфтааст: «Каломест мавзун, ки ба тариқи ишорат далолат кунад бар исме бар ваҷҳе, ки соҳиби табъи салим аз он калом ба он исм интиқол тавонад кард ба шарти он ки он далолат мақсуди шоир бошад [7, с.134].

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ соли 1452 «Рисолаи кабир дар муаммо» таълиф карда, қавоиди муаммо ва шарҳу эзоҳи онро баён кардааст. Ин рисоларо худи муаллиф «Ҳуляи ҳулал » номидааст.

Дар бораи фаъолияти эҷодӣ ва осори илмию адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ ва мақоми рисолаҳои ӯ- «Рисолаи мутавассит дар муаммо», «Рисолаи сағир дар муаммо», «Рисолаи асғари манзума дар муаммо» дар асари донишманди мумтоз Аълохон Афсаҳзод - «Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир», маълумот то андозае бештар аст [4, с.154-159]

Аз сарчашмаҳои адабӣ ва тазокир маълум мешавад, ки шуарои мумтози форсизабони қарни XV бо сабабҳои гуногун рӯ ба кишвари биҳиштосои Ҳиндустон ҳичрат намуда, дар риштаҳои гуногуни улуми адабӣ осори зиёде эҷод карда, аз ибтидо то интиҳо дар рушду нумуи кулли соҳоти фарҳангу тамаддуни башарӣ ҳиссаи бузург гузоштаанд.

Нисбати Мирзо Қосим (Қосимӣ) муаллифи достони таърихии «Шоҳнома» пиромуни корнамоии Шоҳ Исмоил ва писари ӯ Таҳмосп, Мулло Ҳайрат, Навидӣ, Мулло Хурд Заргар (Фаноӣ), Хоҷа Муҳаммад Муъмин (Озарӣ), Шайх Озарӣ, Хоҷа Ҳусейн, Нуриддин Мухаммадхони Тархон, Мавлоно Қосими Кохӣ, муаллифи «Гулафшон», ки дар пайравии «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ иншо кардааст, Файзии Файёзӣ, Абдулқодири Бадоунӣ, Абулфазли Алломӣ ва ғайра маълумоти пурқимате дар асар ва маъхазҳои адабӣ мавҷуд аст.

Муаррихони форсизабони аҳди Акбаршоҳ (1556-1605)–Абулфазли Алломӣ (1551-1602) ва Абдулқодири Бадоюнӣ (1540-1615) дар «Акбарнома» ва «Мунтахабут-таворих» («Таърихи Бадоюнӣ»), ки донишҳои гуногуни адабӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ, чуғрофӣ, таърихи ҳукумати Темуриёни Ҳинд ва Ҳиндустонро дар бар мегирад, талаботи завқи бадеии аҳли адаб ва хонандагони асрро ба эътибор гирифта, дар дохили осори таърихӣ ашъори суханварони мумтози адабиёти классикии форсу тоҷикро барои пуробурангии рухдодҳои таърихии қисмати асар истифода бурда, суҳуфи асарро хонданӣ кардаанд.

Адибон ва муаррихони пешқадами салтанати Темуриёни Ҳинд бо нияти тарбияи табъи баланд ва нуктасанҷӣ муаммо гуфта, ба ин қасидаву ғазалу қитъа иншо намуда, мазмунҳои муҳимми зиндагиро талқин кардаанд.

Як хасоиси ба назар намоёни «Акбарнома» дар истифодаи моҳиронаи **санъати муаммо** маҳсуб ёфта, ин навъи санъат дар осори таърихии Абулфазли Алломӣ ва дигар адибони аҳди Темуриёни Ҳинд фаровон истифода шудааст.

Алломӣ дар кутуби таърихии хеш – «Акбарнома» санъати муамморо кор фармуда, боби махсусеро дар «Акбарнома» «Ба нақли муаммоҳои хубе, ки ба тавлиди неки Ҳазрати Шоҳаншоҳ Шоҳи Шоҳон (яъне Акбар-Н.П.) гуфта шудаанд», бахшида, роҷеъ ба муаммои Мавлоно Нуриддини Тархон, ки шавқу завқ ва писанди ҳамагон гашта буд ва оид ба моҳу соли тавлиди Акбаршоҳ маълумоти судманд медиҳад, сухан рондааст:

Шаҳ кабир нисбати шоҳони олам,
Акбар ному Ҷалол унвони ӯ.
Солу моҳу рӯзи мавлуд муайян,
«**Шаби якшанбеи панҷуми раҷаб**» [1, с.48].

«Шаби якшанбеи панҷуми раҷаб» рӯзу моҳ ва соли тавлиди Акбарподшоҳ маҳсуб меёбад. Тибқи ин муаммо Ҷалолиддин Акбар соли 949 ҳичрӣ / 1542 милодӣ ба олам чашм кушодааст.

Нуриддин Мухаммадхони Тархон бо лақаби «Ҳакими сафедун» машҳур буда, дар аҳди Акбар умр ба сар бурда, бо тахаллуси «Нурӣ» ашъор эҷод кардааст. Бадоюнӣ дар «Мунтахаб-ут-таворих» қайд намудааст, ки лақаби «сафедун» аз номи яке аз деҳаҳои Сарҳинд гирифта шудааст. Вай соли 994 ҳ.//1585-86 дар Деҳлӣ вафот кардааст [5, с.157, 197].

Дигар аз муаммосароёни машҳур Мавлоно Шиҳобиддини Муаммоӣ буда, ӯ низ устоди чистон маҳсуб ёфта, бо тахаллуси «Ҳақирӣ» машҳур гардида, пиромуни марги Бобур ва ба тахт нишастани Ҳумоюн чунин муаммо эҷод кардааст:

«Ҳумоюн бувад вориси мулки вай» [1, с.118].

Ин муаммо ба 6 ҷумодию-л-аввали 937 ҳичрӣ / 26 декабри соли 1530 рост меояд.

Муаммои дигар бо номи:

«**Гул аз боғ берун шуд**» [1, с.99].

ва

Кавкаби бурҷи шоҳаншоҳӣ» [1, с.175].

ба Мир Амонӣ аз Ҳирот муталлиқ буда, аз замони фавти Мирзо Ҳиндал (фарзанди Бобур ва бародари Гулбаданбегим-Н.П.) ва Султон Чиғатой дарак медиҳад, ки соли 928 / 1518 таваллуд ва соли 958 /1551 фавтидааст.

Мир Амонӣ дар Кобул тавлид шуда, соли 981 ҳ.//1573-74 аз аспи хеш афтида, дар шаҳри Ҷаунпури Ҳинд аз олам чашм пӯшидааст.

Мавлоно Қосими Кохӣ доир ба фавти ҷаннатошёнӣ-Ҳумоюн, падари Акбар муаммое нигоштаанд, ки он ба соли 963 ҳ./ 1556 рост меояд:

Ҳумоюн подшоҳ малики маънӣ,
Надорад кас чу ӯ шоҳаншоҳе ёд.
Зи боми қасри худ афтод ногоҳ,
В-аз он асри азизаш рафт бар бод.
Пайи таърихи ӯ Кохӣ рақам зад,
«**Ҳумоюн подшоҳ аз бом афтод**» [5, с.466].

Ҳумоюн дар соли 963 ҳ./ 1556 бар болои боми китобхонаи хеш, ки дар қалъаи «Динпаноҳ»-и Деҳлӣ сохта буд, баромада, дар ҳини фуруд омадан бонги намозро шунида, ба ҷиҳати таъзими азон нишастан ва ба вақти бархостан пойи эшон лағжида, аз чанд зинапоя ғалтида, баъди чанд рӯз ин олами бевафоро падруд гуфта, ба дорулбақо хиромидааст.

Ҳамин муаммо дар асари набераи Ҳумоюнподшоҳ - Нуриддин Муҳаммад Ҷаҳонгир (с.тав. 30.08.1569/ с.ваф. 8.11.1627) «Ҷаҳонгирнома» айнан барои ифодаи матолиб оварда шудааст. Мусанниф, нисбати тавсифоти Арш-ошёнӣ (Ҷалолиддин Муҳаммад Акбаршоҳ-Н.П.) сухан ронда, роҷеъ ба «Сулҳи кулл», шуҷоату далерӣ, филсавори падари бузургвораш, баъди фавти ҳазрати Ҷаннат-ошёнӣ дар дорулхилофаи Деҳлӣ (Ҳумоюн-Н.П.) дар синни 14-солагӣ бар тахти салтанат ҷулус фармудани Акбар сухан ронда, оид ба муаммои нигоштаи Мавлоно Қосими Кохӣ доир ба фавти Ҳумоюн мисраъе, ки ҳам баёни ҳол ва ҳам таърихи реҳлат ва интиқол аст, ҳарф зада таъкид кардааст:

Ҳумоюнподшоҳ аз бом афтод [8, с.16].

Қосими Кохӣ аз Кобул буд. Муаллифи «Оташкада» бинобар дар Кобул зиндагонӣ кардан ӯро «Кобулӣ» ёд мекунад. Ӯ шоири номдори аҳди Ҳумоюн буда, баъди марги ӯ дар дарбори Акбаршоҳ низ ба эҷоди асарҳо машғул гаштааст. Абулфазли Алломӣ дар «Ойини Акбарӣ» ба «…фитратан хушмизоҷ ва қаноатпеша…» будани ӯ ишора кардааст [3, с.506-507]. Дар таърихи вафоти Мирзо Чиғатой, ки дар соли 953 ҳ.1546 м. воқеъ буд, Қосими Кохӣ муаммое иншо кардааст, ки дар он таърихи вафоти Султон Чиғатой батафсил оварда шудааст:

Султон Чиғатой буд гули гулшани хубӣ,

Лекин сӯи ризвон аҷалаш роҳнамун шуд.
Дар мавсими гул азми сафар кард аз ин боғ,
Дилҳо зи ғамаш ғунчасифат ғарқа ба хун шуд.
Таърихи вай аз булбули мотамзада ҷустам,
Дар нола шуду гуфт: **Гул аз боғ бурун шуд.**

Махфӣ мабод, ки ҳар гоҳ адади «гул», ки панҷоҳ аст, аз «боғ» ки ҳазору се аст, берун шавад, бокӣ нуҳсаду панҷоҳу се мемонад, ки матлуб аст.

Муаммои дигари Қосими Кохӣ **«Подшоҳ Комрон ба Каъба бимурд»** буда, ба фавти Мирзо Комрон бахшида шуда, ба набардҳои байни фарзандони Заҳируддин Бобур Мирзо вобаста аст. Ин муаммо ба Мирзо Комрон, ки бо Ҳумоюн барои тахти шоҳиро сазовор шудан, аз бевафоии амирон истифода бурда, дар муддати кӯтоҳ Кобулро аз тасарруфи Ҳумоюн гирифта, чанд маротиба бо ӯ ҷанг карда, баъди қатли Мирзо Ҳиндал, бародари хурдии Ҳумоюн, ки то вопасин лаҳзаҳои ҳаёти худ ба бародараш содиқу вафодор буд, бахшида шудааст. Бо талаби амирон Ҳумоюн ризо мешавад, ки ҳар ду чашми Мирзо Комронро кӯр намояд. Баъди ин муҷозоти сангин Мирзо Комрон аз Ҳумоюн рухсати сафари ҳаҷ металабад, аммо дар роҳи сафари ҳаҷ вафот кардааст, ки дар ин маврид Мавлоно Қосими Кохӣ гуфтааст:

Комрон он ки подшоҳиро,
Кас набудаст ҳамчу ӯ дар хӯрад.
Шуд зи Кобул ба Маккаю он ҷо,
Ҷон ба ҳақ доду тан ба хок супурд.
Гуфт: таърихи ӯ чунин Кохӣ,
«Подшоҳ Комрон ба Каъба бимурд» [5, с.452].

Як муаммои дигар бо номи *«шабехун»* ба марги Мирзо Ҳиндал бахшида шудааст. Дар пайомади шабехуне, ки аз ҷониби Комрон ва афғонон дар манотиқи Харбор рух дода буд, вобаста аст. Дар он шаб Мирзо Комрон ба урдуи Ҳиндал шабехун карда, тири аҷал ба Мирзо Ҳиндал расида ва ӯ шарбати шаҳодатро чашида, ба марг дучор мешавад. Ин воқеа дар соли 958 ҳ./ 1551м. рӯй дод ва таърихи он шабехун ёфтанд.

Шабехун чун қазо ангехт аз даҳр,
Ки аз хун шуд шафақ чун авҷи гардун.
Зи олам рафт Ҳиндол ҷаҳонгир,
Ҷаҳон бигзошт бо шоҳ Ҳумоюн.
Шабистони фалакро буд чун шамъ,
Ниҳоли қомати он нахл мавзун.
Хурд таърихи фавташ ҷасту гуфтам:
Дареғо, марди шамъе аз шаби хун [5, с.454].

Аввалин маликушшуаро дарбори Акбаршоҳ-Ғаззолии Машҳадӣ (1529-1573), ки аз шуарои бисёр пуркор ва тавоно маҳсуб меёфт, дар ҳаққи Қосими Кохӣ гуфтааст:

Кохӣ, ба ҷаҳон нуктасарое чу ту нест,
Ширинсуханию хушадое чу ту нест.
Кардӣ ба сухан рабудаи хеш маро,
Кохе чу ману коҳрабое чу ту нест.

Ӯ бо маснавии «Гулафшон»-и худ, ки дар пайравии «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ иншо шудааст, машҳур гашта, умри худро дар шаҳри Бенораси Ҳинд гузаронидааст ва минбаъд дар Агра зиста, соли 988 ҳ./ 1580 м. дар ҳамон ҷо фавтидааст.

Шоир, муаррих ва мутарҷими форсизабони аҳди Акбар - Абдулқодир ибни Мулукшоҳ ибни Ҳомиди Бадоунӣ (1540-1615), ки бо тахаллуси Қодирӣ» маъмул аст, асари таърихии «Мунтахабут-таворих»-ро, ки бо номи «Таърихи Бадоунӣ» низ шуҳратёр гаштааст, дар се ҷилд эҷод карда, барои ифодаи матолиб аз санъати муаммо самаранок истифода бурдааст.

Ин китоб таърихи Ҳиндустонро аз замони Маҳмуди Ғазнавӣ то замони зиндагии муаллиф (солҳои 90-уми асри XVI) дар бар мегирад.

Шоҳзода Салим, ки дар таърих ҳамчун вориси Акбаршоҳи Темурӣ бо номи **Абулфатҳ Нуриддин Муҳаммад Ҷаҳонгир** маъруф гаштааст, чорумин шоҳаншоҳи империяи «Темуриёни Ҳинд» (1605-1627) маҳсуб ёфта, дар нигориши асари арзишманди худ «Ҷаҳонгирнома» амсоли суханварони пешин санъати муамморо кор фармуда, дар муқаддима ва «ҷашни Наврӯзи дуюм…» барои ифодаи матолиби хеш ин жанри адабиро кор фармудааст.

Масалан, дар «ҷашни Наврӯзи дуюм» оид ба муаммои Исфаҳони Бахшӣ ҳарф зада, зикр менамояд, ки дар миёни рудхона санги сафеде воқеъ буд. Ҷаҳонгир мефармояд, ки онро ба сурати филе тартиб дода, ба синаи он фил ин мисраъро, ки мутобиқи таърихи ҳичрӣ буд, нақш бандand:

Санги сафеди фили Ҷаҳонгирподшоҳ [8,с.50]

Ин муаммо оид ба Исфаҳони Бахшӣ, ки бародари ӯ Абулқосим соли 1606 лаъле, ки ба 40 ҳазор харидорӣ карда, он лаълро ба ҷиҳати таслим ба Ҷаҳонгир пешкаш менамояд, бахшида шудааст.

Ё дар ҳамин қисмат шоири ношиносе аз Ғазнин пиромуни даромадан ва ташрифи Ҷаҳонгир ба Кобул (соли 1606) муаммое гуфтааст:

Подшоҳи билоди ҳафт иқлим [8, с.51].

Ҷаҳонгир зимни ташрифи «Боғи шаҳроро» замини лоиқеро, ки оби он аз тарафи гузаргоҳ меомад, дар он боғ дида, онро харидорӣ карда, супориш медиҳад, ки дар васати ин замин боғе тартиб диҳанд, ки бо он хубӣ ва латофат дар маъмураи олам беҳамто бошад ва номи он боғ «Ҷаҳоноро» ниҳода шавад.

Хулоса, аз асарҳои таърихии аҳди Темуриёни Ҳинд, ки то замони мо омада расидаанд, ба назар мерасад, ки дар осори шуаро ва муаррихон дар радифи дигар санооти бадеӣ жанри муаммо барои пурмуҳтавоии ашъор ва инъикоси рухдодҳои таърихӣ самаранок истифода шудааст.

Аксарияти муҳаққиқони таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик дар таҳқиқоту таълифоти хеш алоқамандона ба ин ё он масоил, аз ин ганҷинаи пурҳикмати муаррихони ҳавзаи Ҳинд, ки манбаи боэътимод маҳсуб меёфт, мавриди истифода қарор додаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алломӣ, Абулфазл ибни Мубораки Ногурӣ. Акбарнома. Ҷилди якум; ба тасҳеҳи Мавлавӣ оғо Аҳмад Алӣ ва Мавлавӣ Абдураҳим. – Калкатта: Анҷумани Осиёгии Бангола, 1877. - 380 с.
2. Алломӣ, Абулфазл. Ойини Акбарӣ. Ҷилди аввал: тарҷумаи Мавлавӣ Муҳаммад Фидоалии Соҳиб Толиб. - Ҳайдаробод, 1357ҳ. - 576 с.
3. Афсаҳзод, Аълохон. Ҷомӣ- адиб ва мутафаккир. – Душанбе: Ирфон, 1989. - 381 с.
4. Бадоунӣ, Абдулқодир Мулукшоҳ. Мунтахаб-ут-таворих; ба тасҳеҳи Мавлавӣ Аҳмад Алии Соҳиб; бо эҳтимоми Кабириддин Аҳмад. Ҷ.1. - Калкатта, 1868. - 496 с.
5. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. - Душанбе: Ирфон, 1967. – 302 с.
6. Атоулло Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ. - Душанбе, 1974. - 222 с.
7. Нуриддин, Муҳаммад. Тузуки Ҷаҳонгирӣ. – Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1359. – 592 с.
8. Рашидаддини Ватвот. Ҳадоиқ-ул-сеҳр. - Теҳрон, 1339. - 690 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - Москва: Советская энциклопедия, 1969. - 951 с.
- Ҳодизода Р. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. - Душанбе, 1966. – 187 с.

САНЪАТИ МУАММО ДАР ОСОРИ МУАРРИХОНИ ШИБҲИ ҚОРАИ ҲИНД

Мақола ба баррасии жанри муаммо дар осори таърихии адибони аҳди Акбаршоҳи Гӯраконӣ (1556-1605) бахшида шуда, муаллиф дар он сайъ кардааст, ин санъати бадеӣ ва мақоми онро дар кутуби таърихии адибони форсизабони аҳди Темуриёни Ҳинд мавриди таҳқиқ қарор диҳад, зеро нақши он дар осори муаррихон ва адибони Шибҳи қораи Ҳинд басо назаррас буда, дар таркиби ин ҷинси адабӣ, ки пайванд ва рушди забони форсӣ бо он вобаста аст, як қатор масоили норавшани адабиёт ва ҷараёни зиндагӣ, футӯҳот рухдодҳои сиёсиро пайдо кардан мумкин аст. Зикр мешавад, ки санъати муаммо дар назми классикии форсу тоҷик аз садаи XIII маъмул гашта, дар қуруни XV ниҳоят авҷ гирифта, дар асрҳои XV-XVI дар осори таърихии адибони аҳди Темуриёни Ҳинд низ фаровон истифода шудааст. Муаллиф нақш ва мақоми ин жанри адабиро зимни истифодаи сарчашмаҳои муътамад, амсоли «Акбарнома»-и Абулфазли Алломӣ, «Мунтахаб-ут-таворих»-и Абдулқодири Бадоунӣ ва «Ҷаҳонгирнома»-и Нуриддин Ҷаҳонгир, ки бехтарин намунаи ин санъати бадеиро мо дар ин осори таърихӣ дида метавонем, мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: осори муаррихон, санъати муаммо, жанри адабӣ, санъатҳои шеърӣ, саромади муаммосароёни адабиёти тоҷик, луғз, адибони аҳди Темурии Ҳинд.

ИСКУССТВО ЗАГАДКИ В ПРОИЗВЕДЕНИЕ ИСТОРИКОВ ИНДИЙСКОГО СУБКОНТИНЕНТА

Статья посвящена рассмотрению жанра загадки в историческом произведении Акбаршаха Гуракони (1556-1605), кроме того, автор описывает в нем историю художественного искусства времен индийских Тимуридов. Также автор исследует историю персов и их роль в археологии. Важно отметить, что в случае литературного деления индийского языка, который связан с персидским языком и развитием персидского языка, можно обнаружить ряд несоответствий в литературе и жизни, политических событиях и конфликтах. Сообщается, что чистейшее искусство таджикско-персидской классики проявилось в XIII веке, стало обыденным в XV веке, а затем в XV-XVI веках в древней истории персов, индийских племен и широко используется в исторических произведениях Тимуридов. Автор проанализировал роль данного жанра литературы и использоввал такие источники, как «Акбарнаме» Абулфазла Аллами, "Мунтахаб-ут-таворих" Абду-л Кодира Бадоуни и "Джахонгир-наме" Нуриддина Мухаммад Джахонгира, в которых мы можем видеть лучшие примеры этого искусства историческом наследии.

Ключевые слова: исторические произведения, искусство загадки, литературный жанр, поэтическое искусство, родоначальники загадки, таджикская литература, загадка, писатели династии Тимуридов.

THE ART OF RIDDLES IN THE CREATION OF HISTORIANS OF THE INDIAN SUBCONTINENT

The article is devoted to consideration of the genre of riddles in the historical works of writers group of the population of Akbarsha Gurkani (1556-1605), besides the author describes the history of the arts of the Indian Timurids. The author also analyzes the history of the Persians and their role in archeology.It is important to note that in the case of the literary division of the Indian language, which is associated with the Persian language and the development of the Persian language can be found, a number of disagreement in literature and life, political events and conflicts. It is reported that the purest art of Tajik-Persian classics manifested itself in the XIII century, became commonplace in the XV century, and then

in the XV-XVI centuries in the ancient history of the Persians of Indian tribes and is widely used in historical works of the Timurids. The author analyzed the role of this genre of literature and used historical sources such as "Akbar-name" Abu-L Fazl Allami, the "Muntakhab-ut-tawarikh" Abdu-l Qadir of Badoni and "Jahangir-name" of Nuriddin Muhammad Jahangir in which we can find the best examples of this art in this historic heritage.

Key words: Historical creation, the art of riddles, literary genre, the poetic art, the founders of the riddles Tajik literature, riddles, writers of the Timurid's dynasty.

Сведения об авторе: ***Пулатов Назирджон Набиджонович*** - Худжандский государственный университет им.Б.Г.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы.
Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E- mail: **pulotovnn 1973@ mail. ru**

Information about the author: ***Pulatov Nazirdjoh Nabidjonovich*** - Khujand State University named after B. Gafurov, Candidate of philological Sciences, associate Professor of the Department of Tajik Classic Literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr.Mavlyanbekova 1. E- mail: **pulotovnn 1973@ mail. ru**

УДК:891.550:82

МАКТАБИ СУННАТИИ *ФАЛАКХОНӢ*: МОҲИЯТ, ФАЪОЛИЯТ ВА РУШДИ ОН ДАР ФАРҲАНГИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

Каримов С.С.
Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов

Ҳунари фалакхонӣ яке аз падидаи фарҳанги суннатии тоҷикон аст. Дар фарҳанги имрӯзаи тоҷикон низ мавқеи хоссаро соҳиб аст [14;15]. Фалак нишондоди тафаккури баланди эҷоди мардуми кӯҳистон аст. Он яке аз он жанрҳоест, ки дар баробари дорои шаклҳои фолклорӣ дар рушди хеш фалакҳои профессионалиро ба вуҷуд овардааст. Фалаки профессионалӣ бо шаклҳои созиву овозӣ, якқисма ва силсилавӣ зодаи мактаби суннатии устод-шогирд маҳсуб меёбад. Дар таълиму омӯзиши фалак нақши мактаби ҳунарии авлодӣ хеле бузург аст. Дар солҳои 30-60-уми асри ХХ, он гоҳ, ки фалакро ба саҳнаи расмӣ роҳ намедоданду на танҳо фалак, балки Шашмақомро ибтидоан санъати профессионалӣ нашумориданд, тамоюли пайдошавии мактабҳои авлодӣ афзуд. Одатан чунин мактабҳо аз якдигар бо сабки худ фарқ мекарданд. Сабки чунин мактабҳои ҳунарӣ авлодан аз насл ба насл омӯзонда мешуд. Онҳо на танҳо дар деҳаҳо, балки дар минтақаҳо ташаккул ёфтанд.

Ин ҷараён ба ташаккули мактабҳои ҳунарии минтақавии фалакхонӣ дар Кӯлобу Бадахшон овард. Мактабҳои ин минтақаҳо аз якдигар хеле фарқкунандаанд. Мушаххасоти фалаки аслӣ дар ин ду минтақаи кӯҳистони тоҷик ташаккул ва рушд ёфта, имрӯз дар фарҳанги суннатии тоҷик бо унвонҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ маълуманд [1, с.82-100]. Ин ду сабки фалаки аслӣ дар тӯли таърих бо низоми ягонаи хеш устувор гаштаанд. Фалакхонии минтақаҳои дигари кӯҳистон дар радифи ин ду сабк амал мекунанд. Ҳар як сабки фалаки аслӣ дар дохили хеш аз шохобаҳои зиёде иборат аст. Дар ҳудуди як минтақа якчанд мактабҳои ҳунарии авлодӣ фаъолият мекунанд, ки сарварии онро "устоди фалак" бар дӯш дорад. Симои эҷодии ҳар як устод дар он аст, ки унсури фарқкунандаи хешро дошта бошад. Одатан ин унсури ***услубӣ*** мебошад. Устод дар мактаби худ ҳамин услуби худро ҳам дар навозандагӣ ва ҳам дар сарояндагӣ ба шогирдонаш ёд медиҳад. Бинобар ин, хусусияти аввалини ҳар як мактаби ҳунарӣ дорои сабку услуби хеш аст. Дуюмин ин аст, ки мактаби ҳунарӣ бояд на кам аз се наслро тарбия карда бошад. Мактабҳои авлодӣ дар замонҳои пеш дорои сирри эҷодии хеш буданд. Он дар ҷараёни тадрис, назария (илм)-и "пӯшида", муқомбандиву шаклсозии асари фалакӣ таҷассум мегардид. Доираи шогирдони мактаб бо хешу акрабои устод маҳдуд мегардид. Ин қолабро нахустин бор дар асри ХХ фалакхони бузург устод Одина Ҳошим шикаст. Ӯ дар мактаби ҳунарии хеш дар баробари хешу табор, як қатор наврасону ҷавонони болаёқатро тарбия намуд[§§§].

Ин меъёрҳои мактаби ҳунарӣ на танҳо ба фарҳанги тоҷикон, балки ба фарҳанги як қатор халқҳои дигар низ хос аст. Мусиқишиноси ҳинд Рагхава Менон дар ин бора таъкид кардааст, ки «.. барои доро гаштан ба мақоми мактаби ҳунарии авлодӣ мебояд аз се насли авлодии хеш навозандаву сароянда тарбия кард».[****]

Ду хели фалаки аслӣ ба зарбу оҳанги маҳалли хеш такя мекунанд. Ба ҳар яки он лаҳҷаи мусиқии таҳҷоӣ хос аст. Вале аз ҷиҳати моҳияти профессионалӣ ҳар ду дар як

[§§§] Дар ин бора муфассалтар дар поён оварда мешавад.
[****].Иқтибос аз китоби Ф. Азизї Ф. оварда шудааст. [1. С. 143].

системаи чормуқом ташаккул ёфтаанд††††. Истифодаи рубоихонӣ ва ғазалхонӣ дар ҳар ду мактаб омили шаклбандии якхела гардидааст. Фалаки помирӣ низ ҳамеша ба забони адабии тоҷикӣ сароида мешавад. Матни ҳар ду фалак – рубоӣ ва ғазал аз назми классикӣ ва муосири тоҷикист. Истифодаи шаклҳои мушаххаси назми классикии форсу тоҷик заминаи ягонаи зарбии ду мактаби фалаки аслиро ба вуҷуд овардааст. Рубоихонӣ ва ғазалхонӣ дар ин ду мактаб ба ҳайси равияҳои асосии сарояндагӣ қабул шудаанд. Нуфузи назми классикӣ на танҳо дар истифодаи матни шеърист. Он ба системаи зарбии фалак асос гузоштааст. Дар фалак низ асоси зарбӣ дар баробари пайвастагии шеъру мусиқӣ, падидаи қолабзарбро дар бар мегирад. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як хели фалак зери худ қолабзарби мушаххасро дорад. Ва чунин қолабзарбҳо неруи шаклсозиро пайдо кардаанд [4; 12]. Чунин қавоид на танҳо дар шакли овозии фалак, балки дар шакли созии он низ хеле устувор аст. Дар ҷараёни иҷроиши фалак қолабзарбро созҳои зарбӣ менавозанд. Асоси зарбии оҳанг бо асоси зарбии шеър дар пайвастагӣ дар сарояндагӣ (ва ё навозандагӣ – дар фалаки созӣ) зоҳир мегардад. Мавқеи зарб дар фалак хеле бузург аст. Қолабзарбҳо дар фалакхонӣ ибораву бандҳои мусиқиро шаклан устувору қавӣ нигоҳ медоранд. Дар фалаки силсилавӣ қолабзарб нишондоди қисмҳои он маҳсуб меёбад. Дар мактабҳои фалакхонӣ устод бо шогирд оид ба шеърдониву шеърхонӣ низ сабақ меомӯзонад‡‡‡‡ [3]. Шеърдониву шеърфаҳмӣ яке аз паҳлуҳои таълим дар мактабҳои фалакхонӣ мебошад. Бинобар ин, фалакхонон, одатан, шеърдон мешаванд.

Дар сарояндагӣ лаҳҷаи забон, талаффуз низ зоҳир мегарданд. Зеро ки заминаи бадеии маҳал ҳам ба сарояндагӣ ва ҳам ба навозандагӣ таъсирбахш аст. Чунин нуфуз дар созҳои мусиқӣ ҳам дида мешавад. Созҳои мусиқии фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Чунин сурат гирифтани гуногунрангӣ тасодуфӣ нест. Чунки ҳар як маҳал садобарории наздик ба лаҳҷаи мусиқии худро мепазирад. Усто-созтарошон низ ба ин мекӯшанд. Вале барои ба садобарории “лаҳҷавӣ”-и соз муваффақ гаштани усто-созтароши маҳаллӣ мушкилие нест. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳанӯз мисоле нест, ки усто-созтароши миллати бегона тавонад сози миллии дигар халқро офарад. Огаҳона ё стихиявӣ усто-созтарош ҳамеша садобарориро дар лафзи худ месозад. Ҳам тарзи садобарорӣ, ҳам хусусиятҳои сохти соз ва ҳатто ашёи хоми маҳаллӣ дар созтароши муҳим аст.

Дар фалаки кӯлобӣ созҳои мусиқии *думбра, дутори парда, ғиҷак, тутак* ва *таблак* истифода мешавад. Дар байни онҳо таблак сози зарбӣ буда, дигарон сози оҳангӣ маҳсуб меёбанд. Ҳайати созҳои фалаки помирӣ дигар аст. Ба он созҳои мусиқии *рубоби бадахшонӣ, танбӯр, сетор, ғиҷак, тутак* ва сози зарбии *даф* дохиланд. Ҳар як соз мавқеи худро дар суннатҳои навозандагии фалак пайдо кардааст. Шакл ва намуди оҳангҳои фалак бо хусусияти садобарории созҳои мусиқӣ зич алоқаманд аст. Ҳунари фалакхонӣ ҳамеша дар ду шакл – навозандагӣ ва сарояндагӣ рушд меёбад. Дар он ҳам навозандагӣ ва ҳам сарояндагӣ дар шаклҳои якка ва гурӯҳӣ густариш ёфтааст. Дар навозандагӣ на ҳамаи созҳои мусиқӣ баробарҳуқуқанд. Масалан, сетори хушсадои помирӣ дар ҳайати гурӯҳ (ансамбл) буда наметавонад, чунки садои баланди он садои созҳои дигарро мезанад. Он ва сози ғиҷак бештар дар якканавозӣ истифода мешаванд. Дар фалаки кӯлобӣ бошад, созҳои думбра, ғиҷак, тутак дар якканавозӣ фаровон истифода карда мешаванд. Вазифаи созҳои зарбии ҳар ду хели фалаки аслӣ ҳам дар якканавозӣ ва ҳам ансамбл хеле устувор аст.

Дар байни мактабҳои фалакхонӣ мактабҳое ҳастанд, ки дар ҳунари навозандагии якка фаъолият мекунанд. Масалан, устодон Орзу Достиев, Абдусалом Раҳимов, Умари Темур, Карим Сафаров – дар сози ғиҷак, устод Муҳаммадато Таваллоев – дар сози сетор, Устодон Ҳаким Маҳмуд ва Рустами Абдураҳим – дар сози думбра, инчунин дар насли ҷавони ҳунармандон Баҳром Қодиров – дар сози думбра, Муҳаммадвалӣ Орзуев – дар сози ғиҷак машҳур гардида, услуби навозандагии худро пайдо намудаанд. Бинобар ин, мактабҳои онҳо бо равияи муайяни навозандагӣ фаъолият мекунад. Дар байни мардум низ чунин мактабҳо бо номи устоди он гирифта шуда, ба номи он таҳаллусҳои “ғиҷакчӣ”, “дуторчӣ”, “тутакчӣ” дода мешавад [6].

---

†††† Мушоҳидаҳои нахустини худро мо дар ин бора дар конференсияи байналмилалии Университети Осиёи Марказӣ (Душанбе, 2018, август) иброз намуда будем.

‡‡‡‡ Қобили зикр аст, ки дар факултети мусиқии суннатии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов услуби тадрисии устод-шогирд пазируфта мешавад. Он яке аз услубҳои самараноки тарбияи сарояндаву навозандаи суннатӣ маҳсуб меёбад. Дар баробари фанни “Арӯз ва мусиқӣ”, ҳар нимсола рубоихониву ғазалхонӣ шарти асосиест, ки ба муайянкунандаи роҳ додани донишҷӯ ба сессияи санҷишу имтиҳонот табдил ёфтааст. Дар ин санҷишҳои тоимтиҳонӣ ҳар як донишҷу вазифадор аст, ки 5 ғазал ва 5 рубоӣ аз ёд супорад. Дар натича дар ҳар соли таҳсил донишҷӯ даҳтоӣ ғазалу рубоӣ аз ёд мекунад. Ин иқдом дар натичаи таҷрибаи ҳамкорӣ бо устодони мактаби суннатии фалакхонӣ пайдо шудааст. Оид ба баъзе мушоҳидаҳои методикаи мактаби устод-шогирд қаблан дар якчанд мақола навишта будем. Ниг.:[11].

Маълум аст, омӯзиши фалак ва тарбияи кадрҳои фалакхон дар давраи Тоҷикистони соҳибистиқлол пайдо шуд. Дар давраи шӯравии асри гузашта он ба таълимгоҳҳои давлатӣ роҳ наёфта буд. Бинобар ин, мактаби асосии фалакхонӣ ҳам ба маънои мактаби ҳунарӣ ва ҳам ба маънои мактаби таълимӣ мактабҳои суннатӣ маҳсуб меёфтанд. Тавре дар боло қайд кардем, онҳо авлодӣ буданд. Вале маҳфилҳое дар фарҳанги суннатӣ ҷо доштанд, ки ин мактабҳоро дар вазъи рақобати эҷодӣ мегузоштанд. Ба ҳайси чунин маҳфилҳо расму оин, тӯю тамошо низ ба қадри муайян хизмат менамуданд. Вале маҳфили хоссаи эҷодии мактабҳои ҳунарӣ ҳуҷрабазм мебошад. Маҳз ҳуҷрабазм ду-се фалакхонро рӯ ба рӯ меовард ва шароити бо якдигар фалакхонӣ карданро муҳайё месохт. Ба ҳайси шунаванда дар чунин ҳуҷрабазм ҳар як шогирд мекӯшад, ки дар ҳуҷрабазми устодаш иштирок намояд. Умуман, шогирд дар тӯю оинҳои дигар ҳам ба устоди хеш ҳамроҳӣ менамояд. Тадриҷан ӯ ба устод дар гурӯҳи навозандагон ва сониян, дар сароидан низ ҷалб карда мешавад. Яъне, таълим дар мактаби суннатии фалакхонӣ танҳо сабақомӯзии инфиродӣ нест, балки иҷрои амалии фалакхонӣ дар байни ҷомеа низ мебошад [2]. Ҷараёни тадрисии мактабҳои суннатии фалакхонӣ тибқи анъанаи устод-шогирд сурат гирифта, ҳамзамон он ҳамеша баҳри муҳайё гардонидани муҳити солими фарҳангиву эҷодии маҳал, баҳри васеъ намудани доираи шеърдонону шунавандагони фалак талош мекунад. Устодон мекӯшанд, ки шогирдони онҳо бештар ба шеърҳои нав ба нав такя намоянд, онҳоро ба фалак ворид созанд. Як мактаб такрори мактаби дигар шудан намехоҳад. Бинобар ин, дар интихоби шеъри нав низ мактабҳо байни якдигар рақобат доранд. Агар устоди як мактаб ғазали шоиреро сарояд, устоди мактаби дигар ғазалҳои шоири дигарро интихоб менамуд. Масалан, ба мактаби устод Одина Ҳошим ворид намудани ашъори Абулқосим Лоҳутиро мансуб медонанд, чунки ӯ шояд нахустин устоди фалакхон аст, ки бар ашъори ин шоири маҳбуб зиёд фалакхонӣ кардааст. Кушодани шеъри навро дар фалакхонӣ мепазиранд. Ин ҳам яке аз суннатҳои фаъолияти мактабҳои ҳунарӣ аст. Аз ин рӯ, чунин иқдом бурди устод ва мактаби ӯ маҳсуб меёбад. Мактабҳои фалакхонӣ метавонанд ба яке аз ду услуби асосии сарояндагӣ – рубоихонӣ ё ғазалхонӣ тамоюл дошта бошанд. Масалан, ғазалхонӣ хосси мактаби ҳунарии Одина Ҳошим аст [10]. Ӯ мавқеи ғазалро дар услуби равонаи фалак хеле устувор ва серранг гардонид. Маҳз дар мактаби Одина Ҳошим ғазалхонӣ дар шаклҳои якқисма ва силсилаи фалак хеле густариш ёфт ва ба сатҳи нави касбӣ бароварда шуд. Устод Одина Ҳошимро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар мамлакатҳои форсизабон ҳамчун ғазалсарои маъруф пазируфтанд. Дар басту банди ғазалу муқомҳои фалак устод Одина Ҳошим пешниҳодҳои олиро ба амал овардааст. Яке аз хусусияти мактаби фалакхонии устод Одина Ҳошим рӯ овардан ба шеъри нав аст. Аз ин рӯ, ин устоди бузург мекӯшид бештар ба ҷавонони болаёқат ҳунари волои худро омӯзонад. Равияҳои сарояндагии устод Одина Ҳошим аз сирф суннатӣ то

муосири замонашро дар бар мегирифт. Имрӯз сабтҳои фалакхонии устод Одина Ҳошим ҳам бо думбраи якка ва ҳам бо ансамбл дар бунёди тиллоии миллати тоҷик маҳфузанд. Бидуни шак ҳунари ин устод таи садсолаҳо наслҳои нав ба навро бо моҳияти маънавии хеш бою ғанӣ мегардонад [9].

Мактабҳои фалакхонии Давлатманд Холов ва Гулчеҳра Содиқова бештар ба рубоихонӣ такя менамоянд. Агар устод Гулчеҳра Содиқова равияи фалаки даштиро ба ҳайси суннати асосӣ дар мактаби худ интихоб карда бошад, устод Давлатманд Холов солҳои охир бештар ба фалаки равона рӯ оварда, талқиноти гуногунро пешниҳод менамояд. Мактабҳои фалакхонии устодон Одина Ҳошим, Давлатманд Холов ва Гулчеҳра Содиқова дар суннати фалаки кӯлобӣ ҳанӯз дар асри гузашта мавқеи намоёнро касб карданд. Онҳо тавонистанд ҳунари ақдодии хешро тибқи услуби хонаводагиашон дар мактабҳои фалакхонӣ ҳифз намоянд ва идома диҳанд. Ҳар яке аз ин устодон услуби сароиши хешро дорад. Онҳо ҳар кадом ба роҳу радифи хоссаи худ машҳур гардиданд. Шогирдони онҳо низ аз якдигар бо ин услуби ёдгирифтаашон фарқ мекунанд.

Агар ба таърихи ин се мактабҳои авлодӣ нигарем, ин мактабҳои авлодӣ аз охири асри XIX – аввали асри XX ибтидо гирифтаанд. Айни ҳол насли сеюм (Раҳматуллои Ҳошим) ва чорум (Фирдавси Ҳошим) дар мактаби устод Одина Ҳошим, насли сеюм (Муҳаммадвалӣ) ва чорум (Достӣ Орзу) дар мактаби устод Гулчеҳра Содиқова, насли сеюм (Нуруллову Саид Холовҳо) ва чорум (Лоиқ, Рӯзимад, Хуршед ва Шерафган Холовҳо) дар мактаби устод Давлатманд Холов фаъолият карда истодаанд.

Мактабҳои фалакхонии ин се устоди маъруф пурра ба меъёрҳои падидаи *мактаби фалакхонии авлодӣ* ҷавобгӯянд. Вале, устод Одина Ҳошим эҳтимол ягона устодест, ки қолаби мактаби авлодиро шикаст. Дар мактаби фалакхонии худ Одина Ҳошим ба ғайр аз фарзандонаш чунин чеҳраҳоро ҳамчун шогирд тарбия намудааст: Мирзоватан Миров, Файзалӣ Ҳасанов, Шокир Қодиров, Мурод Қадамов, Ҷиён Қадамов, Озодамоҳ Муҳтарамова, Маҳмадбек Ғаниев, Абдусалом Раҳимов. Ҳар яке аз онҳо имрӯз роҳи

эҷодии хешро дар фалакхонӣ ёфта, симои эҷодии дурахшонро соҳиб шуда, ба устодони ин ҳунар табдил гардидаанд. Дар навбати худ онҳо низ дар тарбияи шогирдонанд.

(Ҷадвали 1)

№	Насли аввал	Насли дуюм	Насли сеюм	Насли чорум
1.	Ҳошим Қосим 1907-1969	**Одина Ҳошим** 1938-1993	Абдулхайр Ҳошимов 1943 Раҳматулло Ҳошимов 1960 Ҳикматулло Ҳошимов 1971	Фирӯз Ҳошимов 1985 Фирдавс Ҳошимов 1987
2.	Раҷабмади Валӣ 1887-1953	Муродалӣ Холов 1945-2013 Назаралӣ Холов 1948 **Давлатманд Холов** 1950	Саид Холов 1954 Нурулло Холов 1956	Шерафган Холов 1969 Хуршед Холов 1971 Рӯзимад Холов 1980 Лоиқ Холов 1987
3.	Достӣ Орзуев 1932-1984	**Гулчеҳра Содиқова** 1942	Орзу Орзуев 1962 Қурбоналӣ Орзуев 1964 Бозоралӣ Орзуев 1967 Маҳмадалӣ Орзуев 1970 Муҳаммадвалӣ Орзуев 1972	Орзуев Эраҷ 1990 Достӣ Орзуев 1994

Фалакхонӣ дар Бадахшон бо падидаҳои дигар зуҳур гардидааст [13]. Жанри фалаки профессионалӣ дар фалаки помирӣ дар доираи жанрҳои фалак ва мадҳия пайдо шуд. Дар пайдоиши он мақоми назми классикии форсу тоҷик хеле бузург аст, чунки ин яке аз василаҳои ворид кардани ғазалу ғазалхонӣ ба фарҳанги ин минтақа маҳсуб меёфт. Жанри фалаки профессионалӣ дар заминаи фалаки помирӣ бештар зери унвони мадҳия (ва маддоҳхонӣ) густариш ёфтааст. Бинобар ин, устодони фалакхонро дар Бадахшон бештар “маддоҳхон” меноманд. Онҳо низ фаъолияти хешро дар мактабҳои фалакхонӣ (мадҳияхонӣ) пеш мебаранд. Матни асосии силсилаҳои фалак-мадҳия низ рубоӣ ва ғазал аст. Хусусияти мактабҳои фалакхонӣ дар Бадахшон низ авлодӣ аст. Ҷараёни тадриси он бошад устод-шогирд мебошад.

Дар Бадахшон имрӯз мактабҳои фалакхонии зиёди хурду калон фаъолият мекунанд. Дар зумраи калонтаринҳо мактабҳои авлодии Аловатовҳо, Давлатшоевҳо, Лутфишоевҳо ва Муаллибшоевҳо мебошанд. Ҳар яки ин мактабҳо дар таърихи хеш чор насли хонаводаро тарбия намудааст:

Ҷадвали 2)

№	Насли аввал	Насли дуюм	Насли сеюм	Насли чорум
1.	Бобои Аловат 1900-1980	Азизбек Аловатов 1920-2004 Имомназар Аловатов 1934-2012	Абдулназар Аловатов 1964 Бахтдавлат Аловатов 1966 **Ҳақназар Аловатов** 1975	Орзу Аловатов 1987 Хуррам Аловатов 1990 Наврӯз Аловатов 1995 Чоршанбе Аловатов 1998
2.	Муминшо Муносибшоев 1920-1986	Исрибшо Муаллибшоев 1920-1989	**Олуча Муаллибшоев** 1967 Маҳмадалӣ Муаллибшоев 1958 Наврӯзшо Муаллибшоев 1969	Сураҷ Муаллибшоев 1992 Хушрӯз Муаллибшоев 1998
3.	Муборакшоев Лутфишо 1928-1998	Давлатшо Лутфишоев 1954	Парпишо Лутфишоев 1957 Арабшо Лутфишоев 1962	Сарбозшо Лутфишоев 1983 Қодир Лутфишоев 1988
4.	Бобои Қосимшо 1934-2015	Султонназари Саидназар 1942-2008	Фаросатшо Давлатшоев 1968	**Соҳиба Давлатшоева** 1970

Ҷадвалҳои тартибдодаи мо мақсади пурра фаро гирифтани мактабҳои фалакхонии минтақаҳои Кӯлобу Бадахшонро надоранд. Ин ҷадвалҳо ба ҳайси намунаи чунин мактабҳои авлодӣ оварда шудаанд. Албатта, миқдори мактабҳои ҳунарии фалакхонӣ зимни ҳам фалаки кӯлобиву ҳам фалаки помирӣ якчанд маротиба зиёданд.

Ҳамаи ин меъёрҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки зери падидаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ мактабҳои асили ҳунарӣ фаъолият менамоянд. Фаъолияти онҳо, новобаста ба он ки онҳо сохтори таълимии давлатӣ маҳсуб намеёбанд, дар заминаи фарҳанги суннатӣ имрӯз хеле густариш ёфтааст. Дар фарҳанги Тоҷикистони муосир ҳифзи чунин мактабҳо дар он зуҳур мегардад, ки мактабҳои миёна ва олии давлатӣ бо устодону мактабҳои онҳо робитаи зичи ҳамкорӣ доранд, методикаи суннатии устод-шогирдро меомӯзанд ва дар ҷараёни таълимии хеш амалан татбиқ менамоянд, мақоми ҳифзкунанда ва рушдиҳандаи ин мактабҳоро мепазиранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Азизи Ф. Маком и Фалак как явления профессионального традиционного музыкального творчества таджиков; монография. - Душанбе: Адиб, 2009. – 398 с.
2. Азизи Ф. Традиционные методики: исследование и внедрение. Монография / Ф.Азизи, С.Каримов. – Душанбе: Адиб, 2013. - 92 с.
3. Азизӣ Ф. Системаи устод-шогирд: аз ориён то имрӯз. Маҷмӯаи мақолаҳо // Нақши муассисаҳои фарҳангӣ дар густариши тамаддуни ориёӣ. - Душанбе: 2006. – С. 46 – 64.
4. Азизӣ Ф. Фалакхонӣ. Барномаи таълимӣ / Азизӣ Ф., Каримов С. - Душанбе: Аржанг, 2014. – 31 с.
5. Азизӣ Ф. Фалак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷ. 2. // Ф.Азизӣ, С. Каримов. – Душанбе: СИЭМТ, 2017. – С. 499-501.
6. Амонов Р. Очерки эҳодиёти даҳанакии Кӯлоб. Монография / Р. Амонов. – Душанбе: Матбаа, 1963. – 345 с.
7. Азизи Ф. Проявление свойств Шашмакома в музыке таджикского Кухистана / Ф.Азизи, С.Каримов // С.Г. Рыбаков и башкирская традиционная культура. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Уфа. – 2018 – С. 101-104.
8. Каримов С. Мафҳуми *«чормодарон»* дар суннатҳои фалаки кӯлобӣ / С.Каримов // Нақши муассисаҳои фарҳанг дар густариши тамаддуни ориёӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: 2006. – С. 76-89.
9. Каримов С. Мактаби ҳунарии Одина Ҳошим / С.Каримов // Номаи пажӯҳишгоҳ. Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати ҶИ Эрон. – Душанбе, 2009, (8). - №18. – С. 168-178.
10. Каримов С. Проявление свойств Шашмакома в музыке таджикского Кухистана / С.Каримов // Shashmaqom, die klassische Musik Mittelasiens. – Weimar: Hochschule fur Musik Franz List, 2011. – С. 38-40.
11. Каримов С. Изустная форма передачи музыкального материала как одна из актуальных методик современного музыкального вуза / С.Каримов // Подготовка кадров для сферы культуры и искусств: национальные традиции и современные тенденции. – Душанбе: Ирфон, 2017 – С. 266-269.
12. Одинаев С. Барномаи таълимӣ. Таблакнавозӣ / С.Одинаев. - Душанбе, 2017. – 20 с.
13. Таваккалов Ҳ. Анъанаи мадҳиясароӣ дар Бадахшон. Монография / Ҳ.
14. Таваккалов. – Хоруғ, 2013. – 264 с.
15. Фалак ва масъалаҳои таърихӣ-назариявии мусиқии тоҷик. Маҷмӯаи маолаҳоқ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 248 с.
16. Фалак: услуби пажӯҳиш ва омӯзиш. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 2015. – 280 с.

МАКТАБИ СУННАТИИ *ФАЛАКХОНӢ*: МОҲИЯТ, ФАЪОЛИЯТ ВА РУШДИ ОН ДАР ФАРҲАНГИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

Дар мақола падидаи мактаби суннатии фалакхонӣ дар фарҳанги мардуми ду минтақаи кӯҳистони тоҷик – Кӯлоб ва Бадахшон дида баромада мешавад. Меъёрҳои мактаби ҳунарӣ муайян карда шуда, принсипҳои аслии мактаби устод-шогирд, сабку услуб ва равияҳои мушаххаси таълимоти суннатӣ таҳлил карда мешавад. Мавқеи созҳои мусиқии фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ дар заминаи фалакхонӣ дида баромада мешавад. Функсияи созҳои мусиқии маҳаллӣ дар фалакхонӣ нишон дода мешавад. Нуфузи мактабҳои ҳунарии суннатӣ дар ҳифз ва рушди мусиқии касбии фалак баён мешавад. Фаъолияти устодону мактабҳои онҳо зери таҳлили муфассал қарор меёбанд. Мактаби суннатии фалакхонӣ ҳамчун яке аз рукнҳои устувори фарҳанги тоҷикон дар замони муосир муаррифӣ мегардад. Дар фаъолияти чунин мактаб риояи меъёрҳои таърихӣ мушоҳида карда мешавад. Хулосаи мақола чунин аст, ки мактаби суннатӣ ҳифзкунандаи аслияти ҳунари фалакхонӣ имрӯз ҳам боқӣ мемонад.

Калидвожаҳо: фалак, фалакхонӣ, фалакнавозӣ, мактаби ҳунарии авлодӣ, устод-шогирд, думбра, ғижак, тутак, сетор, даф, таблак, ҳуҷрабазм, тӯй, сабк, услуб, ғазалхонӣ, фалаки кӯлобӣ, фалаки помирӣ, насли якум, насли дуюм, насли сеюм, насли чорум, кӯҳистон.

ТРАДИЦИОННАЯ ШКОЛА *ФАЛАКХОНИ*: СУЩНОСТЬ, ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ И РАЗВИТИЕ В КУЛЬТУРЕ ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье рассматривается феномен традиционной школы *фалакхони* двух регионов таджикского Кухистана (горных районов) – Куляба и Бадахшана. Кроме того, определяются основные критерии традиционной школы *фалакхони*, принципы традиционной школы *устод-шогирд*, а также анализируются традиционная методика и конкретные направления традиционного обучения. Вместе с тем, определяются функции *фалаки кулоби* и *фалаки помири* в контексте явления *Фалакхони*. Более того, демонстрируется функция локальных музыкальных инструментов, используемых в *Фалакхони*. Показана значимость школ традиционного искусства в области охраны и развития музыки *Фалака*. Подробно анализируется деятельность и мастеров-*фалакхонов*, и их традиционных школ. Традиционная школа *Фалакхони* представлена как один из устойчивых институтов культуры таджиков на сегодняшний день. Функционирование этих школ основано на соблюдении исторических критериев данного института. Автор данной статьи пришел к выводу о том что, в настоящее время эта традиционная школа остаётся институтом, сохраняющим саму сущность искусства *Фалака*.

Ключевые слова: фалак, фалакхони, фалакнавози, традиционная школа фалака, учитель-ученик, домбра, гиджак, тутак, сетор, бубен, таблак, худжрабазм, свадьба, стиль, исполнение газелей, кулябский фалак, памирский фалак, первое поколение, второе поколение, третье поколение, четвертое поколение, кухистан.

THE *FALAKKHONI* TRADITIONAL SCHOOL: ITS ESSENCE, ACTIVITY, AND DEVELOPMENT IN THE CULTURE OF MODERN TAJIKISTAN.

The phenomenon *Falakkhoni* traditional school in two regions of Tajik *kuhistan* (mountainous districts) - Kulob and Badakhshan – are researched into the article. Moreover, the basic criteria of *Falakkhoni* traditional school and the principles of the *ustod-shogird* traditional school are defined as well as the traditional method and the concrete directions of traditional schooling are analyzed. At the same time, the functions of *falaki kulobi* and *falaki pomiri* are determined in the context of the *Falakkhoni* phenomenon. The functions of the local musical instruments used in *Falakkhoni* are demonstrated. The significance of traditional art schools has been given in the fields of safeguarding and developing the *Falak* music. Both the activities of masters-*falakkhons* and their traditional schools are analyzed in detail. The *Falakkhoni* traditional school has been presented as one of stable institutions of the Tajik's culture at the present time. The function of the schools has been based on the observance of the institution's historical criteria. The author of the article has found that the traditional school remains to be the institution saving the own essence of the *Falak* art for today's time.

Key words: Falak, Falakhoni, Falaknavozi, traditional school of Falaka, teacher-student, dombra, gidzhak, tutak, setor, tambourine, tabak, hujrabasm, wedding, style, gazelle performance, Kulyab Falak, Pamir Falak, first generation, second generation, third generation, fourth generation, kuhistan.

Сведения об авторе: ***Каримов Саъдулло Салимович*** - Таджикский национальный консерватория им. Т. Сатторова, доцент. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Хусейнзода, 155.
E-mail*:* **sadullo_falak@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-94-12-27**

Information about the author: ***Karimov Sa'dullo Salimovich*** - Tajik National Conservatory named after T. Sattorov, docent. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Huseinzoda, Str., 155. E-mail: **sadullo_falak@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 935-94-12-27**

УДК: 82+89+891.550

МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ НАМОЯНДАИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ҲИНДӢ

Латифов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Падидаву воқеаҳои таърихӣ гувоҳ бар он аст, ки дар таърихи ҳар халқу миллате даврaҳое мавҷуданд, ки барои мардуми он пурбору тақдирсоз ба шумор мераванд. Барои мардуми Ҳиндустон нимаи дувуми асри ХХ оғози чунин давроне маҳсуб мешавад. Дар имтидоди даврони мазкур дар тамоми соҳаҳои ҷомеаи сернуфузи Ҳиндустон як ҷунбиши тозаи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баланд гардид, ки он ба тоза озод шудани Ҳиндустон (соли 1947) сахт алоқаманд буд.

Адабиёт низ аз ин ҳаракати дигаргунсоз дар канор намонд. Дар давоми ин солҳо насли наве аз нависандагону адибон ба майдони фарохи адабиёт гом ниҳоданд. Ин ҳамон насле, ки бо вусъати назар, ҷаҳонбинии пурҷониба ва диду биниши тоза шароити лозимаро барои рушду инкишофи адабиёт фароҳам сохт. Аксари намояндагони насли нав дар муддати хеле кӯтоҳ бо эҷоди асарҳои тозаи худ шуҳрату маҳбубият ёфтанд ва дар ҷомеаи адабӣ ҷойгоҳи хос пайдо намуданд.

Аз миёни адибони таъсиргузор метавон аз Меҳруннисо Парвиз ном бурд, ки дар адабиёти имрӯзаи ҳиндӣ ӯро ҳамчун нависандаи боистеъдод эътироф намудаанд. Номбурда дар адабиёти муосири ҳиндӣ дар радифи чунин адибони маъруф ба мисли Камлешвар, Раҷендра Ядав, Манну Бҳандарӣ, Нирмал Варма ва дигарон қарор дорад. Меҳруннисо Парвиз муаллифи 17 маҷмӯаи ҳикояҳо ва 6 роман аст. Бояд зикр кард, ки ворид шудани ӯ ба арсаи адабиёт осон набуд. Вақте ки ӯро дар синни 15-солагӣ ба шавҳар доданд, ин боиси муваққатан дур мондани ӯ аз таҳсил гардид. Он вақт ӯ толибаи синфи 9-ум буд. Дертар ӯ таҳсилро дар синфи даҳу ёздаҳ дар коллеҷи занонаи Лакшмӣ Байи шаҳри Ҷагадалапур ба охир расонд. Баъдтар, ғоибона ва мустақилона курси бакалаври илмҳои гуманитариро аз худ мекунад.

Зоҳида Ҷабин, ки яке аз муҳаққиқони зиндагӣ ва корномаи эҷоди нависанда маҳсуб мешавад, роҷеъ ба зиндагинома ва маълумотҳои фардии мансуб ба ӯ андешаҳои ҷолиберо баён кардааст. Меҳруннисо ном гирифтани ӯ низ таърихе дорад. Ин муҳаққиқ зикр кардааст, ки вай 10-уми сентябри соли 1944 дар деҳаи Баҳелаи ноҳияи Балагҳати музофоти Мадҳя Прадеши Ҳиндустон болои аробае, ки падару модараш ба он дар сафар буданд, ба дунё омадааст. Баъди ба деҳа овардани ӯ ба гуфтаи модараш мувофиқи анъанаи мардуми мусалмон як мулло кӯдакро ба бағалаш гирифта, ба гӯшаш азон мехонад ва мегӯяд, ки дар таърих омадааст, ки як маликаи бузург бо номи Нурҷаҳон низ дар чунин ҳолат ба дунё омада буд. Номи аслии ӯ Меҳруннисо будааст. Ба ҳамин хотир номи ин духтари навзодро ҳамон мулло Меҳруннисо мегузорад [1, с.6].

Мехруннисоро 30 октябри соли 1959 ба Рауф Парвиз ном ҷавоне ба шавҳар медиҳанд ва аз ҳамон вақт номаш Мехруннисо Парвиз мешавад, вале ин духтари 15 – сола ҳанӯз барои зиндагии хонаводагӣ омода набуд. Рауф Парвиз шахси диндор ва ниҳоят куҳнапараст буд. Ба хотири ҳамин куҳнапарастӣ муносибати зану шавҳар он қадар гарм набудааст. Соли 1970 онҳо соҳиби як писар мешаванд, ки онро Салим ном медиҳанд. Муносибати сарди оиладорӣ соли 1977 Мехруннисо ва Рауф Парвизро аз ҳам ҷудо мекунад. Адиба бори дуюм 18-уми декабри соли 1978 бо Баҳагиратҳ Прасад - аъзои Академияи улуми Ҳиндустон оила бунёд мекунад. Мушкилоти зиндагии Мехруннисо Парвиз ва Бҳагиратҳ Прасад якранг буд. Онҳо соҳиби ду фарзанд шуданд. Духтараш Симала соли 1980 ва писараш Самар соли 1982 ба дунё омаданд. Фарзанди калониашон Салим Парвиз дар назди падараш Рауф Парвиз зиндагӣ мекунад. Ба Салим баъди 12 сол муяссар шудааст, ки модарашро бинад. Дар ин хусус адиба худ чунин менависад: «Ман бо Салим баъди 12 сол вохӯрдам. Ин ҳам вақте рух дод, ки ӯ худаш ба дидани ман омад» [1, с.6].

Нависанда бо шавҳари дуюмаш дар фазои озоди эҷодӣ қарор дошта, хушҳолона умр ба сар мебурд. Вале марги нобаҳангоми писараш Самар Прасад, ки 28 августи 1998 рух дод, маҷрои зиндагии ӯро дигаргун сохт. Нависанда як муддате аз кори эҷодӣ канора гирифт. Мутаассифона, гӯшанишинӣ дарду ғамашро на кам, балки афзунтар сохт. Пас аз фикру андешаи зиёд салоҳи корро дар он дид, ки боз ба арсаи эҷод баргардад. Танҳо халлоқияту офарандагӣ ягона неруе буд, ки метавонист, ки сояи ғаму андуҳро бо нуру зиёи худ пароканда созад. Инро метавон зимни мутолиаи ҳикояҳои «Самар» ва «Садбарги сурх» («Лал гулаб») дарк карда, аз дарди дили модари ғамнок огоҳ шуд. Мехруннисо дар дебочаи маҷмӯаи ҳикояҳои «Самар» бо сӯзу гудоз менигорад: «Набард! Набарди ҳаёти мо! Дар асл маҳз номи дигари зиндагӣ ин набард аст. Дар ҳар лаҳзаву гардиши ҳаёт набард бо мо мебошад. Мо пайваста бо он мухолифат мекунем, меҷангем, гоҳе мебозему гоҳе ғолиб меоем. Гоҳе ашк мерезем ва гоҳе механдем. Ба ғамҳои дошта мегирем ва ба баъзе ғаму андуҳи калон танҳо табассуме мекунему бас, ки шояд номаш маҳз ҳамин зиндагӣ бошад. Бо вуҷуди ин ҳама неруи зиндагӣ аз набард аст. Агар набард набошад, зиндагӣ сукут хоҳад кард, ҳама василаи он сукут мекунад, чашмаи қалбҳои мо мегандад, мехушкад. Аз ин рӯ, барои таҳрику пешрафт пайваста набард мебояд. Набард худ ҳеҷ гоҳ намемирад, вай моро қувват медиҳад. Набардро ҳеҷ гоҳ куштан лозим нест. Набояд он бимирад. Аз зиндагӣ агар набард рафт, пас боқӣ дар зиндагӣ чӣ хоҳад монд?» [3, с.7].

Аксари муҳаққиқону адабиётшиносоне, ки ба тадқиқи зиндагӣ ва осори Мехруннисо Парвиз пардохтаанд, қабл аз ҳама, ба баромади деҳотӣ доштани ӯ ишорат намуда, таъсири муҳити зиндагиро дар шаклгирии дунёи тахайюлу сабки эҷодии ӯ таъсиргузор донистаанд. Гузашта аз ин, аксари онҳо бештар ба ҷанбаи муҳтавоии офаридаҳои адиба таваҷҷуҳ кардаанд.

Мехруннисо Парвиз дар муҳити деҳотӣ миёни мардум ба воя расидааст. Аз ин ҷост, ки ҳаёт ва фарҳанги мардуми деҳот ба ӯ таъсири чашмгире расонидааст. Ин таъсирро мо дар эҷодиёти адиба равшан эҳсос мекунем. Ҳадафи ӯ аз таълифи ҳикояҳо танҳо тасвири беҳадафи воқеияти рӯзгори мардуми деҳотнишин нест, балки як навъ мубориза ба хотири решакан сохтани фақру бенавоӣ, ақибмондагӣ аст. Замоне ки нависанда дар ҳикояҳояш рӯзгори сахту сангини мардуми табақаи поёниро, ки зери бори зулму истисмор қарор доранд, ба риштаи тасвир мекашад, манзураш кишвари хос, давру замони муайяне нест, як нигоҳи амиқи интиқодии ҷомеа аст, як эътирозест ба беадолатии ҳукмфармо дар сатҳи ҷаҳон. Саҳнаҳое, ки тасвир мекунад, дар гӯшаву канори дунё шабеҳи зиёд доранд. Ин паҳлуи эҷодиёти нависандаро адабиётшинос доктор Зоҳра Афзал чунин тасвир намудааст: «Дар ҳикояи ҳиндӣ анъанаи ба миён гузоштани бухрони иқтисодии ҳаёти ҷомеа вуҷуд дорад, ки он вазъи иқтисодии Ҳиндустони озодро тасвир менамояд. Ин аньанаро ташаккул дода Мехруннисо Парвиз дар ҳикояи худ «Кунҷи зинапояҳо» чунин вазъи бади иқтисодиро дар симои якчанд занҳои деҳотӣ тасвир намудааст, ки бо сабабҳои бева мондан ва аз муносибати бади оилавӣ маъюсу нотавону оҷиз гаштан бо нони гадои рӯз мегузаронанд. Дар ҳикояи «Ид» низ муҳити хонаводагии табақаи поёнии деҳотро тасвир намудааст, ки дар он модар аз фишори сахти бухрони иқтисодӣ маҷбур шуда, моли закотро қабул намуда, худро нотавону оҷиз эҳсос намояд [1, с.143].

Мехруннисо Парвиз дар аксари ҳикояҳояш дарду ғам ва оддитарин хислатҳои занҳоро худ баръало нишон додааст. Аксарияти ҳикояҳои худро ба ҳаёти занҳо бахшидааст. Адиба худ огаҳӣ дорад, ки он иззату эҳтиром, ки занҳо бояд дошта бошанд, надоранд ва аз он бенасиб мондаанд.

Девшанкар Навин адабиётшиноси дигарест, ки доир ба вижагиҳои ахлоқӣ ва мароми нависандагии адиба андешаҳои ҷолиб дорад. Ӯ эҳсоси худӣ, ватандӯстиву меҳанпарастиро дар ниҳоди адиба ниҳоят қавӣ ва шоистаи ибрат медонад. Ба қавли мазкур Мехруннисо аз зумраи қаламкашонест, ки ҳаргиз зери бори бегонагон нарафтааст, ҳамеша такявар ба

ақлу заковат ва ғурури худ аст. Ӯ менависад: «Меҳруннисо Парвиз нависандаи соҳибэҳтирому тавоно буда, борҳо сазовори ҷоизаҳои пурқимати миллию расмии Ҳиндустон гардидааст. Мавзӯъҳои меҳварии офаридаҳои ӯ иборатанд аз масоиле, ки дар рӯзгори мардуми одӣ нуҳуфта аст ва дарду ранҷе, ки дар рӯзгори занон ҳукмфармоӣ мекунад. Ба дигар сухан замоне ки асари ба ҳаёту рӯзгори занҳо бахшидашуда, бо қалами зан-нависанда эҷод шуда бошад, он гоҳ хондани он хониши китоб не, балки эҳсоси зиндагии наву талхеро мемонад. Ба ҳар ҳол ин гап рост бошад ё не, дар шахси Меҳруннисо Парвиз ин гуфтаҳо сад дар сад рост меояд. Воқеияти ин назар дар он собит мешавад, ки Меҳруннисо Парвиз мисли дигарон чодари идеалогияи аз Ғарб омадаро пӯшида дар деги бегонагон ниқоби ватаниро гарм накардааст. Меҳруннисо ҳаргиз парчами идеалогияи гурӯҳи бегонаро бо худ намегирад. Агар дар дасти ӯ парчаме ҳам ба чашм расад, як бор айнакро пок карда, бояд дид, ки ин парчами Ватану тамоми миллати худи мост» [4, с.25].

Ошноӣ бо осори Меҳруннисо Парвиз пажӯҳандаи адабиёти ҳиндӣ Доктор Зоҳида Ҷабинро ба натиҷае оварда, ки ӯро ҳамрадифу ҳамсанги занони бузурги эҷодкор баршуморад. Ин сухани андаке нест: «Меҳруннисо Парвиз дар байни зан – ҳикоянависони баъди солҳои шастум аҳаммият ва мақоми махсуси худро дорад. Номи ӯро дар баробари занҳои ҳикоянависи асосӣ метавон зикр кард» [1, с.143].

Меҳруннисо Парвиз ҳолати вазнини рӯзгори занҳо, истисмору дарду ғами онҳо ва хурофоту таассуби дар ҷомеа ҷойдоштаро тавре ба тасвир кашидааст, ки хонандаро бетараф нагузошта, ба фикру андеша водор месозад. Бефаъолиятӣ, камбуду сустии занҳо низ аз чашми ӯ пинҳон намондааст. Аз рӯйи занҳо ниқобро бардошта, нафратангезӣ ва ҳолати аслии онҳоро нишон додааст. Ба ақидаи муҳаққиқони адабиёти ҳиндӣ Зоҳида Ҷабин ва Зоҳра Афзал Меҳруннисо бештар ба тасвири паҳлуҳои гуногуни ҳаёти занҳо даст задааст: «Меҳруннисо Парвиз ба мавзӯи занҳои синну соли гуногун аз табақаву гурӯҳҳои мухталиф дахл намудааст. Дар маркази эҷодиёти ӯ маҳз зан қарор дорад. Ба мисли дигар занҳои ҳикоянавис вай низ дарду ғам, ҷӯшу хурӯш, шикасту бохт, комёбиву нокомӣ ва иззату нафси занҳоро тасвир намудааст. Бигзор он зан ба мисли зан - қаҳрамони ҳикояҳои «Ҷоду», «Кунҷи зинапояҳо», «Дуои устод», «Хотири остони хона» бе хатту савод ва аз табақаҳои поёнии ҷомеа бошад ва ё ба мисли қаҳрамонҳои ҳикояҳои «Одам ва Ҳаво», «Кирми шабчароғ», «Вайронаҳо» намояндаҳои табақаи миёнаи ҷомеа бошад» [1, 142].

Дар эҷодиёти Меҳруннисо Парвиз калимаҳои рамзӣ зиёд ифода гардидаанд, ки аз онҳо калимаи парандаро ҳамчун рамз дар ҳикояҳои ӯ метавон мушоҳида кард: «Адиба калимаи «паранда»-ро ба мисли як рамз интихоб намудааст: «Дар эҷодиёти ман як паранда борҳо вомехӯрад, ки ин парандаи беруна нест, балки аз ботини ман чун истинод оварда шудааст….Ман ҳамеша аз ин паранда илҳом гирифтам, борҳо шикастҳо дидаам ва боз бо шиддат кӯшиши аз ҷо хестанро кардам. Ва ин неруи рӯҳиву равониямро ман ба қаҳрамонҳоям додан хостам» [1, с.5].

Дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз хобу хаёл, эҳсосот ва фикрҳои гуногун аз зиндагии мардум оварда шудааст, ки хонанда ба онҳо шинос аст, вале дар вақти мутолиаи ҳикоя эҳсос мекунад, ки гӯё дар ҳама он воқеоти дар ҳикоя ҷойдошта иштирок дорад: «Ман хонандаҳои худро аз ангуштонашон гирифта, то дуриҳои дур бурдаам. Онҳоро роҳгум сохтаам, гирёндаам ва низ хандондаам» [1, с.5].

Ба воситаи эҷодиёти худ нодорию нотавонии оилаҳоро ва рӯзгори занону мардонро аз наздик дида, таассуроти худро ба хонанда нишон додааст. Тавассути навиштаҳояш пайваста ҳақиқати воқеии хаёти инсонро ҷуста, пайдо намуда, ба хонандагон пешкаш менамояд. Имрӯзҳо Меҳруннисо Парвиз бо ин сабки эҷодӣ яке аз адибаҳои бомаҳорату шинохта ба ҳисоб меравад. Эҷодиёти ӯ як хазинаест, ки аз чизе камӣ надорад. Чуноне ки адиба худ фармудааст: «Ман зикри он хазинаро карда истодаам, ки онро калима ба калима пайвастаам. Мебинам, ки гоҳе аз танҳоии худ ё хилват аз хонаводаи хеш ба илҳом омада ҳиҷоҳоро бо ҳам пайваста, вожаҳоеро сохтаам, ки мисли хазинаи Кубери хасис (Худои боигарӣ дар асотири ҳиндӣ - Л.А.) ҷамъ гаштаанд» [1, с.5].

Маълум аст, ки дар рушду камоли ҳар як нависанда нақши дигар нависандагон муҳимму тақдирсоз аст. Ба дигар сухан, ҳар адибе устоде дорад, ки дар фаъолияти эҷодии худ аз эҷодиёти дигарон таъсир пазируфтааст. Меҳруннисо Парвиз низ аз ин радиф истисно нест.

Замоне ки дар адабиёти ҳинд ӯ ҳамчун нависанда шакл мегирифт, чанд тане аз нависандагон бо дарку эҳсоси истеъдоду малакаи хоссаш дар раҳёбӣ ва пешрафти ҳунараш саҳм гирифтанд, ки баъдҳо Меҳруннисо Парвиз дар навиштае аз эшон ба шарҳи зер ёд мекунад: «Вақте ман навиштанро шурӯъ кардам, он гоҳ хушбахтона давраи муҳаррирони хуб буд. Маҳз нависандагони бузургу хуб муҳаррир мешуданд. Ба мисли Дҳармвир Бҳаратӣ, Камлешвар, Бҳишма Саҳнӣ, Маноҳар Шям Ҷошӣ, Авадҳ Нараян

Мудгал ва ғайра. Ҳамаашон маро эҳтирому қадр карда навиштаамро чоп мекарданд. Аз маҷаллаи «Дҳармаюг» ман навиштанро шурӯъ карда будам. Соли 1963 аввалин ҳикояи ман дар маҷаллаи «Дҳармаюг» аз чоп баромада буд ва дар шумораи моҳи июни 1996 низ ҳикояи ман чоп шуд. Яъне, барои маҷаллаи «Дҳармаюг» ман пайваста навиштам. Мисли ҳамин бо ҳамаи дигар маҷаллаҳо робита доштам. Пайваста менавиштам. Ман мисли коргар ҳаррӯз кори эҷодӣ кардам, аз он ки соҳибихтиёр набудам, дар ҳар лаҳзаҳои холигӣ менавиштам. Дар кори эҷодӣ риёкорӣ накардам. Дар назди оташдони гилин нишаста, ҳангоми хӯрокпазӣ навиштам, ҳангоми шир додани кӯдак навиштам, дар сару садои хона навиштам. Дар доду фиғон навиштам» [1, с.132].

Муҳити хонавода, ошноӣ бо китобҳои бадеӣ бо мурури замон дар ниҳоди ӯ хоҳиши навиштану эҷод карданро ба зуҳур мерасонад. Мавсуф дар ёддоштҳои тарҷумаҳолиаш шаклгирии масири эҷодии хешро чунин тавсиф намудааст: «Аввал ман ба шакли мақола навиштанро оғоз намудам, баъд ба навиштани ҳикоя пардохтам. Ман ҳикояи аввалини худро дар бораи як духтарчаи одии рустоӣ навиштам. Ҳикоя моҳи октябри соли 1963 дар маҷаллаи «Асри тиллоӣ» («Дҳармаюг») аз чоп баромад. Дар он давра ин маҷалла яке аз маҷаллаҳои номдор ба ҳисоб мерафт. Ҳикояи дувумамро дар бораи як қабристонбон навиштам. Қабристонбон ҳамеша ба хонаи мо ва дигарон ҷанозахабаркунӣ меомад. Паси дарвозаи хонаҳо истода бо овози нарм гапашро гуфта мерафт, хоҳ касе шунавад, хоҳ не. Он вақт васоити алоқаи телефонӣ набуд. Номи ин ҳикоя «Қабри панҷум» («Панчвин қабр») буд, ки октябри соли 1963 дар маҷаллаи «Ҳикояҳои нав» («Наӣ каҳаниян») чоп шуд. Муҳаррири он Камлешварҷӣ буд. Муҳаррири ҳикояи аввалинам «Оҳуи ҷангалӣ» («Ҷангалӣ ҳирнӣ») Дҳармвир Бҳаратӣ буд» [4, с.145].

Тавре ки аз гуфтаҳои худи адиба маълум мешавад, аввалин ҳикояи ӯ ҳикояи «Оҳуи ҷангалӣ» мебошад, ки моҳи октябри соли 1963 дар маҷаллаи «Дҳармаюг», ки яке аз машҳуртарин нашрияҳои он давра буд, ба нашр расидааст.

Меҳруннисо Парвиз дар бисёре аз жанрҳои адабӣ мисли очерку мақола, ёддошт, сафарнома, шеър ва ғайра асар навиштааст. Мутаассифона, тамоми осораш ба шакли китоби алоҳида мунташир нагаштааст.

Аз охири солҳои 60 – уми асри ХХ то ба имрӯз Меҳруннисо Парвиз 6 роман таълиф намудааст, ки зикрашон дар зер меояд:

«Даҳлези чашмон» («Анкҳон ки даҳлез», 1969), «Хонаи ӯ» («Ус ка гҳар», 1972), «Кораҷа» («Кораҷа», 1977), «Барги танҳо» («Акела палаш», 1981), «Майдони набард» («Самаранган», 2002), «Посанг ё (Санги тарозу)» («Пасанг», 2004).

Меҳруннисо Парвиз муаллифи як силсила романҳо бошад ҳам, вале дар адабиёти имрӯзаи ҳиндӣ номи ӯ чун ҳикоянавис бештар ёдовар мешавад. То ба ҳол чунин маҷмӯаҳои адиба мунташир шудаанд:

«Одаму Ҳаво» («Адам аур Ҳава», 1972), «Офтоби болои шохҷаҳо» («Таҳниён кӣ дҳуп», 1977), «Одами хатокор» («Ғалат адмӣ», 1977), «Фалгунӣ» («Фалгунӣ, 1978), «Кӯтали охирон» («Антим чарҳаӣ», 1982), «Касе нест» («Коӣ наҳӣ»), «Боз як селоб» («Эк аур селаб», 1990).

Баррасии масири эҷодии Меҳруннисо Парвиз гувоҳ бар ин мебошад, ки дар тӯли замон рӯзнома ягона минбаре будааст, ки боиси вусъату густариши сухану паёми нависанда гаштааст. Маҳз тавассути рӯзномаҳо каломи ӯ ба дуртарин нуқоти Ҳиндустон расидааст. Нависанда солҳост муҳарририи яке аз маҷаллаи бонуфузи адабӣ – иҷтимоии Ҳиндустон «Самараи Самар» («Самар лок») – ро ба дӯш дорад. Маҷалла дар таблиғу тарвиҷи мавзӯоти мухталифи зиндагии иҷтимоӣ, чопи осори адибони гуногунзабони Ҳиндустон, тарҷума ва нашри адабиёти хориҷӣ, нақду баррасии масоили адабиётшиносӣ, эҷодиёти адибони ҷавон нақши чашмрас дорад.

Адиба ин маҷалларо ба хотири рӯҳи поки писари ҷавонмаргаш таъсис додааст, ки то имрӯз барои мардуми Ҳинд ва адабиёти он хидмат дорад.

Мини Самуел дар мақолаи худ зери унвони «Меҳруннисо Парвиз – як сайри бадеӣ» таъсиси маҷаллаи «Самар лок»-ро падидаи муҳимму арзишманд дониста, чунин гуфтааст: «Ба хотири писари ғӯрамаргаш ӯ маҷаллаи семоҳаи «Самар лок» - ро таъсис дод. Ин маҷалла набарди як модаре дар роҳи эҷод аст. Ин маҷалла қувватбахши як модари эҷодкор гардид. Ҳамин тавр, аз ҷараёни зиндагиаш маълум мегардад, ки аз рӯзи таваллуд, то ҳол дар зиндагиаш дар мубориза аст ва пайваста муваффақ ҳам мегардад» [8, с.46].

Ҳабибулло Раҷабов дар асари худ «Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ» саҳму хидмати як зумра адибони пешқадами адабиёти ҳиндиро дар пешрафту инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ таҳлилу баррасӣ намуда, дар баробари онҳо номи Меҳруннисо Парвизро низ зикр намудааст: «Дар солҳои ҳаштодум намояндагони наслҳои гуногуни адабиёти ҳиндӣ хазинаи ҳикояи ҳиндиро боз ҳам ғанитар гардониданд. Баробари чунин адибони шинохташуда ба монанди Камлешвар, Амаркант, Рамеш Упадҳяй, Шекҳар Ҷошӣ, Мридула Гарг, Шайлеш Матиянӣ, Нирмал Варма, Удай Пракаш, Носира Шарма, Абдул

Бисмиллоҳ, Манну Бҳандарӣ, Кашинатҳ Синҳ, Асғар Ваҷаҳат, Меҳруннисо Парвиз, Судҳа Арора, Гирираҷ Кишор, Санҷив, Акхилеш, Шиванӣ, Шивмурти боз як қатор ҳикоянависони дигар, ки бо сабаби дертар ба саҳнаи адабиёт омаданашон ҳанӯз чандон машҳур нестанд, вале умедбахш будани онҳо шубҳае надорад, кӯшиш намудаанд анъанаҳои демократии ҳикояи ҳиндиро давом диҳанд» [7, с.118].

Инчунин, Ҳабибулло Раҷабов дар асари тозанашри худ «Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав, 2017» низ Меҳруннисо Парвизро ба қатори як зумра адибони барҷастаи адабиёти муосири ҳиндӣ шомил намудааст: «Ҳиндустон худро соли 1947 соҳибистиқлол ва соли 1950 Республика эълон намуд. Дар муддати якуним аср дар ин мамлакат садҳо шоирону нависандагони барҷаста асарҳои безавол эҷод намуда, саҳми назаррасе дар инкишофи адабиёти ҳиндӣ гузоштаанд, ки маъруфтаринашон Агравал Кедарнатҳ, Агей, Аёдҳясинҳ Упадҳяй, Ҳариаудҳ, Амаркант, Амритрай, Амритлал Нагар, Упендранатҳ Ашк, Ҳариваншрай Баччан, Бҳаратенду Ҳаришчандра, Дҳармавир Бҳаратӣ, ... Меҳруннисо Парвиз, Равиндра Калия ва мисли инҳо мебошанд» [5, с.8].

Меҳруннисо Парвиз вақте ки ба саҳнаи адабиёт қадам ниҳода буд (1963), аллакай, чанде аз ҷараёнҳои мазкур дар адабиёти ҳиндӣ вуҷуд доштанд. Вале то ҷое, ки мо иттилоъ дорем Меҳруннисо Парвиз шомили ҳеҷ аз он ҷараёнҳои ҳикоя нест: «Маҳз пеш аз ба кори эҷодӣ даст задани Меҳруннисо Парвиз ду ҷараён дар жанри ҳикоя – «Ҳикояи нав» ва «Ҳикояи ақлонӣ», аллакай, зуҳур карда буд. Барои ҳифзи ҳастии худ ҳикоянависони ҳамонвақта ба онҳо пайваста, санъати офариниши ҳикояи худро неру бахшида, ҳикояҳои худро дар маҷаллаву рӯзномаҳо пайваста чоп кардан мегирифтанд. Дар ин вазъу муҳит ҳикоянавис Меҳруннисо Парвиз ҷудо аз ин ҷараёнҳо озоду бетараф ба дунёи ҳикоя ворид мешавад, нуфуз пайдо мекунад» [2, с.3].

Ҳунари офарандагии Меҳруннисо Парвизро бо дигар адибаҳо муқоиса намуда, саҳми ӯро дар адабиёти ҳиндӣ бузург дониста, доктор Зоҳида Ҷабин ва Зоҳра Афзал дар китоби худ чунин менависанд: «Агар Меҳруннисо Парвизро бо дигар адибаҳои муосир муқоиса намоем, пас монандиву тафовут хеле зиёд ба назар мерасад. Интихоби қаҳрамон, тасвири он мақсади ҳама адибаҳои якранг аст. Лекин дар тасвири муҳити гирду атроф, ба миён гузоштани масъалаҳои табақаи мардуми мусалмон, услуби навиштани ҳикоя ва бисёр дигар ҷиҳат аз дигар занҳои эҷодкор фарқ мекунад. Нависанда аз соли 1963 пайваста ба адабиёти ҳиндӣ саҳми худро гузошта истодааст ва умед аст, ки боз муддатҳои дароз дар адабиёти ҳиндӣ саҳм хоҳад гузошт» [1, с.149].

А Д А Б И Ё Т

1. Зоҳида Ҷабин. Меҳруннисо Парвиз ва олами ҳикояҳои ӯ. Монография / Ҷабин Зоҳида, Афзал Заҳра. – Деҳлӣ, 2003. - 152 с.
2. Меҳруннисо Парвиз. Ҳикояҳои писанди мардуми Меҳруннисо Парвиз. Маҷмӯаи ҳикояҳо / Парвиз Меҳруннисо. - Деҳлӣ: Бук Вегон, 2017. – 184 с.
3. Меҳруннисо Парвиз. Самар. Маҷмӯаи ҳикояҳо / Парвиз Меҳруннисо. - Деҳлӣ: Грантҳ Академӣ, 2002. - 159 с.
4. Пунашча (маҷ). (шумораи махсус). – Деҳлӣ, 01. 2004. – № 14. –192 с.
5. Раҷабов Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав. Маводи таълимӣ / Ҳ. Раҷабов. - Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 496 с.
6. Раҷабов Ҳ. Се насли ҳикоянависони ҳиндӣ. Маводи таълимӣ / Ҳ. Раҷабов. - Душанбе: Статус, 2001 – 272 с.
7. Раҷабов Ҳ. Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ. Маводи таълимӣ / Ҳ. Раҷабов. - Душанбе: Пайк, 1998. - 176 с.
8. Самуел М. Меҳруннисо Парвиз – Як сайри бадеӣ / М. Самуел // Пунашча. Шумораи махсус. – Деҳлӣ, 2004. – № 14. - С.44-53.

МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ НАМОЯНДАИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ҲИНДӢ

Мақола ба ҳаёт ва эҷодиёти нависандаи адабиёти муосири ҳиндӣ Меҳруннисо Парвиз бахшида шудааст. Муаллиф доир ба зиндагии нависанда аз овони кӯдакиаш маълумот додааст. Барои равшан сохтани паҳлуҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти ӯ ба сарчашмаҳои зиёде мурочиат намудааст. Меҳруннисо Парвиз барои раҳоӣ аз зиндагии ақибмондаву пасмонда аз шавҳари якумаш ҷудо шуда, бо нафари дигаре ба шавҳар мебарояд. Тавре ки дар мақола оварда шудааст, адиба Меҳруннисо Парвиз дар муҳити деҳа ба дунё омада, тарбия ёфтааст. Аз ин рӯ, дар эҷодиёти ӯ тасвири муҳити деҳот ва сокинони он бештар ба назар мерасад. Ӯ дар муҳити деҳот миёни мардуми одӣ ба воя расидааст. Меҳруннисо Парвиз дар ҳикояҳои худ на танҳо зиндагии воқеии мардуми деҳотро тасвир менамудааст, балки ба воситаи офаридаҳои худ баҳри решакан намудани фақру бенавоӣ ва ақибмондагиву бесаводии онҳо мубориза бурдан хостааст. Дар адабиёти муосири ҳиндӣ Меҳруннисо Парвизро ҳам муҳаққиқони хориҷии адабиёти ҳиндӣ ва ҳам дохилӣ ба қатори машҳуртарин нависандагон шомил карда, ӯро нависандаи озоду бетараф аз ҷараёнҳои гуногуни адабии адабиёти муосири ҳиндӣ муаррифӣ намудаанд. Аз мутолиаи мақола маълум мегардад, ки нависанда дар баробари кори эҷодӣ боз ба кори муҳаррирӣ машғул мебошад. Ӯ солҳост муҳаррири яке аз маҷаллаи бонуфузи адабӣ – иҷтимоии Ҳиндустон «Самар лок» аст. Маҷалла дар таблиғу ривоҷи масоили гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, нашри осори адибони гуногунзабони Ҳиндустон, тарҷума ва нашри адабиёти хориҷӣ, нақду баррасии масоили адабиётшиносӣ, эҷодиёти адибони ҷавон нақши чашмрас дорад.

Калидвожаҳо: маҷалла, ҳиндӣ, деҳот, адибони ҷавон, ҷараёни ҳикоя, муҳаррир, адабӣ, муҳаққиқ, ҳикоя, роман.

МЕХРУННИСО ПАРВИЗ - ПРЕДСТАВИТЕЛЬ НОВЕЙШЕЙ ЛИТЕРАТУРЫ ХИНДИ

Статья посвящается жизни и творчеству прозаика современной литературы хинди Мехруниссо Парвиз. Автор даёт сведения о жизни детских лет писательницы. Автор статьи обратился ко многим первоисточникам, чтобы изучить разные стороны ее жизни. Мехруниссо Парвиз, чтобы уйти от рутины жизни разводится с первым мужем и выходит замуж за другого. Как отмечается в статье, Мехруниссо Парвиз родилась и воспитывалась в селе. Поэтому в ее творчестве описывается село и жизнь селян. Она выросла в селе среди простого народа. Мехруниссо Парвиз в своих рассказах описывает не только реальную жизнь жителей села, но и посредством своих творений борется за искоренение нищеты и бедности, их отсталости и неграмотности. И иностранные и местные исследователи современной литературы хинди ставят Мехруниссо Парвиз наряду со знаменитыми прозаиками, представляют ее как свободолюбивую независимую писательницу разных литературных течений современной литературы хинди. Из данной статьи становится ясно, что Мехруниссо Парвиз также занимается редактированием. Она многие годы является редактором одного из авторитетных социально-литературных журналов «Самар лок». Журнал играет значительную роль в развитии и пропаганде различных проблем социальной жизни, издании творчества разноязычных писателей Индии, переводе и издании иностранных писателей, изучении и исследовании вопросов литературоведения и творчества молодых писателей.

Ключевые слова: журнал, хинди, село, молодые писатели, литературное течение, редактор, литературный, исследователь, рассказ, роман.

MEHRUNNISO PARVIZ- REPRESENTATIVE OF THE MODERN INDIAN LITERATURE.

The article is devoted to the life and works of writer of the modern Indian literature Mehruniso Pervez. The author gave information on the life of the writers from her childhood. For defining verities sides, he appealed to more sources. Mehruniso Pervez divorced from her first husband and remarriage again to get rid of lagging life. As in the articles mentioned, writer Mehruniso Pervez born and grown up in the circumstance of rural community. Therefor in her creative works we observe depiction of rural community and its inhabitants. She grew up in the village amongst ordinary people. Mehruniso Pervez in her stories depicted not only the real life of the rural people, although she wanted to struggle through her creative works for eliminating of poorness and poverty and their illiteracy, and lagging behind. In the Modern Indian literature Mehruniso Pervez was included by external and internal researchers as an outstanding writer's line. And also was represented as free writer and neutral from varied literary trend of Modern Indian literature. After reading of the article become known that author alongside of creative works, she handles with editorial work. She is an editor of the famous literary-social magazine of «Samar lok» for years. The magazine has a crucial role for advertising and developing of various issues of social life, publishing the work of polyglot author of Hindustan, translation and publishing of foreign literature, critique and considering of literature study and creative work of youth.

Key words: magazine, Hindi, rural, young writers, short story`s trend, editor, literary, researcher, Short story, novel.

Сведения об авторе: ***Латифов А.*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры индийской филологии факультета языки Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 98-519-28-06**

Information about the author: ***Latifov Alikhon*** – Tajik national University, Teacher of the Department of Indian Philology of the Faculty of languages Asia and Europa. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. **Tel.: (+992) 98-519-28-06**

УДК: 891.550-1

ШЕЪРИ ХИЛВАТИ ДИЛ ВА ДАРКИ АСРОРИ МАОНӢ

Хусейнзода Ф., Чиллаев С.Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Низомӣ аз шоиронест, ки бешак ӯро дар шумори аркони шеъри форсу тоҷик ва аз устодони мусаллами ин забон донист. Вай аз он сухангӯён аст, ки монанди Фирдавсию Саъдӣ тавонист ба эҷод ва такомули сабку равиши хоссе тавфиқ ёбад. Вай дар интихоби алфоз ва калимоти муносиб, эҷоди таркиби хосси тоза, ибдоу ихтирои маонӣ, мазомини наву дилписанд дар ҳар маврид, тасвири ҷузъиёт, неруи тахайюл ва диққат дар васфу эҷоди манозир ва резакорӣ дар тавсифи табиат, тасвири ашхос ва аҳволи онҳо, ба кор бурдани ташбеҳоту истороти матбуъу нав дар шумори касоне аст, ки баъд аз худ назир надорад.

Бояд бидонем, танҳо иморате, ки дар ҷаҳони ҳастӣ метавон бар маснади он такя зад, тахти султонҳо ва зурмандони ҷаҳон нест, балки иморатҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки метавонанд муҷиби ҷалол гарданд. Он чунонки паёмбарон ва авлиёҳо амирони кишвари диланд ва аҳли фақр буда, ниёзе ба амирони дунё надоранд. Эшон аз боргоҳи боазамати Зулҷалолу Икроманд. Аз тарафи дигар, кишваре низ вуҷуд дорад ба номи иқлими сухан, ки паҳноияш беш аз қаламрави подшоҳони дунёст. Сухан аз комилтарин офариниши олам мебошад, ки дар замину осмон ҷараён дорад. Худованд мафҳуми мутлақи вуҷудро тахти нуфузи мулки сухан қарор дод, то шоир ба воситаи сухан ҳақоиқро баён кунад. Ҳатто шоҳони дунё барои зинда мондани номашон аз шоирон хоҳиш мекарданд, то барои онҳо шеъре бисароянд. Масалан: Саъдӣ дар дебочаи «Бӯстон» фахр мекунад, ки дар замони амири одил, чун Саъди Зангӣ мезистааст ва тахаллуси шеърии худро аз номи ӯ мегирад. Номи ман дар канори номи Саъд бини Зангӣ ҷовидон мемонад:

Ки Саъдӣ, ки гӯйи балоғат рабуд,
Дар айёми Бубакр бини Саъд буд.
Ҳам аз бахти фархунда фарҷоми туст,
Ки таърихи Саъдӣ дар айёми туст [6, с.59].

Ӯ бар ин бовар аст, ки шоир дар он сурате фармонравои мулки сухан мешавад, ки риояти мавзӯоти шаръӣ ӯро машҳур гардонад ва агар шоир аҳли шариат набошад, беҳтар аст шоириро раҳо кунад. Агар шоир аҳли шариат варзидан бошад, шеъри ӯ ҷойгоҳи осмонӣ пайдо мекунад ва шеър аз олами малакутӣ аз дарахти нишоне аз садра ба ӯ медиҳад, мартаба ва мақоми баланд меёбад, фармонравои кишвари маънӣ мешавад ва аз олами маънӣ сухан мегӯяд. Дар «Махзан-ул-асрор» мефармояд:

… Шеър туро сидранишонӣ диҳад,
Салтанати мулки маонӣ диҳад.
Шеъри ту аз шаръ бад-он ҷо расад,
К-аз камарат соя ба Ҷавзо расад.
Шеър барорад ба амирӣ-т ном,
К-аш шуарои умаро-ул-калом [4, с.43].

Дар мавзӯи мазкур Суқрот файласуфи юнонӣ чунин мефармояд: «Шоир ба ёрии ҳунар шеър намесарояд, балки ба кумаки нерӯи Худоӣ шеър мегӯяд. Агар ӯ шеър гуфтанро аз рӯйи қавоиди ҳунар омӯхта буд, на фақат дар як мавзӯъ, балки дар ҳама анвоъ метавонист шеър гуфт. Бинобар ин, Худованд тафаккурро аз шоирон мегирад ва онҳоро василаи баёни каломи худ қарор медиҳад, ҳамон гунае ки пешгӯён ва паёмбарони муқаддасро илҳом мебахшад. Вақте суханони он шоиронро мешунавем, бидонем аз они худашон нест, балки Худост, ки тавассути онҳо бо мо сухан мегӯяд» [1, с.32]. Аз гуфтаҳои Суқрот метавон чунин натиҷа гирифт, ки шеър мисли ҳунар иқтисобӣ нест, балки аз тарафи Худованд ба шоир ҳамчун ваҳй нозил мешавад ва ба василаи шуаро барои мухотаб пешкаш мегардад. Ӯ бар хилофи Афлотун мартабаи шоиронро мусовӣ бо дараҷаи паёмбарон ва авлиё-ул-лоҳ медонад. Дар аввалҳои қарни шашум бо пешгомии Саноӣ, ирфон ва истилоҳоти сӯфиёна дар қолаби ғазал роҳ ёфт. Ирфони Саноӣ ирфони шаръӣ ва ахлоқӣ аст. Қасида низ дар он аср бо ибтикори ӯ нашъунамо гирифта, пур аз андешаҳои ирфонӣ ва тасаввуф гардид. «Тариқаи ирфонии ӯ, ки, дар ҳақиқат, шаръ ва панду мавъиза аст, мавриди таваҷҷуҳи бисёре аз шоирон, махсусан Низомӣ ва Хоқонӣ қарор гирифт» [7, с.114]. Низомӣ агарчи услуби хосси худро дорад, аз идомадиҳандагони равиши фикрии Саноӣ мебошад. Низомӣ дар «Махзан-ул-асрор» ба шеъри шаръӣ гароиш дорад ва бар ин бовар аст, ки шеър бояд мабнӣ (биноёфта) бар шаръ бошад, зеро шеъри шаръӣ дар назари ӯ нуқтаи муқобили шеъри мадҳӣ аст, ки ба он ҳувият ва эътибори маънавӣ ва ахлоқӣ бахшида, аз олудагиҳои васф, май ва майгусорони шоҳон, аз лаззатталабии султонҳо пок карда, ба ҳарири дину хирад покӣ меоварад. Дар тақвияти ин назария чунин баён мекунад:

То накунад шаръ туро номдор,
Номзади шеър машав, зинҳор [4, с.43]!

Ҳаким Низомӣ бар парҳез аз дурӯғ дар шеър таъкид мекунад. Чаро ки дар назари ӯ кажгӯйӣ арзиши суханро мекоҳонад. Боварҳои мазҳабии ӯ ва арзиши волое, ки барои сухан қоил аст дар назми афсонаи «Баҳроми Гӯр» ҳақиқатан баён нашудааст, вале ростӣ ҳамчунон дар миёни мо барқарор аст:

Лоҷарам ин қавм, ки донотаранд,
Зертаранд арчи, ба болотаранд [4, с.43].

Назми ин афсонаро ҷуз ҳақиқат нагӯяд ва бо диққат мутаваҷҷеҳ аст, то риштаи сухан дар ин достон аз ҳам канда нашавад, чунки ришта якто ва беназир аст. Ӯ саъй мекунад, ки онро дар ниҳояти фасоҳату шевоӣ баён кунад:

Зи ман фарбеҳтарон, к-ин ҷинс гуфтанд,
Ба бозуи мулук ин лаъл суфтанд.
Ба давлат доштанд андешаро пос,
Нашояд лаъл суфтан ҷуз ба алмос [5, с.144].

Ӯ иддао дорад, ки хишти бинои сухан бар ростӣ гузошта шудааст ва дар «Ҳафт пайкар» дар бахши «Сабаби назми китоб» мегӯяд:

Кас бар ин ришта гарчӣ рост нарафт,
Ростӣ, дар миёни мост, нарафт [2, с.216].

Низомӣ мегӯяд, ки сухан бояд боваркарданӣ бошад. Дар ғайри ин сурат дурӯғ ба назар мерасад, дурӯғ гуфтан қадри сухан ва сухангӯро коҳиш медиҳад. Агар касе, ки сухани рост бигӯяд, соҳиби мақому манзалати воло мегардад:

Чу битвонӣ ростиро дарҷ кардан,
Дурӯғеро чӣ бояд харҷ кардан?!
Зи кажгӯӣ суханро қадр кам гашт,

Касе к-ӯ ростгӯ шуд муҳташам гашт [5, с.157].

Шоир дар «Шарафнома» дурӯғи тавҷеҳпазирро аз рости боварнакарданӣ бартар медонад:

Дурӯғе, ки монанда бошад ба рост,
Беҳ аз росте к-аз дурустӣ ҷудост [2, с.75].

Дар қисматҳои поёни «Шарафнома» бори дигар парҳез аз дарҷи дурӯғ дар шеърро мавриди таъкид қарор додааст. Шоир дар ҷое, ки дурӯғ вуҷуд дорад, онро ислоҳ намуда, ба зевари ростӣ оростааст. Сухан, агар ба ростӣ раҳнамун нашавад, ҳарчанд ба зоҳир олист, аммо аз арзиш холист. Ба ҳамин ҷиҳат фарзанди хешро аз шоирӣ манъ мекунад:

Гарчи сари сарварит бинам,
В-ойини суханварит бинам.
Дар шеър мапечу дар фани ӯ,
Чу акзаби ӯст аҳсани ӯ [3, с.38]!

Низомӣ дар «Махзан-ул-асрор» ба мақоми шоирон баҳои баланд дода, шоиронро ба булбулоне, ки бар тахти арш нишаста, нағмасароӣ мекунанд, ташбеҳ намудааст. Бинобар ин, бо мардуми дигар ҳаммонанди надоранд:

Булбули аршанд суханпарварон,
Боз чӣ монанд ба ин дигарон.
З-оташи фикрат чу парешон шаванд,
Бо малак аз ҷумлаи хешон шаванд [4, с.42].

Ӯ бар ин бовар аст, агар оташи андеша дар вуҷуди шоирон шуълавар гардад, онҳо ҳампой ва ҳамрутбаи фариштагон мегарданд, ҳатто дар сайри рӯҳонӣ ва меъроҷи хеш. Дар осмони андеша ва вилояти дилу ҷон, ҳангоме ки суръати андешаи шоирон фузунӣ мегирад ва фалакро пушти сар мегузоранд. Эшон қодиранд, аз шаҳпари Ҷабраил маркабе ва аз боди Исрофил бодзан барои хеш созанд. Ситоишҳои Низомӣ дар ин абёт ранги осмонӣ ба худ гирифтааст ва ӯ бо ишора ба меъроҷи ҳазрати расул шармгинона меъроҷи шоиронаи хешро ба тасвир мекашад:

Дар таки фикрат, ки равиш гарм дошт,
Буд фалакро, вале озарм дошт.
Борагӣ аз шаҳпари Ҷибрил сохт,
Бодзан аз боли Сирофил сохт [4, с.44].

Андешаҳои Низомӣ дар бораи фармонравоӣ ва иморати шоирона ба сӯйи осмон авҷ гирифта, рӯҳи баланди ӯ дам ба дам бештару пештар ба сӯйи олитарин дараҷоти инсонӣ метозад. Ӯ барои хештан меъроҷи шоиронае қоил аст ва он қадар ба худ ҷасорат медиҳад, ки дар ин меъроҷ бар шаҳпари Ҷабраил бинишинад, аммо ин сайри рӯҳонӣ беҳадду канор нест ва ҷое фаро мерасад, ки пуёии Барроқи андешаи Низомӣ дигар баркӣ надорад. Ба эҳтиром пеши пойи паёмбарон зону мезанад ва шоириро сояе аз паёмбарон ва он ҷо ки бузургон саф мекашанд, паёмбарон дар сафи пешин ва шоирон дар сафи пасин қарор мегиранд:

Пардаи розе, ки суханпарварист,
Сояе аз пардаи пайғамбарист.
Пешу пасе баст сафи кибриё,
Пас шуаро омаду пеш анбиё.
Ин ду назар маҳрами як дӯстанд,
Ин ду чу мағз, он ҳама чун пӯстанд [4, 42].

Аз абёти боло бармеояд, ки ӯ баъд аз омехта намудани ин ду (шеър ва маънавиёт) ва ба назм кашидани он чун воизе, ки шунавандагонро ба хубӣ мавъиза карда ва шуълаҳои оташи эмонро дар дили онон афкандааст, хештанро хушнуд ва сабукбор кардааст.

Шоир дар абёти зер ба ҷойгоҳ ва манзалати шоирӣ ишора намуда, ба ин ҳунар дил дода, аз расидан ба чунин оромише бар худ меболад ва моро низ ба ёфтани сарои хештан аз ин ҳуҷраи тангӣ дунё навид медиҳад:

Он ки дар ин парда навоеш ҳаст,
Хуштар аз ин ҳуҷра сароеш ҳаст.
Бо сари зонуи вилоятситон,
Сар наниҳад бар сари ҳар остон [4, с.42].

Низомӣ дар поёни «Хусраву Ширин» ва оғози «Шарафнома» дар абёти зебо ин бовари хешро ба зебоӣ баён карда, на танҳо аз ҷовидонагии номи хеш бо каломаш итминон дорад, балки иддао дорад, агар солҳои пас аз маргаш касе ӯро овоз диҳад, ӯ аз миёни шеъраш сар берун меоварад ва ҷони хешро менамоёнаду мегӯяд, ки ман ин ҷо пеши шумо зинда ҳастам. Дар «Ҳафт пайкар» ашъореро барои зиёраткунандагони мазораш сурудааст ва дар он суханон ҷонашро пинҳон кардааст ва ҳар замон касе бар мазори ӯ ашке бирезад, ӯ низ аз осмон нурборонаш мекунад. Агар касе барои ӯ дуое кунад, ӯ низ аз осмон барои иҷобати дуо омин мегӯяд:

Ба ёд овар, эй тоза кабки дарӣ,
Ки чун бар сари хоки ман бигзарӣ.
Фишонӣ ту бар ман сиришке зи дур,
Фишонам ман аз осмон бар ту нур.
Дуои ту бар ҳар чӣ дорад шитоб,
Ман «омин» кунам, то шавад мустаҷоб [2, с.21].

Дар бораи ҳунари шоирӣ ва шеъри хуб Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам» хеле хуб гуфтааст: «Бидон, ки шеърро адавотест ва шоириро муқаддамоте, ки бе он ҳеч касро лақаби шоирӣ назебад ва ба ҳеч шеър номи нек дуруст наояд. Аммо адавоти шеър калимоти саҳеҳ ва алфози азб ва ибороти балеғ ва маънии латиф аст, чун дар қолаби авзони мақбул резанд ва дар силки абёти матбӯъ кашанд, онро шеъри нек хонанд» [8, с.45].

Ҳамин тариқ, шеъри хуб ба шоире насиб мешавад, ки ӯ маънии асилро муъҷазу дилнишин, вазни хуш, қофияи зебо ва саноеи бадеии дилкаш ифода карда тавонад ва хотабро маҷзуби хеш гардонад. Ин аст, ки дар гузашта дар баробари шеъру шоирӣ ноқидони шеър низ вуҷуд доштанд, ки ҳусну қубҳи осори бадеиро муайян мекарданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Дичез Девид. Шеваҳои нақди адабӣ / Дичез Девид; тарҷумаи Муҳаммадтақии Садиқиёнӣ ва Ғуломҳусейн Юсуфӣ. – Теҳрон: Илмӣ, 1373.
2. Низомии Ганҷавӣ. Искандарнома: ба кӯшиши Мубашшир Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2012.
3. Низомии Ганҷавӣ. Лайлӣ ва Маҷнун: ба кӯшиши Мубашшир Акбарзод ва дигарон. – Душанбе: Адиб, 2012.
4. Низомии Ганҷавӣ. Махзан–ул–асрор: ба кӯшиши Мубашшир Акбарзод ва дигарон. – Душанбе: Адиб, 2012.
5. Низомии Ганҷавӣ. Хусраву Ширин: ба кӯшиши Мубашшир Акбарзод ва дигарон. – Душанбе: Адиб, 2012.
6. Саъдӣ Муслиҳиддин. Бӯстон; шарҳи Муҳаммад Хазоилӣ. - Теҳрон: Фахри Розӣ, 1379.
7. Шамисо Сируси. Баён ва маонӣ. - Теҳрон, 1390.
8. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам: ба кӯшиши У.Тоиров. – Душанбе, 1991.

ШЕЪРИ ХИЛВАТИ ДИЛ ВА ДАРКИ АСРОРИ МАОНӢ

Ҳаким Низомӣ шоирест, аҳли хилвати дил ва аз дарки асрори маонии илоҳӣ ба хубӣ огоҳ аст, ки ситоиши сухандонӣ ва иморати шоирона, агар ҳамроҳ бо фахр ба меъроҷи рӯҳонӣ ва пайравӣ аз анбиё бошад, метавонад номи ӯро ҷовидона гардонад. Чунонки худ ба баландии мақоми хеш дар суханварӣ эътироф мекунад ва ӯ мисли офтоб ба ҳама нур пошида, бо ҳарорати сухани худ ба мухотабон ҷон бахшида, дили мардумонро гарм менамояд. Низомӣ муътақид бар он аст, ки шоир ва суханвар нисбат ба сурудани ашъори хеш тааҳҳуди ахлоқӣ ва маънавӣ дорад, то ба боргоҳи муқаддаси Илоҳӣ роҳ ёбад. Риштаи андеша ва сухани ӯ ба олами малакутӣ васл мешавад ва аз он ҷо илҳом мегирад, дар ҳолати хос аз ҷаҳони моддӣ бурида, рӯҳаш ба ҷаҳони маънавӣ роҳ меёбад. Ҳамчунон андешаҳои Низомӣ дар бораи фармонравоӣ ва иморати шоирона ба сӯйи осмон авҷ гирифта, рӯҳи баланди ӯ дам ба дам бештару пештар ба сӯйи олитарин дараҷоти инсонӣ метозад. Ӯ барои хештан меъроҷи шоиронае қоил аст ва он қадар ба худ ҷасорат медиҳад, ки дар ин меъроҷ бар шаҳпари Ҷабраил бинишинад, аммо ин сайри рӯҳонӣ беҳаду канор нест ва ҷое фаро мерасад, ки пуёии Барроқи андешаи шоир дигар барқе надорад. Низомӣ мегӯяд: агар оташи андеша дар вуҷуди шоирон шуълавар гардад, онҳо ҳампой ва ҳамрутбаи фариштагон мегарданд, ҳатто дар сайри рӯҳонӣ ва меъроҷи хеш. Дар осмонҳои андеша, ҳангоме ки суръати андешаи шоирон фузунӣ мегирад ва фалакро пушти сар мегузорад. Шоир дар ҷое, ки дурӯғ вуҷуд дорад, онро ислоҳ намуда, ба зевари ростӣ оростааст. Дар ин ҷастор муҳаққиқон кӯшидаанд, ки шеъри хилвати дил ва дарки асрори маониро бо таваҷҷуҳ ба “Ҳамса”- и Низомии Ганҷавӣ баррасӣ намуда, ба нукоти ғомизи мақола равшанӣ андозанд.

Калидвожаҳо: олами малакутӣ, Эзид, асрори маонӣ, шеър, шоир, ҳунари суханварӣ, нақд, назарияи адабӣ

СТИХИ, ВОСПЕВАЮЩИЕ И ЧУВСТВО ДУШИ, ТАЙНЫ ЗНАЧЕНИЯ

В статье речь идёт о великом и мудром поэте классической литературы персидско-таджикского народа. Великий мудрец был поэтом подчиняющимся своему великому сердцу, которое подсказывало ему все значительные - божественные веления, и это почувствовал он. Он думал, что если красноречие и строение прозы подняли бы его до высот божественности и указали путь к поклонникам пророков, то его имя могло бы произноситься на всех языках веками. Красноречивость у него (как он сам признает) достигла такой высоты, подобно солнцу, что дает свет всем живущим своими блестящими лучами и теплом своей речи он дарил влечение сердца каждому, с кем говорил. Низами истинно верит в то, что поэт и литератор при сочинении или же чтении своих стихов должен во всем строго соблюдать нравственность, доброту и духовность, чтобы в сердце у каждого возродилось чувство человечности и чтобы эти особенности давали возможность поэту воодушевляться от Создатели всех созданий. Низами был поэтом, у которого нить размышления и красноречие связывались с миром ангелов и небожителей и оттуда ему доставалось воодушевление. В особые положения его дух, оставляя материальный мир, находил направление к духовному миру. На этой основе поэтическое воображение и размышления великого поэта поднимались до высшей степени совершенства. Он убеждённо говорил, что достиг высокого поэтического уровня. Он мог было бы осмелиться сесть на крыло Джабраила (ангела), но это духовное путешествие, конечно, было бы не бесконечно. Настанет время, когда и сияния от размышлений поэта не останется. Низами писал: “Если пламя мышления засверкает в душе поэта, то он может сопутствовать в духовном мире с ангелами и соединяться с ними”. Когда у поэта мысли засверкают с быстротой, упираются вершиной в небо. Поэт не может находиться там, где царствует ложь и обман, всегда находится рядом с правдой, исправляет ошибки и повсюду желает увидеть убранство правды. На этом диспуте исследователи старались осознать и внимательно рассмотреть риторику «Хамса» (пять поэм) Низами, осветить неясные и труднопонимаемые строчки.

Ключевые слова: духовный мир, Создатель (Аллах), тайны риторики, стихотворение, поэт, мастерство красноречия, рассказ, теория литературы.

GLORIFIED POEMS AND SENSE OF THE SOUL SECRETS OF MEANING

The article deals with the great and wise poet of classical literature of the Persian-Tajik people. The great sage was a poet obeying his great heart, which prompted him all significant divine decrees and he felt this, to the degree of conviction. Everything he liked, he thought that if the praise of eloquence and the structure of prose accompanied the heights of divinity and indicated a way to the worshipers of the prophets, then his name could be pronounced in tongues, for centuries. Eloquence from him (as he himself admits) occupied such a height, as if the sun gives illumination to all those living in his times with his brilliant rays and the warmth of his speech gave the attraction of the heart to everyone with whom he spoke. Nizami truly believes that when composing or reading his poems, a poet and a writer must strictly observe morality, kindness, and spirituality in everything, so that everyone's heart will revive a sense of humanity and that these features guide the poet to inspire the Creator of all creatures. Nizami was a poet, whose thread of thinking and eloquence were associated with the world of angels and celestials, and from there he got an inspiration. In special positions his spirit, leaving the material world, found a direction to the spiritual world. On this basis, the poetic imagination and reflection of the great poet on the possession of the poem gained achievement to the highest degree of perfection. He convinced himself to admit that he had reached a high poetic level. This would dare to sit on the wing of Djibril (angel), but of course this spiritual celebration would not be infinite. The time will come when the shining reflections of the poet will not remain. Nizami stated: "If the flame shines in the poet's soul, it can accompany and connect with the angels in the spiritual world". When the poet's thoughts shine with speed, they rest on the top of the sky. The poet can not be where the reigns of lies and deception, is always close to the truth, corrects mistakes and wants to see the decoration of truth everywhere. In this dispute, the researchers tried to understand and carefully examine the "Hams" rhetoric of five poems by Nizami, to highlight the most obscure and difficult to understand points in the article.

Key words: the spiritual world, the Creator (Allah), the secrets of rhetoric, a poem, a poet, the skills of eloquence, the story, the theory of literature.

Сведения об авторах: ***Хусейнзода Фарход*** – Дангаринский государственный университет, доктор филологических наук, заведующий кафедрой таджикского языка и литература. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 92-753-87-65**
Чиллаев С.ДЖ. - Бохтарский государственный университет им. Н.Хусрава, доктор Phd. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул. Айни, 67. E-mail: **934189667@mail.ru.**Тел.: **(+992) 931-91-23-23**

Information about the authors: ***Huseinzoda Farhod*** - Dangara State University, doctor of philological sciences, head of the Tajik language and literature department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Sharifova, 3.
Tel.: **(+992) 92-753-87-65**
Chillaev S.G. - Bokhtar State University named after Nosir Khusrava, doctor Phd. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, ul. Aini, 67. E-mail: **934189667@mail.ru.**Tel.: **(+992) 931-91-23-23**

УДК:891.550.09

ДИДГОҲҲОИ АДАБӢ ДАР БОРАИ ЗАН
(мавзӯи асолати зан дар адабиёти гузашта)

Муҳаммадиев Ш., Шоева Н.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ,
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ

Дарунмояи ривоёти асотирӣ, вақоеи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ заминасози ҳаракатҳои фарҳангӣ ва адабӣ буда, диққати моро ба оғозгоҳи тасаввуротҳо ва андешаҳо ва сайри таҳаввули дидгоҳҳо оид ба зан мебарад. Дар замина суоле ба миён меояд: Чаро тағаззулоти шоирони мо шабоҳате том бо якдигар доранд ва тавсифоту ташбеҳоти дар васфи маъшуқ ба кор бурдаи онҳо камубеш ба ҳам монанд аст? Дар назари бисёриҳо чунин менамояд, ки ин якнавохтию мушобиҳати муошиқат дар шеъри мо такрори тасовири шеърӣ ва маҳдудияти ғазал (умуман шеъри мо) дар пазириши теъдоди каме аз тасвир, ташбеҳ ва истиора бошад. Аммо шинохти дақиқи зан - Худо Анаҳито гувоҳи он аст, ки тамоми тавсифоти мансуб ба он худозан дар тавсифоти шоирона аз маъшуқа таҷассум ёфтааст. Ба ифодаи дигар, Анаҳито архетип ё улгӯйи бостонии шеъри мост [6, с.133], ки шоҳиди барҳӯрде қудсӣ ва минӯӣ бо "ишқ" ва омили он зан аст.

Тасаввуре пок аз ишқ ва маъшуқ дар афкори адабии мо ҳеҷ вақт мутаваҷҷеҳи тавсифоти номҷӯёнаи ҷинсӣ набудааст. Шояд нисбати ишқ ба худозани обҳо, яъне Анаҳито, ки покӣ ва поксозӣ аз фазилатҳои хосси ӯст, нишондиҳандаи тарзи идрок ва талаққии гузаштагони мо аз ишқ ва зан мебошад. Агар ба дарунмояи ғазалҳои ошиқонаи гузаштагон диққат диҳем, амиқ дарк хоҳем кард, ки маъшуқи шоир чун қадам дар бағали беолоиши шеър ниҳад, фориғ аз вижагиҳои ҷинсии худ, чунон ҳайати қудсӣ ва минуӣ ба худ мегирад, ки соҳиби шеърро чун парастандаи ситоишгар ба сӯйи худ ҷалб мекунад. Мисли Анаҳито, ки зане нируманд, зебо ва хушандом ривоят шудааст.

Агар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули афкори адабии гузаштагонамонро оид ба зан аз назар гузаронем, мебинем, ки арзиши шахсияти зан дар тафаккури иҷтимоӣ ва бадеии

мардуми мо мавҳум набудааст (масалан мутобиқ бо усули “Инсон табиатан нек”, “Одами бад вуҷуд надорад” ва ғайра), балки мушаххас ва табиӣ ба назар меояд. Яъне аз оғоз фаҳмиши мавҳуми шахсияти инсонӣ дар роҳи дарки асолати зан таъсири амиқ ва созандае ба дидгоҳҳои асотирӣ ва баъдтар бадеии тафаккури гузаштагони мо доштааст, ки аз бисёр ҷиҳат ибратомӯз аст.

Зан аз оғоз чун мавҷуди аз назари ахлоқӣ мураккаб ба назар меояд ва ин хислати ӯ дар алоқамандӣ бо дигарон, бо муҳити ҷомеа ошкор мешавад. Зан ҳамчун фардияти мушаххас дар чаҳорчӯбаи мураккаби зиндагӣ ва ҷомеа ба назар меояд. Озодии шахсияти ӯ дар адабиёт, ба наҳве тасвири мушаххас ва воқеии ӯст, ки реша дар таърих дорад [5, с.180-181].

Дар “Обоняшт” кардаи панҷум, мебинем, ки Аҳурамаздо дар Ориёвиҷ Анаҳиторо ситоиш карда мегӯяд. “Эй Ардависур Оноҳито! Эй нек! Маро комёб гардон, ки Зардушти пок писари Пурушасбро бар он дорам то ҳамора ба шеваи ойини ман биандешад ва ба шеваи ойини ман сухан гӯяд ва ба шеваи ойини ман рафтор кунад. Ва Ардависур Оноҳито... Аҳурамаздоро комёб сохт ва хоҳиши ӯро бароварда” [1, с.141-142].

Дуктур Алиризои Музаффарӣ дар тавзеҳи ин санад менависад, ки “Шояд битавон чунин тасаввур кард, ки ба ҳангоми нигориши ин бахш аз яштҳо, дархости комёбии Аҳурамаздо аз Оноҳиторо ба ҳисоби фурӯтанӣ Аҳурамаздо ниҳодаанд, аммо шояд чунин тасаввур кард, ки ба ҳангоми нигориши ин бахш аз Яштҳо ҳанӯз ангораи азамат ва тавонмандии пеш аз Зардуштии Оноҳито дар азҳони эрониёни зардуштӣ ҳамчунон боқӣ монда буд” [6, с.136]. Дар ин замина бо баҳрабардорӣ аз ёфтаҳои муаллифи китоби арзишманди “Шинохти ҳувияти зани эронӣ” метавон афзуд, ки дар оғози шаклгирии боварҳои худошиносӣ дар ҷавомеъи аввалияи мо (эронинажодон) эҳтимолан Худои бузург, ба ҳар ном ва сифате, ки хонда мешуд, аз як писар ва духтар, ки нишондиҳандаи модинагӣ ва наринагии лозим барои таквини ҳастӣ аст, барҳӯрдор будааст.

Ин меҳинписар ва духтархудой масъули анҷоми он корҳое буданд, ки дар адвори баъдии таърихи ҷавомеъи эронинажод таҳаввули ақоид ва боварҳои мазҳабии ин қавм, дар асари меросбарӣ аз фарҳангҳо ва боварҳои мазҳабии ҳамагон ва таҳти таъсири тақсими вазифаҳо дар корҳои идории кишвар миёни чандин эзиди мард ва зан тақсим шуд ва ба ин дастур гурӯҳи эзидони модина ва нарина бо номҳо ва кирдорҳои гуногун ба вуҷуд омаданд. Дар миёни гурӯҳи эзидони модина мисли Хурдод, Мурдод, Сипандормуз ва Оноҳито дар тафаккури мардум собиқаи қадимӣ доранд. Он гуна ки Митро дар боварҳои мардуми мо ҳамин гуна ҷойгоҳ дорад. Шояд зери таъсири ҳамин равиши фикрӣ дар давраи Ҳахоманишиён ва дар пайи талош барои эҳёи андешаҳои мазҳабӣ пайванди Аҳурамаздо, Митро, Анаҳито дар тафаккури бадеӣ ва бовариҳои эронӣ аҳаммияти собиқи худро ба даст овард.

Бинобар ин ҳам барои он ки равиши дуруст ва воқеии тасаввуротҳо ва андешаҳои бадеиро дар қаламрави адабу фарҳанги форсии тоҷикӣ дунбол кунем, лозим аст ба се сарчашмаи муҳим ва бегазанд – осори адабии ҳамосӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ ва осори ғиноӣ муроҷиат кунем.

Гузаштагони мо ҳанӯз дар замонҳои қадим мартабаи занро баланд шинохта, ҷойгоҳи ӯро дар корҳои давлатдорӣ, тарбияи насли инсон бебадал шинохтаанд. Ҳамин гуна дидгоҳҳои мардумӣ, албатта, ба шаклгирии тафаккури бадеӣ бетаъсир набудааст ва ин беш аз ҳама дар осори ҳамосии форсии тоҷикӣ равшан ба назар мерасад.

Дар ҳамоса мард садри хонавода, сиёсат ва иҷтимоъ аст. Ин хусусият танҳо ба ҳамосаҳои форсии тоҷикӣ мансуб намешавад. Дар «Шоҳнома» ҳама чиз дар меҳвари зӯр ва қудрат мечархад. Дар ҳамосаҳои юнонӣ, аз ҷумла «Илиада» ва «Эдисей»- и Ҳумер инсони комил Ошил (Ахил) қудратмандтарин мард аст. Бинобар ин ҳам аксари муҳаққиқон ҳамосаро як навъ адаби мардона ва мардсолорӣ тавсиф кардаанд [6, с.163].

Бо вуҷуди он ки «Шоҳнома» маҳсули давраи падарсолорист ва нақш ва ҷойгоҳи мардон дар он бештар ба назар меояд, бо ин ҳама он «як китоби зидди зан» [4, с.12] нест.

Зимнан бояд гуфт, ки ҳарчанд Н.Саркоров дар мақолаи «Зан – модар ва ҷойгоҳи ӯ дар асоси «Шоҳнома» баҳси чандоне оид ба зан дар «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ аз нигоҳи вазъу ҷойгоҳ ва мавқеияти ӯ дар ҷомеаи он замон нашудааст» [9, с.127] мегӯяд. Хушбахтона, оид ба ин мавзӯъ тадқиқотҳои зиёде анҷом гирифтааст, ки масоили гуногуни марбути мавзӯи занро матраҳ кардаанд. Дар ин радиф метавон аз асари Дабири Сиёқӣ «Чеҳраи зан дар «Шоҳнома», Аҳмади Муҳаммадӣ «Симои зан дар адаби ҳамосӣ ва асотирӣ», Ҷалол Сатторӣ «Симои зан дар фарҳанги Эрон» [10], Носир Такмили Ҳумоюн «Баррасии мавқеъ ва манзалати зан дар таърихи Эрон» [11], Маздопур «Нишонаҳои зансолорӣ дар чанд издивоҷи достонӣ дар «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ» [7] ва ғайра ёд кард, ки бисёре аз масоили марбут ба ҳастии зан дар осори адабиро ҳаллу фасл кардаанд. Дар заминаи осори таълифшуда оид ба ин мавзӯъ ва мутолиаю мушоҳидаҳои тоза мо ба

дидгоҳҳо ва афкори мушаххаси Фирдавсӣ доир ба зан ва асолати инсонии ӯ рӯбарӯ шудем, ки моҳиятан ба озодӣ ва наҷобати фардии зан ҳамчун нируи пешбари ҳаёт рабт мегирад.

Моҳияти афкори адабии Фирдавсиро дар бораи зан тарзи бархӯрди ӯ ба ин «меҳрубон ёр» (Фирдавсӣ) муайян мекунад. Занон дар тасвири шоири ҳамосасаро, ҳамчун зан, модар мақом ва ҷойгоҳи арҷманд, симои зебо доранд. Дар ин китоби бузург чеҳраи зан «ҷуз ба шармгинӣ ва ҳаё ва дили ӯро ҷуз ба меҳру сафо ва андешаи ӯро ҷуз ба тарфу дурангӣ ва кори ӯро ҷуз ба ростӣ ва равиши ӯро ҷуз ба матонат ва бурдборӣ» [2, с.28] наметавон дид. Ба эътирофи саҳеҳи Аҳмади Муҳаммадӣ «агар аз чанд маврид, ки он ҳам зан ё духтар ба хатое муртакиб шудаанд, бигзарем, зани пок ва порсо дар ҷомеъаи ҳамосӣ ва асотирӣ («Шоҳнома») мавриди эҳтироми ҳамагон будааст ва аз ҳама мазоёи иҷтимоӣ метавониста бархӯрдор шавад» [8 с.92].

Фирдавсӣ гоҳе ба озодии занон имтиёз медиҳад ва ин равишро дар мисоли издивоҷи занон таъйид мекунад. Дар «Шоҳнома» бар хилофи издивоҷҳои низомҳои мардсолорӣ издивоҷ бо бегона имтиёз дорад. Ҳатто бо саҳнаҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки занон бо вуҷуди покдоманӣ метавонанд дар изҳори ишқ пешгом шаванд ва марди дилхоҳашонро интихоб кунанд. Чунонки духтар аз миёни хостгорони зиёд ва гуногун якеро интихоб мекунад. Дар «Шоҳнома» намунаи озодии духтар дар интихоби ҳамсар Таҳмина модари Сӯҳроб ва ҳамсари Рустам аст. Дар «Шоҳнома» ҳодисаи дигар низ ба мушоҳида мерасад, ки ба озодии дидгоҳҳои Фирдавсӣ дар мавзӯи зан ишора мекунад. Шавҳар баъди издивоҷ муддати каме бо ҳамсар мемонад ва сипас ба хориҷ аз сарзамини ӯ меравад. Чизи дигари ҷолиб дар афкори Фирдавсӣ ин аст, ки «зан ҳақ дошт, ки бар тахти шоҳаншоҳӣ такя занад, ба шарти он ки аз фарри каёнӣ бархӯрдор ва модараш аз тухмаи шоҳон бошад, чунонки Ҳумой духтари Баҳман ба салтанат расид. Таърих ҳам ишора ба подшоҳии занони охири давраи Сосонӣ мекунад» [8, с.93].

Чунонки ишора ҳам кардем дидгоҳҳои Фирдавсӣ ба шахсияти зан, пеш аз ҳама, мутаваҷҷеҳи «эмансипатсияи рафтору кирдори шахс» (Д.С.Лихачёв) аст. Шахсият меъёрҳоро мешиканад. Мисоли ин мавқеияти инсонии Судоба, Ширин ва Гардуя мебошад, ки рафторашон мазаммат мешавад. Аз забони дигарон, на аз забони Фирдавсӣ мазаммат шудани ин занон, худ гувоҳи андешаи болост ва ин ҳодиса набояд, боиси шигифтӣ шавад. Чунонки дар мавриди Судоба Рустам ба Кайковус мегӯяд:

Сиёвуш зи гуфтори зан шуд ба бод,
Хуҷиста зане, к- ӯ зи модар назод.

Мутаассифона, баъзе муҳаққиқон ҳолатҳоеро, ки дар “Шоҳнома» ба нанг будани духтар доштан ишора мекунанд, аз берун аз контексти воҳиди асар таҳлил карда, гоҳе ба хулосаҳои хилофи воқеият омадаанд. Дар «Шоҳнома» ҳолати дигар ба назар мерасад, ки пайванди андешаи Фирдавсиро бо воқеияти зиндагӣ ва ҳақиқати тасвири бадеӣ собит мекунад. Гурӯҳе аз падарон ва шоҳону паҳлавонони «Шоҳнома», вақте ки хабари ишқи духтарашонро ба касе мешунаванд, аз шиддати муҳаббати падарӣ ба духтар ва тарси ҷудоӣ аз ӯ, забон ба дашном ва носазогӯӣ мекушоянд ва духтарро мояи нанг медонанд. Шоҳи Яман, Меҳроб падари Рудоба, Афросиёб падари Манижа, қайсари Рум падари Катоюн аз ин тойифаанд. Вале назари ҷомеи соҳиби «Шоҳнома»- ро дар ин хусус байти зерини ӯ хеле равшан ва барҷаста ифода мекунад:

Ҷу фарзанд бошад ба ойину фар,
Гиромӣ ба дил бар, чи мода чи нар.

Албатта, Фирдавсӣ гоҳе дар «Шоҳнома» «нағмае нососе ба зиёни занон» [8, с.29] низ сар медиҳад, ки ҳолати ҷомеаи замонашро ифода мекунад, яъне ин гуна ҳарфҳои Фирдавсӣ нишонаҳои бадгумониҳои ҷомеаи асри шоир дар ҳаққи зан мебошанд. Ҳақ ба ҷониби дуктур Алиризои Музаффарист, ки бо сароҳат мегӯяд: «Бо ин ҳама метавон гуфт, ки Фирдавсӣ шоири зидди зан нест ва агар дар китобаш чизҳое бар зидди занон ёфт мешавад, мавридӣ аст ва сухани ӯ шомили ҳоли тамоми занон намегардад» [6, с.165].

Чизи дигари муҳим ин аст, ки Фирдавсӣ дар занон танҳо мардонагиҳоро надида ва написандидааст, балки баръакс “аксари занони “Шоҳнома” (Синдухт, Рудоба, Манижа, Фарангис ва ...) намунаи боризи зани тамомиёр ҳастанд. Онҳо дар айни бархурдорӣ аз фарзонагӣ, бузургманишӣ ва ҳатто далерӣ, аз ҷавҳари занона ба наҳви саршор низ баҳраманд... ҳам ишқ бармеангезанд ва ҳам эҳтиром, ҳам зебоии берунӣ доранд ва ҳам зебоии дарунӣ” [3, с.120].

Занони тасвиркардаи Фирдавсӣ фардияти табиӣ ва воқеӣ доранд. Ҳар кадоме сират ва сурати хос, карру фарри ба сиришташ созгор дошта, илова ба ин вазифаҳоеро низ бар уҳда, доранд ва онҳоро анҷом медиҳанд, ки дар ҳар ҷомеае аз уҳдаи иҷрои онҳо зан мебарояд. Ба ҷуз Гурдофарид ва Гардуя, хоҳари Баҳроми Чӯбина, ки диловари ҷангҷӯ ва ба ҳақиқат зани майдони ҷанганд, бақия, дар масири достонҳо, нақши воқеии занеро ба унвони духтари хонавода ва билохир модар ба уҳда доранд [8, с.72].

Дидгоҳҳои Фирдавсӣ нисбат ба занони давраи паҳлавонӣ ва таърихии “Шоҳнома” мутафовит аст. Дар идроки бадеии Фирдавсӣ занони табақаи ашроф аз табақаҳои дигар фарқ доранд. Занони табақаи ашроф нисбат ба занони табақоти дигар аз озодии камтаре бархӯрдоранд. Алалхусус духтарони ашрофзода то шавҳар намекарданд, комилан пӯшида ва аз рафту омад миёни мардон маҳрум буданд. Вале дар ҳамин ҳол мақоми малика аз шоҳ камтар набудааст [8, с.93]. Занони табақаҳои дигар, монанди пешаварон ва кишоварзон дар тафаккури бадеии Фирдавсӣ озодии комил доранд, дар хуррамсаро намезистанд, чодар бар сар намекарданд, дӯшодӯши мардонашон кор мекарданд ва бо мардум озодона муошират доштанд [8, с.92].

Нигоҳи кӯтоҳе ба “Шоҳнома” ва дидгоҳҳои бадеии Фирдавсӣ моро ба ин хулоса овард, ки дар ин ва бисёр дигар достонҳои ҳамосӣ зан ҳамон арзиш ва ҷойгоҳеро дорад, ки бояд дар як ҷомеаи инсонӣ дошта бошад. Гоҳ ошиқ шавад ва гоҳи дигар маъшуқ, гоҳ дар камоли зебоӣ бошад, гоҳи дигар зишт. Баъзе аз қаҳрамонони зани шоир соҳиби хусусиятҳои неки инсонианд ва баъзеи дигар сирташон палид ва дарандахӯянд.

Ҳамин тариқ, бо камоли ҷуръат метавон хулоса кард, ки зан дар тафаккури бадеии Фирдавсӣ ифодагари равиши фикрӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии ҷомеаи мутамаддин ва ҳақшинос будааст. Дар ҳар сурат яке аз сабабҳои ҷовидонагӣ ва муассирии “Шоҳнома”- и Фирдавсӣ зинда доштани рӯҳияи мӯнис ва занона ва ба ин васила мутобиқ сохтани андешаи бадеӣ бар воқеиятҳои зиндагӣ мебошад.

Албатта, дидгоҳҳои адабӣ дар бораи зан ва усули тасвири он дар таърихи адаби мо дар тайи марҳилаҳо ва рухдоди воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ шакл гирифтааст, ки таъсири онро ба тафаккури бадеии Фирдавсӣ низ наметавон инкор кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Авесто. Номайи минуйии оини Зардушт / Мураттиб: Ҷалили Дӯстхоҳ. - Теҳрон: Марворид, чопи шашум, 1366. - 540 с.
2. Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. Чеҳраи зан дар «Шоҳнома» // Фирдавсӣ. Зан ва трожедӣ. - Кобул: Китобсарои Кобул, 1365. - С. 224.
3. Исломии Надӯшан, Муҳаммадалӣ. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома». - Теҳрон: интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1347. - 452 с.
4. Исломии Надӯшан, Муҳаммадалӣ. Мардон ва занони «Шоҳнома» // Фирдавсӣ. Зан ва трожедӣ. - Кобул: Китобсарои Кобул, 1365. - 163 с.
5. Лихачев, Д.С. Развитие русской литературы X – XVII веков. Эпохи и стили: Избранные работы в трёх томах / Д.С. Лихачев. - Ленинград: Художественная литература, 1987. - Т.1. - С. 24-260.
6. Музаффарӣ, А. «Оноҳито»- куҳанулгуи маъшуқаҳои эронӣ // Маҷмӯаи мақолоти нахустин ҳамоиши миллии эроншиносӣ. - Адабиёти Эрон, ҷилди дуввум. 27-30 хурдоди 1381. - С. 133-153.
7. Маздопури Китоюн. Нишонаҳои зансарварӣ дар чанд издивоҷи достонӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ // Фарҳанг ва зиндагӣ. - 1354. - №19-20. - С. 94-121.
8. Муҳаммадӣ, Аҳмад. Симои зан дар адаби ҳамосӣ ва асотирӣ // Фарҳанг ва зиндагӣ. – 1354. – №19-20. – С. 70-99.
9. Саркоров, Н. Зан, модар ва ҷойгоҳи ӯ дар асоси «Шоҳнома» // Садои Шарқ. - 2007. - №2. - С. 127-141.
10. Сатторӣ, Ҷ. Симои зан дар фарҳанги Эрон. - Теҳрон: нашри Марказ, 1373. - 292 с.
11. Такмили Ҳумоюн, Носир. Баррасии мавқеъ ва манзалати зан дар таърихи Эрон // Фарҳанг ва зиндагӣ. - 1354. - №19-20. - С.16-24.

ДИДГОҲҲОИ АДАБӢ ДАР БОРАИ ЗАН
(Мавзӯи асолати зан дар адабиёти гузашта)

Агар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули афкори адабии гузаштагонамонро оид ба зан аз назар гузаронем, мебинем, ки арзиши шахсияти зан дар тафаккури иҷтимоӣ ва бадеии мардуми мо мавҳум набудааст, балки мушаххас ва табиӣ ба назар меояд. Яъне, аз оғоз фаҳмиши мавҳуми шахсияти инсонӣ дар роҳи дарки асолати зан таъсири амиқ ва созандае ба дидгоҳҳои асотирӣ ва баъдтар бадеии тафаккури гузаштагони мо доштааст, ки аз бисёр ҷиҳат ибратомӯз аст. Албатта, дидгоҳҳои адабӣ дар бораи зан ва усули тасвири он дар таърихи адаби мо дар тайи марҳилаҳо ва рухдоди воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ шакл гирифтааст, ки таъсири онро ба тафаккури бадеии Фирдавсӣ низ наметавон инкор кард.

Калидвожаҳо: зан, ҷомеа, тафаккури бадеӣ, Фирдавсӣ, “Шоҳнома”, Аноҳито,симои занон, зансарварӣ.

ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ ВЗГЛЯД НА ОБРАЗ ЖЕНЩИНЫ
(тема благородного происхождения женщины в предшествующей литературе)

Если рассмотреть процесс формирования и эволюции художественного мышления наших предшественников относительно женщины, то можем увидеть, что достоинства личности женщины в социальном и художественном мышлении нашего народа не является абстрактной, а просматривается определенно и естественно. То есть, с истоков понимание абстрактности личности человека на пути понимания благородного происхождения женщины, имеет глубокое и созидательное влияние на мифическийи в последующем на художественный взгляд мышления наших предшественников, является назидательным и поучительным для последующих поколений. Конечно, художественный взгляд о женщине и методы его изображения сформировалась на различных этапах и политико-социальных событиях нашей истории, и их влияние на художественное мышление Фирдоуси нельзя не отрицать.

Ключевые слова: женщина, общество, художественное мышление, Фирдоуси, Шахнаме, Анохито, образ женщин, матриархат.

ARTISTIC LOOK AT THE WOMAN'S IMAGE
(the topic of the noble birth of a woman in previous literature)

If we consider the process of formation and evolution of the artistic thinking of our predecessors regarding women, we can see that the dignity of a woman's personality in the social and artistic thinking of our people is not abstract, but is viewed definitely and naturally. That is, from the very beginning, understanding the abstraction of a person's personality on the path to understanding a woman's noble origin has a profound and creative influence on the mythical and, subsequently on the artistic view of the thinking of our predecessors, is instructive and instructive for future generations. Of course, the artistic view of a woman and the methods of depicting her were formed at various stages and political and social events in our history, and their influence on the artistic thinking of Firdousi cannot be denied.

Keywords: woman, society, artistic thinking, Firdousi, Shahnameh, Anokhito, image of women, matriarchy.

Сведения об авторах: ***Мухаммадиев Шамсиддин Муродович*** – Институт языка и литературы им.Рудаки АН РТ, ведущий научный сотрудник, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 21. E-майл: **Shamsiddin-2010@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-511-23-87**
Шоева Назокат Акобировна – Таджикский техничесикий университет им. М.С. Осими, старший преподаватель кафедры таджикского и русского языков, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. акад. Раджабовых, 10А. Тел.: **(+992) 919-02-63-12**

Information about the authors: ***Mukhammadiev Shamsiddin Murodovich*** - Institute of Language and Literature named after Rudaki of the AS RT, leading researcher, candidate of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **Shamsiddin-2010@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-511-23-87**
Shoeva Nazokat Akobirovna - Tajik Technical University named after M.S. Osimi, senior teacher of the Tajik and Russian languages department, candidate of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. acad. Radjabovs, 10A. Tel.: **(+992) 919-02-63-12**

УДК:891.550-1

МАВҚЕИ РУБОӢ ДАР АШЪОРИ ҒОИБ САФАРЗОДА

Ҳамзаев М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тавре ки дар сарчашмаҳо аён мегардад, замони ривоҷу инкишофи рубоӣ ҳамчун шакли зебою дилнишин ва муъҷази шеърӣ асри XI будааст. Бузургтарин адибони рубоисаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Умари Хайём, Саъди Салмон, Абулфараҷи Рунӣ, Амир Муиззӣ, Саноӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ ва дигарон дар рушду нумуи ин жанри адабӣ саҳми босазо гузоштаанд. Хусусан, сабки устувору матин, маъниофариҳои рангин бо тобишҳои пурҷилои фалсафӣ Умари Хайёмро дар адабиёти классикии форсу тоҷик ҳамчун беҳтарин рубоисаро шуҳрати оламгир бахшидаанд.

Рубоӣ воситаи муҳимми ифодаи ақидаҳои иҷтимоию фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва нозуктарин ҳиссиёти дили инсон ба шумор мерафт. Анвои шеъри классикӣ дар адабиёти муосир воситаи қувват гирифтани фалсафаву мазмуну муҳтавои баланди шеъри мо гаштааст. Гарчанде қабл аз солҳои 60-ум рубоӣ як навъ моҳияти фалсафӣ ва ҳикматноки худро дар ашъори бисёре аз шоирон аз даст дода буд, вале дар солҳои 60-70 дубора мақоми аслии худро касб кард. Солҳои пеш рубоӣ дар ашъори Ҳабиб Юсуфӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Киром ва даҳҳо шоирони дигар мавзӯи пахтаву пахтачинӣ ва партияву ҳизбро таҷассусм мекард. Қабл аз солҳои 60-ум меҳнат мавзӯи меҳварии рӯбоӣ буд. Масалан дар ашъори Ҳабиб Юсуфӣ ин мазмунро мехонем:

Саҳро биравам, туро ба саҳро бинам,
Фабрика агар дароям, он ҷо бинам,
Гар дохили мактабе шавам, дар мактаб
Аз тоза, туро, эй қади зебо бинам [12, с.147].

Ё дар эҷодиёти Боқӣ Раҳимзода мехонем:

Ман садқаи гур-гури тарактори туям,
Мафтуншудаи чобукии кори туям,
Имсол бирафта пахтаҳоят дидам,
Дилдодаи меҳнати сазовори туям [3, с.292].

Намунаи дигар аз Ғаффор Мирзо:

То домани пахтазор раҳ дуре не,
Он назди чунин ҷавонӣ манзуре не,
Мошин, ки нашуд пиёда хоҳем расид,
Ҳар кас наравад пиёда, маҷбурӣ не [1, с.30].

Ҳамин гуна рубоиҳоро, ки дорои чунин мавзӯъҳо мебошанд, дар ашъори Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Убайд Раҷаб, Аминҷон Шукӯҳӣ, Қутбӣ Киром ва дигарон, ки қабл аз солҳои 60-ум эҷод намудаанд, фаровон мебинем. Баъд аз солҳои 60-ум

рубоӣ дар ашъори шоирон бо омезиши мазмунҳои иҷтимоӣ, ба таъбирофариҳои ҳикматноку фалсафӣ ва бо фарогирии зиндагии воқеии инсонҳо пурмуҳтаво ва пурборанг ба назар мерасид. Дар нимаи дуюми садаи бист маҳз бо талошу заҳматҳои навгароёнаи Муъмин Қаноъат, Аминҷон Шукӯҳӣ, Убайд Раҷаб, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло, Мастон Шералӣ, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Бозор Собир ва Сайдалӣ Маъмур барин шоирони ҷавони пурдону миллатдӯст, дар бадани рубоӣ дубора ҷон даромад. Яъне рубоӣ ҳамчун барандаи бори зиндагии воқеии инсонҳо ва дорандаи ҳикмату фалсафаи тарбияткунандаи инсон рӯйи кор омада, роҳи тозаеро пеш гирифт.

Агар пештар меҳнат дар рубоиҳои шоирон болотар аз ишқу муҳаббати зани меҳнаткашу пахтачин менишаст, дар солҳои баъд муҳаббати бепоёни зан авлотар аз ҳама чиз дониста мешуд. Ҳабиб Юсуфӣ, ҳамон тавре, ки дар боло хондем, қаҳрамони худоро чи дар пахтачинӣ ва чи дар мактабу фабрика машғули меҳнат нишон медод, ишқи Боқӣ Раҳимзода дар меҳнати зан зоҳир мегардид, аммо қаҳрамони шеърҳои шоирони солҳои баъд як навъ озодона амал менамуданд. Ҳузури воқеии онҳо дар шеър кам-кам пайдо мешуд. Масалан, ҳамин мавзӯи пахтачиниро дар рубоии Мастон Шералӣ мехонем:

Ёр аз паи кори пахтазор омадааст,
Гӯё ба канори корзор омадааст.
Дилҳо ҳама сайди чашми шаҳбозаш шуд.
Ё раб, магар ӯ баҳри шикор омадааст!? [11, с.147].

Таъкиди вожаи “гӯё” симои зани коргарро мутафовит аз тасвирҳои пешин нишон медиҳад. Агар зани меҳнаткаш солҳои пеш дар вақти чӯшу хурӯши кор бо чашми сиёҳи худ касеро ҳаққи шикор кардан надошт, акнун дар шеъри шоири солҳои 60-ум ва баъд, минҷумла дар ин рубоӣ ӯ бо баҳонаи пахтачинӣ ин ҳуқуқро соҳиб гардидааст. Таҷассуми ишқи содаву самимӣ, поку орӣ аз ҳама манфиатҳои идеалогияи вақт дар шеърҳои шоирони баъд ҷилванамоӣ мекунад.

Шоироне ба мисли Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло, Лоиқ Шерлӣ, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон боз ҳам кӯшиш менамуданд рубоиро бо диди нисбатан нав рӯйи кор биёранд. Дар рубоиҳои Ҳабибулло Файзулло мавзӯи ҷавонӣ, ишқ, иҷтимоъ бештар ба кор рафт. Ҳабибулло Файзулло дигар озодона метавонист дар рубоиҳояш каҷравии замону бадсиголии одамонро рӯйирост зери тозиёнаи танқид бигирад:

Ду танга ба киссаву ҳавоят ба фалак,
Бемори ду танга, вой-воят ба фалак.
Аз дуди дилат сиёҳӣ зад чашмонат,
Сармояи ту магар барояд ба фалак? [8, с.114].

Лоиқ Шералӣ дар баробари он ки мавзӯоти рубоиҳои худро аз ҳаёти воқеии мардум берун кашид ва фалсафаи зиндагии одамони замони худро бо ҳикматҳои баланд дар сурудаҳояш таҷассум намуд, кӯшиш кард, ки аз лиҳози ҳунарӣ ва бадеият низ дар қолаби рубоӣ тасвирҳои тозаро бирезад. Чунончи:

Нӯшед ба ёди хотири хастаи ман,
Холӣ накунед ҷои биншастаи ман.
Андар сари гӯри ман гузоред чу лавҳ
Як соғари вақти мастӣ бишкастаи ман [10, с.443].

Баёни ин рубоӣ комилан нав ва бо диди баланди ҳунарӣ гуфта шудааст, ҳарчанд дар навбати аввал барои хонанда як баёни сода ва маъмулӣ менамояд, вале шоир бо ин баёни саҳли мумтанеъ хеле шоирона соғари вақти мастӣ бишкастаи худро талаби дар сари гӯраш чун лавҳ гузоштан мекунад. Ҳамин гуна таозакориҳоро дар рубоии дигари ӯ низ мебинем:

Чун коғази солхӯрда афсурда шудем,
Бишкуфта ба бахти халқ, паҷмурда шудем.
Якчанд чу санги осиё чарх задем,
То мардумӣ нон хуранд, мо хӯрда шудем [10, с.444].

Аммо мавзӯи матраҳ дар ин мухтасар баррасии ҷанбаи ҳунарии шеъри шоирон нест, балки мақоми рубоӣ дар солҳои 60-70 аст, ки то кадом андоза ин жанри адабӣ дар навиштаҳои шоирони ин давра мақом пайдо карда буд. Ба ҳар ҳол бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки бар истиснои як чанд нафар кам шоироне дар солҳои 60-70 тавонистаанд, ба андозаи Ҳабибулло Файзулло ва Ғоиб Сафарзода ба сурудани рубоӣ рӯ биёранд. Ҳатто дар ашъори Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор ва Бозор Собир рӯбоӣ хеле баъдтар авҷ гирифт. Лоиқ Шералӣ дар оғози солҳои 60-ум бештар ба сурудани дубайтӣ майлу рағбат дошт. Дар се маҷмӯаи аввалини Гулрухсор, “Бунафша” [8], “Хонаи падар” [9], “Шабдарав” [10] ҳанӯз рубоӣ интишор нашуда буд. Албатта, ин маънои онро надорад, ки Гулрухсор дар миёни ин солҳо рубоие нагуфта бошад, балки он аз рубоӣ дида бештар ба дигар жанрҳои адаби рағбат доштааст.

Дар осори Ғоиб Сафарзода ҳамагӣ 99 рубоӣ мавҷуд аст, ки аз ҷиҳати мавзӯъ ва мазмун гуногунпаҳлу буда, бозгӯи аҳвол ва вазъи зиндагӣ, замони бачагиву даврони рушду камоли шоир мебошанд. Онҳо фарогири мавзуъҳои рӯзгори шоир буда, пайваста аз зиндагии воқеии худи шоир ва замони ӯ қисса мекунанд. Ашъори кам шоиронеро во хӯрдан мумкин аст, ки дорои чунин хусусият бошанд. Минҷумла, шеъри шоири имрӯзро агар матраҳ намоем, ҳаёти воқеии ӯро аз шеъраш пайдо карда наметавонем, аммо шеъри шоирони пешин бо зиндагиашон тавъам аст. Ашъори Ғоиб Сафарзода саропо ҳокӣ аз зиндагии воқеии ӯст. Шеъри ӯ аз лиҳози ҳунарӣ ва тасвири шоирона бозёфтҳои аҷибе дорад, ки ин паҳлуи масъала баҳси дигареро дар пай хоҳад дошт.

Мавзӯи зиндагӣ дар рубоиҳои Ғоиб Сафарзода хеле фароху воқеӣ тасвир ёфтааст. Ҳар чизе, ки дар рубоиҳои хеш мегӯяд аз дидаву шунидаҳои худи ӯст. Аксари рубоиёти шоир хусусияти тарҷумаиҳолӣ доранд, ки ҳаёти шоирро бе баррасии онҳо омӯхтан ғайриимкон аст. Масалан:

Эй зодгаҳам, бигӯ, куҷо шуд падарам?
Кай кард ғуруб офтоби саҳарам?
Чун арзи вуҷуд кардаам, ҷои падар
Кӣ даст бибурд бо навозиш ба сарам? [4, с.130].

Ин рубоӣ бевосита шарҳи ҳоли шоир аст, ки дар миёни солҳои 70-71 гуфта шудааст. Дар ин солҳо шоир борҳо ба ҷустуҷӯи падари гумноми худ баромада, ба идораҳои сабти ном аз Тоҷикистон то Маскав нома фиристода буд. Бадхоҳони замон ҳуҷатҳои ӯро, ки барои узвият ба ҳизб пешниҳод карда буд, бо баҳонаи беҳузури падар ба дунё омадани шоир бозпас гардонда буданд. Ин рубоӣ ҳолати афсурдагии ҳамонлаҳзаинаи шоир аст, ки барои омӯзиши ҳаёти ӯ хеле арзишманд ва назаррас аст.

Рубоиҳои Ғоиб Сафарзода бо муассирию тобнокӣ ва таҷаллии фикрҳои тоза ороиши баланди ҳунарӣ ва диди бадеӣ рӯйи кор омадаанд. Маълум мегардад, ки шоир дар сурудани рубоӣ таҷрибаи кофӣ доштааст. Ҷанбаи ақлию зеҳнӣ, дарки ҷаҳони пуртазод дар онҳо басо пурқувват ифода гардидааст:

Роҳе, ки маро ба олами дил набарад,
Дар ташнагиям рост ба соҳил набарад,
Дур аз бари дилсиёҳу ҷоҳил набарад,
Бигзор зи манзилам ба манзил набарад [4, с.126].

Дар ин рубоӣ шоир масъаларо бо ёрии тафаккури ақлӣ хеле устувор ҳал намуда, ба хонандаи худ ҳикмати зиндагии дурусту роҳи ростро нишон медиҳад. Манзури шоир роҳ рафтан дар роҳи рост, росткориву ростқавлист. Аз ин рӯ, роҳеро, ки ба бунбаст ва каҷкориву бероҳагӣ мебарад, мазаммат мекунад ва бо қатъият аз манзил то ба манзил набурдани ин гуна роҳро авлотар медонад. Тобишҳое аз рубоиҳои шоирони пешин низ дар рубоёти ӯ эҳсос мешавад, ки аз мутолиаи фарогир ва бисёри ӯ аз адабиёти пешин дарак медиҳад. Дар яке аз рубоиҳои Умари Хайём дар хусуси айёми хушу дилнишинии ҷавонӣ, қимату ғанимат донистани ин давра сухан ба миён омада, ба қадри ҳар як лаҳзаи ширин расидани одамон талқин шудааст:

Афсӯс, ки номаи ҷавонӣ тай шуд,
В-ин тозабаҳори зиндагонӣ дай шуд.
Он мурғи тараб, ки номи ӯ буд шубоб,
Афсӯс, надонам, ки кай омад, кай шуд [9, с.36].

Ин панди пири хирад гӯё роҳнамову роҳкушои Ғоиб Сафарзода буд. Ӯ дар пайравии рубоии мазкур донистани қадру қимати ҷавониро талқин менамояд ва мекӯшад, ки «тозабаҳори зиндагонӣ»-ро дай ношуда дарёбад:

Аз даври шубоб баҳравар бояд буд,
Аз рафтани умр бохабар бояд буд,
Зинҳор ғубори раҳ набояд будан,
Тобон чу ситораи саҳар бояд буд [4, с.132].

Дар рубоёти Ғоиб Сафарзода бешак таъсири рубоёти Умари Хайём ба назар мерасад. Тазодҳои зиндагӣ, шебу фароз ва талхию ширинихои он тавъам бо шитобкории умри инсон ба тасвир омада, масъалаи моҳияти зиндагию абадият дар меҳвари онҳо қарор мегирад. Худи шоир иқрор аст, ки дар пайравӣ аз Хайём хома бар даст гирифтаасту рубоисароӣ мекунад:

Хайём зи фитратат агар ҳаст шудам,
Дар пайравии ту хомабардаст шудам.
Афтодаву хеста равам гар зи паят,
Маъзур, зи бодаи ту сармаст шудам [4, с.126].

Хулоса, рубоёти Ғоиб Сафарзода бо қонунияти ғоявию мундариҷаи бадеии рубоӣ ҳамчун шакли махсуси кӯтоҳу муъҷази шеърӣ созгор буда, масъалаҳои гуногуни ҳастиро

фарогир мебошад ва дар онҳо тасвир мавқеи асосиро ишғол намудааст. Рубоиҳои Ғоиб Сафарзода дар рӯҳияи баланди инсондӯстонаву некбинонаи фалсафӣ иншо гардидаанд ва ба ин гуфтаи адабиётшиноси варзида Раҳим Мусулмониён: «…рубоӣ аз ҷумлаи он жанрҳои нодири лирикӣ ба шумор меравад, ки лавозимоти шаклии вай бо мундариҷаи ғоявиаш ба ҳадди аъло мутобиқат кардааст. Шарти асосии рубоӣ ин аст, ки дар вай ягон масъала, ҳолат, қонуният, умуман ягон чизи зиндагӣ тарзе баён мешавад, ки аз он натиҷаи ибратангез ҳосил шуда бошад» [2, с.162], созгор мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғаффор М. Аз самими дил. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1952. - 51 с.
2. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. Китоби дарсӣ. - Душанбе: Маориф, 1990. - 335 с.
3. Раҳимзода Б. Роҳи тайшуда. - Душанбе: Ирфон, 1967. - 515 с.
4. Сафарзода Ғ. Мероси ҷавонӣ. - Душанбе: Ирфон, 1978. – 336 с.
5. Сафиева Г. Бунафша. - Душанбе: Ирфон, 1970. - 48 с.
6. Сафиева Г. Хонаи падар. - Душанбе: Ирфон, 1973. - 80 с.
7. Сафиева Г. Шабдарав. - Душанбе: Ирфон, 1975. - 64 с.
8. Файзулло Ҳ. Обшори офтоб. - Душанбе: Ирфон, 1981. - 160 с.
9. Хайём У. Рубоёт. - Душанбе: Дониш, 1983. - 100 с.
10. Л.Шералӣ. Куллиёт. - Душанбе: Адиб, 2008. - 568 с.
11. Шералӣ М. Борони Сабз. - Душанбе: Ирфон, 1983. - 208 с.
12. Юсуфӣ Ҳ. Сатрҳои нотамом. - Душанбе: Адиб, 1987. - 336 с.

МАВҚЕИ РУБОӢ ДАР АШЪОРИ ҒОИБ САФАРЗОДА

Дар ин мақола вазъи рубоӣ ва рубоисароӣ дар солҳои 60-70-уми асри ХХ матраҳ шудааст. Муаллиф дар оғози мақола масъалаи рубоисароиро, ки дар солҳои 40-50-ум асри гузашта назар ба рубоисароии асрҳои пешин коста гардида буд, мавриди баррасӣ қарор дода, бо вазъи рубоисароӣ дар солҳои 60-70 муқоиса намудааст. Муаллиф вазъи рубоисароӣ дар солҳои 40-50-умро, ки як навъ моҳияти фалсафӣ ва ҳикматбори ҳудро аз даст дода, фарогири рӯҳияи ботинии инсонҳо набудааст, дар муқоиса бо рубоисароӣ дар солҳои 60-70 баррасӣ менамояд. Ҳадафи аслии мақола нишон додани мақоми рубоӣ дар осори Ғоиб Сафарзода, ки дар солҳои 60-70 эҷод намудааст, буда, барои хонанда маълумоти лозимеро вобаста ба адабиёти ин давра пешкаш мешавад. Вежагиҳои маҳорати эҷодии Ғоиб Сафарзод дар иншои рубоӣ бо намунаҳои хубу барчаста рӯи кор омада, ҳунари офариниш дар онҳо нишон дода мешавад. Ба андешаи муаллиф рубоӣ дар осори Ғоиб Сафарзода назар ба дигар ҳамнаслони ӯ дар оғози солҳои 60-ум афзалияти бештар пайдо кардааст. Ин нукта бо далелҳои ҷолиб дар мақола матраҳ мегардад.

Калидвожаҳо: навъи шеър, рубоӣ, солҳои 60-70, адабиёти муосир, адиб, Ғоиб Сафарзода, ҳунар, шоирон, дубайтӣ, адабиёт, сол, рӯҳия.

ЗНАЧЕНИЕ ЖАНРА РУБАИ В ПОЭЗИИ ГОИБА САФАРЗОДЫ

Статья посвящена жанру рубаи в творчестве поэтов 60-70-х годов XX века. В начале статьи автор исследует состояние жанра рубаи в таджикской литературе и его упадок в 40-50-е годы в сравнении с предыдущими веками, и сопоставляет рубаи прежних двух десятилетий с образцами 60-70-х годов XX века, получившими новый расцвет в творчестве современных таджикских поэтов. Автор выявляет причины упадка жанра рубаи в литературе в начале советского периода: потеря философской мысли, мудрости, сущности мироздания и т.д. Главная цель автора исследовать значение и место жанра рубаи в творчестве поэта Гоиба Сафарзоды, и приводит для читателя много примеров истинной поэзии. Факты доказывают, что поэты нового поколения 60-70-х годов намного развили жанр рубаи, а сравнение большого фактологического материала выявляет, что рубаи находил достойное место в творчестве Гоиба Сафарзоды в самом начале 60-х годов.

Ключевые слова: жанры поэзии, рубаи, четверостишие, литература 60-70-х годов, современная литература, стилистика Гоиба Сафарзоды, особенности поэтического стиля, поэтическое мировосприятие, чувственность, философская мысль, восточная мудрость.

THE VALUE OF THE GENRE OF RUBAI POETRY GhOIB SAFARZODA

The article is devoted to the genre of rubai in the works of poets 60-70th of XX century. At the beginning of the article the author examines the state of the rubai genre in Tajik literature and its decline in the 40-50th compared with the previous centuries, and compares the rubai of the previous two decades with the samples of the 60-70th of the twentieth century, which received a new flourishing in the works of modern Tajik poets. The author reveals the reasons for the decline of the genre of rubai in the literature of the early Soviet period: the loss of philosophical thought, wisdom, the essence of the universe, etc. The main purpose of the author to explore the value and place of the genre of rubai in the poet's Ghoib Safarzoda, and gives the reader a lot of examples of true poetry. The facts prove that the poets of the new generation of the 60-70th developed the rubai genre much, and the comparison of a large factual material reveals that rubai found a worthy place in the work of Ghoib Safarzoda in the early 60 th.

Key words: genres of poetry, rubyes, quatrains, literature of the 60-70s, modern literature, style of Goib Safarzoda, features of the poetic style, poetic worldview, sensuality, philosophical thought, oriental wisdom.

Сведения об авторе: ***Хамзаев Мухриддин (Мухриддин Сабури)***, -Таджикский национальный университет, аспирант кафедры таджикской классической литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **saburi-2011@mail.ru**. Тел.: **(+992) 985-07-58-26**

Information about the author*: Hamzaev Muhriddin (Muhriddin Saburi)* - Tajik National University, graduate of the Department of the Tajik classical literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **saburi-2011@mail.ru**. Tel.: **(+992) 985-07-58-26**

УДК: 891.550 (09) (575)

АҲВОЛИ АЛОУДДАВЛАИ СИМНОНӢ (то вурудаш ба тасаввуф)

Халисов Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

I. Муқаддима. Шахсияти шайхи ориф ва шоиру нависандае чун Алоуддавлаи Симнонӣ бо фаровонии таълифоти манзуму мансур ва иршоди мардум, аз замони ҳаёташ то имрӯз мавриди таваҷҷуҳи тазкиранависону муаррихон ва муҳаққиқон будааст. Аммо муҳимтарин манбаъ дар бораи рӯзгори Алоуддавла, нақди ҳолест, ки худ дар зимни таълифоту гуфтаҳояш кардааст. Дар "Ал-урва ли аҳл-ил-хилфати ва-л-ҷилва" ва "Чиҳил маҷлис" нисбат ба дигар рисолаҳояш Симнонӣ нақди ҳоли муфассалтар дорад. Амир Иқболи Систонӣ, аз муридони Алоуддавла, нахустин касест, ки ба навиштани шарҳи аҳволу афкор ва осори устоди худ ҳиммат гумоштааст. Сарчашмаҳои дигари адабӣ ва таърихии асримиёнагӣ низ ба ҳаёту фаъолияти Алоуддавла дахле кардаанд. Мисли: "Аъён-ул-аср", "Таърихи гузида", "Нафаҳот-ул-унс", "Сафинат-ул-авлиё", "Тазкират-уш-шуаро", "Маҷмаъ-ул-фусаҳо", "Риёз-ул-орифин", "Хазинат-ул-асфиё" ва чанди дигар.

I. 1. Баёни масъала. Суолҳои асосие, ки матраҳ мешаванд аз ин қароранд: Номи мукаммали Симнонӣ чӣ будааст? Соли валодату фаъолияти ӯ кадом аст? Дар чӣ замоне, бо кадом наҳва зистааст? Дар наврасӣ ва навҷавонӣ чӣ илмҳову ҳунарҳоеро омӯхтааст? Дар ҷавонӣ чӣ шуғле доштааст?

I. 2. Пешинаи таҳқиқ. Аз муҳаққиқони муосир, аввалин кӯшишҳоро дар баёни рӯзгору шарҳи осори Симнонӣ, Саъид Нафисӣ кардааст. Сипас, Забеҳуллоҳи Сафо Симнониро дар "Таърихи адабиёт дар Эрон"-и худ ҷой додааст. Абдуррафеи Ҳақиқат, аз муҳаққиқони Симнонӣ, дар китоби "Таърихи ирфон ва орифони эронӣ" аҳволи Алоуддавларо шарҳ додааст. Илова бар ин, асарҳои алоҳидаи таҳқиқотие чун: "Пири орифон" аз Козим Боғмуллоӣ; "Баррасии оро ва андешаҳои Шайх Алоуддавлаи Симнонӣ" аз Майсам Насруллоҳиро метавон ном бурд.

Дар ин мақола равишҳои шарҳиҳолӣ, татбиқӣ-муқоисавӣ ва истидлолиро ба кор бурдаем, то зиндагиномаи илмии Симнонӣ ба вуҷуд оварда шавад.

II. Баррасӣ.

II.1. Ному насаб ва таваллуд. Шайх Алоуддавлаи Симнонӣ аз бузургони машоихи сӯфия, шоиру нависанда ва муфассирони нимаи дуюми қарни ҳафт ва аввали қарни ҳаштуми ҳичрӣ (охири асри XIII ва аввали асри XIV мелодӣ) дар ҳавзаи адабу ирфони форсу тоҷик мебошад. Дар баёни рӯзгораш аксари тазкиранигорону таърихнависон матлабе овардаанд. Вале ҳамаи ин манобеъ комилан ҳамхонӣ надоранд, хусусан, дар гузориши санаи ҳодисаву воқеаҳои саргузашти Симнонӣ. Шоҳиди ин иддао, муҳокимаву мулоҳизаҳои Саъид Нафисӣ, дар мақолае бо унвони "Алоуддавлаи Симнонӣ" аст, ки поёнтар меоварем.

Алоуддавла, яке аз орифонест, ки дар аснои таълифот, ё дар зимни насиҳатҳои муридону соликон фаровон шарҳу нақди ҳол кардааст. Аз асарҳое, ки ба саргузашту ҳаводиси рӯзгори худ бештар пардохта, "Ал-урва ли аҳл-ил-хилвати в-ал-ҷилва" мебошад.

Симнонӣ ному насаби худро, дар "Ал-урва" чунин меоварад: "Абулмакорим Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммади Биёбонакии синдиюласли Симнонӣ, маъруф ба Алоуддавла" [16, с.380].

Ибораи "Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммад"-ро ғайр аз матни худи Симнонӣ дар "Ал-урва", мусаннифи "Аъёну-ул-аср" низ овардааст. [14: 320]. Аксари сарчашмаҳои таърихиву адабӣ, ибораи "Аҳмад ибни Муҳаммад"-ро овардаанд [1, с.128]; [21, с.441]; [5, с.107]. Сафо бошад, дар "Таърихи адабиёт дар Эрон" "Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад" овардааст, ки дар ҷойи дигари "Ал-урва" ҳамин тавр дарҷ аст. Шояд Забеҳуллоҳи Сафо ба ҳамон сафҳа назаре доштааст [16, с.356]; [15, с.798].

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар "Нафаҳот-ул-унс" ва Абдуннабии Қазвинӣ дар тазкираи "Майхона", ҳини зикри алқоби Алоуддавла, "Рукнуддин"- ро ҳам меоваранд [21, с.441]; [6, с.7]. Мирзо Муҳаммади Мударрис дар тазкираи "Райҳонат-ул-адаб", ба иловаи Рукнуддин, "Алоуддин" ва "Шамсуддин"-ро низ навиштааст [8, с.157]. Асқалонӣ (муаррихи асримиёнагӣ) ҳам дар "Ад-дурар" Алоуддин ва Рукнуддинро ба Шайх лақаб медонад [1, с.130]. Аз ин муҳимтар, Саййид Алии Ҳамадонӣ, дар алқоби Шайх, ба иловаи Алоуддин, "Саййид"-ро ҳам илова кардааст: "Маро холе (таго – Ш.Х.) буд, ки ба лақаб Саййид Алоуддин гуфтандӣ ва ӯ аз авлиёуллоҳ буд" [2, с.13].

Мувофиқи ин гузоришҳо номи шайх, Аҳмад аст. Лақаби "Рукнуддин"-ро барояш ба лиҳози мақому ҷойгоҳи динӣ додаанд, "Алоуддавла"-ро ба муносибати хидматҳое, ки дар дастгоҳи девони Арғуншоҳи элхонӣ дошта, касб кардааст (ё чун падарбузургу падару амму холҳояш аз девониёни элхонӣ будаанд, Аҳмадро низ аз хурдӣ "Алоуддавла"

гуфтаанд, то ба ин мақом бирасад). Кунияти Симнонӣ “Абулмакорим” аст [5, с.60]; [4, с.173].

Ба таъйиди ин, дар гузориши муҳаққиқи осори Симнонӣ, Моили Ҳиравӣ, Алоуддавла дар нақди ҳоли худ мегӯяд: “...маро Аҳмад ном карданд” [20, нух].

Шогирдонаш дар навиштаҳои худ ва тазкиранигорону таърихнависон барои қутб будану шогирдпарвариаш дар тасаввуф, аз ӯ ба лақаби Шайх ёд кардаанд. Амир Иқболи Систонӣ дар “Чиҳил маҷлис” дар ҳар гуфтор, ки ишора ба Алоуддавла бошад, лафзи “Шайх”-ро меоварад. Гузашта аз ин, бузургони тасаввуф дар таълифоти худ, алқобу авсоф ва ановини баланди дигаре ҳам барои Симнонӣ зикр кардаанд, монанди: “Султон-ул-машоихи в-ал-муҳаққиқин”; “Бурҳон-ул-авлиё в-ал-орифин”; “Ориф-ус-самадонӣ” [19, с.105]; “Аш-шайх-ул-олим-ул-омил-ул-ориф”; “Имоми раббонӣ”; “Қутби ҳаққонӣ”; “Қутби муҳаққиқони ҳақоиқ”; “Султон-ул-машоихи в-ал-муҳаққиқин”; “Қудва (пешво)-и арбоби тариқат”; “Ҳофизи авзои шариъ ва ғавс-ул-исломи в-ал-муслимин”; “Шайх-ул-шуюхи ал-ориф”; “Шайх-ул-орифин”; “Қудват-ул-муҳаққиқин”; “Султон-ул-восилин”; “Рукн-ул-миллати вад-дин” [4, с.251]; “Султон-ул-мутааллиҳин, аш-Шайх Амир Рукнуддин Алоуддавла Аҳмад ибни Муҳаммад ибн-ал-Биёбонакӣ” [8,с.157]; [22, с.134] ва ғ. Ҳамчунин, баъзе аз муаллифону мусаннифони хонақоҳӣ, чуноне ки дар сӯфия роиҷ буда, ӯро “Шоҳ Алоуддавла” ва бархе дигар, ба ҷиҳати шуҳрати насабу касрати сарват ба ӯ “Амир” ва “Малик”, низ лақаб додаанд [3, с.82, 123]; [1, с.130].

Бо такя ба нақли сарчашмаҳо, Алоуддавла дар моҳи зулҳиҷҷаи соли 659 ҳ. / баробар бо ноябри 1261 м./ таваллуд шудааст [5, с.107]; [4, с.251]; [1, с.128], [20, с.536]; [18, с.220]; [14, с.321]. Ғуломсарвари Лоҳурӣ дар “Хазинат-ул-асфиё” дар зикри санаи валодат, тӯли умр ва вафот бо ҳисоби абҷад қитъаи зерро эҷод кардааст:

Ҷаноби Шайх Рукнуддини Симнонӣ, шаҳи акбар,
Ки буд андар ҷаҳон ӯ раҳнамои роҳи ҳаққонӣ.
Зи “Рукнуддин қариб” омад аён таърихи тавлидаш,
Синини умраш аз “обид” аён мегардад, ар хонӣ.
“Имоми хулд ҳодӣ” соли тарҳилаш бигӯ, Сарвар,
Дигар “амҷад валиюллоҳ Рукнуддини Симнонӣ” [7, с.289].

Аз ин қитъа тибқи ҷамъи ҳуруфи “Рукнуддин қариб” валодати Симнонӣ ба соли 677 ҳ.қ. рост меояд. Саъид Нафисӣ мисраро “Зи Рукнуддин фireб ояд аён таърихи тавлидаш” хондааст, яъне ба ҷойи ҳарфи қоф “фе” ва ба ҷойи “омад” “ояд” овардааст, ки 20 сол камтар – 657 мешавад. Вале ишора накарда, ки аз рӯйи кадом нусхаи “Хазинат-ул-асфиё” бардоштааст. Дар нусхаҳои чопи сангии Китобхонаи миллии Тоҷикистон, таҳти № 6104, (- Лакҳнав: Муншӣ Нувалкишур, 1883 м.) ва Маркази мероси хаттии АИ ҶТ, таҳти № 4933, ба ҷойи ибораи сабткардаи Нафисӣ – “фireб ояд” ибораи “қариб омад” дарҷ гардидааст. Ҳамчунин, дар нусхаи дуюмӣ болои ибораҳо сана низ сабт шудааст: болои “Рукнуддин қариб” 659, “Обид” 77, “Имоми хулд ҳодӣ” 736 ва “амҷад валиюллоҳ Рукнуддини Симнонӣ” 736.

Дар ҳар ду сурат, моддаи таърихи таваллуди дар қитъа зикршуда дуруст нест. Аммо Лоҳурӣ дар матни шарҳи ҳоли Симнонӣ, пеш аз қитъа ибораи “шашсаду панҷову нух”-ро сареҳан нигоштааст.

Беҳрӯз Соҳибихтиёрӣ дар мақолае бо унвони “Осори форсии Пири Симнонӣ” зодсоли Симнониро 657 ҳ. ва тӯли умрашро 79 сол донистааст [17]. Соҳибихтиёрӣ ба ин тартиб тамоми санаҳои ҳаёти Симнониро ду сол пештар зикр мекунад. Дар ҳоле ки инро фармудаҳои худи Алоуддавла ва сарчашмаҳои адабиву таърихӣ таъйид намекунанд. Козим Муҳаммадӣ низ дар асари худ “Алоуддавлаи Симнонӣ” нахуст соли 657 ҳ.-ро зикр намуда, сипас, бо такя ба сарчашмаҳо бар 659 ҳ. таъкиди бештар дорад [9, с.36].

Наҷиб Моили Ҳиравӣ дар муқаддимаи “Мусаннифоти форсии Алоуддавлаи Симнонӣ” бо номи “Нақди ҳоли Симнонӣ ба хомаи худаш” матлабе дорад, ки дар он аз забони худи Шайх соли валодаташро чунин оварда: “Дар ҳудуди соли 657 ҳиҷрӣ, ё андаке пас аз он дар хонаводае аз маликони Симнон ба дунё омадам” [20, нух]. Шояд Б. Соҳибихтиёрӣ ва К. Муҳаммадӣ аз нақди ҳоли Шайх ба натиҷаи фавқ расидаанд. Вале ин санаро Алоуддавла ба яқин намеоварад. Ибораи “ё андаке пас аз он” таъйини қотеонаро рад мекунад. Бинобар ин, чун тӯли умри Алоуддавлаи Симнонӣ 77 сол буд ва соли вафот 736ҳ., муддати умрро аз соли вафот каср кунем 659ҳ. мемонад, ки ҳамон санаи мавриди қабули аксари сарчашмаҳост.

Пас, соли валодат ҳамон шашсаду панҷову нух аст. Мо дар ин масъала, ба фармудаи Забеҳуллоҳи Сафо дар “Таърихи адабиёт дар Эрон” такя намудем, ки мефармояд: “Таърихи валодати Алоуддавларо Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ дар “Ад-дурар” ва Ғиёсуддин Хондмир дар “Ҳабиб-ус-сияр” соли 659 ҳ. навиштаанд ва ин дуруст аст, зеро дар моҳи раҷаби соли 736, ки таърихи вафоти ӯст, ҳафтоду ҳафт солу ду моҳу чаҳор рӯз умр карда буд. Пас бояст, валодаташ дар авосити соли 659-и ҳиҷрӣ иттифоқ афтода бошад. Шайх

дар “Ал-урва” мегӯяд, ки дар воқеаи ҷанги Арғунхон бо Аҳмади Тагудор (683/1284) 24-сола буд [15, с.801]. Бино бар нақли муаррихон чун ин воқеа дар соли 683 ҳ. иттифоқ афтода, мо аз ин таърих, яъне 683 шумораи 24-ро тарҳ намоем, соли 659 берун меояд. Пас таърихи саҳеҳи валодаташ ҳамон соли 659 ҳ. мебошад.

Маҳалли валодати Алоуддавла қарияи Биёбонаки Симнон аст [15, с.799]; [21, с.380]. Дар “Ҳабиб-ус-сияр” ва “Сафинат-ул-авлиё”-и Биёбонагӣ навишта шуда, ки эҳтимол ё дар гузориш ё дар қалам иштибоҳе рух додааст [18, 320]; [5, 107]. Муаллифони “Натоиҷ-ул-афкор” ва “Субҳи гулшан” ба хато “Биёбонӣ” гуфтаанд, ки ин таҳрифи Биёбонакӣ аст [10]. Биёбонак ободие буда, ки акнун дар дувоздаҳкилометрии ҷанубу ғарбии шаҳри Симнон аст.

Аслу насаби Алоуддавларо сарчашмаҳо аз мулуки Симнон донистаанд. Чунончи, Абдурраҳмони Ҷомӣ дар “Нафаҳот” мефармояд: “Вай дар асл, аз мулуки Симнон аст” [21, с.441]; [5, с.107]. Инчунин, Моили Ҳиравӣ дар “Мусаннифоти форсии Алоуддавлаи Симнонӣ” аз гуфтаи худи Симнонӣ чунин оварда: “Дар хонаводае аз маликони Симнон ба дунё омадам” [20, нух].

Он чи дар сарчашмаҳо омада, ин аст, ки падар, амак ва тағояш дар дарбори Элхониён девондор будаанд. Худи Алоуддавла аз 15-солагӣ мулозими Арғунхони элхонӣ гардида, ҳудуди даҳ сол дар хидмати дарбор будааст. Чуноне ки худи Симнонӣ дар рисолаи “Фатҳ-ул-мубин” мефармояд: “Солҳо бо хулуси тамом, дар дастгоҳи Арғун хидмат кардам... Даҳ сол бар ин минвол гузашт...” [20, с.252].

Бисёре аз муаллифони сарчашмаҳои асримиёнагӣ навиштаанд, ки падараш Муҳаммад Малик Шарафуддин аз мақомдорони давраи салтанати Арғунхон ва Ғозонхони Элхонӣ ва дар мартабаи вазорат буд [18, с.220]; [14, с.321]. Дар соли 687/1288, бо фармони Арғунхон (падари Симнонӣ – Ш.Ҳ.) малики Бағдод таъйин гардид [14, с.321]. Дар аҳди Ғозонхон, ки аз аввал ба Шарафуддин эҳтиром дошт, соли 694/1295 рутбаи “Улуғбекчӣ” гирифт ва дар мақоми вазорат то моҳи зулқаъдаи 695 ҳ. хидмат кард. Бо тавтиаи дарбориён, дар ҳамон сол Малик Шарафуддин бо амри Ғозонхони Элхонӣ ба марг маҳкум гашт [18, с.220]; [15, с.800].

Ба қавли Хондмир модари Симнонӣ хоҳари Рукнуддини Соин аз авлоди Зиёулмулк Муҳаммад ибни Мавдуд ориз (солор)-и сипоҳи Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ буд [18, с.208]. Соин яке аз олимони фиқҳу ҳадиси он даврон буд, ки Симнонӣ ин ду илмро аз ӯ омӯхтааст. Рукнуддини Соин, дар аҳди Ғозонхон, ба мартабаи “қозии ҷумла мамолик” ноил шуд. Аммо, дар соли ҳафтсадум, ба сабаби ташкили гурӯҳи норозӣ аз вазорату девон, хон Соинро ба қатл расонид [11, с.29]; [15, с.800].

Амаки Алоуддавла – Малик Ҷалолуддин, дар аҳди Абоқохон (1265–1281) ва Аҳмади Тагудор (1282–1284) аз мулозимони Арғунхон (соли 1284 ба салтанат расид) буд. Дар давраи салтанати Арғун, Малик Ҷалолуддин мақоми вазирӣ ёфт. Ӯ саранҷом дар соли 688 ҳ. (1289) ба сабаби ҷасорате ба Арғун ҳукми қатл гирифт [16, с.324]; [11, с.29].

Насаби Симнонӣ, аз модарбузург (эҳтимол падарӣ) ба Зайнуддини Биёбонакӣ мерасад, ки аз мансабдорони аҳди Муҳаммади Хоразмшоҳ буд. Дар соли 1218 аз султон мақоми ноибуссалтанатӣ ёфт [11, с.29].

Аз ахборе, ки аҳволи хонадони Алоуддавларо нақл кардаанд, бармеояд, ки онҳо аз девондорону мулозимони давраи бархе хонони Хоразмшоҳӣ ва Элхонӣ будаанд.

Ҳамин тартиб, Алоуддавлаи Симнонӣ дар хонаводаи ашрофзодагон ба дунё омадааст. Маълум аст, ки падараш барои тарбияти дурусти Алоуддавла шароити муносиб фароҳам оварда, бо ҳавсалаи тамом ба парвариши ӯ таваҷҷуҳ кардааст.

II.2. Навҷавонӣ ва мулозимат. Аз даврони кӯдакӣ ва таҳсили ибтидоии Алоуддавла, маълумоти дақиқ нест, илло гузориши мухтасари худи Шайх дар “Ал-урва”. Агар тазкира ё таърихе аз хурдсолӣ ва ибтидои таҳсилаш сатре оварда, беш аз фармудаи худи Симнонӣ нест. Гумон меравад, ки дигарон, низ аз рӯйи нақли “Ал-урва” бардоштаанд. Ин аст, ки сарчашмаҳо қариб ба иттифоқ, баёни ҳоли Алоуддавларо аз понздаҳсолагӣ сар мекунанд.

Бино бар нақли худи Шайх, ӯро дар кӯдакӣ ба мактабхона, барои касби савод бурданд. Чунончи, дар “Мусаннифоти форсӣ” мастур аст: “Тибқи марсум, бамавқеъ, ба мактабхонаи Симнонам гузорданд” [20, нух]. Табиист, ки дар мактабхона, аз навиштану хондан шурӯъ карда. Қасди ба мактаб супурдани Симнонӣ, на дар оянда аллома шудани ӯ, балки мухтасаре аз улуми замонаро омӯхта, таҳсили фазилату эҳтиром ва мулозимати бузургон, алалхусус, шоҳро мадди назари волидонаш буд, то яке аз мулозимону девондорон гардад.

Дар даврони таҳсил, муддате низ аз тағои худ – Рукнуддини Соин, аз илмҳои фиқҳу ҳадис баҳра бурдааст [11, с.30]. Инчунин, аз улуми ақлӣ, ҳам андаке омӯхта. Худ дар ин маврид мефармояд: “Дар ин муддат, нукотеро аз масоили девонӣ, ки онҳоро “фазилат” мехонам, медонистам ва андаке аз улуми ақливу нақлӣ омӯхта будам ва аз Қуръон низ чанд сура ҳифз доштам” [20, дах].

Симнонӣ дар синни понздаҳсолагӣ (674/1275) дар аҳди Абоқохон аз мактаб канора гирифту ба мулозимати Арғун, ки он замон ҳокими Хуросон буд, даромад. Ӯ дар баёни хӯйи камолҷӯйи ҳуд дар “Ал-урва...” чунин мегӯяд:

“Будам ин бечора, аз кӯдакӣ то бузургӣ ҷӯянда аз барои ҳақ ва дар ҳама коре дар намерафтам, балки ҳар амре, ки пеш меомад ғулув сахт тақозо мекард, ки ба аднои он сар фуруд наёварам... Чунончи, дар мабдаи ҷавонӣ нафси ман розӣ набуд, ки мулозимат кунам касеро, магар султони рӯзгор. Ва қонеъ намешудам ба мулозимати он ки ҳамчун дигарон бошам. Пас мулозимат кардам, баъд аз он ки аз мактаб берун омадам ва понздаҳсола будам... Ва ақсоми фазлиёт медонистам ва ба қадре аз улуми ақливу нақлӣ чизе омӯхта будам. Аммо аз Қуръони наср (бо сод) қалоқили арбаа ва Фотиҳа ёд доштам. Чун подшоҳ Арғун сидқу ихлоси маро дар хидмат медид, маро ба худ муқарраб гардонид, чунонки маҳсуди аркони давлати ӯ шудам, аз умарову вузаро. Ва аз ғояти шағаф ман ба мулозимати ӯ, боз мемондам аз адои салот, то ғояте, ки маҷол надоштам, ки варақе аз хондаҳои худ ба ёд овардаме” [16, с.298].

Алоуддавла дар “Чиҳил маҷлис” ва рисолаи “Фатҳ-ул-мубин” низ ба мулозимату муддати он ишораҳои зимнӣ кардааст [20, с.252].

Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ дар “Маҷолис-ул-муъминин” бар хилофи сарчашмаҳои таърихӣ, бар он аст, ки Алоуддавла дар дарбори Ғозон мулозим будааст. Иштибоҳи ин матлаб он ҷост, ки Симнонӣ соли 674/1275 ба дарбор роҳ ёфт. Он замон Арғун ҳукумат мекард. Ғозон соли 694/1295 ба салтанат расид. Дар ҳоле ки Алоуддавла, ҳанӯз даҳ сол қабл (685/1286) дарборро тарк кардаву хароботнишин шуд.

Тазкира ва сарчашмаҳои таърихӣ дар боби навҷавонӣ ва таҳсили Шайх қариб ҳамагӣ як иборараро меоваранд: “Баъд аз понздаҳсолагӣ, ба хидмати султони вақт шуғл гирифт” [21, с.441]; “Дар синни понздаҳсолагӣ бо султони вақт мебуд” [5, с.107].

Ба ҳар сурат, аз асноди марқумшуда ва баррасии онҳо ба натиҷае мерасем, ки Алоуддавлаи Симнонӣ дар айёми туфулият ва наврасӣ ба омӯхтани улуми шаръӣ ва ақливу нақлӣ ҷиддан машғул шудааст. Дар фармудаҳои худаш дар ин бобат ниҳояти тавозӯъ ва хоксориро зоҳир намудааст. Агар чунин намебуд, мавриди таваҷҷуҳи подшоҳони элхонӣ қарор намегирифт.

Симнонӣ саранҷом соли 684/1285 ба сабаби гароиш ба тасаввуф ва дурӣ аз мулозимату ҷоҳталабӣ дарборро ба мақсади хонақоҳ тарк мекунад. Идомаи матлабро дар мақолаи баъдӣ баррасӣ хоҳем кард.

III. Натиҷагирӣ. Омӯзиши таҳқиқи шарҳи ҳоли бузургоне чун Алоуддавлаи Симнонӣ аҳаммияти калони тарбиявӣ дорад. Албатта, нуктаҳои ноби афкори ин марди бузург, ки дар борааш муфассал таваққуф намудем, барои ошноӣ бо гузаштаи пурифтихори адабиёту ирфони форсу тоҷик фазои мусоид фароҳам меоварад. Алоуддавлаи Симнонӣ, аз тирози аввали орифони муршиду адибони носеҳ аст, ки дар парвариши ҷомеаи солим саҳм доранд.

Дар ин мақола, ки аз таваллуд то 26-солагии Симнониро фаро мегирад, аҳволи адиби орифро бо ҷузъиёт ва ихтилофоти нақли сарчашмаҳо баррасӣ кардем. Аз сабаби он ки баъд аз ин дар рӯзгори ин шахсияти фарзона гардиши бузурге ба вуҷуд меояд, ин мавзӯъро дар мақолаи дигаре бо унвони “Вуруди Алоуддавлаи Симнонӣ ба тасаввуф ва фарҷоми рӯзгори ӯ” баҳс хоҳем кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Асқалонӣ, Ибни Ҳаҷар. Ад-дурар-ул-комана / Асқалонӣ Ибни Ҳаҷар. Дар чаҳор ҷилд. - Ҷ.1. - Ҳайдаробод: Доиратулмаорифи Усмония, 1972. - 548 с.
2. Бадахшӣ, Нуруддин. Хулосат-ул-маноқиб / Нуруддин Бадахшӣ. - Исломобод: Маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон, 1374 ҳ.ш. - 353 с.
3. Бегдилӣ, Озар. Оташкадаи Озар / Озар Бегдилӣ. - Теҳрон: Муассисаи нашри китоб, 1337 ҳ.ш. - 479 с.
4. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро / Давлатшоҳи Самарқандӣ: ба ҳиммати Муҳаммад Рамазонӣ. - Теҳрон: Ховар, 1338 ҳ ш. - 431с.
5. Дорушшукуҳ, Муҳаммад. Сафинат-ул-авлиё / Муҳаммад Дорушшукуҳ. - Лакнав: Нулкишвар, 1884. - 216 с.
6. Қазвинӣ, Фахруззамонӣ. Тазкираи майхона/ Фахруззамони Қазвинӣ: ба эҳтимоми Гулчини Маонӣ. - Теҳрон: Ширкати насабии Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Иқбол ва шурако, 1340 ҳ.ш. - 1012 с.
7. Лоҳурӣ, Ғуломсарвар. Хазинат-ул-асфиё / Ғулоисарвар Лоҳурӣ. Дар ду ҷилд. Ҷ.2. - Лакнав: Нулкишвар, 1884. - 452 с.
8. Мударрис, Мирзо. Райҳонат-ул-адаб/ Мирзо Мударрис. Дар ҳашт ҷилд. - Ҷ.4. - Теҳрон: Хайём, 1374 ҳ.ш. - 501 с.
9. Муҳаммадӣ, Муҳаммадкозими Боғмуллоӣ. Алоуддавлаи Симнонӣ; шарҳи зиндагонӣ, андешаҳо ва сулуки ҳакиму орифи қарни ҳафтум ва ҳаштуми қамарӣ, вазири Арғуншоҳи муғул / Муҳаммадкозими Муҳаммадӣ Боғмуллоӣ. - Теҳрон: Созмони чоп ва интишорот, 1381. - 375 с.
10. Нафисӣ, Саъид. Алоуддавлаи Симнонӣ (мақола) / Саъид Насафӣ // Маҷаллаи “Яғмо”. - Теҳрон, соли ҳафтум, шумораи ҳашт, обонмоҳи соли 1333. - С.358-362.
11. Насруллоҳӣ, Майсам. Баррасии оро ва андешаҳои Шайх Алоуддавлаи Симнонӣ// Майсам Насруллоҳӣ. - Қум: Адён, 1391 ҳ.ш. - 365 с.

12. Пурҷаводӣ, Н. Забони ҳол дар осори Алоуддавлаи Симнонӣ / Н. Пурҷаводӣ // Нашри дониш. – Теҳрон: Замистони 1382 ҳ.ш. - № 110. - С.25-35.
13. Риёз, Муҳаммад. Аҳволу осор ва ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ/ Муҳаммад Риёз. - Душанбе, 2015. - 408 с.
14. Сафдӣ, Салоҳуддин. Аъён-ул-аср ва аъвон-ун-наср / Салоҳуддин Сафдӣ. Дар 6 ҷилд. Ҷ.1. - Димишқ: Дорулфикр, 1998. - 752 с.
15. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳуллоҳ Сафо. Ҷ.2. - Теҳрон: Фирдавс, 1387 ҳ.ш.
16. Симнонӣ, Алоуддавла. Ал-урва ли аҳл-ил-хилвати ва-л-ҷилва / Алоуддавла Симнонӣ: ба тасҳеҳи Наҷиб Моили Ҳиравӣ. - Теҳрон: Мавло,1362 ҳ.ш. - 644 с.
17. Соҳибихтиёрӣ, Беҳруз. Шайх Алоуддавла ва “Чиҳил маҷлис” / Беҳруз Соҳибихтиёрӣ // Кайҳони андеша. - Қум, меҳр ва обони 1371 ҳ.ш. - № 44. – С.165-170.
18. Хондмир, Ғиёсуддин. Ҳабиб-ус-сияр / Ғиёсуддин Хондмир. Дар чаҳор ҷилд. Ҷ.3. - Теҳрон: Китобхонаи Хайём, 1362. - 759 с.
19. Ҳақиқат, Абдуррафеъ. Хумхонаи ваҳдати Шайх Алоуддавлаи Симнонӣ / Абдуррафеъ Ҳақиқат (Рафеъ). - Теҳрон: Кӯмиш, 1385 ҳ.ш. - 176 с.
20. Ҳиравӣ, Наҷиб Моил. Мусаннифоти форсии Алоуддавлаи Симнонӣ / Наҷиб Моил Ҳиравӣ. - Теҳрон: Интишороти илмӣ фарҳангӣ, 1390 ҳ.ш. - 470 с.
21. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс / Абдурраҳмони Ҷомӣ; бо муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти доктор Маҳмуд Обидӣ. - Теҳрон: Иттилоот, 1370 ҳ.ш. - 1214 с.
22. Шуштарӣ, Қозӣ Нуруллоҳ. Маҷолис-ул-муъминин / Қозӣ Нуруллоҳ Шуштарӣ. Дар ду ҷилд. Ҷ.2. - Теҳрон: Исломия, 1377 ҳ.ш. - 700 с.

АҲВОЛИ АЛОУДДАВЛАИ СИМНОНӢ (то вурудаш ба тасаввуф)

Ин мақола шарҳи ҳоли Алоуддавлаи Симнонӣ - адиб ва орифи охири асри XIII ва аввали асри XIV-ро аз таваллуд то 26-солагӣ баррасӣ мекунад. Муҳимтарин сарчашма дар таъйини аслу насаб, куният ва вақоеи зиндагии Симнонӣ осори худи ӯ, хусусан “Ал-урва ли аҳли-л-хилвати ва-л-ҷилва” ва ҳамчунин гузориши маноқибнависон ва муридонаш, аз ҷумла ахбори Иқболи Систонӣ дар “Чиҳил маҷлис”, “Хулосату-л-маноқиб”-и Ҷаъфари Бадахшӣ аст. “Таърихи гузида”-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, “Аъён-ул-аср ва аъвон-ун-наср”-и Салоҳуддини Сафдӣ ва “Нафаҳот-ул-унс”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ низ дар шарҳи ҳоли илмии Симнонӣ мавод медиҳанд. Номи мукаммали адиб дар шакли Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммади Биёбонакии Алоуддавлаи Симнонӣ муайян карда шуд. Таваллуди Симнонӣ дар моҳи зулҳиҷҷаи 659/ ноябри 1261 воқеъ шудааст. Макони валодати ориф деҳкадаи Биёбонаки вилояти Симнон мебошад. Аҷдоди ӯ аслан аз Синданд. Гузаштагони Симнонӣ малику девондор ва уламои давр будаанд. Насаби ӯ бо нуздаҳ пушт ба Паёмбар (с) мерасад. Падари ӯ Муҳаммад Малик Шарафуддин чанд муддат малики Бағдод, амакаш Малик Ҷалолуддин вазир ва тағояш Рукнуддини Соин қозикалони Элхониён буданд. Симнониро аз хурдӣ барои фаъолият дар дарбор тарбия кардаанд. Ӯ то понздаҳсолагӣ аз хондану навиштан ва илмҳои шаръӣ ва улуми ақливу табиӣ баҳравар шудааст. Аз понздаҳсолагӣ Алоуддавла мулозими Арғунхон шуд. Ин мулозимат даҳ сол идома ёфт. Соли 683/1284 Симнонӣ дар ҷанги миёни Арғунхон ва Аҳмади Тагудор, дар рикоби Арғунхон меҷангид, ки ҷазбае ва танаббуҳе бар ӯ ворид шуд. Пас аз он, ӯ аз мулозимати султону машғалаи дарбор дурӣ ҷуста, ба зуҳд ва тасаввуф майл кард. Бо ин сабаб соли 685/1286 дарборро тарк кард.

Калидвожаҳо: Алоуддавлаи Симнонӣ, мулозимат, Арғунхон, ҷазба, ориф, шоир, адиб.

ЖИЗНЬ АЛОУДДАВЛА СИМНАНИ (до его вступления в суфизм)

Данная статья рассматривает жизнь Алоуддавла Симнани – поэта и суфия конца XIII и начала XIV вв. (с рождения и до его 26-летия). Важнейшим источником в определении происхождения его рода, имени, псевдонима и жизненных событий писателя считается его литературное наследие, особенно его знаменитое произведение «Черенок в затворничестве и ....» («Ал-урва ли аньли-л-хилвати ва-л-ҍилва»), а также комментарии панегиристов и его учеников, в том числе свидетельства Икбала Сиистани в его трактатах «Чихил мачлис» («Сорок собраний»), «Хулосату-л-манокиб» («Обобщение панегристики») и Джаъфари Бадахши. Книга Хамдуллоха Муставфи «Избранная история» («Таърихи гузида»), трактат Салохуддина Сафди «Аъён-ул-аср ва аъвон-ун-наср» («») и знаменитое произведение Абдурахмана Джами «Нафахоту-л-унс» («Ароматы близких») о биографии и деятельности Симнони дают полезную информацию. Судя по этим источникам, полное имя писателя является Ахмад ибни Мухаммад ибни Ахмад ибни Мухаммади Биёбонак Алоуддавла Симнани. Он родился в ноябре 1261 года. Местом рождения суфия считается селение Биёбонак Симнанской области. Его предки прибыли сюда из Синда и были царевичами, визирями и учеными своего времени. Родословная мыслителя через 19 поколение доходит до Пророка (с). Отец Симнани – Мухаммад Малик Шарафуддин некоторое время был правителем Багдада, а дядя (по линии отца) – Малик Джалолуддин везирем, другой его дядя (по линии матери) – Рукниддин Соин был высшим казием у Элханидов. Поэтому с детства для дальнейшей его деятельности, Симнани был воспитан во дворце. До пятнадцати лет он в совершенстве изучал религиозные и светские науки, известные в то время. Затем отправился служить у Аргунхана. Эта его поездка длилась десять лет. В 1284 году, когда Симнани воевал на стороне Аргунхана против Ахмада Тагудора, притяжение Бога настигла его. После этого, он сторонился государственных дел, и принял стил жизни аскетизма и суфизма. По этой причине Симнани в 1286 году окончательно покинул дворца.

Ключевые слова: Алоуддавла Симнани, служба, Аргунхан, притяжение, ариф, поет, литератор.

LIFE OF ALOUDDAVLA SIMNANI (before his entry into Sufism)

This article examines the life of Alouddavla Simnani - the poet and Sufi of the end of the XIII and the beginning of the XIV centuries (from birth to his 26th birthday). The most important source in determining of the origin of his family, name, pseudonym and life events of the writer are considered his literary heritage, especially his famous work “The Seed in the Members of the Recluse and ....” (“Al-urav auli-l-hilvati va-l Silva ”), as well as comments by panegy and his students, including the testimony of Iqbal Siistani in his treatises“ Chihil Machlis ”(“ Forty Assemblies ”),“ Khulozatu-l-manokib ”(“ Generalizations of Pan-heristy ”) and Ja'fari Badakhshi. The book of Hamdulloh Mustafi "The Chosen Story" ("Ta'rihi Guzid"), the treatise of Salohuddin Safdi "Ayon-ul-asr va avon-un-nasr" ("") and the famous works of Abdurahman Jami "Nafakhot-l-uns" ("Aromas of close ") On the biography and activities of Simnoni give quite useful information. According of these sources, the writer's full name is Ahmad ibni Muhammad ibni Ahmad ibni Muhammadi

Biyonak Alouddavla Simnani. He was born in November 1261. The birthplace of the Sufi is considered to be the village of Biyonak of the Simnan region. His ancestors came here from Sind and were kings, viziers and scholars of their time. Genealogy of thinker through the 19th generation reach to the Prophet (s). Simnani's father, Muhammad Malik Sharafuddin, was the ruler of Baghdad for some time, and his uncle (on his father's line) Malik Djaloluddin was a vizier, his other uncle (on his mother's side), Rukniddin Soin, was the highest Qazi (judging) of the Elkhanids. Therefore, from childhood for his further activities, Simnani was raised in the palace. Until the age of fifteen, he perfectly studied religious and secular sciences, known at that time. Then he went to serve at Argunkhana. His trip lasted ten years. In 1284, when Simnani fought on the side of Argunkhan against Ahmad Taghudor, the attraction of God overtook him. After that, he eschewed the state del, and adopted the life style of asceticism and sufism. For this reason, Simnani in 1286 finally left the palace.

Key words: Alouddavla Simnani, service, Argunkhan, attraction, arif, poet, writer.

Сведения об авторе: ***Шамсуло Халисов*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 888-86-55-89**

Information about the author: ***Shamsulo Khalisov*** – Tajik National University, postgraduate of the history of Tajik literature department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 888-86-55-89**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

УДК:070 (575.3)

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАДҚИҚИ НАЗАРИЯВИИ ГУЗАРИШИ ВАО-И ВОБАСТА БА МУСТАҚИЛ

Абдуҷаббори Сафаралӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва блоки сотсиалистӣ ба пайдоиши якчанд давлатҳои мустақил оварда расонид. Яке аз онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки 9-уми сентбяри соли 1991 истиқлолият ба даст овард, аммо, мутаассифона, бо оғози ҷанги шаҳрвандӣ равандҳои зиёди таҳаввулотӣ ва аз ҷумла озоду мустақил гаштани матбуот ба мушкилоти зиёд дучор шуданд.

Дар илми ҷаҳонӣ омӯзиши масъалаҳои вобаста ба ВАО ва равандҳои сиёсӣ-ҷамъиятӣ, аз назарияи модернизатсия дуртар шуда, густариши зиёд касб кардааст. Зимнан худи назарияи модернизатсия ва ВАО дар илми сиёсатшиносии ғарбӣ дар ИМА зуҳур кардааст. Солҳои 1950-1960 вобаста ба озодшавии якчанд давлатҳои «ҷаҳони савум» аз истеъмори ин назария рушди минбаъдаи худро ба даст овардааст [16, с.211].

Фақат интиҳои асри XX масъалаи мазкур ба доираи манфиатҳи муҳаққиқони дигар ворид мешавад. То чанде қабл назарияи ВАО ва модернизатсия дар кишварҳои пасошӯравӣ баёни консепсияҳои ғарбиро оид ба масъалаи мазкур фаро меигирифт [11, с.13].

Таҳлил ва тавсифи матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд вижагиҳои матбуоти даврии хусусӣ ва тиҷоратиро ошкор менамояд. Масалан, матбуоти даврӣ ҷанбаи хизбии худро аз даст дода, аз ҷамъиятию сиёсӣ ба матбуоти ҷомеӣ мубаддал гашт, ки вазифаи асосию заминавии он воқифгардонии ҷомеа оид ба ҳамаи намудҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ва инсонӣ гашта монд. Натиҷааш он шуда монд, ки зимни татбиқи дар маҷмӯъ ягонаю ҳаммонанд барои тамоми нашрияҳои ҷомеӣ вазифаи ҳадафмандонаи рӯзномаҳо аз рӯйи воситаю тарзи пешкашу пешниҳод намудани иттилоот фарқ карда меистанд. Ҳамаи ин ба он оварда расонид, ки дар навбати худ дар кишвар матбуоти сифатан нав ташаккул ёфт. Зимнан дар ҳолати имрӯза барои хонандагон нисбатан шавқовартару хонданӣ матбуоти даврии хусусӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ гашта монд. Баъзе нашрияҳои даврӣ дорои замимаҳои мавзӯӣ низ гаштанд, ки онҳоро метавон ҳамроҳ бо рӯзномаҳо харидорӣ намуд ва маҳз онҳо рақиби асосию воқеии матбуоти маҷаллавӣ ва давлатӣ гаштанд.

Масъала ва мавзӯи гузариши ВАО-и вобаста ба ВАО-и мустақилу озод ва демократӣ яке аз нуктаҳои муҳимтарини низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи мустақилият ва марҳилаи пасошӯравӣ маҳсуб аст. Тоҷикистон дар давраи пасошӯравӣ марҳилаҳои муайяни тадриҷан гузариши матбуоти даврро аз вобастагӣ ба мустақилият ва рушдро гузаронидааст. Муҳиммияти тадқиқу омӯзиши ин масъала дар он зоҳир мешавад, ки омӯзиши таҷрибаи таҳаввулоти матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ошкор намудани тамоюлҳои асосии ташаккул ва амалкарди амсилаи муосири матбуоти даврии тоҷик имкон фароҳам меоварад, ки тасаввуротҳои мо оид ба қонунмандиҳои умумии рушди низоми матбуоти даврӣ дар фазои пасошӯравӣ ва ҳам дар мисолу намунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вижагиҳои гузариши моҳиятию муҳтавоии медианизомҳо дар кишварҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ ғанитар ва амиқтар гарданд. Масалан, дар солҳои пешин дар Федератсияи Россия кӯшишҳо оид ба пешбурди тадқиқотҳо вобаста ба тағйироту таҳаввулотҳо нисбати низоми матбуоти даврии пасосотсиалистии Ҷумҳурии демкоратии Олмон (таълифоти Г.Ф.Вороненкова), Лаҳистон (рисолаи доктории муҳаққиқ М. Герули [3, с.84] ва баъзе дигар кишварҳо гузаронида шудаанд, аммо омӯзиши низомнок ва маҷмӯии рушди таҳаввулотии матбуоти даврии тоҷик ба роҳ монда нашудааст. Ҳамзамон медианизоми тоҷик, ташаккули таҳаввулноки он, ки баъди ба даст овардани Истиқлолият рӯй додааст, бояд мавриди таваҷҷуҳи ҷиддии муҳаққиқон қарор гирад.

Солҳои 1991-1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи гузариш ба амсилаи бозаргонии иқтисод, ҳамчунин ба низоми нави демократии ҷомеа оғоз меёбад, ки дар худ парламентаризми касбӣ, бисёрҳизбӣ, эҷоди ҷомеаи шаҳрвандиро фаро мегирад. Дар давраи солҳои 1992-1997 сарнавишти худи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал мегашт. Кӯшишҳои номуваффақонаи мухолифин барои бо роҳи ғайриконститусионӣ ба даст овардани ҳокимият барабас рафтанд ва оқибат соли 1997 мусолиҳаи миллӣ ба даст омада, ҷомеаи тоҷик оҳиста-оҳиста ва тадриҷан рӯ ба шукӯфоию рушд намудан мениҳад. Ин тағйироту таҳаввулоти усулӣ наметавонист ба медиафазои Тоҷикистон бетаъсир бимонад. Солҳои

1990-ум марҳилаи ниҳоии гузариши матбуоти тоҷик фаро мерасад: ба тариқи бебозгашт заминаи қонунмандона фароҳам оварда шуд, ки фаъолияти матбуотро дар шароиту муҳити давлати алоҳида бо иқтисоди бозаргонӣ муайян мекард, навъҳои асосии нашрияю нашриётҳо ташаккул ёфтанд, ки дар асосу заминаи тиҷоратӣ кору фаъолият мекунанд, худи медианизоми тоҷик як ҷузъи таркибии медианизоми ҷаҳонӣ гашта мемонад.

Ҳоло нисбатан давраи каму беш омӯхташудаи гузариши матбуоти тоҷик ба давраи мустақилияти матбуот солҳои 1990-2000 мебошад.

Ҳамин тариқ, маълумотҳои алоҳида оид ба равандҳои гузаришу таҳаввулотҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба матбуоти даврӣ ҷанбаи алоҳидаю лаҳзавӣ доранд. Вобаста ба ин масъала баррасӣ ва тадқиқи вижагиҳои гузариши матбуоти даврии тоҷик аз вобасагӣ ба матбуоти озоду демократӣ, метавонад кӯшиши барқарор намудани манзараи тому бутуни тағйиротҳоро дар матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирад, ки дар маҷмӯъ тамоми ВАО-и тоҷикро фарогир мебошанд.

Ба сифати фарзия дар чунин маврид зимни омӯзиши масъалаи гузариши моҳиятию муҳтавоии матбуот метавон он эҳтимолиятеро интихоб намуд, ки раванди табдили низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду самт сурат гирифтааст:

1) аз амсилаи ҷумҳуриявии матбуот дар доираи фазои иттилотии ягонаю бутуни Тоҷикистон ба амсилаи умумимиллии матбуот гузаштан, ки қисмати таркибии давлати соҳибихтиёр мебошад;

2) аз амсилаи муаллифонаи матбуот, ки дар он нақши асбобу васоити ҳокимияту қудратро мебозид, ба амсилаи тиҷоратӣ гузаштан, ки нашри матбуоти даврии маҷаллавӣ ва рӯзномавӣ яке аз соҳаҳои соҳибкорӣ ва тиҷорат гашта мемонад.

Дар мавриди роҳандозии чунин тадқиқот инҳо метавонанд заминаҳои сарчашмавӣ бошанд: аввалан, таълифоти муҳаққиқони тоҷику рус, ки ба масъалаи парокандашавии Иттиҳоди Шӯравӣ бахшида шудаанд ва яке аз омилҳои асосию муҳимтарини муваффақшавии Тоҷикистон ба мустақилияту соҳибихтиёрӣ мебошад; дувум, қонунҳое, ки солҳои 1990-2000-ум фаъолияти ВАО-и нашриро ба танзим медароранд; сеюм, тадқиқотҳои умуминазариявӣ, ки ба ВАО бахшида шудаанд ва барои арзёбии тамоюлҳои умумии рушд ва усулҳои амалкарди ВАО-и ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд; чорум, санаду ҳуҷҷатҳои расмии вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (қайду сабтҳои матбуоти даврӣ, ҳисоботҳо ва ғайра); панҷум, маълумотҳои оморӣ (натиҷаҳои ба рӯйхатгирии аҳолӣ, пурсишҳои сотсиологӣ), ҳамчунин маълумотҳо оид ба нашрияҳои даврӣ, ки ҳамчун ширкатҳои мустақил ва ҳам худи ноширон муаррифӣ мегарданд.

Ниҳоят, гурӯҳи махсуси сарчашмаҳоро метавонанд маводу матлаб ва таълифотҳои худи ВАО-и нашриявӣ ташкил кунанд, ҳамчунин нашрияҳои интернетӣ. Ин маводҳои журналистӣ аз як ҷониб, имкон фароҳам меоранд, ки нуқтаи назар ва мавқеи худи рӯзноманигорон нисбати тағйироту таҳаввулотҳо таҳлил карда шаванд, ки мансуб ба соҳаи фаъолияти онҳо мебошанд, аз ҷониби дигар, фаврию оҷилӣ ҳастанд, балки дар баъзе ҳолатҳо сарчашмаҳои беназир маҳсубанд, ки метавонанд барои такмилу пурранамоии иттилооти нокифоя оид ба баъзе ҷанбаҳои фаъолияти нашрияҳо, аз ҷумла, нашрияҳои хориҷӣ ҳам бошанд, ки аксаран кӯшиши пардапӯшона амал кардан ҳам мекунанд. Баъзан фақат дар асосу заминаи чунин таълифоти гуногун, ки тавассути методи назорату мушоҳидаи нашрияҳои даврӣ ошкор мешаванд, метавон миқёси воқеӣ ва то дараҷаи муайяни эътимоднокӣ нақшу ҷойгоҳи сармояи хориҷиро дар эҷоди амсилаи нави ВАО-и нашриявии тоҷик муқаррар кард.

Зимни тавсифи матбуоти муосири тоҷик бо мақсади ошкорнамоӣ ва тавсифи вижагиҳои нашрияҳо аз усули назорату мушоҳида (мониторинг)-и мазмуну муҳтаво ва саволномаю пурсиши роҳбарият ва кормандон метавон истифода бурд.

Натиҷаҳои пешбурди чунин тадқиқот имкон медиҳанд, ки моҳият ва вижагиҳои равандҳои таҳаввулотию гузариш, ки дар ВАО-и нашриявии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1990-2000-ум рӯй додаанд, муайян карда шаванд. Ҳамчунин ба тариқи маҷмӯӣ ва низомнок сохтору таркиби матбуоти даврии рӯзномавӣ ва маҷаллавии кишвар мавриди баррасӣ ва тавсифу арзёбӣ қарор дода шаванд. Маводҳои чунин тадқиқотҳо метавонанд барои коркарди мавзӯъҳои ҳаммонанд, ошкорнамоии қонунмандиҳои умумии равандҳои таҳаввулотӣ ва гузаришҳо дар кишварҳои ҳамҷавор низ дар фазою муҳити пасошӯравӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Маводҳои воқеӣ ва хулосаю натиҷагириҳои чунин тадқиқотҳоро метавон зимни ташкил ва гузаронидани дарсу машғулиятҳои маърӯзавӣ оид ба таърихи журналистикаи ватанӣ ва ҷаҳонӣ истифода намуд.

Барои пешбурди чунин тадқиқотҳо асосу заминаро метавонад бархӯрди таърихӣ ташкил кунад, ки имкон медиҳад далелу падидаҳои ошкоршуда дар пасманзару қаринаи шарту шароитҳои мушаххаси таърихӣ мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирад. Дар ин маврид метавон аз бархӯрди низомноку маҷмӯӣ низ истифода намуд, ки барои пайгирии таъсироти таърихӣ, сиёсӣ ва иқтисодии омилҳо ба раванди гузаришу табдили матбуоти

тоҷик мусоидат мекунад. Дар ин замина ҳамчунин метавон аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ истифода намуд, ки барои муайян кардани тафовутҳои байни амсилаҳои пешина ва муосири матбуоти даврии тоҷик кумак мекунад. Ҳамчунин метавон аз усули таснифот истифода кард, ки бидуни истифодаи он тавсифи сохтору таркиби матбуоти муосири тоҷик ғайриимкон аст.

Ҳамин тариқ, бо пешбурду ба роҳ мондани баррасӣ ва омӯзиши низомноку маҷмӯии ин раванд ва эҷоди амсилаи нави матбуот ва амалкарди он метавон ба натиҷаҳои чашмрас ноил гашт.

Дар ин маврид ҳаллу фасли чунин нуктаю ҳолатҳо муҳимманд: 1. Асосу заминаи қонунмандона, ки фаъолияти матбуоти даврии тоҷикро ба танзим медарорад ва аслан бо дарназардошти талаботу эҳтиёҷоти таъмин намудани амалкарди муассиру корагари матбуоти даврӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ба роҳ монда мешавад, ки гузариш ба он баъди ҳуддорӣ намудан аз иқтисоду хоҷагидории нақшавӣ зарурати воқеӣ шуда монда буд. 2. Равандҳои гузариш ва табдилшавӣ дар матбуоти тоҷик, мустақиман бо пошхӯрии низоми сотсиалистӣ ва оғози таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ алоқаманданд, дар доираи мустақилият ва давлати ягонаю бутун будани Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ гаштанд, солҳои 2000-ум идома ёфтанд ва аз ибтидои солҳои 1990-ум ба самти ташаккулии амсилаи тиҷоратии матбуот нигаронида шуданд. 3. Нашрияҳои калони хориҷӣ, ки бо забонҳои русӣ, форсии тоҷикӣ ва англисӣ пахш мешаванд, бештар аз пештар ба ташаккулу таҳаввули амсилаи нави тиҷоратии матбуоти тоҷик таъсиргузор гаштанд. Воридшавии консернҳои калони амрикоӣ ва британиёӣ ба фазои иттилоотӣ то дараҷаи муайян ба матбуоти тоҷик таъсир расонида, роҳи минбаъдаи рушди матбуоти тоҷикро муайян намуданд. 4. Сохтор ва таркиби матбуоти даврии тоҷик бо он муайян ва муқаррар мегардад, ки дар шароитҳои иқтисоди бозаргонӣ нашр намудани матбуоти рӯзномавӣ ва маҷаллавӣ яке аз навъҳои соҳибкорӣ гашта монд, ки барои ба даст даровардани даромад ва фоида нигаронида шудаанд. Биноан, вижагиҳои асосии он дар замони муосир инҳо мебошанд: - дар дараҷаи ҷамъиятӣ, коҳиш ёфтани теъдоди нашрияҳои ҳизбӣ; - вуҷуд доштани матбуоти даврии хусусӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ, зимнан хонандагони чунин навъи матбуот бештар гаштаанд; -маҳдудгардонии матбуоти ҷиддии маҷаллавӣ (ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ); дар дараҷаи минтақавӣ: - рушди матбуоти вилоятӣ, минтақавӣ ва шаҳрию ноҳиявӣ аз рӯйи усули шабакавӣ, яъне тамаркузи якчанд нашрияҳо дар ихтиёри як нашрия, якчанд рӯзномаҳои моҳиятан аз ҳамдигар дар тафовут бударо чоп мекунонад, ки аз ҷиҳати муҳтаво ва ба расмиятдарории графикӣ низ фарқ карда меистанд.

Ҳамин тариқ, пешбурди тадқиқоти мукаммал дар ин самт метавонад дар илми журналистикаи тоҷик арзишмандиҳои зиёди назариявию амалӣ дошта бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Акопов А.И. Методика типологического исследования периодических изданий / А.И. Акопов. - Иркутск: Изд-во Иркутского ун-та, 1985. - 96 с.
2. Бобраков-Тимошкин А. Словацкая культурная периодика: расцвет или упадок / А. Бобраков-Тимошкин // Неприкосновенный запас. Дебаты о политике и культуре: специализир. журн. - Москва, 2004. - № 4 (36). - С. 125-130.
3. Геруля М. Местная периодическая печать Польши 1990-х гг.: типология, современное состояние и перспективы развития / М. Геруля. - Ростов-на-Дону: РГУ, 2001. - 160 с.
4. Гринин Л.Е. О стадиях эволюции государства / Л.Е. Гринин. // История и современность: научно-теоретический журнал РАН. - Москва,
5. Гулмуродзода, П. Публицистика и время. – Д., 2002.
6. Западов А.В. Тип издания как научная проблема и практическое понятие / А. В.Западов, Е. В.Соколова // Вестник Московского университета. Сер. 11. Журналистика. - 1976. - № 2. - С. 49-59.
7. Ибрагимов А.Х.-Г. Типологическая и политико-экономическая трансформация СМИ стран Центральной и Восточной Европы / А.Х.-Г. Ибрагимов // Зарубежная журналистика: 2009. - Москва, 2010. - С. 92-108.
8. История мировой журналистики / А. Г. Беспалова [и др.]. - Ростов-на- Дону: Издательский центр «МарТ», 2004. - 432 с.
9. История южных и западных славян: [учебник для вузов по направлению и специальности «История»: В 2 т.]. / ред. Г. Ф. Матвеева, З. С. Ненашева. - Москва: Изд-во МГУ, 2001. - Т. 1. - 688 с.
10. Калинкин В.А. Германский медиакапитал на рынке СМИ Республики Болгарии / В.А. Калинкин // Медиаскоп: научный журнал Факультета журналистики МГУ имени М.В. Ломоносова. - Москва, 2005. - Вып. 1.
11. Корконосенко С.Г. Основы журналистики: учебник для вузов / С.Г. Корконосенко. - Москва: Аспект Пресс, 2001. - 287 с.
12. Муллоев Ш.Б. Программа курса «История таджикской журналистики» / Ш.Б. Муллоев. – Д., 2004.
13. Муродов, М. Печать и демократизация общества / М.Муродов // Шохроҳи вахдат - №1. - 2002.
14. Типология периодической печати: [учебное пособие для студентов высших учебных заведений, обучающихся по специальности 030601 «Журналистика»] / ред. М.В. Шкондин, Л. Л. Реснянская. - Москва: Аспект Пресс, 2007. - 236 с.
15. Типология периодической печати: проблемы и тенденции развития типологической структуры современной периодики: учеб. пособие / ред. Я.Н. Засурский. - Москва: МГУ, 1995. - 137 с.
16. Цыганков А.П. Современные политические режимы: структура, типология, динамика / А.П. Цыганкова. - М.: Интерпракс, 1995. – 211с.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАДҚИҚИ НАЗАРИЯВИИ ГУЗАРИШИ ВАО-И ВОБАСТА БА МУСТАҚИЛ

Мақола ба масъалаҳои назариявии пешбурди тадқиқоти мукаммал оид ба гузариши матбуоти тоҷик аз вобастагӣ ба озоду мустақил бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, парокандашавии ИҶШС ва блоки сотсиалистӣ ба пайдоиши якчанд давлатҳои мустақил оварда расонид. Яке аз онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки 9-уми сентбяри соли 1991 истиқлолият ба даст овард, аммо, мутаассифона, бо оғози ҷанги шаҳрвандӣ равандҳои зиёди таҳаввулотӣ ва аз ҷумла озоду мустақил гаштани матбуот ба мушкилоти зиёд дучор шуданд. Чуноне ки муҳаққиқ меафзояд, баррасиҳо нисбати матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд вижагиҳои матбуоти даврии ҳусусӣ ва тиҷоратиро ошкор менамояд. Масалан, матбуоти даврӣ ҷанбаи ҳизбии ҳудро аз даст дода, аз ҷамъиятию сиёсӣ ба матбуоти ҷомеӣ мубаддал гашт, ки вазифаи асосию заминавии он воқифгардонии ҷомеа оид ба ҳамаи намудҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ва инсонӣ гашта монд. Натиҷаааш он шуда монд, ки зимни татбиқи дар маҷмӯъ ягонаю ҳаммонанд барои тамоми нашрияҳои ҷомеӣ вазифаи ҳадафмандонаи рӯзномаҳо аз рӯйи воситаю тарзи пешкашу пешниҳод намудани иттилоот фарқ карда меистанд. Ҳамаи ин ба он оварда расонид, ки дар навбати ҳуд дар кишвар матбуоти сифатан нав ташаккул ёфт, зимнан дар ҳолати имрӯза барои хонандагон нисбатан шавқовартару хонданӣ матбуоти даврии ҳусусӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ гашта монд. Баъзе нашрияҳои даврӣ дорои замимаҳои мавзӯӣ низ гаштанд, ки онҳоро метавон ҳамроҳ бо рӯзномаҳо харидорӣ намуд ва маҳз онҳо рақиби асосию воқеии матбуоти маҷаллавӣ ва давлатӣ гаштанд. Андешаҳои ҳудро ҷамъбаст намуда, муаллиф таъйид мекунад, ки пешбурди тадқиқоти мукаммал дар ин самт метавонад дар илми журналистикаи тоҷик арзишмандиҳои зиёди назариявию амалӣ дошта бошад.

Калидвожаҳо: матбуот, мавзӯъ, масъала, гузариш, журналистика, рӯзнома, маҷалла, вазифа, таъйинот, ҳадаф, назария, амалия, ҷамъият, инсон.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ТЕОРЕТИЧЕСКОГО ИССЛЕДОВАНИЯ ТРАНСФОРМАЦИИ ЗАВИСИМЫХ СМИ К САМОСТОЯТЕЛЬНЫМ СМИ

Статья посвящена теоретическим вопросам проведения полноценного исследования трансформации таджикской прессы от зависимости к свободной и самостоятельной. По мнению автора, коллапс СССР и социалистического блока привел к нескольким самостоятельным государствам. Одним из них является Республика Таджикистан, которая приобрела независимость 9 сентября 1991 г., однако, к сожалению, с началом гражданской войны многие трансформационные процессы и в том числе превращение прессы в свободную и самостоятельную сталкивались с затруднениями. Как отмечает исследователь, рассмотрение периодической печати Республики Таджикистан выявило несколько специфических особенностей периодической частной и коммерческой печати. Например, периодическая печать, утратив свой партийный характер, превратилась из общественно-политической в универсальную печать, основной функцией которой является осведомление и информирование общества по всем видам общественной и человеческой деятельности. Результатом явилось то, что при реализации в целом для всех общественных изданий целенаправленные задачи газет по средствам представления информации отличаются. Все это привело к тому, что в свою очередь в стране появилась качественно новая печать, при этом к настоящему моменту для читателей более интересным стала частная и общественно-политическая периодическая печать. Некоторые периодические издания имеют тематические приложения, которые можно купить вместе с газетами, и именно они стали основным и реальным конкурентом журнальной и государственной печати. Обобщив свои рассуждения, автор констатирует, что проведение полноценного исследования в данном направлении может иметь теоретическое и практическое значение для таджикской журналистики.

Ключевые слова: печать, тема, проблема, трансформация, журналистика, газета, журнал, задача, определение, цель, теория, практика, общество, человек.

SOME QUESTIONS OF A THEORETICAL RESEARCH OF TRANSFORMATION OF DEPENDENT MEDIA TO INDEPENDENT MEDIA

Article is devoted to theoretical questions of carrying out a full-fledged research of transformation of the Tajik press from dependence to free and independent. According to the author, collapse of the USSR and the socialist block led to several independent states. One of them is the Republic of Tajikistan, gaining independence on September 9, 1991, however, unfortunately, from the beginning of civil war many transformational processes and including transformations of the press on free and independent faced difficulties. As the researcher notes, considerations in relation to periodicals of the Republic of Tajikistan were revealed by several specific features of the periodic private and commercial press. For example, periodicals, having lost the party character, turned from social and political to the universal press which main function is notification and informing society by all types of public and human work. The fact that at realization in general for all public editions of purposeful tasks of newspapers of means of submission of information differ was result. All this led to the fact that in turn in the country qualitatively new seal appeared, at the same time by the present moment for readers the private and social and political periodicals became more interesting. Some periodicals of steel has thematic appendices which it is possible to buy together with newspapers, and they became the main and real competitor of a journal and State Seal. Having generalized the reasoning's, the author notes that carrying out a full-fledged research in this direction, can has a set of theoretical and practical values for the Tajik journalism.

Key words: press, subject, problem, transformation, journalism, newspaper, magazine, task, definition, purpose, theory, practice, society, person.

Сведения об авторе: ***Абдуджаббори Сафарали*** - Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, ассистент кафедры начального обучения. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16.
E-mail: **alimi-62@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-13-01-54**

Information about the author: ***Abdujabbori Safarali*** - Kulob State University named after A.Rudaki, assistant to department of elementary education. **Address:** 735360, Republik of Tajikistan, Kulob, S.Safarov St., 16.
E-mail: **alimi-62@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-13-01-54**

УДК:070 (575.3) (1-87)

ТОҶИКИСТОН АЗ НИГОҲИ САҲИФАИ АНГЛИСИИ СОМОНАИ ОИ «АВЕСТА»

Мирзоева Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оҷонсии иттилоотию интернетии «Авеста» соли 1999 ба фаъолият оғоз кардааст. Онро Зафар Абдуллоев, муассиси Фонди дастгирии демократия «Кӯҳи нур» таъсис додааст. Чунончи, муҳаққиқ Ҷ. Муқим дар ин маврид қайд намудааст, «ОИ «Авеста» моҳи марти соли 2004 аз ҷониби Хазинаи «Кӯҳи Нур» (Зафар Абдуллоев) таъсис ёфта, аввалин расонаи онлайнӣ дар Тоҷикистон маҳсуб мешавад» [3, с.84]. Ахбор дар ин сомона асосан ба забонҳои русӣ ва англисӣ то соли 2011 ҷой дода мешуд. «Пас аз он ки аз 29 сентябри соли 2010 дастрасӣ ба сомонаи мазкур маҳдуд гашт, оҷонсӣ ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ шуд ва муассиси он Зафар Абдуллоев онро ба Ҷамшед Ӯлмасов дода аз журналистика канор рафт».[1, с. 14] Баъди чанд муддати аз журналистика дур шудан ҳоло ӯ дар бахши тоҷикии Радиои “Озодӣ” дар ш. Прага фаъолият мекунад. Феълан директори генералии оҷонсиро Ҷамшед Ӯлмасов ба уҳда дорад. Муассис ва ношир ширкати "Muhammad-Bilol" Ltd. буда, Бахтиёр Мӯсоев роҳбари бахши иттилоотии оҷонсӣ мебошад. Муҳаққиқ Сӯҳроби Мирзоалӣ қайд намудааст, ки новобаста ба тағйир ёфтани раҳбарият агентӣ ҳоло ҳам фаъолият дорад» [2] .

ОИ «Авеста» яке аз оҷонсиҳои иттилоотии ватание мебошад, ки пеш бо забони англисӣ хабар пахш мекард. Суроғаи интернетии сомона www.avesta.tj буда, саҳифаи англисии ин сомона 11-уми октябри соли 2007 ба фаъолият шурӯъ намудааст. Масъули хабарҳои англисии сомонаро Умеда Эмомова ба уҳда дошт. Рубрикаҳои саҳифа инҳоянд:

1. Rogun (Роғун);
2. Goverment (Ҳукумат);
3. Security (Амният);
4. Business (Тиҷорат);
5. Society (Иҷтимоъ);
6. Regions (Минтақа);
7. Afghanistan (Афғонистон);
8. Russia (Русия);
9. Show & sport (Намоиш ва варзиш);
10. Media (ВАО);
11. Telecom (Телекоммуникатсия).

Ҳар як гӯша вобаста ба самти фарогирии худ мавзӯъҳои гуногунро баррасӣ менамуд. Яке аз рубрикаҳое, ки мавзӯъҳои баҳсбарангез ва ҷолиб дошт, рубрикаи «Роғун» маҳсуб меёбад. Дар ин рубрика аслан мавзӯъҳо роҷеъ ба сохтмони неругоҳи барқи обии «Роғун» ва изҳороти Ӯзбекистон алайҳи сохтмони неругоҳи Роғун интишор ёфтаанд. Масалан, рӯзи 7-уми сентябри соли 2012 дар ин рубрика хабар бо сарлавҳаи «Sharp Statement of Islam Karimov on Rogun Project» (Изҳороти тунди Ислом Каримов зидди лоиҳаи сохтмони неругоҳи Роғун) нашр шудааст. Дар хабар зикр шудааст, ки Ислом Каримов дар конфронсе, ки дар шаҳри Остона доир гардида буд, дар нишасти матбуотӣ аз масъалаи Роғун ёд намуд. Каримов дар ин конфронс ба Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев аз зарурати озмоиши байналмилалии лоиҳаи сохтмони НБО-и Қамбар-Ота-1 дар Қирғизистон ва НБО-и Роғун дар Тоҷикистонро хотиррасон намуд. Каримов зикр кард, ки рӯдхонаҳои Амударёву Сирдарё бо об таъминанд ва, аз ин рӯ, коҳиши ҳаҷми ҷоришавии об дар ин рӯдхонаҳо ба вайроншавии қатъии тавозуни нозуки экологӣ дар минтақа боис мегардад. Дар ҳамин ҳол Н. Назарбоев умед дошт, ки ин масъаларо метавон ҳамроҳ ҳал намуд, зеро масъалаи мазкур манфиати ҳамаи давлатҳои Осиёи Миёна маҳсуб меёбад. Тавре Нурсултон Назарбоев зикр намудааст, «ин масъала боз ҳам бештар мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт, вале мо паёми бародарона ба ҳамсоягонамон ва бародаронамон, ки дар поёноб ҳаёт ба сар мебаранд, аз ҷумла ба Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон, ки бештар эҳсоси камбуди об мекунанд, ирсол мекунем» [4]. Ин хабарро дар муддати як моҳ 9623 нафар мутолиа намудааст, ки метавон онро яке аз пурхонандатарин хабар ном бурд.

Матлаби дигари ин рубрика дар жанри мақола бо сарлавҳаи «Rogun built with neighbors, or without, - Struan Stevenson» (Струан Стивенсон: Сохтмони НОБ-и Роғун бо ҳамсоякишвар ва ё бидуни он) мебошад. Муаллиф дар он аз сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун пуштибонӣ карда, дар навиштаи худ собит намудааст, ки сохтмони НБО-и Роғун барои мардуми тоҷик хеле муҳим буда, бунёди он бар зарари ягон аз давлатҳои ҳамсоя анҷом намеёбад. Стивенсон қайд намудааст, ки бо анҷоми соли 2011 диққати

васоити ахбори умум дар атрофи сарбанди Роғун зиёд гардида истодааст. Ин, пеш аз ҳама, ба он далолат мекунад, ки Бонки ҷаҳонӣ дар аввали соли 2012 ният дорад натиҷаи бехатарии ин сарбандро тадқиқ намояд. Ин гузориш ҷанбаҳои иқтисодию иҷтимоии марбут ба муҳити лоиҳаро, ки минтақа, бавижа Ӯзбекистон бо он алоқамандии зиёд дорад, муайян менамояд. Чунонки С. Стивенсон зикр намудааст, ӯзбекҳо мухолифи сохтани сарбанди НБО-и Роғун мебошанд. Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов аз он изҳори нигаронӣ намудааст, ин сарбанд дар оянда бар зарари Ӯзбекистон буда, он ба норасоии таъмини об дар соҳаи кишоварзӣ меорад. Аммо С. Стивенсон сохтмони НБО-и Роғунро ҷонибдорӣ намуда, гуфтааст: “Ман шахсан аз неругоҳи Роғун ва ҳамсояи он сарбанди Норак дидан намудам. Ман чунин меҳисобам, ки ҳарду лоиҳа бехатаранд ва барои минтақа хеле заруранд. Чунонки ман пештар ҳам гуфта будам, хурсандам, ки ҳалли ниҳоии бунёди Роғун ба таҳлилгарони Бонки ҷаҳонист, вале бозингарони минтақавӣ ва байналмилалӣ бояд иқрор шаванд, ки бо ҳамсоягон ва ё бе ҳамсоягон Роғун ва дигар сарбандҳо сохта мешаванд ва эҳтимол дорад, онҳо сохта хоҳанд шуд» [5].

Муаллиф дар мақолаи хеш илман собит намудааст, ки масъалаҳои марбут ба об сарчашмаи низои шадид дар муносибатҳои давлатҳои болооб ва поёноби Осиёи Марказӣ гаштаанд. Дар ин замина бунёди обанбори Роғун дар болои дарёи Вахш дар меҳвари ихтилоф қарор гирифтааст. Иқтидори тавлиди қувваи барқ дар неругоҳи баркии обии Роғун баъди пурра ба истифода додани он 3600 МВт-ро ташкил хоҳад кард. Дар охир С. Стивенсон ёдовар шудааст, ки бо анҷом ёфтани сохтмони сарбанди НБО дар Тоҷикистон бо боварии комил метавон гуфт, ки мардуми тоҷик на танҳо 100 дар сад бо неруи барқ таъмин мегардад, балки Тоҷикистон метавонад, барқро ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Хитой, Афғонистон, Покистон, Эрон, шояд ҳатто Ҳиндустон ва ба Ӯзбекистон содир намояд.

Ёдовар бояд шуд, ки *Струан Стивенсон (Struan Stevenson) вакили Парлумони Аврупо, намояндаи шахсии раиси вакти САҲА (Қазоқистон) оид ба масъалаҳои экология ва муҳити зист дар Осиёи Марказӣ, узви гурӯҳи консервативӣ дар Парлумони Аврупо. Президенти гурӯҳи байнипарлумонии Парлумони Аврупо оид ба тағйирёбии иқлим, гуногуннавъии биологӣ ва рушди устувор мебошад.* Ин мақола дар саҳифаи пурхонандатаринҳои сомона дохил гардида, дар як моҳ онро 8583 нафар мутолиа намудааст. Баъди чанде тамоми расонаҳои хабарии дохилӣ онро интишор ва тарҷума намудаанд.

Хабари дигари ин рубрика бо сарлавҳаи “If we do not build Roghun, we may lose the Nurek – "Barki Tojik" (Барқи Тоҷик: Агар мо Роғунро насозем, Норакро аз даст медихем) [6] мебошад, ки санаи 1-уми ноябри соли 2011 соати 11: 27 дар сомона гузошта шудааст. Тавре мутахассисони “Барқи Тоҷик» иттилоъ додаанд, агар дар давоми 15-20 сол НОБ-и Роғун сохта нашавад, таҳшиншавии пурра дар обанбори Норак ба амал меояд. Чунонки дар хабар зикр гардидааст, як намояндаи ширкати “Барқи Тоҷик” гуфтааст, ки “баландии сатҳи обанбори Норак 300 метр аст. Вале сатҳи муфиди истифодаи об барои тавлиди неруи барқ танҳо 53 метрро ташкил медиҳад. Коршиносон аз раванди обрезии обанбори Норак дар дарёи Вахш нигарон мебошанд.

Чунонки мегӯянд, сарлавҳа худ нисфи мақола аст. Сарлавҳаи хубу хоно диққати хонандаро ҷалб мекунад. Ба ҳамин хотир, онро дар як моҳ 7635 нафар мутолиа кардааст.

Бахши дигари ин саҳифа «Goverment» (Ҳукумат) мебошад. Дар ин бахш бештар матлабҳое, ки ба Ҳукумат дахл доранд, дарҷ гаштаанд. Масалан, санаи 17-уми марти соли 2013 соати 09:47 матлабе дар гӯшаи «Goverment» (Ҳукумат) бо номи « Medical College Student Arrested with 60 kg of Drugs in Southern Tajikistan» (Донишҷӯи коллеҷи тиббиро бо 60- кг маводи мухаддир аз қисмати ҷанубӣ Тоҷикистон дастгир карданд), интишор шудааст, ки дар жанри хабари кӯтоҳ рӯйи саҳифа омадааст. Дар хабар сухан дар бораи донишҷӯе меравад, ки 20 сол дораду дар курси якуми Коллеҷи тибии шаҳри Кӯлоб таҳсил мекардааст ва ӯро ҳангоми баргузории чораҳои оперативию ҷустуҷӯйӣ кормандони ШВКД дар ноҳияи Шӯрообод бо 60 кило маводи сахттаъсири навъи ҳероин дастгир намудаанд. Оҷонсии мазкур ин хабарро аз сомонаи расмии Вазорати корҳои дохилӣ гирифтааст. Дар охири хабар сарчашмаи иттилоъ зикр ёфтааст. Дар хабар барои халал ворид накардан ба рафти тафтишот ному насаби гумонбаршуда зикр нагардидааст.

Мавриди ба зикр аст, ки ин хабар дар ду бахш, бахши «Goverment» (Ҳукумат) ва ҳам “Security» (Амният) чоп шудааст.

Хабари дигар дар бахши мазкур бо сарлавҳаи «Karimov Promises to Remove Problems Related to Tajikistan without Mediators» (Каримов ваъда дод, ки мушкилоти Тоҷикистонро бе миёнаравҳо ҳал хоҳад кард) [5] дар ин сомона гузошта шудааст. Тавре дар хабар гуфта мешавад, Ислом Каримов ваъда додааст, ки мухолифатро дар муносибатҳои байни давлатҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон ва Қирғизистон бартараф хоҳад намуд. Ӯ аз ҷумла гуфтааст, ки ин танҳо мушкили мост. Ҳарчанд қуввахое ҳастанд, ки омодаанд, моро бо

ҳам ҷанг андозанд. Онҳо маслиҳат медиҳанд, ки дар муносибати ҳамдигар иғво ангезанд. Чунин машваратдиҳандаҳо дар мо зиёданд:

«Дар Осиёи Миёна 5 давлати бузургест, ки мо мустақилияти онҳоро ба мисли худамон эҳтиром мекунем. Агар мо дини худ Ислом ва арзишҳоро ёдовар шавем, мо ҳеҷ гоҳ ҷудо буда наметавонем. Вале баъзан қуввахои берунае ҳастанд, ки байни мо низоъ ангехта, аз як самт моро назора мекунанд. Инҳо ҳамон миёнаравҳое ҳастанд, ки дар сиёсат мақсадҳои махсуси худро доранд. Ман бояд ошкоро эълон намоям, ки дар ин минтақа бояд сулҳ ва эҳтироми самимӣ арзи вуҷуд дошта бошад. Мо ӯзбекҳо, тоҷикон, қирғизҳо, туркманҳо ва қазоқҳо дар ин сарзамин бо салоҳият садсолаҳо зистаем ва имрӯз касе наметавонад моро аз ҳам ҷудо созад», – изҳор доштааст дар суҳбат Ислом Каримов.

Ин хабар аз баромади сарвари давлати Ӯзбекистон Ислом Каримов, ки 18-уми январи соли 2013 дар шаҳри Тошканди Ӯзбекистон доир гардида буд, таҳия шудааст. Бояд зикр намуд, ки сарлавҳаи хабар ба таври ҳангомавӣ гузошта шудааст ва он бо матн мувофиқат намекунад. Хабари мазкур санаи 21-уми январи соли 2013 дар сомона гузошта шудааст. Мавод дар давоми як ҳафта ба саҳифаи «Пурхонандатаринҳо» дохил гардидааст.

Чунонки дар боло зикр намудем, бахши «Security» (Амният) низ яке аз бахшҳои фаъоли саҳифаи англисии ин сомона маҳсуб меёфт. Масалан, санаи 24-уми январи соли 2013 маводе дар жанри хабар бо сарлавҳаи «Tajikistan and Ukraine Ready to Cooperate in Fight against Drugs» (Тоҷикистону Украина барои ҳамкорӣ бар зидди маводи мухаддир омодаанд) [7], чоп шудааст. Хабари мазкур аз нишасти матбуотие, ки дар дафтари Агентии мубориза зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар доир гардида буд, таҳия шудааст. Ин хабар аз вохӯрии сафири Украина дар Тоҷикистон Виктор Никитюк, ки бо директори вақти Агентии мубориза зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовари Тоҷикистон Рустам Назаров доир гардида буд, иттилоъ медиҳад. Виктор Никитюк қайд намудааст, ки Ҳукумати Украина барои ғайриқонунӣ интиқол додани маводи мухаддир дар минтақаҳо, хусусан дар Тоҷикистон чорахои зарурӣ дида истодааст. Дар ҷараёни мулоқот директори агентӣ сафирро бо вазъи мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Тоҷикистон, Афғонистон ва, умуман, минтақаи Осиёи Марказӣ, чораву тадбирҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти назорати маводи мухаддир меандешад, шинос намудааст. Дар поёни мулоқот ҷонибҳо ба таҳкими ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир изҳори умед карданд,– қайд намудааст оҷонсӣ.

Дар ин бахш ҳамчунин бо сарлавҳаи «Tajik Citizenwith 13 Kg of Heroin Detained in Moscow» (Шаҳрванди тоҷик бо 13 кило маводи мухаддир дар Маскав боздошт гардид) [8], хабари кӯтоҳе чоп шудааст. Хабари мазкур рӯзи 7-уми январи соли 2013 дар сомона гузошта шудааст. Дар хабар гуфта мешавад, ки «наздик ба 13 кило маводи ҳероинро пулисҳои Маскав аз шаҳрванди Тоҷикистон дарёфт ва мусодира намуданд. Тибқи иттилои ВАО-и Русия қочоқгарро аз истгоҳи роҳи оҳани «Москва –Товарная Павелецкая» дастгир намудаанд. Тавре гуфта мешавад, тақрибан 12 килову 950 грамм хокаи хушк аз ҷузъдони варзишии боздоштшудаи 27-сола, ки шаҳрванди Тоҷикистон дониста шудааст, дарёфт гардид. Баъд аз ташхис муайян гардид, ки маводи дарёфтшуда навъи ҳероин маҳсуб меёбад, – иттилоъ додааст Интерфакс. Дар ҳамин ҳол парвандаи ҷиноӣ оғоз гардида, тафтишот идома дорад». Бояд гуфт, ки хабари мазкур дар се бахш: Ҳукумат (Goverment), Амният (Security) ва Ҷамъият (Society) гузошта шудааст.

Метавон зикр кард, ки матлабҳои ин бахш қариб ҳама криминалӣ буда, мавзӯъҳои террористиву экстремистӣ, куштору ғоратгарӣ, дуздиву авбошӣ, интиқоли маводи мухаддирро дар бар мегирад. Аз 3-юми январ то 25-уми январи соли 2015 ҳамагӣ 20 матлаб дар ин самт чоп шудааст, ки фикр мекунем, ин чиз дар шуури хонанда бетаъсир нахоҳад монд.

Таҳқиқ нишон дод, ки охирон хабари саҳифаи англисии сомонаи «Avesta.tj» санаи 16 октябри соли 2015 нашр шуда, баъди ин дигар мавод ба назар намерасад. Яъне, баъд аз ин саҳифаи англисии сомонаи «Avesta.tj» барҳам хӯрда, танҳо саҳифаи русии он фаъолият дорад. Вақте ки мо аз хабарнигори оҷонсии «Авеста» Абдураҳмон Раҳмонов сабаби барҳам хӯрдани саҳифаи англисиро пурсон шудем, ӯ сабаби онро дар мушкилоти молӣ арзёбӣ намуд.

Аз таҳлилҳо метавон хулоса намуд, ки саҳифаи англисии Оҷонсии «Авеста» (Avesta.tj) дар муддати 8 соли фаъолияташ тавонистааст аудиторияи доимии худро ташкил намуда, талаботи онҳоро бо маводи иттилоотӣ таъмин намояд.

Вале бо вуҷуди ин дар пешниҳоди мавод якчанд камбудиҳо чашмрасанд. Аз ҷумла:

1. Бештари маводҳои сомона хусусияти ҳангомавӣ дошта, матолиби худӣ бо имзои муаллифӣ ниҳоят кам ба назар мерасад;

2. Мавзӯъҳои қатлу куштор, даҳшатафканӣ, дуздиву ғоратгарӣ назар ба маводҳои дигар бештар ба назар мерасанд, ки нашр намудани ин гуна мавод ба шуури хонанда таъсири манфӣ мерасонад.

Дар баробари ин метавон қайд намуд, ки сомонаи «Avesta.tj» ягона сомонаи англисӣ буд, ки бахши ҷудогонаи «Rogun» (Роғун) дошт ва дар саҳифаҳои он матлабҳои хубу ҷолиб на танҳо дар жанри хабар, балки дар жанри мақолаву гузориш ва мусоҳиба низ омода мешуд.

Қобили зикр аст, ки матлабҳои англисии сомонаи мазкур дар радифи саҳифаҳои англисзабони сомонаи ОИ «Азия-Плюс» ва ОИ АМИТ «Ховар» интишор гардида, фазои иттилотии ҷумҳуриро пурра мегардонданд, ҳамчунин дар тарғиби дастовардҳои соҳаҳои мухталифи ҷумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ саҳм мегузоштанд. Аммо, чи тавре ки қайд кардем, саҳифаи англисии ин сомона бо сабабҳои молиявӣ баста шуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирзоалӣ, С. Мавқеи агентиҳои хабарӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистон [Матн] / С. Мирзоалӣ // Журналистикаи байналхалқӣ. - III. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 2011. - С. 14.
2. Мирзоалӣ, С. Таърихи агентиҳои иттилоотии Тоҷикистон [Матн] / С. Мирзоалӣ // Журналистикаи байналхалқӣ - VII. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 2015. - С.
3. Муқим Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он [Матн]/ Ҷ.Муқим // Журналистикаи байналхалқӣ - VI. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 2014. - С. 84.
4. [Захираи электронӣ] «Sharp Statement of Islam Karimov on Rogun Project»http://www.avesta.tj/eng/rogun/2900-sharp-statement-of-islam-karimov-on-rogun-project.html [санаи истифодабарӣ 7. 09. 2012].
5. [Захираи электронӣ] «Rogun built with neighbors, or without, - Struan Stevenson» http://www.avesta.ti/eng/rogun/887-rogun-built-with-neighbors-or-without-struan-stevenson.html [санаи истифодабарӣ 26. 10. 2011].
6. [Захираи электронӣ] “If we do not build Roghun, we may lose the Nurek – "Barki Tojik" http://www.avesta.ti/eng/rogun/950-if-we-do-not-build-roghun-we-may-lose-the-nurek-barki-tojik.html [санаи истифодабарӣ 02. 11. 2011].
7. [Захираи электронӣ] «Tajikistan and Ukraine Ready to Cooperate in Fight against Drugshttp: //www.avesta.tj/eng/goverment/3502-tajikistan-and-ukraine-ready-to-cooperate-in-fight-against-drugs.html [санаи истифодабарӣ 26. 01. 2014].
8. [Захираи электронӣ] «Tajik Citizenwith 13 Kg of Heroin Detained in Moscow»http://www.avesta.ti/eng/goverment/3384-tajik-citizen-with-13-kg-of-heroin-detained-in-moscow.html [санаи истифодабарӣ 8. 01. 2013].

ТОҶИКИСТОН АЗ НИГОҲИ САҲИФАИ АНГЛИСИИ СОМОНАИ ОИ «АВЕСТА»

Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд намудааст, ки Оҷонсии итттилооти “Авеста” аз зумраи хабаргузориҳои хусусии ватании Тоҷикистон буда, бо забони англисӣ иттилоъ паҳн менамуд. Муаллиф дар мақолаи хеш аз таърихи пайдоиш, ташаккул ва чӣ гуна муаррифӣ шудани Тоҷикистонро дар саҳифаи англисии сомонаи ОИ “Авеста” пажӯҳиш намудааст. Ҳамчунин, муаллифи мақола ёдовар шудааст, ки “Авеста” ягона агентии иттилоотие дониста мешавад, ки дар ҳуд саҳифаи англисии сомонаи он рубрикаи алоҳидаи “Rogun” (Роғун) дошт. Дар ин замн, муаллиф қайд намудааст, дар саҳифаи англисии сомонаи ин агентӣ ба масъалаи бунёди нерӯгоҳи барқии обии Роғун таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, нақши ин нерӯгоҳ дар ҳаёти ҷумҳурӣ ва минтақа муҳим арзёбӣ карда шудааст. Акидаи коршиносону мутахассисони сатҳи байналмилалӣ дар мавриди аҳаммияти нерӯгоҳи Роғун дарҷ гардидааст. Инчунин, муаллиф бахшҳои сомонаро муайян намуда, он маводҳоеро, ки дар ин рубрика нашр гардидаанд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ҳамзамон, муаллиф дар мақолаи ҳуд дар баробари комёбиҳо камбудиҳои саҳифаи англисии Оҷонсии иттилоотии «Авеста»-ро номбар кардааст. Пажӯҳиши саҳифаҳои англисии оҷонсиҳои иттилоотии Тоҷикистон мавзӯи нав буда, то ҳол касе ба таҳқиқи он даст назадааст. Мақолаи мазкур аҳаммияти илмӣ дошта, чопи он барои пажӯҳиши минбаъдаи матбуоти англисзабони Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: «Avesta.tj» (Авеста), журналистика, НБО-и “Роғун”, Норак, “Кӯҳи нор”, Струан Стивенсон, бахш, хабар, Осиёи Марказӣ, Ӯзбекистон, Ислом Каримов, Интернет, Тоҷикистон, иттилоот, сомонаи англисӣ.

ТАДЖИКИСТАН С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АНГЛОЯЗЫЧНОЙ СТРАНИЦЫ САЙТА ИА “АВЕСТА”

Данная статья « Таджикистан с точки зрения страница англоязычного сайта “Авеста”, как отметил автор, вещательное агентство является частью отечественной информационной службы новостей в Таджикистане и широко доступно на английском языке. Целью и задачей агентства является предоставление мгновенной информации и сведений людям из Таджикистана. Автор рассмотрел историю возникновения и формирования сайта "Авеста", в том числе, как на нем представлен Таджикистан. Также автор статьи отметил, что сайт "Авеста" является единственным вещательным агентством, английская страница которого имеет отдельный заголовок про “Рогун” (Rogun). Соответственно, автор отмечает, что английская рубрика "Авеста» уделяла особое внимание вопросу строительства Рогунской гидроэлектростанции, так как роль этого сооружения эпохи считалась решающей в стране и регионе. Также автор определил рубрики сайта и изучил материал, опубликованный в данной статье. В то же время автор в своей статье вместе со своими успехами упомянул слабые места английской страницы сайта «Авесты». Английские страницы информационных агентств Таджикистана являются новыми, и до сих пор никто не исследовал их. Данная статья имеет научное значение, ее публикация способствует дальнейшему изучению англоязычной прессы в Таджикистане.

Ключевые слова: «Avesta.tj» (Авеста), журналистика, ГЭС “Рогун”, Нурек, “Кухи нор”, Струан Стивенсон, новости, Узбекистан, Ислам Каримов, интернет, Таджикистан, информация, Центральная Азия, сайт на английском языке.

TAJIKISTAN FROM THE POINT OF VIEW OF ENGLISH PAGE OF IA "AVESTA” WEBSITE»

The article «Tajikistan from the point of view of English page of "Avesta” website» as noted by the author, the Broadcasting Agency has been a part of the domestic informational news service in Tajikistan and is widely available in English. The author examined the history of origin and formation of "Avesta" Website and how Tajikistan is presented in it. The aim of the agency is to provide instant information and inform tajik people with current invents in Tajikistan. Also, the author of the article, noted that "Avesta" Website is the only Broadcasting Agency that the English page of which possesses a separate headline on “Rogun” (Roun). Accordingly, the author notes that the English "Avesta» paid a special attention to the issue of building a hydroelectric power plant of Rogun, as the role of this construction of the age was considered crucial in the country and the region. Also, the author identified the sites of the website and studied the material published in this article. At the same time, author in her article along with his successes, mentioned the weaknesses of English page of "Avesta” website. The English pages of Tajikistan's information agencies are new, and so far no-one has ever researched it. The present article has a scientific significance, the publication of which supports for further study of the English-language press in Tajikistan.

Key words: « Avesta.tj», journalism, (Hydropower Station) HPS -«Rogun», Norak, «Kuhi nor», Struan Stevenson, Headline, news, Central Asia, Uzbekistan, Islom Karimov, internet, information, Tajikistan, English-language sites.

Сведения об авторе: ***Мирзоева Фарзона Мирзоевна*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **Farzonabonu1988@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-548-00-88**

Information about the author: ***Mirzoeva Farzona Mirzoevna*** - Tajik National University, the graduate student of chair of international journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 1.
E-mail: **Farzonabonu1988@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-548-00-88**

УДК: 070 (09) (575.3)

ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ

Қутбиддинов А.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуоти маҳаллиро гаҳвораи матбуоти миллӣ барои тамоми кишварҳо номидан мумкин аст. Эътироф шудани матбуоти маҳаллӣ ба сифати як мактаби бузурги ташаккули журналистика бесабаб нест. Ин ҳукмҳо неруманд будани ин навъи матбуотро дар гузашта бештар нишон медиҳанд. Чунин як бардоште ба вуҷуд меояд, ки дар ҳақиқат ба вуҷуд омадани як рӯзномаи миллӣ дар қадамҳои аввал аз доираи шаҳр, ноҳия ва ё музофоти муайян сурат мегирад. Маълум аст, ки дар аввалин рӯзҳои фаъолият ин рӯзнома, нуфузи баланд, тиражи бузург, хонандаи бисёр ва умуман маҳбубияти шоиста надорад. Бигзор ин нашрия дар марказҳои бузург таъсис ёфта бошад. Танҳо мурури вақт ва раванди ташаккул боис мешавад, ки ин нашрия марзҳову сарҳадҳоро убур намояд. Боз ҳам он ақида ба миён меояд, ки ба таври дақиқ пайдоиши аввалин рӯзномаи маҳаллиро дар ҷаҳон муайян кардан нисбатан душвор аст. Ин андешаро ба он ваҷҳ мегӯем, ки таърихи аввалин рӯзномаи чопии ҷаҳон, аввалин рӯзномаи мусаввари ҷаҳон, аввалин маҷалла дар ҷаҳон, аввалин оҷонсӣ дар ҷаҳон ва амсоли он дар доираи факту рақамҳо нисбатан маълуму мушаххас мебошанд. Дар бораи таъсиси аввалин нашрияи маҳаллӣ дар ҷаҳон маълумоте вуҷуд надорад ва мантиқан низ вуҷуд дошта наметавонад. Тавре дар боло ишора гардид, чандон иштибоҳ намешавад, агар гӯем, ки таъсиси аввалин рӯзномаҳои чопӣ дар манотиқи гуногуни ҷаҳон аз таъсиси рӯзномаҳои маҳаллӣ оғоз мешавад. Зеро дар Фаронса, Британияи Кабир, Олмон, Италия барин кишварҳое, ки асосгузорони матбуоти чопӣ мебошанд, ташкили матбуот дар шаҳрҳои хурди камаҳолӣ шурӯъ гаштааст. Ин шаҳрҳову ноҳияҳои алоҳида (Майнтси, Страсбург, Венетсия, Леон, Бостон ва ғ.) пойтахти кишварҳо ба шумор намерафтанд. Чун имрӯз пешрафтаву инкишофёфта набуданд. Дар баробари ин, шаҳрҳои бузург низ дар қиёс бо ҳолати имрӯза аҳолии чандон бузург надоштанд: **«Дар соли 1824 дар Париж, ки 600 ҳазор аҳолӣ дошт, 12 газетаи ҳаррӯза нашр мешуд»** [6, с. 84]. Аз ин бармеояд, ки матбуот дар зинаҳои аввалини инкишофи худ, хусусияти маҳаллӣ дошт. Аз сатҳи рӯзномаи маҳаллӣ дар як нуқтаи муайян нашрия хусусияти марказиву милливу давлатӣ пайдо мекард. Бо тараққиёти рӯзафзун ва зиёд гаштани аҳоливу домани фарох пайдо кардани матбуот зарурати таъсиси матбуоти доираи хурд, ё зинаи поёнӣ ба миён меояд. Дар кишварҳои Аврупо амсоли Олмону Англия матбуоти маҳаллии нисбатан мушаххас ҳанӯз дар асри XVIII ба вуҷуд омада, бо матбуоти сартосарӣ як навъ рақобат ҳам дошт. Ба таври мисол матбуоти Олмон аз оғоз то имрӯз **«хусусияти хосси минтақавии худро нигоҳ медорад»** [6, с.51] ва феълан фоизи бузурги матбуоти кишварро маҳз ин навъи матбуот ташкил медиҳад.

Қиёсҳо нишон медиҳанд, ки дар фазои иттилоотии собиқ шӯравӣ ва имрӯза ИДМ дар Русия таърихи матбуоти маҳаллӣ нисбатан қадимитар мебошад. Матбуоти маҳаллии аксар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳод ба Инқилоби Октябр ва ҷараёни минбаъдаи бунёди давлати сотсиалистӣ робита дорад. Аммо дар Русия Инқилоби Октябр ва сохти нави сотсиалистӣ ба ин навъи матбуот чун ба як матбуоти маъмулии собиқадор муносибат менамуд. Тафовут танҳо он аст, ки матбуоти хусусии маҳаллӣ барҳам зада шуд ва вазифаҳову сатҳи инъикос ба пуррагӣ тағйир ёфт. Муҳаққиқ Т.С.Родионова нисбати таърихи аввалин рӯзномаҳои маҳаллии Русия чунин нуқтаи назар дорад: «…**нимаи дуюми солҳои 1860 оғози инкишофи ахбори хусусияти маҳаллидошта ва рӯзномаҳои шаҳрӣ ба ҳисоб меравад»** [9, с.340-351]. Русия то ин замон чандин воқеоти бузурги сиёсиву иҷтимоиро паси сар карда буд. Масъалаҳои маорифу маънавиёти ҷомеа сатҳан дигар мегашт ва барои омма китобу маҳсулоти чопӣ арзиши баланд пайдо менамуд. Равандҳо ва ҷараёнҳои хос матбуотро ҳамчун силоҳи идеологӣ истифода мебурдагӣ шуданд. Омилҳои тавлиду пайдоиши матбуоти маҳаллӣ низ нишон дода мешаванд: «**Раванди таъсису пайдоиши матбуоти маҳаллӣ дар партави таваҷҷуҳу манфиатҳои хонанда нисбат ба ахбори маҳаллӣ пайдо мегашт. То замони пайдоиши матбуоти хусусӣ ин вазифаро нашрияи расмии «Губернские ведомости» дар солҳо 1860-1868 ба иҷро мерасонид**» [9, с.340-351].

Маълум мешавад, ки матбуоти маҳаллӣ дар кишвари Русия бо ҳадафи тиҷоративу сиёсии маҳдуд дар доираи шаҳру ноҳияҳо падид омадааст. Дар аввал вазифаҳои матбуоти маҳаллӣ дар нашрияҳои нисбатан фарроҳдоира шакл пайдо намудааст. Кормандони нашрияҳо ҳанӯз дар он даврaҳо медонистанд, ки барои аудиторияи маҳаллӣ нахуст ахбори маҳалли зисти онҳо аҳаммияту арзиш дорад. Муҳити маҳал ба мавҷудияти нашрияҳои хос ниёзманд буд, ки баъдтар доманаи фаъолияту паҳншавии худро вусъат мебахшид. Ноширону тоҷирони алоҳида мехостанд, дар ин фазо манфиатҳои худро ҳимоя намоянд. Дар ин маврид асосгузорони матбуоти маҳаллии рус низ зикр карда мешаванд: «**Нақш ва мусоидати А.С.Гатситский дар таъсису тавлиди матбуоти маҳаллии Россия бузург аст. Ӯ муҳаррири «Губернские ведемости» буд ва чунин мепиндошт, ки таваҷҷуҳи хонандаи маълумро ахбори хусусияти маҳаллидошта зуд ҷалб менамояд**» [9, с.340-351]. Албатта, таъйиноти рӯзномаи маҳаллии онрӯза хусусияти амиқи идеологӣ ва сиёсӣ надошт. Ҳарчанд дар саҳифаҳои онҳо маводи сиёсӣ ба табъ мерасида бошад ҳам, аммо ҳадафҳои тиҷоративу молиявӣ дар таъсиси онҳо нақши аввалтар доштанд. Сарфи назар аз ин, ҳадафмандонаву ғайриихтиёр рӯҳияи иҷтимоии нашрияҳо таваҷҷуҳи аҳли ҷомеаро нисбати матбуот бедор менамуд: **“Думаҳои шаҳрӣ бо баррасӣ кардани проблемаҳои маҳаллӣ таваҷҷуҳи одамонро ҷалб намудан мехостанд ва бо ин роҳ обрӯву эътибори худро баланд мебардоштанд. Дар ин роҳ онҳо бештар нашрияҳои хусусиро таъсис медоданд, ки хусусияти маҳаллӣ доштанд”** [9, с.340-351]. Аз ин ҷо бармеояд, ки муҳиту хосияти маҳал дар ташаккулу таҳаввули ҷузъиёти иҷтимоӣ бузург аст. Ин ҷузъиёт аз ташаккули як шахсият то ба маҷро табдил ёфтани як ҷараёнро дар бар гирифта метавонад. Матбуот дар маҳал яке аз он ҷузъиёт аст, ки дар фосилаи маълуми вақт доманаи васеъро пайдо менамояд. А. Гатситский дар матбуоти Русия саҳифаи навро боз кардааст ва минбаъд дар пайравӣ ба ӯ матбуоти боз ҳам мушаххастари маҳаллӣ ба майдон меомад. Ӯ фаъолияти нашрияҳои худро дар доираи шаҳру ноҳияҳо ба роҳ мегузошт: «**Дар нимаи дуюми солхои 1860 Н.П. Мелгунов нашрияи «Нижегородский ярмарочный справочный листок»-ро таъсис медиҳад, ки онро аз аввалин намунаҳои матбуоти маҳаллии рус номидан мумкин аст**» [9, с.340-351]. Тавре назарияҳои гуногун нишон медиҳанд, матбуоти маҳаллӣ дар Россия дар асоси тай кардани марҳалаҳои хос ба вуҷуд омадааст ва онро наметавон ҳамқадаму ҳамзамони матбуоти классикии аввалини кишвархову давлатҳо донист: **«Аввалин рӯзномаҳои русӣ соли 1701-1702 пайдо шудааст. Аммо матбуоти маҳаллии аввалин тақрибан 150 сол баъд ба миён омадааст. Ин раванд ҳам ба он иртибот дорад, ки шаклгирии табақаи шаҳриён дар Империяи Россия анҷом ёфт ва дар соли 1850-1860 раванди хосси демократӣ оғоз гардид»** [9, с.340-351]. Дар ташаккулу таҳаввули ин навъи матбуот дар Россия баъдтар сохти нави иҷтимоиву давлатӣ нақш дошт. Махсусан, Инқилоби Октябр ва сохти сотсиалистӣ дар ин раванд нақши муассир мегузошт. Дар баробари матбуоти ба истилоҳ сартосарӣ **«…инкишофи матбуоти маҳаллии болшевикӣ»** [7, с.109] дар оғози даҳсолаҳои аввали асри гузашта суръати баланд дошт ва он чун як монеа **«дар муқобили матбуоти аксулинқилобӣ ва опуртунистӣ»** [7, с.109] қарор мегирифт.

Истилоҳ ва таъбири «мухбири коргару деҳқон» чун як сиёсати хосси мақсаднок муҷиб ва заминаи асосии пайдоиши матбуоти маҳаллӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Аз ҳамин ҷиҳат, мафҳумҳову таъбирҳои нав ба монанди «газетаи колхозӣ» ва «газетаи фабрикаву завод» пайдо гашт. Дар ин раванди таҳаввул ҳатто шумораи хонандагони ин

нашрияҳо мушаххас буд. Паҳлуи дигар он аст, ки баъзе аз ин нашрияҳо бо масъалагузориву баррасии маводи худ дар кӯтоҳтарин фурсат шуҳрат пайдо мекарданд ва дар миқёси музофоту берун аз он хонанда пайдо менамуданд. Номи онҳоро ҳамчун намунаи ибрату омӯзиш дар доираҳои баланди ҳукумат зикр мекарданд. Онҳо баъзан вокунишҳоеро ба миён меовардаанд, ки аҳаммияти милливу давлатӣ доштанд. Рӯзномаҳои нисбатан бонуфуз дар таъсису ташаккули матбуоти маҳдуддоираи колхозӣ нақш мегузоштанд: **«Дар Русия бо шарофати «Крестянская газета» дар як муддати кӯтоҳ 53 рӯзномаи колхозӣ дар деҳот пайдо шуд»** [2, с.70]. Сиёсати давр ва уҳдадориҳои идеологӣ ба ҷараёни тавлиди ин навъи матбуот ба таври рӯзмарра таъсир мегузошт. Дар замони шӯравӣ, дар замони барқарорсозии сотсиализм аз бунёди садҳо «газетаҳои колхозӣ» мужда медоданд. Дар солҳои аввал ҳанӯз мафҳуми «матбуоти ноҳиявию шаҳрӣ» чандон домани густурдаи корбастро надошт. Аксари нашрияҳо хосияти ба истилоҳ корпоративу истеҳсолӣ доштанд. Дар доираи як коргоҳ камол ёфта, доманаи фаъолияти худро васеъ мегардониданд. Аҳли ҷомеа ба воситаи газета иштирокчии сохтмонҳои азим мешуданд. Ин рӯҳия дар навбати аввал, агар таблиғу ташвиқ бошад, аз ҷониби дигар, хосияти рекламаи пӯшидаи газетаҳои он давр низ ба ҳисоб мерафт. Муҳимтарин ҷузъиёт он буд, ки бо шиддати ин равандҳо эътимоду эътиқоди ҷомеа дар сатҳи баланд қарор мегирифт. Матбуот садоқатмандии аҳли ҷомеаро нисбати ҳокимияти нав ба вуҷуд меовард. Ҳамин аст, ки газетаро бо назардошти имконоту вазифаҳояш дар солҳои 20-30-и асри гузашта, муаллим, ҳимоятгар ва рафиқ мегуфтанд. Чунин шинохту таъйинот дар таъсиси матбуоти нав ба нави маҳаллӣ мусоидат низ мекард. Нақши ташкилотчигии рӯзнома дар асри гузашта дар мадди аввал қарор мегирифт. Газета нақши бавуҷудоварандаи тартиби навро ба уҳда дошт ва ин хосиятҳо дар матбуоти маҳаллӣ амиқтар сурат мегирифт. Зеро матбуоти маҳал ҳамеша забону фарҳангу урфу одати як маҳалро дар худ нигоҳ медошт ва то имрӯз як пули иртиботӣ дар татбиқи сиёсати ҳокимияти марказӣ ба ҳисоб меравад. Ҷузъи муҳимми дигар дар ин самт баъзан забонҳову шеваҳои маҳаллӣ дониста мешаванд. Қавмияту халқиятҳои хурд дар маҳалли алоҳида ҳатман ниёз ба матбуоти ба забони худ мувофиқ доранд. Бо забони худи онҳо пешниҳоди матлаб фаҳмову осону дастрас буд ва мебошад. Бо муҳайё будани чунин шароит шавқу завқи хонандаи онҳо дар мавриди ҳамкорӣ бо ин нашрияҳо меафзуд. Чунин ба назар мерасад, ки оммавияти ин навъи матбуот теъдоди мухбирони ғайриидоравиро зиёд мегардонид: **«Дар соли 1928 шумораи мухбирони коргару деҳқон дар Иттиҳоди Шӯравӣ 500 ҳазор буд. Дар соли 1930 шумораи онҳо 2 миллион нафарро ташкил медод”** [2, с.86]. Мақсади ҳукумати вақт дар солҳои сиюм натанҳо дар доираи таъсиси матбуоти райониву поёнӣ маҳдуд мегашт, балки супоришҳои махсусе дар мавриди бештар кардани **«шумораи мухбирони коргару деҳқон аз музофотҳо»** [4, с.15] сурат мегирифт, ки ин омил ба пешрафти кори рӯзномаи маҳаллӣ мусоидати амиқ менамуд. Зеро ин навъи матбуот ба тарбияи мухбирони коргару деҳқон дар маҳал таъсири амиқ дошту натиҷаи бештарро медод. Матбуоти маҳал равзанае ба матбуоти марказӣ ба ҳисоб мерафт ва шавқу рағбати хонандаро дар мутолиаи рӯзномаҳои умумииттифоқӣ бедор менамуд. Мухбирони коргару деҳқон беҳтарин мубаллиғони беминнати сиёсати давр ба шумор мерафтанд.

Ҳокимияти ҷавони шӯравӣ ба ин дастгоҳи таблиғу ташвиқ такяи бештар менамуд. Эътимоду боварии оммаро нисбат ба ҳокимияти инкишофёбанда бо ин роҳ таъмин мегардонид. Дар он давраҳо таъсиси матбуоти маҳаллӣ як раванди фаъолу сиёсати махсуси ҳизби ягонаи ҳукмрон ба ҳисоб мерафт: **«Комитети марказии партия аз ҳамаи комитетҳои партиявӣ, рӯзномаҳои марказӣ ва кишварӣ талаб мекард, ки ёрии доимӣ ва роҳбарии оперативиро ба матбуоти маҳаллӣ таъмин намоянд. Барои он мубориза баранд, ки матбуоти маҳаллӣ ташкилотчии коллективӣ гардад»** [7, с.109]. Махсусан, дар солҳои сиюми асри гузашта, таъсис додани матбуоти маҳаллӣ ба як анъана ва раванди маъмулӣ дар тамоми миқёси собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ табдил ёфт. Сиёсати махсуси ҷараёни «маҳви бесаводӣ» ва қариб, ки хатти ягонаи лотиниву кириллӣ ҷомеаро ба таври саросарӣ рӯзномахон гардонидан мехост. Ҳар як ноҳияи ҷавону навтаъсис ҳатман нашрияи худро соҳиб мегашт. Акнун таваҷҷуҳи омма бештар ба бунёдкориву созандагӣ ҷалб мегардид. Саноатикунонӣ ва баланд бардоштани соҳаи аграрӣ ба шиори умумии он солҳо табдил ёфта буд. Ин шиор бошад дар матбуоти маҳалливу минтақавию музофотӣ шеваи хосси баёнро дошт. Ҷомеа аз равзанаи матбуоти маҳал ба ҷараёни бунёдкориҳои бузург дар миқёси мамлакат шинос мегардид. Рӯзномаҳои маҳаллӣ маҳбубияти баланд пайдо мекарданд. Дар саҳифаҳои он аз матбуоти ҷумҳуриявию марказӣ матлабҳо таҳияву нашр мегардиданд. Садои даъвату шиор дар саҳифаҳои онҳо муқаддамтарин мавзӯъ буд. Ба ин минвол матбуоти маҳаллӣ зина ба зина ба дастгоҳи таблиғии устувор табдил ёфта, дар минтақаву маҳалҳо ҳамчун як манбаи боэътимоди муроҷиату баёни эҳсосу садоқатҳо сифат пайдо кард. Маҳз ин эътимоду ҷиддият пайдо кардани матбуоти маҳаллӣ буд, ки **«…дар 13-солагии давлати шӯравӣ М.Горький ҳамаи органҳои матбуоти маҳаллиро**

табрик намуда буд [2, с.77]. Дар солҳои минбаъда матбуоти маҳаллӣ дар Русия таҳаввулоти ҷиддиро аз сар гузаронидааст. Дар замони ҶБВ фаъолияти матбуоти маҳаллӣ маҳдуд гашта бошад ҳам, қатъ наёфтааст. Рисолати таблиғиву патриотизми баланди ин навъи матбуот боқӣ мемонад. Русия қолаби матбуоти маҳаллиро барои тамоми ҷамоҳири собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таҳмил намудааст ва то ҳол ин шева барқарор аст. Масалан, дар ҷабҳаи дигар – нашри рӯзномаҳои шабона дар Русия, то солҳои ҳафтодуми асри гузашта дах ингуна рӯзномаи шабона ба нашр мерасид, ки чун намунаи матбуоти шаҳрӣ дониста мешаванд: **««Вечерняя Москва», «Горьковский рабочий», «Вечерний Ленинград», «Вечерний Ростов», «Волжская заря», «Вечерний Свердловск», «Вечерний Новосибирск», «Вечерний Челябинск», «Вечерний Пермь», «Вечерняя Уфа» рӯзномаҳое мебошанд, ки ба истиснои «Вечерняя Москва» (таъсис: 6-декабри соли 1923) боқимонда баъди ҶБВ таъсис ёфтаанд»** [5, с.60]. Ин анъана низ дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ паҳн гашта буд ва тавре мебинем, ин навъи матбуот низ дар ин кишвар ҷавон набуда, баъзеи онҳо умри қариб садсола доранд. Ҳамин тавр, як назари иҷмолӣ ба таърихи матбуоти русӣ нишон медиҳад, ки матбуоти маҳаллӣ дар ин кишвар таърихи зиёда аз 150-сола дорад. Метавон гуфт, ки матбуоти русӣ дар ин муддат чор марҳилаи инкишофро сипарӣ намудааст. Пеш аз инқилоб, давраи инқилоб то солҳои ҶБВ, даврони шӯравӣ ва замони мустақил гаштани Русия аз ҷумлаи он марҳилаҳо ба шумор мераванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик: Дастури таълимӣ / А.Азимов. – Душанбе, 1998. – 91 с.
2. Горкий М. О печати: Сборник статей / М. Горький. - М.: Госполитиздать, 1962. - 367 с.
3. Гуревич С.М. Газета: Вчера,сегодня, завтра: учебное пособие для вузов / С.М. Гуревич. - М.: Аспект Пресс, 2004. - 228 с.
4. Маъмурзода Н. Журналистикаи Хатлон: вазъият, тамоюлҳо ва дурнамои рушд: дастури таълимӣ. - Душанбе: Ирфон, 2015. - 204 с.
5. Многонациональная советская журналистика. - М., 1972. - 280 с.
6. Нуралиев А. Таърихи журналистикаи хориҷӣ: Васоити таълимӣ. А.Нуралиев. - Душанбе, 2001. - 224 с.
7. Нуралиев А. Журналистикаи советии тоҷик: васоити таълимӣ / А.Нуралиев, А.Саъдуллоев, И.Усмонов, У.Гулмуродов. – Душанбе, 1989. - 174 с.
8. Прохоров Е.П. Введение в теорию журналистики: учебное пособие / Е.Прохоров. - М.: Изд-во РИП холдинг, 2002. - 322 с.
9. Родионова Т.С. Некоторые особенности зарождения и развития местной газеты в России / Т.С. Родионова // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Литературоведение. Журналистика. - 2017. - Т. 22. - № 2. - С. 340-351.
10. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт: Монография / А.Саъдуллоев. - Душанбе, 2000. - 253 с.

ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ

Дар ин мақола дар бораи заминаҳо ва омилҳои пайдоиши матуботи маҳаллӣ сухан меравад. Равандҳои инкишофи иқтисодиву сиёсӣ муҷиби аслии пайдоиши матбуоти маҳаллӣ ба ҳисоб рафта метавонанд. Чунончӣ дар миқёси собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ истилоҳ ва таъбири «мухбири коргару деҳқон» чун як сиёсати хосси мақсаднок муҷиб ва заминаи асосии пайдоиши матбуоти маҳаллӣ дониста мешавад. Ин раванд мафҳумҳову таъбирҳои нав ба монанди “газетаи коргарӣ”, «газетаи колхозӣ» ва «газетаи фабрикаву завод»-ҳоро ба миён меовард. Барои мухбирони ин навъи нашрияҳо матбуоти маҳаллӣ дастрастарин минбар ба ҳисоб мерафт ва ҳатто шумораи хонандагони ин нашрияҳо мушаххас буд. Паҳлуи дигар он аст, ки баъзе аз ин нашрияҳо бо масъалагузориву баррасии маводи худ дар кӯтоҳтарин фурсат шуҳрат пайдо мекарданд ва дар микёси музофоту берун аз он хонанда пайдо менамуданд. Номи онҳоро ҳамчун намунаи ибрату омӯзиш дар доираҳои баланди ҳукумат зикр мекарданд. Сохти нави сотсиалистӣ ва ҳукумати шӯравиро муҷиби аслии пайдоиши матбуоти маҳаллӣ номем ҳам, аммо дар Русия оғози пайдоиши матбуоти маҳаллиро ба солҳои 1860 мансуб медонанд. Тафовут он аст, ки матбуоти маҳаллии даврони шӯравӣ молики сифатҳои хос буд. Махсусан, дар солҳои сиюми асри гузашта, таъсис додани матбуоти маҳаллӣ ба як анъана ва раванди маъмулӣ дар тамоми миқёси собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ табдил ёфт. Хусусияти шиорӣ ва таблиғотии мақсаднок яке аз заминаҳои рушду инкишофи матбуоти маҳаллӣ ба ҳисоб рафта метавонад. Сиёсати махсуси ҷараёни «маҳви бесаводӣ» ва хатти ягонаи лотиниву кириллӣ ҷомеаро ба таври саросарӣ рӯзномахон гардонидан мехост. Ҳамин тавр, анъанаи дар ҳар як ноҳияву шаҳр мавҷуд будани рӯзномаи хурд, раванди саноатикунонӣ, баланд бардоштани соҳаи аграрӣ, тағйиби тартиби нав, забону фарҳангу урфу одати маълуми як маҳал, манфиати халқияту қавмҳои хурд ва амсоли он омилҳо ва заминаҳои таъсиси матбуоти маҳаллӣ ба ҳисоб мераванд.

Калидвожаҳо: маҳаллӣ, минтақа, матбуот, таблиғ, ташвиқ, сиёсат, аудитория, фарҳанг, анъана, забон, муносибат, тамоюл.

ОСНОВЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ МЕСТНОЙ ПЕЧАТИ

В этой статье рассматриваются основы и факторы возникновения местной печати. Процессы экономического и политического развития могут быть причинами возникновения местной печати. Так, в постсоветском пространстве термин «Рабоче-крестьянский корреспондент» рассматривается как особая и целенаправленная политика, причина и основа возникновения местной печати. Этот процесс стал причиной появления новых понятий и терминов, таких как «газета рабочих», «колхозная газета» и «газета фабрики и завода». Для авторов эти виды местной прессы были доступными трибунами, и даже число читателей этих газет был определенным. Другой момент заключается в том, что некоторые местные газеты за счёт поднятия важных вопросов и актуальных проблем, в своих материалах, в короткое время прославились и нашли читателя в окрестностях и за его пределами. Их имя отметили как образец для обучения в высших кругах правительства. Хотя мы называем основной причиной возникновения местной печати новый строй социализма и советское

правительство, в России временем появления местной печати считается 1860-ые годы. Разница в том, что местная пресса советских времен овладела специфическими качествами. Особенно в 30-ие годы прошлого столетия создание местной прессы стало традицией и обычным процессом во всех республик бывшего Советского Союза. Лозунгирование и целенаправленная пропаганда можно считать основами развития местной печати. Специальная политика движения «ликвидация неграмотности» и единая латинская и кириллическая письменность требовали чтобы общество стало читателями газет. Таким образом, традиция существования небольших газет в каждом городе и районе, процесс индустриализации, развитие аграрного сектора, пропаганда нового порядка, язык, культура и традиции региона, интересы национальных меньшинств и тому подобное являются основами возникновения местной печати.

Ключевые слова: местное, регион, печать, пропаганда, агитация, политика, аудитория, культура, тардиция, язык, отношение, фактор.

THE FOUNDATIONS OF THE ORIGIN OF LOCAL PRESS

This article describes the basics of the origins and foundations of the local media. The economic and political development processes may be the essence of local media. Thus, in the former Soviet Union, terms and definitions of the "Workers' and Diaspora" are considered as one of the key objectives of the target and a major source of information for local press. This process has aroused new concepts and new techniques such as "gazetai korgari" (worker's newspaper), "gazetai kolkhozi", (collective farm's newspaper) and "gazetai fabrika and zavod." (Factories and plants newspapers). The authors of this type of local press have been considered as a substitute, and even the number of pupils of these publications was specific. Another point is that some of these publications have been intuitively interested in studying and discussing their material at the very shortest time, and found the reader in the distance of the student. Their name was as a model of training in the high-tech government. The new socialist government and the Soviet government are the main contributors of the local media, but in Russia it is known that the emergence of local media began in the 1860s. It is noteworthy that the local press of the Soviet era was the owner of the qualities. Especially in the years of the last century, the establishment of a local press became a tradition and an ordinary process in the former Soviet Union. Positive and targeted propaganda features can be considered one of the foundations of local media development. The particular policy of the "To destroy of the illiteracy" and a single-lingual and crystalline lineup of the society was widespread throughout the world. Thus, traditions of the local media, such as the modernization of the small newspaper, the industrialization process, the development of the agrarian sector, the development of a new order, the language, culture, and cultural traditions of the region, the interests of the national minorities, and the like.

Key words: local, regional, press, propaganda, encouragement, politics, audience, culture, tradition, language, attitude, tendency.

Сведения об авторе: ***Кутбиддинов Абдулмумин Хошимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

Information about the author: ***Qutbiddinov Abdulmumin Hoshimovich*** - Tajik national University, Candidate of Philology, the associate professor of the International Journalism department. **Address:** 734025, Республика Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

УДК: 070+491.550:93/94 (09)

МАВЗЎИ ЗАБОН ҲАМЧУН ОМИЛИ САР ЗАДАНИ МУБОҲИСАҲО ДАР МАТБУОТИ ДАВРИИ ТОҶИК (солҳои 1920-1930)

Расулова Н.
Донишгоҳи миллии тоҷикистон

Вақте саҳифаҳои таърихро варақ мезанем, амиқ дарк мекунем, ки асри XX асри табаддулотҳои бузурге буд, ки такони ҷиддие дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар ворид намуд. Пирӯзии Инқилоби Сурх, ки ин табаддулотҳоро таҳрик бахшид, раванди ҳаёти сиёсиву фарҳангии кишварро ба маҷрои дигар кашид. «Дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ чунон дигаргуниҳои куллие ба вуҷуд омаданд, ки роҳи таърихии миллатро ба тарзи ғайричашмдошт ба сӯйи дигар гардониданд» [6, с.3]. Ҳокимияти навтаъсис тасмим гирифт дар баробари сохти нави давлатдорӣ шеваи навини ҳаёт, маданият ва афкору андешаи навро дар ҷомеа ба вуҷуд орад.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар маърази диққати ҳукумати шӯроӣ қарор гирифт, инқилоби маданӣ буд. Ҳукумат инқилоби маданиро аз тағйири алифбо оғоз кард ва он дар қатори масоили сиёсии замон муҳиммияти хосса касб кард. Дар ин марҳилаи табодул дар забон ва фарҳанги мардуми ин сарзамин тағйиротҳое ба амал омаданд, ки аз бисёр ҷиҳатҳо рӯйи он таъсиргузор буданд. Бахусус «дар забон равандҳои мухталифе пайдо шуданд, ки баъзеи онҳо инкишофи таърихиро давом дода, чунончи равияҳоеро, ки дар замони маорифпарварӣ пайдо шуда буд, такмил карда, аз рӯйи хостаҳои даврони инқилоб чунин натиҷа доданд, ки забони адабӣ аз ҳар ҷиҳат ва, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати содагиву равонӣ ба сатҳи баланди замонӣ расид» [6, с.3]. Асарҳои дар ин айём эҷоднамудаи устод Айнӣ, аз қабили «Одина» ва «Аҳмади девбанд» метавонанд далели ин гуфтаҳо бошанд, чун на танҳо забонашон, балки сужаашон ҳам аз халқ гирифта шудааст.

Дар замони баъди инқилоб забон ва дигар масоили марбут ба он дар қатори масъалаҳои муҳимми сиёсӣ мавқеъ пайдо кард. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чаро масъалаи алифбо, забон ва содаву оммафаҳм будани он мавриди таваҷҷуҳи бештари давлати шӯроҳо қарор гирифт? Муҳаққиқон аксар бар он ақидаанд, ки бо эълони инқилоби маданӣ ҳукумат тасмим гирифт оммаи меҳнаткашро дар як муддати кӯтоҳ соҳиби хату савод гардонад ва ба ин васила онҳоро аз ҳадафҳои сиёсии худ огаҳ созад. Гурӯҳи дигар сабаби табдили алифборо дар тасмими Ҳукумати шӯроӣ медонистанд, ки мақсадаш буридани решаҳои фарҳангиву таърихии мардуми ин сарзамин буд.

Дар робита бо ин мавзӯъ муҳаққиқон М. Шакурии Бухороӣ, А. Набавӣ, И. Усмонов, П. Гулмуродзода, Ӯ. Холиқназар, С. Назарзода ва дигарон андешаҳои ҷолиб баён намудаанд. Чуноне устод Шакурӣ қайд мекунад, «…пас аз Инқилоби Октябр» давраи нави тараққии забони тоҷикӣ оғоз ёфт. Замони бузурги таърихӣ – даврони озодиву истиқлол ва дигаргуниҳои куллии иҷтимоӣ забони тоҷикии ҳазорсоларо ба роҳҳои тозаи инкишоф баровард» [3, с.3]. Дар ҳақиқат, инқилоб дар тамоми соҳаҳои ҳаёти халқ дигаргуниҳои куллиро ворид намуд. Агар ба таърихи забони тоҷикӣ назар андозем, мебинем, ки он ба табодул ва таҳаввули ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидааст, ки оғози он ба солҳои бистум рост меояд.

Сохтмони забонӣ, ки бо номи «языковое строение» маъмул аст, масъалаи сода кардани забонро ҳадаф қарор дод, ки мақсади асосии он зоҳиран саросар босавод кардани мардум дар як муддати кӯтоҳ буд. Осон кардан ва ё табдили алифбо аз нимаҳои асри XIX инҷониб дар мамолики Шарқ-Эрон, Озарбойҷон, Туркия ва ҳатто дар Мисру Ҳиндустон ва Чину Ҷопон гоҳ-гоҳ сар мезад, вале амалӣ намегардид. «Аввалин касе, ки расман ба ислоҳи алифбои арабӣ барои форсизабонон машғул шуд, Мирзо Фатҳалӣ Охундов буд» [9, с.28]. Ӯ масъалаи ислоҳи алифбои арабӣ ва тартиб додани алифбои лотиниасосро ба миён мегузорад, вале талошҳояш бебарор меанҷоманд. Мирзо Малкумхон- донишманди эронӣ дар даҳаи ҳаштуму нуҳуми асри XIX дар асарҳои «Шайху вазир» ва «Мабдои тараққӣ» сухан аз табдили алифбо оғоз мекунад ва ин иқдомро воситаи муҳимми тараққиёт ва ҳамқадами халқҳои мутамаддин гардидан мешуморад. Баъдтар ин масъала дар Туркия аз ҷониби Мустафо Камол амалӣ карда мешавад. Аз ин ҷо метавон ба хулосае омад, ки табдили алифбо танҳо сиёсати шӯравиҳо набудааст.

Мақолаҳое, ки дар ин солҳо дар доираи табдили алифбо ва сода кардани забони тоҷикӣ навишта шуданд, дар нашрияҳои «Раҳбари дониш», «Овози тоҷик», «Тоҷикистони сурх» ва рӯзномаи русии «Правда Востока» («Ҳақиқати Шарқ»), ки нашрияи ҲК Ӯзбекистон буд, ба табъ расидаанд. Имрӯз ин мақолаҳо ба ҳуруфи кириллӣ баргардонида шуда, дар маҷмӯаҳои «Забон ва худшиносии миллӣ» (мураттиб П. Гулмуродзода), «Забон дар мабнои мубоҳисаҳо» (мураттибон А. Набавӣ, Н. Одинаев, П. Олимова) гирд оварда шуда, мавриди истифодаи муҳаққиқон ва ҳаводорони таърихи забони ноби тоҷикӣ қарор гирифтаанд. Омӯзиши мубоҳисаҳои матбуоти ин давр дар масъалаи табдили алифбо ва чигунагии забони адабии тоҷикӣ аз бисёр ҷиҳат барои мо зарур аст. Дар навбати аввал, агар муҳиммияти мавзӯъро бозгӯ кунад, баъдан таъсири нишонрас доштани баҳсҳоро дар муайян намудани меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ, дар интихоби шаклҳои дурусти ҳуруфи алифбои лотинӣ ва ба табиати забони тоҷикӣ мувофиқ будани он нишон медиҳад. Маҳз мубоҳисаҳои фарогири мавзӯъҳои фавқуззикр дар матбуоти ин солҳо уламову удаборо ба доираи баҳс кашид, то дар атрофи он изҳори назар бинмуда, роҳу равиши рушду такомули минбаъдаи забони адабии тоҷикро муайян намоянд.

Дар аввали солҳои бистум барои ба тартиб даровардани «сохтмони забонӣ» ва роҳбарӣ намудан ба ин раванд дар назди президиуми шӯрои миллии КИМ ҶШСС маркази илмие бо номи Кумитаи марказии умумииттифоқии алифбои нав ташкил карда шуд, ки он олимони забоншинос ва арбобони ҳизбию ҷамъиятиро гирд оварда буд. Мунавварфикрони тоҷик, ки дар ин марҳилаи ҳассос бетараф буда наметавонистанд, талош карданд, то алифбои нав дар шакли содаву фаҳмо ва аз нигоҳи савтиёт ба табиати овозии забони тоҷикӣ мувофиқ таҳия ва пешкаши мардум гардад. А. Фитрат, С. Айнӣ, С. Манофзода, Н. Муҳаммад, А. Мунзим, Р. Ҳошим, А. Лоҳутӣ, Н. Бектош, профессорон Семёнов, Фрейман ва дигар олимони ховаршинос дар ин маърака фаъолона ширкат доштанд. Дар масъалаи чигунагии ҷойгиршавии ҳарфҳо дар алифбо, тарзи истифодаи дурусти онҳо ва дар умум, дар атрофи масъалаҳои марбут ба имлои забони тоҷикӣ фикру андешаҳои гуногун иброз гардиданд.

Бо мақсади интихоби алифбои ҷавобгӯ ба талаботи давр сараввал лоиҳаи Фитрат ва сипас лоиҳаи профессор Семёнов дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» пешкаши умум гардид. Пас аз баҳсу мунозираҳои зиёд 28 октябри соли 1928 дар Конференсияи якуми алифбои нави тоҷикӣ лоиҳаи Фитрат бо такмил аз лоиҳаи Семёнов тасдиқ ва алифбои нави тоҷикӣ қабул карда шуд.

Масъалаи табдили алифбо аз нахустин омилҳое буд, ки масъалаи забони тоҷикӣ, хусусият ва савтиёти онро ба майдони баҳс кашид ва масоили марбут ба илми забоншиносиро мавриди пажӯҳиш қарор дод. Аз адибону муҳаққиқон ва сиёсатмадорони давр сар карда, то хонандагони одӣ дар ин баҳс фаъолона ширкат намуданд, ки ин аз ҷиддият ва муҳиммияти мавзӯи мавриди назар шаҳодат медод. Муҳаққиқ А. Набавӣ дар ин маврид чунин изҳори назар намудааст: «…баҳсу талошҳои аҳли илму адаби тоҷик ҳарчанд аз эҳсоси навҷӯёна холӣ набуданд, вале дар онҳо мулоҳизаҳои ҷиддӣ хеле зиёд ба назар мерасад» [6, с.22].

Чун масъалаи алифбои лотинӣ мавриди баҳсу мунозираҳои шадид қарор гирифт, дар баробари он сухан аз забони адабии тоҷик ва сохтори он низ бо як ҷиддияти том оғоз гардид, ки метавон онро омили дигаре барои ба майдони мубоҳиса кашидани масъалаи забони тоҷикӣ ҳисобид. Мақсади ниҳоӣ аз он иборат буд, ки меъёри муайяне барои забони адабии тоҷик омода гардад, то аз он барои нашри адабиёт ва матбуот истифода шавад. Дар назари аввал тибқи дастуроти ҳукумат ва талаботи замон сода ва оммафаҳм будани забон ба эътибор гирифта мешуд. «Бо ин ҳама ҷиддият ба миён омадани масъалаи забони адабии тоҷик на танҳо ба масоили илмии омӯзиши он ва ба миён овардани забони содаи оммафаҳми дархӯри замон, балки ба раванди бедор шудани худшиносии мардуми тоҷик дар муқобили инкоргарии пантуркистӣ, чиғатойгароӣ низ алоқаи бевосита дошт. Муайян кардани чигунагии забони адабии хосси замон на танҳо боиси эътирофи гузаштаи ғанӣ ва анъанаҳои амиқи таърихӣ доштани ин забон ва миллат, балки нишони ҳастии он ва қудрату имконоти замонии ӯ маҳсуб мешуд» [6, с.24]. Дар ҳақиқат, бо баробари андешаронӣ дар атрофи сохтори забони адабии тоҷик сухан аз таърих, забон ва адабиёт, мактабу маориф, нашриёту матбуоти он ба миён омад. Дар саҳифаҳои маҷаллаи «Раҳбари дониш», ки ба минбари розу ниёзи мардум мубаддал гардида буд, мақолаҳои зиёде ба табъ расиданд, ки рӯҳияи замон, афкору андешаи фарҳангиёни миллатро инъикос мекарданд. Инкори забони тоҷикӣ, ба ҳар роҳу восита монеасозиҳо ба табъу нашри рӯзномаву маҷаллаҳо ба ин забон, тақсимоти беадолатонаи марз, поймол гардидани ҳуқуқҳои тоҷикони Ӯзбекистон аз масоиле буданд, ки дер гоҳ интизори ба майдони баҳс кашида шуданро доштанд. Мақолаҳои ифшогаронаву нишонраси А. Муҳиддинов, А. Алиев, С. Ализода, Б. Азизӣ, А. Мунзим, Б. Мухтор, А. Мирзоев ва чанди дигар, ки фарогири ҳамин мавзӯъҳо буданд, пайи ҳам дар саҳифаҳои матбуот ба табъ расиданд ва метавон гуфт, ки ин баҳсҳо оғозе гардиданд барои мубориза дар роҳи мухторияти Тоҷикистон.

Чаро дар солҳои бистум масъалаи забони тоҷикӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз табдил ёфт ва мавриди баҳсу мунозираҳои шадид қарор гирифт? Яке аз омилҳои асосӣ ин буд, ки дар ин давра нашрияҳои тоҷикӣ рӯйи чоп омаданд ва маводе, ки мавриди чоп қарор мегирифт бояд бо забони содаву оммафаҳм таҳия мегардид, агар ба ибораи Мирзо Ҷалол гӯем, бояд «мувофиқи ҳоли умум» сухан гуфта мешуд. Дар байни мубоҳисон нафароне ҳам буданд, ки даъвои мушкилфаҳм ва мураккаб будани забони адабиёти форсу тоҷикро мекарданд, ҳамон забонеро, ки ҳазорсолаҳо шуарову удабои тоҷик бо он дурри маънӣ месуфтанд ва то имрӯз дар дарку фаҳми он мушкиле эҳсос намегардад. Ин даъво асосе надошт ва ба андешаи муҳаққиқ П. Гулмуродзода «шояд онҳо байни назми олии адибон ва мукотибаи печидабаёни расмии идорӣ фарқ нагузоштанд» [7, с.19].

Дар масъалаи чигунагии забони адабии тоҷик миёни донишмандон баҳс пуршиддат сурат мегирифт. Дар баёни андеша онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо шуда буданд. Як гурӯҳ ҷонибдори он буданд, ки забони адабии тоҷикӣ дар асоси забони умумифорсӣ ташаккул ёбад, зеро дар ин сурат метавонад барои таблиғи андешаҳои инқилобӣ дар мамолики Шарқ хидмат кунад. Гурӯҳи дигар ҷонибдори он буданд, ки яке аз лаҳҷаҳои маъруф барои забони адабии тоҷик ҳамчун асос қарор дода шавад. Онҳо барои таҳким бахшидани пешниҳодашон оммафаҳм гардондани забони матбуоту нашриёти тоҷикиро далел меоварданд. Дар ин давра ҳатто андешаҳое баён гардиданд, ки эҷоди забони адабии тоҷикро ба миён мегузоштанд, гӯё ин забон дар асл вуҷуд надошта бошад, ки ин аз ҳақиқат дур буд.

Бояд гуфт, ки ин баҳсҳо сараввал дар нашрияи русии ҲК Ӯзбекистон «Правда Востока» чоп мешуданд. Вале аз сабаби он ки аксарият забони русиро намедонистанд, аз мазмуну муҳтавои ин навиштаҳо огаҳӣ ёфта наметавонистанд. Ин нуктаро устод Айнӣ дар мақолаи «Забони тоҷикӣ», ки дар «Раҳбари дониш» (№ 11-12, 1928) ба табъ расида буд, гилаомез зикр намуданд: «Азбаски бештарини ин мунозираҳо дар матбуоти русӣ ва бо забони русӣ гузориш ёфта истодааст, мо нависандагони тоҷик, ки забони худро базӯр медонем - чӣ ҷойи забони русӣ, аз рӯҳи ин мунозираҳо ва аз чӣ будани фикри ҳар кадом мунозиракунандагон бехабарем» [7, с.19]. Баъди ин эроди устод фишурдаи ин мубоҳисаҳо дар мақолаи Раҳим Ҳошим «Дар гирди забони адабии тоҷик чӣ менависанд?» манзури донишмандон ва соири соҳибзабонон гардонида мешавад.

Маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар шумораи № 11-12 (1928) таъсис додани гӯшаеро зери унвони «Забони адабии тоҷик» эълом дошта, мақсади худро аз ин иқдом чунин шарҳ медиҳад: «Вазифаи ин шуъбаи мо он аст, ки диққати соҳибқаламон ва адибони тоҷикро ба муҳимтарин масъалаи иҷтимоии мо, ки «забони адабии тоҷик» аст, ҷалб намуда, дар ҳал кардани он мувофиқи эҳтиёҷоти ҳақиқии меҳнаткашони тоҷик кӯшиш кунанд» [6, с.326]. Сипас, тавзеҳ дода мешавад, ки ин саҳифа аз як тараф, мақолаҳои гуногуни роҷеъ ба забони адабии тоҷикро чоп карда, аз тарафи дигар, барои огаҳӣ пайдо кардани хонандагони худ оид ба мазмуну муҳтавои мақолаҳое, ки дар нашрияҳои русӣ, бахусус «Правда Востока» чоп мешаванд, маълумоти мухтасар медиҳад. Ҳамзамон таъкид мегардад, ки муаллифон оид ба ин масъала нуқтаи назари навро баён карда, аз лаҳҷае, ки дар мавридаш сухан мегӯянд намуна оранд.

Шарқшинос Дяков, Музаффар, Думбол, Шилд ва чанди дигар аз ширкаткунандагони фаъоли ин мубоҳиса ба ҳисоб мерафтанд. Музаффар дар мақолаи «Дар роҳи он забони тоҷикӣ, ки барои халқи тоҷик мафҳум бошад» маслиҳат медиҳад, ки дар асоси забони гуфтугӯии Бухорову Самарқанд ва бо истифода аз лаҳҷаҳои ноҳияҳои дигар забони адабии тоҷикӣ мураттаб гардад. Ӯ мухолифи забони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ба истилоҳ «забони китобӣ» буда, бар он андеша аст, ки «ин забонро фақат як тӯдаи каме аз аҳолии болонишин фаҳмида метавонанд ва онҳо бо усули китобати форсӣ омӯхта шудаанд» [6, с.296]. Дар ҷавоби ин навиштаи Музаффар Думбол мақолаеро таҳти унвони «Оё лозим аст, ки забони адабии тоҷикӣ аз нав эҳё шавад?» ба табъ расонда, дар он аз нуқтаи назари Музаффар интиқод мекунад.

Думбол ҳамчун забони адабии тоҷикӣ қабул гардидани забони умумифорсиро ба он хотир ҷонибдорӣ мекунад, ки он метавонад ҳамзабонони моро дар Эрону Афғонистон ва Ҳиндустон аз ғояҳои инқилобӣ баҳраманд гардонад: «…агар забони адабии тоҷикӣ мувофиқи шеваи форсӣ доир гардад, он вақт Тоҷикистони шӯравӣ метавонад ба воситаи маданият ва сохтмони сусиёлистии худ ба миллатҳои эронии ҳамсояш низ таъсир кунад» [6, с.296].

Думбол дар ин мақола андешаи басо ҷолиберо иброз медорад, ки он барои ҷонибдорони эҷоди забони тоҷикӣ ҳамчун ҳукм садо медиҳад: «Вақто ки забони «китобӣ» мавҷуд бошад ва ба ҳама лаҳҷаҳои тоҷикон наздик бошад, чӣ лозим, ки ба эҷоди як забони тозаи адабии тоҷикӣ машғул шавем» [6, с.299]. Думбол даъват ба он мекунад, ки бо интихоби лаҳҷаву шеваҳои мухталиф мардумро саргардон накарда, аз пайи татбиқ кардани забони адабии «китобӣ» - и мавҷуда бошем. Ӯ ҷонибдори ақидаҳои гурӯҳе буд, ки ба истилоҳи «байналмилалчиён» ёд мешуданд.

Гурӯҳи дигари зиёиён, ки фикру мулоҳизоти онҳо аз ҷониби донишмандоне чун устод Айнӣ, А. Муҳиддинов, Н. Бектош, Т. Зеҳнӣ, профессорон Семёнов ва Шилд ҷонибдорӣ мегардид, хостори ба омма наздик кардани забони адабии тоҷикӣ буданд. Онҳо «дар асоси забони адабии тоҷикии имрӯза забони як маҳалро гирифтан мехостанд ва забони матбуоту адабиёти муосири тоҷикро, ки ба омма наздик бошад, ба сифати шоҳиди он намуна нишон медоданд» [6, с.28].

Устод Айнӣ аз ҷонибдорони оммафаҳм будани забони адабии тоҷикӣ буд. Ӯ масали машҳури тоҷикӣ «аввал хеш дувум дарвеш» - ро мисол оварда, чунин менигорад: «Агар мо дар навбати аввал худи тоҷикони Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро дар назар нагирифта, ба доно кардани форсизабонони беруна кӯшиш кунем, монанди он кас мешавем, ки аҳли хонаводаи худро гушна гузошта, ба гушнагони беруна садақа медиҳад. Агар мо роҳи кор фармудани забони авоми тоҷикро ёбем, меҳнаткашони форсизабони беруна ҳам тамоман маҳрум нахоҳанд монд…» [6, с.319].

Устод ба ҷонибдорони забони содаи тоҷикӣ муроҷиат карда, аз онҳо даъват ба амал меорад, ки гуфторашонро дар кирдор нишон диҳанд, яъне аз қавл ба амал гузаранд. Ба андешаи устод агар ҳар нафар аз забони содае, ки ба назараш хуш намояд ҳамчун намуна матнҳо таҳия намояд, он барои нашриёт кофӣ набошад ҳам, ақаллан барои нашри «Раҳбари дониш», ки дар як моҳ як маротиба мебарояд, метавонад истифода гардад. Сипас, барои равшантар кардани мақсад матнеро бо «забони хушкард»-и худаш ҳамчун мисол пешкаши хонанда мегардонад.

Ӯ истифодаи лаҳҷаи маҳалро дар забон қатъиян рад намуда, ба саволи чигунагии забони оммафаҳми тоҷикӣ ҷавоби мушаххас мегӯяд: «забони авоми тоҷик забонест, ки вайро оммаи тоҷик фаҳмад, дар ҷумлабандӣ, дар ташбеҳҳо, дар киноя ва истиораҳо, дар зарбулмасалҳо ва дар дигар бобатҳо хусусият ва рӯҳи забони тоҷик риоя карда шуда бошад» [6, с.320]. Ба андешаи устод бояд дар ташбеҳҳо, зарбулмасалҳо, киноя ва истиораҳо, ки аз маҳалҳои гуногун ҷамъоварӣ мешаванд рӯҳ ва хусусияти забони тоҷикӣ риоя карда шавад. Агар мо ба эҷодиёти худи устод назар кунем, мебинем, ки навиштаҳои ӯ ҳамчун намунаи олии забони ноби тоҷикӣ ҷавобгӯ ба ин талабот аст.

Дар масъалаи чигунагии забони адабии тоҷик яке аз публитсистони воқеъбини замон А. Мунзим низ ба баҳс ҳамроҳ мешавад. Чуноне, ки муҳаққиқ М. Муродов қайд мекунад, мақолаҳои ба мавзӯи забони тоҷикӣ ва алифбои нав бахшидаи ӯ бо хусусияти мубоҳисавии худ диққати аҳли зиёро ба худ ҷалб намуда буданд: «Нигоштаҳояш дар мавзӯъҳои рушди инкишофи мактабу маориф, тозагии забон, аҳаммияти алифбои нав дар нашрияҳои «Овози тоҷик» ва «Тоҷикистони сурх» пайваста интишор мешуданд, балки «боиси ҳамовозӣ ва гоҳо сабаби мубоҳисаҳои тӯлонӣ» низ мегардиданд. Чунончи, мақолаи «Дар бораи забони адабии тоҷик» («Овози тоҷик», 1929, 31 январ), ки дар он ӯ баъзе ҷумлаву ибораҳои «Одина» - ро таҳрирталаб меҳисобад, боиси тавлиди мақолаи С. Айнӣ «Ҷавоби ман» (1929, 7 феврал) шудааст. Пас аз ин Мунзим бо ҳамон унвони «Дар бораи забони адабии тоҷик» дар шумораи 12 феврали соли 1929 – и «Овози тоҷик» мақолаи дигар навишта, ба баъзе ақидаҳои муаллифи мақолаи «Дар атрофии масъалаи забони китобӣ» (1928, 27 декабр) ҳамовозӣ намуда, дар баъзе масъалаҳо ӯро танқид мекунад» [5, с.45]. Дар ин муддат Мунзим чанд мақолаи дигарро дар робита бо масъалаҳои забон ва алифбо ба табъ мерасонад, ки аз мавқеи устувори ӯ дар мубоҳисаҳои матбуоти охири солҳои 20-уми асри XX гувоҳӣ медиҳад.

Мақсад аз ин баҳсу мунозираҳо муайян ва интихоб намудани ҳамон меъёре буд, ки дар чаҳорчӯбаи он забони адабии тоҷикие мавриди истифода қарор гирад, ки барои тамоми «тоҷикзабонони шӯроӣ» фаҳмо бошад. А. Муҳиддинов низ ҳамин нуқтаи назарро ҷонибдорӣ мекунад: «Забоне, ки барои оммаи мо фаҳмиданаш осон бошад, он барои мардуми порсигӯи Эрон ва Афғонистон ва Ҳиндустон ҳам чун забони адабии умумӣ пазируфта хоҳад шуд» [6, с.30]. Ин донишманди закӣ бар он аст, ки ин масъалаи муҳим дар заминаи илмӣ ҳаллу фасл гардад.

Баҳс дар масъалаи забони тоҷикӣ ба таври васеъ доман густурда, таваҷҷуҳи донишмандони русро низ ба худ ҷалб месозад. Шарқшиноси маъруф Е.Э. Бертелс ба ин мавзӯъ аз нигоҳи назарию илмӣ рӯ оварда, дар мақолаи «Дар бораи забони адабии тоҷикӣ», ки дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба табъ расидааст, масъалаи ба вуҷуд овардани забони адабии тоҷикро ба миён мегузорад, ки ин андешаи ӯ аз як ҷониб, маънои инкор кардани забони адабии тоҷикро низ дорад, инкори забоне, ки таърихи ҳазорсола дорад ва бо он забон дар адабиёти классикии форсу тоҷик асарҳои оламшумул эҷод карда шудаанд: «Барои сохтани забони адабӣ камиссия тартиб додан, масъалаҳои сарфу наҳв (грамматика) ва луғат (лексика)-ро ҳал кардан мумкин аст. Аммо танҳо ин корҳои назарӣ барои ба вуҷуд овардани забони адабӣ кифоя намекунад. Шарти аввал ва мутлақе, ки ба вуҷуд омадани забони адабиро таъмин мекунад, кори амалӣ, дар миқдори кофӣ ба вуҷуд омадани асарҳои адабӣ аст» [6, с. 476].

Ба андешаи муҳаққиқ ба вуҷуд овардани забони адабии тоҷикӣ омили муҳиммест барои нашри асарҳои нав, асарҳое, ки ифодакунандаи рӯҳияи замон бошанд. Чунин асарҳо бояд ҳаёти ҳамонрӯзаи Тоҷикистони шӯравиро таҷассум намуда, барои дар амал татбиқ намудани инқилоби маданӣ мусоидат менамуданд.

Дар бораи чигунагии забони адабии тоҷик яке аз маорифпарварони давр Нарзулло Бектош андешаҳои худро ба таври муфассал баён намуда, аз нав сохтани забони адабиро ногузир мешуморад: «Аз дигар сохтани забони чопагӣ эҳтиёҷи имрӯза аст, мо аз ин рӯ гардонида наметавонем» [6, с.530]. Бектош барои муқоиса аз матнҳои адабиёти классикии форсу тоҷик, аз забони матбуоти ҳамонрӯзаи Эрон ва асарҳои устод Айнӣ «Аҳмади девбанд», «Одина» ва «Бедонабозӣ» - и Азизӣ намунаҳо оварда, дар ҳамин асос ба талабот ҷавобгӯ будани забони онрӯзаи тоҷикиро исбот мекунад: «Аз худи ҳамин намунаҳо равшан дидан мумкин аст, ки услуб ва забонҳои адабиёти синфии куҳна, забони имрӯзаи буржуозии чопагии Эрон, услуби адабиёти давраи ҷадидӣ ва забони оммафаҳми содаи имрӯзии тоҷик аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Баъд аз тадқиқоти андак васеъ ва чуқуртар ҳар кас фаҳмида метавонад, ки забони адабии тоҷик садҳо сол пеш ташаккул ёфта, нисбат ба забони адабии Эрон боз як шуда, хусусияти маҳаллии лаҳҷаи худро ҳам дар оғӯш карда омадааст» [6, с.542-543]. Бектош ин ҷо ба пораи матне, ки аз «Аҳмади девбанд» -и устод Айнӣ меоварад ишора намуда таъқид менамояд, ки он «…аз забони имрӯзаи зиндаи тоҷик дур нест ва ҳеҷ кас ҳам даъво карда наметавонад, ки ин забон фоида надорад ва вайрон аст» [6, с.543]. Мавсуф бар он ақида аст, ки дар сурати мувофиқи шароит ва қонунҳои умумӣ бо лаҳҷаҳои дигар пурра кардани лаҳҷаи Бухоро ё Самарқанд метавон як забони сода ва оммафаҳмро ба майдон оварад.

Дар қатори асарҳои фавқуззикр метавон рисолаҳои Фитрат «Мунозира», «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» ва Мирзо Сироҷи Ҳаким «Туҳафи аҳли Бухоро»-ро низ ном бурд. Бахусус ««Туҳафи аҳли Бухоро» ба забони бисёр содаву фасеҳ аз сафарҳои тӯлонии муаллиф ба мамолики Аврупо ва Шарқ ҳикоят намуда, аҳаммияти таърихиву ҷуғрофӣ, иқтисодӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ дорад» [2, с.4].

Донишманд ва сиёсатмадори давр Абдуқодир Муҳиддинов сабаби инкори забони адабии тоҷикиро, ки таърихи ҳазорсола дорад ва сохтани онро ҳамроҳ бо сохти нави давлатдорӣ дар он мебинад, ки соҳибзабонон аз забони ноби модариашон то андозае дур гардиданд: «Аз ҷумла сабабҳое, ки имрӯз мо тоҷикзабононро ба ҷустуҷӯи «забони адабӣ» водор кардааст, онҳоро метавонем, ки бишуморем: аз забони худ ба андозае, ки зарур бошад, маълумот надорем, бисёре аз суханҳои порсиро фаромӯш кардем, он чӣ ёд дорем бо луғатҳои арабӣ ва туркӣ олуда кардем» [6, с.384]. Ба андешаи Муҳиддинов дар қарнҳои пешин ҳеҷ вақт илму маданият ба мардуми авом талқин намешуд ва аз ҳамин нигоҳ эҳтиёҷе ба содагии забон набуд. Маҳз Инқилоби Октябр чунин шароитро барои мардуми меҳнаткаш фароҳам оварда, талош кард, ки «…бояд илму маданиятро насиби омма кунем, аз тараққиву фарохии адабиёт, матбуот, илм ва фан бояд истифодаи оммаро чашм дошта бошем» [6, с.384].

Мубоҳисаҳое, ки дар ин муддат дар маҷаллаҳои «Раҳбари дониш», рӯзномаҳои «Правда Востока», «Овози тоҷик» ва «Тоҷикистони сурх» нашр гардиданд, тавонистанд масоили гуногуни марбут ба забони адабии тоҷикро мавриди баррасӣ қарор дода, барои муайян намудани меъёрҳои зарурии он мусоидат намоянд. Дар ин марҳилаи ҳассос маҳз матбуот василае гардид барои дар маърази муҳокимаи умум қарор гирифтани мубоҳисаҳо дар атрофи табдили алифбо ва забони тоҷикӣ. Аз нигоҳи мавқеъгирӣ агар мулоҳиза ронем, мебинем, ки рӯзномаи «Правда Востока» баъзан маводеро ба табъ мерасонд, ки он масъалаи эҷоди забони тоҷикиро ба миён мегузошт ва ин аз як ҷиҳат маънии инкори ин забонро дошт. Чунин андешаро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон қабул кард, зеро ин забон куҳанбунёд аст ва то имрӯз салосату балоғат ва нафосати худро аз даст надодааст, дарку маънияш ҳанӯз мушкиле надорад.

Муҳим ва басо ҳассос будани масоили марбут ба забон ва алифбо боис гардид, то теъдоди зиёди равшанфикрон ба ин мубоҳиса ҷалб гарданд. Баҳс ҳомили ҳақиқату ростист, дар моварои он андешаҳои ҷолиб изҳору розҳои нуҳуфта ошкор мешаванд ва дар маҷмӯъ натиҷаи дилхоҳ ба даст меояд. Омӯзиши мубоҳисаҳои матбуоти ин давр ҳамин нуктаро бозгӯ мекунад, ки баҳсҳо дар масъалаи табдили алифбо ва чигунагии забони адабии тоҷикӣ барои баланд бардоштани мақоми забони тоҷикӣ дар ҷомеа мусоидат намуда, дар муайян намудани меъёри забони адабии тоҷикӣ ва рушди илми забоншиносӣ саҳим гардиданд. Дар баробари ин, маводи баҳсбарангези матбуоти ин давр барои пажӯҳиши таърихи забон ва фарҳанги солҳои бистуму сиюми қарни XX сарчашмаи муҳими илмӣ ба шумор мераванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Ахгари инқилоб. - Душанбе: Ирфон, 264 с.
2. Азимов А.Х. Нақши Мирзо Сироҷи Ҳаким дар танвири афкор ва бедории тоҷикон / А.Х.Азимов, Н.У. Ғаффоров // Паёми донишгоҳи миллӣ. - Душанбе, 2016. - № 3/8. - С. 3-8.
3. Дарси хештаншиносӣ: маҷмӯи мақолаҳо. Қ.1. - Душанбе: Ирфон, 1989. - 272 с.
4. Дарси хештаншиносӣ: маҷмӯи мақолаҳо. Қ. 2. - Душанбе: Ирфон, 1989. - 400 с.
5. Муродов М. Аз замон то замон / М.Муродов. - Душанбе: Шуҷоён, 2010. – 248 с.
6. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо: маҷмӯи мақолаҳо: мураттибон А.Набавӣ, Н.Одинаев, П.Олимова. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 720 с.
7. Забон ва худшиносии миллӣ: маҷмӯи мақолаҳо: мураттиб Гулмуродзода П. - Душанбе, 2007. - 231 с.
8. Усмонов. И. Таърихи журналистикаи тоҷик / И.Усмонов, Д.Давронов. - Душанбе: 2008. - 280 с.
9. Усмонов. И. Баҳси забони тоҷикӣ / И.Усмонов. - Душанбе: Эр-граф, 2008. - 48 с.
10. Шарифзода Қ. Аввалин рӯзномаи тоҷикӣ. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 72 с.

МАВЗӮИ ЗАБОН ҲАМЧУН ОМИЛИ САР ЗАДАНИ МУБОҲИСАҲО ДАР МАТБУОТИ ДАВРИИ ТОҶИК (солҳои 1920 – 1930)

Дар ин мақола яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар солҳои аввали ҳукумати шӯроӣ ҳамчун як рукни инқилоби маданӣ дар маърази диққати давлат ва ҳукумати навтаъсис қарор гирифта буд – табдили алифбо ва баъдтар чигунагии забони адабии тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Чун дар масъалаи чигунагии забони адабии тоҷик донишмандон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда буданд, андешаҳои ҳарду ҷониб дар мақола оварда шуда, дар зимн моҳияти ин пешниҳодҳо ироа мегардад. Мубоҳисаҳое, ки дар ин муддат дар маҷаллаҳои «Раҳбари дониш», рӯзномаҳои «Правда Востока», «Овози тоҷик» ва «Тоҷикистони сурх» нашр гардиданд, тавонистанд масоили гуногуни марбут ба забони адабии тоҷикро мавриди баррасӣ қарор дода, барои муайян намудани меъёрҳои зарурии он мусоидат намоянд. Баҳсҳо дар масъалаи табдили алифбо ва чигунагии забони адабии тоҷик барои рушди илми забоншиносӣ замина гузошта, барои пажӯҳиши таърихи забон ва фарҳанги солҳои бистуму сиюми қарни XX сарчашмаи муҳимми илмӣ ба шумор мераванд.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, муҳаққиқ, баҳс, мубоҳиса, матбуот, алифбо, «Правда Востока», «Раҳбари дониш», Туркистон, Дяков, Ализода, Бектош.

ТЕМА ЯЗЫКА КАК ФАКТОР ВОЗНИКНОВЕНИЯ СПОРОВ В ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПЕЧАТИ (1920 – 1930 ГОДЫ)

В данной статье рассматривается один из важных вопросов времен становления советской власти в Таджикистане - перемена алфавита с арабского на латынь, как элемент развития культуры таджикского народа. По мнению автора, данный вопрос считался важным политическим вопросом, и таджикские ученые по вопросу замены алфавита разделились на две группы. В статье приведены мнения ученых обеих групп и анализированы их

научная и политическая значимость. Полемика, состоявшаяся на полосах журналов "Рохбари дониш", газеты "Правда Востока", "Овози точик" и "Точикистони сурх" в определенной степени способствовала определению литературной нормы таджикского языка. Данная полемика в будущем способствовала становлению и развитию таджикской науки о языке. До сих пор эти статьи, посвященные вопросу замены алфавита и нормы литературного языка, не теряют свою актуальность и смогут служить разрешению некоторых вопросов нормы литературного языка.

Ключевые слова: «Правда Востока», «Рањбари дониш», алифбо, забон, Туркистон, , Бухоро, Дяков, Ализода, Бектош.

LANGUAGE TOPIC AS A FACTOR OF THE ORIGIN OF DISPUTES IN THE PERIODIC TAJIK PRINT (1920 - 1930)

This article discusses one of the most important issues during period former of Soviet Union in Tajikistan-changed the alphabet from arabic in to latin, as element of cultural development of the Tajiks. To the author's opinion, the matter was considered an important political issue, and Tajik scientists on the problem of replacing the alphabet were divided into two groups. The article presents the views of the scholars of both groups and analyzed their scientific and political significance. The controversy, on magazine "Rohbari donish", newspaper "Pravda Vostoka", and “Ovozi tojik" and "Tojikistoni Surkh" could allow and to some extent reflect, as well as help to identify the literary norm of tajik language. Data in future controversies contributed to the formation and development of the Tajik language sciences. So far these articles on replacing the alphabet and literary standards did not lose its relevance and can serve to resolve some of the issues in the literary standards.

Key words: Pravda Vostoka, Rohbari donish, Tojikistoni Surkh, alphabet, language, discuss, latin.

Сведение об авторе: ***Расулова Наргис*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры печати факултет журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **rasulova_1969@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-848-07-69**

Information about the author: ***Rasulova Nargis*** - Tajik National University, applicant Chair of print journalism faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **rasulova_1969@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-848-07-69**

УДК: 07+891.550+327(575.3)

ИНЪИКОСИ РАВОБИТ ВА ВОҚЕАҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР НАШРИЯҲОИ КУВАЙТ

Қаландаров С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷаҳон дар ҳоли тағйирёбист ва акнун қувваҳои қудратхоҳ дигар ба тиру туфанг эҳтиёҷ надоранд, зеро ҷойи онҳоро ВАО гирифтааст, яъне кадом ҷонибе онҳоро хуб истифода барад, зудтар ба ҳадафаш мерасад. Имрӯз воситаҳои ахбори омма ба минбари фаврии таҳлилу баррасии мушкилоти рӯз табдил ёфтааст. Дар ин самт фаъолияти ВАО – и давлатҳои хориҷӣ барои таъсир расонидан ба фазои иттилоотии Тоҷикистон дар самтҳои гуногун идома дорад. Ҳар кадом пайи амалӣ намудани нақшаҳои муайян кор мекунанд. Доираи муайяни мутасаддиёни кор бо афкори омма (коршиносон, сиёсатмадорон, хабарнигорон) хабару мақолаҳои худро бо мақсад, бо шаклу услуби рангоранг эҷод намуда, дар фазои иттилоотӣ нашр мекунанд. Ҳамин тариқ, ба мақсади заминаи сиёсӣ ва психикӣ ба вуҷуд овардан ВАО-и хориҷӣ фаъолона кор мекунанд, халқу миллат ва шахсиятҳои алоҳидаи кишварро паст мезананд ва марзҳои иттилоотии давлатҳоро осебпазир мегардонанд. Мутаассифона, имрӯз матбуоти ватанӣ самти фаъолияти худро бештар ба он хабарҳое алоқаманд мекунанд, ки сарчашмаи онҳо аз берун аст. Дар натиҷа вазъи афзоиши таъсири ВАО-и хориҷӣ ба афкори умум ва фазои иттилоотии кишвар метавонад таҳдид ба бор оварад. Ҳадафи асосии матбуоти ҳукуматӣ ва мустақил ҳамчун ду шохаи бо ҳам пайвастаи матбуоти Тоҷикистон иҷрои рисолати касбӣ, яъне хизмати содиқона ва софдилона ба манфиати халқу Ватан мебошад [12, с.6]. Аз ин рӯ, сохторҳои давлатиро зарур аст, ки бо ВАО сарфи назар аз мансубияташон ҳамкориро зич намуда, дар ҷилавгирӣ аз ин ҳамлаҳои иттилоотии беруна истодагарӣ нишон диҳанд.

Қобили тазаккур аст, яке аз ҳавзаҳои консепсияи сиёсати берунии кишварамон ҳамкорӣ бо доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро на фақат ягонагии дину ойин ва суннатҳои рӯҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайвандад [5, с.5]. Воқеан, кишварҳои исломӣ дар муддати тӯлонии таърих василаи муҳимтарини таъмини равобити байниминтақавии иқтисодиву сиёсӣ ва тиҷоративу фарҳангӣ будаанд ва дар ташаккули таърихии ҷаҳон ва низоми муосири равобити байналмилалӣ нақши муассир доштаанд.

Тоҷикистон чун кишвари омодаи ҳамкориҳои созанда ва чун мамлакати эътиқодманди усулу меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ сиёсати «дарҳои кушода»-ро пайгирона пеш мебарад. Имрӯз ҳамкориҳои кишварамон дар

сатҳҳои гуногун бо ҳама мамлакатҳои ҷаҳон бомуваффақият идома дорад ва Тоҷикистон омода аст ҷиҳати пешбурди ҳамкориҳои натиҷабахши иқтисодӣ, ки тавонанд рушди босуботи иқтисодиро дар минтақа ва ҷаҳон таъмин кунанд, минбаъд низ саъю талоши бештар намояд.

Агарчанде таҳкими равобити Тоҷикистон бо давлатҳои арабӣ дар муқоиса бо кишварҳои дигари Осиёи Миёна каме дертар сурат гирифт, аммо тайи якчанд соли ахир, аниқтар аз соли 2007 инҷониб, дар сиёсати хориҷии кишвар, хусусан дар самти густариши муносибатҳо бо кишварҳои араб (махсусан халиҷи Форс – Саудӣ, Қатар, Кувайт, Аморот, Баҳрайн, Уммон) робитаҳои фаъол шурӯъ шуда, таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуқӯъ омад [1, с.40]. Воқеан, густариши муносибатҳои ҳамкории Тоҷикистон бо ин давлатҳо боиси рушди иқтисодиёт мегардад. Зеро ин минтақа дорои манбаъҳои бойи табиӣ ба монанди нефту газ буда, дар сармоягузорӣ ва бозоргонӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ нақши муҳим доранд. Аз тарафи дигар, аз нигоҳи ҷуғрофӣ Ховари Миёна яке аз муҳимтарин ва бузургтарин марказҳои иртиботӣ байни се минтақа ба шумор меравад. Минтақаи мазкур мавқеи муҳимми стратегӣ дошта, нуқтаи пайванд ва иртиботи байни Аврупо, Африқо, Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Шарқӣ мебошад [8, с.152]. Бинобар ин, роҳандозии муносибатҳои дарозмуддату босубот бо кишварҳои арабии халиҷи Форс ҷавобгӯи манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз ин рӯ, аз рӯзҳои аввали истиқлолияти миллӣ бо дарназардошти дурнамои стратегӣ Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худро таҳким ва густариши муносибатҳои дӯстона бо ин кишварҳо арзёбӣ кардааст [6, с.39].

Сатҳи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳар яке аз ин кишварҳо дар зинаҳои гуногун қарор дорад. Риштаҳои ҳамкорӣ бо Арабистони Саудӣ, Амороти Муттаҳидаи Араб, Қатар ва Кувайт дар қиёс бо Уммон, Ироқ ва Баҳрайн, бо дарназардошти силсилаи сабабҳои мухталиф ва омилҳои дохилию хориҷӣ, қавитар мебошанд. Кишварҳои арабӣ аз нигоҳи пешрафти иқтисодиёт, некуаҳволии мардум, нуфуз ва эътиборе, ки дар ҷаҳон доранд, дар сатҳҳои гуногун қарор доранд [11, с.157]. Айни ҳол давлатҳои арабии аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ пешрафта асосан давлатҳои арабии халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Баҳрайн, Қатар, Кувайт, Уммон) ба шумор мераванд.

Дар давоми солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳаводису рӯйдодҳои рӯзмарраш мавриди таваҷҷуҳи бештари кишварҳои араб гардид, ки далели таҳкимёбии равобити он ва ҳамкории судманди иқтисодӣ миёни кишварҳо мебошад. Боиси қаноатмандист, ки дар натиҷаи саъю талошҳои муштарак ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва Кувайт масири рушди мунтазамро пайдо кардаанд ва марҳила ба марҳила васеъ мешаванд. Мавзӯе, ки мавриди тадқиқ ва омӯзиш қарор медиҳем, ин баррасӣ ва бозтоби рӯйдоду воқеаҳои Тоҷикистон дар сомонаҳои интернетии матбуоти давлати Кувайт мебошад. Рӯзномаҳои маъруфи давлати Кувайт ин нашрияҳои “Аланбоу” (الأنباء) – http://www.alanba.com.kw (120 ҳазор нусха), “Алқабас” (القبس) – https://alqabas.com (80 ҳазор нусха), “Алватан” (الوطن) – http://alwatan.kuwait.tt (60 ҳазор нусха), “Араъюлъом” (الرأي العام) – http://alrayalaam.com (89 ҳазор нусха), “Ашшоҳид” (الشاهد)– http://www.alshahedkw.com ва “Ассиёсат” (السياسة) – http://al-seyassah.com мебошад. Ҳар яке аз ин нашрияҳои мазкур дар бораи Тоҷикистон ба таври худ фазои иттилоотии кишвари Кувайтро пур карда, дар инъикоси равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаашон ҳиссаи хешро мегузоранд.

Қобили тазаккур аст, ки давлати Кувайт 19-уми июни соли 1961 мустақилият (аз Англия) ба даст оварда, яке аз давлатҳои бойтарини дунё ба шумор меравад. Кувайт дар минтақаи ҷанубу ғарби Осиё ҷойгир буда, дар шимол ва ғарб бо Ироқ, дар ҷануб бо Саудӣ ва аз шарқ бо халиҷи Форс ҳамсарҳад аст. Содиркунандаи муҳимми нефт, узви кишварҳои содиркунандаи нефт (ОПЕК) мебошад. Сатҳи зиндагии мардумаш хеле хуб аст. Шаҳрвандонаш аз имтиёзҳои хизматрасонии ройгони тиббӣ, маълумот, ёрии (нафақа) калони ҳармоҳа барои кӯдакон ва кумаки пулӣ барои тӯйи навхонадорон бархӯрдоранд. Имрӯз нишондодҳои рушди иқтисодии ин кишвар тибқи маълумоти Сандуқи байналмилалии асъор соли 2017 маҷмӯи маҳсулоти дохилии он 111 млрд $-ро ташкил дода, ба сари ҳар як нафари аҳолиаш 52 379 $ мерасад. Аҳолӣ – 4,348,395 н., аз ин шумора 45 % - кувайтиҳои муқимӣ (асл) ва боқимонда шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла шаҳрвандони кишварҳои арабӣ (35 %), Покистон ва Ҳиндустон (9 %), Эрон (4 %) ва кишварҳои дигар (7 %) мебошанд, ки мақоми шаҳрвандӣ надоранд. 98 % -и аҳолӣ дар шаҳр зиндагӣ доранд. Боигарии асосии ин кишвар нафт ва марворид аст. Маҳсулоти нафтӣ 50 % - и маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакатро ташкил дода, 95 % -и даромади буҷаи давлатиро таъмин мекунад. Сохти давлатдориаш – монархияи конститутсионӣ. Роҳбари давлат – Амир ва роҳбари ҳукумат – Сарвазир. Амир сарвазирро таъйин мекунад ва аз ҳуқуқи дахлнопазирӣ бархӯрдор аст. Ӯ сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳ буда, танқиди он дар расонаҳо қонунан манъ аст [1, с.125].

Аз маводи матбуот маълум мешавад, ки фаъолияти сафирон дар муаррифии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷ нақши бориз дорад. Ба қавли Зубайдов З. - сафири Тоҷикистон дар давлати Кувайт ҳукумати Кувайт омодаи ҷудо кардани маблағҳои калон барои лоиҳаҳои муштарак бо Тоҷикистон аст ва Комиссияи муштараки Тоҷикистону Кувайт оид ба ҳамкориҳои фанниву иқтисодиву тиҷоратӣ дар шаҳри Ал-Кувайт ба кор шурӯъ кардааст. Қарор аст мавзӯи сармоягузории тарҳҳои бузурги Кувайт дар Тоҷикистон дар ҷараёни сафари расмии қарибулвуқӯи Президент ба Кувайт баррасӣ шавад. Мавсуф меафзояд, ки то имрӯз Кувайт аз тариқи Бонки исломии рушд дар маблағгузории бунёди роҳи Қалъаи Хум-Кӯлоб, тармими шабакаи барқии шаҳри Душанбе, рушди зироаткорӣ дар ноҳияи Данғара ширкат кардааст.

Ҳамчунин ба гуфтаи дипломати тоҷик қарор аст, ки санади ҳамкорӣ дар бахши муҳоҷирати корӣ бо Кувайт ҳам таҳия шавад. Аз ин рӯ, бояд дар Тоҷикистон курсҳои вижа барои омӯхтани забони арабӣ таъсис шаванд, зеро маҳз бинобар сабаби надонистани забон теъдоди мутахассисони тоҷик дар кишварҳои арабӣ кам аст. Айни ҳол дар Қатар тақрибан 40 нафар ва дар Кувайт 6-7 нафар аз шаҳрвандони Тоҷикистон кору зиндагӣ мекунанд. Мақомоти Қатару Кувайт омодаанд, ки дарёфти раводид барои шаҳрвандони Тоҷикистонро осонтар кунанд ва ин мавзӯъ аз ҷумла, дар ҷараёни сафари вазири корҳои дохилии Тоҷикистон ба Қатар матраҳ хоҳад шуд [2, с.14].

Бояд зикр кард, ки тибқи қонунгузориҳои давлати Кувайт танқиди Амир ва сиёсати муносибатҳо бо давлатҳои хориҷӣ дар ВАО манъ аст. Ҳамчунин барои чопи маводи таҳқиромез дар бораи дин, ташвиқи ҷинояткорӣ, барангехтани оштинопазирӣ, вайрон кардани ахлоқи ҷамъиятӣ ва таъсири манфӣ расонидан ба қурби асъори миллӣ (динор) бори аввал то 6 моҳ ва барои такроран содир кардан ба муҳлати 1 сол ҳабс пешбинӣ шудааст. Чунончи соли 2002 намояндагии шабакаи “Алҷазира”-ро бо далели мавқеи беэҳтиромона доштани журналистон нисбат ба ҳукумати Кувайт баст. Вазорати иттилоотии (алоқа) шоҳигарӣ нашри маводи ҳамагуна ахборро, махсусан сиёсиро таҳти назорати сахт қарор медиҳад. Иҷозатнома ва фаъолияти ВАО бо розигии вазорати мазкур сурат мегирад. Дар истифода бурдани шабакаҳои интернетӣ маҳдудият аст. Кафе-интернетҳо бояд баъзе сомонаҳои сиёсӣ ва сомонаҳое, ки ахлоқу одоб ва маънавиётро таҳқир мекунанд, банданд. Ҳамчунин ба вазорати алоқа дар бораи истифодабарандагони худ маълумот пешниҳод кунанд. Новобаста аз ин маҳдудиятҳо журналистони кувайтӣ дар қиёс бо дигар журналистони кишварҳои арабии халиҷи Форс озодии бештар дар ихтиёр доранд. Нигоҳи интиқодии онҳо дар инъикоси воқеаҳои баррасишаванда бештар аст ва дар ин ҷо интиқоди Амир ва дин истисно мебошад [13].

Тадқиқ ва омӯзиши матбуоти давлати Кувайт аз шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи расонаҳои ин кишвар қарор гирифтааст ва аз воқеаву рӯйдодҳои Тоҷикистон мардуми худро иттилоъ медиҳанд. Бояд қайд кард, ки мавзӯъҳои мавод нисбати Тоҷикистон гуногунсамт аст, бинобар ин мо маводи матбуоти Кувайтро вобаста ба мавзӯъҳо чунин тақсимбандӣ намудем:

а) инъикоси муносибат ва ҳамкориҳо байни ҳарду давлат;

б) ахбори рӯйдоду воқеаҳои рӯзмарраи Тоҷикистон;

А) Таҳқиқот нишон медиҳад, ки яке аз мавзӯъҳое, ки мавриди таваҷҷуҳи матбуоти Кувайт қарор гирифтааст, ин инъикос ва баррасии муносибату ҳамкориҳои байни ҳар ду давлат мебошад. Мавриди зикр аст, ки ҷараёни сафарҳои расмии Президенти кишвар ва дигар шахсони расмии Тоҷикистон ба Кувайт, мулоқоту музокироти онҳо дар васоити ахбори оммаи ин кишвари арабӣ, бахусус тавассути расонаҳои Кувайт ба таври васеъ инъикос мегардад.

Аз маводи расонаҳо мушоҳида мешавад, ки дар ин самт рӯзномаҳои “Аланбау” (الأنباءُ) ва “Алқабас” (القبس) фаъолтаранд ва бештар ба хабарҳои расмӣ таваҷҷуҳ кардаанд. Чунончи, дар бораи сафари охирони Президенти кишвар ба Кувайт (15-17–уми майи 2016) ва вохӯрию мулоқотҳои ӯ бо роҳбарони ин кишвар дар расонаҳои “Аланбау” (الأنباءُ) панҷ мавод (),“Алқабас” (القبس) се ва “Араъюлъом” (الرأي العام) 3 мавод ба нашр расидааст. Ҳамчунин дар бораи сафарҳои шахсони баландмартабаи Тоҷикистон, аз ҷумла Раиси Маҷлиси Намояндагон Шукурҷон Зуҳуров, вазири корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Аслов, вазири рушди иқтисод ва саноат Неъматулло Ҳикматуллозода ва дигар ҳайату шахсони расмӣ ба Кувайт ахбор ба табъ расидааст [14]. Қобили тазаккур аст, ки ахбори расмии расонаҳои мазкур дар такя ба Оҷонсии иттилоотии Кувайт (كونا, Оҷонсии давлатии Кувайт – Қ.С) дар жанри хабар (хроника, хабари кӯтоҳ ва васеъ) ба табъ расидааст [9, с.21]. Ҳамаи мавод аз як манбаъ сарчашма гирифта, мазмуну муҳтавои хабарҳо, ҳатто ҷумлаҳо якхел буда, фақат номи сарлавҳа фарқ мекунад. Чунончи расонаи “Араъюлъом” (الرأي العام) рӯзи 21.12.2015 дар ҳошияи сафари расмии Раиси Маҷлиси Намояндагон Шукурҷон Зуҳуров ба ин кишвар хабаре бо номи “Раис Ал-Ғоним: Ҳамкории дуҷонибаи парламонӣ

бо Тоҷикистон” (الرئيس الغانم: تعاون برلماني ثنائي مع جمهورية طاجيكستان) чоп кардааст, ки дар он дар бораи вохӯрии Раиси Шӯрои миллии Кувайт (رئيس مجلس الأمة) Мазруқ Алӣ Алғоним бо Раиси Маҷлиси Намояндагони Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров сухан меравад [15]. Рӯзи 22.12.2015 бошад расонаи “Аланбау” (الأنْباءُ) ҳамин хабарро бо сарлавҳаи дигар “Ал-Ғоним бо ҳамтои тоҷикаш шартномаи ҳамкории дуҷонибаи парламониро имзо мекунад” (الغانم يوقع مع نظيره الطاجيكي اتفاقية تعاون برلماني ثنائي) чоп кардааст, ки мазмуну ҷумлабандӣ як хел буда, фақат дар анҷоми хабар аз тарафи Раиси Шӯрои миллии Кувайт ба хотири Раиси Маҷлиси Намояндагон Шукурҷон Зуҳуров ва ҳайати ҳамроҳонаш оростани зиёфат маълумот додааст [16].

Вобаста ба баррасии муносибатҳои ҳамкорӣ дар расонаҳои Кувайт мавод хеле зиёд мушоҳида шуд. Аз маводи нашрияҳо маълум мешавад, ки ҳамкориҳо байни Тоҷикистону Кувайт дар ҳоли пешравист. Чунончи, рӯзномаи «Алқабас» вобаста ба ҳамкориҳо рӯзи 20.03.2018 таҳти унвони **الكويت تقرض طاجيكستان 7 ملايين دينار لتطوير شبكة الطرق** “Кувайт ба Тоҷикистон барои рушди (пешбурд) шабакаи роҳҳо 7 млн. динор ҷудо мекунад (қарз медиҳад)” хабар чоп карда, менависад: “Сандуқи (Фонд) кувайтӣ оид ба рушди иқтисодиёти араб шартномаи қарз бо Тоҷикистонро дар ҳаҷми 7,5 млн. динори кувайтӣ (муодили 24, 75 млн. $, 1 динори кувайтӣ = 3, 30 $ – Қ.С.) барои саҳмгузорӣ дар сармоягузории лоиҳаи роҳи Кӯлоб-Қалъаи Хумб имзо кард. Дар такя ба изҳороти матбуотии Фонд хабар дода мешавад, ки ҳадафи ин лоиҳа дастгирии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои ҷанубу шимоли Тоҷикистон аст. Дар хабар омадааст, ки таҷдид ва азнавсозии роҳи Кӯлоб- Қалъаи Хумб дар пастшавии арзиши кор ва кӯтоҳшавии интиқоли афрод ва амвол мусоидат мекунад. Ҳамчунин хабар дода мешавад, ки ин қарз панҷумин қарзе аст, ки ба Тоҷикистон ҷудо карда мешавад. Аллакай, чор қарзи дигар ба маблағи 17,2 млн. динор (56, 76 млн. $ – Қ.С.) барои таҷдиди қитъаҳои мухталифи ин лоиҳа сармоягузорӣ шудааст. Дар хотимаи хабар оид ба таърихи таъсиси Сандуқи (Фонд) кувайтӣ оид ба рушди иқтисодиёти араб ва ҳадафи он маълумот дода, аз ҷумла менависад: “Бо мақсади дастгирии сиёсати хориҷии Кувайт ва таҳкими мақоми байналмилалиаш дар ҷаҳон ин Сандуқи молиявӣ соли 1961 ҷиҳати дастгирии молиявӣ ва техникии давлатҳои араб ва рушдкунанда таъсис ёфт”. Нашрия дар бораи шарти баргардонидан ва фоизи қарз маълумоте наовардааст [17].

Қобили зикр аст, ки ҳамин хабарро рӯзи 21.03.18 рӯзномаи “Аланбау” (الأنْباءُ) бо сарлавҳаи “7,5 млн. аз Сандуқи (Фонд) кувайтӣ барои Тоҷикистон” (7.5 ملايين من الصندوق الكويتي لطاجيكستان) хабари мухтасаре (кӯтоҳ) ба табъ расонидааст, ки дар он низ дар бораи аз тарафи Сандуқи кувайтӣ оид ба рушди иқтисодиёти арабӣ имзо шудани маблағи 7,5 млн. динор барои сармоягузорӣ дар лоиҳаи роҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб хабар додааст [18].

Қобили тазаккур аст, ки дар сарлавҳаҳои ахбори мазкур маблағи қарз дуҳӯра (яке 7 млн. ва дигаре 7,5 млн.) дарҷ гардидааст, ки хонандаро ба иштибоҳ меандозад. Ин аз беаҳаммиятӣ ва бемасъулиятии хабарнигор гувоҳӣ медиҳад. Ҳамзамон рӯзномаи «Аланбау» рӯзи 9-уми июли 2018 дар такя ба суханони Сафири Тоҷикистон дар Кувайт Зубайдулло Зубайдов таҳти сарлавҳаи «Зубайдов: Мо кушодани хатсайри ҳавоии мустақим байни Кувайт ва Тоҷикистонро баррасӣ мекунем» хабар чоп кардааст, ки дар он Сафир аз тарафи Сандуқи кувайтӣ ҷудо кардани 7,5 млн.динори кувайтӣ барои Тоҷикистонро тасдиқ мекунад ва илова мекунад, ки “кишвараш, аллакай, бо Сандуқи рушди кувайтӣ 5 (панҷ) шартнома ба муҳлати 20 сол дар шакли қарз барои анҷом додани якчанд лоиҳаҳое, ки барои пешрафти иқтисодиёти Тоҷикистон мусоидат мекунад, ба имзо расонида аст” [19]. Рӯзномаи “Ашшоҳид” (الشاهد) бошад, дар як хабараш оид ба ҷудо кардани 4 млн. динор кӯмак ба марҳилаи дуюми лоиҳаи обёрӣ дар Тоҷикистон маълумот додааст [20].

Ҳамчунин рӯзномаи “Аланбау” (الأنْباءُ) рӯзи 15.05.2016 дар ҳошияи сафари Президенти Тоҷикистон ба Кувайт дар такя ба Оҷонсии иттилоотии Кувайт (كونا) бо номи «Кувайт ва Тоҷикистон 6 шартномаи дуҷонибаро ба имзо мерасонанд» (**الكويت وطاجيكستان توقعان 6 اتفاقيات ثنائية**) хабар ба табъ расонидааст, ки дар он гуфта мешавад, ки бо иштироки сарони кишвар чор ёддошти тафоҳум ва ду шартнома (дар самти амниятӣ ва роҳи ҳавоӣ) ба имзо расид. Дар хабар аз тарафи кӣ ва кадом мақомот ба имзо расидани шартномаҳо зикр шудааст [21].

Рӯзномаи “Алқабас” (القبس) бошад оид ба ҳамкориҳо рӯзи 27.06.2017 дар такя ба суханони сафири Тоҷикистон дар Кувайт Зубайдулло Зубайдов хабареро бо номи “Имсол кушодашавии сафорати Кувайт дар Тоҷикистон” (**افتتاح السفارة الكويتية في طاجيكستان العام الحالي**) ба табъ расонидааст, ки дар он аз қавли сафир менависад, ки муносибати Тоҷикистону Кувайт аз сафари Президенти Тоҷикистон (1995) сарчашма гирифта, айни ҳол байни кишварҳоямон 17 шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расидааст. Нашрия дар такя ба суханони сафир оид ба кушодашавии сафорати Кувайт дар Тоҷикистон менависад: “вобаста ба

кушодани сафоратҳо дар кишварҳоямон шартномаи асосӣ ҳаст, мо соли 2013 сафоратамонро кушодем ва кушодани сафорати Кувайт дар Тоҷикистон дар назар аст". Ҳамчунин рӯзнома менависад, ки "аммо сафир вақташро (муҳлат) муайян накард". Таҳияи хабар аз ҷашни рӯзи Ваҳдати миллӣ дар сафорати Тоҷикистон дар Кувайт сарчашма мегирад. Қобили зикр аст, ки вобаста ба ҳамин ҷашн дар сомонаи Вазорати хориҷии Тоҷикистон рӯзи 25.06.2017 бо номи "Ҷашни рӯзи Ваҳдати миллӣ дар давлати Кувайт" хабар ба табъ расидааст, ки дар он дар бораи дар бинои сафорати Тоҷикистон дар давлати Кувайт ба муносибати рӯзи Ваҳдати миллӣ бо иштироки донишҷӯёну шаҳрвандони тоҷикистонии муқими ин кишвар ва доираи васеи рӯзноманигорону васоити ахбори оммаи Кувайт доир гаштани мизи мудаввар хабар додааст. Доир ба кушодашавии сафорати Кувайт дар Тоҷикистон маълумоте гуфта нашудааст" [22]. Аз сарлавҳаи хабар мушоҳида мешавад, ки хабарнигори араб хостгори зудтар кушодашавии сафорати Кувайт дар Тоҷикистон аст.

Инчунин, вобаста ба ҳамкорӣ дар соҳаи ВАО нашрияи ""Аланбау" (الأنباءُ) рӯзи 22.02.2018 дар партави вохӯрии сафири Тоҷикистон бо Директори генералии Оҷонсии иттилоотии Кувайт (كونا) ва ҳамзамон Раиси иттиҳодияи оҷонсиҳои иттилоотии араб (فانا) Шайх Муборак Даиҷ хабаре таҳти унвони "Даиҷ густариши ҳамкории иттилотиро бо сафири Тоҷикистон баррасӣ мекунад" (**الدعيج بحث تعزيز التعاون الإعلامي مع سفير طاجيكستان**) чоп кардааст. Дар хабар гуфта мешавад, ки суҳбат доир ба роҳҳои рушди ҳамкориҳои иттилоотӣ байни Тоҷикистону Кувайт, нақши ВАО дар тақвияти муносибатҳо байни давлатҳои бо ҳам дӯст, густариши робитаҳо ва дастгирии доимии байни халқҳо, баргузор гашт. Дар хабари мазкур ҳавасмандии Оҷонсии иттилоотии Кувайт (كونا) доир ба рушди имкониятҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногуни иттилоотие, ки барои манфиатҳои мардум хизмат мекунад, таъкид шудааст. Ҳамзамон ишора меравад, ки Иттиҳодияи оҷонсиҳои иттилоотии араб (فانا) доир ба густариши озодии иттилоот бо давлатҳои араб ҷиҳати муқобилият бар зидди ҳуҷумҳое, ки исломро бадном мекунад, ҳавасманд аст [23].

Роҷеъ ба ҳамкориҳо расонаи "Алқабас" (القبس) рӯзи 18.12.2017 дар такя ба суханони вазири молияи Кувайт Ноиф Фалоҳ Алҳуҷраф (نايف فلاح الحجرف) дар ҳошияи ҷаласаи дуюми Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Кувайт оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию техникӣ мавод таҳти унвони "Алҳуҷраф (**الحجرف**): тақвияти ҳамкории иқтисодӣ бо Тоҷикистон" (**الحجرف: تعزيز التعاون الاقتصادي مع طاجيكستان**) хабар ба табъ расонидааст. Дар мавод омадааст, ки дар рафти ҷаласа ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳо байни ду кишвар дар соҳаҳои иқтисодиёт, тиҷорат, молия, сармоягузорӣ ва бахши хусусӣ, бонкдорӣ, нақлиёт, кишоварзӣ, нафту газ, энергетика, маориф, фарҳанг, сайёҳӣ, варзиш, ВАО ва дигар масъалаҳои дорои манфиати муштарак, аз ҷумла соҳаи алоқаи ҳавоӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст [24]. Роҷеъ ба ҳамин ҷаласа дар сомонаи Вазорати корҳои хориҷӣ низ хабар чоп шудааст [25].

Ҳамчунин расонаи "Алқабас" (القبس) рӯзи 19.12.2017 дар такя ба суханони Раиси палатаи савдо ва саноати Кувайт Алӣ Муҳаммад Ал-Ғоним хабаре таҳти унвони "Алӣ Алғоним: майдон барои густариши муносибатҳо бо Тоҷикистон васеъ аст" (**علي الغانم: المجال واسع لتطوير العلاقات مع طاجيكستان**) ба табъ расонидааст. Хабар дар партави мулоқоти Раиси палатаи савдо ва саноати Кувайт бо вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Неъматулло Ҳикматуллозода навишта шуда, дар он ҷониби Кувайт таваҷҷуҳ ва рағбати хешро дар фаъолсозии табодули тиҷоратии дуҷониба, барпо кардани лоиҳаҳои муштарак байни бахшҳои хусусӣ дар ҳарду кишвар изҳор кардааст. Ҳамзамон мавсуф таъмин кардани палатаро бо қонунҳои сармоягузорӣ ва андоз (молиётӣ), иловатан бо имкониятҳои мусоиди сармоягузорӣ зарур шуморидааст [26].

Қобили зикр аст, ки дар нашрияҳои арабӣ ному насаби мансабдорони тоҷик ғалат навишта шудааст. Чунончи ба ҷои Баҳодур Қурбониён – Дабири кулли ҷамъияти Ҳилоли аҳмари Тоҷикистон: باهودور كوبونيون омадааст ва ё дар хабари дигар дар чанд маврид насаби вазири рушди иқтисод ва тиҷорати Тоҷикистон – Неъматулло Ҳикматуллозода хато омадааст (... ثم دعا زاده ... ، ومن جانبه أعرب زاده). Ҳамчунин номи шаҳри Душанбе низ: للعاصمة الطاجيكية دوشمبيه

Б) Омӯзиши маводи расонаҳои Кувайт ба он далолат мекунад, ки дар баробари инъикоси муносибату ҳамкориҳо, инчунин воқеаву ҳодисаҳои рӯзмарраи Тоҷикистонро, ки сабаби дар сархати расона ва сомонаҳои хабарии ҷаҳон, аз ҷумла арабӣ қарор гирифтани кишварамон гашт, мавриди баррасӣ қарор додааст. Чунончи, соли 2016 яке аз хабарҳое, ки Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи ВАО – и хориҷӣ, аз ҷумла ВАО-и араб қарор гирифт, ин оғози сохтмони сарбанди неругоҳи Роғун буд ва дар расонаҳои зиёди кишварҳои араб мавриди инъикос ва баррасии густардае қарор гирифтааст [4, 250]. Вобаста ба ин мавзӯъ расонаи "Алқабас" (القبس) низ дар такя ба оҷонсии "Франс-Пресс" хабареро таҳти сарлавҳаи "Тоҷикистон бунёди баландтарин сарбанд дар ҷаҳонро оғоз

мекунад” (**طاجيكستان تبدأ بناء السد الأعلى في العالم**) ба табъ расонидааст. Дар хабар гуфта мешавад, ки баландии сарбанд 335 метр муқаррар шудааст, ки баландтарин дар ҷаҳон аст. Сарбанд дар шаҳри Роғун 100 км дуртар аз шарқи пойтахт воқеъ буда, сохтмони он барои таъмини эҳтиёҷоти мардум ба қувваи барқ, махсусан дар вақти моҳҳои хунуки зимистон хеле муҳим арзёбӣ мешавад. Ҳамчунин, дар хабар дар такя ба суханони Президент менависад: “Президенти Тоҷикистон давлатҳои ҳамсояро ваъда дод, ки ҳеҷ гоҳ ҳамсояҳояшро аз об маҳрум намекунад. Дар ҳоле ки Узбекистони ҳамсоя аз тарси камшавии миқдори обе, ки аз Тоҷикистон ба вай мерасад ва асосан барои зироати пахта истифода мешавад, барои бунёди ин сарбанд мухолифат дорад” [27].

Ҳодисаи дигаре, ки Тоҷикистон соли 2018 сабабгори мавриди таваҷҷуҳи расонаҳои хориҷӣ қарор гирифт ин ҳамлаи ногаҳонӣ ба сайёҳони хориҷӣ буд. Дар робита ба ин ҳодиса расонаи “Аннаҳор” рӯзи 31.07.2018 бо номи “Силоҳбадастон чор сайёҳро дар Тоҷикистон куштанд” (مسلحون قتلوا أربعة سياح في طاجيكستان) хабар ба табъ расонидааст, ки дар такя ба суханони вазири ВКД –Рамазон Раҳимзода менависад: “гумонбаршудагон бо кордҳо ва силоҳи оташфишон мусаллаҳ буданд ва дар ҷараёни амалиёти махсус ду нафари он кушта шуд”. Ҳамчунин дар мавод хабар дода мешавад, ки дар минтақаи Данғара (150 км ҷанубии пойтахт) дар натиҷаи ҳамла чор нафар сайёҳ аз кишварҳои Амрико, Шветсария ва Нидерландия кушта ва ду нафари дигар маҷрӯҳ гашт [28]. Қобили тазаккур аст, ки дар хабари мазкур таҳриф мушоҳида мешавад. Чуноне расонаҳои расмии Тоҷикистон роҷеъ ба ин ҳодиса хабар доданд, гумонбаршудагон бо худ силоҳи оташфишон надоштанд, аммо дар хабари арабӣ гуфта мешавад, ки гӯё силоҳи оташфишон ***(أسلحة نارية)*** доштанд. Ин аз иғвоангезу фитнабор будани хабар шаҳодат медиҳад.

Ҳамчунин, вобаста ба ин воқеа рӯзи 1-уми август расонаи “Аланбоу” (الأنباءُ) хабари кӯтоҳе бо номи “Тоҷикистон Эронро дар ҳамлаи душманонае, ки сайёҳон гирифтор шуданд, гунаҳгор медонад ва Теҳрон рад мекунад” (طاجيكستان تغمز من قناة إيران في اعتداء استهدف سياحاً وطهران تنفي) ба табъ расонидааст, ки дар такя ба Оҷонсии «Франс-Пресс» мегӯяд, ки ҳокимияти Тоҷикистон ҳизби оппозитсионии манъшударо дар ҳуҷуме, ки созмони «ДИИШ» анҷом дод ва сабабгори куштори чор сайёҳи ғарбӣ гардид, айбдор кард. Ин нахустин ҳамлаи аъзои ин гурӯҳ буд, ки дар хоки Тоҷикистон ва бо дасти шаҳрвандони кишварамон анҷом дода шудааст. Ҳокимият мутаваҷҷеҳ ба он шудааст, ки яке аз иҷрокунандагони ҳуҷум омодагиро дар Эрон паси сар кардааст, аммо Теҳрон онро рад кард. Сипас, дар мавод хабар дода мешавад, ки ҳафт сайёҳи хориҷӣ бо дучарха дар роҳи Помири машҳур (маъруф, номдор) саёҳат анҷом медоданд, ки мошине онҳоро пахш кард ва сипас ба онҳо ҳуҷуми мусаллаҳона карданд. Ҳодиса дар минтақаи Данғара, наздики 150 км дур аз пойтахт ба вуқуъ омадааст [29].

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар хабар Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон на ҳамчун ҳизби исломӣ, балки ҳамчун «ҳизби оппозитсионии манъшуда» муаррифӣ гаштааст, ки аз боғараз будани хабар дарак медиҳад.

Ҳамчунин расонаи мазкур рӯзи 30.04.2018 бо номи «Ҳукми абад барои даҳҳо занони «доиши» -и аҷнабӣ (хориҷӣ) » (**والموبد لعشرات الداعشيات «الأجنبيات**) хабар чоп кардааст, ки дар он дар такя ба сарчашмаҳои амниятии Ироқ оид ба ҳукми абад гирифтани 29 нафар занҳои хориҷӣ барои дастгирӣ ва кӯмак ба ДИИШ, аз ҷумла аз Россия, 6 н. аз Озорбойҷон ва 4 н. аз Тоҷикистон иттилоъ додааст. Ному насаби маҳкумшудагон оварда нашудааст [30].

Ҳодисаи дигаре, ки сабаби дар сархати хабарҳои матбуоти дохилӣ ва хориҷӣ мавриди баҳс қарор гирифтани номи Тоҷикистон гашт, ин ҳодисаи фирори Гулмурод Ҳалимов – сардори дастаи таъйиноти вижа (ОМОН) – и ВКД аз кишвар ва ҳамроҳшавиаш ба ДИИШ мебошад, ки дар сархати тамоми рӯзномаҳои хориҷӣ, аз ҷумла арабӣ низ қарор дошт [3, с.288]. Роҷеъ ба ин воқеа расонаи “Араъюлъом” (الرأي العام)-и Кувайт дар такя ба оҷонсиҳои иттилоотии ҷаҳон маводе бо номи “Сардори қувваҳои махсус дар милитсияи тоҷик ба “ДИИШ” мепайвандад ” (قائد القوات الخاصة في الشرطة الطاجيكية ينضم إلى «داعش») чоп кардааст, ки аз ҷумла гуфта мешавад, ки Г. Ҳалимов охирҳои моҳи апрел ғайб зада буд ва 27.05.2015 бо навори видеоӣ мусаллаҳ бо яроқ дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо шуда, Россия, Амрико ва Тоҷикистонро таҳдид мекунад [31]. Вобаста ба ҳамин мавзӯъ расонаи “Аланбоу” (الأنباءُ) рӯзи 9.09.2017 дар такя ба расонаҳои русӣ маводе бо номи “Кушта шудани “вазири ҷанг”-и ДИИШ дар Сурия ва роҳбари ташкилот дар Дайруззур” ба табъ расонидааст, ки дар он аз ҷумла гуфта мешавад: “мувофиқи маълумоти боэътимод дар натиҷаи зарбаҳои ҳавоӣ байни кушташудагон чор қумандонҳои саҳроӣ, якеаш Амири шаҳри Дайруззур Абӯ Муҳаммад Ашшимолӣ ва Гулмурод Ҳалимов-“вазири ҷанг”-и ДИИШ, ки вай аз Тоҷикистон аст, кушта шуданд”. Ҳамчунин дар хабар гуфта мешавад, ки қаблан маълумотҳо дар хусуси кушта шудани Ҳалимов буд, аммо ВКД-и Тоҷикистон гуфт, ки қодир нест кушта шуданашро тасдиқ кунад. Намояндаи ВКД гуфт, ки «мо бо ҳамтоёни русиамон роҷеъ ба пайдо кардани маълумоте, ки ростии (дурустии) онро тасдиқ мекунад, кор мекунем». ИМА барои шахсе, ки ҷиҳати боздошти Ҳалимов маълумот

пешниҳод мекунад, 3 млн. $ ҷудо кардааст [32]. Расонаи “Аланбоу” (الأنباءُ) сарчашмаи хабарро аз Оҷонсии иттилоотии “Франс-Пресс” гирифтааст.

Хулоса, кушода шудани сафорат, сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони воломақом ба кишвари Кувайт ва инъикоси он дар васоити ахбори омма ба раванди инкишофи муносибат миёни кишварҳо ва муаррифии кишварамон дар олами араб мусоидат мекунад. Фазои иттилоотии арабӣ солҳои охир торафт доманаи васеъ пайдо намуда, дар баъзе ҳолатҳо дар рақобатҳои иттилоотӣ бо расонаҳои ғарбӣ дар як сатҳ қарор гирифта истодааст. Аз ин рӯ, муаррифӣ гаштани Тоҷикистон дар олами араб ҳамчун давлати тинҷу осуда ва демократӣ ин нуфузи дигари байналмилалии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки ВАО-и Кувайт бо истифода аз имконот ва таҷриба дар ҳади зарурӣ ҳаводиси Тоҷикистонро инъикос намуда, дар ихтиёри мардум он иттилоеро гузоштааст, ки ба назари соҳибони сомонаҳои арабӣ даркорӣ мебошад. Аз пажӯҳиш бармеояд, ки онҳо бештар ба нашри иттилоъ иктифо намуда, ба таҳлил, баррасӣ ва натиҷаҳои ин ҳаводис эътибор надодаанд. Аз омӯзиш ва таҳқиқи маводи расонаҳои Кувайт марбут ба Тоҷикистон маълум мегардад, ки хабару гузоришҳо дар матбуот имконияти мусоиди муаррифии бештар ҷиҳати дарёфти самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба ва ҷалби сармоя ба иқтисодиёти Тоҷикистон фароҳам меоваранд. Чуноне ки профессор И. Усмонов менависад “Ҳадаф аз таблиғоти хориҷӣ бояд ҳамкории давлатҳо, сулҳ дар як кишвар ва тамоми ҷаҳон бошад” [10, с.22]. Ба андешаи Президенти кишварамон дар муносибатҳои ҳамкорӣ бо Кувайт самтҳои авлавиятнок - ташкили корхонаҳои муштараки саноатӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетика, нафту газ, истихроҷу коркарди канданиҳои фоиданок, рушди ҳамкорӣ дар соҳаи бонк, андоз, сармоягузорӣ ва муносибот дар соҳаҳои илм, фарҳанг ва маориф, ҳамчунин соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла асалпарварӣ, содироти меваю сабзавоти хушсифат ва интиқоли оби нӯшокии Тоҷикистон метавонад бошад [33].

А Д А Б И Ё Т

1. Давлятов З.Қ. Тоҷикистон ва шоҳигариҳои арабӣ: ҳамкорӣ ва дурнамо (таҷрибаи таҳлили иҷтимоию сиёсӣ) / З.Қ. Давлятов. - Душанбе: Дониш, 2018. – 231 с.
2. Зубайдов З. Дурнамои рушди робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлати Кувайт. Сиёсати хориҷӣ (маҷаллаи илмиву назариявӣ ва иттилоотӣ) / З. Зубайдов. - Душанбе, 2016. - №2. - 188 с.
3. Қаландаров С.Д. Ҳақиқат ва таҳриф дар инъикос ва шарҳи воқеиёти Тоҷикистон аз нигоҳи сомонаҳои арабӣ / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. - № 4/6. - С. 287-292.
4. Қаландаров С.Д. Инъикоси Тоҷикистон аз нигоҳи «Алҷазира» ва муқоиса бо сомонаи арабии «Би-би-си». / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Душанбе: Сино, 2016. - №4/5 (209). - С. 248-252.
5. Саидов З.Ш. Тоҷикистон дар ҳавзаи ҷаҳони ислом / З.Ш. Саидов. – Душанбе: Иттилоот ва муошират, 2008. – 66 с.
6. Саидов З. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики / З.Саидов. – Душанбе: Контраст, 2012. – 626 с.
7. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият: зери назари Зарифӣ Ҳ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 319 с.
8. Собиров Л.М. ИМА ва кишварҳои арабии халиҷи Форс: вазъият ва дурнамои ҳамкорӣ / Л.М. Собиров // Сиёсати хориҷӣ (маҷаллаи илмиву назариявӣ ва иттилоотӣ). - 2016. - №2. - 188 с.
9. Усмонов И.К. Жанрҳои публисистика / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2009. - 138 с.
10. Усмонов И. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон / И.Усмонов. – Душанбе: Сино, 2003. - 63 с.
11. Усмонов Ф. Назаре ба ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби халиҷи Форс. Фаслномаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сиёсати хориҷӣ (маҷаллаи илмиву назариявӣ ва иттилоотӣ) / Ф. Усмонов. – Душанбе, 2012. – № 1. - С. 154-164.
12. Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 280 с.
13. http://www.hyno.ru/tom2/837.html Кувейт. Положение и роль СМИ.
14. http://www.alanba.com.kw
15. http://alrayalaam.com 21.12.2015 الرئيس الغانم: تعاون برلماني ثنائي مع جمهورية طاجيكستان
16. http://www.alanba.com.kw 22.12.201 الغانم يوقع مع نظيره الطاجيكي اتفاقية تعاون برلماني ثنائي
17. https://alqabas.com/514532/ 20.03.2018 الكويت تقرض طاجيكستان 7 ملايين دينار لتطوير شبكة الطرق
18. http://www.alanba.com.kw 2018/3/21 7.5 ملايين من الصندوق الكويتي لطاجيكستان، الأربعاء
19. http://www.alanba.com.kw 9/7/2018 زبيدوف: نبحث فتح خط طيران مباشر بين الكويت وطاجيكستان، الاثنين
20. http://www.alshahedkw.com 2009 الصندوق الكويتي للبعزقة والتبذير، الجمعة, 17 أبريل
21. http://www.alanba.com.kw 15.05.2016 الكويت وطاجيكستان توقعان 6 اتفاقيات ثنائية،
22. http://mfa.tj/index.php?l=tj&cat=8&art=2449 25.06.18.
23. ttp://www.alanba.com.kw 22/2/2018 الدعيج بحث تعزيز التعاون الإعلامي مع سفير طاجيكستان، الخميس
24. https://alqabas.com 18.12.2017 الحجرف: تعزيز التعاون الاقتصادي مع طاجيكستان،
25. http://mfa.tj/index.php?l=tj&cat=8&art=2914
26. https://alqabas.com/514532/ 19.12.2017 علي الغانم: المجال واسع لتطوير العلاقات مع طاجيكستان
27. https://alqabas.com/514532/ 29.10.2016 طاجيكستان تبدأ بناء السد الأعلى.. في العالم،
28. http://www.annaharkw.com 2018 مسلحون قتلوا أربعة سياح في طاجيكستان، الثلاثاء 31 يوليه
29. http://www.alanba.com.kw/newspaper/search.aspx?search=%u0637%u0 طاجيكستان تغمز من قناة إيران في اعتداء استهدف سياحاً وطهران تنفي، أربعاء 1/8/2018
30. http://www.alanba.com.kw 30.04.2018 والمؤبد لعشرات الداعشيات «الأجنبيات،

31. http://alrayalaam.com/?s=%D8%B7%D8%A7%D «داعش 28، قائد القوات الخاصة في الشرطة الطاجيكية ينضم إلى «مايو، 2015
32. http://www.alanba.com.kw 9/9/2017 السبت مقتل «وزير حرب» داعش فى سورية وأمير التنظيم فى «دير الزور»،
33. http://president.tj/node/11771 Мулоқот бо роҳбарони ширкатҳои бонуфуз ва муассисаҳои молиявии Давлати Кувайт, 16.05.2016 16:20.

ИНЪИКОСИ ВОҚЕАҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР НАШРИЯҲОИ КУВАЙТ

Дар мақола яке аз масъалаҳои хеле муҳимми журналистика – иттилоърасонӣ ва ҳадафҳои фармоишгарони иттилоъ баррасӣ мешавад. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки ҷаҳон дар ҳоли тағйирёбист ва акнун қувваҳои қудратхоҳ дигар ба тиру туфанг эҳтиёҷ надоранд, зеро ҷойи онҳоро ВАО гирифтааст, яъне кадом ҷонибе онҳоро хуб истифода барад, зудтар ба ҳадафаш мерасад. Имрӯз воситаҳои ахбори омма ба минбари фаврии таҳлилу баррасии мушкилоти рӯз табдил ёфтааст. Дар ин самт фаъолияти ВАО – и давлатҳои хориҷӣ барои таъсир расонидан ба фазои иттилоотии Тоҷикистон дар самтҳои гуногун идома дорад. Ҳар кадом пайи амалӣ намудани нақшаҳои муайян кор мекунанд. Қобили тазаккур аст, яке аз ҳавзаҳои консепсияи сиёсати берунии кишварамон ҳамкорӣ бо доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро на фақат ягонагии дину ойин ва суннатҳои рӯҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайвандад. Сатҳи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳар яке аз ин кишварҳо дар зинаҳои гуногун қарор дорад. Риштаҳои ҳамкорӣ бо Арабистони Саудӣ, Амороти Муттаҳидаи Араб, Қатар ва Кувайт дар қиёс бо Уммон, Ироқ ва Баҳрайн, бо дарназардошти силсилаи сабабҳои мухталиф ва омилҳои дохилию хориҷӣ қавитар мебошанд. Кишварҳои арабӣ аз нигоҳи пешрафти иқтисодиёт, некуаҳволии мардум, нуфуз ва эътиборе, ки дар ҷаҳон доранд, дар сатҳҳои гуногун қарор доранд. Айни ҳол давлатҳои арабии аз ҷиҳати иқтисодию ичтимоӣ пешрафта, асосан давлатҳои арабии халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Баҳрайн, Қатар, Кувайт, Уммон) ба шумор мераванд. Дар мақола таваҷҷуҳ ба инъикоси муносибатҳо ва воқеаҳои ҳаёти Тоҷикистон дар нашрияҳои Қатар мавқеи асосӣ дорад. Аз маводи матбуот маълум мешавад, ки фаъолияти сафирон дар муаррифии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷ нақши бориз дорад. Ба қавли Зубайдов З. - сафири Тоҷикистон дар давлати Кувайт ҳукумати Кувайт омодаи ҷудо кардани маблағҳои калон барои лоиҳаҳои муштарак бо Тоҷикистон аст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки яке аз мавзӯъҳое, ки мавриди таваҷҷуҳи матбуоти Кувайт қарор гирифтааст, ин инъикос ва баррасии муносибату ҳамкориҳои байни ҳарду давлат мебошад. Бояд гуфт, ки ВАО-и Кувайт бо истифода аз имконот ва таҷриба дар ҳади зарурӣ ҳаводиси Тоҷикистонро инъикос намуда, дар ихтиёри мардум он иттилоеро гузоштааст, ки ба назари соҳибони сомонаҳои арабӣ даркорӣ мебошад.

Калидвожаҳо: ВАО, иттилоот, афкори омма, расонаҳо, Қатар, Тоҷикистон.

ОСВЕЩЕНИЕ СОБЫТИЙ ТАДЖИКИСТАНА В ИЗДАНИЯХ КУВЕЙТА

В статье рассматривается одна из актуальных проблем журналистики – информирование и цели заказчиков информации. Автор подчеркивает, что на данный момент в мире происходит множество изменений, и нет необходимости в оружии, так как СМИ играет роль мощнейшего оружия, способного осуществить всякие намерения. На сегодняшний день СМИ является оперативным средством анализа и освещения важнейших событий мира. В этой сфере зарубежные СМИ стремятся влиять на информационное пространство Таджикистана в различных сферах. Необходимо отметить, что одним из пунктов концепции внешней политики нашей страны является сотрудничество с авторитетными кругами мусульманского населения Востока, которые тесно связаны между собой не только единством религии, обычаев и духовных традиций, но и возможностями и необходимостью национального развития. Отношения Республики Таджикистан с каждой из этих стран находятся в различной степени. Принимая во внимание различные причины, внутренние и внешние факторы, более тесным можно назвать сотрудничество с Саудовской Аравией, Объединенными Арабскими Эмиратами, Катаром и Кувейтом, нежели с Оманом, Ираком и Бахрейном. По степени развития экономики, благоустроенности населения, своего авторитета в мире Арабские страны находятся на различных ступенях. Социально-экономически развитыми арабскими странами являются страны Персидского залива (Королевство Саудовской Аравии, Бахрейн, Катар, Кувейт, Оман). В настоящей статье акцент делается на освещении отношений и событий в Таджикистане в катарских изданиях. По материалам печати становится очевидным, что деятельность послов имеет большое значение в представлении Таджикистана в странах зарубежья. Так, по мнению посла Таджикистана в Кувейте Зубайдова З., эта арабская страна готова выделить большие денежные средства для совместных проектов с Таджикистаном. Исследование показало, что ключевая тема, привлекшая внимание кувейтской периодики - это освещение и анализ отношений и сотрудничества двух стран. Необходимо отметить, что кувейтские СМИ, используя все свои возможности и опыт, в необходимой степени освещают события Таджикистана и предоставляют публике ту информацию, которая, на взгляд руководителей арабских сайтов, кажется важной.

Ключевые слова: СМИ, информация, общественное мнение, средство информации, Катар, Таджикистан.

THE REFLECTION OF TAJIKISTAN EVENTS IN KUWAIT MASS MEDIA

The article is considered one of the most important issues of journalism - information and the purpose of informational readers. The research emphasizes that the world is still changing, and now the forces of power do not need to go to war, because they take their media, which means they use it well. Today, mass media have become an urgent matter of the day - to - day analysis of the problems. In this regard, the activities of the media of foreign countries continue to affect the information space of Tajikistan in various fields. Each aspect of the project is working on specific plans. It is worth mentioning that one of the areas of the concept of our foreign policy is cooperation with the influence of the Muslim countries of the Muslim world, which only connects the unity of the religion and the rituals, but also the opportunities and national development needs. The relations of the Republic of Tajikistan are at different levels with each of these countries. Cooperation with Saudi Arabia, United Arab Emirates, Qatar, and Kuwait in comparison with Oman, Iraq and Bahrain, are closely aligned with the series of different causes and internal and external factors. Arab countries are on the rise in terms of economic growth, people's welfare, the dignity and the importance of the world. However, the Arab-speaking Arab-majority countries are mainly Arab states of the Persian Gulf (Saudi Arabia, Bahrain, Qatar, Kuwait, Oman). The article focuses on the reflection of the relations between Tajikistan and Qatar's publications in the Qatar. From press releases, the ambassador's work has a role to play in Tajikistan's presentation in foreign countries. For example, Zubaydov Z. - The Ambassador of Tajikistan in the Kuwait state of Kuwait is ready to allocate large funds for joint projects with Tajikistan. The survey shows that one of the topics that has been published in Kuwait is reflecting and reviewing relations and

cooperation between the two countries. It should be noted that the media of Kuwait reflected Tajikistan's capacity as an opportunity to use the opportunity and experience in the people's information that it is necessary for the views of the owners of the Arabic sites.

Key words: media, information, public opinion, media, Qatar, Tajikistan.

Сведения об авторе: ***Каландаров Сарабек Давлатёрович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры иностранного языка факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-505-44-60**

Information about the author: ***Kalandarov Sarabek Davlatyorovich*** - Tajik national University, candidate of Philology, associate Professor, head of the Department of foreign language of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-505-44-60**

УДК: 070+891.550 (575.3)

НАҚШИ АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ ДАР РУШДИ МАТБУОТ ДАР ТОҶИКИСТОН

Зоиров Б.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рӯҳияи иҷтимоии осори Абулқосим Лоҳутӣ бозгӯи он аст, ки ин адиби навгӯву навҷӯ бо ҷасорату маҳорати хосси худ бо воқеияти замон, бо ҷараёнҳои номатлуби давр, бо раванди тамоми ҳаводиси рӯз ҳамоҳанг буд. А.Лоҳутӣ адиби иҷтимоист ва ба тавру андозаи маълум ин ҳукмро таҳқиқоти арзишманди муҳаққиқони маъруфи мо аз қабили С. Табаров, Х. Мирзозода, М. Давлатов, Я. Исоев, Х. Отахонова, Х. Асозода, А. Маҳмадаминов, А. Абдуманнонов ва дигарон роҷеъ ба ҳаёту эҷодиёти ин абармарди ҷодаи каломи бадеъ собит месозанд. Аз ҷониби дигар, Лоҳутӣ яке аз аввалин журналистон, ноширон, муҳаррирон, таблиғгару ташвиқгарони ғояҳои миллӣ ва умуман публитсистони тоҷик дар оғози асри гузашта ба ҳисоб мерафт. Ба ҷуз аз фаъолият дар матбуот дар ҷабҳаҳои дигари эҷод низ талош кардааст, ки кулли эҷоди назмиву насрии худро дар пояи воқеияти реалӣ ба роҳ гузорад. Даъват, бовар кунонидан, шиоргӯӣ, тавсифи бидуни тамаллуқ ҷанбаҳои асосии публитсистикаи Лоҳутӣ буда, ин омилҳо арзиши осори ӯро ба маротиб афзудаанд.

Абулқосим Лоҳутӣ дар давоми ҳаёти печидаву пур аз моҷаро, вале шарафмандонаи худ, ба ҳайси гурезаву паноҳандаи сиёсӣ дар кишварҳои зиёде зиндагонӣ ва фаъолият карда, барои аҳли заҳмат ва фарҳанг хизмати шоёне анҷом додаст, аз ҷумла дар кишвари мо ҳам, ки онро худи шоир барояш «ватани сонӣ» хондааст. Лоҳутӣ аз солҳои аввали барқарории Тоҷикистон зиндагӣ ва кор дар ин кишварро ихтиёр карда, ба қавли шоири маъруф Муъмин Қаноат «… дар ҳама соҳаҳои маданияти тоҷик даст задааст ва дастовезе барои халқи тоҷик овардааст» [8, с.10]. Махсусан, дар рушди матбуот ва дар маҷмӯъ фаъолияти ноширӣ дар Тоҷикистон хизматҳои ӯ беназиранд. Ба қавли доктори илмҳои таърих, профессор Иброҳим Усмонов «худи он, ки Лоҳутӣ дасти адибони хурду калони моро гирифт, барои нашри «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ дуо дод, ба матбуоти навбунёди тоҷик роҳнамоӣ кард, хидмати бузургест» [12].

Абулқосим Лоҳутӣ ҳанӯз аз давраҳои хеле ҷавон буданаш ба матбуот таваҷҷуҳ пайдо карда, онро ҳамчун василаи муассири роҳнамоиву маърифатнокии мардум шинохтааст. Дар асари тарҷумаҳолии худ «Саргузашти ман» зери сарлавҳаи «Тасодуфи наҷотбахш» Лоҳутӣ қиссаеро нақл мекунад, ки ӯро ба дунёи нав ворид кардааст. Ба гуфтаи худи адиб рӯзе ӯ ҳангоми ҷустуҷӯи як шеъри падараш аз миёни дастхатҳо, ки бо амри қиблагоҳаш иҷро мекард, маҷаллаи «Қонуни мамлакат»-ро, ки бо забони форсӣ дар Лондон чоп мешуд, меёбад ва бо мундариҷаи он ошно мешавад. Муаллифи асар мегӯяд, ки ин маҷалла дар Эрон миёни аъзои ҷамъияти «Одамият» пинҳонӣ паҳн мегардид ва маълум, ки падари Лоҳутӣ низ аъзои ин ҷамъият буд ва онро дастрас карда, мутолиа менамуд. Мундариҷаи ин маҷалла ба Лоҳутӣ бисёр таъсир мекунад ва худи ӯ изҳор медорад, ки баъд аз хондани он «пару боли ман кушода шуд, хастагӣ ва навмедӣ аз ман дурӣ гирифтанд. Ба худ гуфтам: «Ин ҳамон оташест, ки мехостам. Бояд ҳарчи зудтар ба он дохил шавам» [9, с.88]. Ҳамин таассурот буд, ки Лоҳутӣ дар ҳаёти минбаъдаи худ бо матбуот робитаи ногусастанӣ дошт ва онро воситаи муассиртарин дар бедориву маърифатнокии мардум медонист.

Хизмати Лоҳутӣ дар рушди мутбуоти тоҷик аз чанд ҷиҳат бузург аст:

Якум: Лоҳутӣ таъсисдиҳандаи аввалин матбаа дар Тоҷикистон аст, ки рушди матбуот дар кишвари мо ба он вобастагии амиқ дорад.

Устод С. Айнӣ дар сарсухани маҷмӯаи шеърҳои А.Лоҳутӣ - «Шеърҳои тоҷикистонӣ» дар хусуси заҳматҳои Лоҳутӣ барои таъсиси Нашриёти давлатии Тоҷикистон ишораҳои дақиқ намудаанд. Дар ҳамин ҷо устод аз хизматҳои ҳамқалам ва дӯсти наздикаш дар ин самт ба тафсил нақл карда, кӯшиши ба Душанбе овардани дастгоҳи чопро тасвир мекунад.

Ба навиштаи устод Айнӣ дар солҳои 20-ум роҳи оҳан то маркази Тоҷикистон наомада буд ва болшевикон маҷбур буданд, ки ашёи зарурии ба ин кишвар воридшавандаро аз Деҳнав бо роҳҳои душворгузару пурхатар бо аспу уштур ва хар ба ҷойи лозимӣ биоранд. Лоҳутӣ ҳам, ки масъулияти ба Душанбе овардани машинаи чопро ба уҳда дошт, маҷбур буд, ки ҳамин заҳмати сангинро паси сар кунад. Ин сарбози роҳи маданият вақте машинаи чопро аз роҳи оҳан ба маркази Душанбе меовард, дар роҳ аспу ароба лағжида ин дастгоҳи ба қавли устод Айнӣ «дар ҳолати ҳамонрӯзаи Тоҷикистон аз як кӯҳи тилло ҳам азизтар» ба лой меафтад. Баъдан Лоҳутӣ маҷбур мешавад, ки машинаи вазнинро ба қисмҳо ҷудо карда, бо кумаки деҳқонон ба ҷойи даркорӣ расонад. Ин ҳодисаро устод Айнӣ бисёр муассир тасвир намуда, баъдан чунин менависад: «Рафиқ Лоҳутӣ дар ҳамон сол (соли 1925 - З.Б.) аввалин бор ба Тоҷикистон омада, мудири нашриёти давлатии Тоҷикистон шуда буд, ки ин нашриёт дар ҳамон вақт аз ходимони илмӣ, адабӣ ва маъмурӣ танҳо ба ҳамин Лоҳутӣ ва аз асбоби теникӣ танҳо ба ҳамон машинаи дар лой мондагӣ соҳиб буд» [2, с.5].

Академик Муҳаммадҷон Шукуров дар мақолаи «Муборизи ҷаррор ва шоири шуълавар», ки дар китоби «Шеърҳо ва достонҳо»-и А.Лоҳутӣ (чопи соли 1986) ба ҷойи сарсухан истифода шудааст, аз Лоҳутӣ ба ҳайси яке аз муассисони Нашриёти давлатии Тоҷикистон ва матбуоти тоҷик ёд карда, мегӯяд, ки ӯ «барои чопхонаи Душанбе бо хару шутур асбобу ускуна ва ҳарф овардааст» [15, с.7-8]. Ба ин паҳлуи фаъолияти А.Лоҳутӣ муҳаққиқони имрӯза ҳам дар мақолаҳояшон ишораҳо кардаанд. Аз ҷумла номзади илмҳои филологӣ, дотсент Сангин Гулов дар мақолаи «Устод Лоҳутӣ ва Тоҷикистон» аз саҳми арзандаи Абулқосим Лоҳутӣ ба ҳайси аввалин директори Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар рушди ин соҳа ёдовар шуда, менависад, ки «овардани аввалин дастгоҳи чоп ба ҷумҳурӣ бо ташаббуси устод Лоҳутӣ иртиботманд аст» [5].

Дувум: Лоҳутӣ дар таъсиси аввалин нашрияҳо дар Тоҷикистон кумак намуда, ба ҳайси муҳаррир низ дар рушди он саҳми арзишманд гузоштааст.

Муҳаққиқи матбуоти солҳои 20-уми асри гузашта, профессор А.Азимов Лоҳутиро ба қатори адибоне шомил кардааст, ки дар ташаккули матбуоти навбунёди тоҷик хизмати бедареғ кардаанд. «Лоҳутӣ хусусан баъди ба Тоҷикистон омаданаш (соли 1925 - З.Б.) дар матбуоти республика фаъолона иштирок намуд» [1], - менависад ӯ. Ба Тоҷикистон омадани Лоҳутӣ бо пайдоиши матбуот дар ин кишвари навбунёди Шӯроӣ алоқаманд аст. Нашрияи «Иди тоҷик», ки аз шумораи дуюм бо номи «Бедории тоҷик» чоп шудааст, соли 1925 ба табъ расидааст. Ин ба замони ба Тоҷикистон омадани Лоҳутӣ рост меояд, ки ӯ фаъолияти эҷодиву иҷтимоиашро дар ин ҷо, дар иртибот бо матбуот, махсусан нашрияи «Бедории тоҷик» идома додааст. Муаллифони китоби «Таърихи журналистикаи тоҷик» навиштаанд, ки «дар солҳои душвортарини таърихи матбуоти тоҷик дар Душанбе, таҳрири «Бедории тоҷик»-ро Аббос Алиев, Абулқосим Лоҳутӣ, Алӣ Исмоилзода, … ба дӯш доштанд» [14, с.119].

Абулқосим Лоҳутӣ дар баробари ҳамчун як эҷодкори боистеъдод саҳм гузоштан дар рушди ин газета ҳамчунин ба ҳайси муҳаррир дар фаъолияту маҳбубият пайдо кардани он кумак намудааст. Рӯзноманигор Атохоҷа Мирзоҷалолов менависад, ки «дар соли 1925 таҳти муҳарририи ӯ (А.Лоҳутӣ, – З.Б.) ва Аббос Алиев газетаи нахустини Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон – «Иди тоҷик» ва аз шумораи дуюм бо номи «Бедории тоҷик» аз чоп баромад» [10]. Замони ба ҳайси корманди расмӣ ба рӯзномаи мазкур пайвастани Лоҳутиро дақиқтар карда, муҳаққиқ И. Усмонов дар мақолаи «Лоҳутӣ дар «Тоҷикистони сурх» (бо ҳаммуаллифии Эшонқулов Э.) овардаанд, ки «ҳамкории устод бо ин рӯзнома ба сифати ходим ва муҳаррир аз соли 1926 (он вақт рӯзнома «Бедории тоҷик» ном дошт) низ ба ҳамагон маълум аст» [13]. Бо вуҷуди як сол баъд нишон додани замони ба ин газета пайвастан, ин муҳаққиқ ҳам аз устод Лоҳутӣ ҳамчун «яке аз поягузорони ин рӯзнома» [13] ном бурдааст.

Дар баробари «Бедории тоҷик» Абулқосим Лоҳутӣ дар таъсиси яке аз маҷаллаҳои маъруфи солҳои сиюм «Барои адабиёти сотсиалистӣ» низ, ки органи Кумитаи иттифоқи нависандагони шӯроии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт, саҳми назаррас гузоштааст. Инро аҳли эҷоди худи идораи ин нашрия дар чанд ҷо иқрор кардаанд ва аз хизматҳои ӯ барои таъсис ва шуҳратёр шудани маҷалла сароҳатан баён доштаанд. Дар шумораи 8-9-уми соли 1933 нашр гардидани маҷалла, дар саҳифаи охир зери сарлавҳаи «Нависандагони доимии журнал» исми он нафароне, ки аз ибтидои нашрияи мазкур бо он робитаи доимӣ доштанд, зикр шудааст. Дар ин феҳрист, ки он ҷо номи 32 нафар чеҳраҳои маъруфи фарҳангу адаби солҳои сиюми Тоҷикистон аз қабили устод Айнӣ, Рабиӣ, Ҷ.Икромӣ, Алӣ Хуш, Р.Абдулло, Ғ.Абдулло, М.Турсунзода, Р.Ҷалил, А.Ҳамдӣ, О.Исматӣ ва дигарон оварда шудааст, пас аз Максим Горкий дуюм номи Лоҳутӣ зикр гардидааст. Табиист, ки исми Горкий дар ин феҳрист ба эҳтироми раиси Иттифоқи нависандагони СССР буданаш ҷой дода шудааст, вале аз Лоҳутӣ дар ин мақом ёд кардан маънии дигар дорад. Яъне, бо дарназардошти нақши ӯ дар таъсис ва пешрафти

кори маҷалла ҳайати эҷодии нашрия номи ӯро дар ин феҳрист дар чунин мақом ҷой додаанд. Инро дар ҷойи дигар ҳайати кормандони маҷалла ба таври возеҳ нишон додаанд.

27-уми январи соли 1936 бо қарори Кумитаи Иҷроияи Марказии СССР Абулқосим Лоҳутӣ бо Нишони ленинӣ мукофотонида мешавад. Ба ҳамин муносибат ҳайати эҷодии журнали «Барои адабиёти сотсиалистӣ» дар шумораи 2-юми маҷалла дар соли 1936 Лоҳутиро барои сазовор шуданаш ба олитарин мукофоти давлатии Шӯравӣ табрик мекунанд ва аз ӯ ба ҳайси «устоди бузург ва муҳаррири фахрии худ» ёд менамоянд. Дар ҳамин табрикномаи кӯтоҳ, ки дар саҳифаи аввали шумораи мазкур бо имзои «Идораи журнали «БАС» чоп шудааст, аҳли эҷоди маҷалла аз хизматҳои Лоҳутӣ барои таъсис ва пешбурди кори маҷалла ёдовар шуда, чунин навиштаанд: «Дар таҳти роҳбарии Шумо журналамон ба мартабаҳои баланд расид – журналамон хонанда ва нависандагони ҷавони бисёре дорад. Саҳифаҳои журналамонро шеърҳои моҳирона ва олисифати Шумо доимо тазъин дод ва мо фахр мекунем бар ин ки устоди мо – муҳаррири мо – нависандаи фахрии мо ординдор аст» [3, с.1].

Севум: Абулқосим Лоҳутӣ дар тарбияи кадрҳо барои матбуот хизмати арзандаеро анҷом додааст.

Як қатор рӯзноманигорон – публитсистон бо дастгирии устод Лоҳутӣ дар матбуоти тоҷик истеъдоди нависандагӣ пайдо намуда, баъдан ҳамчун адибони маъруф ба камол расиданд, ки худи онҳо дар ин хусус тавассути мақолаву ёддоштҳояшон изҳори назар кардаанд. Аз ҷумла нависанда ва публитсисти маъруф Ҳаким Карим дар як мақолааш бо номи «Ёрмандии бевосита» аз дастгириву кумаки устод Лоҳутӣ барои журналист ва адиб шуданаш ёдовар шуда мегӯяд, ки як маводи бо супориши устод дар ду шаб тарҷумакардаашро ҳамроҳ бо худи ӯ 5 шаб таҳрир кардаанд. Бо ёдоварӣ аз ин рӯйдод Ҳаким Карим мегӯяд, ки «ин дарси панҷшаба дар соҳаи матбуот ҷуръати маро садҳо маротиба боло бардошт ва яке аз сабабҳо шуд, ки чун мухбири фаъол ба рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» се сол муфассал хабарнависӣ кунам, чун нависанда чор сол боз чизҳои бадеӣ нависам, чун мутарҷим чор сол боз пай дар пай тараққӣ намоям ва пеш равам ва яке аз мутарҷимони Энгелс барин классикҳои марксизм шавам» [7]. Ё ин ки адиб ва публитсисти шинохта А.Деҳотӣ нақл мекунад, ки беҳтарин шоирони советии тоҷик: Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Муҳиддин Аминзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ, ки аз рӯзноманигорони маъруфи замони худ ба шумор мерафтанд, ба устод Лоҳутӣ нисбати шогирдӣ доранд. «Устод бо ҳамаи мо мукотиба дошт. Шеърҳоямонро таҳрир мекард, баъзан чунон сахт танқид мекард, ки ба дараҷаи сарзаниш мерасид, мавридҳое ҳам буданд, ки мо аз ӯ меранҷидем. Аммо сарзанишҳои устод ва ранҷиши мо монанди муомилаи байни падар ва писарони меҳрубон буд: кина ё хусумате надошт ва мо боз ҳамдигарро ҳурмат мекардем» [6, с.12-13].

Шарқшиноси машҳур Иосиф Брагинский низ дар як мақолаи худ аз саҳми Лоҳутӣ дар тарбияи адибону публитсистони тоҷик ёд карда, чунин навиштааст: «Лоҳутӣ ба шоирони ҷавони тоҷик таваҷҷуҳи хоссе дошт. Лоҳутӣ дар ҳузурашон онҳоро ситоиш намекард, мегуфт, ки «ҷавононро бисёр таъриф кардан раво нест, то аз худ нараванд». Вале дар ғайбашон таъриф мекард, бахусус Мирзо Турсунзода ва Мирсаид Миршакарро» [4].

Чорум: Фаъолияти сирф журналистии устод Лоҳутиро метавон як паҳлуи муҳимми кору эҷодиёти ӯ эътироф кард, ки ба рушди минбаъдаи соҳа таъсири амиқ гузоштааст.

Абулқосим Лоҳутӣ аз замони ба Шӯравӣ пайвастанаш бо матбуоти тоҷикӣ ва Тоҷикистон робитаи амиқ дошт. Дар рӯзномаву маҷаллаҳои «Овози тоҷик», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш», «Бедории тоҷик» (баъдан «Тоҷикистони сурх»), «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Пионери Тоҷикистон», «Роҳи Ленинӣ», «Комсомоли Тоҷикистон» ва ғайра дар баробари шеъру достонҳо, мақола, очерку лавҳа ва мактубҳои зиёди ӯ ба нашр расидаанд, ки фарогири мавзӯву масъалаҳои гуногунанд. Ба ҳисоби муҳаққиқ А. Азимов танҳо дар маҷаллаи «БАС» (солҳои 1932-1937) «78 шеър, 20 рубоӣ ва 8 мақолаи Лоҳутӣ ба табъ расидаанд» [1]. Фаъолияти Лоҳутиро ба ҳайси мухбири нашрияи марказии Ҳукумати Шӯравӣ «Правда» дар Тоҷикистон махсус бояд таъкид кард. Соли 1931 устод дар ин нашрияи бонуфузтарини кишвари паҳновари Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳайси мухбир ба кор ҷалб шуда, давоми фаъолияташ дар «Правда» ӯ дар саҳифаҳои газетаи мазкур аз ҳаёти мардуми тоҷик «хабар, мухбирнома ва мақолаҳои зиндаву ҳадафрас» [11] чоп намуда, дар муаррифии миллати мо дар миқёси Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он хизмати арзандаеро ба ҷо меорад.

Ин ҷанбаи кори устод Лоҳутӣ таҳқиқи ҷиддиро мехоҳад, вале ба сурати умум метавон гуфт, ки фаъолияти дар ин самт анҷомдодаи ӯ ҳамчун мактаби махсуси рӯзноманигорӣ барои пайравони ин касб то имрӯз муассир ва ибратомӯз аст.

Аз ҷониби дигар, қисми зиёди шеъру достонҳои устод Лоҳутӣ низ оҳанги баланди публитсистӣ доранд ва набзи рӯзро ифода мекунанд. Ба ҳамин хотир аксари шеърҳои ӯ дар саҳифаҳои матбуоти замонаш нашр гардидаанд. Бисёр шеърҳояшро устод махсус барои рӯзномаҳо менавишт, ки инро аз мазмуну муҳтаво ва мавзӯи фарогири онҳо ба осонӣ дарк намудан мумкин аст. Ба таъкиди профессор И.Усмонов устод Лоҳутӣ «барои «Тоҷикистони сурх» ашъореро пешниҳод менамуд, ки аксари онҳо бо мавзӯъ ва мундариҷаи худ мавзӯъ ва мундариҷаи он шумора ё ҳади ақал аксарияти маводи шумораро такмил медоданд, онҳоро пурқувваттар ва гӯётар мекарданд» [12]. Ашъори А.Лоҳутӣ бо мазмуни баланди иҷтимоӣ, масъалагузориҳои тезу тунд, хусусияти даъватӣ ва рӯзмарра доштанашон ба матбуот наздик буданд, аз ҳамин хотир шеърҳои ӯ қаблан дар рӯзномаҳо чоп мешуд ва баъдан ба маҷмӯаҳояш роҳ меёфт. Ҳамин хусусиятҳои шеърҳои Лоҳутиро ба назар гирифта, яке аз муҳаққиқони рӯзгор ва осори ӯ А. Маҳмадаминов мегӯяд, ки «шеърҳои Лоҳутиро бихонед, оҳани сурх шудагӣ барин метаспед, дар ин оташ месӯзед, бо бӯйи инқилоб, бо бӯйи озодӣ, ки аз шеърҳои вай меояд, масту аласт мешавед» [10, с.97-98]. Хусусиятҳои баланди иҷтимоиву реалистии осори Лоҳутиро қисми зиёди муҳаққиқони рӯзгору осораш ба таъсири фаъолиятҳои инқилобии ӯ вобаста медонанд. Ба андешаи мо, дар баробари фаъолияти инқилобӣ инчунин равобити бисёр ҳам зич ва доимии Лоҳутӣ бо матбуоти замонаш рӯҳияи иҷтимоиву мубориз буданро дар осори ҳам назмиву ҳам насриаш бештар кардааст. Махсусан, ҷанбаҳои рӯзмаррагии осори ин устоди сухан алоқаи зичи ӯро бо матбуот нишон медиҳад. Ин мазмунро дар асарҳои худи Лоҳутӣ низ дарк намудан мумкин аст.

Абулқосим Лоҳутӣ дар ҳамаи марҳилаҳои ҳаёташ – ҳам замони зиндагӣ ва фаъолияти эҷодиаш дар Эрон, ҳам ҳангоми муҳоҷиратҳояш дар Ироқу Туркия ва ниҳоят замони фаъолияту зисташ дар хоки Шӯравӣ бо матбуот пайвастагии амиқ дошт. Лоҳутӣ ҳамчун шахси мубориз ва намояндаи фаъоли аҳли зиё матбуотро аз як ҷониб, воситаи муҳимми мубориза бо режимҳои зулмпарвар ва аз ҷониби дигар, василаи огоҳ намудану саводнокгардонии мардуми одӣ медонист ва барои рушди он кумак мекард. Солҳои бистуму сиюм ва чилуми асри гузашта бо истифода аз мақому манзалаташ Лоҳутӣ дар таъсису рушди матбуот дар Тоҷикистон хидмат намуда, бо шеъру мақолаҳояш саҳифаҳои онро зеб додааст ва ба таъкиди профессор А. Азимов «дар ташаккули матбуоти тоҷик саҳми босазое гузоштааст» [1]. Дар маҷмӯъ, Абулқосим Лоҳутӣ дар рушди матбуоти тоҷик бо фаъолияти ташкилотчигӣ, маҳорати эҷодӣ, муҳаррирӣ ва роҳбариву роҳнамоии худ хизматҳои шоён анҷом додааст. Шак нест, ки ин корномаҳои ӯро ба инобат гирифта, ҷоизаи соҳаи рӯзноманигориро дар Тоҷикистон барҳақ ба номи Лоҳутӣ гузоштаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Муҳаррири фахрии маҷаллаи БАС / А. Азимов // Тоҷикистони советӣ. – 1987. – 17 ноябр. – №263 (17362).
2. Айнӣ С. Шеърҳои тоҷикистонӣ / С. Айнӣ // Лоҳутӣ А. Шеърҳои тоҷикистонӣ. – Сталинобод-Ленинград: НДТ, 1940. – 160 с.
3. Табрикномаи союзи Иттифоқи нависандагони СССР ба рафиқ А.Лоҳутӣ // Барои адабиёти сотсиалистӣ. - 1936. - №2 (38). - С.1.
4. Брагинский И. Зикри хайр / И. Брагинский // Адабиёт ва санъат. - 1986. - 18 декабр. - №51 (271).
5. Гулов С. Устод Лоҳутӣ ва Тоҷикистон / С. Гулов // Омӯзгор. – 2017 - 21 декабр. - №51 (12120).
6. Деҳотӣ А. Абулқосим Лоҳутӣ / А. Деҳотӣ // Тоҷикистон. - 1957. - №12. - С.12-13.
7. Карим Ҳ. Ёрмандии бевосита / Ҳ. Карим // Комсомоли Тоҷикистон. - 1965. - 26 декабр. - № 156 (4467).
8. Қаноат М. Сарвати шоир / М. Қаноат // Агитатори Тоҷикистон. - 1987. - №8. - С.8-10.
9. Лоҳутӣ А. Саргузашти ман / А. Лоҳутӣ // Шарқи сурх. - 1961. - №11. - С. 68-89.
10. Маҳмадаминов А. Сухан аз корномаи устод Лоҳутӣ / А. Маҳмадаминов. - Душанбе: Эҷод, 2007. – 100 с.
11. Мирзоҷалолов А. Лоҳутӣ ҷовидонӣ пешсафи журналистони тоҷик аст / А. Мирзоҷалолов // Ҷумҳурият. - 2012. - 10 март. - № 32-33 (22013 - 014).
12. Усмонов И. Хизри раҳи аҳли адаб / И. Усмонов // Адабиёт ва санъат. - 2017. -30 ноябр. - № 48 (1915).
13. Усмонов И. Лоҳутӣ дар «Тоҷикистони сурх» / И. Усмонов, Э. Эшонқулов // Тоҷикистони советӣ. - 1987. - 23 июн. - № 144 (17233).
14. Усмонов И. Таърихи журналистикаи тоҷик. Китоби дарсӣ / И. Усмонов, Д. Давронов. - Душанбе: Азия-Принт, 2008. - 280 с.
15. Шукуров М. Муборизи ҷаррор ва шоири шуълавар / М. Шукуров // Лоҳутӣ А. Шеърҳо ва достонҳо. - Душанбе: Маориф, 1986. - 232 с.

НАҚШИ АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ ДАР РУШДИ МАТБУОТ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар ин мақола дар бораи алоқамандии Абулқосим Лоҳутӣ ба матбуот ва нақши ӯ дар таъсису рушди матбуоти Тоҷикистон сухан меравад. Мақола дар заминаи омӯзиши матбуоти солҳои бистуму сиюми дар Тоҷикистон нашршаванда ва мақолаҳои таҳқиқотии олимоне, ки ба матбуоти ин давраинаи кишварамон таваҷҷуҳ кардаанд, таҳия шудааст. Лоҳутӣ яке аз аввалин журналистон, ноширон, муҳаррирон, таблиғгару ташвиқгарони ғояҳои миллӣ ва умуман публитсистони тоҷик дар оғози асри гузашта ба ҳисоб мерафт. Махсусан, хизматҳои ӯ дар рушди матбуот ва дар маҷмӯъ фаъолияти ноширӣ дар Тоҷикистон беназиранд. Дар рӯзномаву маҷаллаҳои «Овози тоҷик», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш», «Бедории тоҷик» (баъдан «Тоҷикистони сурх»), «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Пионери Тоҷикистон», «Роҳи Ленинӣ», «Комсомоли Тоҷикистон» ва ғайра дар баробари шеъру достонҳо, мақола, очерку лавҳа ва мактубҳои зиёди

ӯ ба нашр расидаанд, ки фарогири мавзӯву масъалаҳои гуногунанд. Ба Тоҷикистон омадани Лоҳутӣ бо пайдоиши матбуот дар ин кишвари навбунёди Шӯравӣ, махсусан нашрияи «Иди тоҷик», алоқаманд аст. Ин ба замони ба Тоҷикистон омадани Лоҳутӣ рост меояд, ки ӯ фаъолияти эҷодиву иҷтимоиашро дар ин ҷо, дар иртибот бо матбуот, махсусан нашрияи «Бедории тоҷик» идома додааст. Муҳаққиқони таърихи матбуоти тоҷик нақши Лоҳутиро дар таъсису рушди ин газета дар баробари Аббос Алиев, Алӣ Исмоилзода ва дигарон беандоза бузург арзёбӣ кардаанд. Ҳамчунин, худи ҳамон сол (1925) дар Душанбе Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ кард, ки ташкилкунанда ва аввалин директори он ҳам Лоҳутӣ арзёбӣ мешавад. Рушди матбуот дар Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба таъсису фаъолияти матбааи давлатӣ низ вобастагии амиқ дорад. Баъдан Лоҳутӣ дар таъсиси маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» ва тарбияи кадрҳои ҷавон нақши амиқ дошт. Дар маҷмӯъ Абулқосим Лоҳутӣ дар рушди матбуоти тоҷик бо фаъолияти ташкилотчигӣ, маҳорати эҷодӣ, муҳаррирӣ ва роҳбариву роҳнамоии худ хизматҳои шоён анҷом додааст.

Калидвожаҳо: адиб, иҷтимоӣ, мавқеъ, матбуот, нашриёт, публитсистика, ташкилотчӣ, роҳнамо, маҳаррир, ношир, очерк, мақола.

РОЛЬ АБУЛКАСЫМА ЛАХУТИ В РАЗВИТИИ ПЕЧАТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье речь идет об издательской деятельности Абулкасыма Лахути и его роли в развитии печати в Таджикистане. Статья написана на основе изучения печати 20-х и 30-х гг. в Таджикистане и научно-исследовательских статей ученых, принадлежащих к этому периоду истории нашей страны. Следует отметить, что Лахути считался одним из первых таджикских журналистов, редакторов, агитаторов национальных идей и публицистов начала прошлого века. Особенно несравненны его заслуги в развитии печати и в целом его публицистическая деятельность в Таджикистане. В газетах и журналах «Овози тоджик», «Дониш ва омузгор», «Рахбари дониш», «Бедории тоджик» (затем «Тоджикистони сурх»), «Барои адабиёти социалисти», «Пионери Тоджикистон», «Рохи Ленини», «Комсомоли Тоджикистон» и др. он опубликовал огромное количество стихотворений, статей, очерков и писем, которые охватывают различные темы и проблемы. Приезд Лохути в молодую советскую Республику Таджикистан связан с изданием «Иди тоджик». После прибытия в Таджикистан Лохути начал свою публицистическую деятельность в данном издании и потом продолжил свою деятельность в газете «Бедории тоджик». Исследователи истории таджикской периодической печати высоко оценили роль Абулкасима Лохути в развитии данной газеты наряду с Аббосом Алиевым, Али Исмоилзода и другими публицистами. В том же году (1925) в городе Душанбе начало свою деятельность государственное издание «Таджикистан», организатором которого является Лохути. Развитие печати в Таджикистане также во многом зависит от дальнейшего учреждения и деятельности этого государственного издания. Затем Лохути много сделал для основания журнала «Барои адабиёти социалисти» и воспитания молодых кадров. В целом, заслуги Абулкасыма Лахути в развитии таджикской периодической печати огромны.

Ключевые слова: литератор, социальное положение, пресса, издание, публицистика, организатор, путеводитель, редактор, печать, очерк, статья, публицист.

THE ROLE OF ABULKOSIM LOHUTI IN THE DEVELOPMENT OF PUBLISHING IN TAJIKISTAN

This article deals with the publishing activity of Abulkosim Lohuti and his role in the development of publishing in Tajikistan. The article is written on the basis of the study of publishers of the 20th and 30th years of the 20th century in Tajikistan and research articles of scientists belonging to this period of publishing of our country. Lohuti was considered one of the first Tajik journalists, editors, agitators of national ideas and publicists of the last century. Especially incomparable are his achievements in the development of publishing and, in general, his journalistic activities in Tajikistan. In the newspapers and magazines “Ovozi Tojik”, “Donish va Omuzgor”, “Rahbari donish”, “Bedorii Tojik” (then “Tojikistoni Surkh”), Baroi Adabiyoti Sotsialisti”, “Pioneri Tojikiston”, “Rohi Lenini”, “Komsomoli Tojikiston ” and others. He published a huge number of poems, legends, articles, essays and letters that cover various topics and issues. Lohuti's arrival in the young Soviet Republic of Tajikistan is especially connected with the “Idi Tojik” publishing house. After arriving in Tajikistan, Lohuti began his journalistic activity on this newspaper house and then continued his activities at the “Bedorii Tojik” newspaper. The researchers of the history of the Tajik publishing highly appreciated the role of Abulkosim Lohuti in development of this newspaper along with Abbos Aliyev, Ali Ismoilzoda and others. In the same year (1925), the State Newspaper of Tajikistan, organized by Lohuti, began its activity in Dushanbe. The development of publishing in Tajikistan is also largely dependent on the further establishment and activities of the state newspaper. Then Lohuti made his contribution to the founding of the journal “Baroi Adabiyoti Sotsialisti” and in educating young cadres. In general, the merits of Abulkosim Lohuti in the development of the Tajik publishing are incomparable.

Key words: writer, social, position, press, publishing, journalism, organizer, guide, editor, publisher, essay, article.

Сведения об авторе: ***Зоиров Бахтиёр Шодибегович*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17.
E-mail: **zbsh@list.ru.** Тел.: **(+992) 907-30-70-35**

Information about the author: ***Zoirov Bakhtiyor Shodibegovich*** - Tajik National University, Postgraduate Student, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
E-mail: **zbsh@list.ru.** Tel.: **(+992) 907-30-70-35**

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - Я З Ы К О З Н А Н И Е

Завгороднева М.П., Шустова С.В. «Wald» как природно-ландшафтный код немецкой культуры…….. *5*
Хабипова Р.А. Варианты инструментальных синтаксем в структуре предложения английского и каракалпакского языков…….. *9*
Гулназарова Ж. Омонимияи феъл дар осори Абдурраҳмони Ҷомӣ..... *16*
Чоршанбиева З. А. Семантико-когнитивный анализ лексико-семантического поля «отрицательные эмоции» в английском языке…….. *20*
Шафоатов А.Н. Истилоҳоти мураккабсохти соҳаи варзиш…….. *25*
Ёраҳмадзода Ш.Ҳ. Гунанокии (вариантнокӣ) воҳидҳои фразеологӣ дар ғазалиёти Саъдӣ..... *29*
Саидов Д.И. Основные средства выражения обобщенно-личных предложений в таджикском языке…….. *35*
Каримов А.А. Баррасии баъзе хусусиятҳои калимаҳои умумихалқӣ дар лаҳҷаи Файзобод..... *39*
Рахимбекова М.С. Некоторые особенности словообразования терминологии транспорта на воде в таджикском и английском языках…….. *43*
Сангинова С.Ҳ., Ҷаборова Қ.И. Аз таърихи робитаи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ..... *46*
Шосафарова Г.Г. Выражение значения уступки в простом предложении…….. *50*
Азимова У.А. Робитаи забони «Таърихи Байҳақӣ» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубии тоҷикӣ..... *54*
Ҷӯраева С.Б. Ҳамбастагии ашъори Низомии Ганҷавӣ бо гӯйишҳои тоҷикӣ..... *59*
Ҷумъаев М.О. Иқтибосоти арабии ифодакунандаи мафҳумҳои умумии тасаввуф дар насри бадеии Ҷомӣ..... *62*
Нурматова З.Ш. Место придаточных атрибутивных предложений в русском и таджикском языках…….. *69*
Муҳаммадиева С. Истифодаи сифатҳои мураккабу сифатҳои феълӣ дар ғазалиёти Сайидои Насафӣ *73*
Рахимов М.С. Предложные конструкции глагольных словосочетаний таджикского языка (с привлечением материалов русского и английского языков)..... *77*
Хоҷаева З.Д. Баъзе вижагиҳои луғавии романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун..... *80*
Одилова З.О. Забон ва услуби бадеӣ дар асарҳои Франсуа Рене Огюст Шатобриан..... *84*
Абдулҳадов Ҷ.З. Вожаҳои худиро пос дорем (Перомуни чанд вожаи форсии дарии тоҷикӣ дар «Таърихи Байҳақӣ»)…… *86*
Абдуллоева Г.З. Луғати анъанавии соҳаи зироаткорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор..... *90*
Тухтасунов О. Таҳлили этимологии номи метали нуқра дар забонҳои гуногун..... *94*
Олимҷонов М. Гунанокии композитҳо дар назми Мирзо Бедил (дар заминаи композитҳои қолаби “исм+асоси замони ҳозираи феъл”)..... *98*
Қаюмова М.Б. Вижагиҳои ташаккули антропонимияи тоҷик..... *103*
Мавлонов Ш.О. Ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ..... *107*
Шарифова Д.М. Реалияҳои этнографӣ дар таснифоти умумии реалияҳои забон..... *110*
Шарипов Б.А Хусусиятҳои фразеологизмҳои модалӣ ҳамчун воситаи ифодаи муносибат…… *114*
Мино Корвонӣ. Ҷойгоҳи вожаҳои туркӣ дар сурудаҳои бархе шуарои порсигӯйи классик..... *117*
Юсупова М.Д. Муродифоти ҷуфт дар асарҳои Баҳманёр…….. *122*
Шафоатов А.Н. Нақши пешванд ва пасвандҳо дар ташаккули истилоҳоти варзиш…….. *129*
Аминов Ф.С. Ифодаи грамматикӣ - наҳвии одоби гуфтор дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ..... *134*
Атоева Ҳ., Иброҳимова Ш., Туйғунов Н. Усулҳои афзалиятноки таълими забон дар макотиби олӣ. *141*
Кесамирова С.Р. Оид ба мафҳуми воҳидҳои луғавии бемуодил ва роҳу усули тарҷумаи онҳо аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ..... *145*
Лузинаи З. Вожаҳои марбут ба ҷашнҳои «Мехргон» ва «Октоберфест» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ..... *149*
Шукуров Г.Х. Робитаи забон ва фарҳанг…… *152*
Муслимов М. Вожаҳои куҳнашуда ва таърихан маҳдудшуда дар дохили воҳидҳои фразеологӣ..... *155*
Бойматова Н.К. Сопоставительный анализ концепта красота в таджикских и английских пословицах и поговорках…….... *157*
Султанова Р.М. Системность метафор в таджикском языке…… *161*

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ - Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

Кӯчаров А., Каримова Ҳ. Нигоҳе ба публитсистикаи Ӯрун Кӯҳзод..... *168*
Абдуқодирзода Саидмукаррам. Суннати тарҷумаи тафсирҳои арабии Қуръон ба порсӣ..... *171*
Кодиров К. Метафорические символы в газели Мир Сайида Али Хамадони..... *175*
Солеҳов М. Шеър аз назари Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ..... *181*
Ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода. Мақоми устоду шогирд дар андешаҳои ирфонии Аттор, Мавлоно ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ..... *186*
Ғаффоров Ш. Қадимтарин нусхаи куллиёти Убайди Зоконӣ..... *191*
Рахманов Б.Р., Аминов А.С. Познанное и непознанное в переводах газелей Хафиза…… *196*
Раҳмонов М.Б. Ғафур Мулло ва мероси адабии ӯ…….. *204*
Ӯлмасова З.Ҳ. Таносуби романи А.Ҳамдам ва Л.Чигрин “Озар аз Уструшан ё худ шамшери

Спартак” бо китоби “Спартак” – и Ҷованоли..... *208*
Мансурова З.А. Сопоставительный анализ использования стихотворных вставок в «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» Иззуддина Кашани и «Авариф ал-ма’ариф» Шихабуддина Сухраварди..... *213*
Қурбонхонова Н.М. Умумияти асотиру ривоёти халқҳо..... *216*
Русакова М.В., Медынина М.А. Рецепция сюжетов сборника «Тысяча и одна ночь» в русской литературе второй половины XIX в. *218*
Додарова Т. Мавқеи ғазал дар «Девони форсӣ»-и Алишери Навоӣ – Фонӣ..... *223*
Ҳомидова Н.Ш. Нигоҳе ба тарҷумаи шеър..... *227*
Нурова К. Мавқеи мухаммас дар ғазалиёти Сайидои Насафӣ..... *232*
Дӯстов К.А., Зикаева С.З. Мавқеи санъатҳои муболиға, талмеҳ, лабрас ва такрор дар “Хусравнома”-и Шайх Аттори Нишопурӣ..... *237*
Пӯлотов Н.Н. Санъати муаммо дар осори муаррихони Шибҳи қораи Ҳинд..... *243*
Каримов С.С. Мактаби суннатии *фалакхонӣ*: моҳият, фаъолият ва рушди он дар фарҳанги Тоҷикистони муосир..... *248*
Латифов А. Меҳруннисо Парвиз намояндаи адабиёти навини ҳиндӣ..... *253*
Ҳусейнзода Ф., Чиллаев С.Ҷ. Шеъри хилвати дил ва дарки асрори маонӣ..... *258*
Муҳаммадиев Ш., Шоева Н. Дидгоҳҳои адабӣ дар бораи зан (Мавзӯи асолати зан дар адабиёти гузашта)..... *262*
Ҳамзаев М. Мавқеи рубоӣ дар ашъори Ғоиб Сафарзода..... *266*
Халисов Ш. Аҳволи Алоуддавлаи Симнонӣ (то вурудаш ба тасаввуф)..... *270*

ЖУРНАЛИСТИКА

Абдуҷаббори Сафаралӣ. Баъзе масъалаҳои тадқиқи назариявии гузариши ВАО-и вобаста ба мустақил..... *276*
Мирзоева Ф. Тоҷикистон аз нигоҳи саҳифаи англисии сомонаи ОИ «Авеста»..... *280*
Қутбиддинов А.Ҳ. Заминаҳои пайдоиши матбуоти маҳаллӣ..... *284*
Расулова Н. Мавзӯи забон ҳамчун омили сар задани мубоҳисаҳо дар матбуоти даврии тоҷик (солҳои 1920-1930)..... *288*
Қаландаров С. Инъикоси равобит ва воқеаҳои Тоҷикистон дар нашрияҳои Кувайт..... *294*
Зоиров Б.Ш. Нақши Абулқосим Лоҳутӣ дар рушди матбуот дар Тоҷикистон..... *302*

ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН. БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ» БАРОИ ЧОП ПЕШНИҲОД МЕГАРДАНД

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, аз ташхиси пешакӣ гузаронида мешаванд (ташхис аз ҷониби аъзоёни ҳайати таҳририя – мутахассисони соҳаи дахлдор анҷом дода мешавад) ва сипас дар доираи тартиботи ҷорӣ барои чоп қабул мегарданд. Талабот барои тартиб додани шакли ниҳоии матни мақола дар ҳар як шумораи маҷалла чоп карда мешавад.

Ҳангоми қабули шакли дастнависи мақола, корбарони маҷалла нисбат ба мундариҷа ва риояи талаботи асосӣ ба муаллиф хабар медиҳанд ва он норасоиҳое, ки дар мақола ҷой доранд, то оғози ташхис аз ҷониби муаллиф бояд бартараф карда шаванд.

Сипас мақолаи илмӣ, дар доираи талаботи ҷорӣ, барои ташхис ба аъзоёни ҳайати таҳририя ва ё мутахассисони соҳаи дахлдор (номзадҳо ва докторони илм) равон карда мешавад.

Дар тақриз бояд хусусиятҳои муҳимми мақола асоснок карда шаванд. Аз ҷумла, навоварии илмӣ, муҳиммияти омӯзиши масъала, арзиши таърихӣ ва фактологии мақола, дурустии иқтибосҳои нишондодашуда, услуби матн, истифодаи адабиёти солҳои охир ва камбудию норасоиҳои мақола. Дар охири тақриз ба мақола баҳои умумӣ дода мешавад ва ба ҳайати таҳририя дар мазмунҳои зерин хулосаи муқарриз пешниҳод мегардад: ба чоп тавсия карда шавад; баъди ислоҳи камбудиҳо ба чоп тавсия карда шавад; барои тақриз иловатан ба мутахассиси дигари масъалаи дахлдор фиристода шавад; барои чоп тавсия карда намешавад. Ҳаҷми тақриз бояд аз як саҳифа кам набошад.

Мақолаҳои илмии барои чоп қабулгардида, аммо ба тағйирот ниёздошта, бо нишон додани тавсияҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон фиристода мешаванд. Муаллифон бояд камбудию норасоиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, шакли ниҳоии матни чопӣ ва электронии мақоларо бо дастхати пештарааш ба маҷалла пешниҳод намоянд. Баъди ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта мақолаи илмӣ такроран барои тақриз супорида мешавад ва сипас аз ҷониби ҳайати таҳририя барои чопи он иҷозат дода мешавад.

Мақолае, ки ба он тақризи мусбӣ дода шудааст ва чопи он аз ҷониби ҳайати таҳририя ҷонибдорӣ гардидааст, барои нашр қабулгардида ба ҳисоб меравад.

Раванди тақриздиҳӣ ба мақолаҳои дастнавис ошкоро намебошад. Паҳн намудани хабар дар бораи раванди тақриздиҳии мақолаи дастнавис боиси поймол гардидани ҳуқуқи муаллиф мегардад. Муқарризон барои нусхабардорӣ намудани матни мақола ва истифода намудани он барои эҳтиёҷоти худ ҳуқуқ надоранд.

Муқарризон, инчунин аъзоёни ҳайати таҳририя то нашри мақола иттилооти дар матни мақолаи дастнавис ҷойдоштаро ба манфиати худ истифода бурда наметавонанд.

Тақризҳо дар нашрияи маҷалла ба муддати 5 то сол нигоҳдорӣ мешаванд.

Идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ирсол менамояд.

Инчунин идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ирсол менамояд.

ПОРЯДОК

РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА. СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ» пешниҳод мегарданд

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО
НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2019. №5

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: М.Н.Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 8,5, усл. п.л. 39,12.
Подписано в печать 21.09.2019 г. Заказ №2018/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.